Искусная пластическая разработка образа, использование аллегорий отличает его другое монументальное произведение, установленное на площади перед зданием аэровокзала. Его можно рассматривать как синтез древней мифологии о мироздании и современного восприятия практики освоения космоса (рис. 7).Таким образом, мы рассмотрели один из ярких эпизодов в становлении монументального искусства в Таджикистане, представителем которого являлся Иван Захарович Милашевич. Как отмечалось выше, каждый вид искусства имеет свои собственные средства и возможности. В архитектуре, например, на протяжении XX века, т.е. советского периода, произошла подлинная революция выразительных средств, изменилась тектоника, иной стала категория монументальности, куда пришли новые масштабные соотношения. И все же, несмотря на все эти влияния, на тенденцию взаимопроникновения, каждый вид искусства, в частности, скульптура, сохранил свою индивидуальность и неповторимость своей сути. Был достигнут синтез архитектурной среды и монументальной скульптуры, который был сформирован для раскрытия высоких идей гуманности, человеколюбия, демократичности. Именно эти качества в своем творчестве воплощал И. З. Милашевич. Ему принадлежит особое видение образов А.Лахути, С.Айни, М.Горького и многих других представителей поэзии, литературы, драматургии советского периода.

**Рецензент:Додхудоева Л.Н. - д.и.н., профессор ИИАиЭ имени А.Дониша НАНТ**

## ЛИТЕРАТУРА


1. Батке Э. О некоторых проблемах монументального искусства в синтезе архитектуры и изобразительного искусства // Художник и город. - М.: Советский художник, 1973. – С. 116-119.
2. Вайднер А. Город как художественный организм // Художник и город. - М.: Советский художник, 1973. – С. 81-94.
3. Веселовский В.Г. Архитектура Советского Таджикистана / В.Г.Веселовский, Р.С.Мукимов, М.Х.Мамадназаров, С.М. Мамаджанова. – М.: Стройиздат, 1987. – 319 с., ил.
4. Додхудоева Л. Графика и скульпутра Таджикистана ХХв. / Л.Додхудоева. -Душанбе, 2006.
5. Душанбе. Альбом /Авторы-составители О. Кабилова, Н. Фазылов. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 159 с., ил., на англ. и русск. языках.
6. Кухирт У. О некоторых теоретических проблемах монументального искусства и синтеза изобразительного искусства и архитектуры // Художник и город. - М.: Советский художник, 1973. – С. 40-76.
7. Мамаджанова С. Синтез искусств и архитектуры Таджикистана (проблемы развития, взаимодействия и преемственности) / С. Мамаджанова, Р.Мукимов, Д.Ганиев. – Душанбе: ТаджикНИИПАГ, 2006. – 162 с., ил.
8. Мамаджанова С. Очерки истории и культуры Душанбе / С.Мамаджанова, Р.Мукимов, С.Тиллоев. – Душанбе: Изд. ООО «Контраст», 2008. – 299 с., ил.
9. Марофиев С.Ш. Благоустройство и монументальное строительство Ходжента-Ленинабада // Исследования по истории и культуре Ленинабада / С.Ш. Марофиев. – Душанбе: Дониш, 1986. – С. 240-246.
10. Мукимов Р. Символ Единства и Согласия / Р. Мукимов, Дж.Ганиев – Душанбе: Мерос, 2001.- 32 с., ил.
11. Мукимов Р.С. Преемственность и инновации традиций в архитектуре и искусстве Таджикистана (1924-2015 гг) / Р.С.Мукимов, С.Ш. Джурахонов. Под общей редакцией профессора Р. Мукимова. – Монография. – Душанбе: Изд. ОО «ICOMOS в Таджикистане», 2021. - С. 76, рис. 96
12. Покровский И.А. Синтез искусств в районах массовой застройки / И.А Покровский // Художник и город. - М.: Советский художник, 1973. – С. 200-209.
13. Свод памятников истории и культуры Республики Таджикистан. Согдийская область. В 2-х книгах. – Книга первая: Северный Таджикистан. Научное справочное издание. – Душанбе: Дониш, 2013. – 900 с., ил.
14. Союз архитекторов Таджикистана: история становления. Монография. – Душанбе: Изд. ООО «Базис Принт», 2012. – 224 с., ил.
15. Художник и город. Материалы симпозиума «Социалистическое градостроительство и синтез искусств». - М.: Советский художник, 1973. – 396 с., ил.
16. Художественная культура Центральной Азии и Азербайджана IX-XV вв. /Коллективная монография. – Том 4: Архитектура. – Самарканд-Ташкент: Изд. МИЦАИ, 2013. – 275 с., ил. (глава: Таджикистан, с. 92-131, ил.).
17. Флирль Б. К проблеме синтеза архитектуры и изобразительного искусства в рамках комплексного преобразования городской среды / Б.Флирль // Художник и город. - М.: Советский художник, 1973. – С. 150-158.
18. Энциклопедия «Душанбе». – Душанбе: Глав. науч. ред. ТНЭ, 2004. – 592 с., ил.
19. «Реализм плюс». Иван Милашевич и Владимир Букия. [Электронный ресурс]: www.museum.ru/N56551; и др.
20. [Электронный ресурс]: http: // www. ngrkomi. ru/gallery/ exhibition /98); https://komiinform.ru/news/140597/


## ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ РУШДИ СИНТЕЗИ САНЪАТИ ФАЗОӢ ВА МЕЪМОРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XX ВА АВВАЛИ АСРИ XXI

### (дар мисоли эҷодиёти И.З. Милашевич)


Дар мисоли таҳлили эҷодиёти ҳайкалтарош, рассоми халқии Тоҷикистон Иван Милашевич, хусусиятҳои ташаккули синтези санъат ва меъморӣ дар солҳои Давлати Шӯравӣ ва Истиқлолияи Ҷумхурии Тоҷикистон барраси мешаванд. Ба асарҳои ҳайкалтарошии рассом дар шаҳрҳои ҷумҳурӣ, маҳсусан дар Шушанбе баҳо дода, саҳми ӯ дар инкишофи ҳайкалтарошии монументалӣ дар ҷумҳурӣ муайян карлда мешавад. Чунон ки дар макола қайд карда шуд, хар як намуди санъат воситаю имкониятхои худро дорад. Дар меъморӣ, масалан, дар тӯли садаи бистум, яъне, дар давраи шӯравӣ иқилоби воқеии ҳақиқии воситаҳои ифодакунанда ба амал омад, тектоника тағйир ёфт, категорияи монументалӣ дигар шуд, таносуби микёси нав ба вуҷуд омад. Аммо, бо вуҷуди ин ҳама таъсиррасонӣ ва тамоюлоти байниҳамдигарӣ, ҳар як намуди санъат, бахусус ҳайкалтарошӣ, фардият ва асолати моҳияти худро нигоҳ доштааст.Синтези муҳити меъморӣ ва ҳайкалтарошии монументалӣ ба даст омад, ки он барои ифшои ғояҳои баланди инсондустӣ, хайрхоҳӣ ва демократия ташаккул ёфтааст. Маҳз ҳамин хислатҳоро И.З.Милашевич дар эҷодиёти худ таҷассум намудааст. Ӯ нисбат ба образххи А.Лоҳутӣ, С.Айнӣ, М.Горкий ва бисьёр дигар намояндагони назм, адабиёт, драматургияи давраи советй диди махсус дошт.



**Калидвожаҳо:** хайкал, меъморӣ, синтези санъат, бастакории меъморию адабӣ, Душанбе, намоишгоҳи хайкалтарошӣ, санъати тасвирии фазоӣ.

## ИСТОРИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ СИНТЕЗА МОНУМЕНТАЛЬНОГО ИСКУССТВА И АРХИТЕКТУРЫ ТАДЖИКИСТАНА ВО 11 ПОЛОВИНЕ XX – НАЧАЛЕ XXI ВЕКОВ
**(на примере творчества И.З. Милашевича)**

Автор статьи проводит анализ творчества скульптора, народного художника Таджикистана Ивана Милашевича, рассматриваются особенности формирования синтеза искусств и архитектуры в советскую эпоху и годы политической независимости Республики Таджикистан. Даётся оценка скульптурным произведениям художника, определяется его вклад в развитие монументальной скульптуры в Республике Таджикистан. Рассмотрен один из ярких эпизодов в становлении монументального искусства в Таджикистане, представителем которого являлся Иван Захарович Милашевич. Как отмечалось в статье, каждый вид искусства имеет свои собственные средства и возможности. В архитектуре, например, на протяжении XX века, т.е. советского периода, произошла подлинная революция выразительных средств, изменилась тектоника, иной стала категория монументальности, куда пришли новые масштабные соотношения. И все же, несмотря на все эти влияния, на тенденцию взаимопроникновения, каждый вид искусства, в частности, скульптура, сохранил свою индивидуальность и неповторимость своей сути.

Был достигнут синтез архитектурной среды и монументальной скульптуры, который был сформирован для раскрытия высоких идей гуманности, человеколюбия, демократичности. Именно эти качества в своем творчестве воплощал И. З. Милашевич. Ему принадлежит особое видение образов А.Лахути, С.Айни, М.Горького и многих других представителей поэзии, литературы, драматургии советского периода

**Ключевые слова:** скульптура, архитектура, синтез искусств, архитектурно-художественная композиция, Душанбе, выставка скульптуры, изобразительное искусство.

## HISTORICAL BASIS FOR THE FORMATION OF THE SYNTHESIS OF MONUMENTAL ART AND ARCHITECTURE IN TAJIKISTAN IN THE SECOND HALF OF THE XX-XXI CENTURIES
**(the meaning of I.Z. Milashevich creativity)**

The author analyzes the work of the sculptor, People's Artist of Tajikistan Ivan Milashevich, discusses the features of the formation of the synthesis of arts and architecture in the Soviet era and the years of political independence of the Republic of Tajikistan. An assessment is given to the sculptural works of the artist, his contribution to the development of monumental sculpture in the Republic of Tajikistan. As noted in the article, each art form has its own means and possibilities. In architecture, for example, throughout the twentieth century, i.e. Soviet period, there was a genuine revolution of expressive means, the tectonics changed, the category of monumentality became different, where new scale ratios came. And yet, despite all these influences, the trend of interpenetration, each art form, in particular sculpture, has retained its individuality and originality of its essence. A synthesis of the architectural environment and monumental sculpture was achieved, which was formed to reveal the lofty ideas of humanity, philanthropy, and democracy. It was these qualities that I. Z. Milashevich embodied in his work. He owns a special vision of the images of A. Lakhuti, S. Aini, M. Gorky and many other representatives of poetry, literature, drama of the Soviet period

**Key words:** sculpture, architecture, synthesis of arts, architectural and artistic composition, Dushanbe, exhibition of sculpture, spatial and fine arts.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобоев Маҳмуд*** — Институти таърих, археология ва этнографияи ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон**: 907 01 19 53, 998 94 35 50.**

**Сведение об авторе:** ***Бобоев Махмуд*** - Институт истории, археологии и этнографии им. А.Дониша Национальной академии наук Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон:**907 01 19 53, 998 94 35 50.**

**Information about the author:** ***Boboev Makhmud*** - Institute of History, Archeology and Ethnography. A. Donish of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33. Phone**: 907 01 19 53, 998 94 35 50.**

УДК:93.1:297

# ТАЪРИХИ МУБОРИЗАҲОИ МАЗҲАБӢ ВА ТАШАККУЛИ ҲАНАФИЯ ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН
**(тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ)**

*Ғуломов Т.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар тули беш аз ду садсола баъд аз забткориҳои араб дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр ҷараёнҳои гуногуни динӣ ва мазҳабӣ зуҳур карда, боиси тағйиротҳои умдаи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ гардиданд. Разми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа тағйир ёфта, арзишҳои нави ахлоқӣ ва ақидавӣ ба вуҷуд омаданд. Ҳар як ҷараёни динӣ кӯшиш мекард фазои холии ақидавиро бо таълимоти худ пур созад. Хосатан мактаби мурҷиа дар ин минтақа мақоми сазоворе пайдо кард. Аммо новобаста аз муваффақиятҳои бузурге, ки ҷунбиши мурҷииҳо дар Мовароуннаҳр ба даст овард, вай дар навоҳии дигари хилофати араб мухторияти худро надошт. Иллати умдаи паҳн нагаштани ин ҷунбиш дар он дида мешуд, ки вай мактаби анъанавии каломии худро надошт, то тавонад дар чаҳорчубаи чунин мактаби ақидавӣ рушд ёбад ва аз дигар ҷараёнҳои иллоҳиётшиносӣ чизе қабул накунад. Аҳли мурҷиаи Мовароуннаҳр мувофиқи анъанаи мавҷуда машварат ба Кӯфа, ки таърихан маркази ҷунбиши мурҷиа ба шумор мерафт, сафар карданд. Дар ин маркази илмӣ ва фарҳангии давр онҳо бо ҳамватани худ олими шӯҳратёр Имом Абӯҳанифа ва мактаби машҳури фиқҳии вай мурочиат мекарданд [31, 36].

Чунин бархурди фарҳангӣ ва ташаккули муносиботи хуби таърихии мардуми Мовароуннаҳр ва мактаби илмии Кӯфа сабаби он шуданд, ки мурҷииён барои тарҳрезии пойдевори мактаби худ аз низоми каломии Абӯҳанифа ва таълимоти фиқҳӣ ва динии вай истифодаи фаровон намоянд. Ҳангоми сафарҳои зиёди худ ба Кӯфа бо ин андешаҳо аз наздик шинос гардида, таълимот ва осори Абӯҳанифаро ҳамчун ҳосили сафарашон ба Мовароуннаҳр меоварданд. Дар натиҷаи ҳамин робитаи тарафайн ҷаҳонбиниву ақидаҳои динии аҳли ҷомеаи Мовароуннаҳру Хуросон на танҳо таҳти таъсири андешаҳои мурҷиа қарор гирифтанд, балки мурҷиа ҳамчун таълимоти хоссе дар чаҳорчӯбаи низоми каломӣ ва фиқҳии Абӯҳанифа ташаккул ёфт. Пояи ақидавии ин мактаб дар Балх [2, с. 122] гузошта шуд ва он аз ҷониби пайравони Абӯҳанифа дар доираи илмҳои динӣ тарҳрезӣ ва такомул ёфт.

Ин раванди воқеаҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар иртибот бо масъалаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ ва иҷтимоӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон аввалин мактаби каломии ҳанафия по ба арсаи вуҷуд ниҳод. Як масъалаи муҳим он аст, ки дар такя бар ин воқеъаҳо наметавон қатъиян муайян сохт, ки сарчашмаҳои назариявии ин мактаб кадомҳо буданд ва бо чӣ таълимоте аз ойини нав ва сарчашмаҳои маънавии он такя намуданд. Вале дар асоси маълумоти сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ, метавон гуфт, ки асоси илмӣ, ақидавӣ, каломӣ ва ахлоқиву ҳуқуқии мактаби Мовароуннаҳру Хуросонро қабл аз ҳама, андешаҳо ва осори ба илми калому фиқҳ бахшидаи Абӯҳанифа ташкил дода буд.

Дар масаъалаи тарғибу густариши таълимоти ҳанафия саҳми уламои Мовароуннаҳр қабл аз ҳама Самарқанд хеле намоён аст. Барои мисол метавон дар радифи аввал аз Абӯмуқотили Самарқандӣ ном бурд. Таҳия ва нашри «Китобу-л-олим ва-л-мутааллим»-и вай бо ривояти Абӯмуқотили Самарқандӣ (с.в.823) мисоле аз ин гуфтаҳо мебошад, ки вай раванди ташаккул ва инкишофи анъанаи ҳанафиро дар ин минтақа инъикос намудааст. Мундариҷаи ин асар иборат аз масъалаҳои каломӣ мебошад, ки марбут бо Абӯмуқотили Самарқандӣ ҳастанд, лекин ин ақидаҳо аз худи вай набуда, шарҳу тафсире аз таълимоти Абӯҳанифа мебошанд. Абӯмуқотили Самарқандӣ ақидаҳои Абӯҳанифаро хеле моҳирона шарҳу тавзеҳ дода, кӯшиш кардааст дар мӯҳтавои онҳо баъзе фикрҳои дигареро низ ҷой диҳад.

Аз хулосаҳои ховаршиноси олмонӣ Рудолф Улрих чунин бармеояд, ки китоби мазкур асари мустақили Абӯмуқотили Самарқандӣ набуда, вай ба қалами Абӯҳанифа [25, с. 29] тааллуқ дорад. Бисёр муҳаққиқони аврупоӣ дар иртибот ба ин гуфтаҳои Рудолф Улрих дар асарҳои худ онро асари Абӯҳанифа номидаанд. Далели асосӣ барои чунин баҳо додан дар анъанаи исломӣ аз он иборат аст, ки «Китобу-л-олим ва-л-мутааллим» нақл аз Абӯҳанифа шудааст. Новобаста ба он, ки ин асарро Абӯмуқотили Самарқандӣ навишта аст, аммо нақл овардан аз Абӯҳанифа ҳаққи муаллиф будани вайро надорад, зеро чунин анъана дар мактаби ҳанафия хеле ривоҷ ёфта буд. Таҳлилу баррасиҳои олимони муосир аз ин асар ишора ба он доранд, ки муаллифи «Китобу-л-олим ва-л-мутааллим» на Абӯҳанифа, балки шогирди ӯ Абӯмуқотили Самарқандӣ мебошад. Дастхатҳо ва далелҳои зиёди забониву таърихӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки китоб моли Абӯмуқотили Самарқандӣ буда, аз вай ҳамчун нақлкунандаи аввалини ин матни Абӯҳанифа ишора мекунанд. Анъанае, ки байни муаллифони осори динии ҳамон давра аз он шаҳодат медиҳад, ки Абӯмуқотили Самарқандӣ воқеан муаллифи бевоситаи «Китобу-л-олим ва-л-мутааллим» мебошад, зеро вай дар густариши мазҳаб ва ақидаҳои фиқҳии ҳанафия дар Мовароуннаҳр нақши бузург дошт. Чӣ тавре Ҷалолуддин Суютӣ дар «Ал-лаъоли-л-маснуа фи-л-аҳодиси-л-мавзуа» зикр сохтааст, Абӯмуқотили Самарқандӣ, қозии Самарқанд ва донандаи хуби фиқҳи ҳанафия буд. «Китобу-л-олим ва-л-мутааллим»-и вай дар Мовароуннаҳр дар паҳн гардидани натанҳо фиқҳ, балки каломи ҳанафия низ таъсири амиқ гузошт ва аз ҷониби кулли уламои ҳанафӣ ба хуби пазируфта шуд. Ин асар дар тули таърихи садсолаҳо ҳамчун яке аз сарчашмаҳои боэътимоди фиқҳию каломи Мовароуннаҳр нақши бориз дошт [24, с. 99].

Асари мазкур ва аҳамияти таърихии он дар олами ислом ва илоҳиётшиносии Мовароуннаҳр тавассути муҳаққиқи аврупоӣ Ҷозеф Шахт [34] ҳаматарфа баррасӣ гардида, дар доираи он таҳқиқот мақолаҳои зиёди илмӣ ба дасти чоп расидаанд. Чӣ тавре Ҷозеф Шахт таъкид кардааст «Китобу-л-олим ва-л-мутааллим» баъд аз навиштан хеле зуд ба Балх расид ва аз он ҷо ба тадриҷ ба дигар минтақаҳои хилофат паҳн гардид. Дар қисмати аввали дастхат номи Абӯмуқотили Самарқандӣ ва дигар уламое, ки байни муаллиф ва онҳо муносибатҳои устоду шогирдӣ вуҷуд дошт, зикр ёфтанд. Пас аз номи Абӯмуқотили Самарқандӣ дар китоб номҳои шахсиятҳои дигар аз қабили Абӯмутеи Балхӣ (с.в.814), Исом ибн Юсуфи Балхӣ (с.в.830) [2], Абӯсулаймон Мӯсои Ҷузҷонӣ (с.в.815), Муҳаммад ибни Муқотили Розӣ (с.в.862) [4, с. 124], Абӯбакр Аҳмад ибни Исҳоқи Ҷузҷонӣ, шогирди Абӯсулаймон ва ҳамзамон муаллими Мотуридӣ ва ниҳоят худи Абӯмансури Мотуридӣ (с.в.944) [9] ишора гардидаанд.

Миқдори зиёди пайравони ҳанафия, инчунин раванди воқеаҳои таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва динии даврони қудрати сулолаи Сомониён, пешрафти илмҳои динӣ ва дунявӣ, хосатан фиқҳ ва калом барои зуҳури илми мустақили каломи ҳанафия таҳкурсии боэътимод гузошта, бисёр муаммоҳои фикрӣ шарҳу баёни худро пайдо карданд. То аввалҳои асри IX бунёди каломи тозазуҳури Мовароуннаҳрро танҳо як ақидаи муайян, ки он дар матнҳои осори Абӯҳанифа ва пайравони вай инъикос ёфта буданд, ташкил медод. Масалан, агар сухан дар хусуси масъалаҳои имон, эътиқод, ихтиёр, озодии ирода ва ё оқибатҳои гуноҳ мерафт, ҷавоби онҳо тавассути муаллифон дар доираи ҷаҳонбинии мактаби ҳанафӣ сурат мегирифт.

Пешравиҳои хубе дар ин самт ба назар мерасид. Сарчашмаҳо дар масъалаи он, ки дар Мовароуннахр дар асри IX кадом мактаби фиқҳӣ ба мақсади ворид сохтани тағйирот ба низоми ҳуқуқӣ фаъолият доштанд, хомӯш мебошад. Ҷои шубҳа нест, ки дар ин давра уламои бузурги ҳанафӣ низ буданд, ки дар рушди фиқҳ ва пешбурди таълимоти ҳанафия хидматҳои арзанда анҷом доданд. Абулмуини Насафӣ борҳо таъкид кардааст, ки дар мактаби каломии Мовароуннаҳр аз Абӯҳанифа шурӯъ шуда, то Мотуридӣ ва баъд аз онҳо дар ташаккули таълимоти ҳанафия саҳм гузоштанд ва ин анъана аз ҷониби уламои дигар низ идома ёфтанд. Абулмуин Насафӣ ба зумраи онҳо Абӯсулаймони Ҷузҷонӣ, Абӯбакри Ҷузҷонӣ ва Абӯнасри Иёзиро дохил кардааст, ки онҳо устодони бевоситаи Мотуридии Самарқандӣ ба шумор мерафтанд.

Сарфи назар аз он, ки доир ба хусусиятҳои воқеии мазҳабии таърихи Мовароуннаҳр дар асри IX манбаҳои боэътимод каманд, лекин баъзе сарчашмаҳое вуҷуд доранд, ки онҳо метавонанд ба масъалаҳои баррасишаванда ба андозае равшанӣ андозанд. Дар робита ба ин метавон аз осори Абӯбакр Муҳаммад ибни Ямони Самарқандӣ ном бурд. Воқеъан навиштаҳои вай инъикосдиҳандаи ҳолати мавҷудаи мазҳбии асри IX ва фазои ҳуқуқии минтақа ба шумор меравaнд. Вай чандон олими бузурги шинохтаи фиқҳ набуд, аммо ба сифати пайрави таълимоти ҳанафӣ дар ҷомеаи асри IX-и Мовароуннаҳр дорои ҷойгоҳи худ буд. Чи тавре ки аз номи ин мутафаккир бармеояд вай ҳаёти худро дар зодгоҳаш шаҳри Самарқанд, ки маркази илмӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр буд, гузаронидааст [16]. Ямони Самарқандӣ дар соли 881 дунёро падрӯд гуфтааст.

Дар фарқият аз дигар пайравони ҳанафия то замони мо номгӯи чанде аз дастнависҳои вай расидаанд. Дар хусуси асари аввалини ӯ «Китобу-л-Анвор» [7] ягон таърихнигоре чизи муайяне нанавиштааст. «Китобу-л-Эътисом»-и [8] вай бошад ба масъалаи ҳадисшиносӣ бахшида шудааст. Таълифи дигари Ямони Самарқандӣ «Китобу-р-Рад ала-л-карромия» низ то имрӯз нарасидааст [15, с. 164]. Тахмин кардан мумкин аст, ки вай дар радди андешаҳои карромия навишта шудааст. Чуноне, ки қаблан тазаккур додам, пайравони мактаби карромия дар Мовароуннаҳ хеле зиёд буданд ва осору андешаҳои онҳо дар саросари хилофати Аббосиён ва берун аз он маълуму машҳур гардида буданд. Боз як матни дигаре, ки ба қалами Ямони Самарқандӣ тааллуқ дорад ва он то замони мо дар шакли дастнавис расидааст [4]. Ин китоби “Маъолиму-д-дин” мебошад. Ин асар низ ба масъалаҳои фиқҳию каломӣ бахшида шудааст.

Баъзе унсурҳои мазҳаби ҳанафиро метавон дар асарҳои яке аз олимони дигари Мовароуннаҳр Муҳаммад ибни Карром (с.в.869) дарёфт кард. Вай дар ташаккул ва рушди илми каломи ин сарзамин дар асри IX нақши калон дошт. Мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ Ибни Карром [35] дар пешрафти илму фарҳанги Мовароуннаҳр саҳми калон гузошта, яке аз шахсиятҳои намоёни замони худ ба шумор мерафт. Гарчанде, ки маркази таълимоти ӯро масъалаҳои тасаввуфӣ, порсоӣ ва “ҳаёти зоҳидона” ташкил медиҳанд, вале дар баробари онҳо вай ба таври мустақилона мулоҳизоти худро дар масъалаҳои фиқҳ баён кардааст. Ибни Карром ҳамчун фақеҳ низ маълуму машҳур буда, кӯшиш кардааст мактаби худро таъсис намояд. Ин иқдоми вай боиси хушунат ва ҳасаду бухли доираҳои гуногун, аз он ҷумла фақеҳони расмӣ гардида, сабаби ранҷу шиканҷа ва зиндагии ноороми Ибни Карром, нобовариву таъқибот нисбат ба вай мегардад.

Ба қавли Абдукарим Самъонӣ ва дигар муаррихони асримиёнагӣ Ибни Карром дар Сиистон ба дунё омада дар он ҷо ба камол расида буд [21; 22; ]. Бо мақсади донишомӯзӣ вай ба Хуросон омада, назди устодони давр масъалаҳои эътиқоду ахлоқ ва фиқҳро меомӯзад. Ибни Карром дар Хуросон аз уламои Нишопур, Марв, Ҳирот ва Балх сабақ омӯхтааст. Яке аз устодони вай дар Балх Иброҳим ибни Юсуф (с.в.853-4 ё 855-6) [6], шогирди фақеҳи бузург Абӯюсуф буд. Баъд аз анҷоми ҳаҷ дар Макка ба Сиистон бар мегардад. Ҳангоми бозгашт ба шаҳрҳои Байтулмуқаддас ва Нишопур сафар карда, дар Сиистон ҳамчун воиз ва зоҳид ба фаъолияти хеш шурӯъ менамояд. Фаъолияти гуногунҷабҳаи Ибни Карром рашку ҳасади ҳукуматдоронро нисбат ба вай зиёд мекунад. Хоссатан таълимоти ӯ сабаби зиддиятҳои мақомоти маҳаллӣ, ки намехостанд мактабро аз даст диҳанд мегардад. Дар мадди аввал ӯро аз Сиистон ронда, баъдан, пас аз таблиғоти андешаҳояш дар Хуросон ва минтақаҳои ҳамҷавори он ба воситаи волии Нишопур зиндонӣ карда мешавад. Дар зиндон муддати ҳашт сол умри худро гузаронида, дар соли 865 аз маҳбас раҳо мешавад. Солҳои охири ҳаёти худро дар Нишопур сипарӣ карда, дар соли 869 дар ҳамон ҷо дунёро падруд мегӯяд.

Ибни Карром баъд аз худ осору таълифот ва ақидаҳое боқӣ гузошт, ки онҳо сабаби баҳсҳои доманадор гардида, таи садсолаҳои дигар хомӯш нагардиданд. Ихтилофоти вай бо ҳокимон ин даъвоҳои ӯ буданд, зеро вай бозгашт ба ҳаёти порсоӣ ва худотарсиро таблиғ намуда, аз ҳаёти фақирона ва зоҳидона ҷонибдорӣ мекард. Аслан мутафаккир табақаҳои дороро маломат мекард. Ба қавли В. Мейдлунг тарзи бархурди вай ба ҷунбиши карромия ҳам хусусияти динӣ ва ҳам сиёсӣ-иҷтимоӣ бахшида буд [31, с. 32].

Ин ва дигар ақидаҳои сӯфиёнаи Ибни Карром дар байни суннатгароёни мансабдор норозигиро ба вуҷуд овард. Онҳо бо ҷалби олимони давр дар атрофи андешаҳои вай доир ба ин ки гӯё Худо одамшакл бошад ва интиқодоти аҳли суннат дар ҳар як таснифоти худ аз вай ҳамчун бидъаткор зикр мекарданд. Болотар аз ин доир ба осори Ибни Карром якчанд таснифоте навишта шудааст, ки онҳо ба инкори таълимоти вай бахшида шудаанд [31].

Бо омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ метавон гуфт, ки бо бавуҷуд омадани мактабу ҷараёнҳо ва фирқаҳои алоҳида ба монанди карромия, ҷабрия, рофизия, зоҳирия, моликия шофеия фазои мазҳабӣ, ақидавӣ ва дар маҷмуъ фазои идеологии Хуросону Мовароуннаҳр рӯзторӯз пурихтилоф мегардид. Барои дарҳам задани ин вазъият ҳам барои оммаи мардум ва ҳам ҳокимони давр танҳо мазҳаби ҳанафия нақши калидӣ мебозид.

Чи тавре ки қаблам зикр сохтем дар раванди зуҳур ва ташаккули мазҳаби ҳанафия фақеҳи Самарқанд, Ҳакими Самарқандӣ саҳми бузург гузошт. Вай ба хотири таҳти як ақида муттаҳид сохтани мардуми Мовароуннаҳру Хуросон ва дур сохтани бидъатгарой андешаҳои худро нисбат ба карромиҳо дар «Ас-саводу-л-аъзам» ҷойгир намуд. Мотуридӣ Самарқандӣ бошад онҳоро дар асарҳои асосии худ «Китобу-т-тавҳид» [12, с. 476] ва «Таъвилоту-л-Қуръон» [11, с. 109] мавриди баррасӣ қарор дод. Мотуриди Самарқандӣ дар китоби «Таъвилоту-л-Қуръон» пайравони ин мактабро «ал-мутақашшифа» номидааст. Абулюср Муҳаммади Паздавӣ [19, с. 14-16] ва Абулмуин Маймун ибни Муҳаммади Насафӣ, ки аз намояндагони мактаби каломи ҳанафӣ буданд, даст ба радди андешаҳои карромия заданд. Масалан, Паздавӣ онҳоро «муҷассима» номида, изҳор медорад, ки онҳо «одамони ба мисли Муҳаммад ибни Хайсам ҳастанд ва аз онҳо ҳеҷ чизеро набояд қабул кард».

Сарчашмаҳои таърихӣ аз он таъкид месозанд, ки иллати умдаи чунин ҳамлаҳои босуръати ҳанафиёни Самарқанд аз он иборат буд, ки онҳо ин тамоюли ҷудошавиро дар дохили як оилаи воҳиди ҷомеаи Мовароуннаҳр медиданд. Алорағмӣ ҳуҷумҳои ҳанафиён Ибни Карром ва пайравони вай таълимоте эҷод кард, ки дар он ба таври комилан нав баъзе масъалаҳои каломӣ, ирфонӣ ва ахлоқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Як нуктаро бояд тазаккур дод, ки сарфи назар аз баъзе озодонандешон ва тафсилоти ақлгарой дар таълимоти фиқҳии вай, дар бештар ҳолатҳо асосу бунёдӣ андешаҳои мактаби ӯро афкори Абӯҳанифа ва ҳанафиёни Мовароуннаҳр ташкил медоданд.

Яке аз муҳаққиқони муосири аврупой Ван Есс Ҷозеф эътироз мекунад, ки маълумотҳо доир ба осор ва таълимоти Ибни Карром хеле шубҳаовар мебошанд [35]. Шояд ин шубҳаҳои худро Ван Есс дар иртибот ба таълимоти карромиҳо, ки ҳанӯз дар асри X ҳангоми дар ҳаёт будани Муҳаммад ибни Ҳайсам (с.в.1019) ба тағйиротҳои амиқ дучор гардида буд, ироа дошта бошад.

Дар иртибот ба гуфтаҳои боло ва баҳсу мунозираҳои беохир ба андешаи мо зарурати таҳлили ҷой ва мақоми илми калом дар Мовароуннаҳр дар асрҳои IX-X ва асрҳои баъдӣ ба вуҷуд меояд, чунки таҳлили зуҳуроти каломии минтақаи мазкур барои мо имкон медиҳад, то ба решаҳои аслии баҳсҳои илмӣ ва диниву фарҳангии Мовароуннаҳр ошной пайдо намоем.

Дар ин даврон дар байни дигар уламои машҳури ин минтақа Абӯмутеъ Макҳул ибни Фазли Насафӣ (с.в.930м.) мақоми хосса дошт. Вай ҳамчун фақеҳ ва мутафаккири бузурги асри X яке аз асосгузорони хонадон ва мактаби зеҳнии Мовароуннаҳр ба шумор меравад [25, с. 58]. Писари вай ба номи Муҳаммад ибни Макҳул низ ба мисли падари худ дар байни пайравони ҳанафия обрӯи калон дошт. Ному мақоми вай дар «Табақоту-л-ҳанафия»-и Ибни Абулвафо зикр ёфтааст. Набераи Абӯмутеъи Макҳул, Аҳмади Макҳул (с.в.989/) [25, с. 121] ва бародарзодааш Абулмаолӣ Мӯътамад низ бо нисбаи Насафӣ ёд мешуданд ва дар умум се насл баъд аз онҳо зуҳур карданд, ки барҷастатарини онҳо дар осори таърихӣ Абулмуини Насафӣ буд ва ӯ дар манбаҳои таърихӣ ҳамчун олими машҳури фиқҳ ва ҷонибдори мактаби каломии мотуридия тавсиф ёфтааст. Силсилаи табақотӣ ва хонадони

ин уламо аз ҷониби муҳаққиқи аврупоӣ Ван Есс мавриди омӯзиш қарор гирифтааст [31, с. 56].

Дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти илмии Ибни Макҳул, то ба ҳол қариб ҳеҷ маводи таърихӣ дастрас нагардидааст. Танҳо дар доираи баъзе сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, ки мутаффакир дар соли 930 вафот кардааст [27111]. Ҳатто номи устодони вай то имрӯз муайян нагардидаанд.

Мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои асримиёнагӣ Ибни Макҳул дар Мовароуннаҳр ҳамчун фақеҳ ва олим дорои мақому мартабаи бузурги илмӣ буда, аз вай то замони мо се китоб боқӣ мондааст. Онҳо аз нигоҳи мавзӯъ хеле фарқ карда, масъалаҳои гуногуни диниро дар бар мегиранд. «Китобу-ш-Шӯъо»-и вай ба фиқҳ бахшида шуда, сабаби сар задани баҳсҳои зиёди ҳуқуқӣ дар ҳавзаҳои илми фиқҳ гардид. Ин баҳсу мунозираҳо то қарни XIV идома ёфта буданд [3, с. 180]. Китоби дуввумии вай «Китобу-л-Лӯълӯиёт» мебошад, ки дар шакли дастнавис то даврони мо расидааст ва хусусияти панду насиҳатӣ ва орифона дорад [19, с. 14-16]. Чи тавре ки Ван Есс таъкид мекунад, муҳтавои ин асарро масъалаҳои сар фуруд овардан ба Худо, зӯҳду тақво ва ғайра ташкил дода, мардумро ба зиндагии порсоёна даъват мекунад [31, с. 50].

Асари охирони вай бо номи «Китобу-р-радд ало аҳли-л-бидаъ» ёд шуда, Паздавӣ дар китоби худ «Усулу-д-дин» онро марбут ба Ибни Макҳул медонад. Ин асар ба масъалаҳои “табйини бидъат” бахшида шуда, дар адабиёти фиқҳии асримиёнагӣ мақоми хосеро соҳиб аст. Вай дар ин асари хеш дар шакли баҳснок ва бепарда пиромуни илми фиқҳи худ ҳеҷ иттилло надода, кушиш кардааст онро бо рамз ифода намояд. Вай мактаби ҳанафияро «ал-ҷамоа» меномад. Ҳадафи муаллифи асар аз ду ҷамъияти калонтарини он замон, ки дар Мовароуннаҳр фаъолият доштанд, ҳанафиён мебошад. Доир ба ин масъала муҳаққиқи аврупоӣ Мари Бернард, ки «Китобу-р-радд ало аҳли-л-бидаъ ва-л-аҳво»-ро ба табъ расонида, таҳқиқҳои хуби илмиро дар муқаддимаи он ҷой додааст, зикр месозад, ки Насафӣ намояндаи мактаби ҳанафии классикӣ мебошад. Ба андешаи вай матни «Китобу-р-радд ало аҳли-л-бидаъ ва-л-аҳво» манбаи муҳими таърихӣ буда, вай манбаи муъмӯтамади мактаби каломии ҳанафӣ-мотуридӣ ба шумор рафта, дар раванди ташаккули мазҳаби ягонаи ҳанафия нақши бориз доштааст.

Макҳули Насафӣ бо баррасии масъалаҳои зикршудаи каломӣ ба хулосае меояд, ки аҳли башар нисбат ба Худо дар эътиқод аз рӯзи азал (мисоқ) ҳамақида мебошанд. Ҳамчунин вай баъзе масъалаҳои тасаввуфӣ ва ирфониро ба матни андешаҳои аҳли суннат ва ҷамоат афзуда, аз парҳезкорӣ ва зӯҳду тақвои ифротӣ, инчунин бидъатро напазируфтааст. Макҳули Насафӣ ҳамчун Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ дар доираи ҳадиси набавӣ, ки мусалмононро ба 72 фирқа тақсим менамояд рӯй оварда, фирқаҳоеро ки аз ҳақиқат инҳироф кардаанд, ба шаш ҷараён ҷудо менамояд [17, с. 54, 62, 68].

Мутафаккир номгӯи шаш фирқаи асосӣ, ки ба қавли вай барои онҳо дӯзах омода шудааст, дар шакли зерин меорад: ҳаруриҳо (хаворич), рофизиҳо (равофиз), қадариҳо, ҷабриҳо, ҷаҳмиҳо ва мурҷииҳо. Макҳули Насафӣ танҳо гуруҳи 73-юм, ки аҳли суннат ва ҷамоатанд, онҳоро “наҷотёфтагон» меномад ва даст ба радди ақидаҳои шаш гуруҳҳои зикршуда мезанад.

Мӯҳтаво ва мундариҷаи китоби Макҳули Насафӣ ва муқоисаи он бо дигар дастнависҳои ҳанафиёни ин давра, хусусан «ас-Саводу-л-аъзам»-и Ҳакими Самарқандӣ ба хубӣ нишон медиҳад, ки кулли масъалаҳои ақидатӣ аз ҷониби ҳардуи онҳо якнаво таҳлил гардидаанд. Чи тавре ки муҳаққиқи муосири эронӣ Муҳаммадризо Ноҷӣ овардааст, «фаъолияти мӯътазила ва талоши онон дар таблиғи ақоиди хеш дар рубъи аввали садаи чаҳоруми ҳиҷрӣ (даҳуми мелодӣ) мавҷи дигаре аз мухолифатро дар миёни махофили пойбанд ба мабонии эътиқодии аҳли суннат барангехт, ки дар ҳақиқат идомаи ҳаракате буд, ки бо мавқеъгирии фуқаҳои суннатгаро ва таълифи «ас-Саводу-л-аъзам» оғоз шуда буд» [14, с. 933].

Бо назардошти вазъи илмӣ-иҷтимоӣ ва диниву сиёсии он давра, метавон гуфт кард, ки чаро ҳанафиён дар китобатҳо ва раддияҳои худ нисбат ба гузаштагон тарзи куллан дигари баёнро пазируфтанд. Онҳо воқеан аз асри X шурӯъ карда, дар Мовароуннаҳр

ҳамчун намояндаи мазҳаби расмӣ бартариятҳои зиёд доштанд ва оммаи васеи мардум аз онҳо пайравӣ мекарданд. Ҳатто ҳукуматдорон низ рӯ ба мазҳаби ҳанафия оварда буданд, ки ин ҳолат мақоми ҳанафиёнро дар минтақаи Мовароуннаҳр хеле мустаҳкам сохт.

Ин тарзи таваҷҷӯҳи расмӣ нисбат ба равияи ҳанафия дар даврони қудрати Сомониён ба вуқӯъ пайваст. Чи тавре аз воқеаҳои таърихи сиёсии асри IX маълум мегардад, дар соли 875 аз ҷониби халифаи Аббосиён Наср ибни Аҳмад волии Мовароуннаҳр интихоб мегардад ва дар соли 900 бародари вай, Исмоил ибни Аҳмад баъд аз пирӯзӣ ба лашкари Саффориён на танҳо волии Мовароуннаҳр, балки Хуросон низ таъйин мешавад. Сомониён тақрибан сад сол дар ин минтақа ҳукмронӣ карда, дар тавсияи ҳанафия ва ба мазҳаби суннатӣ табдил додани он саҳми калон мегузоранд. Сомониён дар бахши дин талоше надоштанд, ки бо зуру ситам кадом як самти муайяни мазҳабиро ба мардум бор намоянд. Чуноне ки аз сарчашмаҳо маълум мешавад, онҳо касро барои қабули таълимоти Абӯҳанифа маҷбур накардаанд, зеро дар ин давра дар Мовароуннаҳру Хуросон миқдори зиёди мазҳабу фирқаҳо ба таблиғу ривоҷи ақидаҳои худ машғул буданд, лекин барои ҷомеаи ин минтақа аз нигоҳи ҳувияти миллӣ ақидаҳои ҳанафия наздиктар буданд.

Чи тавре аз мисолҳои овардашудаи манбаҳои таърихӣ маълум мегардад, дар Мовароуннаҳру Хуросон натанҳо ҳанафиён бо андешаҳои худ, балки мактабу ҷараёнҳои илмӣ ва динии дигаре низ зуҳур карданд, ки аз гуногунандешӣ дар ҷомеаи асрҳои IX-X дар ин минтақа хабар медиҳанд.

Масалан намояндагони барҷастаи мазҳаби зоҳирӣ, ки мазҳаби довудӣ низ хонда мешуд, дар ин минтақа ҳато кору фаъолият доштанд. Лекин бояд зикр сохт, ки мавқеи ҳокимони давр [6, с. 271-272] нисбат ба масъалаҳои динӣ куллан фарқ дошт. Таълимоти ҳанафия ҳамчун идеологияи расмӣ дар баробари ҷараёнҳои дигар бартарии калон дошт.

Авзои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ ва илмии замони Сомониён нишон медиҳад, ки аз як сӯ илму маориф хеле пеш рафта, илмҳои ақлӣ, чун астрономия (ситорашиносӣ), фалсафа, риёзиёт, тиб ва дорушиносӣ, сиёсат, ҷуғрофиё, кимиё, гавҳаршиносӣ, ҷонваршиносӣ, осори улвӣ, мусиқӣ, адабиёт, таърих хеле инкишоф ёфта буданд. Ҳамзамон омӯзишу ривоҷи илмҳои динӣ аз қабили қироат, тафсир, ҳадис, фиқҳ, калом, ахлоқ ва ирфону тасаввуф ба роҳ монда шуда буданд. Аз сӯи дигар бошад динҳо ва фирқаҳои зиёде дар ин қаламрав фаъолияти густурдаеро ба роҳ андохта буданд. Аз ҷумла буддоия, яҳудия, масеҳия, маркиюния, дайсония, зардуштия, монавия, беҳофаридиён, муслимия, хуррамдинон, сафедҷомагон, шиаён, имомиён, карромия, хавориҷ, ҷаҳмия ва ғайра ба таври ошкоро фаъолият менамуданд, ки ба ҷаҳонбинии динии аҳли ҷомеаи минтақа таъсири хешро мерасонданд [1, с. 17].

Ҳамин раванд боиси он гашт, ки гурӯҳе аз уламои бузурги даврон бо ҳам омада, баҳсҳои доманадоре дар атрофи ин масъала биёроянд ва доир ба натиҷаҳои онҳо Исмоили Сомониро гушрас намоянд. Дар муқаддимаи тарҷумаи форсии «Ас-Саводу-л-аъзам»-и Ҳакими Самарқандӣ дар ин бора таъкид гардидааст, ки «сабаби таснифи ин китоб он буд, ки бероҳону мубтадеону ҳаводорон ба Самарқанду Бухорову Мовароуннаҳр бисёр шуданд. Пас аиммаву фуқаҳову уламои Самарқанду Бухорову Мовароуннаҳр гирд омаданд ва гуфтанд: «Обо ва аҷдод то буданд, бар тариқи суннат ва ҷамоат буданд. Акнун ҳавоҳои мухталиф пайдо шуд ва моро ҷои тарс аст». Ин суханро ба амири Хуросон расониданд» [1, с. 17].

Дар доираи ин ҳамоишҳо ва мунозирот Исмоили Сомонӣ уламои машҳурро аз Самарқанд, Бухоро, Балх ва дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр даъват карда, фармоне содир мекунад, ки мувофиқашон бояд олимон дастуруламале таҳия намоянд. Донишмандони давр ба хулосае меоянд, ки аз ӯҳдаи ин кор метавонад, фақеҳи маъруфи ҳанафӣ Абулқосим Исҳоқ ибни Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни Зайди Самарқандӣ маъруф ба Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ барояд: «Пас аимма ишорат карданд ба Хоҷа Абулқосими Самарқандӣ ва онро гуфтанд: «Пайдо кун моро роҳи рости суннату ҷамоат, он ки Пайғамбар, алайҳиссалом, бар он буд». Ва бифармуд, то тасниф кард ин китобро ба тозӣ (арабӣ). Ва ба наздики амири Хуросон оварду арза кард. Ҳама писандиданд ва гуфтанд: «Роҳи рости суннату ҷамоат ин аст» [1, с. 17].

Доир ба ин масъала Муҳаммадризо Ночӣ низ овардааст, ки «дар канори кӯшишҳои уламои ҳанафӣ, дар сароғози давлати Сомонӣ талоши расмӣ ба манзури ваҳдат бахшидан ба ақоиди усулӣ ва ҷилавгирӣ аз мавҷи фазояндаи мубоҳисот ва мунозироти каломӣ сурат гирифт. Гуфта мешавад, нигаронии фуқаҳои ҳанафии Самарқанду Бухоро аз густариши ҳаракати касоне, ки "бероҳон" ва "мубтадеон" ва "ҳаводорон" хонда шудаанд ва ҳамчунин дифоъ аз мазҳаби суннат ва ҷамоат ангезае шуд, то амир Исмоил фуқаҳоро ба табйини ин мазҳаб фармон диҳад. Ба дунболи он ба пешниҳоди фуқаҳо Абулқосим Исҳоқ ибни Муҳаммад ибни Исмоили Самарқандӣ, маъруф ба Абулқосими Ҳаким (с.в.953) фақеҳ, зоҳид ва мутакаллими ҳанафӣ ва қозии Самарқанд, ки овозаи ӯ дар шарқу ғарби исломӣ печид, ӯҳдадори ин амр шуд ва дар ҳудуди 824м./290қ. китоби «ас-Саводу-л-аъзам»-ро бо такя бар дидгоҳҳои усулии ҳанафиёни аҳли суннат ва ҷамоат, муштамил бар 62 масъалаи умдатан каломӣ ба забони тозӣ (арабӣ) падид овард ва ба амир тақдим кард. Чунон ки аз номи китоб ҳам ба ривоят аз Пайғамбар (алайкум би-с-саводи-л-аъзам) талмеҳ дорад, бармеояд, ҳадаф аз нигориши ин китоб яксӯсозии эътиқодӣ ва ҷазби тӯдаҳои азими инсонӣ дар қаламрави Сомониён бар меҳвари фиқҳи ҳанафӣ ва мавозеи эътиқодӣ бар гирифта аз ин ойин будааст. Ойине, ки ба эътиқоди нависанда мутобиқи суннати Пайғамбар ва равиши саҳоба қаламдод мешуд» [14, с. 925-926].

Сарфи назар аз он ки муҳаққиқи муосир эронӣ Муҳаммадризо Ночӣ оини ҳанафиёни Мовароуннаҳрро "эътиқоди нависанда", яъне Ҳакими Самарқандӣ қаламдод карда, онро мутобиқ ба суннати Пайғамбар ва равиши саҳоба намедонад, лекин вай доир ба раванди навиштани "Саводи аъзам" далелҳои дурусти таърихиро овардааст. Ба Исмоили Сомонӣ рӯй овардани уламо ва фақеҳон бе сабаб набуд. Ба гуфтаи Саид Нафисӣ, ки ба нақл аз «Ҷавомеу-л-ҳикоёт» овардааст, Амир Исмоили Сомонӣ ҳангоми фатҳи Хуросон ба паҳлавони лашкари худ рӯй оварда гуфта буд: «Аз дин ҳеҷ нигаҳдорандатар нест ва ҳеҷ биное аз дод устувортар на».

Муҳаммади Мақдисӣ дар асари хеш «Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим» зикр месозад, ки Сомониён салтанати сиёсии худро тавассути масҷидҳои ҷомеъ, ки минбари расмӣ барои эълони дастуроти давлатӣ ба ҳисоб мерафт, густурда буданд. Ҳангоми сар задани ҳодисае аз қабили ҷанг ва ё масъалаи дигаре мардумро ҷамъ намуда, барои ёрӣ ба ҳукумат даъват мекарданд [10, с. 282].

Асноду ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва таҳқиқотҳои муаррихони асрҳои миёна аз он хабар медиҳанд, ки оммаи мардуми Хуросон ва Мовароуннаҳр, олимону фақеҳон ва дигар табақаҳои ҷомеа ба ҳукумати Сомониён вафодор буданд ва аз тамоми ибтикороти он дастгирӣ мекарданд. Ҳукумате, ки ҳомии оини навини мамлакат, додгор, илмпарвар ва паноҳи донишмандон ба шумор рафта, тавониста буд заминаҳои осоиш ва шукуфоии умумиро фароҳам созад ва амнияти давлатро таъмин намояд.

Ҳамин сабаб шуд, ки китоби «Саводу-л-аъзам»-и Ҳақими Самарқандӣ бо забони арабӣ аз ҷониби Исмоили Сомонӣ пазируфта шуда, ҳамчун китоби аслии ақидаи давлатӣ ва ҷомеа қабул гардид. Ин асар бо амри Нӯҳ ибни Мансур ба тоҷикӣ тарҷума карда шуд: «Пас амири Хуросон бифармуд, ки «Ин китобро ба порсӣ гардонед, то чунонки хосро бувад, омро низ бувад ва манфиат кунад ва мазҳабро некӯ бидонад ва аз ҳаво ва бидъат дур бошанд» [1, с. 19].

Чи тавре маълум мегардад аз сабаби он, ки мардуми ом забони арабиро намедонист амр мешавад, ки ба забони маъмули ҷомеаи Хуросону Мовароуннаҳр, яъне форсӣ-тоҷикӣ (дарӣ) асар тарҷума шавад. Ҳадаф ин буд, ки бояд он асар дар хонадони ҳар як шаҳрванди кишвар маҳфуз бошад, то ин ки худи мардум бо забони модарии хеш рукнҳои асосии ақидаҳоро аз бар кунанд ва эътиқоди худро нисбат ба ҳанафия мустаҳкам созанд.

Ба қавли муаллифи пешгуфтори асар «пас ман ин китобро ба порсӣ ҷамъ кардам, зеро ки он хост амири Хуросон – Нӯҳ ибни Мансур (р), аз паси он ки уламои кулли Мовароуннаҳрро ҷамъ кард, то пайдо карда ояд эшонро роҳи рост ва сифати Расул (с) ва ёрону хулафои рошидин (р)» [1, с. 19].

Нуктаи муҳими дигар он аст, ки интихоби Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ бе сабаб набуд, зеро ба ишораи Абдулкарим ибни Муҳаммади Самъонӣ вай «солеҳтарин

бандагони Худованд» ва «аз ашхосе буд, ки ба ҳилму ҳикмат ва ҳусни муошират бад-онҳо масал мезананд» [20, с. 74].

Доир ба ин олими номдор Аҳмад Покатчӣ дар мақолаи хеш «Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ» зикр сохтааст, ки Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ яке аз ҳакимон ва олимони маъруфи асрҳои IX ва X-и Мовароуннаҳру Хуросон ба шумор мерафт. Вай дар ташаккули ақидаи ҳанафиёни ин минтақа саҳми бузург гузошта буд. Асари «ас-Саводу-л-аъзам»-и ӯ то замони мо бунёди эътиқоди ҳанафиёни Мовароуннаҳр, Хуросон ва дигар кишварҳое, ки ҷонибдори таълимоти Абӯҳанифа мебошанд, ба шумор меравад.

Дар маҷмӯъ доир ба адабиёти мавҷуда метавон хулоса кард, ки Ҳакими Самарқандӣ донишманди хуби фиқҳ, ҳадис ва калому ирфон буда, мутакаллимони мотуридӣ ӯро аз мактаби худ мешумуранд, суфиён бошанд ӯро дар шумори шайхҳои худ қаламдод мекарданд, фақеҳони давр ӯро ҳуқуқшиноси бемисл медонистанд.

Абулҳасан Алӣ ибни Саиди Рустуфғанӣ, яке аз шогирдони Мотуридӣ ба ҳисоб мерафт, ҳикоят кардааст, ки Ҳакими Самарқандӣ ва Мотуридӣ ҳамчун шогирдони Абӯнасри Иёзӣ зикр ёфтаанд. Номи ин ду мутафаккир ба сифати шогирдони Иёзӣ дар «Табсирату-л-адилла»-и Абулмуини Насафӣ низ сабт шудаанд. Ба қавли вай Ҳакими Самарқандӣ баъд аз вафоти Мотуридӣ доир ба осор ва шахсияти ин мутаккалим ситоиши зиёде кардааст [23, с. 185]. Ҳанафиёни мутааххир низ аз Ҳакими Самарқандӣ ҳамчун шогирди Мотуридӣ дар илмҳои фиқҳ ва калом номбар кардаанд.

Хулоса, ҷонибдорони мактаби тасаввуфи минтақа низ доир ба Ҳакими Самарқандӣ ҳамчун аҳли тасаввуфи Мовароуннаҳр таъкид карданд. Аҳмади Покатчӣ дар бораи ба тасаввуф марбут будани Ҳакими Самарқандӣ овардааст, ки аз сабаби қозӣ будани вай баъзе аз суфиён ин мансаби ӯро намехостанд ва кушиш мекарданд ӯро ба мактаби худ ҷалб созанд. Мустамлӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ бошанд борҳо зикр карданд, ки «даруну ботини вай бо суфиён буд» [13, с. 320]. Абулмуини Насафӣ [16, с. 360] меорад, ки Ҳакими Самарқандӣ дар баробари калом ва фиқҳу тафсир «дар илмҳои маърифат ва муомалат низ дониши васеъ доштааст» [27, с. 124]. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар «Табақоту-с-суфия» зимни баёноти ҷойгоҳи Абӯбакри Варроқ доир ба Ҳакими Самарқандӣ зикр месозад, ки вай ҳакими ориф аст, на ин ки суфӣ [26, с. 262-263].

Таълимоти файласуфонаи Ҳакими Самарқандӣ сабаби шӯҳрати ӯ ба лақаби «ҳаким» шудааст [20]. Ба қавли Самъонӣ суханони ҳикматомези ӯ бо унвони «Ҳикматҳои Абулқосими Ҳаким» дар хилофати араб паҳн гардида буд. Дар ин бора Абӯлайси Самарқандӣ (с.в.373ҳ.қ.) дар «Уюну-н-нафс», Абӯабдурраҳмони Суламӣ (с.в.412ҳ.қ.) дар «ар-Рисола», Абулқосими Қушайрӣ (с.в.465ҳ.қ.) дар «Табақоту-с-суфия», Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (с.в.481ҳ.қ.) дар «Равзату-л-фариқайн», Абӯраҷои Шошӣ (с.в.516ҳ.қ.) дар «Мунтахабу равнақи-л-маҷолис» ва ғайра аз вай ҳамчун «Абулқосими Ҳаким» ёд кардаанд.

Мақсаду мароми Ҳакими Самарқандӣ аз навиштани «ас-Саводу-л-аъзам» заиф сохтан ва аз байн бурдани фирқаҳои дигари динию ифротгарое буд, ки дар минтақаи Мовароуннаҳр ва Хуросон решаҳои худро давонда буданд. Болотар аз ин тавассути ин китоб ҳанафиён бояд мавқеи худро бо дастгирии уламо, фақеҳон, оммаи халқ ва Сомониён мустаҳкам мекарданд.

Ҳакими Самарқандӣ бояд асаре менавишт, ки он инъикосгари тамоми паҳлӯҳои ақидаҳои фиқҳию каломии ҳанафиён буда, барои гуруҳҳои дигари ҷомеа низ фаҳмо бошад. Ҳакими Самарқандӣ вазифаи дар назди вай гузоштаи ҳукуматдоронро иҷро карда, натиҷаи фаъолияти худро дар доираи як китоб ҷамъ карда онро «Рад ало асҳоби-л-аҳво ал-мусаммо Китобу-с-Саводи-л-аъзам ало мазҳаби-л-имоми-л-аъзам Абиҳанифа» номгузорӣ кард.

Омӯхтани ин китоби худро Ҳакими Самарқандӣ ба оммаи мардум «фариза» дониста, онҳоро вазифадор кардааст, ки ин китоб бояд ба «фарзандону аҳл» омӯзонда шавад, зеро ки «растагории ту ва аҳлу фарзандони ту ба омӯхтани ин китоб бувад» [1, с. 21].

Ҳакими Самарқандӣ дар асари худ шасту ду масъалаеро овардааст, ки дар атрофи «шак наовардани мӯъмин дар имони худ», адами «мухолифат бо ҷамоати мусулмонон» ва

«аз паси ҳар неку бад намоз хондан» давр мехӯранд ва қисмати зиёди онҳо ба вазифаҳои ақидавӣ ва ҳуқуқӣ бахшида шудаанд.

Баъд аз таҳлили масъалаҳои зиркшуда, Ҳакими Самарқандӣ дар интиҳо ба хулосае меояд, ки «бояд донист, ки ҳеҷ кас ба гуноҳ кофир нашавад» [1, с. 121], зеро дар хабар аз чиҳил тан аз ёрони Пайғамбар гувоҳӣ оварда шудааст, ки вай гуфтааст: «Ҳафт чиз аз мусулмонӣ аст, ҳар ки аз он ҳафт чиз сар битобад, аз роҳи суннату ҷамоат сар битофта бошад».

Дар иртибот ба навиштани ин асар ва масъалаҳои зикршуда, М.Вотт Ҳакими Самарқандиро ба сифати яке аз аввалин мотуридиёни Мовароуннаҳр ном мебарад [36, с/.423]. Ф.Умар аввалин шуда «Саводу-л-аъзам»-ро ба забони англисӣ тарҷума намуда, матни онро аз нигоҳи илми калом таҳлили интақодӣ кардааст [29]. Ба қавли ин муҳаққиқ таълимоте, ки дар «Саводу-л-аъзам» пешкаш гардидааст яке аз намунаҳои аввалини каломии мактаби мотуридия мебошад. Шарқшиноси дигари аврупоӣ Мэйдлунг В. ба хулосае омадааст, ки асари мазкур намунаи барҷастаи матни ҳанафӣ ба шумор меравад [30, с. 32].

Дар робита ба гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки дар даврони салтанати Сомониён шароити таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ боиси он гаштанд, ки появу бунёди як идеологияи давлатӣ дар доираи ақидаҳои Абӯҳанифа ба вуҷуд биёяд. Ҳадаф аз таъсиси ин идеология ташаккул додани андешаҳои каломӣ, фиқҳӣ, ахлоқӣ ва сиёсии мактаби хусусияти миллӣ-мазҳабидоштаи ҳанафияи Мовароуннаҳр буд, ки мувофиқи нақшаи тарҳрезишуда, бояд ба ин натиҷаҳои ноил мегашт:

1. Ташаккули ва такомули таълимоти ҳанафия;
2. Таъмини амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сарҳадӣ;
3. Аз байн бурдани зиддиятҳои ақидатӣ;
4. Рушду инкишофи таълимоти ахлоқии ҷомеа;
5. Хотима бахшидан ба муборизоти сиёсӣ ва ҷангҳои қавмӣ ва маҳаллӣ;
6. Пешрафти илму фарҳанг дар доираи як идеяи муттаҳидсозандаи оммаи мардум;
7. Беҳбудӣ бахшидан дар муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя ва ғайра.

**Муқарриз: *Иброҳимов М.* – д.и.т., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам. Тарҷумаи куҳан аз арабӣ Таҳиягарони матн ва муаллифони муқаддима, таълиқотуҳавошӣ Н.Салимов, Н.Зоҳидов. – Хӯҷанд. Нури маърифат, 2009.
2. Воизи Балхӣ. Фазоили Балх. Тарҷумаи Абдуллоҳ Муҳаммад Ҳусайни Балхӣ. Ба кӯшиши Абдулҳай Ҳабибӣ. Теҳрон: Бунёди фарҳанг. 1350 ҳ.қ. –С.196-201.
3. Ибни Абулвафо Қурашӣ Абдулқодир ибни Муҳаммад. Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия. Ҷ. II. –С.180.
4. Ибни Абулвафои Қурашӣ Абдулқодир ибн Муҳаммад. Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия. Ҷ.I-II. Ҳайдаробод, 1332 ҳ./1913. – С.134.
5. Ибни Абулвафои Қурашӣ Абдулқодир. Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия. Ҷ.I. –С.52;
6. Ибни Надим Муҳаммад Исҳоқ. Ал-Феҳрист. Бакӯшиши РизоТаҷаддуд. –Теҳрон, 1346 м. –С.271-272.
7. Каҳҳало Умар Ризо. Муъҷаму-л-муалифин. – Димишқ. Ҷ.I-XV. 1957-1961. Ҷ. XII – С.120.
8. Қатлубиғо Абул Абдузоинуддин Қосим. Тоҷу-т-тароҷим. – Бағдод. 1962. –С.68.
9. Лакнавӣ Муҳаммад Абдулҳай. Ал-фавоиду-л-баҳия фӣ тароҷими-л-ҳанафия. Қоҳира. 1324ҳ./1906. – С.101.
10. Мақдисӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим. –Лейдан, 1967м. – С.282.
11. Мотуридии Самарқандӣ. Китобу таъвилоти-л-Қуръон. – С.109.
12. Мотуридии Самарқандӣ. Китобу-т-тавҳид. – С.476.
13. Мустамлии Бухорӣ Исмоил. Шарҳу-т-таарруф. Ба кӯшиши Муҳаммад Равшан – Теҳрон, 1363ҳ.ш. –С.237;
14. Муҳаммадризо Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави сомониён. – С.933.
15. Насафӣ Абулмуин Маймунибни Муҳаммад. Табсирату-л-адилла. –Ҷ.I-II. Димишқ, 1990.
16. Насафӣ Абулмуин. Табсирату-л-адилла. Ба кӯшиши Кулуд Салома. – Димишк, 1990м.Ҷ.1. -С.360.
17. Насафӣ Абулмӯтеъ Макҳул. Китобу-р-радд ало аҳли-л-бидаъ ва-л-аҳво. – С.54, 62, 68.
18. Нафисӣ Саид. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рудакӣ. – Теҳрон, 1336 ш. – С.185.
19. Паздавӣ Абулюср Муҳаммад. Китобу усули-д-дин. Ба кӯшиши Ҳанс Питер Линсс. Қоҳира. (1383). 1963. – С.14-16.
20. Самъонӣ Абдулкарим ибни Муҳаммад. Ал-Ансоб. Ба кӯшиши Абдурраҳмон Муаллими Имонӣ. – Ҳайдарободи Дакан, 1982-1962.Ҷ.II. – С.74.
21. Самъонӣ Абдулкарим ибни Муҳаммад. Китобу-л-ансоб. Ҳайдаробод. 1962-1982. Ҷ.XI. –С.60;

22. Сафдӣ Сайёҳуддин Халил ибн Айбак. Китобу-л-Вофӣ би-л-вафайёт. Ба кӯшиши Ҳ.Риттер ва диг. – Истанбул-Димишқ-Вайсваден. 1949. Ҷ.IV. – С.375-377.
23. Субкӣ Тоҷиддин Абӯнаср Абдулваҳҳоб. Табақоту-ш-шофеияти-л-кубро. Бо кӯшиши Абдулфаттоҳ Муҳаммади Ҳулв Маҳмуд Муҳаммади Таноҳҳӣ. Ҷ.1-Х. –Қоҳира,1964-1976. ч.1, -С.385.
24. Суютӣ Ҷамолуддин. Ал-лаоли-л-маснуа фи-л-аҳодиси-л-мавзуа. Ҷ.1. Қоҳира. б/с. –С.99.
25. Ульрих Рудольф.ал-Матуриди и суннитская теология в Самарканде. – С.29.
26. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ. Табақот-у-суфия. – С.262-263.
27. Ҳоҷӣ Халифа Мустафо ибни Абдуллоҳ. Кашфу-з-зунунъанасоми-л-кутубва-л-фунун. Ҷ.I-II.Истанбул. 1941-1943. –С.1430.
28. Ҷомӣ Абдурраҳмон. Бустону-л-орифин. -С.124.
29. Al-Omari. The Loctrines of the Maturidi the School with special Reference to As-Samad al-A'zam pf AL-Hakim sa-Samarkandi. Edinvyagh, 1974.
30. Madelung Wilgerd. Belidious Trends in Early Islamic Iran. Albany, 1988 (Bibliotheca Persia.Columbia Dectures on Japanian Jendies, 4). – C.43;
31. Madelung Wilgerd. The Early Murji'a in Khurasan and Teansoxania and the Apread of Hanafism// Der islam 59/1982.-P.32.
32. Moderlung Wilferd. The Early Murji`a. -C.36.
33. Montgomery Watt W. Der Islam II. Stuttgart u.a. 1985.P.423.
34. Schacht Joseph. An Early Murci'ite Treatise. The Kitab al-Alim wal-muta'allim//Oriens 17/1964/96-117.
35. Van Ess Joseph Vngenurzte Texte zur Karramida. Eine Materialsammlund, Heidelberd 1980 (Sitzungsberichte d/ Heidelb.Akad. d. Wiss.Philoshist.KL., 1980, Abh.6).
36. Watt W.Montgomery. Der Islam II. Stuttgart u.a. 1985.P.423.

## ТАЪРИХИ МУБОРИЗАҲОИ МАЗҲАБӢ ВА ТАШАККУЛИ ҲАНАФИЯ ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН

**(тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ)**

Дар мақола таърихи муборизаҳои мазҳабӣ ва ташаккули ҳанафия дар замони Сомониён тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ба риштаи таҳқиқ омадааст. Воқеаҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар иртибот бо масъалаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ ва иҷтимоӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон аввалин мактаби каломии ҳанафия по ба арсаи вуҷуд ниҳод. Таъкид карда мешавад, ки миқдори зиёди пайравони ҳанафия, инчунин раванди воқеаҳои таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва динии даврони қудрати сулолаи Сомониён, пешрафти илмҳои динӣ ва дунявӣ, хосатан фиқҳ ва калом барои зуҳури илми мустақили каломи ҳанафия таҳкурсии боэътимод гузошта, бисёр муаммоҳои фикрӣ шарҳу баёни худро пайдо карданд. Муаллиф хулоса мекунад, ки дар даврони салтанати Сомониён шароити таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ боиси он гаштанд, ки появу бунёди як идеологияи давлатӣ дар доираи ақидаҳои Абӯҳанифа ба вуҷуд омада, ҳадаф аз таъсиси он ташаккул додани андешаҳои каломӣ, фиқҳӣ, ахлоқӣ ва сиёсии мактаби хусусияти миллӣ-мазҳабидоштаи ҳанафияи Мовароуннаҳр ба шумор мерафт.

**Калидвожаҳо:** таърих, муборизаҳоии мазҳабӣ, ҳанафия, Сомониён, Хуросон, Моваруннаҳр, ҷараёнҳои динӣ, Абӯҳанифа, уламои дин, осору таълифот.

## ИСТОРИЯ РЕЛИГИОЗНОЙ БОРЬБЫ И ФОРМИРОВАНИЯ ХАНАФИЗМА В ПЕРИОД САМАНИДОВ (ПО СВЕДЕНИЯМ ИСТОРИЧЕСКИХ ПЕРВОИСТОЧНИКОВ)

В статье рассматривается история религиозной борьбы и становление ханафизма в период Саманидов по историческим первоисточникам. Исторические события свидетельствуют о создании первой ханафитской школы мысли в политических, культурных, религиозных и социальных вопросах Мавераннахра и Хорасана. Подчеркивается, что большое количество последователей ханафитов, а также процесс историко-политических, культурных и религиозных событий при династии Саманидов, развитие религиозных и светских наук, особенно фикх и каляма заложили прочную основу для появление независимого ханафитского каляма. Автор приходит к выводу, что в период правления Саманидов исторические, социальные, экономические, культурные и научные условия привели к становлению государственной идеологии в рамках учения Абу Ханифы, целью которой являлось формирование богословских, правоведческих, морально-политических идей национально-религиозной ханафитской школы Мовароуннахра.

**Ключевые слова**: история, религиозная борьба, ханафизм, Саманиды, Хорасан, Моваруннахр, религиозные течения, Абу Ханифа, религиоведы, труды и сочинения.

## THE HISTORY OF THE RELIGIOUS STRUGGLE AND THE FORMATION OF HANAFISM IN THE PERIOD OF THE SAMANIDS (ACCORDING TO HISTORICAL PRIMARY SOURCES)

The article deals with the history of the religious struggle and the formation of Hanafism in the period of the Samanids according to historical primary sources. Historical events testify to the creation of the first Hanafi school of thought in political, cultural, religious and social issues of Maverannahr and Khorasan. It is emphasized that a large number of Hanafi followers, as well as the process of historical, political, cultural and religious events during the Samanid dynasty, the development of religious and secular sciences, especially fiqh and kalam, laid a solid foundation for the emergence of an independent Hanafi kalam. The author comes to the conclusion that during the reign of the Samanids, historical, social,

economic, cultural and scientific conditions led to the formation of the state ideology within the framework of the teachings of Abu Hanifa, the purpose of which was the formation of theological, jurisprudential, moral and political ideas of the national-religious Hanafi school of Movarounnahr.

**Key words**: history, religious struggle, Hanafism, Samanids, Khorasan, Maverannahr , religious movements, Abu Hanifa, religious scholars, works and writings.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907827090** E-mail: **Tojiddini_82@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Гуломов Тоджиддин Мирзоалиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент кафедры историографии и архивоведения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17, Телефон: **(+992) 907827090**
E-mail: **Tojiddini_82@mail.ru**

**Information about the author:** ***Gulomov Tojiddin Mirzoalievich*** - Tajik National University, Candidate of Philosophy, Associate Professor of the Department of Historiography and Archives. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17, Phone: **(+992) 907827090** E-mail: **Tojiddini_82@mail.ru**

УДК:891.550:4

# ГУСТАРИШИ ДОИРАИ ФАЪОЛИЯТИ ЗАБОН ВА АДАБИ ФОРС-ТОҶИК ДАР АСРҲОИ XI-XII

*Расулиён Қ.Р., Раҳимзода Қ.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Дар давраи мавриди назари мо улуми адабӣ тараққӣ ва ривоҷи бисёр дошт. Яке аз сабабҳои асосии ин пешрафт вуҷуди мадрасаҳои зиёде дар минтақаҳои гуногуни сарзаминҳои исломӣ, бахусус Хуросону Мовароуннаҳр буд. Дар марказҳои гуногуни таълимӣ устодони бузург ба тадрис машғул буданд. Дар тамоми ин ниҳодҳои таълимӣ дар радифи улуми исломӣ улуми адаби араб низ таълим дода мешуд. Сабаби дигари ин пешрафт вуҷуд доштани васоили улуми адабӣ, аз қабили китобхонаҳо ва мавқуфоти бисёр буд. Ҳамчунин, мавҷуд будани дӯстдорони зиёди ин илмҳо дар миёни султонҳо, вазирон, раисон ва дигар соҳибмансабони ин давра буд. Маҳз бо ин сабабҳо теъдоди онҳое, ки ба улуми адабӣ иштиғол доштанд, бисёр буд.

Дар илми луғат равише, ки дар асри даҳум дар миёни донишмандони улуми забоншиносӣ ривоҷ ёфта буд, яъне танзими луғатҳо бинобар қоидаҳои иштиқоқ, идома дошт. Чизи муҳимми дигар он ки дар баъзе аз китобҳои муҳимми луғат дар ин давра вожаҳои арабӣ ба форсӣ тавсиф шуда ва ин теъдод аз китобҳо фарогири теъдоди фаровоне ва вожаҳои форсӣ буда, ки баъдҳо фаромӯш шуда ва танҳо тавассути ҳамин китобҳо боқӣ мондааст. Аз ҷумлаи ин китобҳо якеаш “Дастур-ул-луға” ё “Китоб-ул-халос”-и Бадеъуззамони Натанзӣ (ваф.1105) аст, ки дар бисёре аз мавридҳо дар он вожаҳои арабӣ ба забони порсӣ тарҷума шудаанд. Асари дигар “Китоб-ул-масодир”-и Абуабдуллоҳи Зӯзанӣ (ваф.1093), ки бинобар назми бобҳои феълҳо танзим шуда ва шарҳи луғавии ҳар масдар дар он ба форсӣ омадааст, мебошад. Дигаре аз чунин китобҳо “Муқаддимат-ул-адаб”-и Ҷоруллоҳи Замахшарӣ аст.

Дар дигар илмҳои адабӣ, аз ҷумла дар илми балоғат низ донишмандони эронитабори он давра ба забонҳои арабӣ ва порсӣ асарҳои арзишманд офаридаанд. Аввалин донишманди бузурге, ки дар ин давра китобҳои асосӣ таълиф кардааст, Абулқоҳири Ҷурҷонӣ (ваф.1081) мебошад. Вай муаллифи ду китоби арзишманди “Асрор-ул-балоға” ва “Далоил-ул-эҷоз” аст. Ин ду китоб нахустин китобҳои мураттаб ва мудавван дар риштаи маонӣ ва баён ба шумор рафта ва ба сабаби таълифи ҳамин китобҳо аст, ки Имом Фахри Розӣ гуфтааст, ки Имом Абулқоҳири Ҷурҷонӣ қоидаҳои илми маонӣ ва баёнро кашф ва бурҳонҳо ва ҳуҷҷатҳои онро мураттаб кард ва дар кашфи ҳақиқати он кӯшиши фаровон намуд [9, с.151]. Имом Фахри Розӣ ин суханонро дар китоби “Ниҳоя-ал-эъҷоз фӣ илм-ал баён” оварда ва саъю кӯшиш намуда, ки дар ин китоб назму тартиби дақиқтар ва мантиқитаре дар илми баён эҷод кунад.

Ҷоруллоҳ Замахшарӣ (18.3.1075-13.6.1114) ҳам дар зимни таълифоти зиёди худ, ки дар улуми адабӣ ва исломӣ навишта, китобҳое дар заминаи масъалаҳои балоғат дорад, ки “Асос-ул-балоға” ва “Қастос” муҳимтарини онҳо мебошанд.

Сироҷиддин Яъқуби Саккокии Хоразмӣ (ваф.1228) дар ин замина китобе таълиф намуда бо номи “Мафотеҳ-ул-улум”. Ин китоб доир ба дувоздаҳ илми адабия, аз ҷумла

дар илми маонӣ ва баён навишта шуда ва дар оянда шуҳрати зиёде пайдо намуда, чандин бор талхис ва шарҳ шуда ва ҳамвора аз китобҳои муҳимми дарсӣ будааст.

Дар ҳамин давра таълиф ва таҳияи китобҳо дар илмҳои маонӣ ва балоғат ба забони порсӣ низ маъмул гардида буд. Дар аввалҳои ин давра китоби машҳуре бо номи “Тарҷумон-ул-балоға” доир ба баъзе аз мабоҳиси маонӣ, баён ва илми бадеъ ба забони порсӣ таълиф шудааст. Муаллифи ин китоб Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ дар охирҳои асри XI умр ба сар мебурд. Арзиши ин китоб танҳо дар он нест, ки нахустин китоб доир ба ин илмҳо ба забони порсӣ аст, балки аҳамияти бештараш дар иштимол бар зикри ном ва ашъори зиёде аз шоирони асри X ва ибтидои асри XI мебошад. Ин китоб яке аз сарчашмаҳои хуб дар таҳқиқи адаби порсӣ ба шумор меравад. Китоби “Тарҷумон-ул-балоға” дар асри XII мавриди истифодаи Рашидуддини Ватвот (ваф.1177 ё 1182) дар таълифи китоби машҳури “Ҳадоиқ-ул-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър” қарор гирифтааст. Ин китоб низ дар бораи бархе аз мабоҳиси маонӣ ва баён ва дар санъатҳои лафзӣ ва маънавии забон таълиф шудааст. Рашиди Ватвот дар “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър” аз санъатҳои маъмули шеър санъати лафзиро ташреҳ дода, мисолҳоро чун шоҳид аз ашъори шоирони араб ва форс-тоҷик Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъди Салмон, Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва дигарон овардааст. Баъдан Шамси Қайси Розӣ дар таълифи “Ал-муъҷам” аз ин асари Рашиди Ватвот истифода намуда, Шарафуддини Ромӣ дар пайравии “Ҳадоиқ-су-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър” рисолаи “Ҳадоиқ-ул-ҳақоиқ”-ро навиштааст [14, с.442].

Бояд таъкид намуд, ки ин давра яке аз давраҳои бисёр муҳим ва арзандаи адабиёти форс-тоҷик аст. Забон ва адабиёти порсӣ дар ин давра ба суръати ҳайратангезе тавсеа ва ривоҷу равнақ ёфтааст. Сабабҳои аслии ин амр инҳо мебошанд:

1. Дар натиҷаи ҷидду ҷаҳде, ки аз миёнаҳои асри IX то миёнаҳои асри XI аз ҷониби адибони бузурги Мовароуннаҳр, Хуросон ва Систон дар шеър ва насри порсии дарӣ шуда буд, асоси адаби порсӣ бо устувории тамом ниҳода шуд ва муқаддамоти лафзӣ ва маънавӣ барои баёни мақсадҳо ва мафҳумҳои гуногун дар забонҳои манзум ва мансур барои шоирон ва нависандагони давраи баъдӣ пурра фароҳам гашт.

2. Вуҷуди теъдоди зиёди амирон, хонадонҳои бузург ва шахсони сарватманд дар ин давра василаи бисёр бузурге барои зиёд гаштани сафи шоирон ва нависандагон гардид. Чунки ҳамаи ашхоси соҳибмансаб ва пурнуфуз доштани шахсони фозилу донишманд ва шоирону нависандагонро дар дастгоҳу дарбори худ аз ҷумлаи чизи муҳим дар раёсат медонистанд. Ин кор ба ҳукми анъана даромада буд ва ҳар як ҳоким саъю кӯшиш менамуд, ки дастгоҳу дарбораш аз ҷиҳати доро будани олимону адибон аз дарбори дигарҳо бартарӣ дошта бошад. Ин буд, ки дар ин давра шахсони зиёде ба омӯзиши илму адаб пардохтанд ва аз байни онҳо шоирону нависандагони бешумор ба воя расиданд.

3. Дар натиҷаи лашкаркашиҳои Ғазнавиён ва Салҷуқиён ба сарзаминҳои дигар забони форсии тоҷикӣ аз ватани аслии худ, яъне Хуросони Бузург то соҳилҳои баҳри Миёназамин ва аз канораҳои Даҷла то он сӯйи рӯди Синд ва минтақаи Панҷобро батадриҷ дар зери нуфузи худ даровард. Ва дар ин минтақаҳои васеъ забону адабиёти форс-тоҷик густариш ёфт.

4. Дар давраи мавриди назари мо марказҳои адаби порсӣ фақат мунҳасир ба машриқи Эронзамин набуда, балки дар минтақаҳои дигаре, чун Ироқи Аҷам ва

Озарбойҷон марказҳои муҳимми адаби порсӣ ташкил ёфтанд ва вуҷуди ҳамин марказҳои нав худ василаи зуҳури шоирон ва нависандагони бузурге шуд.

5. Ҳаракате, ки аз аввалҳои асри XI тавассути уламои мутакаллимини муътазила ва донишмандоне, аз қабили Абурайҳони Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино ва шогирдони ӯ дар таълифи китобҳои илмӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ эҷод шуда буд, дар ин давра бо шиддати бисёре идома ёфт ва ин кор боиси таълифи китобҳои зиёде дар масъалаҳои гуногуни илмӣ ба забони порсӣ гардид, ки ин худ василаи ҷадиде барои густариши доираи адаби порсӣ шуд.

6. Аз ибтидои ин давра шеър ва насри порсӣ дар хонақоҳҳо ва дар осори суфия устувор ва пойдор гардид. Дар тамоми ҷамъомадҳои самоъ, ваъз ва иршод, дар китобҳои ирфонӣ ва манзумаҳои суфиёна, ки дар Эронзамини он аҳд ба вуҷуд омад, забони содаи порсӣ ба шевае, ки мавриди фаҳми ҳамагон бошад, ба кор мерафт. Бад-ин тартиб, адаби порсӣ, ки то он вақт фақат мавриди ҳимояи дастгоҳҳои давлатӣ буд, миёни оммаи мардум роҳ ёфт ва осори дилпазири орифон муштариёни зиёд пайдо намуд, ки ин ҳам яке аз сабабҳои муҳиммиривоҷу равнақи адаби порсӣ гардид. Хуллас, метавон гуфт, ки асрҳои XI-XII аз давраҳои нодири таърихи Эронзамин барои тарғибу тарвиҷи забон ва адаби форс-тоҷик ба шумор меравад [9, с.192].

Дар ин давра забони форсии тоҷикӣ, яъне лаҳҷаи дарӣ, ки аз миёнаҳои асри IX лаҳҷаи расмӣ ва адабии Эронзамин шуда буд, нисбат ба давраи пеш хеле густариш пайдо намуда буд, ки тафсири онро метавон чунин баён намуд:

Бар асари густариши шеър ва насри дарӣ аз муҳити нисбатан маҳдуде, ки дар асрҳои IX-X дошт ва ривоҷи он дар Ироқи Аҷам, Озарбойҷон ва дигар минтақаҳо, луғат ва таркиботи зиёде аз лаҳҷаҳои маҳаллии дигари Эронзамин вориди лаҳҷаи дарӣ шуд. Ин кор воситаи қатъӣ барои тавсеаи забони порсии дарӣ гардид ва луғату таркиботу таъбироти тозаеро, ки то асри X собиқа надошт, дар он ворид кард. Табъан дар натиҷаи интиқоли лаҳҷаи дарӣ аз шарқи Эронизамин ба дигар минтақаҳо баъзе аз калимаҳо ва луғати шарқи Эронизамин, яъне Осиёи Миёнаи имрӯза, ки дар минтақаҳои дигари Эронизамин маъмул набуданд, оҳиста-оҳиста фаромӯш шуданд.

Дар ин давра забони порсӣ бо забони арабӣ омезиш пайдо кард, ки ин раванд дар ибтидо тули ин ду қарн идома дошт. Яке аз сабабҳо он буд, ки дар натиҷаи таҳсили аҳли адаби ин давра дар мадрасаҳо, ки забони расмии таълим дар онҳо арабӣ буд, ҳамаи онҳо бо забон ва адаби араб ошноии наздик пайдо намуданд.

Омезиши забони порсӣ бо вожаҳои туркӣ. Бояд арз намуд, ки асрҳои XI-XII давраи тасаллут, нуфуз ва вуруди қавму қабилаҳои туркҳои зардпӯст ба Эронзамин буд. Ин нуфуз аз тариқи муҳоҷиратҳои гурӯҳии қабилаҳо ва саҳронавардони зардпӯст ба дохили Эронзамин ва сукунати онҳо дар минтақаҳои гуногун сурат мегирифт. Дар ибтидои асри XI дар Мовароуннаҳр ва шимоли Хуросон ва атрофи Рай, Исфаҳону Озарбойҷон ба номи дастаҳои зиёди туркманҳо бармехӯрем, ки дар ин сарзаминҳо сукунат ихтиёр намуда буданд.

Густариши забони порсии дарӣ. Аз охирҳои асри даҳум ва аввалҳои асри ёздаҳум Ғазнавиёни тоза ба сари қудратрасида, ки наметавонистанд аз тарафи ғарб сарзамини худро васеъ кунанд, мекӯшиданд, ки сарзаминҳои васеъ ва пурнеъматеро, ки дар тарафи шарқ ва ҷануби шарқи мустамликаҳои онҳо қарор дошт, тасарруф намоянд. Ва он сарзаминҳои обод дар атрофи рӯди Синд ҷойгир буданд. Бар асари лашкаркашиҳои зиёди

Насриддини Сабуктегин ва Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ин сарзаминро Ғазнавиён ишғол карданд. Давлати Ғазнавиён барои дар зери итоати худ нигоҳ доштани ин сарзамин дастаҳои низомии бузургеро, ки аз хуросониён ва дигар минтақаҳои Эрони Шарқӣ ташкил ёфта буданд, ба сарзаминҳои ишғолнамудаи худ мефиристоданд. Бо ҳамин роҳ дини ислом ва забони порсӣ ба сарзамини Синд ва аз он ҷо ба дигар минтақаҳои Ҳиндустон роҳ ёфт ва на танҳо забони сиёсию низомӣ, балки забони дини ислом низ гардид. Ин буд, ки аз миёнаҳои асри ёздаҳум ба баъд дар марказҳои ҳукумати Синд ва Панҷоб ва вилоятҳои наздик ба онҳо забони порсӣ ривоҷ пайдо намуда ва шоирони ин сарзаминҳо ба сурудани шеър ба забони порсӣ оғоз намуданд. Нахустин шоири бузурги ин минтақа Масъуди Саъди Салмон аст, ки дар шаҳри Лоҳур дар хонаводаи як муҳоҷири эронитабор ба дунё омадааст [9, с.198].

Баъд аз суқути Ғазнавиён сарзаминҳои ишғолнамудаи онҳо ба ихтиёри сулолаи Ғуриён гузашт. Подшоҳони хонадони Ғурҳо, бахусус Қутбиддини Ойбак, ҳамчунин силсилаи Шамсия ва Халаҷия ҳомии забони порсӣ буданд. Бар асари ҳамлаи муғул ин минтақа ба паноҳгоҳи гурезагон табдил ёфт.

Бояд тазаккур дод, ки илова бар ривоҷи забони порсӣ дар берун аз Эронзамин лаҳҷаи дарӣ ва адабиёти он дар дохили Эронзамин батадриҷ аз Эрони Шарқӣ ба Эрони Ғарбӣ тасаллут ёфт.

Ҳоло ба муаррифӣ ва баррасии муҳимтарин осоре, ки аз ҷониби донишмандони қуруни XI-XII дар риштаҳои гуногуни улуми филологӣ таълиф намудаанд, мепардозем, ки инҳо мебошанд: Абумансур Абдулмалик ибни Муҳаммад Саолибии Нишопурӣ (961-1037) доир ба улуми адабӣ ва луғат китобҳои “Ятимат-уд-даҳр”, “Татимат-ул-ятима”, “Фиқҳ-ул-луғат”, “Латоиф-ул-маориф”, “Симор-ул-қулуб фӣ-л-музоф ва-л-муҳозира” ва ғайраро таълиф намудааст. Вай китоби “Ятимат-уд-даҳр”-ро дар соли 1000 ба анҷом расонида, дар солҳои 1011-1017 онро аз нав таҳрир кардааст. Дар ин китоб муҳити адабии асрҳои 10 ва 11-и Миср, Шом,(Сурия), Ироқ, Андалус, Хуросону Мовароуннаҳр ба таври мухтасар тавсиф шуда, аз эҷодиёти адибони машҳур намунаҳо оварда шудаанд. Ин асар дар чаҳор қисм, ки ҳар як қисм дорои чандин боб аст, иншо шудааст. Аз ҷумла, дар қисми чаҳорум 24 тан аз адибону олимон ёд шуда ва зиндагиномаю намунаи осори онҳо оварда шудааст. “Ятимат-уд-даҳр” сарчашмаи муҳим барои омӯзиши адабиёти арабизабон буда, дар пайравии ин китоб чандин тазкира таҳия ва таълиф шудаанд. Китоби “Татимат-ул-ятима”-и муаллиф идомаи “Ятимат-уд-даҳр” буда, ки соли 1934 дар Теҳрон ба табъ расидааст. Абуалӣ ибни Сино (980-1037) доир ба донишҳои адабӣ асари “Махориҷ-ул-ҳуруф”-ро иншо намуда, ки роҷеъ ба савтиёт (фонетика) баҳс мекунад. Доир ба адаб рисолаҳои “Ҳудус-ул-ҳуруф”, “Ал-илм ва-н-нутқ”-ро таълиф намудааст. Ҳамчунин, дар луғат асаре иншо намуда ба номи “Лисон-ул-араб”.

Назариёташро оид ба шеъру шоирӣ ва адабиёт дар қисми мантиқи асараш иброз доштааст. Аз он ҷумла, таърифи шеър дар китоби “Шифо” дар таърихи афкори адабии форс-тоҷик мақоми хос дорад. Тибқи таърифи ӯ, “шеър сухан (калом)-и мухайял аст, ки аз аҳволи мавзуну мутасовӣ сохта шуда ва назди аъроб дорои қофия ҳам мебошад” [11, с.435].

Абдулфазл Убайдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Алии Миколӣ (ваф.28.4.1045), ки донишманди улуми замони худ буд, дар илми адаб низ чандин асар эҷод намудааст. Инҳо “Махзан-ил-балоға” ё “Китоб-ул-махзан” (номаҳо ва руқаоти Абулфазли Миколиро ба

муосиронаш ва посуххои онхоро шомил буда, намунаи боризи насри мусаҷҷаи охири асри 10 ва аввали асри 11 маҳсуб мешавад), "Шарҳу ҳамосат Абитаммом", "Шарҳ девон ал-Мутанаббӣ" (дар шарҳи ашъори сухансароёни бузурги араб ва арабинавис), "Китоб-ул-мунтаҳил (мунтахабе аз назму насри араб аз давраи ҷоҳилият то асри 10 дар 15 боб) ва ғайра мебошанд. Нухсаҳои хаттии осори Абулфазли Миколӣ дар китобхонаҳои Эрон, Британия, Туркия, Яман нигаҳдорӣ шуда, то ҳанӯз бархе аз онҳо мавриди таҳқиқ қарор нагирифта ва табъу нашр нагардидаанд [1, с.218].

Абумансур Алӣ ибни Аҳмади Асадии Тӯсӣ (такр.1005/10-1073) асари "Луғати фурс"-ро дар ҳудуди соли 1065 таълиф намудааст. Дар ин китоб луғати осори беш аз 100 нафар шуарои Мовароуннаҳру Хуросон, ки дар асри 10 ва ибтидои асри 11 эҷод кардаанд, гирдоварӣ шудааст. Дар китоб асосан лексикаи душворфаҳм, аз ҷумла номҳои шахсони таърихӣ ва асотирӣ, лексика оид ба кору рӯзгор, номҳои растаниҳо, ҳайвонот ва ғайра ҷамъоварӣ шудаанд. Бисёр калимаҳо дар вариантҳои гуногуни фонетикӣ ва морфологӣ дохил шудаанд, ки аз тафовути лаҳҷа ва забони гуфтугӯӣ гувоҳӣ медиҳанд. Дар китоб миқдори зиёди вожаҳои марбут ба Эрони Шарқӣ ва суғдӣ ҷой доранд. Калимаҳои зиндаи гуфтугӯӣ ва лаҳҷавие, ки дар "Луғати фурс" омадаанд, барои омӯзиши таърихи забон ва шевашиносӣ аҳамияти зиёд доранд. Дар китоб пораҳои зиёде аз "Калима ва Димна", "Синдбоднома"-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, "Офариннома"-и Абушакури Балхӣ, "Вомиқ ва Узро"-и Унсурӣ, "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ғайра дарҷ шудаанд.

То ба имрӯз шаш нусхаи дастнависи ин китоб маҳфуз монда, ки қадимтарини онҳо соли 1322 китобат шудааст. Дар зимн бояд афзуд, ки Асадии Тӯсӣ дар радифи шоир ва олим будан, хаттоти тавоно низ буда, рисолаи тиббии Абумансур Муваффақи Ҳиравӣ "Китоб-ул-анбия" (1056)-ро китобат кардааст, ки ин нусха ҳоло дар шаҳри Венаи Австрия нигоҳдорӣ мешавад [5, с.117].

Абумансур Қатрони Табрезӣ (ваф.1072) китоби "Тафосир фӣ луғоти-л-фурс"-ро ҳудуди солҳои 1045-1050 таълиф намудааст. Ин китоб пас аз "Рисолаи Абуҳафси Суғдӣ"дувумин фарҳанги тафсирии форсӣ-тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Дар "Тафосир фӣ луғоти-л-фурс" ҳудуди 300 вожа шарҳ ёфтааст. Дар "Луғати фурс"-и Асадии Тӯсӣ ва "Сиҳоҳ-ул-фурс"-и Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ ёд шудааст. Аз ҷумла, Асадии Тӯсӣ дар ин бора менависад, ки "...дидам шоиронро, ки фозил буданд валекин луғати порсӣ кам медонистанд ва Қатрони шоир китобе кард ва он луғатҳо бештар маъруф буданд".

Бояд афзуд, ки Носири Хусрав дар "Сафарнома"-аш менависад, ки бо Қатрони Табрезӣ мулоқот дошт ва Қатрон маънои бархе аз вожаҳои барояш душворфаҳми девонҳои Мунҷики Тирмизӣ ва Дақиқиро аз Носири Хусрав мепурсанд. Сабаби хуб надонистани забони порсӣ аз ҷониби Қатрон он буд, ки забони модарии ӯ забони озарӣ буд.

Абубакр Абдулқодир ибни Абдурраҳмони Ҷурҷонӣ (ваф.1078) дар илми забоншиносӣ асарҳои "Асрор-ул-балоға ва-л-баён" (оид ба илми баён ва услуб), "Далоил-ул-эъҷоз" (дар таҳқиқи услуби Қуръон, назм, грамматика ва илми баён), "Ал-авомилу-л-миа" (оид ба грамматика ва ҳиссачаҳои ба флексияи исму феълҳо таъсиррасонанда), "Ал ҷумал" (грамматикаи мухтасари забони арабӣ) мебошад.

Китоби "Асрор-ул-балоға" дар бораи илми маонӣ ва баён иншо шуда, ба масъалаҳои возеҳбаёнӣ ихтисос дошта, муаллиф қоидаҳои онро, ки аз маҷозу истиора ва ташбеҳҳои

гуногун иборат аст, пеш оварда, сохту моҳияти онҳоро ба хонандагон аз ҷанбаи психологиву эстетикӣ ироа намудааст. “Асрор-ул-балоға” асарест, ки дар асоси он яке аз рукнҳои илми балоғат-илми баёнро, ки санъати возеҳу гуворо-баёни забонро меомӯзад, ба майдон овард. Он оҳиста-оҳиста тамоми таълимоти пешинаро рахна намуда, охирин рисолаи бо нуфузу арзанда оид ба шаклу мундариҷа дар назарияи адабиёти асримиёнагӣ ба ҳисоб меравад [4, с.189].

Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ (асри 11) китоби “Тарҷумон-ул-балоға”-ро доир ба санъатҳои бадеӣ таълиф намудааст. Вай бо истифода аз китоби “Маҳосин-ул-калом”-и Марғинонӣ истилоҳоту таърифоти санъатҳои бадеиро ба забони форсӣ-тоҷикӣ гардонда, онҳоро бо гуфтори устодони шеъри форсӣ тасдиқ менамояд. Муаллиф дар ин асар санъатҳои шеъри форсиро таҳқиқ карда, анвои онро муайян намудааст. Аз ин лиҳоз, ин асар барои поэтикаи шеъри тоҷикӣ арзиши баланд дорад. Ҳамчунин муаллиф зимни шарҳи санъатҳои бадеӣ оид ба қонуниятҳои гуногуни шеъри форсӣ мулоҳизоти арзишманд баён намудааст. Дар “Тарҷумон-ул-балоға” 72 навъи шеърҳо фасли алоҳидаи китобро ташкил додаанд. Дар ин китоб 45 тан аз шоирон номбар шудаанд, ки ному насаб ва намунаи шеъри қисме аз онҳо тавассути ҳамин китоб маъмул гардидаанд. Ин асар манбаи гаронбаҳоест, ки барои омӯхтани эҷодиёти шоирон ва хусусиятҳои шеъри асрҳои 10-11 кумак мерасонад. “Тарҷумон-ул-балоға”, раҳнамоест барои таълифи китобҳо ва таҳқиқи санъати бадеӣ дар оянда. Чунончи, китоби Рашидуддини Ватвот “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ -уш-шеър” дар ҷавоби он таълиф шудааст [10, с.178].

Абулқосим Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ (18.3.1075-13.6.1144) дар риштаҳои гуногуни илм, аз қабили сарфу наҳви забони арабӣ, адабиёт ва ғайра таълиф намуда, ки то ба рӯзгори мо беш аз 30 асараш боқӣ мондааст. “Муқаддимат-ул-адаб”, “Атвоқ-уз-заҳаб фӣ-л-мавоиз ва-л-хатаб” (“Тавқҳои заррин дар вазъҳо ва хитобаҳо”) аз 99 мақолаи бо усули мақоманависӣ таълиф шуда иборат аст. “Насоиҳ-ул-кибор” (“Андарзи бузургон”) низ дар шакли мақомаҳо нигошта шуда, масъалаҳои панду ахлоқро дар бар гирифтааст. “Асос-ул-балоға” дар илми луғатшиносии арабӣ то имрӯз аҳамияти худро гум накардааст. “Ал-қустос фи-л-аруз” (“Мизони аруз”) доир ба қонуну қоидаҳои аруз баҳс карда, имрӯз низ аҳамияти зиёди илмӣ дорад.

Абусаиди Самъонӣ (1113-1167) дар “Китоб-ул-ансоб” (“Насабнома”) ва Ёқути Ҳамавӣ (1179-1229) дар “Иршод-ул-ариб ила маърифат-ил-адиб” (“Роҳнамои шиносоӣ бо адибон”) Замахшариро олими беҳамто ва пешвои адибони замони худ номидаанд. Вай соҳиби девони ашъори арабӣ буд. Абулқосими Замахшарӣ китоби “Муқаддимат-ул-адаб”-ро дар панҷ қисм таълиф намудааст. Ин асар дастури забони арабӣ ва луғати дузабонаи арабӣ-форсӣ буда, бад-ин тариқ: 1. Исмҳо. 2. Феълҳо. 3. Ҳуруф (ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ). 4. Баргардониши исмҳо. 5. Тасрифи феълҳо. Дар се қисми аввал исмҳо, феълҳо ва ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқи забони арабӣ бо тарҷумаи форсии тоҷикиашон ҷой дода шудаанд. Ду қисми дигари китоб дастури таълими забони арабӣ мебошад. Муаллиф дар шарҳи калимаву ибора ва ҷумлаҳои арабӣ дар қисмҳои 1-3 китобаш кӯшидааст бештар аз вожаҳои аслии форсӣ-тоҷикӣ истифода кунад.

Бояд гуфт, ки нусхаҳои дастнависи “Муқаддимат-ул-адаб”-и Замахшарӣ, ки асосан дар асрҳои 14-15 китобат шудаанд, дар китобхонаҳои кишварҳои мухталиф нигоҳдорӣ мешаванд. Дар яке аз нусхаҳо вожаҳои арабӣ ба забони хоразмӣ шарҳ дода шудаанд. Ин

нусхаро олими турк Закӣ Валиди Тӯқон бо номи “Тарҷумаи хоразмии “Муқаддимат-ул-адаб” соли 1951 дар шаҳри Истамбул ба тариқи нусхаи аксӣ нашр кардааст.

Донишманди олмонӣ Ҷ.Г.Вотштейн бори аввал нашри пурраи “Муқаддимат-ул-адаб”-ро дар соли 1843 дар шаҳри Лейпсиг ба анҷом расонидааст.

Дар соли 1983 се қисмати аввали ин асар бо кӯшишу эҳтимоми Саидмуҳаммад Козими Имом бо номи “Пешрави адаб” табъу нашр шудааст.

Абуҷаъфар Аҳмад ибни Алӣ ибни Муҳаммад Муқрии Байҳақии Нишопурӣ (1077-1150) муаллифи китобҳои “Ал-муҳит”, “Янобеъ-ул-луғат”, “Тоҷ-ул-масодир” мебошад. Аз ҷумла, луғати арабӣ ба форсӣ- тоҷикии “Тоҷ-ул-масодир”-и ӯ бар асоси “Китоб-ул-масодир”-и Абуабдуллоҳ Ҳусайн ибни Аҳмади Зӯзанӣ (ваф.1093), ки яке аз нахустин луғати арабӣ ба форсист, иншо шуда ва ҳаҷми он ду баробари китоби Абдуллоҳи Зӯзанӣ мебошад. Дар “Тоҷ-ул-масодир” масдарҳои арабӣ ба эътибори сохт, ҳаракати реша ва бобҳои феъл ба 23 боб тақсим шуда ва дар дохили бобҳо масдарҳо аз рӯйи шакл дода шуда, дар ҳар бахш тибқи ҳарфи охири реша бо назардошти ҳарфҳои аввал ва дуюм омадаанд. Ин китоб дар радифи омӯзиши сохти феълии забони арабӣ, ҳамчунин дар таҳқиқи лексикаи форсӣ-тоҷикии он давра низ дорои аҳамияти зиёд буд. Чунки дар кисми тарҷумавии китоб бисёр вожаҳои форсӣ-тоҷикӣ оварда шудаанд, ки маҳз тавассути “Тоҷ-ул-масодир” маҳфуз мондаанд.

Саъдулмулк Рашидуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Абдуҷалили Балхӣ маъруф ба Рашиди Ватвот (1087-1178 ё 1183) муаллифи рисолаҳои “Аруз” ё “Ақсом-ул-буҳур” ва “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър” мебошад. Вай дар рисолаи “Аруз” дар бораи 29 баҳри аслӣ ва фаръии аруз маълумот медиҳад. Асари “Ҳадоиқ-усеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър” дар илми баён ва санъатҳои лафзию маънавии назму насри солҳои 40-уми асри XII таълиф шудааст. Шавоҳиди шеърие, ки Рашиди Ватвот аз адабиёти араб иқтибос кардааст, қисми аъзами мисолҳои “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър”-ро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ, 160 маврид аз шеъри арабӣ иқтибос гардида, муаллифи 17 байти он ҳанӯз ношинохта боқӣ мондааст. Н. Челисова тибқи тарғиби хронологӣ ҷадвале тартиб дода, ҳамаи муаллифони арабизабонеро, ки шеърашон дар “Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър” дарҷ гардида аст, аз рӯйи таваллуд ва замони эҷодашон ба панҷ давра тақсим намудааст:

I. Шоирони тоисломӣ ва садри ислом.

II. Шоирони аҳди уммавӣ.

III. Шоирони аҳди аббосӣ (миёни асри VIII аввали асри X).

IV. Шоирони давраи суқути хилофат ( асрҳои X-XII)

V. Шоироне, ки дар бораи онҳо маълумот пайдо нашуд.

Ба давраи нахуст 6 шоир, ба давраи дувум низ 6 шоир, ба давраи севум 7 шоир, ба давраи чаҳорум 27 шоир ва давраи панҷум 1 шоир мутааллиқ буда, дар маҷмуъ 48 шоири араб мавриди баррасии Рашиди Ватвот қарор гирифтааст. Вале аз ҳама бештар ба ашъори Мутанаббӣ (24 маврид) ва Ҳарирӣ (7 шоҳид ва 4 намунаи насрӣ) таваҷҷуҳ доштааст.

Рисолаи Рашиди Ватвот шомили муқадимаи кӯтоҳ ва 55 фасл буда, муаллиф дар ҳар фасл 1 санъати бадеиро бо навъҳояш тавзеҳ медиҳад. Инчунин, дар фасли охирин 8 санъати камаҳмиятро шарҳу баст мекунад, ки дар маҷмуъ, бар мабнои истилоҳоти он замон, 63 “санъати бадеъ”-ро фаро мегирад [15, с.15]. Абдулқодири Ҷурҷонӣ (ваф.1081) ба ҳайси поягузори илми маонӣ шинохта шудааст. Вай муаллифи китобҳои “Далоил-ул-эъҷоз” ва “Асрор-ул-балоға” буда, дар онҳо ибтидо барои ҳар масъала таърифи дақиқи

илмӣ ва мантиқӣ дода, сипас мисолҳову шоҳидҳоро овардааст. Вай дар “Далоил-ул-эъҷоз” дар боби фасоҳату балоғат ва маъно баҳсҳоеро ба миён гузоштааст, ки бисёре аз онҳо пас аз вай мавзуи илмҳои баён ва маонӣ қарор гирифтаанд. Мавзуъҳои Ҷурҷонӣ ба монанди тафовути ташбеҳ ва тамсил, тафовути маҷози ақлӣ ва луғавӣ дар боби илми баён навоварӣ буданд. Ҳамчунин, вай дар ин китоб илми баёнро бо балоғат, фасоҳат ва бароат ҳамрадиф сохта, матолибе оварда, ки пас аз вай мавзуи собит дар илми балоға шудаанд. Аз ҷумла, баҳси маҷозу киноя, маҷози ҳукмӣ, таъриз ва киноя, ақливу маънавӣ будани фасоҳату кинояву истиора ва чанд матлаб дар бораи истиора. Китоби дигари Ҷурҷонӣ “Асрор-ул-балоға”, ки аз манбаъҳои илми баён ба шумор меравад, муштамил бар масъалаҳои муҳим дар заминаи ташбеҳ, ҳақиқату маҷоз ва тамсилу истиора аст [12, с.47].

То давраи Ҷурҷонӣ фанҳои бадеъ, баён ва маонӣ ба ҳам даромехта буданд. Вай нахустин касе аст, ки онҳоро аз ҳам ҷудо кард. Бад-ин тартиб дар илми баён ҳашт боб пайдо шуд: 1) Асноди хабарӣ. 2) Аҳволи муснидилайҳ (мубтадо). 3) Аҳволи муснид (хабар). 4) Аҳволи мутааллиқоти муснид (дар ҷумла аъзои тобеъ ва хабар). 5) Аҳволи қаср. 6) Аҳволи иншо. 7) Аҳволи фасл ва васл. 8) Аҳволи эҷоз ва итнобу мусовот [12, с.48].

Дар асрҳои XI-XII нахустин тазкираҳо ба забони порсӣ таълиф меёбанд. Тазкира маҷмуаест, ки дар он шарҳи ҳол ва намунаҳо аз ашъори шоирон сабт меёбанд. Инҳо “Ятимат-уд-даҳр”-и Саолибӣ, “Тазкираи мусаввар”-и Муҳаммади Ровандӣ, “Маноқиб-уш-шуаро”-и Камолуддини Хотунӣ, “Чаҳор мақола”-и Низомии Арузии Самарқандӣ, “Китоб-уш-шеър ва-ш-шуаро”-и Динаварӣ мебошанд.

Китоби “Ятимат-уд-даҳр фӣ маҳосин аҳли-л-аср”-и Саолибӣ дар соли 1000 таълиф шуда ва дар солҳои 1011-17 аз нав таҳрир ёфтааст. Дар ин китоб муҳити адабии асрҳои 10-11-и Миср, Шом (Сурия), Ироқ, Андалус, Хуросону Мовароуннаҳр ва ғайра мухтасар тавсиф гардида, аз эҷодиёти намоёнтарин шоирону нависандагон намунаҳо оварда шудаанд. “Ятимат-уд-даҳр” дорои чаҳор қисм буда ва ҳар қисм дорои чандин боб мебошад. Дар қисми чаҳоруми китоб 124 нафар олимон, нависандагон ва шоирони арабизабони форс-тоҷик зикр шудаанд.

“Тазкираи мусаввар”-и Зайнуддини Ровандӣ дар соли 1172 ё 1181 тартиб дода шудааст. Вай доир ба ин тазкира дар “Роҳат-ус-судур” ном китобаш маълумот додааст. Тибқи ин маълумот Ҷамоли Наққоши Исфаҳонӣ дар вароқе акси ин ё он шоирро тасвир намуда, сипас Ровандӣ шарҳи ҳол ва намунаи ашъори ӯро сабт мекардааст. Аз ин китоб то ҳол нусхае дар даст нест.

Китоби “Чаҳор мақола”-и Низомии Арузии Самарқандӣ соли 1156 таълиф гаштааст. Дар ин китоб аз зиндагии олимону донишмандону шоирони асрҳои 10-11 Ҳанзалаи Бодғисӣ, Рудакӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Муиззӣ, Масъуди Саъди Салмон, Амъақи Бухороӣ, Рашидии Самарқандӣ, Умари Хайём, Абуалӣ ибни Сино ва дигарон лавҳаҳои ҷолиб оварда шудаанд.

Таълифоти Абуабдуллоҳ Алӣ ибни Муҳаммади Шерозӣ маъруф ба Бобо Кӯҳӣ ё Ибни Бокӯя (933-1050) “Ахбор-ул-орифин”, “Ахбор-ул-ғофилин”, “Видояту ҳолӣ-л-Ҳаллоҷ”, Абдураҳмон Муҳаммад ибни ал-Ҳусайн ибни Муҳаммад ибни Мусои Сулламии Нишопурӣ (936-1021) “Табаққот-ус-суфия”, “Одоб-ус-суҳба”, “Арбаъин”, “Рисолат-ул-маломатия”, “Ҳақоиқ-ут-тафсир”, “Ал-иҳват ва-л-ахавоту-с-суфия”, “Таърих-ус-суфия”, “Сунан-ус-суфия”, Ҳасан ибни Музаффар Абуалии Нишопурӣ (ваф.1050) “Таҳзиби” “Ислоҳ-ул-мантиқ”-и Ибн ас Сукайт”, “Таҳзиби “Девон-ул-адаб”-и Иброҳими Форёбӣ”,

“Зайли “Ятимат-ул-ятима”-и Абдулмалики Саолиби”, Раиси Шаҳид Абулҳасан (Абулқосим) Алӣ ибни Ҳасани Бохарзӣ (қатл дар соли 1074) “Дамият-ул-қаср ва исрату аҳли-л-аср” дар ҳаёту фаъолияти шоирони арабигӯи эронитабор, Абунаср Бадруддин ибни Абубакр ибни Ҳусайн ибни Ҷаъфар маъруф ба Абунасри Фароҳ (а.XI) “Нисоб-ус-сибён” (Фарҳанги манзуми арабӣ-форсӣ), Абуабдуллоҳ Ҳусайн ибни Аҳмади Зӯзанӣ (ваф.1093) луғатномаи “Ал-масодир”, “Тарҷумон-ул-Қуръон”, “Шарҳи муаллақоти сабъа”, “Ал-луғат-ул-форсия”, “Китоб-ул-масодир”, Бадеъуззамони Натанзӣ (ваф.1103) “Китоб-ул-халос”, “Дастур-ул-луғат”, “Китоб-ул-мирқот” дар луғати арабӣ ба порсӣ, Шайх Абулҳасан Алӣ Ҳуҷвирии Чаллобии Ғазнавӣ (1010-1072) “Кашф-ул-маҳҷуб” дар бораи аҳли тасаввуф, Хатиби Табрезӣ (1030-1108) “Шарҳи девони ал-Ҳамоса”, “Таҳзиби”, “Ислоҳ-ул-мантиқ”, “Шарҳи девони Мутанаббӣ”, “Шарҳи “Садоқат-ул-занд”, Муваффақиддин Абутоҳир ибни Ҳайдари Хотунӣ (а.12) тазкираи “Маноқиб-уш-шуаро” [3, с.355]. Абулфазл Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад маъруф ба Майдонии Нишопурӣ (ваф.1124) “Ал-анмузиҷ фӣ-н-наҳв”, “Ҳодию-ш-шодӣ” (дар илми наҳв), “Нуҳзату-т-тарф фӣ илми-с-сарф”, “Ас-сомӣ фӣ-л-асомӣ”, Имом Абулфатҳ Носир ибни Абилмакорим Абусаид ибни Алӣ машҳур ба Мутарризии Хоразмӣ (1143-1213) “Ал- мағриб фӣ луғати-л-фиқҳ”, “Ал-муарраб”, “Шарҳи мақомоти Ҳарирӣ” [3, с.101] ва ғайра низ дар ин заминаанд.

Ҳамчунин, Абунаср Исмоил ибни Ҳумоди Ҷавҳарӣ маъруф ба Имом Ҷавҳарии Форобӣ (ваф.1008), Абулқосим Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Ҳабиби Нишопурӣ (ваф.1015), Абулфазл Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Саид ибни Бишр маъруф ба Бадеъуззамони Ҳамадонӣ (968-1007), Абумансури Ҷуббон (а.10-11), Абузакариё Яҳё ибни Алии Шайбонӣ маъруф ба Хатиби Табрезӣ (1030-1108), Аминуддин ибни Фазли Табрисӣ (ваф.1153), Айнулқуззоти Ҳамадонӣ (1098-1130/38), Алоуддини Шамсулислом (а.12), Абуалӣ Фазл ибни Ҳасани Табрисӣ (1005/17-1153) Абумуҳаммад ибни Муҳаммади Бухороии Хоразмӣ маъруф ба Бофӣ (ваф.1008), Абдулмалики Ҷувайнӣ (1028-1085), Абубакри Ҷурҷонӣ (ваф.1087), Ибни Шаҳрошӯб (1096-1192) ва дигарон дар самтҳои гуногуни улуми филологӣ пажӯҳиш намудаву осор офаридаанд.

Хуллас, дар асрҳои XI-ибтидои 13 улуми филологӣ ё адабӣ ба таври чашмрас рушд доштааст. Сабабҳои аслии ин пешрафт дар он буд, ки дар ин давра дар шаҳрҳои хурду бузурги тоҷикон мадрасаҳои зиёде фаъолият менамуданд, ки дар онҳо дар радифи улуми исломӣ улуми адаби араб низ таълим дода мешуд. Сабаби дигари ин тараққиёт вуҷуд доштани васоили улуми адабӣ, аз қабили китобхонаҳо ва мавқуфоти бисёр буд. Ҳамчунин, мавҷуд будани дӯстдорони зиёди ин илмҳо дар миёни қишрҳои садрнишини ҷомеаи ин давра буд. Дилбастагӣ ва шавқу завқи шуҳрат пайдо намудани дарборҳояшон боис мегаштанд, ки ҳокимон шоирони зиёди маддоҳро ҷалб намуда, барои ҳар як мадҳияи сурудаашон ба онҳо подоши бузург диҳанд, ки ин амал сабаби зиёд гардидани сафи шоирон низ гардид.

**Муқарриз: *Ғуломов Т.М..* – н.и.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоев И. Поэзия на арабском языке в Средней Азии и Хорасане IX-X / И.Абдуллоев. - Ташкент, 1984.
2. Авфӣ М. Лубоб-ул-албоб. -Теҳрон, 1954.
3. Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим. -Душанбе, 2007.
4. Исаева Ф. “Асрор-ул-балоға”//Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. -Душанбе, 1988. Ҷ.1.

5. Капранов В. “Луғати фурс //Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. -Душанбе, 1989. -Ҷ.2.
6. Капранов В.А. “Луғати фурс”- Асадии Туси и его место в истории таджикской лексиографии. -Душанбе, 1964.
7. Носири Хусрав. Сафарнома. -Душанбе, 1970.
8. Нурӣ М. Саҳми арзишманди Эрон дар фарҳанги ҷаҳон. -Теҳрон, 1988. -Ҷ.2.
9. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёти Эрон. -Теҳрон, 1994. Ҷ.1.
10. Шарифов Х. “Тарҷумон-ул-балоға”//Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. -Душанбе, 2004. -Ҷ.3.
11. Энсиклопедияи миллии тоҷик. -Душанбе, 2018. -Ҷ.7.
12. Энсиклопедияи миллии тоҷик. -Душанбе, 2019. -Ҷ.8.
13. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. -Душанбе, 1989. -Ҷ.2.
14. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. -Душанбе, 2004. -Ҷ.3.
15. Юсупов У. Шоҳкори ҷовиди Рашидуддини Ватвот / У. Юсупов //Адаб, №1(49), 2019.

## ГУСТАРИШИ ДОИРАИ ФАЪОЛИЯТИ ЗАБОН ВА АДАБИ ФОРС-ТОҶИК ДАР АСРҲОИ XI-XII

Дар мақола қайд гардидааст, ки дар давраи мавриди назари мо улуми адабӣ тараққӣ ва ривоҷи бисёр дошт. Яке аз сабабҳои асосии ин пешрафт вуҷуди мадрасаҳои зиёде дар минтақаҳои гуногуни сарзаминҳои исломӣ, бахусус Хуросону Мовароуннаҳр буд. Дар марказҳои гуногуни таълимӣ устодони бузург ба тадрис машғул буданд. Дар тамоми ин ниҳодҳои таълимӣ дар радифи улуми исломӣ улуми адаби араб низ таълим дода мешуд. Сабаби дигари ин пешрафт вуҷуд доштани васоили улуми адабӣ, аз қабили китобхонаҳо ва мавқуфоти бисёр буд. Ҳамчунин, мавҷуд будани дӯстдорони зиёди ин илмҳо дар миёни султонҳо, вазирон, раисон ва дигар соҳибмансабони ин давра буд. Маҳз бо ин сабабҳо теъдоди онҳое, ки ба улуми адабӣ иштиғол доштанд, бисёр буд. Аз дигар мушаххасоти густариши доираи фаъолияти забон ва адаби форс-тоҷик инҳо буданд:

1. Дар илми луғат равише, ки дар асри даҳум дар миёни донишмандони улуми забоншиносӣ ривоҷ ёфта буд, яъне танзими луғатҳо бинобар қоидаҳои иштиқоқ, идома дошт.
2. Дар дигар илмҳои адабӣ, аз ҷумла дар илми балоғат низ, донишмандони эронитабори он давра ба забонҳои арабӣ ва порсӣ асарҳои арзишманд офаридаанд.
3. Дар ҳамин давра таълиф ва таҳияи китобҳо дар илмҳои маонӣ ва балоғат ба забони порсӣ низ маълум гардида буд.
4. Ин давра яке аз давраҳои бисёр муҳим ва арзандаи адабиёти форс-тоҷик буда, забон ва адаби порсӣ ба суръати ҳайратангез тавсеъа ва ривоҷу равнақ ёфтааст.

**Калидвожаҳо:** забон, адабиёт, порсӣ, густариш, китоб, шеър, шоир, донишманд, Хуросон, Эрон, Ҳинд, Мовароуннаҳр.

## РАЗВИТИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЛИТЕРАТУРНЫХ КРУГОВ ПО ИЗУЧЕНИЮ И РАСПРОСТРАНЕНИЮ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ В XI-XII ВЕКАХ

В статье отмечается, что в рассматриваемый период литературоведение получило большое развитие и развитие. Одной из основных причин этого прогресса было наличие множества медресе в разных регионах исламских земель, особенно в Хорасане и Моваруннахре. Великие учителя преподавали в различных образовательных центрах. Во всех этих учебных заведениях наряду с исламской наукой преподавалась и арабская литература. Другой причиной этого прогресса было наличие учреждений литературоведения, таких как библиотеки и многие институты. Также среди султанов, министров, президентов и других чиновников этого периода было много любителей этих наук. Именно по этим причинам число тех, кто интересовался литературоведением, было велико. Среди других спецификаций расширения сферы применения персидско-таджикского языка и литературы были следующие:

1. В науке о лексике продолжился подход, развивавшийся в X веке среди ученых-лингвистов, т. е. регламентация словарей за счет правил интереса.
2. В других литературных науках, в том числе в науке о подростковом возрасте, иранские ученые того периода создали ценные труды на арабском и персидском языках.
3. В этот же период известно также авторство и разработка книг по смысловым и взрослым наукам на персидском языке.
4. Этот период является одним из самых важных и ценных периодов персидско-таджикской литературы, и персидский язык и литература расширялись и развивались с поразительной скоростью.

**Ключевые слова**: язык, литература, персидский, экспансия, книга, поэзия, поэт, ученый, Хорасан, Иран, Индия, Мавераннахр.

**EXPANDING THE ACTIVITIES OF LITERARY CIRCLES OF STUDYING AND DISTRIBUTION OF THE PERSIAN-TAJIK LANGUAGE AND LITERATURE IN THE XI-XII CENTURIES**

The article notes that in the period under review, literary criticism received great development and development. One of the main reasons for this progress was the presence of many madrasahs in different regions of the Islamic lands, especially in Khorasan and Movarunnahr. Great teachers taught in various educational centers. In all these educational institutions, along with Islamic science, Arabic literature was also taught. Another reason for this progress was the presence of literary institutions such as libraries and many institutes. Also among the sultans, ministers, presidents and other officials of this period there were many lovers of these sciences. It is for these reasons that the number of those who were interested in literary criticism was large. Among other specifications for expanding the scope of the Persian-Tajik language and literature were the following:

1. In the science of vocabulary, the approach that developed in the 10th century among linguists continued, i.e., the regulation of dictionaries through the rules of interest.

2. In other literary sciences, including the science of adolescence, Iranian scholars of that period created valuable works in Arabic and Persian.

3. In the same period, the authorship and development of books on semantic and adult sciences in Persian is also known.

4. This period is one of the most important and valuable periods of Persian-Tajik literature, and the Persian language and literature expanded and developed at an astonishing rate.

**Key words**: language, literature, Persian, expansion, book, poetry, poet, scholar, Khorasan, Iran, India, Transoxiana.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Расулиён Қаҳҳор*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

***Раҳимзода Қурбоналӣ Назар*** Донишгоҳи давлатии Данғара, саромӯзгори кафедраи идораи давлатӣ ва таърихи умумӣ. **Суроға:**735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Шарипов, 3. Телефон: **904-43-42-14**

**Сведение об авторах:** ***Расулиён Каххор*** **–** Таджикский национальный университет,доктор историческихнаук, профессор кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17.

***Рахимзода Курбонали Назар*** **–** Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры государственного управления и общей истории. **Адрес:**735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Шарипова 3. Телефон: **904-43-42-14**

**Information about the authors:** ***Rasuliyon Kakhhor*** - Tajik National University, Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of History of the Tajik people. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.

***Rakhimzoda Kurbonali Nazar*** - Dangara State University, Senior Lecturer, Department of Public Administration and General History. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, Sharipov street 3. Pone: **904-43-42-14**

**УДК:930.1(575.32+510)**

# МАНСУБИЯТИ НАЖОДИИ ТОҶИКОНИ ХИТОЙ ВА ҲАЁТУ ЗИНДАГИИ ОНҲО ДАР ТОШҚӮРҒОН

*Шарифов Ш.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мансубияти нажодии тоҷикони Хитой он чи марбути тоҷиконе аст, ки айни замон дар Хитой зиндагӣ доранд. Мувофиқи маълумоти Н. А Кисляков, онҳо аз ду халқияти наздипомирӣ - сарикӯлӣ ва вахониҳо иборат мебошанд, ки ба забони хосси гурӯҳи эронии шарқӣ ҳарф мезананд. Оммаи нисбатан бештари сарикӯлиҳо танҳо дар Хитой маскунанд, вахониҳо бошанд, дар Тоҷикистон ва дар Афғонистон зиндагӣ мекунанд. Дар ҳудуди Хитой вахониҳо аҳолии нисбатан баъдтар маскуншуда мебошанд, ки аз ҳудуди ин ду давлати мазкур омадаанд [10].

Сарикӯлиҳо ягона халқияти наздипомирие мебошанд, ки танҳо дар қаламрави Туркистони Шарқӣ зиндагӣ мекунанд, ки онҳо авлодони аҳолии қадимии аслии ҳамин минтақа мебошанд. Тоҷикони Сарикӯл ё сарикӯлиҳо дар водиҳои дарёи Сарикӯл (Тошқӯрғон) ва шохобҳои он Тагарма, Вачи, қисман Марион, Раскемдарё ва поёнтар дар соҳили шохоби он - Марион ба таври муқимӣ зиндагӣ мекунанд. Водии ин дарёҳо аз қисмати ғарбӣ аз олами беруна бо силсилакӯҳҳои Сарикӯл, дар шарқ бошад, бо силсилакӯҳҳои Қошғар ва Тошқӯрғон баста мебошад, аз ин рӯ робитаи сарикӯлиҳо бо ҳамсоягон хеле мушкил аст.

Полковник А. Корнилов, ки аз Тошқӯрғон дидан кардааст, менависад, ки намояндагони нажоди ориёии қадим дар Қошғар тоҷикони сарикӯлӣ мебошанд. Аз нигоҳи аслу насаб сарикӯлиҳо хешовандони тоҷикони Вахон, Шуғнон ва Рӯшон мебошанд, ки бо лаҳҷаи махсуси забони форсии қадима сухан мегӯянд [13].

Забони сарикӯлӣ аз ҷумлаи забонҳои эронии шарқии помирии хонаводаи ҳиндуаврупоӣ мебошад ва аз нигоҳи таснифотӣ бо нигоҳ доштани махсусияти муайяни худ, ба гурӯҳи шуғнонию рӯшонӣ дохил мешавад. Забони сарикӯли хат надорад, аз ин рӯ мактаб ва воситаҳои ахбори умум бо забони уйғурӣ аст ва ҳамин боиси дузабонии мардуми Сарикӯл гардидааст. Номи забон- сарикӯлӣ, аз номи маҳал, ки дар он соҳибони забон иқомат доранд, бармеояд» [1].

Вазъи забониро дар Бадахшони Кӯҳистон тавсиф намуда, метавон гуфт, ки дар баробари забони маҳалии гуфтугӯӣ, аз замонҳои қадим дар ин ҷо забони тоҷикӣ (форсӣ), ки ҳамчун воситаи муошират байни ин аҳолии гуногунзабон хидмат мекард, паҳн гардидааст. Ғайр аз ин, забони тоҷикӣ дар ин минтақа забони хаттӣ, адабиёт, фолклор, коргузорӣ, забони ҷанбаҳои зиёди муҳимми ҳаёти маънавӣ ба шумор меравад. Дар партави далелҳои ноҳамгунии забонии халқҳои олам, муқаррароти назариявии илми нажодшиносӣ дар бораи забон, чун нишони нажодӣ, аҳолии Бадахшони Кӯҳистонро наметавон нажодан аз халқи тоҷик ҷудо кард ва онро халқи мустақил донист.

Масъала сари он, ки оё сарикӯлиҳо мардуми бумии ин сарзаминанд, ё не, қобили баҳс мемонад. Наздикии бешубҳаи онҳо бо шуғниҳо ба нуқтаи назаре дар хусуси кӯчонда шудани сарикӯлиҳо аз Шуғнон сабаб гардидааст. Баъзе донишмандон бошанд, ба ҳамон умумиятҳо такя намуда, чунин мешуморанд, ки халқҳои Помир, баръакс аз шарқ ба ғарб ҳаракат намудаанд ва сарикӯлиҳои Хитой гурӯҳи помириҳое мебошанд, ки дар маҳалли зисти қаблии худашон боқӣ мондаанд. Аз ҷиҳати мансубияти мазҳабӣ сарикӯлиҳо исмоилӣ мебошанд.

Барои ҳалли масъала дар бораи худномгузории нажодии бадахшиёни кӯҳистон аҳамияти истисноӣ, ҳалкунандаро маълумоти муаллифи муътабар тоҷикшинос М. С. Андреев доро мебошад, ки ӯ бо ин масъала тақрибан дар давоми ним аср ба таври махсус машғул буд ва дар натиҷаи таҳқиқотҳои амиқи ин масъала ба чунин хулоса омад: «Ин худмуайянкунии куҳани сокинони болооби Панҷ, ҳамчун тоҷикро бояд ба эътибор гирифт ва бо он эътино кард. Дар ҳақиқат ва таърихан, аз нигоҳи забонӣ ҳам онҳо тоҷиканд» [14].

Доир ба мансубияти нажодии бадахшониён (помириҳо) дар адабиёти илмӣ ду нуқтаи назари хилофи ҳамдигар ва якдигарро истиснокунанда мавҷуд аст. Аз дидгоҳи яке бадахшониён – тоҷикон мебошанд, дигаре бошад, иддио дорад, ки онҳо тоҷик нестанд ва аз як қатор халқиятҳо иборат мебошанд (Л.Ю. Моногаров ва И. Муҳиддинов ) [1].

А. С. Давидов бар асоси таҳлили амиқ, воқеъбинона ва ҳамаҷонибаи маълумот ва шаҳодатҳои таърихӣ, нажодшиносӣ, бостоншиносӣ, антропологӣ ва забоншиносии беш аз 50 муаллифе, ки дар Бадахшони Кӯҳистон буданд, ба таври муътамад ва илмӣ собит намуд, ки аз рӯйи мансубияти нажодӣ аҳолии Бадахшони Кӯҳистон (помириҳо) - тоҷикони асил ҳастанд. Ӯ чунин меҳисобад, ки мавҷудияти шеваҳо ва гӯйишҳои эронии шарқии қадимтарини худи кӯҳистониёни Бадахшон ва истифодаи васеи забони умумихалқӣ – тоҷикӣ, тафовути динӣ, хусусиятҳои анъанавии фарҳанги ориёӣ ва тафовутҳои зоҳирӣ (гандумгун, чашмкабуд), имкон медиҳад онҳоро чун дигар точикони кӯҳистонӣ нигаҳдорандагони покизагии антропологӣ ва нажодии халқи тоҷик маҳсуб донем. Кӯҳистони Бадахшон бо мардуми таҳҷоӣ хеле пештар аз зуҳури сакоиҳо дар минтақа, аз асрҳои II то милоди сокин шудаанд ва аҳолии муқимии Кӯҳистони Бадахшон бо аҳолии ҷануби Тоҷикистон ва дигар вилоятҳои ҳамҷаворе, ки Бохтари қадимро ташкил медоданд, аслу насаби ягона доштанд [3].

Ноҳияи худмухтори Синсзяну Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой соли 1955 ташкил ёфтааст. Дар ҳудуди он воҳидҳои маъмурии худмухтори зиёди миллатҳои мухталиф ташкил шудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо чаҳор воҳиди маъмурии тоҷик ба онҳо дохил мешаванд:

1. Уезди худмухтори Тошқӯрғон дар ҳудуди уезди собиқи Пули.
2. Волосит миллии Зарафшон дар уезди Ёрканд (Шаче). Ба ҳайати он 10 деҳа дохил мешавад.
3. Волости миллии Навобод дар уезди Гумма (Пишон). Ба ҳайати он 3 деҳа дохил мешавад.
4. Волосит миллии Озодобод дар уезди Карғалик (Ечэн).

Оммаи асосии тоҷикон, асосан дар ҳудуди уезди худмухтори Тошқӯрғон зиндагӣ мекунанд. Масофаи байни Қошғар ва Тошқӯрғон 290 км аст. Дар роҳ ба сӯйи Тошқӯрғон мошин бо роҳи кӯли Қароқӯл мегузарад, ки он дар доманаи кӯҳи Музтоғ (Кӯҳи яхин) ҷойгир аст. Қуллаи Музтоғ дар баландии 7546 метр воқеъ гашта, бо Покистон ҳамсарҳад аст. Ин макони хеле ҷолибест, ки аз он ҷаҳонгардон дидан мекунанд [5].

Музтоғ бо барфу яххо пӯшида аст. Аз ин кӯҳ дарёҳои зиёд сарчашма мегиранд, ки дар ҳудуди Тошқӯрғон ҷорианд. Пас аз гузаштан аз канори кӯли Қароқӯл ва роҳи кӯҳии Музтоғ қаламрави уезди Тошқӯрғон оғоз мегирад, ки он дар баландии 3200 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Ҳудуди Тошқӯрғон 25 ҳазор км$^2$ ро ташкил дода, бо Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон ҳамсарҳад аст. Дарозии сарҳади Тошқӯрғон бо кишварҳои номбурда 888 км-ро ташкил медиҳад. Дар ҳамин минтақа роҳи мошингард аз Мурғоб (Тоҷикистон) аз тариқи ағбаи сарҳадии Қулма ба Қароқоруми Покистон мегузарад. Аз маркази Тошқӯрғон то сарҳади Қулма (ба самти шаҳри Қошғар ) 80 км ва то саҳади Мурғоб 40 км аст.

Аз ҳудуди Тошқӯрғон дарёҳои зиёди калону хурд ҷориянд, ки аз кӯҳҳои зиёди яхини Тошқӯрғонро иҳотанамуда ба вуҷуд омадаанд. Кӯҳҳои аз ҳама маъруфи он Музтоғи дар боло номбурда мебошад. Дарёҳои калон ва машҳури Тошқӯрғон дарёи Зарафшон ва Тошқӯрғон мебошанд, дарёчаҳои дигар ба ин ду дарё пайваста ва сипас онҳо ба дарёи Тарим мерезанд. Аз қисмати шарқии дарёи Зарафшон ба он дарёҳои зерин мепайванданд: Кулчин, Шиншол, Марийнг, Пил ва Дотунг. Дарёи Тошқӯрғон ҳанӯз дар сароби худ ба дарёи Карачуқур ва Донгбаш ҳамроҳ шуда, аз ғарб ба ҷониби шимолу шарқ ҷорӣ мешавад. Дарозии дарёи Тошқӯрғон 240 км аст [10].

Дарёи Зарафшон аз ҳудуди Тошқурғон дар минтақаи ноҳияи Окту ҷорӣ шуда, ба дарёи Тошқӯрғон пайваст мешавад ва сипас ҳар ду дарё дар ҳавзаи дарёи Тарим ба ҳам мепайванданд.

Дар қисматии шарқии Тошқӯрғон кӯҳи Афросиёб воқеъ гаштааст, ки дар доманаи он ҷӯйи Фарҳод ҷорӣ аст. Он бо обҳои аз маркази аҳолинишини Вач ҷоришаванда ҳамроҳ шуда, баъд аз тариқи Ёрканд ба дарёи Тарим пайванд мешавад.

Қобили қайд аст, ки ҷонишини ҳокими уезди (музофот) Тошқӯрғон Ғолиби Мусо ном тоҷик аст. Бо вуҷуди он ки аҳолии Тошқӯрғон тоҷик мебошанд, вале онҳо забони тоҷикиро намедонанд ва ба он гуфтӯгу намекунанд. Зеро бо дастури давлат соли 1954 забони тоҷикӣ аз мактабҳои тоҷикӣ гирифта шуда, ки дар натиҷа тоҷикони Хитой забони модарии хешро аз даст доданд. Дар соли 1986 11 нафар аз Тошқӯрғон ба Пекин барои омӯзиши забони форсӣ равона шудаанд. Дар муддати ду сол онҳо забони форсӣ омӯхта ва ба Тошқӯрғон баргаштанд. Аз ҷумлаи онҳо: Офияти Давлат, Саъдуллои Замир, Афзали Шогул, Ғулом Қозӣ, Абдулҳасанхон, Маҳкамбой ва дигарон мебошанд. Дар айни замон ин шахсон дар шаҳрҳои мухталифи ноҳияи худмухтори Синсзияну Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой мансабҳои масъулро ишғол намуда, як қисми онҳо донишмандони маъруфи Ҷумҳурии Халқии Хитой мебошанд. Масалан, Офияти Давлат - ҷонишини мудири шуъбаи корҳои миллии дину оини музофоти Тошқӯрғон, Темур-корманди масъули кумитаи ҳизбии шаҳрии Тошқӯрғон, Саъдуллои Замир – донишманд ва олими маъруфи Ҷумҳурии Халқии Хитой мебошанд. Саъдуллои Замир дар Хитой осори зиёдеро оид ба таърихи адабиёти тоҷик ба забони уйғурӣ ба табъ расонидааст. Саъдуллои Замир дар айни замон професори Донишгоҳи Синсзян дар шаҳри Урумчи мебошад [3].

Тоҷикони Хитой дар рушди фарҳанги Хитой саҳми зиёд гузоштаанд. Дар айни ҳол дар соҳаҳои мухталифи илм таърихчиён Ширин Қурбон, Мадалихони Болун, филологҳо Саъдуллои Замир, Некзамон Иброҳим, санъатшинос Холиқ Хушдил, шоира Отиқаи Замир ва дигарон машғул мебошанд. Ҳамсари Саъдуллои Замир – Гулҷаҳони Хушдил мудири шуъбаи назди кумитаи корҳои миллӣ ва динии ноҳияи мухтори Синсзияну Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой мебошад. Шоира Отиқаи Замир девони ашъори худро ба забони уйғурӣ аз чоп баровард.

Аз ҳунармандони маъруф Гулдавлати Бадалик, Юксак Шуҷоат, Давлатбеки Охуник, Гулшоди Шамшер ва дигаронро ном бурдан бамаврид аст.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар шаҳри Урумчи 104 тоҷик иқомат дорад, ки 40-50 хонаводаро ташкил медиҳад. Дар донишгоҳҳои олии Синсзян тақрибан 23 донишҷӯ таҳсил дорад. Тибқи маълумотҳо тоҷикони дар шаҳри Урумчи иқоматдошта дар Институти омӯзгории Урумчи «Созмони рушди иҷтимоии тоҷикони Хитой»-ро таъсис доданд [6].

Дар деҳаи Тагарма, ки дар масофаи 2-3 км дуртар аз маркази Тошқӯрғон ҷойгир шудааст, донандаи таърихи тоҷикони Тошқӯрғон, яке аз ҳаммуалифони китоби «Тоҷикони Хитой», ки ба забони уйғурӣ соли 1994 аз чоп баромадааст, Мадалихони Болун иқомат дорад. Ӯ чандин асарҳоро дар бораи тоҷикони Хитой ба чоп расонидааст.

Дар Тошқӯрғон ва гирду атрофи он асосан тоҷикони помиритабор иқомат доранд, ки пайравони мазҳаби исмоилия мебошанд. Ба ғайр аз онҳо дар он ҷо, инчунин, вахониҳо зиндагӣ доранд, ки як қисме аз қавми вахониҳои Помири Тоҷикистон ба шумор мераванд. Онҳо забони тоҷикиро намедонанд ва ба забони уйғурӣ ва хитоӣ суҳбат мекунанд. Дар хона бошад, байни худ ба лаҳҷаи сарикӯлии худ ҳарф мезананд, ки он ба гуфти онҳо ба гӯйиши шуғнонӣ шабеҳ аст. Бо вуҷуди он ки забони тоҷикиро намедонанд, тақрибан ҳамаи онҳо ба шунидани суруд ва мусиқии тоҷикӣ таваҷҷуҳи беандоза доранд [9].

Дар Тошқӯрғон 26 ҷамоатхона (масҷидҳои исмоилӣ) ва ду масҷиди сунниҳо фаъолият дорад. Ба гуфти мувоини ҳокими Тошқӯрғон Ғолиби Мусо, дар Ҷумҳурии Халқии Хитой беш аз 41 ҳазор тоҷик зиндагӣ доранд, ки тақрибан 27 ҳазори онҳо дар музофоти Тошқӯрғон истиқомат мекунанд. Боқимонда дар Қошғар, Ёрканду, Хутан ва дигар маҳаллоти ахолинишин - Қарғалик, Окту, Сараки, Пил, Барногул, Казгул, Туглоншо, Пасколдар, Ҷулфо, Пишан, Гума, Тезепу, Нашдам ва ғайра истиқомат доранд. Нисфи аҳолии ин маҳаллоти аҳолинишинро қирғизҳо ташкил медиҳанд.

Ба ғайр аз тоҷикон дар Тошқӯрғон қирғизҳо, уйғурҳо, хитоиҳо ва намояндагони халқҳои дигари Хитой зиндагӣ доранд. Дар 18 мактаб ва қариб 70 шуъбаҳои он беш аз

5000 шогирд дарс мехонанд. Таълим дар мактабҳо ва муассисаҳои томактабӣ ба забони уйғурӣ ва хитоӣ гузаронида мешавад, зеро тибқи дастури давлатӣ аз соли 1954 забони тоҷикӣ дар мактабҳои тоҷикӣ бекор карда шуд [11].

Дар маркази Тошқӯрғон 8 хиёбони калон вуҷуд дорад, ки дар онҳо мағозаҳо, дорухонаҳо, қаҳвахонаҳо, барҳои шабона ва салонҳои мухталиф ҷойгиранд. Ҳангоми шому бегоҳ сокинони Тошқӯрғон дар ин бар ва ресторанҳо ҷамъ омада, фароғат мекунанд.

Дар он ҷо дастаҳои ҳунарии худӣ вуҷуд дошта, сурудҳоро ба забонҳои тоҷикӣ, уйғурӣ ва ғайра иҷро мекунанд. Биноҳои маъмурӣ ва ҷамъиятӣ дар хонаҳои 2-3 ошёна ҷойгир шудаанд, аммо хонаҳои сокинон аксаран якошёна мебошанд.

Тошқӯрғон аз 14 маҳалли аҳолинишин иборат аст, ки ҳар кадоме аз онҳо, дар навбати худ, аз якчанд гузар ва кӯчаҳо иборат мебошад.

Маҳаллаҳои аҳолинишини Тошқӯрғон: Тошқӯрғон, Тагарма, Тизноб, Варшиде, Дафтар, Мазор, Балдир, Кугушлук, Вача, Дотунг, Марёнг, Бурумсол, Кизқӯрғон ва Кӯкёр мебошанд [12].

Дар маркази Тошқӯрғон осорхонаи таърихӣ–этнографӣ вуҷуд дорад, ки он дар бинои дуошёнаи маркази фарҳангӣ ҷойгир шудааст. Дар он намунаҳои мухталифи инъикоскунандаи соҳаҳои ҳаёти тоҷикони Тошқӯрғон гирдоварӣ ва гузошта шудаанд. Дар пушти осорхона меҳмонхонаи муосир мавҷуд аст, ки бо асбобу анҷоми замонавӣ, телевизорҳои ранга ва ашёи зарурии зист ва бо оби гарми доимӣ таъмин мебошад [4].

Чунонки доктор Манучеҳри Сутуда баъди шиносӣ ба маҳалҳои тоҷикнишини Чин шаҳодат додааст, мардуми 50-60 - сола бо эшон ба забони форсии “Гулистон“-и Саъдӣ сухан мегуфтанд. Ҷулол Волини тоҷик, ки дар даврони инқилоби фарҳангӣ волии Қошғар буд ва феълан нафақахӯр мебошад, низ ба форсӣ сухан гуфта, “Гулистон” мехонад. Сайид Исо, шоҳзодаи мубаллиғи исмоилиёни ноҳияи Сарикӯҳ, низ ба форсӣ равон суҳбат мекард. Вале насли ҷавон ба тоҷикӣ форсӣ хуб балад нестанд. Дарвоқеъ, тоҷикони Чин дар масъалаи забони модарӣ проблемаҳои худро доранд. Чунонки дар боло ишора шуда буд, таърихи тоҷикони Чин аз тарафи олимони тоҷики мамлакат ба табъ расид, вале на ба забони тоҷикӣ, балки ба забони уйғурӣ. Илова бар ин, дар Чин намунаҳои осори шоирон ва мутафаккирон Абуабдуллоҳи Рудакӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз на ба забони асл, балки дар тарҷума ба забонҳои чиниву уйғурӣ ба нашр расидаанд. Ба ин масъала олими тоҷики чинӣ Замир Саъдуллозода дар ҷавоби худ ба суоли - забони тоҷикӣ дар Чин чи ҳол дорад? рӯшноӣ андохт. Мавсуф посух дод: «Бо таассуф мегӯям: Забони тоҷикӣ дар Чин бе пушту паноҳ аст, яъне танҳо дар ҳудуди хонаводагӣ мавриди истифода қарор дорад» [13]. Фарзандони тоҷик то ба ҳол дар кӯдакистону дабистонҳо ба забонҳои уйғуриву чинӣ таълим мегиранд. Танҳо мактабу маориф ба тарбияи миллат қодир буда метавонад [8]. Ин нуқтаро рӯшанфикрони тоҷики Чин ба хубӣ дарк намуда, борҳо масъалаи ба забони модарӣ омӯхтани ҳаммиллатонро ба миён гузоштанд. Аммо хукумати кишвар танҳо дар сурате ризоят доданист, ки гузариш ба омӯзиши забони тоҷикӣ бе ягон хароҷоти зиёдатӣ амалӣ гардад. Чун мактаб мешавад, он бояд китоб, таҷҳизот ва боз чизҳои дигари зарурии таълимиро доро бошад, вале бе маблағ, бе мадади давлату ҳукумат ба он муваффақ гаштан ғайриимкон аст. Аз душвориҳои дигар ин аст, ки мутахассисони забони тоҷикӣ дар мо ангуштшуморанд [7].

Бояд қайд кард, ки баъзе олимони тоҷики Чин ин муамморо назди Ҳукумат борҳо гузоштанд. Аз ҷумла, олими номбурда соли 1988 ба воситаи мақолаи «Баъзе масъалаҳои рушди фарҳангии тоҷикони Чин» (ба забони чинӣ) проблемаҳои мавҷударо ба ҳукумат расонида буд ва он аз ҷониби муассисаҳои дахлдори хукуматӣ ба дастури лозима дохил ҳам гашт. Олим бо супориши яке аз маҷаллаҳои маъруфи мамлакат мақолаеро бо унвони

«Забон ва хатти тоҷикони Чин» интишор намуда, ки чавҳари он ин аст: «Тоҷикони Чин дар сурате ба комёбиҳои қобили мулоҳиза муваффақ гашта метавонанд, ки агар ба забони модариашон таълим гиранд, тоҷикӣ андешанд ва тоҷикӣ нависанд» [14].

Пешниҳод ва хулосаҳои олим хеле ҷолибанд. Дарвоқеъ, дар Чин барои чунин амал заминаҳо мавҷуданд. Ба ин масоил аз қадим чун анъана мавқеи устувор доштани забони форсӣ — дарӣ дар Чин мисол шуда метавонад. Дар тамоми гӯшаву канори кишвар дастхатҳои тоҷикӣ - форсӣ хеле фаровонанд, ки ниёгон ба наслҳои оянда мерос гузоштаанд.

Манучеҳри Сутуда ҳангоми сафари худ ба Чин ба хулосае омад, ки тоҷикони Тошқӯрғон ва деҳкадаҳои атроф пайрави оини исмоилӣ мебошанд, дар ин ҷойҳо садои азон шунида намешавад ва онҳо побанди намоз ва рӯза намебошанд. Илова бар ин, боз ба як нуқта таваҷҷуҳ бояд кард. Чунонки олими тоҷики Чин Замир Саъдуллозода дар суҳбат бо хабарнигор Шодӣ Шокирзода изҳор карда буд, тоҷикони Чин ба муқаддасоти исломӣ таваҷҷуҳи хосса доранд, бо намояндагони миллатҳои дигар, аз ҷумла мусулмонон пайванди дӯстона дошта бошанд хам, *муносибатҳои хешутаборӣ надоранд*, аниқтараш аз миллатҳои дигар арӯс намеоранд ва домод низ интихоб намекунанд. Ба назарам, ин падидаро ба сифати бурди ҳаммилатон пазируфтан мебояд, зеро дар дарозои таърих, агар тоҷикони камшумори Чин бо миллатҳои дигар меомехтанд, ба гумон буд, ки то имрӯз ҳувияти миллӣ, *забон, фарҳанг, урфу одат ва анъанаву* суннатҳои аслии хешро нигаҳбон бошанд [14]. Дар байни хешу табори наздик то ба се насл иҷозаи издивоҷ дода намешавад.Тоҷикони Чин, алалхусус тоҷикони Сарикӯлӣ, тавонистанд ба ин восита мавҷудияти худро то ин замон на танҳо нигох, доранд, балки нуфуси онҳо афзояд.

Тоҷикони Чин ***ба зироаткорӣ, ҳунармандӣ,*** чорводорӣ ва ***богдорӣ машгуланд.*** Комёбиҳои ***тоҷикони кишвар дар*** ин соҳаҳо хусусан ***баъди*** таъсис ёфтани ноҳияи мухтори Синсзяну Уйғур назаррас мебошад. Дар Чин ба таърих ва фарҳанги тоҷикон мароқи зиёде зоҳир мекунанд. Соли 1985 китоби Б.Ғафуров «Таърихи халқи тоҷик» ба забони хитоӣ аз чоп баромад. Худи ҳамон сол китоби «Очерки мухтасари забони тоҷикӣ» чоп шуд, ки муаллифи он ходими илмии Институти ақаллиятҳои миллии Пекин Гао Ариаян мебошад. Бо заҳмати беандозаи шоираи тоҷики Чин Отикам Замир, устоди донишгоҳи Синсзян Ширин Қурбон ва мудири шуъбаи дин ва корҳои миллии ноҳияи Тошқӯрғон Мадалихон асари сеҷилдаи «Таърихи адабиёти тоҷик» бо ду забон — чинӣ ва уйғурӣ ба табъ расид. Тоҷикони Чин ба тоҷикони Тоҷикистон дилбастагии махсусе доранд [15]. Ба қавли Замир Саъдуллозода, аз кӯдаки гавҳора то пири садучандсола Тоҷикистонро ба хубӣ медонанду мешиносанд. Асарҳои адибони тоҷик С.Айнӣ, А.Лохутӣ, М.Турсунзода, М.Қаноат ва Гулрухсорро бо таваҷҷуҳи хосса мутолиа мекунанд. Онҳо тавассути садои Тоҷикистон бо кулли навигариҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангию адабии диёри аҷдодон шиносо гашта, мусиқии тоҷикиро бо меҳр мешунаванд, қариб тамоми ҳофизони Тоҷикистонро ғоибона мешиносанду мепарастанд. Махсусан садои ҳофизони **шинохтаи тоҷик** Ҷ, Муродов, З.Нозимов, М.Насриддин, Н.Раҳматова, М.Эргашева, Н.Рауфова ва бисёр дигарон дар байни тоҷикони Чин маҳбубияти бештаре дорад ва дар ҳар хонадон фитаҳо бо сабти овози эшон нигаҳдорӣ мешаванд [4].

Дар муассисаҳои илмӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ҷавонони Чин, аз ҷумла тоҷикони ин мамлакат, ба ҳайси коромӯз фаъолият мекунанд. Яке аз онҳо Замир Саъдуллозода мебошад, ки дар ибтидои солҳои 90-ум дар Пажӯҳишгоҳи забон *ва* адабиёти ба номи устод

Рӯдакӣ таҳти роҳбарии олим ва нависандаи шинохтаи тоҷик Расул Ҳодизода рисолаи номзадиро дар хусуси санъатҳои бадеии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ омода намуда, бомуваффақият дифоъ кард. Мавсуф дар интишори забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷик дар Ҷумҳурии Халқии Хитой хизмати арзандае карда истодааст. Дар солҳои 1987-1989 ӯ ба забони хитоӣ дар китоби «Қомуси калони адабиёти Чин»-ро нигошта кард, ки дар бораи намояндагони барҷастаи адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик маълумоти арзишманде медиҳанд [3]. Қомуси мазкур соли 1992 аз тарафи нашриёти мардумии Пекин ба чоп расид. Ҳамчунин, олим дар ин солҳо баёзи осори 14 адиби даврони сотсиалистии Чинро аз соли 1949 то имрӯз таҳти унвони «Адабиёти тоҷикии Синсзян» ба забони уйғурӣ мураттаб намуд, ки он соли 1990 дар Синсзян аз чоп баромад [10].

Хулоса, мансубияти нажодии тоҷикони Хитой ва ҳаёту зиндагии онҳо дар Тошқӯрғон аз он шаҳодат медиҳад, ки тоҷикон аз асрҳои II то милод дар он ҷо маскун шудаанд, аҳолии муқимии он минтақа ба шумор мераванд ва бо дигар вилоятҳои ҳамҷаворе, ки Бохтари қадимро ташкил медоданд, аслу насаби ягона доранд.

**Муқарриз: Ҷӯраев Ҷ.Г.– н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Бжезинский З. Великая шахматная доска / З.Бжезинский. -М.: Междунар. отношения, 1998. – С. 151.
2. Волоховой А.А. Внешняя политика КНР / А.А. Волоховой. -М.: Научная книга, 1998.
3. Гафуров Б.Г. Таджики: Древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г.Гафуров. – Душанбе: Ирфон, 1989. – Кн. 1. – 381с.
4. Гафуров Б.Г. История таджикского народа / Б.Г. Гафуров. – М., 1949. – 476с.
5. Мирзоев Н.М. Экономическое и культурное сотрудничество Таджикистана с зарубежными странами / Н.М. Мирзоев. – Душанбе, 1998.-126с.
6. Негматов Н.Н. Таджикистан на пути к урбанизации //Культура первобытной эпохи Таджикистана / Н.Н.Негматов. – Душанбе: Дониш, 1982. -64 с.
7. Пигулевская Н.В. «Шелковый путь»: Проблема экономических и культурных связей между Востоком и Западом //Ближний Восток, Византия, Славяне / Н.В. Пигулевская. – Л.: Наука, 1986.-93 с.
8. Попов В.И. Современная дипломатия: Теория и практика / В.И. Попов. – М., 2000. -105 с.
9. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ / Э.Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1995.-60 с.
10. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин / Э.Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1996.-71 с.
11. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати Миллӣ ва бунёдкорӣ / Э.Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001.- Ҷ. 2. 51 с.
12. Рахмонов Э. Таджики в зеркале истории / Э.Рахмонов. –Душанбе: Ирфон, 2002. Кн. 1: От арийцев до Саманидов.– 128с.
13. Рифтин Б.Л. Из истории культурных связей Средней Азии и Китая (XI век до VIII век) / Б.Л. Рифтин //ПВ.-1960. - № 5.-С. 22-34.
14. Шарипов Ш.Ш. Таърихи точикони Чин / Ш.Ш. Шарипов // Паёми Донишгоҳи Миллии Точикистон. - Душанбе, 2019. -№ 4. - С. 29-34.
15. Шарипов Ш.Ш. Назаре ба расму оини точикони Чин / Ш.Ш. Шарипов //Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. -№ 5. - С. 95-101.


**МАНСУБИЯТИ НАЖОДИИ ТОҶИКОНИ ХИТОЙ ВА ҲАЁТУ ЗИНДАГИИ ОНҲО ДАР ТОШҚӮРҒОН**


Мақолаи мазкур перомуни мансубияти нажодии тоҷикони Хитой ва ҳаёту зиндагии онҳо дар Тошқӯрғон бахшида шудааст. Мувофиқ ба далели сарчашмаҳои таърихӣ мансубияти нажодии тоҷикони Тошқӯрғон аз ду халқияти наздипомирӣ - сарикӯлӣ ва вахониҳои точикзабон иборат мебошанд. Сарикӯлиҳо ягона халқияти наздипомирие мебошад, ки танҳо дар қаламрави Туркистони Шарқӣ зиндагӣ мекунанд ва онҳо авлодони аҳолии қадимии аслии ҳамин минтақа мебошанд. Онҳо дар водиҳои дарёи Сарикӯл (Тошқӯрғон) ва шохобҳои он Тагарма, Вачи, қисман Марион, Раскемдарё ва поёнтар дар соҳили шохоби он - Марион маскун мебошанд. Забони сарикӯлӣ аз ҷумлаи забонҳои эронии шарқии помирии хонаводаи ҳиндуаврупоӣ мебошад ва аз нигоҳи таснифотӣ бо нигоҳ доштани махсусияти муайяни худ, ба гурӯҳи шуғнонию рӯшонӣ дохил мешавад. Забони сарикӯлӣ хат надорад, аз ин рӯ дар мактаб ва воситаҳои ахбори умум забони уйғурӣ истифода мегардад, ки боиси дузабонии мардуми Сарикӯл гардидааст. Номи забон-сарикӯли - аз номи маҳал, ки дар он соҳибони забон иқомат доранд, бармеояд. Аз ҷиҳати мансубияти мазҳабӣ сарикӯлиҳо исмоилӣ мебошанд. Тоҷикони Чин ба мукаддасоти исломӣ таваҷҷуҳи хосса доранд, бо намояндагони миллатҳои дигар, аз ҷумла мусулмонон пайванди дӯстона дошта бошанд ҳам, *муносибатҳои*

*хешутаборӣ надоранд*, аниқтараш аз миллатҳои дигар арӯс намеоранд ва домод низ интихоб намекунанд. Ба назарам, ин падидаро ба сифати бурди ҳаммилатон пазируфтан мебояд, зеро дар дарозои таърих, агар тоҷикони камшумори Чин бо миллатҳои дигар меомехтанд, ба гумон буд, ки то имрӯз ҳувияти миллӣ, *забон, фарҳанг, урфу одат ва анъанаву* суннатҳои аслии хешро нигаҳ медоштанд.

**Калидвожаҳо:** Хитой, *фарҳанг, урфу одат*, тоҷикон, таърих, сиёсӣ, Сарикӯл, Тошқурғон, Помир, Вахон.

## ЭТНИЧЕСКАЯ ПРИНАДЛЕЖНОСТЬ ТАДЖИКОВ В КИТАЕ И ИХ ЖИЗНЬ В ТАШКУРГАНЕ

Эта статья об этнической принадлежности таджиков в Китае и их жизни в Ташкургане. Согласно историческим источникам, таджики Ташкургана состоят из двух прапамирских народов - сарикули и таджико-язычных вахонов. Сарыкулы - единственные народы Памира, проживающие только на территории Восточного Туркестана, являются потомками коренного древнего населения этого региона. Они обитают в долинах реки Сарыкул (Ташкургана) и ее притоков Тагарма, Вачи, частично Марион и Раскемдарья, а ниже ее по берегам ее притока - Марион. Сарыкул является одним из восточноиранских языков памирской индоевропейской семьи и по классификации относится к шугнанско-рушанской группе, сохраняя при этом свои специфические черты. На Сарыкуле нет письменности, поэтому школы и средства массовой информации работают на уйгурском языке, что приводит к двуязычию на Сарыкуле. Название языка – сарикули – происходит от названия места, где живут носители.

С точки зрения религиозной принадлежности, истоки - исмаилитские. Таджики в Китае проявляют большой интерес к исламским святыням, и хотя у них дружеские отношения с людьми других национальностей, в том числе и с мусульманами, родственных связей у них нет, точнее, они не привозят невест или женихов от других народов. На мой взгляд, это явление следует воспринимать как победу ваших соотечественников, ибо на протяжении всей истории, если бы немногочисленные таджики в Китае смешались с другими народами, вряд ли до наших дней они сохранили бы свою национальную идентичность, язык, культуру, обычаи и традиции.

**Ключевые слова:** Китай, культура, обычаи, таджики, история, политика, Сарыкул, Ташкурган, Памир, Вахон.

## ETHNICITY OF TAJIKS IN CHINA AND THEIR LIFE IN TASHKURGAN

This article is about the ethnicity of Tajiks in China and their life in Tashkurgan. According to historical sources, the Tajiks of Tashkurgan consist of two pra-Pamir peoples - Sarikuli and Tajik-speaking Vakhons. The Sarikuls are the only peoples of the Pamirs who live only in the territory of East Turkestan, and are the descendants of the indigenous ancient population of this region. They live in the valleys of the river Sarykul (Tashkurgan) and its tributaries Tagarm, Vachi, partly Marion and Raskemdarya, and below it along the banks of its tributary - Marion. Sarykul is one of the Eastern Iranian languages of the Pamir Indo-European family and, according to the classification, belongs to the Shuni-Roshan group, while retaining its specific features. There is no script in Sarykul, so schools and media work in Uyghur, which leads to bilingualism in Sarykul. The name of the language - Sarikuli - comes from the name of the place where native speakers live.

From the point of view of religious affiliation, the origins are Ismaili. Tajiks in China show great interest in Islamic shrines, and although they have friendly relations with people of other nationalities, including Muslims, they have no family ties, more precisely, they do not bring brides or grooms from other nations. In my opinion, this phenomenon should be perceived as a victory for your compatriots, because throughout history, if a few Tajiks in China mixed with other peoples, they would hardly have retained their national identity, language, culture, customs and traditions to this day.

**Key words:** China, culture, customs, Tajiks, history, politics, Sarykul, Tashkurgan, Pamir, Vakhon.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарифов Шомаҳмад Шарифович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17 Телефон: **931903009.**

**Сведениеоб авторе:** ***Шарипов Шомахмад Шарифович*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент, кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **931903009.**

**Information about the author*: Sharifov Shomad Sharipovich*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Ph.D., Department of the History of the Tajik People. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Pone. **931903009.**

**УДК:327.3(620)**

# ШОҲИГАРИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ: ДАР БОРАИ БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ СТРАТЕГИЯИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ДАР ОҒОЗИ АСРИ XXI

*Холиқзода Абдурозиқ*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Бо пурқувват гаштани низоми яккутбӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ, дар ибтидои асри XXI метавон мушоҳида кард, ки рафтори сиёсии бисёр кишварҳои ҷаҳон дар масъалаи мушаххас намудани принсипҳо, манфиатҳо ва афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ ба таҳаввулоти ҷиддӣ дучор мегардад. Ин як амри табиӣ аст, зеро марҳилаи нави рушди муносибатҳои байналмилалӣ бархӯрди навро дар ин замина тақозо мекунад. Шоҳигарии Арабистони Саудӣ яке аз давлатҳои муҳим маҳсуб ёфта, дар сиёсати байналмилалӣ нақши назаррас дорад. Дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ҷойгоҳи хос дошта, дар ҳоли ҳозир ин муносибатҳо дар сатҳи хеле арзишманду мутақобилан судманд қарор доранд. Аз ин рӯ, мо дар навиштаи худ кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки ин муносибатҳоро амиқтар ва ҳамаҷониба мавриди омӯзишу баррасӣ қарор бидиҳем.

Арабистони Саудӣ аз соли 1945 узви Созмони Милали Муттаҳид буда, дар созмонҳои байналмилалӣ, ба мисли ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, Беҳдошти ҷаҳонӣ, ОРЕС ва монанди инҳо низ узвият дорад. Ҳамчунин, узви кишварҳои ғайримуттаҳид, иттиҳодияи араб, Созмони Конфронси Исломӣ, Шурои ҳамкории Халиҷи Форс низ мебошад.

Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки аз назари таърихӣ, «давлатдории Саудӣ чор марҳаларо паси сар кардааст. Давлати аввалини Саудӣ (солҳои 1745 – 1811) дар натиҷаи экспедитсияи артиши Муҳаммад Алӣ ба нимҷазираи Араб пароканда гардид. Давлатдории дуюми Саудӣ (солҳои 1843 – 1865) дар натиҷаи ихтилофоти худи хонаводаи Ал Ассауд ва аморати Ҷабал-Шаммар бо пойтахташ Хайла суқут намуд. Ва бо забти шаҳри Ар-Риёз дар соли 1902 аз тарафи Абдул Азиз ибни Сауд асоси давлати сеюми Саудиҳо, яъне давлати имрӯзаи онҳо гузошта шуд» [22].

Ба андешаи мо, метавон гуфт, ки дар оғози қарни XX бавижа соли 2011 (оғози «баҳори арабӣ»), марҳалаи нави рушд дар Арабистони Саудӣ оғоз ёфтааст.

Арабистони Саудӣ ба ҳайси яке аз давлатҳои бузургтарини исломӣ дар байни давлатҳои дунё нуфузи хеле зиёд дошта ва бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки дар дунё ҳамчун бузургтарин кишвари дунё ва иқтисоди рақами аввал пазируфта шудааст, равобити зичи дӯстона дорад. Дар тайи муддати мавҷудияти хеш Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ҳамеша кӯшидааст бо ИМА равобити хуб дошта бошад, сарфи назар он ки дар ин равобит баъзе фарозу нишебҳо низ вуҷуд доштанд. Дар тули солҳои баъд, шуруъ аз соли 2011 ба ин тараф, чандин масъалаи наве вориди муносибатҳои ИМА ва Арабистони Саудӣ шуд ва ояндаи ҳамкории ин ду кишварро бо тардидҳое рӯ ба рӯ кард, ки натиҷаи он боиси ошуфтагии амнияти равонии тасмимгирандагони Арабистони Саудӣ гардид. Ин, пеш аз ҳама, иртиботи Арабистони Саудӣ бо ҷараёнҳо ва унсурҳои ифротгароӣ ва террористӣ ва ҳимоят аз онҳо мебошад. Арабистони Саудӣ пас аз соли 2011 равобити худро бо Чин дар заминаи иқтисодӣ ва тиҷорат ҷоннок намудааст. Ин падидаи наве мебошад, ки солҳои қабл ба мушоҳида намерасид. Илова бар ин, ба мақсади нақшофаринии фаъолонаи Россия дар минтақа, ин кишвар ҳамкорӣ ва додугирифти

иқтисодӣ ва тиҷоратиро бо Москва ба роҳ андохта, тақвият бахшид. Бо таваҷҷуҳ ба ҷараёнҳои нав дар фазои сиёсии дунё сиёсати Арабистони Саудӣ тағйир ёфта истодааст. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки дар тавсеаи равобити дуҷонибаи худ бо ин кишвар бояд ин таҳаввулотро ба назар бигирад [7]. Дар ин марҳила, нуқтаҳои асосие, ки сиёсати хориҷии ин кишварро мушаххас мекунанд ба қарори зайл мебошанд: ҳифзи ҳамкориҳои стратегӣ бо ИМА; тақвияти равобити амниятӣ бо кишварҳои аврупоӣ; пайвастагии равобити иқтисодӣ бо Чин; ҳифзи робита ва фурсатҳои доду гирифт бо Россия. Масоили минтақавӣ бештар характери муқобала бо Эрон; таъсиргузорӣ бар бухронҳои минтақавӣ; зери назорат гирифтани таҳдидҳои террористии минтақавӣ; ҳамкории тактикӣ бо ҷараёнҳои ихвонӣ; густариши ҳамкорӣ бо режими Исроил. Масоил бештар перомуни шаклдиҳӣ ва тағйир додан ба иттиҳодияи Халиҷи Форс; поён додан ба бухрони Яман; зери назорат гирифтан ва бартараф кардани инқилоби мардумӣ дар Баҳрайн нигаронида шудаанд [12,с.68-69]. Масъалаи муҳимми дигаре, ки дар ибтидои асри XXI боиси барангехтани ҷанҷол гардид, ин бо диди тоза нигаристан ба ҷойгоҳи Арабистони Саудӣ дар минтақа мебошад. Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, бо ҷойгир будан дар минтақаи ҳассоси Халиҷи Форс ва соҳиби захираҳои бузурги нефтӣ будан, аз дидгоҳи ҷаҳонӣ дорои аҳамияти хос мебошад. Ин кишвар то қабл аз пирӯзии инқилоби исломии Эрон ба унвони яке аз ду сутуни стратегии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва ба унвони сутуни иқтисодӣ дар суботи минтақа нақши муассир дошт. Пас аз суқути режими шоҳ дар Эрон, Арабистони Саудӣ тавонист нақши қобили эътимодро ҷиҳати ҷойнишини шоҳ шудан ба унвони кишвари таъминкунандаи манофеи Амрико дар минтақаро иҷро намояд. Илова бар ин, бо сабаби ҷой доштани хонаи Худо (Каъба) ва қиблагоҳи мусулмонони ҷаҳон дар ин кишвар низ аҳамияти фаровонеро дар ҷаҳони ислом ба худ касб кардааст. Аз инҷост, ки мавқеи геостратегии Арабистон Саудӣ дар Шарқи Миёна ва Халиҷи Форс пайваста ин кишварро дар маърази таваҷҷуҳи қудратҳои бузург қарор додааст. Дастрасӣ ба Халиҷи Форс ва дарёи Сурх ва аз тарафи дигар, дар даст доштан аз чаҳор як ҳиссаи захираҳои нефти ҷаҳон ҳамеша ин кишварро дар мавқеияти афзалиятнок аз дигар кишварҳои Халиҷи Форс (ба истисної Эрон ва Ироқ) қарор додааст.

Ҳамин тавр, омилҳое, ки боиси афзоиши аҳамият ва ҷойгоҳи Арабистони Саудӣ дар минтақа шудаанд, инҳо мебошанд: ҷойгиршавӣ дар Шарқи Миёна; пирӯзии инқилоби исломии Эрон ва ба хатар афтодани манфиатҳои Ғарб дар минтақа ва нақши Арабистони Саудӣ ба унвони ҳамсояи Эрон; талош ҷиҳати ба даст гирифтани раҳбарии ҷаҳони араб ва нақши муҳим дар ин росто; иртибот бо Халиҷи Форс ва баҳри Сурх; даст доштан ба як чаҳоруми захираҳои нефти ҷаҳон; қиблагоҳи мусулмонони ҷаҳон; қудрати муносиби иқтисодӣ ва мавҷудияти бозори муносиб барои муҳоҷирон ва ширкатҳои бузурги иқтисодӣ.

Яке аз хислатҳои асосии сиёсати хориҷии Арабистони Саудӣ пайваста тобеи сиёсати хориҷии ИМА ва кишварҳои ғарбӣ будан мебошад. Ин як воқеият аст, ки пайвандҳои қавии иқтисодии давлатҳои ғарбӣ бо Арабистони Саудӣ заминасози ин равобит мебошанд. Сарфи назар аз он ки солҳои охир пешбурди як навъ истиқлоли сиёсати хориҷӣ низ аз тарафи роҳбарони Арабистони Саудӣ (хосатан баъд аз ба сари қудрат расидани Малик Абдулло) ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, нисбатан кам шудани ҳузури

сармоядорони бузурги нефтии ғарбӣ, бавижа ИМА, дар Арабистони Саудӣ ин андешаро собит месозад.

Арабистони Саудӣ ҳамеша дар талоши он аст, ки роҳбарии ҷаҳони ислом ва ҷаҳони арабро ба даст гирад ва бо баҳрагирӣ аз тавозуни иқтисодӣ ва иттиҳод бо ИМА дар ин ҷиҳат гомҳои муассир гузорад. Тавре ки муҳаққиқи шинохтаи рус Крючков И. В. менависад: «Ҳузур дар Созмони Конфронси Исломӣ ба унвони як кишвари фаъол баёнгари ин матлаб аст. Сарфи назар аз ин ки бо мубориза҇ҳои фаровоне дар ҷаҳони араб рӯ ба рӯ мебошад» [13,с.144].

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки асосҳои консептуалии сиёсати хориҷии ин кишварро тағйир додааст, масъалаи равобит бо Ҷумҳурии Исломии Эрон мебошад. Дар ибтидои асри XXI нигаронии аслии Арабистони Саудӣ ин масъалаи талоши Эрон барои ҳаллу фасли мусолиматомези масъалаи силоҳи ҳастаӣ аз тариқи музокира бо Амрико мебошад. Дар Арабистони Саудӣ чунин тасаввур мекунанд, ки ҳаллу фасли масъалаи силоҳи ҳастаӣ аз тариқи роҳҳои дипломатӣ боиси наздик шудани Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико хоҳад шуд. Дар тасаввури саудиҳо истиқрори равобит ҶИЭ бо ИМА хатаре ба амнияти кишвари онҳо тафсир мешавад. Дар ин замина чунин нуқтаи назари стратегӣ аз ҷониби сиёсатмадорони Арабистони Саудӣ дар арсаи байналмилалӣ кор карда баромада шуд, ки ҳар гуна наздикии Эрон ва Ғарб бо иштироки ИМА, таҳдиде барои равобити стратегии Арабистону Амрико аст ва амнияти режими Арабистон Саудиро дар хатар мегузорад.

Бо назардошти ин матлаб, тавре ки мушоҳида мегардад, баъд аз инқилобҳои арабӣ дар соли 2011 ва таъсири он ба кишварҳои Баҳрайн ва Яман ва хусусан баъд аз музокира байни Эрон ва Амрико (солҳои 2013-2015) дар масъалаи силоҳи ҳастаӣ як навъ сиёсати хориҷии шадид дар Арабистони Саудӣ ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, лашкаркашиҳои Арабистони Саудӣ ба Баҳрайн нишондиҳандаи он аст, ки ин кишвар нуфузи Эрон дар минтақаро ба унвони таҳдиде алайҳи худ медонад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки як роҳи эҷоди тавозуни таҳдид дар муқобили Эронро пайдо намояд. Ҷунбиши хуситҳои шиамазҳаброро дар Яман, ки таҳти ҳимояти Эрон ҳастанд ва дар ҳамсоягии Арабистони Саудӣ қарор доранд, барои худ хатари стратегӣ мешуморад. Тавре ки муҳаққиқи шинохтаи рус Г. Г. Косач менависад: «Муҳимтарин ҳадаф дар сиёсати хориҷии Арабистони Саудӣ «амният»-и режими Саудӣ мебошад» [11, с.57]. Дар ин замина таҳлилгарон чунин рафтори сиёсии ин кишварро ёдрас мешаванд, замоне ки аз тарафи қудратҳои бузурги минтақа масъалаи таҳдиди низоми давлатии ин кишвар матраҳ мегардад, Арабистони Саудӣ хатарҳои зиёди мухолифат бо онро ба вуҷуд меоварад ва аз ИМА тақозои кумак мекунад. Аммо вақте қудратҳои минтақавӣ режими сиёси Арабистони Саудиро таҳдид намекунанд, мақомоти сиёсии ин кишвар бо онҳо ҳамроҳӣ мекунад, ҳатто агар ин амал равобиташ бо ИМА-ро печида намояд. Ҳамин аст, ки дар масоили минтақавӣ дар сиёсати хориҷии Арабистони Саудӣ ду нигаронии ҷиддӣ ба назар мерасад: яке хуруҷи ИМА аз минтақа ва дигаре зуҳури Эрон ба унвони қудрати минтақавӣ. Равандҳои сиёсӣ дар Арабистони Саудӣ дар ибтидои асри XXI нишон медиҳад, ки ин кишвар ба унвони яке аз бозингарони калидӣ дар минтақаи Ховари Миёна ва Халиҷи Форс нақши муҳимме дар таҳаввулоти сиёсию амниятии ин минтақа иҷро менамояд. Агар ба маълумотномаҳои муосир муроҷиат намоем, чунин мулоҳизаҳо ва омори ташхискунанда ба мушоҳида мерасад: дар соли 2019 аҳолии Арабистони Саудӣ

28147000 нафар буд, ки аз онҳо 22571000 нафарашон бумиҳо, 5574000 нафарашон афроди хориҷии муқимишуда мебошанд [18,с.34].

Арабистони Саудӣ аз 13 музофот иборат буда, дар сари ҳар минтақа амире бо ҳукми подшоҳ мансуб мегардад. Музофотҳо иборатанд аз: Риёз, Макка, Мадина, Ҳоил, Шарқия, Қасим, Табук, Боҳа, Асир, Наҷрон, Ҷавф, Ҷайзон, Ҳудуди Шимолия. Пойтахти Арабистони Саудӣ шаҳри Риёз буда, дар маркази кишвар қарор дорад. Ҳамчунин, муҳимтарин шаҳрҳои сиёсӣ ва иқтисодии Арабистони Саудӣ шаҳрҳои Ҷидда (пойтахти пешинаи Саудӣ), Макка, Мадина, Думом, Табук, Тоиф ва Янбуъ мебошанд. Дини расмии ин кишвар ислом ва 99 % мардуми он мусулмон буда, 79 % он пайравони аҳли суннат (дар мазҳаби Ҳанбалӣ, Моликӣ) ва 10 % шиаҳо ва 1% фирқаҳо ва динҳои мухталиф (ки аксарият муҳоҷир ҳастанд) мебошанд. Теъдоди шиаҳо дар Арабистон 2 800 000 нафарро ташкил медиҳад [18,с.16].

Вазъияти иқтисоди миллии кишвар дар марҳилаи кунунӣ нишон медиҳад, ки чун марҳалаҳои қаблӣ хоҷагии халқи кишвар ба таври куллӣ бар пояи нафт бино шудааст. Афзоиш ё коҳиши қимати нафт иқтисоди ин кишварро сахт таҳти таъсир қарор медиҳад. Аз ҷумла, мутобиқ ба маълумотҳои Вазорати нафти мамлакат, захираҳои нафтии кишвар дар поёни соли 2019 282, 8 млрд баррел ва ё 29 % тамоми захираҳои нафти дунёро ташкил медиҳад. Дар соли 2019 истихроҷи нафт дар Арабистони Саудӣ то 8, 28 млрд баррел нафт дар рӯзро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда ҳиссаи Арабистони Саудиро дар ҷаҳон то 13 % боло бурд. Дар навбати худ, Арабистони Саудӣ ҳамарӯза ба бозори ҷаҳон 78 млн баррел нафт содир мекунад, ки ин 20% содироти нафти ҷаҳонро ташкил медиҳад [17]. Сиёсати иқтисодии Арабистони Саудӣ комилан вобаста ба нафт мебошад, ки ин барои шаклгирии он чун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ таъсири манфӣ мерасонад. Тамоми фаъолиятҳои иқтисодиаш иборат аз саноат, хадамот ва бозоргонӣ ба вазъияти фурӯши нафт вобаста мебошад. Арабистони Саудӣ дар таърихи 11 ноябри соли 2005 дар ҷаласаи Шурои генералии Созмони Байналмилалии Савдо ба узвияти ин созмон ҳамчун узви 149-уми он пазируфта шуд. Дар айни ҳол Арабистони Саудӣ дар ҷаҳон дар байни бузургтарин кишварҳои содиркунандаи коло ҷойи 13-ум ва дар байни кишварҳои бузургтарини воридкунандаи коло ҷойи 23-юмро ишғол мекунад [3].

Арконҳои ҳукуматӣ дар Арабистон бар чор поя устувор мебошанд: Подшоҳ; ҳайати вазирон; Маҷлиси шуюх (ки аз сардорони қабилаҳо ташкил шуда ва беш аз 200 нафар мебошанд); минтақадорон, ки аз байни шоҳзодагон интихоб шуда, бо ҳукми подшоҳ ба вазифа таъин мегарданд, ки онҳоро амир мегӯянд ва пас аз ҳайати вазирон олитарин мақоми иҷроия дар ҳар минтақа мебошанд ва аз мустақилияти том бархӯрдор буда, вазифаи иҷроияи сиёсатҳои куллӣ ва умури иҷроиро дар минтақа бар уҳда доранд [17].

Омилҳое, ки барои пешрафт ва вусъати Арабистон Саудӣ монеа эҷод мекунанд, пеш аз ҳама, вазъияти иҷтимоӣ, ба монанди кӯчнишинии қабилаҳои ҷудогона ва вобастагӣ ба ахлоқи қабилавӣ мебошад. Гузашта аз ин, вуҷуд надоштани имконоте аз қабили барқ, об, мактаб, бемористон ва ғайра; набудани иртиботи кофӣ байни кишварҳои нимҷазираи Арабистон ва вуҷуд надоштани низоми рушдёфтаи ҳамлу нақл; набудан ва ё бисёр маҳдуд будани мубодилаи мол миёни кишварҳои минтақа; мукаммал набудани тавлидоти минтақавӣ (дар саноат ё кишоварзӣ) мушкилоти иловагиро ба вучуд меоварад. Дар натиҷа, содироти онҳо ба хориҷ аз минтақа ва воридоти онҳо аз хориҷ ба кишвар дар ҳолати ғайританосуб қарор гирифтааст. Аз ин лиҳоз, стратегияи вусъат ва густариши

Арабистони Саудӣ дар ҳақиқат бо таваҷҷуҳ ба маҷмуи омилҳои хориҷӣ ва дохилӣ ва бо назардошт ба бозор ва неруи кории маҳдуд, дастрас набудани дониши тахассусӣ ва фаннӣ ва вазъияти ҷуғрофӣ муайян гардидааст. Дар масъалаи тавсеаи сиёсати хориҷии ин кишвар масъалаи суботи сиёсӣ дар ҳошияи таҳаввулоти «баҳори араб» хеле муҳим аст. Арабистони Саудӣ тавонист монеи ноорoмии сиёсӣ шавад, ки аз соли 2011 саросари минтақаро фаро гирифта буд. Дар Арабистони Саудӣ бошад, тазоҳуротҳои зиёди умумӣ ё муборизаҳои ҷиддӣ нисбат ба хонадони Сауд рух надод.

Подшоҳии Арабистон, ки 23 сентябри соли 1932 бо роҳбарии Абдулазиз ибни Абдураҳмон Оли Сауд таъсис ёфта буд, то соли 1953 давом кард. Малик Сауд аз 1953 то 1964 дуюмин роҳбари Арабистон буд. Малик Файсал аз 1964 то 1975 қудратро дар даст дошт. Аз соли 1975 то 1982 Малик Холид чорумин роҳбар аз хонадони Оли Сауд буд. Аз соли 1982 то 2005 тоҷи подшоҳӣ бар сари Малик Фаҳд қарор дошт ва ба дунболи марги вай Малик Абдулло ба унвони ҷойнишин бар тахти подшоҳӣ то соли 2015 нишаст ва подшоҳи кунунии Арабистон Салмон ибни Абдулазиз мебошад, ки аз соли 2015 то ба имрӯз қудрати сиёсиро дар Арабистон дар даст дорад [20,с.15].

Мушоҳидаҳои охир нишон медиҳанд, ки вақтҳои охир дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии Арабистони Саудӣ баъзе тағйиротҳо ва дигаргуниҳо ба амал омада истодаанд, ки ин тағйиротҳо аз ин қабиланд:

Якум, дар ибтидои асри XXI сиёсати хориҷии давлати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба таҳаввулоти ҷиддӣ дучор гаштааст, ки сабаби асосии он шакл гирифтани низоми яккақутбӣ дар равобити байналмилалии муосир ва равандҳои ҷаҳонишавии имрӯза мебошад.

Дуюм, падидаи наве, ки дар сиёсати хориҷии ин кишвар мақоми хос дорад, ин ба ҷузъ аз ИМА пайдо кардани шарикони нав дар бахши сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад. Ин омил боис гаштааст, ки ШАС рафтори сиёсии худро дар самтҳои нав рушду такомул диҳад.

Сеюм, носуботиҳое, ки дар минтақаи Шарқи Наздик ва Миёна (аз ҷумла Ироқ, Яман ва Афғонистон), ба амал омадааст, ба назар чунин мерасад, ки боиси коста гаштани нуфузи ШАС дар ин минтақа шуда ва баръакс, боиси афзоиш пайдо кардани нуфузи Ҷумҳурии Исломии Эрон шудааст. Ин ҳаводис боиси нигаронии ҷиддии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ гаштааст.

**Муқарриз: *Розиқов Фарҳод* - - н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Аль-Али Х. Б. Ас-Сийяса аль-хариджийя лиль Мамляка аль-арабийя ас-саудийя фи миат амм. Маахад ад-дарасат ад-дипломасийя ли Визарат аль-хариджийя лиль Мамлякат аль-арабийя ас-саудийя (Внешняя политика Королевства Саудовская Аравия за сто лет. Институт дипломатических исследований Министерства иностранных дел Королевства Саудовская Аравия). Эр-Рияд, 2015 г.
2. Арабистони Саудӣ. Шоҳигарии Арабистони Саудӣ. (Маълумотнома). Теҳрон, 2019. 189 с. (Ба хатти форсӣ).
3. Ас-Саудийя – аль-удву аль-149 фи Муназзама ат-тиджара ад-дуввалийя (Саудовская Аравия – 149-й член Всемирной Торговой организации). – Аль-Хайят, Л., 12.11.2005. Здесь и далее эта выходящая в Лондоне саудовская газета цитируется по ее электронному изданию: http://www.daralhayat.com
4. Выступление Президента Таджикистана на саммите ОИК в 1994 в Касабланке (Марокко).; 1997 в Тегеране (Иран),; 2000 в Дохе (Катар),; 2003 Куала-Лумпуре (Малайзия); 2005 в Мекке (КСА),; 2008 в Сенегале. Выступление министра иностранных дел РТ на саммите ОИК – Душанбе 2010.; Выступление Короля КСА Абдулла Бен Абдулазиза на саммите ОИК – Мекка,2005. ; Договор об основах взаимоотношений между Республикой Таджикистан и Королевством Саудовской Аравии от 22.02.1992.
5. Ближний Восток: вызовы XX1 века. Институт востоковедения РАН. М.,2016. 248 стр.

6. Валиахметова Г. Н. Исламский фактор в мировой политике / Г. Н. Валиахметова. - Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2013. -318 с.
7. Договор об основах взаимоотношений между Республикой Таджикистан и Королевством Саудовской Аравии от 22.02.1992.; Выступление Президента Таджикистана на саммите ОИК в 1994 в Касабланке (Марокко). ; 1997 в Тегеране (Иран),; 2000 в Дохе (Катар),; 2003 Куала-Лумпуре (Малайзия),;2005 в Мекке (КСА),; 2008 в Сенегале. Выступление министра иностранных дел РТ на саммите ОИК – Душанбе 2010, Выступление Короля КАС Абдулла Бен Абдулазиза на саммите ОИК – Мекка, 2005.
8. Закон о Консультативном совете в Королевстве Саудовской Аравии Сайта Консультативный совет http://www.shura.gov.sa. (Дата обращения. 14.06.2021).
9. Закон о управлении провинции в Королевстве Саудовской Аравиии – Сайт http://www.mofa.gov.sa. (Дата обращения 14.06.2021).
10. Косач Г. Г. Политика Саудовской Аравии на постсоветском «мусульманском» юге: цели и итоги курса. М. 2016. - С. 28-58. - Саудовская Аравия: эволюция режима и пределы возможного в политическом развитии. Институт изучения Израиля и Ближнего Востока. М., 2016., 103 стр.
11. Косач Г. Г. Эволюция внешней политики Саудовской Аравии после «арабской весны» / Г. Г. Косач // Вестник Нижегородского университета им. Н. И. Лобачевского, 2015. - № 3. - С. 50–62.
12. Косач Г.Г. Внешняя политика Саудовской Аравии / Г.Г. Косач, Е.С. Мелкумян. - М.: ИИИиБВ, 2003.
13. Крючков И. В. Внешняя политика Саудовской Аравии на Ближнем Востоке в начале XXI века / И. В. Крючков // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 4. История. Регионоведение. Международные отношения. – 2017. – Т. 22. - № 3. – С. 142–149
14. Мадани Н. У. Ас-Сияса аль-хариджийя лиль мамлака Аль-Арабийя Ас-Саудийя фи миат амм (Внешняя политика Королевства Саудовская Аравия за сто лет). Эр-Рияд, 2002. – 135 стр.
15. Основной закон правления Королевства Саудовская Аравия – Сайт МИД КАС http://www.mofa.gov.sa. (Дата обращения. 14.06.2021).
16. Розиқов Ш. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ / Ш.Розиқов // Ахбори АИ ҶТ. - №5. -2011. -№ 5. - С.22-25.
17. Сайт Министерства иностранных дел Королевство Саудовская Аравия http://www.mofa.gov.sa. Дата обращения (14.06.2021) .
18. Саудовская Аравия. Королевства Саудовская Аравия. (Справочник). Тегеран, 2019. (Арбистон-е Сауди. Шохигри-е Арбистон-е Сауди. На персид. яз.). С. 34.
19. Умаров, Ф.Таджикистан и исламский мир: особенности сотрудничества /Ф.Умаров. - Душанбе: Ирфон, 2011.
20. Филоник А.О. Саудовская Аравия: политический процесс и выбор пути. - Саудовская Аравия: эволюция режима и пределы возможного в политическом развитии / А.О. Филоник. - М., 2016. -С. 15.
21. Чикризова О. С. Саудовская модель развития для «мира ислама»: особенности и ограничения Vestnik RUDN. International Relations 2019 Vol.19 No.4 545—565. Вестник РУДН. Серия: Международные отношения http://journals.rudn.ru/international-relations
22. Яковлев А. И. Модернизация Саудовской Аравии: итоги и перспективы в начале XXI века / А. И. Яковлев // Восточная аналитика. Ежегодник 2011: Экономика и политика стран Востока. -М.: ИВ РАН, 2011. -С. 48—58.

## ШОҲИГАРИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ: ДАР БОРАИ БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ СТРАТЕГИЯИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ДАР ОҒОЗИ АСРИ XXI

Дар ин мақола баъзе муносибатҳои назариявию методологӣ дар муайян кардани сиёсати хориҷии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар марҳалаи кунунӣ дар шароити ташаккули низоми яккақутбӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Принсипҳои асосӣ ва афзалиятҳои муносибатҳои байнидавлатӣ дар шароитҳои нави таърихӣ, вақте ки муносибат бо Эрон (ҶИЭ) барои касби мақоми пешсафӣ дар минтақа тезутунд шудааст, муайян карда шудаанд. Дар айни ҳол дар мақола зикр шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки тағйиротҳои баамаломада дар сиёсати хориҷии Шоҳигарии Арабситони Саудиро зимни роҳандозии муносиботи хеш бо ин давлат дар марҳалаи кунунии рушди муносиботи ҳамкорӣ ба назар бигирад.Чи тавре ки муаллиф қайд мекунад, воқеияти сиёсии оғози қарни XXI нишон медиҳад, ки имрӯзҳо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар ҷаҳони ислом нақши муассир дорад. Нақши Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар низоми муосири муносибатҳои глобалӣ ва минтақавӣ хеле бузург аст. Мавқеи таърихӣ ва дар қаламрави ин кишвар мавҷуд будани Каъбаи мусулмонон ва иқтидори иқтисодии он ба ин амал мусоидат мекунанд. Иқтидори иқтисодии назаррас ва захираҳои бузурги нафтӣ ба ин кишвар имкон додаанд, ки яке аз кишварҳои асосии минтақа ва иштирокчии созмон ва форумҳои ҷаҳонӣ гардад. Нуфуз ва эътибори Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар ҷаҳони ислом бо иқтидори молиявӣ, ки барои дастгирии ҳамдинон мавриди истифода қарор мегирад, тақвият меёбад.

**Калидвожаҳо**: сиёсати хориҷӣ, Арабистони Саудӣ, усулҳо, афзалиятҳо, низоми нави байналмилалӣ, ҷуғрофияи сиёсӣ, ҷаҳонишавӣ, мушкилоти равобити дуҷониба, Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати минтақавӣ, шарикони нави ҳамкорӣ, суботи сиёсӣ.

## КОРОЛЕВСТВО САУДОВСКОЙ АРАВИИ (КСА): О НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЯХ РАЗВИТИЯ СТРАТЕГИИ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ В НАЧАЛЕ XXI ВЕКА

В статье рассматриваются некоторые теоретико-методологические подходы в определение внешней политики Королевства Саудовской Аравии (КСА) на современном этапе в условиях формирования однополярная системы международных отношений. Определены основные принципы и приоритеты межгосударственных отношений в новых исторических условиях, особенно когда обостряются отношения с Ираном за лидерство в регионе. При этом указывается на то, что Республике Таджикистан необходимо учитывать произошедшие изменения во внешней политике КСА при выстраивании отношений с этим государством на современном этапе развития сотрудничества. Как отмечает автор, политическая реальность начала XX1 века показывает, что сегодня Королевство Саудовская Аравия продолжает играть очень большую роль в исламском мире. Роль Королевства Саудовской Аравии в современной системе глобальных и региональных международных отношений необычайно велика. Этому способствуют историческое положение, наличие главных мусульманских святынь на территории Королевства Саудовской Аравии, значительный экономический потенциал. Имеющийся у Королевства значительный экономический потенциал и ресурсы, связанные с крупнейшими нефтяными запасами, позволили ему стать ведущим участником мировых торгово-экономических организаций и форумов. Влияние и авторитет *Королевства Саудовской Аравии* в мусульманском мире подкрепляются финансовым могуществом, используемым для поддержки единоверцев во всем мире.

**Ключевые слова**: внешная политика, Саудовская Аравия, методы, приоритеты, система международных отношений, глобализация, проблемы двухсторонних отношении, Республика Таджикистан, региональная политика, новые партнеры, политическая стабильность.

## THE KINGDOM OF SAUDI ARABIA (KSA): ON SOME FEATURES OF THE DEVELOPMENT OF THE FOREIGN POLICY STRATEGY AT THE BEGINNING OF THE XXI CENTURY

The article discusses some theoretical and methodological approaches to the definition of the foreign policy of the Kingdom of Saudi Arabia (KSA) at the present stage in the formation of a unipolar system of international relations. The main principles and priorities of interstate relations in the new historical conditions are determined, especially when relations with Iran for leadership in the region become aggravated. At the same time, it is indicated that the Republic of Tajikistan needs to take into account the changes that have occurred in the foreign policy of the KSA when building relations with this state at the present stage of development of cooperation.As the author notes, the political reality of the beginning of the 21st century shows that today the Kingdom of Saudi Arabia continues to play a very important role in the Islamic world. The role of the Kingdom of Saudi Arabia in the modern system of global and regional international relations is unusually great. This is facilitated by the historical position, the presence of the main Muslim shrines on the territory of the Kingdom of Saudi Arabia, and significant economic potential.The Kingdom's significant economic potential and resources associated with the largest oil reserves have allowed it to become a leading participant in world trade and economic organizations and forums. The influence and authority of the Kingdom of Saudi Arabia in the Muslim world is supported by the financial power used to support fellow believers around the world.

**Key words:** foreign policy, Saudi Arabia, methods, priorities, system of international relations, globalization, problems of bilateral relations, Republic of Tajikistan, regional policy, new partners, political stability.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Холиқкзода Абдурозиқ-*** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айни, 67. Телефон: **(+992) 937149 494**

**Сведение об авторе:** ***Холикзода Абдурозик*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, ассистент кафедры истории таджикского народа.. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: **(+992) 937149 494**

**Information about the author:** ***Kholikzoda Abdurozik*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, assistant of the Department of History of the Tajik people. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, 67 Aini Avenue. Pone: **(+992) 937149 494**

УДК:327.3(575.3+574)

# НАТИҶА ВА ДАСТОВАРДҲОИ САМТИ НАВИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН ДАР ОҒОЗИ АСРИ XXI

*Комилов Насим*

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар оғози асри XXI тамоюлоте возеҳ гардиданд, ки ба болоравии нақши минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат намуданд. Маҳз бо дарназардошти тағйиротҳои бунёдӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, нақши омили иқтисодӣ, болоравии арзиши маводи сӯхт, мавқеи ҷуғрофӣ ва иқтидори транзитии минтақа, таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ ба Осиёи Марказӣ бештар гардид. Аз ҷониби дигар, оғози амалиётҳои байналмилалии зиддитеррористӣ дар Афғонистон боиси наздикшавии неруҳои ғарбӣ ба минтақа ва ҷалби кишварҳои Осиёи Марказӣ ба равандҳои минтақавӣ гардид, ки фаъолшавии Россия ва Чинро ба бор овард.

Имрӯз аллакай аён аст, ки Осиёи Марказӣ тадриҷан пеш меравад ва аз сояи сиёсати ҷаҳонӣ баромада, ба яке аз мавзуъҳои муҳимме табдил мегардад, ки бештар дар доираҳои бонуфузи русӣ, чинӣ, амрикоӣ, аврупоӣ, туркӣ, покистонӣ ва ҳиндустонӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Соли 2016 муҳаққиқи машҳури амрикоӣ Ф. Фукуяма кайд намуд, ки ба наздикӣ Осиёи Марказӣ аз канораи иқтисоди ҷаҳонӣ ба маркази он табдил меёбад. Ба сифати ангезаи муҳимми ин раванд, олим нақши иқтисоди Чинро қайд мекунад, ки торафт бештар ба Авруосиё нигаронида шудааст

Осиёи Марказӣ дар сарҳади се тамаддуни бузург ҷойгир буда, соҳиби таърихи мураккаб ва таркиби қавмӣ-динии гуногунранги аҳолӣ мебошад, ки дар консепсияҳои Хантингтон аксар вақт ҳамчун минтақаи дорои иқтидори "қуттии борут" дарк карда мешавад [24, с. 7].

Ба навиштаи Ҳалфред мак Киндер, Осиёи Марказӣ бахше аз қалби Авруосиё (Ҳортланд)-ро ташкил медиҳад. Ба андешаи ин назарияпардоз, «касе, ки Ҳортландро назорат мекунад, Авруосиёро назорат мекунад. Касе, ки Авруосиёро назорат мекунад, бар тамоми ҷаҳон назорати худро барқарор менамояд» [17, с. 23].

Маъмулан, аҳамияти минтақа дар таҳқиқоти хориҷӣ аз нуқтаи назари мавҷудияти захираи бузурги энергетикӣ ва табиӣ дар қаъри он ба назар гирифта мешавад. Аммо Осиёи Марказӣ дастрасии мустақим ба роҳҳои баҳрӣ надорад, аз ин рӯ ба вобастагии нақлиётиву транзитӣ ва сарҳадӣ аз давлатҳои дигар маҳкум аст. Дар чунин ҳолат зарурати ҳамгироии минтақавӣ, сиёсати мутавозин бо қудратҳои ҷаҳонӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ лозим меояд.

Аз ин рӯ, дарки нисбатан амиқи равандҳои дар ин зернизоми минтақавӣ ҷараёндошта ба инобат гирифтани махсусият ва моҳияти сиёсати ҳам иштирокчиёни он ва ҳам бозингарони хориҷиро тақозо менамояд. Дар чунин ҳолат барои кишварҳои Осиёи Марказӣ – Тоҷикистон ҳамчун кишвари дар ҳамсоягии Афғонистон қарордошта ва Қазоқистон – пайвандкунандаи Шарқ ва Ғарб тавассути ҳудуди паҳновараш зарурати таҳияи консепсияи санҷидашудаи сиёсати хориҷӣ бо дарназардошти тамоми омилҳои болозикр ва татбиқи сиёсати воқеъбинона возеҳ мегардад.

Дар ин марҳила тағйиротҳои бунёдӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ ба вуқуъ пайвастанд, ки бо воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 дар ИМА алоқаманд буданд. Инчунин,

тамоюли ҷаҳонишавии масоили умумҷаҳонӣ возеҳ шуданд, ки дар рӯзномаи Созмони Милали Муттаҳид ва созмонҳои дигари байналхалқӣ қарор гирифта, аз болоравии нақши дипломатияи бисёрҷониба шаҳодат медоданд.

Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро ҳамчун сиёсати мустақили бисёрсамтии хориҷӣ муайян намуд, ки ба эҳтироми бечунучарои ҳуқуқи байналхалқӣ асос ёфта, дар заминаи айнӣ ва воқеъбинона татбиқ мегардад. Чунин сиёсат, моҳиятан, сиёсати «дарҳои кушода» (расман аз 31 декабри соли 2002) [16, с. 10], сиёсати сулҳҷӯёна ва беғаразона буда, ҳангоми татбиқи он Тоҷикистон аз муносибати дӯстона ва эътирофи манфиатҳои мутақобила дар асоси эҳтироми мутақобила, баробарҳуқуқӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд бо тамоми кишварҳои дуру наздик бармеояд [15, с. 12].

Бояд дар назар дошт, ки дар оғози ҳазораи навин Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин Консепсияи сиёсати хориҷии худро қабул намуд (24 сентябри соли 2002), ки дар баробари эъломи бисёрсамтӣ мақоми хоссаи кишварҳои минтақаро таъкид менамуд (боби дуюм).

Зиёда аз ин, дар оғози ҳазораи навин ниҳоди нави муайянкунандаи самтҳои сиёсати хориҷӣ дар шакли Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роиҷ гардид, ки моҳияти сиёсати дарҳои кушодро ошкоро ифода намуда, ба таври ҳамешагӣ мақоми кишварҳои Осиёи Марказиро дар сиёсати хориҷӣ инъикос месохт. Дар айни замон мо бояд, пеш аз ҳама, инро ҳам ба назар гирем, ки шароити иқтисодии Тоҷикистон ҳамкориҳои зичро бо кишварҳои минтақа - Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Туркманистон тақозо дорад. Густариши робитаҳо бо кишварҳои зикршудаи ҳамсоя ба таъмини осоиш ва оромии минтақа хизмат менамояд. Ҳамсоягии некро худи ҳаёт боисрор тақозо мекунад ва ин ҷавобгӯйи манфиатҳои ҳамаи халқҳои минтақа мебошад. Бинобар ин, мо бояд ба ҳамкорӣ, рафтуомад ва кумак ба якдигар ҳарчи бештар муваффақ гардем [11].

Асоси фаъолияти хориҷии имрӯзаи кишвари моро сиёсати дарҳои кушода, омодагӣ барои ҳамкорӣ бо ҳамаи субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ дар заминаи эҳтироми усулу меъёрҳои пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медиҳад. Саъю кӯшиш ва талошҳои пайвастаи мо, ки ҳадаф аз он аз ҷониби кишварҳои хориҷӣ дар симои Тоҷикистон дида тавонистани шарик ва ҳамкори боэътимод буд, натиҷаҳои хуб ба бор оварданд. Ва имрӯз мо метавонем бо қаноатмандӣ гӯем, ки дар чорабиниҳои байналмилалӣ ва мулоқотҳои дуҷонибаи кишварҳо фикру мавқеи Тоҷикистон қадру қимати арзанда дорад. Акнун Тоҷикистон аз тарафи аҳли олам ҳамчун давлате шинохта шудааст, ки бемайлон бо роҳи демократия ва иқтисоди бозорӣ пеш меравад [12].

Дар соли 2002 дар ҳаёти кишварҳои Осиёи Марказӣ воқеаҳои муҳим рӯй доданд, ки онҳо аз бисёр ҷиҳат барои ояндаи минтақа бетаъсир намемонанд. Махсус бояд тазаккур дод, ки Тоҷикистон ба таҳкими робитаҳо дар минтақа манфиатдор аст ва ба ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ даъват менамояд [12].

Вижагии муҳимми сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои кушода» аст. Ҷавҳари ин сиёсат, ки Президент онро эълом кардаву бар он роҳбарӣ мекунад, ин аст, ки кишвари мо ҳеҷ кишвареро ғайридӯст намешуморад ва омода аст бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон бар пояи дӯстӣ - ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судманд дошта бошад [17, с. 61].

Ҷумҳурии Қазоқистон аллакай дар охири солҳои 90-уми асри гузашта сиёсати бисёрсамтиро меҳвари асосии сиёсати хориҷии худ эълон намуд. Вале татбиқи амалии он аз оғози ҳазораи навин оғоз гаштааст. Бо дарназардошти мавқеи худ, Қазоқистон дар

саҳнаи байналмилалӣ сиёсати бисёрсамтаро дар маҷрои дипломатияи бисёрҷониба пеш мебарад, ки ба Ҷумҳурии Қазоқистон имкони истифодаи босамар ва ҳифзи муваффақи манфиатҳои худро дар пешорӯйи бозингарони нисбатан муқтадир, аз қабили Чин, ИМА ва Россия фароҳам меорад. Бисёрсамтии сиёсати хориҷӣ маънои инкишофи ҳамкориҳои дӯстона ва қобили пешгӯйӣ бо тамоми кишварҳое, ки дар умури ҷаҳонӣ нақши муассир дошта, барои Қазоқистон манфиати амалӣ доранд. Қазоқистон бинобар мавқеи геополитикӣ ва иқтидори иқтисодӣ ҳуқуқи маҳдуд гаштан ба масъалаҳои кӯчаки минтақавиро надорад. Оядаи Қазоқистон – ҳам дар Осиё, ҳам дар Аврупо, ҳам дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб мебошад. Маҳз чунин сиёсат таҳдиди зуҳуроти номатлубро ба амнияти Қазоқистон истисно намуда, шароити мусоиди хориҷиро мустаҳкам менамояд, ки ба дигаргуниҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Қазоқистон мусоидат мекунанд. Консепсияи сиёсати хориҷӣ бо назардошти тобишҳои навини вазъи ҷаҳонӣ мукаммал ва тағйир меёбад, вале хислати бисёрсатҳа ва бисёрҷанбаи дипломатияи қазоқистонӣ бешубҳа боқӣ хоҳад монд [2, с. 30].

Метавон гуфт, ки яке аз унсурҳои муваффақи модели қазоқистонӣ ризоияти байнимиллӣ ва байнимазҳабӣ ба шумор меравад. Хеле муҳим аст, зеро бо шикасти ҷаҳони дуқутба таҳдиди асосӣ аз низоъҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ бармеоянд, ки аз онҳо аҳолии осоишта бештар зарар мебинанд. Аз ин рӯ, аҳамияти таърихиро тақрибан тамоми ташаббусҳои гуманитарии пешвои қазоқистонӣ касб менамоянд. Анҷумани роҳбарони динҳои ҷаҳонӣ ва анъанавӣ – майдончаи беназири муколамавӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад, ки тамоми олам онро ҳамчун таҷрибаи арзишманди таҳаммулпазирӣ дар кишвари бисёрмиллӣ қабул намуданд.

«…Мо дар Осиё дар сарзамини нодир зиндагӣ мекунем. Тамоми динҳои бузургтарини ҷаҳон – яҳудия, буддоия, насрония, ислом маҳз дар амокини муқаддаси қитъаи мо тавлид шудаанд. Ҳамаи муаллимони маънавии инсоният аз Лао-сзи ва Гаутама Буддо, Исои Масеҳ ва Муҳаммад то мутафаккирони бузурги муосир дар сатҳи Маҳатма Ганди –маҳз аз сарзаминҳои мо мебошанд. Наход Осиё натавонад тамоми арзишҳои тули асрҳо ҷамъшударо дарк намуда, консепсияи нави ҳамкории қитъавӣ ва амнияти дастаҷамъонаро пешниҳод намояд?» гуфт Н. Назарбоев, зимни муроҷиат ба иштирокчиёни ҷаласаи 47-уми Ассамблеяи Генералии СММ [8, с. 130].

Дар марҳилаи муосир дастовардҳои Қазоқистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва нуфузи байналхалқии ҷумҳурӣ асосан аз вазъи иқтисодӣ вобаста буданд ва минбаъд низ вобаста хоҳанд буд. Маълум аст, ки бе азнавсозии иқтисод, ҳаёти сиёсии кишвар, таҷдиди технологӣ, инкишофи минбаъдаи муваффақ ва нигоҳ доштани суръати инкишофи номумкин аст, ки таҷрибаи иқтисодҳои пешсафи осиёӣ инро тасдиқ менамояд.Мусоидат намудан ба ҳифзу тақвияти сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ, табдили минтақа ба сарзамини амн ва рушди устувор, пуштибонии равандҳои солимгардонии вазъи сиёсию иҷтимоӣ дар Афғонистон ва табдил додани ин мамлакат ба кишвари амну ободу шукуфо аз дигар вазифаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад [17, с. 7].

Яке аз вижагиҳои мумтози сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои боз» мебошад. Сиёсати хориҷии шаффоф ва усули «дарҳои боз» мусоидат ба он намуданд, ки Тоҷикистон узви шоистаи созмонҳои байналмилалӣ гардад ва равобити сиёсӣ ва ҳамкориҳои судмандро бо аксари давлатҳои ҷаҳон ба роҳ монад.Тоҷикистон имрӯз дар

арсаи сиёсати ҷаҳон симои хосси хешро дорад ва ҳамчун узви соҳибэътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шудааст [16, с. 190].

Гузашти вақт исбот намуд, ки пайгирӣ аз сиёсати «дарҳои кушода» дар сиёсати хориҷӣ самти ягонаи дурусти пешбурди муносибат ва ҳамкорӣ бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шароити мураккаби тағйиротҳои бунёдӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ ва тамоюлоти муосир ба шумор меравад. Имрӯз зимни баррасии афзалият ва дурустии сиёсати дарҳои кушода метавон аз далоили мушаххас таъкид намуд:- истиқрори муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 140 кишвари ҷомеаи ҷаҳонӣ;- эътирофи расмии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби 180 кишвари сайёра;- узвият дар 58 созмони бонуфузи байналхалқию минтақавӣ;- имзои 1200 созишномаҳои дуҷониба бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ;- узвият ба 600 эъломияҳои байналхалқӣ;- мубодилаи молу маҳсулот бо 100 кишвари ҷаҳонӣ;- дастовардҳо дар самти пешниҳоди ташаббусҳои байналхалқӣ (бахусус дар масъалаи об, ҳамкорӣ дар соҳаи он ва табдили он ба омили муҳимми рушди устувори иқтисодӣ);- раёсати Сарвари давлат дар ҷаласаи 54-уми Маҷмааи Умумии СММ;- пешниҳоди формулаи сулҳ ва ғайра [25].

Лекин бояд тазаккур дод, ки тағйиротҳои муҳимми муносибатҳои байналхалқӣ ва осебпазирии кишварҳои миллӣ дар солҳои 2013-14 воқеияти навро возеҳ намуданд. Дар ин самт бо назардошти таъмини манфиатҳои миллӣ мебояд арзишҳои нав ба консепсияи сиёсати хориҷӣ ворид гарданд. Ин арзишҳо вокуниш ба воқеиятҳои муосир ба хотири ҳифзи истиқлолият ва пайгирӣ аз сиёсати мутавозини хориҷӣ мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир Консепсияи нави сиёсати хориҷии ҶТ аз 27 январи соли 2015 бо фармони Президенти ҶТ қабул гардид, ки принсипҳои асосӣ, ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти манфиатҳои миллии дарозмуддати кишвар муайян ва танзим менамояд [26, с. 84].

Дар муддати зиёда аз даҳ сол ба баъди қабули Консепсияи раванди босуръати таҳаввули сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон ҷараён дошта, вазъи минтақавӣ тағйир ёфт, таҳдиду хатарҳои нави амниятӣ зуҳур намуданд. Бо назардошти ин ҳолат зарурати таҷдиди назар ва қабули Консепсияи нави сиёсати хориҷӣ ба амал омад. Консепсияи нави сиёсати хориҷӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 январи соли 2015 тасдиқ гардид [23]. Дар асоси ин санад, чумҳурӣ меъёри муҳимми тартиботи умумиҷаҳониро риояи амалии тавозун байни равандҳои ҷаҳонишавӣ ва манфиатҳои миллии ҳар як кишвар меҳисобад [7]. Дар тамоми ин аснод, изҳороти расмӣ ва Паёмҳои Сарвари давлат муносибат бо Қазоқистон дар баробари дигар кишварҳои минтақа дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мақоми хосса доранд.

Қазоқистон имрӯз давлати ташаккулёфта бо сохтори нотакрори иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳамзамон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамгиро маҳсуб мегардад. Андеша дар бораи айнияти дарки Қазоқистон – ҳамчун кишвари муваффақ ва президенти он ба сифати шахсияти барҷастаи таърихӣ имрӯз ҷойгоҳи хосро дар баҳодиҳии сиёсатшиносон ва сиёсатмадорон касб намудааст. Маргарет Тэтчер дар сарсухан ба шакли англисии китоби Н. Назарбоев «Роҳи қазоқистонӣ» навишта буд, ки «асосгузорони давлатҳо ҳамеша шахсиятҳои ғайримуқаррарӣ ба шумор ва метавон Нурсултон Назарбоевро ба пуррагӣ ба ин гурӯҳ ворид намуд. Гузариш аз тоталитаризм ба озодӣ ҳеҷ гоҳ осон набуд. Барои расонидани Қазоқистон то баландиҳои имрӯза, президент Назарбоев мувофиқати ҷасорат ва эҳтиёткоронаро пеша намуд. Кишваре, ки бандҳои коммунизмро шикастааст, махсусияти

хосси қазоқии худро нигоҳ доштааст. Ҳамин тариқ, ӯ барои Қазоқистон нуфузи кофиро дар созмонҳои байналхалқӣ ба даст овард» [8, с. 128].Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон дар даҳсолаи дуюми асри XXI ҳодисаҳои муҳим ба вуқуъ пайвастанд, ки ба Қазоқистон таъсири зиёд доштанд:

1) Декабри соли 2015 Ассамблеяи Генералии СММ қатъънома дар бораи амалӣ намудани Эъломияи умумиҷаҳонӣ дар бораи аслиҳаи ҳастаиро қабул намуд, ки Президенти Қазоқистон пешниҳод намуда буд.

2) Боздидҳои муҳимми сарвари давлат ба Чин, Россия, Фаронса, Британияи Кабир ва кишварҳои дигар, ки дар доираи онҳо 275 созишномаи иқтисодӣ ба маблағи 20 трлн тенге (60 млрд. в.ш.) ба имзо расиданд.

3) Аз 1 январи соли 2015 аҳднома дар бораи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ҳукми қонунӣ гирифт.

4) Дохил шудани Қазоқистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ки 27 июли солли 2015 дар Женева бо имзои протоколи воридшавӣ сурат гирифт.

5) 21 декабри соли 2015 созишномаи нав дар бораи густариши шарикӣ байни Қазоқистон ва Иттиҳоди Аврупо ба имзо расид [9, с. 23].

Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2014-2020 аз 21 январи соли 2014 қабул гардид, ки дар Стратегияи «Қазоқистон-2050» қисмати самти сиёсати хориҷӣ ифода ёфта буданд. Тафовути усулии консепсияи мазкур аз асноди пешин дар афзоиши нақши байналхалқии Қазоқистон, пайдоиши тамоюлҳои нави усулӣ дар сиёсат ва иқтисоди муосири ҷаҳонӣ ифода меёбад [22].

Махсусияти хоссаи Консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2014-2020 оммавӣ будани он мебошад. Ин амр барои ҳалли ду вазифа анҷом дода шуд. Якум, ифодаи мавқеъгириҳои возеҳ ва мушаххас барои фаъолияти дипломатияи Қазоқистон. Дуюм, ҷомеаи қазоқистонӣ ва шарикони хориҷӣ самт ва ҷанбаҳои муҳимми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистонро хубтар хоҳанд фаҳмид.Барои Қазоқистон минтақаи Осиёи Марказӣ аҳамияти зиёд дорад. Чунин сиёсат аз нуқтаи назари пешбурди манфиатҳои миллии кишвар зарур мебошад. Рифоҳи Қазоқистон бевосита бо муносибатҳои он бо кишварҳои ҳамҷавор алоқаманд мебошад. Вале низомҳои амнияти ҷаҳонӣ дар мисоли кишварҳои Шарқи Наздик, амалиётҳои ҷангӣ дар Ироқ, Афғонистон, дар Украина ва дар Сурия нишонаи устуворӣ намебошанд.

Дар чаҳорчӯбаи таъмини суботи минтақавӣ ва умқи ҳамкории иқтисодӣ-сиёсӣ мубориза муштарак бо таҳдидҳои муосир барои Қазоқистон минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҷойи якум мебарояд. Қазоқистон баҳри таъмини субот дар Осиёи Марказӣ, ба шумули созмони муҳофизати дастаҷамъӣ аз таҳдид ва хатарҳои нав кӯшиш намуда, талошҳоро ҷиҳати умқи ҳамгироӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ идома медиҳад. Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Н.Назарбоев чандин маротиба ба он ишора намуда буд, ки танҳо дар чаҳорчӯбаи ҳамкории дохилиминтақавӣ метавон масъалаҳои обӣ-энергетикӣ, нақлиётӣ-коммуникатсионӣ ва ҳудудӣ-сарҳадиро ҳал намуд.

Вазифаҳои мусоидат ба эҷоди камарбанди эътимоду амният дар тамоми тули сарҳади кишвар аз роҳи густариш ва таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор, бо истифода аз созукорҳои (механизмҳои) сиёсию дипломатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, бо шумули иқдомҳои дипломатияи пешгирона, барои ҳалли саривақтии мушкилоти мавҷуд ё эҳтимолӣ дар минтақа саъю талош намудан дар сиёсати

хориҷии кишвари мо мавқеи муҳим доранд [17, с. 63].Тоҷикистон дар тули сӣ соли истиқлоли давлатӣ дар роҳи тавсеаи сиёсати хориҷии худ ҳам дар сатҳи муносибатҳои дуҷониба ва ҳам дар чорчӯбаи равобити байналмилалӣ ва минтақавии тиҷоративу иқтисодӣ қадамҳои устувор бардоштааст. Воқеан, асосгузори сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи муваффақи Тоҷикистон Президенти он Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ҳадафҳои асосии сиёсати давлат дар ин самт тавсеаи равобити иқтисодӣ, бозсозии зерсохтҳо, ҷалби сармоя, эҷоди шароит барои тиҷорати озод, коҳиш додани пардохтҳои гумрукӣ ва монеаҳо дар савдои бурунмарзӣ, ҳалли мушкилоти вобаста ба раҳо намудани мамлакат аз бунбасти иртиботӣ, гуногуннавъсозии масирҳои тиҷоратӣ барои кушодани роҳ ба бозорҳои ҷаҳонӣ мебошанд.

Кишвари мо ҳоло дар ҳалли мушкилоти ҷаҳон ва минтақа, аз ҷумла дар масъалаҳои вобаста ба об ва тағйирёбии иқлим, мубориза бо терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ саҳми арзишманд дорад. Махсусан, силсилаи ташаббусҳои Тоҷикистон дар бобати ҳалли мушкилоти об дар ҷаҳон, ки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун “Раванди оби Душанбе” пазируфта шудааст, кишвари моро дар арсаи ҷаҳонӣ ба тарзи хос муаррифӣ кардааст. Ҳоло иқдоми чоруми Тоҷикистон - Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор барои солҳои 2018-2028” дар сатҳи милливу минтақавӣ ва ҷаҳонӣ амалӣ шуда истодааст. Ҳамзамон бо ин, масъалаи тағйирёбии глобалии иқлим ва зарурати талошҳои муштарак барои рафъи оқибатҳои он ҳамчун мушкилоти ҷиддии замони муосир мавриди таваҷҷуҳи хосси кишвари мо қарор гирифтааст [27].

Дар даҳсолаи сеюми истиқлолият Қазоқистон кишвари босубот бо инкишофи босуръати иқтисодӣ ва афзалияти дақиқи сиёсати хориҷӣ гардид. Кишвар пешсафи иқтисоди Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, ки нефт ва гази табиӣ соҳаи асосии саноатии кишвар маҳсуб мегарданд, ки ба он 60% маҷмуи маҳсулоти дохилии Осиёи Марказӣ рост меояд. Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ҳадафи дуюми муҳими сиёсати хориҷии Қазоқистон ба шумор меравад. 52% содироти қазоқистониро ангишт, нефт, маҳсулоти нафтӣ, мис, никел ва алюминий ташкил медиҳад. 67% маҳсулот ба Британияи Кабир, Германия, Нидерланд, Чин, ИМА, Швейтсария содир мегардад. Мутаносибан, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, асосан ба соҳаи нефту газ равона мегардад. Ин соҳа, ба қавли ҳукумати Қазоқистон, бояд «пешоҳанге мегардид, ки кишварро аз мушкилоти иқтисодӣ берун менамуд», дар Нурсултон ҳамчун вазифаи муҳимми стратегӣ баррасӣ мегардид [10, с. 205].

Сиёсати бисёрсамтии Тоҷикистон ва Қазоқистон воқеъбинона мебошад, зеро имкон фароҳам меорад, ки тавозун дар минтақа риоя гардида, ҳамзамон манфиатҳои миллӣ таъмин шаванд. Ба қавли дипломати тоҷик А. Satторзода, чунин сиёсат бештар ба воқеиятҳои муосири давраи гузариш ва равнадҳои ҷаҳонишавӣ мутобиқат намуда, усули ягонаи дурусти зиндамонӣ, ки фоидаи назаррас меорад, инчунин пушбурди самараноки манфиатҳои миллии худ дар самтҳои мухталифи муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсати хориҷии санҷидашуда, андешида, мавзун ва пайгирона ба шумор меравад[19]. Чунин сиёсат на танҳо афзалиятҳои ҷумҳурӣ, балки манфиатҳои кишварҳои минтақа ва тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба назар мегирад [4, с. 42].

Бисёрсамтӣ, ҳамчун усули асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон, ҳадафмандии худро нишон дода, исбот намуд, ки усули ягонаи дурусти зиндамонӣ дар

геополитикаи муосир ба шумор меравад [1, с. 7]. Ҷумҳурии Қазоқистон пайгириро аз самти сиёсати хориҷии мутавозин идома медиҳад, ки манфиатҳои он, динамикаи инкишофи ҷаҳонӣ ва минтақавиро дар назар дорад [13, с. 79]. Он имкони таъмини ҳамкории мутақобилан судманд, муносибатҳои босубот ва дӯстона бо марказҳои пешбари сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳони муосирро фароҳам меорад [21, с. 25]. Дар тули се даҳсола Қазоқистон сиёсати хориҷии созанда, мутавозин ва бисёрсамтиро роҳандозӣ менамояд. Асосҳои консептуалии ин сиёсат аз ҷониби аввалин президент - Нурсултон Назарбоев поягузорӣ шуда, ҷузъи беназири модели рушди қазоқистонӣ ба шумор меравад. Тайи муддати гузашта Қазоқистон узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шуда, ба сифати шарики масъул ва боэътимод дар муносибатҳои байналхалқӣ устувор гардид. Дар бораи нуфузи афзояндаи Қазоқистон, аз ҷумла, натиҷаҳои мусбати раванди Остона оид ба танзими вазъият дар Сурия шаҳодат медиҳанд [3].

Шиддати муносибатҳои сиёсӣ ва ҷанги таҳримӣ байни Россия ва Ғарб ба Қазоқистон низ таъсир расонида, зиёда аз он майдонро барои тағйири ҳаракати сиёсати хориҷӣ маҳдуд менамояд. Вале ин метавонад барои пешбурди сиёсати хориҷии санҷидашудаи бисёрсамтӣ такон бошад [22].

Сиёсати хориҷии бисёрсамтии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар омодагии ҳамкорӣ бо ҳар як шарик (Россия, ИМА, Чин, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Туркия, кишварҳои исломӣ ва диг.) ифода мегардад, ки майли кумак дар ҳалли мушкилоти минтақаро доранд [20, с. 233]. Чунин сиёсат “парокандагии” геополитикии минтақаро нигоҳ медорад [5, с. 22], ки амалан падидаи Осиёи Марказӣ гаштааст. Новобаста аз бисёрсамтӣ, ҳар ду кишвар ба умқи ҳамкорӣ на танҳо бо якдигар, балки бо тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд [6, с. 76].Сиёсати хориҷии кишвар таҳти унвони “сиёсати дарҳои боз” ба принсипҳои дӯстӣ ва баробарии муносибатҳо бо тамоми кишварҳо асос меёбад."Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳоло татбиқ шуда истодааст, идомаи мантиқии ин самт буда, ба сатҳи сифатан нав бардоштани робитаҳои байналмилалии кишвари моро дар шароити нави рушди ҷаҳонӣ таъмин менамояд", - таъкид намудаанд Сарвари давлат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2018. Ҳангоми баромад Президенти Тоҷикистон изҳор намуданд, ки “вазъи ноустувори ҷаҳони муосир дар шароити шиддат ёфтани рақобатҳои геосиёсиву геоиқтисодӣ ва афзоиши таҳдиду хатарҳои глобалӣ аҳамияти таҳкиму густариши муносибатҳои байналмилалиро дучанд менамояд” [14].

Дар маҷмуъ, сиёсати бисёрсамтӣ (дарҳои кушода) самаранокии худро дар шароити мураккаби таърихи муосири инсоният нишон дода, на танҳо заминаи татбиқи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон дар хориҷа, балки муаррифии симои мусбат ва ташаббускору созанда дар саҳнаи ҷаҳонӣ барои кишварҳои тозаистиқлол гардид.

**Муқарриз: Шарипов С.- н.и.т., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуов Н.К. Политика Республики Казахстан по обеспечению региональной стабильности и безопасности: авт. дис. к. п.н.:12.00.04/ Н.К.Абдуов. -М, 2013.- С.7
2. Башмаков А.А. Внешняя политика Республики Казахстан в условиях глобализации //Рост международного авторитета независимого Казахстана и вызовы глобализации: материалы международной научно-практической конференции (Алматы, 27 мая 2011 г.) / А.А. Башмаков. – Алматы: КИЦ Института философии и политологии КН МОН РК, 2011. – 265 с.
3. Байгарин М. Внешняя политика Казахстана совершенствуется, оставаясь многовекторной https://www. inform.kz/ ru/vneshnyaya-politika-kazahstana-sovershenstvuetsya-ostavayas-mnogovektornoy_a3550188

4. Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана. – Душанбе: Издательство ООО «Офсет», 2010. С.42.
5. Казанцев А. Многовекторность внешней политики и геополитическая неопределенность в Центральной Азии / А. Казанцев // Вестник института Кеннана в России. - 2011. -№ 19 – С. 22.
6. Коваленко Г.В. “Многовекторность” во внешней политике государств Центральной Азии / Г.В. Коваленко //Вестник Таджикского национального университета. -2019. -№ 1. – С.76.
7. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Электронный ресурс]. http://mfa.tj/?l=ru &art=1072.
8. Мансурова А.С. Роль первого президента Н. Назарбаева в развитии внешнеполитических связей Республики Казахстан // Рост международного авторитета независимого Казахстана и вызовы глобализации / А.С. Мансурова //Материалы международной научно-практической конференции (Алматы, 27 мая 2011 г.). – Алматы: КИЦ Института Философии и политологии КН МОН РК, 2011. - С.128.
9. Ма Ифэн. Эволюция внешней политики Республики Казахстан в период 1991-2015 / Ма Ифэн // Человеческий капитал. – 2019. -№ 7(127). -С.18-25. С.23
10. Нургалиев Б.К. Наращивание экономического и инвестиционного сотрудничества -приоритетное направление казахстанско-американского взаимодействия / Б.К. Нургалиев // Приоритеты казахстанской дипломатии на рубеже веков. - М., 2000. - С. 201–211. -С.205
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.04.2002. [Манбаи электронӣ]. http://www.president.tj/node/6694
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.04.2003. [Манбаи электронӣ]. http://www.president.tj/node/6637
13. Райхан С. Ж. Приоритеты внешней политики Казахстана исторические традиции и современность / С. Ж. Райхан //Евразийский национальный университет имени Л.Н. Гумилева. CONCORDE, 2015. - № 5. - С 79.
14. Рахмон озвучил основные направления внешней политики Таджикистана. [Электронный ресурс]. https://tj.sputniknews.ru/asia/20181213/1027708729.
15. Рахмон Э. О современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан / Составители: Автор предисловия З. Ш. Саидов (З. Ш. Сайидзода). М. Р. Камолова. - Душанбе: ООО «Контраст», 2019.
16. Ризоён Ш. Ш. Национальные интересы во внешней политике Республики Таджикистан: структура и специфика: дис. к.п.н.: 23.00.04. –Душанбе, 2017.
17. Сайидзода З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.
18. Сайидзода З. Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон / З.Сайидзода, П.Давлатзода, А. Даминова. – Душанбе: Контраст, 2018. – 422 с.
19. Сатторзода А. Некоторые теоретические аспекты многовекторности во внешней политике государств Центральной Азии. [Электронный ресурс]. http://gundogar.org/?02340479590.
20. Султанов Б. Политика и интересы великих держав в Казахстане. Стратегические перспективы: ведущие державы, Казахстан и центрально-азиатский узел / Б. Султанов, Л. Музапарова. Под редакцией Роберта Легволда. - Лондон: Американская академия гуманитарных и точных наук, 2003. -
21. Токаев К.К. Под стягом независимости / К.К. Токаев. – Алматы: «Жибек жолы», 2007.
22. Тургамбаев А., Основные этапы развития внешней политики Республики Казахстан. [Электронный ресурс]. https://interaffairs.ru/jauthor/material/2212
23. Указ Президента Республики Таджикистан. О Концепции внешней политики Республики Таджикистан от 27 января 2015 года №332. [Электронный ресурс]. http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=72915.
24. Центральная Азия 2027: меняющийся стратегический ландшафт. Вероятные сценарии на 10 лет вперед. Астана: Издательство Библиотеки Первого Президента РК – Елбасы, 2017. – 100 с.
25. Шарипов А.Н. Дастовардҳои сисолаи сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. https://khovar.tj/2021/09/dastovard-oi-s-soli-siyosati-hori-va-diplomatiyai-to-ikiston-andesha-oi-dotsenti-dmt-dar-ostonai-ashni-isti-loliyat-davlat/
26. Шарипов А.Н. Марҳилаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Н.Шарипов //Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Самтҳои афзалиятнок ва дурнамои тавсеаи сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон дар шароити муосир". ” Душанбе, 11 декабри соли 2019. 256 с. –С.79-88.
27. Шарифзода А., Айниддин С. Эмомалӣ Раҳмон ва 30-соли истиқлоли давлатӣ. [Манбаи электронӣ]. http://www.president.tj/node/28034

**НАТИҶА ВА ДАСТОВАРДҲОИ САМТИ НАВИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН ДАР ОҒОЗИ АСРИ XXI**

Дар мақола масъалаи омӯзиши натиҷа ва дастовардҳои самти нави сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар оғози асри XXI мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тавре маълум, дар оғози ҳазораи навин бо дарназардошти тағйиротҳои бунёдӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ аҳамияти Осиёи Марказӣ боло рафт.

Тадриҷан минтақа аз канораи иқтисоди ҷаҳон ба маркази он табдил мегардад, ки таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудратро нисбат ба худ зиёд менамояд. Инчунин, оғози амалиётҳои байналмилалии зиддитеррористӣ неруҳои ғарбиро ба минтақа наздик намуд, ки боиси шиддати рақобат бо Россия ва Чин гардид. Аз ин рӯ, зарурати муайянсозӣ ва татбиқи сиёсати хориҷии воқеъбинона ва бисёрсамтӣ ба амал меояд, ки дар майлони нави сиёсати хориҷии Тоҷикистону Қазоқистон инъикос мегардад. Дар заминаи ин қайд мегардад, ки чунин сиёсат натиҷаҳои назаррас ба бор оварда, моҳияти сиёсати сулҳхоҳонаи кишварҳо ва афзалияти минтақавиро возеҳ намуд. Муаллиф қайд менамояд, ки бо дарназардошти таҳдиду хатарҳои муосир ва тағйиротҳои байналхалқӣ зарурати қабули Консепсияҳои нави хориҷӣ возеҳ шуда, мутаносибан аз ҷониби ҳар ду кишвар қабул гардиданд. Инчунин, дар мақола таҳлил ва муқоисаи раванди ташаккули сиёсати хориҷӣ, умумият ва махсусиятҳои онҳо бо мисолҳои мушаххас, натиҷа ва дастовардҳо дар ин самт таъкид гардидааст.

**Калидвожаҳо:** сиёсати хориҷӣ, Тоҷикистон, Қазоқистон, Осиёи Марказӣ, натиҷа, дастовард, сиёсати дарҳои кушода, сиёсати бисёрсамтӣ, амният.

## ИТОГИ И ДОСТИЖЕНИЯ НОВОГО НАПРАВЛЕНИЯ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА И КАЗАХСТАНА В НАЧАЛЕ XXI ВЕКА

В статье рассматриваются итоги и достижения нового направления внешней политики Таджикистана и Казахстана в начале XXI века. Как известно, в начале нового тысячелетия в условиях кардинальных изменений в международных отношениях значение Центральной Азии возросло. Постепенно регион превращается от периферии мировой экономики в ее центр, что привлекает внимание сверхдержав. Начало международной контртеррористической операции также приблизило западные силы к региону, усилив конкуренцию с Россией и Китаем. Поэтому возникает необходимость определения и реализации прагматичной и многовекторной внешней политики, что находит отражение в новых внешнеполитических документах Таджикистана и Казахстана.В этом контексте отмечается, что такая политика дала значительные результаты и прояснила суть миролюбивой политики стран и регионального приоритета. Автор отмечает, что с учетом современных вызовов и угроз и международных изменений необходимость принятия новых зарубежных концепций была необходима и принята обеими странами соответственно.Также в статье анализируются и сравниваются процессы внешнеполитического становления, их общность и специфика с конкретными примерами, результатами и достижениями в этой области.

**Ключевые слова:** внешняя политика, Таджикистан, Казахстан, Центральная Азия, итоги, достижения, политика открытых дверей, многосторонняя политика, безопасность.

## RESULTS AND ACHIEVEMENTS OF THE NEW DIRECTION OF THE FOREIGN POLICY OF TAJIKISTAN AND KAZAKHSTAN AT THE BEGINNING OF THE 21ST CENTURY"

The article examines the results and achievements of a new direction in the foreign policy of Tajikistan and Kazakhstan at the beginning of the 21st century. As is known, at the beginning of the new millennium, in conditions of cardinal changes in international relations, the importance of Central Asia increased. Gradually, the region is turning from the periphery of the world economy into its center, which attracts the attention of the superpowers. The launch of an international counterterrorism operation has also brought Western forces closer to the region, intensifying competition with Russia and China. Therefore, there is a need to define and implement a pragmatic and multi-vector foreign policy, which is reflected in the new foreign policy documents of Tajikistan and Kazakhstan.In this context, it is noted that such a policy has yielded significant results and clarified the essence of the countries' peace-loving policies and regional priority. The author notes that, taking into account modern challenges and threats and international changes, the need to adopt new foreign concepts was necessary and accepted by both countries, respectively.The article also analyzes and compares the processes of foreign policy formation, their generality and specificity with specific examples, results and achievements in this area.

**Key words:** foreign policy, Tajikistan, Kazakhstan, Central Asia, results, achievements, open door policy, multilateral policy, security.

**Маълумот дар бораи муаллиф.** ***Комилов Насим*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон**: (992)985-41-51-9. E-mail**: **nasim.komilov.93@mail.ru;**

**Сведение об авторе.** ***Комилов Насим*** - Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, старший преподаватель кафедры права и международных отношений. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С. Сафарова,16 Телефон**: (992)985-41-51-9. E-mail**: **nasim.komilov.93@mail.ru**

**Information about the author.** ***Komilov Nasim*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Senior Lecturer of the Department of Law and International Relations. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, st. S. Safarova, 16 Phone: **(992) 985-41-51-9**. E-mail**: nasim.komilov.93@mail.ru**

УДК:93.1:297

# БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ ДАР МАРҲИЛАИ КУНУНИИ РУШДУ ТАКОМУЛ

*Ғуломов А.М.*
**Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар байни шумораи зиёди созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии муосир Созмони Ҳамкории Исломӣ (СҲИ) мавқеи хосеро доро мебошад. Дар ибтидои асри XXI вобаста ба раванди ҷаҳонишавӣ дар сохтор ва вазифаҳои он як қатор тағйирот ба назар мерасанд, ки дар маҷмуъ, вижагиҳои фаъолияти ин созмонро ташкил додаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки узви комилҳуқуқи СҲИ ба ҳисоб меравад, ин равандҳоро ба назар гирифта, дар муносибати худ бо ин созмон сиёсати хориҷии худро таҳриру такмил мекунад. Ҳамзамон бояд ёдрас шуд, ки ин таҳаввулот натиҷаи равандҳои ҷаҳонишавӣ буда, дар фаъолияти ин созмон дигаргуниҳои ҷиддӣ ворид намудаанд.

Агар нигоҳи мухтасаре ба таърихи ин созмон намоем, метавон гуфт, ки Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон таъсис ёфта, дар марҳилаи кунунӣ бо иштироки беш аз 50 кишвари мусулмоннишин фаъолият намуда истодааст. Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ аз ибтидои таъсиси худ то моҳи июни соли 2011 бо номи Созмони Конфронси Исломӣ (СКИ) амал менамуд ва ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ ба институтсионализатсияи минбаъдаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва рушди ҳамкориҳо миёни кишварҳои мусулмоннишин таъсири назаррасе гузоштааст.Раванди рушду такомули ҷаҳони муосир нишон медиҳад, ки аз ҷониби созмони мазкур созишномаҳои сершумори байналмилалӣ дар масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи инсон, терроризм, маориф ва иқтисоду фарҳанг ба тасвиб расидаанд, ки дар маҷмуъ, ифодакунандаи самтҳои асосии фаъолияти ин созмон дар ибтидои асри XXI мебошанд.

Дар партави гуфтаҳои боло метавон зикр намуд, ки Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ, аз зумраи созмонҳое мебошад, ки дар пояи консепсияи мазҳабӣ, ҳамчун унсури ваҳдати байни кишварҳои мусулмон дар заминаи арзишҳои умумибашарӣ барои нигоҳдории ҳувият ва рушду таҳким бахшидани ҳамгироӣ дар байни кишварҳо фаъолияти худро пеш бурда истодааст.

Барои тақвияти андешаҳои боло метавон ба Оинномаи Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ муроҷиат намуд. Дар моддаи дуюми Оинномаи ин созмон чунин омадааст: «Ҳадафи асосии он тақвияти ҳамбастагӣ дар байни мардумони давлатҳои аъзои он мебошад» [1,с.47]. Илова бар ин, СҲИ ниҳоди минтақавӣ ба ҳисоб намеравад, зеро кишварҳои аъзои он аз чаҳор қитъаи гуногуни олам мебошанд. Маҳз ҳамин хусусият ҷанбаи байналмилалии онро тақвият мебахшад. Ҳамзамон, ин созмонро ба далели он ки афзалияти узвият дар он танҳо ба давлатҳои эътиқодманди дини ислом дода шудааст, наметавон созмони универсалӣ шуморид. Тавре ки аз таҳлили фаъолияти ин созмон бармеояд, СҲИ дар масъалаи Фаластин мавқеи махсуси сиёсӣ ишғол намуда, аз давраи ҷанги сард шуруъ намуда, мутобиқи моддаи 5 Оинномаи хеш, мақари худ то озод карда шудани шаҳри Ерусалим аз дасти давлати Исроил, шаҳри Ҷиддаро (Арабистони Саудӣ) интихоб кардааст. Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ аз нигоҳи мавқеъ ва иқтидори худ пас аз Созмони Милали Муттаҳид дуюмин созмони калонтарин дар ҷаҳон мебошад, ки минтақаи ҷуғрофии дорои аҳамияти бузурги стратегиро фаро мегирад, ки бо далели

доштани чунин хусусият метавонад ба равандҳои муосири байналмилалӣ таъсири назаррасе гузорад.

Нуктаи вижае, ки дар фаъолияти ин созмон ба назар мерасад, масъалаи узвият дар он аст. Мутобиқи Оинномаи ин созмон «хориҷ» шудан аз узвият муқаррароте надорад, зеро он танҳо имкони «боздоштани узвият» ё «аз даст додани имконоти ҳамкории муваққатӣ»-ро пешбинӣ кардааст. Дарвоқеъ, фаъолияти чанд кишвари узв аз замони таъсиси СҲИ, аз қабили Серра-Леоне дар соли 1974, Буркина-Фасо дар соли 1980 ва охирон Сурия маҳз бо ҳамин усул боздошта шудааст [14].

Дар робита ба сохтори дохилии ин созмон метавон гуфт, ки дар ибтидои асри XXI дар се ниҳоде, ки дутои он характери байнидавлатӣ доранд, дигаргуниҳои куллие ворид шудаанд. Аз ҷумла, танҳо Конфронси сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо, ки бо номи Конфронси сатҳи олии исломӣ (моддаи 4 Оиннома), Ҷаласаи вазирони корҳои хориҷӣ (моддаи 5 Оиннома) ва Дабири кулли созмон салоҳияти маълум кардани стратегияи рушду такомули онро доранд.

Ниҳоди дуюми созмон мақоми иҷроия мебошад, ки барои татбиқи сиёсати СҲИ ва қабули резолютсияю тавсияҳо машғул шуда, ба котиботи созмон пешниҳодҳо ироа менамояд. Аммо ниҳоди дигари ин созмон, ки Котиботи кулл ном дорад (дафтари он дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ ҷойгир аст), ин салоҳиятро надорад. Танҳо аз ҷониби Конфронси исломии вазирони корҳои хориҷӣ интихоб карда мешавад ва ваколати дар сатҳи байналмилалӣ намояндагӣ кардани ин созмонро доранд. Дар рушду такомули СҲИ якчанд конфронсҳо нақши калидӣ доранд. Аз ҷумла, метавон конфронси Лоҳур (2002), Макка (2006), Касабланка (2009) ва ғайраро номбар кард. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки СҲИ дар ибтидо мақоми судии худро созмон надода буд. Танҳо дар нишасти 5-уми Сарони кишварҳои муслмоннишин, ки моҳи январи соли 1987 дар Кувайт баргузор гардид, лоиҳаи Оинномаи Додгоҳи байналмилалии исломӣ (ДБИ) ба тасвиб расид [14].

Сарфи назар аз он ки дар ибтидои асри XXI додгоҳи ин созмон ба далели надоштани тасвибҳо ҳанӯз ба фаъолият шуруъ накарда буд, вале аҳамият ва асолати он ҳифз карда шудааст. Вобаста ба ҳайат ва вазифаҳои он дар моддаи 3 Оинномаи он муқаррар карда шудааст, ки ҳайати он аз ҳафт қозӣ иборат буда ва ҳар кадоми онҳо ба муҳлати чаҳор сол интихоб карда мешаванд. Тибқи моддаи 4 Оиннома додрасҳо бояд мусулмон ва дорои меъёрҳои баланди ахлоқӣ, фақеҳи эътирофшудаи шариат бошанд ва аз қонунҳои байналмилалӣ маълумот дошта бошанд. Салоҳияти ин ниҳод ба мисли дигар додгоҳҳои байналмилалӣ мувофиқ ба моддаҳои 21 ва 42 Оиннома мақоми машваратӣ доранд. Дар мавриди сарчашмаҳои ҳуқуқии фаъолияти ин созмон бошад, дар моддаи 27 Оинномаи он нишон дода шудааст, ки дар шариати ислом дар ҷойи аввал қонуни додгоҳии дунявӣ қарор дорад. Тавре ки муҳаққиқи шинохтаи рус А. Жданов менависад: «Ин созмон бо назардошти сарчашмаҳои умумии ҳуқуқи байналмилалӣ (шартномаҳо, урфу одат, принсипҳои ҳуқуқии умумӣ ва ҳуқуқшиносии байналмилалӣ) ҳамчун шарти дуюм метавонад фаъолият намояд. Ин ба он маъно аст, ки додгоҳ бори нахуст дар ҳуқуқи байналмилалӣ шариатро барои ҳалли баҳсҳои байналмилалӣ қабул мекунад» [6,с.168].

Дар бораи фаъолияти додгоҳ бошад, амалияҳои дигаре низ пешбинӣ шудаанд. Масалан, агар ду кишвари узв тасмим бигиранд, ки масъалаи сарҳадро дар додгоҳ ҳал кунанд, қозӣ бар асоси манобеи шариати ислом, Қуръон ва суннати исломӣ масъаларо дида баромада ва дар сурати пайдо нашудани далели муътамад дар мавриди баҳси

баамаломада, ба манбаъҳои дуюмдараҷа, яъне ба қонунҳои классикии ҳуқуқи байналмилалӣ муроҷиат менамояд. Аммо дар амалияи додгоҳ мактаби мушаххаси фиқҳ, ки ҳуқуқро маълум менамояд, зикр нашудааст. Ин ҳолат, ба ақидаи Муфлиханова Д. Р., метавонад «дар амалкарди қозиҳо хангоми мурофиаи додгоҳӣ мушкилоти ҳуқуқиро эҷод намояд» [8,с.42].Илова бар ин, ниҳодҳои дохилии СҲИ аз чанд ниҳоди махсусгардонидашуда, ба мисли Бонки Исломии Рушд (БИР), Созмони исломии маориф, илм ва фарҳанг (СИМИФ), Созмони радиошунавонии давлатҳои исломӣ (СРДИ) ва Оҷонсии байналмилалии хабарии исломӣ (ОБХИ) таркиб ёфтаанд, ки бар асари равандҳои ҷаҳонишавии муосир ба як қатор дигаргуниҳо мувоҷеҳ гаштаанд.

Бояд қайд кард, ки зерсохторҳои зикршуда бо назардошти моҳият ва муҳтавои худ барои пешниҳоди хидматҳо, аз қабили иштироки якҷояи саҳмияҳо, қарзҳои бефоиз ва иҷора, ки барои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳои алоҳидаи узв ва ҷомеаҳои чудогонаи мусулмонӣ равона шудаанд, мусоидат мекунанд. Дар доираи ҳамкориҳои бонкӣ, инчунин ҳамкориҳои фаннӣ байни кишварҳои исломӣ, ба мисли Хазинаи ҳамбастагии исломӣ (ХҲИ) барои кумак ба кишварҳои узв, ки аз офатҳои табиӣ ва техногенӣ зарар дидаанд, амал мекунад.Инчунин, дар доираи ҳамкориҳои байнидавлатӣ Созмони маориф, илм ва фарҳанги исломӣ (СМИФИ) амал мекунад, ки он дар конфронси ёздаҳуми созмон, тибқи қатъномаи № 2/11 Оинномаи созмон ба таври расмӣ таъсис дода шудааст. Идораи марказии он дар шаҳри Работи Марокаш ҷойгир аст.

Мақсади СМИФИ ҳамкориҳои кишварҳои аъзо дар бахшҳои маориф, илм ва фарҳанг ва дар ин росто диққати ҷиддӣ додан ба масъалаи ахлоқ ва арзишҳои муосир дар барномаи таълимӣ мебошад. «Ин иқдом дар асоси истифода аз фановариҳои муосир ва рушди илмҳои амалӣ дар чаҳорчӯбаи идеалҳои исломӣ пеш бурда мешавад. Бо назардошти ин нукта табодули фарҳангӣ ва маърифатӣ барои мусоидат ба сулҳу амният дар саросари кишварҳои мусулмоннишин амалӣ карда мешавад» [6,с.172].Як дигаргунии куллии дигаре, ки ба назар мерасад ин аст, ки фаъолияти Созмони радиошунавонии давлатҳои исломӣ (СРДИ) тақвият ёфтааст. Ба ақидаи Лебедева Н. Б., «Мақсад аз ташкили он таҳкими ҳамкориҳои кишварҳои узв дар самти пахши барномаҳо оид ба табодули барномаҳои радио ва телевизионӣ оид ба анъанаҳои фарҳангии якдигар ва пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ба мақсади муттаҳид сохтани онҳо равона гардидааст» [7,с.72].Зерсохтори дигари Созмони Ҳамкории исломӣ ин Хабаргузории байналмилалии исломӣ (ХБИ) мебошад, ки аз ҷониби Конфронси сеюми исломӣ ташкил карда шуда, дафтари он дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ фаъолият менамояд. Мақсади асосии он мусоидати бештар ба табодули иттилоот байни оҷонсиҳои иттилоотӣ оид ба барномаҳои ҳамкорӣ барои дарки бештари ҳамдигарфаҳмии кишварҳои узв оид ба масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Илова бар ин, ҳадафи дигари ниҳоди мазкур баланд бардоштани сатҳи касбии расонаҳои хабарӣ дар миёни ҳамаи кишварҳои узв дар пояи арзишҳои умумибашарӣ мебошад.Дар марҳилаи кунунии рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ, масъалаи ҳуқуқи башар дар СҲИ ба як мавзуи баҳс дар миёни кишварҳои аъзои созмон табдил ёфтааст. Тавре ки мебинем, ин ҳолат ба сиёсатҳои мавҷудаи кишварҳои исломӣ ва созмонҳои байналмилалӣ таъсири қобили мулоҳиза ба ҷо гузоштааст. Ин ҳолат бештар дар лоиҳаҳо ва матнҳои ниҳоии он, ки аз ҷониби иттиҳодияҳои хусусӣ ё созмонҳои ҷамъиятӣ ҳамчун пешниҳодҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар ислом интишор шудаанд, зуҳур меёбад. Як нуктае, ки бар асари таҳаввулоти муосир дар фаъолияти СҲИ дида мешавад,

марбут ба истифода аз баъзе муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад.Бинобар ин, ба ҷойи ҳуқуқҳои башар, ки онро худи дини ислом эътироф ва қабул кардааст, пешниҳодҳое ироа мегарданд, ки бо муҳтавои Эъломияи ҳуқуқи инсони СММ пурра ҳамоҳанг мебошанд. Дар ин росто қайд кардан бамаврид аст, ки сарфи назар аз тафовутҳо, инъикоси ҳуқуқи башар дар эъломияҳои созмонҳои исломии байналмилалӣ ва пазируфтани онҳо аз ҷониби кишварҳои мусулмонӣ шароити омезиши фарҳангҳои гуногунро ба вуҷуд оварда, заминаи муноқишаҳои динӣ ва этникиро аз байн мебардорад.

Барои шарҳи гуфтаҳои боло ба чанд намуна мурочиат карда метавонем. Дар Африқои Ҷанубӣ (Сахара) ду низоъ, яке дар Сомали ва дигаре дар Мали ба амал омад, ки дар онҳо омили динӣ нақши калидӣ дошт. Нокомии давлат дар Сомали дар соли 2001 боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ шуд, ки дар он ҷанг беш аз як миллион нафар ҷони худро аз даст доданд. Ин ҷанг бесуботии сиёсӣ дар ин кишвар ва дар саросари ҷаҳонро ба миён овард. Аз ҷумла, дар Халиҷи Адан роҳзанҳо пайдо шуданд, ки ба таври ҷиддӣ ба ҳаракати байналмилалии баҳрӣ таъсири худро расонида буд. Ба хотири ба амал омадани чунин вазъият дар Сомали Созмони Милали Муттаҳид маҷбур шуд, ки ба ин муноқиша дахолат кунад. Ҳарчанд ки дар ҳаллу фасли масъалаи мазкур муваффақияти зиёди сиёсӣ низ ба даст наовард. Дар ҳалли ин масъала Созмони Ҳамкории Исломӣ кӯшиш кард тавассути таъсиси «Гурӯҳи тамос» саҳми худро гузорад. Тавре ки ба назар мерасад, талошҳои ин созмон натиҷаи дилхоҳ ба бор оварданд. Гузашта аз ин, дар соли 2006 дар ин муноқиша мудохилаи низомии Эфиопия сурат гирифт. Дар робита ба ҳаллу фасли ин масъала СҲИ баъд аз музокироти моҳи августи соли 2008 муҷаддадан иштироки худро фаъол карда, бо имзои «Созишномаи сулҳи Ҷибути» ин муноқишаро ба анҷом расонид. Ин дар ҳолате ба вуқуъ пайваст, ки як қатор кишварҳои манфиатдор ва созмонҳои байналмилалӣ ба сифати нозир дар ин раванд ширкат доштанд. Илова бар ин, СҲИ дар ҳамоҳангсозии талошҳои кумакрасонӣ ба Африқо соли 2001, ки аз норасоии шадиди ғизо азият медиданд, нақши худро гузошт. Таҳти назорати СҲИ бисёре аз созмонҳои ҷамъиятии мусулмонон ба халқи Сомали дар якҷоягӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ёрии худро расонданд. Ҳамзамон, бо ташаббуси СҲИ пас аз ду сафари саҳроӣ, ҷаҳонро аз зарурати фаврии мубориза бо гуруснагӣ ҳушдор дод ва тасмим гирифт барои рафъи гуруснагӣ Идораи ҳамоҳангсозии корҳои башардӯстона (ИҲКБ) дар Могадишоро ифтитоҳ кунад, ки вазифаи асосии он интиқоли ғизо ба минтақаҳои осебдида буд.

Вобаста ба масъалаи мазкур метавон зикр намуд, ки мавқеъ ва нақши Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ ҳангоми ҳалли низои Мали низ назаррас мебошад. Моҳи марти соли 2012, раиси Ҷумҳурии Мали Амад Тумани Туре, генерали мустаъфӣ, ки аз соли 1991 кишварро раҳбарӣ мекард, дар яке аз табаддулотҳои низомӣ сарнагун карда шуд. Ин ҳодиса боиси даргириҳои хунин дар ин кишвар гардид, ки дар он гурӯҳҳои шӯришии қавми туареги, аз сабабе ки ба ҳукумати Мали мухолифат доштанд, фаъолона ширкат варзиданд. Пас аз баста шудани сарҳадҳо ва ташкили хунтаи ҳарбӣ гурӯҳи табаддулотчиён дар артиш амалиёти худро бо он асоснок карданд, ки барои мубориза бо ҷудоихоҳони туареги неруи қудратманд дошта бошанд. Дар натиҷа, ихтилофҳо миёни ҳукумати нав ва гурӯҳи этникии шӯришгар авҷ гирифт. Танҳо пас аз барканории раиси Ҷумҳурии Либия Муаммар Қаззофӣ, ки дар доираи ваколаташ аз қавми туареги ҳимоят мекард, онҳо маҷбур шуданд, ки ба Мали баргарданд, гарчанде онҳо мехостанд ҳаракатҳои ҷудоихоҳиро дар қисматҳои шимолии кишвар идома диҳанд.

Моҳи сентябри соли 2012 ҳукумати Мали расман аз Созмони Милали Муттаҳид дархост намуд, то ба дахолати низомӣ дар ин минтақа иҷозат надиҳад. Ин амал боиси қабули Қатъномаи №2085 аз 20 декабри соли 2012 оид ба таъсиси Миссияи байналмилалӣ ба Мали ҳамчун кумак ва назорат ба ҳукумати муваққатӣ дар шимолии Мали ба ҳисоб мерафт. То охири соли 2013 ягон хел нақшаи ҳуҷум ба ин кишвар вуҷуд надошт, аммо 9 январи ҳамон сол мақомоти Мали аз Фаронса кумаки низомӣ дархост карданд, ки ин оғози амалиёти SERVAL [8,с.58] дониста мешуд.Мавриди зикр аст, ки бо ибтикори дабири кулли Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ Акмалиддин Эҳсоноғлу 28 январи соли 2013 рафтори неруҳои радикалии Мали маҳкум карда шуда, барои расидан ба созиши сиёсӣ дар Мали аз тарафи Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ алайҳи дахолатгарон икдом карда шуд.

Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ амали Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳидро дар ин кор рафтори шитобкорона дониста, баёнияи ниҳоии нишасти сарони кишварҳои исломиро, ки моҳи феврали соли 2013 дар шаҳри Қоҳира баргузор шуда буд, пахш намуд. Дар интишороти худ СҲИ терроризмро хилофи «арзишҳои таҳаммул, сулҳ ва муътадилӣ аз ҷониби ислом» маънидод намуд.Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ нисбат ба низои Халиҷи Форс миёни Ироқ ва Эрон дар нишасти Теҳрон қатъномае қабул кард ва ҳамла ба Кувайтро дар соли 1997 маҳкума карда, хостори иҷрои ҳама қатъномаҳои СММ дар ин бора шуд. Ҳамзамон, тавре аз мунокишаҳои чанд даҳсолаи охир дар Ховари Миёна бармеояд, нақши созмони мазкур дар раванди ҳодисаҳои ин минтақа, аз ҷумла, ҷанги эълоннашудаи Фаластин, низои Ироқ ва Сурия муҳим арзёбӣ мешавад.

Вобаста ба масъалаи арзишҳои бунёдии худмуайянкунӣ, соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва якпорчагии миллии давлатҳо Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ дар Конференсияи сарони кишварҳои исломӣ, ки 16-18 октябри соли 2011 дар шаҳри Путраҷаяи Малайзия доир карда шуд, Эъломия қабул кард. Бар иловаи он, аҳамияти принсипи дахолат накардан ба корҳои дохилии Ироқро таъкид намуд ва ин замина ҳама гуна шаклҳои терроризмро ошкоро маҳкум кард ва аз тамоми кишварҳои узв даъват намуд, то Конвенсияи мубориза бо терроризми байналмилалиро, ки он созмон пешниҳод кардааст, ба тасвиб расонанд [2,с.169].Оид ба мунокишаҳои Сурия, созмон тадбирҳо барои ҳамкорӣ ва тасвиби таҳримҳо мавқеи худро нишон дода, дар масъалаи раиси ҷумҳури Сурия Башор Асад тасмимҳои лозим қабул намуд. Аз ҷумла, дар нишасти сарони кишварҳои исломӣ, ки дар моҳи августи соли 2012 дар Маккаи Арабистони Саудӣ баргузор шуда буд, СҲИ узвияти Сурияро дар ин созмон мутаваққиф кард.

Ин иқдом қаблан дар як нишасти муқаддамотӣ дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ ба тасвиб расид. Ба ин манзур моҳи декабри соли 2013 ин созмон бо мақомоти Сурия дар мавриди ирсоли кумакҳои башардӯстона ва як ҳайати муштараки СҲИ ва СММ ба Сурия ба тавофуқ расид.

Мавқеи СҲИ нисбат ба вазъияти Фаластин, ки айни замон боиси таваҷҷуҳи Созмони Ҳамкории Шанхай низ гардидааст, маълум шуд. Набояд фаромӯш кард, ки маҳз пас аз сӯзонидани Масҷиди Ал-Ақсо дар Байтулмуқаддас 21 августи соли 1969 СҲИ таъсис ёфтааст. Илова бар ин, СҲИ дар талошҳо оид ба пазируфтани давлати Фаластин аз сӯйи Маҷмааи Умумии СММ ба ҳайси узви нозир нақши муҳим бозид ва аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват кард, ки аз таъсиси давлати мустақили Фаластин пуштибонӣ кунад.

Аз таҳлилҳои боло метавон ба чунин натиҷа расид, ки СҲИ аз зумраи созмонҳои байналмилалие ба ҳисоб меравад, ки мавқеъ ва нуфузи он дар арсаи байналмилалӣ хеле

боло рафтааст. Дар раванди сулҳу осоиш ва яктарафа кардани ҷангу ҷидолҳое, ки дар кишварҳои Африқо, Шарқи Наздик ба амал меоянд, нақши муассир гузошта истодааст.

Созмони Ҳамкории Исломӣ кӯшиш ба он дорад, ки дар ҳалли низоъҳои ҷаҳони араб (мусулмонҳо) нақши бештар нишон диҳад. Фаъолияти созмон баёнгари он аст, ки ҳамчун ниҳоди миёнарав СҲИ, метавонад дар ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши муассир дошта бошад. Ҳамзамон, муносибатҳои озодеро, ки Созмони Милали Муттаҳид ҳифз менамояд, Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ идома медиҳад. Зеро миссияҳои муштараки онҳо дар муноқишаи Сурия ва амалҳое, ки дар якҷоягӣ бо созмонҳои минтақавӣ, аз қабили Лигаи кишварҳои Араб (ЛКА) анҷом додааст, баёнгари талошҳои ин созмон барои сулҳу амният ва ҳамгироӣ мебошанд. Ба ин хотир аст, ки Созмони Ҳамкориҳои Исломиро на танҳо созмонҳои мухталифи байналмилалӣ, инчунин давлатҳои ғайриисломӣ, ба мисли Россия, пазируфта, дар кори ин созмон ҳамчун нозир иштирок дошта, ба фаъолияти он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд.

**Муқарриз: *Розиқов Фарҳод* - - н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Аминуддин М. А. Организация Исламская Конференция (Международно-правовой аспект): дис. ... канд. юрид. наук: : СПб, 2010–С. 47.
2. Абашидзе А. Х. Компетенция Организации Исламского Сотрудничества в сфере защиты прав человека / А. Х. Абашидзе А. М.Солнцев, Д. В. Воробьев М., 2013. - //LegalConcept. ;2013. - №3. – С.169.
3. Гареева Г. Исламский фундаментализм и опыт государственного строительства в Пакистане / Г. Гареева // Россия и мусульманский мир. — М.: ИНИОН, 2001.—№ 12. —С. 113-125
4. Гасанов Р. Организация Исламская Конференция имусульманских стран СНГ. — [ЭР] // Центральная Азия и Кавказ // http://www.ca-c.org/journal/ll-1997/st_03_hasanov.shtml.
5. Гасанова Э. Ю. Турция // Идеология национально - освободительного движения в странах зарубежного Востока. 1917- 1947 / Э. Ю. Гасанова. — М.: Наука, 1984. — С. 72-85.
6. Жданов Н.В. Исламская концепция миропорядка / Н.В. Жданов. — М.: Междунар. отношения, 2003. — 568 с..
7. Лебедева Н. Б. Исламские организации в современной России: опыт социологического анализа общественных позиций исламских лидеров: диссертация ...кандидата социологических наук: 22.00.04 / Лебедева Наталья Борисовна; [Место защиты: Волгогр. гос. ун-т].- Волгоград, 2008. – 197 с.
8. Муфлиханова Д. Р. Особенности Организации Исламского Сотрудничества как межправительственной международной организации / Д. Р. Муфлиханова // Вестник ВУиТ. -2012. -№4(77).
9. Москаленко В. Исламизация Пакистана и Средняя Азия / В. Москаленко // Россия и мусульманский мир. — М.: ИНИОН, — № 5. — С. 62 — 70.
10. Султанов В.К. Казахстан и Организация Исламская конференция. — Алматы: Казахстанский ин-т стратегических исследований при Президенте Республики Казахстан; Аспект, 2010. — 268 с.
11. Устав Организация Исламского Сотрудничества. – М., 2011
12. Шарипова Р.М. Панисламизм сегодня. Идеология и практика Лиги исламского мира / Р.М. Шарипова. — М.: Наука, 1986. — 139 с.
13. Шерязданова К. Интеграционные учреждения: от Организации Исламская Конференция к Организации Исламского Сотрудничества / К.Шерязданова, Г. Смагулова. — Казань, 2016. -141 с.
14. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.r/article/n/kompetentsiya-organizatsii-islamskogo- sotrudnichestva-v-sfere-zaschity-prav-cheloveka(дата обращения: 20.10.2020).
15. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/osobennosti-organizatsii-islamskogo- sotrudnichestva-kak-mezhpravitelstvennoy-mezhdunarodnoy-organizatsii(дата обращения: 20.10.2020).


## БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИҲОИ ИСЛОМӢ ДАР МАРҲИЛАИ КУНУНИИ РУШДУ ТАКОМУЛ

Коҳиш додани зиддиятҳо дар ҷомеаи байналмилалӣ, безараргардонӣ ва рафъи таҳдидҳои эҳтимолӣ ба амнияти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, хусусияти башардӯстона ва экологӣ вазифаи асосии созмонҳои байналмилалӣ мегардад ва то андозае онҳоро водор мекунад, ки фаъолияташонро ба куллӣ таҷдид кунанд ва векторҳои оптималии рушд, ҷойгоҳ ва нақши байналмилалии ҷомеаро биёбанд. Созмони Конфронси Исломӣ (СКИ), ки аз моҳи июни соли 2011 ба Созмони Ҳамкорҳои Исломӣ (СҲИ) табдил дода шуд, аз тағйирот дар канор намонд. Бояд қайд кард, ки СҲИ яке аз ташкилотҳои зиддиятнок дар байни ассотсиатсияҳои байналмилалӣ мебошад. Тамоми таърихи таъсиси он ва принсипҳои фаъолияти он ба мо

имкон медиҳад, ки аҳамияти рисолати СҲИ-ро дар системаи муосири муносибатҳои байналмилалӣ дарк намоем. Дар хотима қайд карда мешавад, ки нақши созмонҳои байналмилалии дорои хусусияти минтақавӣ дар раванди ҳалли мусоліматомез ва ҳалли муноқишаҳо дар Африқо ва Ховари Миёна торафт бештар муассиртар мегардад. Ҳатто новобаста ба фаъолияти бисёр созмонҳои минтақавии байналмилалӣ дар ин қитъаҳои азим, суръатро дар мусобиқа барои ҳалли ихтилофоти ҷаҳони араб (мусулмон) созмони мазкур муқаррар кардааст.

**Калидвожаҳо:** Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ, хусусиятҳо, тағйироти сохторӣ, Оинномаи СҲИ, субъекти муносибатҳои байналмилалӣ, созмони байналмилалӣ, имтиёзҳо ва халалнопазирии СҲИ, ваколатҳо ва ҳуқуқҳо, таъсири раванди ҷаҳонишавӣ, котиботи СҲИ, муноқишаи давлатҳо, Лигаи кишварҳои араб.

## НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ ОРГАНИЗАЦИИ ИСЛАМСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ ЕЁ РАЗВИТИЯ

Смягчение противоречий в международном сообществе, нейтрализация и устранение возможных угроз политической, социально - экономической безопасности, гуманитарно-экологического характера становятся главной задачей международных организаций и в определенной степени подталкивают их к коренной перестройке своей деятельности, поиску оптимальных векторов дальнейшего развития, места и роли в международном сообществе. Не осталась в стороне от перемен и Организация исламскойконференции (ОИК), с июня 2011 года преобразованная в Организацию исламского сотрудничества (ОИС). Следует отметить, что среди международных объединений ОИС - одна из наиболее сложных и противоречивых организаций. Вся история создания и принципов её деятельности позволяет понять важность миссии ОИС в современной системе международных отношений.В современном мире роль международных организаций становится все более значительной в процессах мирного урегулирования и урегулирования конфликтов, происходящих в странах Африки и Ближнего Востока. Даже если на этих сильно пострадавших континентах действует множество региональных международных организаций, ОИС задала темп гонки по разрешению конфликтов, с которыми сталкивается арабский - мусульманский мир.

**Ключевые слова:** Организация исламского сотрудничества, особенности, структурные изменения, Устав ОИС, международная субъект международного права, международная организация, иммунитеты и привилегии ОИС, полномочия и компетенция, влияние глобализационныхпроцессов, секретариат ОИС, межгосударственные конфликты, Лига арабских стран.

## SOME FEATURES OF THE FUNCTIONAL ORGANIZATION OF ISLAMIC COOPERATION AT THE MODERN STAGE OF ITS DEVELOPMENT

Mitigating contradictions in the international community, neutralizing and eliminating possible threats to political, socio-economic security, humanitarian and environmental character become the main task of international organizations and, to a certain extent, push them to radically restructure their activities, search for optimal vectors for further development, place and role in the international community. The Organization of the Islamic Conference (OIC), which since June 2011 has been transformed into the Organization of Islamic Cooperation (OIC), did not remain aloof from the changes. It should be noted that among the international associations, the OIC is one of the most complex and contradictory organizations. The whole history of creation and principles of its activity allows to understand the importance of the mission of the OIC in the modern system of international relations. In conclusion, it is noted that the role of international organizations of regional character becomes all the more significant in the processes of peaceful settlement and settlement of conflicts occurring in the countries of Africa and the Middle East. Even if there are a lot of regional and international organizations on these severely damaged continents, the OIC has set the pace of conflict resolution, which is the Arab / Muslim world.

**Keywords:** Organization of Islamic Cooperation, Charter of the OIC, international jurisdiction, international organization, immunities and privileges of the OIS, powers and competencies of the international organization.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гуломов Абдуқодир Маҳмадраҳимович*** **–** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айни, 67.. E-mail: **Ghulomil9@mail.ru**Телефон:: **+992917060096**

**Сведение об авторе:** ***Гулямов Абдукадыр Махмадрахимович*** **-** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры история таджикского народа. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, проспект Айни, 67.. E-mail: **Ghulomil9@mail.ru** Телефон:: **+992917060096**

**Information about the author:** ***Gulyamov Abdukadyr Mahmadrakhimovich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant for the department of history of the Tajik people. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini avenue, 67. E-mail: **Ghulomil9@mail.ru**Phone: **+992917060096**

**УДК:93.1(575.34)**

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ РУШДИ АЛОҚАИ ПОЧТА ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН (солҳои 30-70-уми асри XX)

***Қурбонов М.М., Алимов Д.Х.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар асоси қарори Ревкоми ҶМШС Тоҷикистон аз 22 марти соли 1926 «Дар бораи ташкил намудани алоқаи почта», шоҳроҳҳои нави почтавии Душанбе - Колхозобод - Кировобод - Кӯлоб (масофааш 408 *км)* ва Душанбе - Файзобод - Ғарм (масофааш 184 *км) кушода шуданд* [2, с.22].

Ноҳияи Файзобод маркази роҳи тиҷоратии Ғарм ва Кӯлоб ба шумор мерафт. То ин ҷо роҳи мошингард ба охир мерасид ва давомаш роҳҳои нақлиёти ҳайвоноти боркаш оғоз мегардид, ки дар ин ҷо дарёҳои пурталотуми кӯҳӣ ҳамдигарро бурида гузашта, дараҳои чуқури беш аз 200 м арзи вуҷуд доштанд. Дар баъзе ҷойҳо кӯпрукҳои майда вуҷуд доштанд. Ин мавзеъҳо мавзеъҳои мушкилгузар буданд ва баъзан корвонҳо аз ин маконҳо барнамегаштанд. Бо мақсади иҷроиши қарори Ревком оид ба рушди минбаъдаи воситаҳои алоқа ва ташкил намудани роҳҳои аниқи алоқаи мунтазам 1 январи соли 1926 дар пойтахти Тоҷикистони Шуравӣ дар пояи идораи почтавӣ-телеграфӣ, идораи почтавӣ-телеграфии Душанбе кушода шуд. Ба ин муассиса тамоми корхонаҳои алоқаи ҷумҳурӣ итоат мекарданд. Худи ҳамон сол вазифаи вакили округи алоқаи Комиссариати халқии шуравии ҶМШС Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Шумораи муассисаҳои алоқа дар охири соли 1927 назар ба солҳои 1924-1925 бештар аз 12 баробар афзуд. Дар ҳамон вақт дар байни хизматчиёни почтаю телеграфи ҷумҳурӣ бисёр намояндагони миллати маҳаллӣ кор мекарданд. Аз байни онҳо хаткашон М. Шарифов ва нахустин алоқачизани тоҷик М. Ҳасановаро номбар кардан мумкин аст, ки ба таъқиби босмачиёни ғоратгар нигоҳ накарда, вазифаи худро бошарафона иҷро мекарданд [3].Дар моҳи майи соли 1928 дар Хонаи деҳқони шаҳри Душанбе Анҷумани умумитоҷикистонии коркунони алоқа барпо гардид. Анҷуман муваффақиятҳои инкишофи алоқаро ҷамъбаст карда, вазифаҳои минбаъдаро муайян намуд. Дар ин вақт дар ҷумҳурӣ 39 муассисаи алоқа кор мекард [3].

Округи алоқаи Осиёи Миёна барои барқарор намудани воситаҳои алоқа дар Тоҷикистон 210 ҳаз. рубл ҷудо намуд, ки аз ин 70 ҳаз. рубл барои рушди алоқаи почта ҷудо карда шуда буд. Ғайр аз ин, аз тарафи идораи ҳарбӣ 100 ҳаз. рубл барои барқароршавии алоқа ҷудо карда шуд [2,с.23].

Барои беҳтар намудани кашонидани почта ва барқарор намудани алоқаи байни ноҳияву ҷамоатҳо ва алоқаи онҳо бо мавзеъҳои серодам, барои ҳафтае 2-3 маротиба алоқа барқарор кардан шоҳроҳҳои почтавии зерин: Душанбе – Файзобод – Ғарм, Файзобод – Кангурт, Ҷиликӯл – Бандар, Саройкамар - Кӯлоб, Саройкамар – Бандар роҳандозӣ карда шуданд [4, с.110].Байни Тирмиз ва Саройкамар почта ба воситаи қаиқ (бо роҳҳои обии Амударё) кашонида мешуд. Почта мунтазам ҳафтае 2 маротиба равон карда мешуд. Барои беҳтар намудани алоқаи почта ва якҷоя намудани ҳамаи воситаҳои алоқа дар идораи округӣ (почта, телеграф, телефон, радио) бинои таъмиршудаи барҳаво ҷудо карда шуд. Дар назди бинои идора аввалин бор сутуни телефонӣ рост намуда, сим кашида шуд. Дар

биноҳои шуъбаҳои почтавӣ-телеграфии ноҳияҳои Саройкамар, Ҷиликӯл ва дигар ноҳияҳо таъмири асосӣ гузаронида шуд.

Муассисаҳои алоқа дар чунин ноҳияву вилоятҳои ҶМШС Тоҷикистон вуҷуд доштанд: шуъбаҳои почтавӣ-телеграфӣ дар маркази вилояту ноҳияҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ҷиликӯл, Саройкамар, намояндагиҳои почтавӣ-телеграфӣ дар ноҳияҳои Файзобод, Кангурт ва Қаратоғ, штатҳои намояндагиҳои почтавӣ дар ноҳияҳои Ховалинг, Балҷувон, Муъминобод, Қизилмазор, Чӯбек, Фархор, Уялӣ, Қубодиён ва якто дар назди КИМ-и ш. Душанбе [16,в.15].Хаткашонҳои деҳотӣ ҳамаи мактуб ва муросилотро қабул намуда, ба фурӯши маркаву лифофаҳо машғул буда, почтаро мекашониданд. Дар округи Душанбе 9 нафар хаткашони деҳотии аспсавор мавҷуд буданд, ки онҳо ҳафтае як маротиба ба минтақаҳои зерин хизмат мерасониданд: Душанбе – Ёвон, Кӯлоб – Ховалинг, Ховалинг – Кангурт, Кангурт – Қизилмазор – Кӯлоб, Кӯлоб – Фархор, Ҷиликӯл - Қубодиён, Саройкамар – Фархор.

Дар солҳои 1927-1928 ҳаракати почта аз рӯйи ҷадвали муайян ба роҳ монда шуда буд, шоҳроҳҳои нави алоқаи Хоруғ – Мурғоб ва Душанбе – Кӯлоб кушода шуданд [16,в.28].

Моҳи июни соли 1928 дар пойтахти Тоҷикистони Шуравӣ дар Хонаи деҳқон Анҷумани умумитоҷикии алоқачиёни округи Душанбе шуда гузашт. Дар анҷуман намояндагони кишварҳои Туркманистон, Ӯзбекистон ва ш. Новосибирск иштирок намуданд [2,с.29]. дар анҷуман қайд гардид, ки баъди ба идораи почтавии округии Душанбе табдил додани идораи почтаи шаҳрӣ як қатор пешравиҳои дар мавзеъҳои деҳот дида мешаванд. Соли 1928 почта бо шоҳроҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа ҳафтае 2 маротиба ба воситаи уштур равон карда мешуд. Моҳи октябри соли 1929 сохтмони биноҳои идории шуъбаҳои алоқаи почта дар ноҳияҳои Ғарм, Кӯлоб, Саройкамар ва дигар мавзеъҳо оғоз гардид. Мувофиқи нақша, дар солҳои 1928-1929 барои сохтмони биноҳои идории шуъбаҳои алоқа 550 ҳаз. рубл ҷудо карда шуда буд [10,с.27].

Ба шароити вазнини ҳамон давра нигоҳ накарда, бисёр кормандони алоқа меҳнати ҷасурона менамуданд. Соли 1929 хаткашони идораи алоқаи округи Душанбе Очилов Истам зимистон ҳангоми кашонидани почта дар шоҳроҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа дар ағба гарчанде ҳарду пояшро сармо зада бошад ҳам, аммо почтаро напартофта, ба ҷойи муайян расонид. Очилов И. якчанд маротибаи дигар низ дар наздикии қишлоқи Қарамандӣ почтаро аз ҳуҷуми босмачиён наҷот дода буд.

Сохтмони роҳи оҳани Термез - Душанбе, ки дар соли 1929 ба анҷом расид, дар роҳи тараққиёти воситаҳои алоқа нақши калон бозид. Ин роҳи оҳан Тоҷикистонро бо марказҳои калони саноатӣ ва мадании Иттиҳоди Шуравӣ пайваст намуд.

Дар омӯзишгоҳи алоқаи ш. Душанбе монтёрҳои радио, телеграфу телефон ва коркунони почта тайёр мекарданд. Омӯзишгоҳ дар давоми мавҷудияти худ садҳо нафар мутахассисон тайёр намуд.Яке аз нахустин поягузорони алоқаи почта дар водии Вахш П.С. Середин буд, ки соли 1929 сардори идораи алоқаи Қӯрғонтеппа шуда кор мекард. Барои меҳнати бенуқсон бо ордени Ленин сарфароз гардида буд [15,в.5].

Соли 1929, яъне дар соли ташкил ёфтани ҶШС Тоҷикистон, дар ҷумҳурӣ 46 муассисаи алоқаи почтавӣ вуҷуд дошт ва адади онҳо солҳои 70-уми асри XX ба 800-то расида ва минбаъд меафзояд.Ин нукта низ хеле ҷолиб аст. Агар дар соли 1929 дар Тоҷикистон 150 ҷаъбаи почта насб карда шуда бошад, пас соли 1964 ин теъдод ба 2850 адад расидааст [5,с.14]. Дар соли 1930 матбуот ва муросилоти почтаро наздики 100 нафар

хаткашонҳо бурда мерасонданд. Дар ҳоли ҳозир бошад, ба аҳолии ҷумҳурӣ 1654 нафар хаткашонҳо хизмат мерасонанд. Ҳамарӯза онҳо ба соҳибони мактубҳо бештар аз 60 ҳазор мактуб ва равонак ва бештар аз 400 ҳазор нусхаи рӯзномаю маҷалла ва 5 ҳазор ҳаволаҳои пулӣ, кумакҳо ва нафақаҳоро бурда мерасонанд [15,в.5]. Ба ғайр аз ин, хаткашонҳо обунаро барои рӯзномаю маҷаллаҳо меоранд, ба аҳолӣ марка, лифофа, кортҳои почтаро мефурӯшанд. Дар бисёр ноҳияҳои кӯҳӣ онҳо пиёда ва савори асб бо пайроҳаҳои кӯҳӣ почтаро ба нуқтаҳои дурдасти аҳолинишин бурда мерасонанд.

Моҳи октябри соли 1930 дар ҳайати 10 нафар Раёсати алоқаи ҷумҳурӣ таъсис ёфт, ки ба он 27 шуъбаи алоқаи ноҳиявӣ дохил гардид. Ноябри ҳамон сол Анҷумани 1-уми коркунони алоқаи ҷумҳурӣ барпо шуд, ки он вазифаҳои асосии соҳаи алоқаро муайян карда, дар тараққиёти ин соҳа нақши муайян бозид [14, с.11].

Соли 1930 мунтазам пояи моддию техникии алоқаи почта дар ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон беҳтар мегардид. Дар солҳои панҷсолаи якум (с.1928-1932) 10 бинои муассисаи идоравии почта сохта шуда буд, ки 7-тои он дар деҳот ҷойгир буд. Дар вилояти Хатлон барои кашонидани почта хатҳои ҳавоии Душанбе – Қӯрғонтеппа – Кӯлоб васеъ истифода бурда мешуданд. Солҳои панҷсолаи якум нахустин бор дар вилояти Хатлон почта ба воситаи автомашина бо шоҳроҳи Душанбе – Қӯрғонтеппа – Саройкамар кашонида шуд.

Алоқачиёни вилояти Хатлон солҳои 30-юм ба сохтмони зарбдори шабакаи обёрии Вахш хизмати бенуқсон расониданд.

5 октябри соли 1934 Раёсати ваколатдори Комиссариати халқии почта ва телеграфи назди Шурои иқтисодии Осиёи Миёна барҳам дода шуд. Раёсати осиёимиёнагӣ ба Комиссариати халқии алоқаи ИҶШС итоат намуда, шуъбаҳои алоқаи ноҳияҳо ба идораи алоқаи ноҳия табдил дода шуда буданд. Соли 1935 ҳаҷми кори алоқаи почта чунин тарз буд: кашонидани мактубу муросилот – 5700,8 ҳаз. рубл, равонаҳо (посилкаҳо) – 155,0 ҳаз. рубл, муросилоти пулӣ – 201,3 ҳаз. рубл, нашриёти даврӣ – 23173,8 ҳазор нусха иҷро гардид. Даромади алоқаи почта ба 2042,5 ҳаз. рубл расид [11,в.31].

Дар солҳои панҷсолаи дуюм (с.1933-1937) дар баробари тараққиёти хоҷагии халқ ва маданият коркунони алоқа ҳам муваффақиятҳои калон ба даст оварданд. То охири соли 1937 дар Тоҷикистон шумораи муассисаҳои алоқа ба 158 адад расид. Аз он ҷумла, ба он як идораи почтаю телеграф, 67 идораи алоқаи ноҳиявӣ ва 21 шуъбаи алоқа дохил мешуд. Дар назди муассисаҳои алоқаи ҷумҳурӣ 39 хазинаи амонатӣ кор мекард [11, в.32].

Соли 1938 дар ш. Қӯрғонтеппа як шуъбаи алоқаи почта буд, инчунин дар ноҳияи Вахш ҳам шуъбаи алоқаи почта буд, ки онҳо филиалҳои марказӣ ҳисоб меёфтанд. Дар ноҳияи Шаҳритус ва маркази маъмурии Кӯлоб шуъбаи алоқаи почта мавҷуд буд [7, в.12].

Соли 1940 Раёсати алоқаи Тоҷикистон ба Раёсати ваколатдори Комиссариати халқии алоқаи ИҶШС дар назди Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон табдил дода шуд [2,с.35].

Соли 1940 дар ҳамаи шоҳроҳҳои ҷумҳуриявӣ, байниноҳиявӣ ва дохилиноҳиявӣ почта ба воситаи нақлиёти автомобилӣ ҳар рӯз ба чунин миқдор: барои мактубу муросилот – 6789,0 ҳаз. адад, муросилоти пулӣ – 293,6 рубл, равонаҳо (посилкаҳо) – 248,0 адад, нашриёти даврӣ – 40897,0 нусха кашонида мешуд.Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ба алоқачиёни ҷумҳурӣ мушкилотҳо ва талаботҳо зиёдро пеш овард. Бо даъвати Ҳукумати кишвар алоқачиён ҳамаи корҳои почтавиро ба роҳи ҳарбӣ мутобиқ гардониданд, то ин ки ғалаба бар душман тезтар ба даст ояд.Дар бисёр шаҳру ноҳияҳои кишвар мактубҳо аз қуттиҳои почтавӣ рӯзе 3-4 маротиба гирифта шуда ба суроғаҳо ирсол карда мешуданд. Диққати махсус ба қисмҳо ва госпиталҳои ҳарбӣ дода мешуд. Танҳо дар

соли 1943 зиёда 10 ҳазор равонаҳои (посилкаҳо) солинавии туҳфадор ба ҷанговарони ҷабҳаҳо равон карда шуда буданд. Дар рафти Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 алоқачиёни ҷумҳурӣ ватандӯстии олӣ нишон дода, таҳти шиори “Ҳама барои ҷабҳа, ҳама барои ғалаба!” ғайрат намуда, аз субҳ то шом дар ҷойҳои кории худ меҳнати босамар менамуданд. Масалан, бригадири банавъҷудокунандаи идораи почтаи Душанбе Никулина Е.Н., банавъҷудокунандаҳо (сортировшики) Медведева О.М., Шунко М.И., Разоренсева А.С. ва Эткина С.М. дар як баст нақшаи ду-се рӯзаро иҷро менамуданд. Хаткашонҳои идораи алоқаи Қӯрғонтеппа Курносова М.С., Обуденова А.Л., Вихватен П.И. ва дигарон ба се – чор кӯчаҳо хизмат мерасониданд.

Аз оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ то 1 январи соли 1944 аз идораи алоқачиёни ҷумҳурӣ ба ҷабҳа барои ҳимояи Ватан 1150 нафар сафарбар карда шуда буд, ки ин 61 фоизи ҳамаи коргарони почтаро ташкил медод. Ғайр аз ин, аз идораи почтаи Душанбе назоратчии шуъбаи бурдарасонӣ Галкин И. Н., кормандони почта Андриес М.Е., Першин В.В., сардори шуъбаи алоқаи №12 Середин П.С., сардори шуъба Трофимова А.И., хаткашон Квасов М.А., банавъҷудокунанда Юртагин Н.А., ҳамроҳикунандаи почта Парпиев Х., морзистка Арефева А.И., аз идораи алоқаи Қӯрғонтеппа хаткашонҳо Азимов С., Сабуров Ш., банавъҷудокунандаҳо Ҳусейнов П., Муродов Ҷ. ва дигарон ба таври ихтиёрӣ ба ҷабҳа рафта буданд [6,с.82].Дар соли 1945 ҳаҷми кори алоқаи почта нисбат ба соли 1940 зиёда аз 2 маротиба афзуд. *Танҳо дар соли* 1943 муросилоти мактубҳо ба 7914,6 ҳазор адад, муросилоти пулӣ – 493,6 ҳаз. рубл расонида шуда, даромади почта бошад, ду баробар афзуд [12,с.38].Дар замони ҷанг 16 муассисаи алоқа ба таври иловагӣ кушода шуд. То охири соли 1945 шумораи онҳо ба 279 адад расид [14, с.11].

Дар солҳои 1933, 1938, 1940, 1949, 1957, 1963, 1964 маркаҳои почтавӣ бо расмҳои корхонаҳои калони саноатии ҷумҳурӣ, сохтмонҳои азим, биноҳои мактабҳои олӣ, бо расмҳои С. Айнӣ, Абуабдулло Рӯдакӣ ва майдонҳои шаҳри Душанбе баровarда мешуданд. Дар солҳои 30-юм дар ҷумҳурӣ аввалин сад адад лампаҳои барқӣ фурӯзон шуданд. Дар қаламрави Бухорои Шарқӣ муросилоти хусусӣ тавассути корвонҳо амалӣ карда шуд. Он замон як шуъбаи алоқа ба 600 ҳазор нафар аҳолӣ дар минтақа рост меомад. Тахминан 90 сол қабл дар қаламрави Тоҷикистон ҳамагӣ 5 муассисаи алоқа мавҷуд буд [9.

Фаъолияти алоқаи почтаи ҷумҳурӣ дар асоси Қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 3 апрели соли 1964 “Дар бораи чорабиниҳои беҳтар намудани алоқаи почта ба аҳолӣ” ба роҳ монда шуда, вазифаҳои мушаххас оид ба рушди алоқаи почта муайян карда шуда буданд.Соли 1964 дар ҷумҳурӣ 3147 қуттии почта вуҷуд дошт, ки ин соли 1953 ҳамагӣ 940, қуттӣ буд, аз инҳо дар деҳот шумораи қутти почта аз 563 то 2130 адад расид. Нисбат ба солҳои 1925-1926 шумораи қуттиҳои почта 253 маротиба афзуд [13, с.25].Минбаъд соҳаи алоқаи почта хеле тараққӣ кард. Миқдори муросилоти он соли 1965 ба 26 миллион адад расид. Солҳои 1965-1970 бошад, 169 шуъбаи нави алоқаи почта кушода шуд [13, с.26].Соли 1965 дар Тоҷикистон дар 98 нуқта қуттиҳои почта гузошта шуданд ва даромади солонаи шуъбаҳои почта ба 520 ҳаз. рубл, соли 1966 бошад, ба 750 ҳаз. рубл расид. Дар солҳои баъдиҷангӣ 15 бинои идораи алоқа ва 18 шуъбаҳои алоқа дар ноҳияву мавзеъҳои зерин: Куйбишев, Данғара, Регар, Москва, Ленин, дар деҳоти Носири Хусрав, Гумбулоқ, Навобод ва дигар мавзеъҳо сохта ба истифода дода шуд. Дар панҷсолаи чорум (с.1946-1950) маблағи сармоягузории рушди воситаҳои алоқа дар ҷумҳурӣ ба 2 млн. рубл расид.

Соли 1965 ҳар рӯз аз почтамти Душанбе бо автомашинаҳои махсуси почта ба воситаи шоҳроҳҳои Душанбе – Қӯрғонтеппа, Душанбе - Орджоникидзеобод – Норак ба масофаи 6500 *км почта равон карда мешуд,* масофаи умумӣ бошад, 3776,0 ҳаз. *км – ро ташкил медод.*

Аввалин воситаи механиконии почта ин насб кардани мошинаи нимавтоматии штемпелӣ буд, ки дар як соат зиёда аз 20 ҳазор мактубро коркард мекард, дар ҳолате ки дастӣ дар як соат 1540 мактуб коркард мешуд. Ин хел мошинаҳои нимавтоматии штемпелӣ дар шуъбаҳои алоқаи шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва дигар шаҳру ноҳияҳо низ насб карда шуданд. Дар кори фаъолонаи хизмати почта дар ҷумҳурӣ таҷрибаи пешқадами бригадири хаткашонҳои шуъбаи алоқаи шаҳри Кӯлоб Лоиқов С. ва дигарон қобили қайд аст. Пешқадамони собиқадори почта, ки дар рушди почта саҳми бузург гузоштанд, инҳо мебошанд: П.Ф. Кириенко, И.И. Анишенко, В.В. Карманов, И.И. Привознов, Н.А. Юртагин, А.П. Иванников, Г.Н. Кобринский, М.Е. Андриетс, И.Ф. Кучма, А.Я. Берeславетс, А.В. Суворов, П.А. Душина ва дигарон. Барои рушди почта ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ саҳми кормандони почта В.В. Травин, Н.А. Садовников, Т.Б. Пояров, М.И. Крилов, Х.Ш. Собиров, М.М. Мирмуҳаммадов, С.Т. Очелдиев, А.Я. Филиппов, П.И. Романов, М.Л. Лисичний, Л.М. Тибаровский ва дигарон бениҳоят калон мебошад. Яке аз аввалин ташкилкунандагони почта дар кишвар П.Д. Еферина ва М.Д. Глухова ба ҳисоб меравaнд.

Департаменти давлатии алоқаи н. Ҳамадонӣ моҳи июли соли 1996 ташкил шудааст. Вазифаи асосии департамент сари вақт ба аҳолӣ расонидани рӯзномаву маҷаллаҳо мебошад. Роҳбари он Ҷ. Табаров, сарҳисобчӣ Х. Амралиева, сароператор А. Абдуҷалолов, оператор Ч. Улчаров, сардори шуъбаи алоқа Б. Давлатова буданд. Ҳамагӣ 17 шуъбаи алоқа вуҷуд дошт: Москва-1, Москва-2, Дараи Калот, Файзобод, Меҳнатобод, Метинтуғай, Давлатобод, Чапаев, Чӯбек, Сайроб, Тагинамак, Сафедоб, Советобод, Тагноб, Дашти гуло, Оқмазор ва Гулобод [8, с.201].

То соли 1970 иловатан 240 шуъбаи алоқа дар назди раёсати колхозҳо ва дар маҳаллаҳои калону хурд кушода шуда буданд. Шумораи муассисаҳои алоқаи почта ба сари 10 ҳазор аҳолӣ бо нишондоди 1,8 дар соли 1964 то ба 2,2 то соли 1970 афзуд. То соли 1970 дар ҳама ҷойҳо хаткашонҳои колхозӣ бо хаткашонҳои штатии Вазорати алоқа иваз карда шуданд. Дар ҳар як маҳаллаи аҳолинишини 15-20 ҳавлидошта қуттии почтавӣ барои мактубҳо гузошта шуданд [2, с.138].

Соли 1963, дар муқоиса бо соли 1933, интиқолҳои почта афзоиш ёфт: ирсоли номаҳо се маротиба, ҳаволаҳои пулӣ 8 маротиба, равонак 5,2 маротиба. Агар дар соли 1933 ба обуначиён 8,5 млн нусха рӯзнома ва маҷаллаҳо дастрас карда шуда бошад, пас дар соли 1963 ин рақам ба 136 млн нусха расидааст [9].

Соли 1964 роҳҳои почта аллакай бештар аз 6500 километрро ташкил медод, ки 86 % он тавассути автомобилҳо хизмат расонида мешуд. Барои интиқоли муросилот наздики 200 мошин машғул буд. Дар ин сол тавассути ҳавопаймоҳо 2596 тонна муросилот интқол дода шудааст. Дар асоси нақшаи рушди панҷсолаи ҳафтум (с. 1966-1970) сохтмони 10 шуъбаи ҳозиразамони намунавии алоқаи шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, 50 шуъбача, почтамти роҳи оҳан дар пойтахт, дар шаҳрҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Панҷ, инчунин дар маркази ноҳияҳои Восеъ, Колхозобод, Шаҳритӯс ва дигар ноҳияҳо ба анҷом расонида шуданд. Маблағгузории умумӣ барои рушди алоқаи почта дар панҷсола 4226,0 ҳаз. рублро ташкил медод [7,в.25].Солҳои 70-уми асри XX дар шаҳри Кӯлоб биноҳои нави почта, телеграф, сохта шуданд. Маҳсулоти алоқаи почта дар солҳои 1971-1980 дар ҳаҷми 50% боло рафта,

мубодилаи мукотиботи хаттӣ ба 52 млн. дона афзуд. Инчунин, шумораи мактубҳои мухбирон афзуд [1,с.64]. Дар ин солҳо дар бисёр шуъбаҳои алоқаи мошинаҳои нимавтоматии мактубҷудокунандаи тамғаи МСП-66, ки дар як соат 3000 мактубро дар 184 самт ҷудо мекунад, насб карда шуданд.

Дар муассисаҳои алоқаи вилояти Хатлон 50 мошинаи электромеханикии «Онега-3» барои автоматикунонии ҳамаи амалиётҳои молиявӣ дар шуъбаҳои почтавӣ-телеграфии алоқа гузошта шуданд. Шумораи шабакаҳои алоқаи почта аз 583 адади соли 1970 ба 883 адад дар соли 1980 расонида шуд, ки ин 1,5 маротиба афзудани онро нишон медиҳад.

**Муқарриз: Шарифов Ш.Ш. –н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Бекматов М. Симои нави Кӯлоби бостонӣ // Кит.: Шаҳрҳои мо. – Душанбе: Ирфон, 1974. – С.64.
2. Кабиров Х. Развитие средств связи в Таджикистане / Х. Кабиров.– Душанбе: Ирфон, 1965. – 152 с.
3. Кабиров Ҳ. Дар хизмати аҳолӣ / Ҳ.Кабиров // Тоҷикистони Советӣ. – 1964. – 3 дек.
4. Курбонов М.М. История становления и развития средств связи Хатлонской области Республики Таджикистан в 20-е годы ХХ века / М.М.Курбонов, Д.Х. Алимов // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – №9. – С.110-114.
5. Қурбонов М.М. Ташаккул ва рушди алоқаи почта дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1930-1980) / М.М. Қурбонов, Д.Х. Алимов // Муаррих. – 2020. – №4(24). – С.14-24.
6. Қурбонов М.М. Рушди васоити алоқаи вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ / М.М.Қурбонов, Д.Х. Алимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №7. – С.82-87.
7. Мукотиба бо КМ ҲК Тоҷикистон, Шурои Вазирон ва Вазорати алоқа оиди фаъолияти асосӣ дар солҳои 1966-1970 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.11. – П.1. – В.1-25.
8. Ноҳияи Москва: 50 сол, таърих, тараққиёт, одамон ва имрӯзу фардои ноҳия. – Душанбе: Афсона, 1999. – 240 с.
9. Сайко В. Большие перемены / В.Сайко // Коммунист Таджикистана. – 1964. – 20 нояб.
10. Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар соли 1929 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.27.
11. Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар соли 1929 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.10. – В.31-32.
12. Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар соли 1945 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.3. – П.13. – В.38.
13. Фармонҳо ва қарорҳои Вазорати алоқа дар солҳои 1964-1965 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.8. – В.25.
14. Шарипов Ҷ. Х. Танзимгари алоқаи почта / Ҷ. Х. Шарипов. – Душанбе, 2011. – 183 с.
15. Ҳисоботи раёсати алоқаи ш. Қӯрғонтеппа // Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар ш. Бохтар (БДВХ дар ш. Бохтар). – Ф.369. – Р.1. – П.2. – В.5.
16. Ҳисоботи ноҳияҳои вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа дар соли 1931 // БМД ҶТ. – Ф.369. – Р.2. – П.16. – В.15-21.


## ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ РУШДИ АЛОҚАИ ПОЧТА ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН (СОЛҲОИ 30-70-УМИ АСРИ ХХ)


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таърихии рушди алоқаи почта дар яке аз минтақаҳои Тоҷикистон таҳқиқ мегардад. Муаллифон қайд менамоянд, ки барои беҳтар кашонидани почта ва барқарор намудани алоқаи байни ноҳияву ҷамотаҳо ва алоқаи онҳо бо мавзеъҳои серодам алоқа барқарор кардан шоҳроҳҳои почтавӣ роҳандозӣ карда шуданд, масалан байни Тирмиз ва Саройкамар почта ба воситаи қаиқ (бо роҳҳои обии Амударё) кашонида мешуд. Почта мунтазам ҳафтае ду маротиба равон карда мешуд. Аз ҷумла, барои беҳтар намудани алоқаи почта ва якҷоя намудани ҳамаи воситаҳои алоқа дар идораи округӣ (почта, телеграф, телефон, радио) бинои таъмиршудаи барҳаво ҷудо карда шуд. Дар назди бинои идора аввалин бор сутуни телефонӣ рост намуда, сим кашида шуд ва дар биноҳои шуъбаҳои почтавӣ-телеграфии баъзе ноҳияҳо таъмири асосӣ гузаронида шуд.Муаллифон бар чунин ақидаанд, ки ба шароити вазнини ҳамон давра нигоҳ накарда, бисёр кормандони алоқа меҳнати ҷасурона менамуданд. Сохтмони роҳи оҳани Термез - Душанбе дар роҳи тараққиёти воситаҳои алоқа нақши калон бозид ва ин роҳи оҳан Тоҷикистонро бо марказҳои калони саноатӣ ва маданиии Иттиҳоди Шуравӣ пайваст намуд. Инчунин, муаллифон қайд мекунанд, ки дар омӯзишгоҳи алоқаи ш. Душанбе монтёрҳои радио, телеграфу телефон ва коркунони почта тайёр мекарданд ва омӯзишгоҳ дар давоми мавҷудияти худ садҳо нафар мутахассисон тайёр намуд.



**Калидвожаҳо**: почта, телеграф, телефон, шуъбаҳои почтавӣ-телеграфӣ, марка, лиффофа, мактуб,

муросилот, шуъбаи алоқаи почта, қуттиҳои почта.

**ИСТОРИЧЕСКИЙ ФУНДАМЕНТ РАЗВИТИЯ ПОЧТОВОЙ СВЯЗИ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ (30-70-е гг. XX в.)**

В данной статье исследуется проблема исторического развития почтовой связи в одном из регионов Таджикистана.Авторы отмечают, что для улучшения перевозки почты и восстановления связи между районами и джамоатами, а также населенными пунктами были построены почтовые автомагистрали. Например, между Термезом и Саройкамаром почта перевозилась посредством лодки через реку Амударья. Почта отправлялась два раза в неделю. В том числе для улучшения работы почты и объединения всех средств связи (почта, телеграф, телефон, радио), окружной конторе было выделено огромное отремонтированное здание, где впервые возле здания был построен телефонный столб и проведен телефонный провод, а также в некоторых почтово-телеграфных отделениях был проведен текущий ремонт. Авторы считают, что, несмотря на тяжелые условия работы, многие работники почты справлялись со своими заданиями. Строительство железной дороги Термез-Душанбе в развитии почты сыграло важную роль, и эта железная дорога соединила Таджикистан с крупными промышленными и культурными центрами Советского Союза. Авторы также отмечают, что в училище связи г. Душанбе готовили таких специалистов, как монтёров радио, телеграфа, телефона и работников почты. И это училище подготовило сотни специалистов связи. В конце авторы пришли к такому выводу, что именно развитие почтовой связи стало стимулом культурного развития населения региона.

**Ключевые слова**: почта, телеграф, телефон, почтово-телеграфное отделение, марка, конверт, письмо, корреспонденция, отделение почтовой связи, почтовые ящики.

**HISTORICAL FOUNDATION OF POSTAL COMMUNICATION DEVELOPMENT IN KHATLON REGION (30-70-ies OF XX century)**

This article examines the problem of the historical development of postal communication in one of the regions of Tajikistan. The authors note that postal highways were built to improve mail transportation and restore communication between districts and jamoats, as well as settlements. For example, between Termez and Saroikamar, mail was transported by boat across the Amu Darya River. The mail was sent twice a week.In particular, to improve the work of the post office and unite all means of communication (mail, telegraph, telephone, radio), a huge renovated building was allocated to the district office, where for the first time a telephone pole was built near the building and a telephone wire was carried out, as well as current repairs were carried out in some postal and telegraph offices. The authors believe that despite the difficult working conditions, many postal workers coped with their tasks. The construction of the Termez-Dushanbe railway played an important role in the development of the post office and this railway connected Tajikistan with major industrial and cultural centers of the Soviet Union. The authors also note that specialists such as radio, telegraph, telephone and postal workers were trained at the School of Communications in Dushanbe. And this school has trained hundreds of communication specialists.In the end, the authors came to the conclusion that it was the development of postal communication that stimulated the cultural development of the region's population.

**Keywords**: mail, telegraph, telephone, postal and telegraph office, stamp, envelope, letter, correspondence, post office, mailboxes.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Курбонов Меҳрубон Мирзоевич*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, аспиранти кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносӣ. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.Телефон:.**918-39-28-47**.
***Алимов Давлатали Халилович*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносӣ. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон**: 919-36-35-44**.
E-mail: **adavlatali@mail.ru**

**Сведение об авторах:** ***Курбонов Мехрубон Мирзоевич*** – аспирант кафедры всеобщей истории Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава, Республика Таджикистан. **Адрес**: Республика Таджикистан, 735140, Хатлонская область, г. Бохтар, ул. Айни, 67. Телефон:**918-39-28-47**.
***Алимов Давлатали Халилович*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, доктор исторических наук, доцент, заведующий кафедрой всеобщей истории и культурологии. Телефон**: 919-36-35-44**. E-mail: **adavlatali@mail.ru**

**Information about the authors**: ***Kurbonov Mekhrubon Mirzoyevich*** i- s the graduate student of department of general history. **Address**: Republic of Tajikistan, 735140, Khatlon Region, Mr. Bokhtar, Ayni St., 67. Phone:. **918-39-28-47**.
***Alimov Davlatali Khalilovich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Doctor of Historical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of General History and Cultural Studies. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, Ayni street, 67. Phone**: 919-36-35-44.** E-mail**: adavlatali@mail.ru**
.

УДК:93.1(575.3)

# БА МАРКАЗИ САНОАТӢ ТАБДИЛ ЁФТАНИ ДАНҒАРА

*Абдулҳақов О.Ш.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Рушди саноат яке аз роҳҳои асосии таъмин намудану пешрафт ва таҳкими иқтидори иқтисодии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои манбаъҳои зиёди ашёи хоми табиӣ, канданиҳои зеризаминӣ ва захираву имкониятҳои мусоид мебошад. Аз тарафи дигар, саноат яке аз соҳаҳои асосии сердаромади Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, рушди бемайлони он ба созандагӣ ва бунёди корхонаҳои нави саноатӣ зич алоқаманд аст.

Бояд қайд намоем, ки масъалаи саноаткунонии ҶТ ҳадафи чоруми Ҳукумати ҷумҳурӣ эълон шудааст. Паёми Пешвои миллат оварда шудааст, ки бо назардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, саноаткунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад [1]. Баҳри амалигардонии рушди босуръати саноаткунонӣ бунёди корхонаҳо, истифодаи ашёи хом ва қувваи корӣ зарур аст.

Ноҳияи Данғара минтақаи саноатӣ буда, дар он истеҳсолоти босуръати маҳсулоти хоҷагии халқ дар партави сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Сарвари давлат ба роҳ монда шудааст. Дар ин ҷода баҳри пешравиҳои саноатӣ эълон шудани Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» иқдоми саривақтӣ ва рӯзмарра маҳсуб ёфта, баҳри дар амал татбиқ гардонидани он корҳои зиёди созандагию ободкорӣ ба анҷом расонида шудаанд.

Тавассути чунин тадбиру чораҷӯйиҳо корхонаҳои зиёди саноатӣ дар ноҳияи Данғара сохта ба истифода дода шудаанд, ки аз як тараф, сабаби бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ таъмин намудани шаҳрвандон шуда бошад, аз тарафи дигар, ба пайдо шудани ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд. Бо сабаби рушд ёфтан ва бештар ба роҳ мондани токпарварӣ дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия, зарурат ба коркарди он пайдо шуд, ки дар натиҷа 30 – юми марти соли 1994 сохтмони корхонаи майкашии «Сулаймон» оғоз гардид. 5 – уми сентябри соли 1994 корхона мавриди истифода қарор гирифт ва 571 тонна ангур коркард шуда, 13 нафар бо ҷойи нави корӣ таъмин гардиданд [1].

Корхонаимазкураз 1 – уми июли соли 1998 инҷониб, номи Корхонаи масъулияташ маҳдуди «Сулаймон» - ро гирифта, дар ихтиёри он беш аз 100 гектар токзор буда, иқтидори коркарди он дар як сол ба 300 тонна ангур рост меояд, ки аз он нӯшокиҳои гуногун тайёр карда мешаванд.

Барои таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ 13 – уми марти соли 1996 Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшидаи «Тоҷ Ал» дар идораи нотариалии шаҳри Данғара ба қайд гирифта шуд. Сохтмони корхона бо ташаббуси сармоягузорони ватанӣ Абуалӣ Исматов ва Бахтиёр Худойназаров соли 1997 оғоз ёфта, 7 – уми сентябри соли 1998 мавриди истифода қарор гирифта, ба истеҳсоли спирти этил ва арақи тамғаи «Сино» машғул буда, айни ҳол корхона бо номи «Сино» маъмул аст.

Соли 1998 корхонаи дӯзандагии Данғара ба маблағи беш аз 150 миллион рубл маҳсулот тайёр намуд, ки дастраси мардум гардид. Инчунин, барои таъмини аҳолии ноҳия ширкати «Адолат» ба миқдори 5228 метри мураббаъ қолинҳои мошинбоф ва 90,2 метр дастбоф тайёр намуда, пешниҳоди сокинон гардонид [1].

Соли 1998 истеҳсоли маҳсулоти истеъмолии мардум 700 миллиону 200 ҳазор сӯмро ташкил мекард, ки чунин нишондод соли 2000-ум ба 1 миллиарду сесад миллион сӯм расида буд, ки 1,9 маротиба зиёд буд. Дар ноҳия коркарди пӯст ва истеҳсоли маҳсулоти аз пӯст тайёршуда, ба роҳ гузошта шудааст. Бо мақсади бештар ва беҳтар тайёр намудани маҳсулот соли 1998 дар заводи пӯсти ноҳия 32 ҳазор пӯст коркард шуда, дар соли 2000 теъдоди он ба 40 ҳазор расида, дӯхтани 20 ҳазор пӯстин пешбинӣ шудааст. Ёдовар мешавем, ки ҳанӯз соли 1997 аз ҷумҳурӣ 468 ҳазор пӯсти гов ва ба маблағи 47 ҳазор доллар пӯсти барраи қарокӯлӣ ба содирот бароварда шуданд, ки бархе аз онҳо маҳсулоти заводи

пӯсти ноҳия мебошанд [2].Чи тавре ба мо маълум аст, тараққиёти минтақаву ноҳияҳо ба ташаббус ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллӣ зич иртибот дорад. Дар ин ҷода тамоми сарчашмаҳои маблағи асосӣ, ки аз шаклҳои мухталифи истеҳсолоти ноҳия ба даст омадаанд, шаҳодат медиҳанд. Гарчанде соли 1997 истеҳсоли тамоми шаклҳои маҳсулоти истеъмолгардида 5,9 миллиард сӯмро ташкил медод, чунин нишондиҳанда соли 1998 ба 18,7 ва соли 1999 ба 29,4 миллиард сӯм расида буд, ки аз мустаҳкамшавии заминаи молию техникӣ ва хоҷагидории ноҳия гувоҳӣ медиҳад.

Дар солҳои 1994-1998 ба сохтмони манзил таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад. Дар солҳои мазкур ба миқдори 17,5 ҳазор метри мураббаъ манзилҳои истиқоматӣ бунёд гардиданд. Чунин тадбир боиси он гардид, ки имконияти бо манзили истиқоматӣ таъмин намудани аҳолӣ аз 4,5 метри мураббаи соли 1992 дар соли 1998 ба 9,2 метри мураббаъ расид. Дар баробари ин, солҳои 1994-1999 барои 1150 хонанда чор мактаб ва як дорухонаи дорои 1500 шиша доруҳои шифобахш рост меомад [1].

Дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи майи соли 1999 «Дар бораи хусусикунонии амволи давлатӣ» идораи таъмиру сохтмони ноҳияи Данғара хусусӣ гардонида шуда, таҳти Корхонаи хусусии истеҳсолии «Коргар» табдили ном кард.

13 – уми июли соли 2000 – ум бо ташаббуси директори генералии Ҷамъияти саҳомии «Куҳандиз» - и шаҳри Душанбе Кароматулло Абдиев филиали корхонаи мазкур дар ноҳияи Данғара мавриди ифтитоҳ қарор гирифт, ки пойафзолҳои гуногуни занонаву мардона истеҳсол менамуд [2].

16 –уми ноябри соли 2004 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҳукумати Федератсияи Россия созишнома оид ба сохтмони НОБ–и «Сангтӯда-1» ба имзо расид, ки дар асоси он 21 – уми апрели соли 2005 сохтмони он ибтидо ёфт. Аз тарафи ҳукумати Федератсияи Россия барои сохтмони НОБ – и «Сангтӯда-1» зиёда аз 250 миллион доллари америкоӣ ҷудо гардида буд [1].

Минбаъд чунин ташаббуси созандагӣ баҳри саноаткунонии ноҳия авҷ гирифта, 20-уми феврали соли 2006 бо иштирок ва кӯшиши бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, вазири энергетикаи Ҷумҳурии Исломии Эрон Саид Парвизи Фаттоҳ, вазири энергетика ва оби Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Алҳоҷ Муҳаммад Исмоилхон ба бунёди НОБ-и “Сангтӯда-2” ифтитоҳ бахшиданд. Барои сохтмони он, пеш аз ҳама, 180 миллион доллар аз тарафи Эрон ҷудо гардида, дар маҷмуъ, 220 миллион доллари амрикоӣ барои сохтмони неругоҳ пешниҳод гардида буд [2]. Дар асоси шартномаи дуҷониба тасмим гирифта шуд, ки баъди мавриди истифода қарор гирифтани неругоҳ даромади пулии он давоми 12,5 сол ба Эрон пардохт карда мешавад [3].

Барои босуръат идома ёфтани сохтмони иншоот 15-уми декабри соли 2006 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони Федератсияи Россия маҷрои дарёи Вахш баста шуда, сохтмони неругоҳ оғоз гардид. Иқтидори НОБ – и «Сангтӯда-1» бояд ба 650 мВт ва солона ба 2,7 млрд кВт соат расонида шавад. Бо чунин ташаббускориҳо чархаи якуми иқтидори НОБ – и Сангтӯда-1 аз 20-уми январи 2008 мавриди истифода қарор гирифт [1].

21 – уми феврали 2007 дар Вашингтон шартномаи сетарафа бо ташаббуси Ҳукумати ҶТ байни ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ (АБР, ВБ, ИБР, МФК) ва РАО “ЕЭС России” оид ба саҳмияи маблағгузории 24 % ба тавсиб расид [2]. Дар навбати худ, Ҳукумати ҶТ ба ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки қарздории байналмилалӣ пешниҳод намуд, ки барои ҷумҳурӣ маблағ баҳри идомаи босуръати саҳмияи россиягии “Сангтӯда-1” ҷудо намояд. Дар натиҷа бо ташаббуси Ҳукумати ҷумҳурӣ барои фонди ҷамъияти саҳомӣ аз 25% ба 40 % расид [3].Мавриди зикр аст, ки бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Медведев 31-уми июли соли 2009 чархаи чоруми НОБ – и Сангтӯда-1 бо иқтидори 670 мВт мавриди истифода қарор гирифт [4]. Минбаъд бо сабаби сохтмони иншоотҳои нави

саноатӣ сиёсати муҳоҷиркунӣ дар ҷумҳурӣ идома ёфта, аз якчанд нуқтаҳои аҳолинишини Роғун ва Норак 192 оила ба ноҳияи Данғара кӯчонида шуданд [5].

Бояд қайд намуд, ки барои рушди саноати ҳар як халқу миллат нақлиёт ва сохтмони роҳ нақши доранд. Аз ин ҷиҳат баҳри саноатикунонии ноҳияи Данғара зарурати таъмир ва сохтмони роҳҳои нав ба вуҷуд омад. Бо ин мақсад таъмир ва азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе-Қурғонтеппа-Данғара-Кӯлоб ба нақша гирифта шуд, ки бояд 80 км роҳ таъмир гардида, кӯпруки дарёи Вахш тавассути Қизилқалъа сохта шавад. Барои татбиқи лоиҳаи мазкур 26,8 миллион доллари амрикоӣ ҷудо гардид, ки аз он 20 миллион қарзи Бонки Рушди Осиё, 4 миллион қарзи фонди ОПЕК ва 2,8 миллион аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [1]. Қарзҳои Бонки Рушди Осиё ва фонди ОПЕК аз 7 то 28-уми августи соли 2001 дастрас гардид, ки барои азнавсозии беш аз 50 км роҳи мошингарди Душанбе-Қӯрғонтеппа-Данғара-Кӯлоб, таъмири 150 км роҳҳои вайроншудаи байни деҳаҳо ва харидории техникаву таҷҳизоти роҳсозӣ харҷ гардид. Қайд намудан бамаврид аст, ки дар сохтмони роҳ 164 нафар мутахассисон ва коргарон, аз ҷумла 40 нафар шаҳрвандони хориҷӣ ва 124 маҳаллӣ иштирок намуданд [2].

Барои идомаи сохтмон 19-уми марти соли 2002 шартнома ба ширкати итолиявии "Тодини Конструсиоли Женерали" ба тавсиб расид, ки мувофиқи он аз 22-юми январ ибтидо ёфта, дар муддати 29 моҳ ба итмом расад. То соли 2005 корҳои асосии сохтмон ба анҷом расида, аз 26,8 миллион маблағи ҷудогардида то 1-уми январи соли 2006 беш аз 22 330 37 ҳазор мавриди истифода қарор гирифт [3]. Дар баробари сохтмон, инчунин, дар вилояти Хатлон тавассути лоиҳаи мазкур 95,4 км роҳҳо асфалтпӯш гардиданд, ки аз он 49,5 км роҳҳои ноҳияи Данғараро дар бар мегирифтанд.

Ибтидои азнавсозии шоҳроҳи Душанбе-Ваҳдат-Данғара 30-юми августи соли 2009 ба ифтитоҳи нақби Озодӣ (Шаршар) рост омад. Азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе-Данғара соли 2013 ба итмом расид ва барои сохтмони он беш аз 230 миллион сомонӣ харҷ гардид [1].Қайд намудан зарур аст, ки азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе-Данғара ду марҳиларо дар бар мегирад. Барои иҷроиши ҳарду марҳилаи он бо сохтмони нақби Чормағзак 900 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст. Дар натиҷа аз маблағҳои ҷудошуда беш аз 270 миллион сомонӣ барои кандани қабати болопӯши замин, гузоштани қубурҳои обгузари зеризаминӣ, девори ҳимоявӣ, мумфарш кардани баъзе қитъаи роҳ ва кандани қисми нақби Чормағзак харҷ гардиданд.

Марҳилаи дуюм, хотима ва истифодаи сохтмони роҳи Данғара-Қурбоншаҳид-Кӯлоб 2-юми сентябри соли 1999 маҳсуб меёбад [2].

Боиси таассуф аст, ки пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ сабаби сохта нашудани роҳи оҳани 149 километраи Қӯрғонтеппа-Кӯлоб гардид, ки мувофиқи нақша истгоҳҳои Сангтӯда-Данғара-Фархор-Восеъ-Кӯлобро дар бар мегирифт. Сотмони роҳ мебоист, бо истифода аз буҷети умумииттифоқӣ солҳои 1991-1996 ба анҷом мерасид. Аммо Ҳукумати ҷумҳурӣ ба тамоми бухронҳои вазнини сиёсиву иқтисодӣ нигоҳ накарда, соли 1993 дар бораи сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб қарор қабул кард.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 7-уми сентябри соли 1998 навбати якуми роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, тавассути самти Қӯрғонтеппа-Сангтӯда-Данғара ифтитоҳ гардид. Маҳз бо кӯшишу ғайрати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муддати кӯтоҳ 1-уми сентябри соли 1999 навбати дуюми роҳи оҳан тавассути истгоҳҳои Данғара-Олимтой-Қурбоншаҳид-Кӯлоб ба истифода дода шуд [2].

Бо мақсади омӯзиш ва коркарди захираҳои табиӣ, бахусус сангҳои қиматбаҳо, қарори Ҳукумати ҶТ зери унвони "Барномаи рушди истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ ва сангҳои қиматбаҳо дар солҳои 2009-2015" таҳти рақами 255 аз 2-юми апрели соли 2009 ба тавсиб расид. Баҳри бештар ба роҳ мондан ва рушди соҳаи заргарӣ дар шаҳрҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Данғара зарурати сохтмони комбинатҳои ҷавоҳирот ба вуҷуд омад. Маҳз дар ноҳияи Данғара бо мақсади аз худ намудани захираҳои табиӣ ва таъсис додани ҷойҳои

нави корӣ комбинати коркарди ҷавоҳирот "Данғара" сохта шуд, ки дар соли 2011 аллакай ба миқдори 81,0 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуд [1].

23-юми марти соли 2014 бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Минтақаи озоди иқтисодии Данғара корхонаи маҳлули зарфшӯии "Тоҷи Осиё" мавриди истифода қарор гирифт, ки бо мабалғи 1,4 миллион доллари америкоӣ аз тарафи соҳибкорони хусусии Эрон сохта шудааст. Қайд намудан лозим аст, ки иқтидори корхона дар давраи аввал 400 тонна маҳсулот дар як сол буда, 15 нафар бо ҷойи кор таъмин гардидаанд [1].

Инчунин, 23-юми марти соли 2014 дар Минтақаи озоди иқтисодии "Данғара" барои рушди соҳаи газу нефти кишвар саҳифаи нав оғоз гардид. Маҳз дар чунин рӯзи таърихӣ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва саҳмгузории муштараки ширкатҳои Тоҷикистону Чин ба сохтмони корхонаи коркарди нефт санги асос гузошта шуд. Корхона дар масоҳати 80 гектар майдон бунёд шуда, иқтидори истеҳсоли солонааш беш аз 1 миллиону 200 ҳазор тонна нефти хомро дар бар мегирад. Дар сурати ба кор даровардани ду навбати аввали корхона ва нуктаҳои ёрирасон, беш аз 3500 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин мешаванд.19-уми декабри соли 2014 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳия сохтмони маҷмааи бузурги корхонаи ресандагӣ оғоз гардид, ки то моҳи октябри соли 2015 мавриди истифода қарор гирифт [2]. Ёдовар мешавем, ки то моҳи октябри соли 2015 корхонаҳои саноатии ноҳия ба маблағи 94 миллиону 496 ҳазору 400 сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки дар муқоиса нисбати соли 2014 27 миллиону 112 ҳазору 400 сомонӣ барзиёд мебошад [3]. Дар натиҷаи зиёд шудани теъдоди корхонаҳои саноатӣ сатҳи бекорӣ коҳиш ёфта, дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ беҳтар гардида.

Ҳамзамон қайд намудан ҷоиз аст, ки соли 2014 сохтмони корхонаи азими муштараки Тоҷикистону Чин ҶСП "Ҷунтай-Данғара-Син-Силу-Текстил" оғоз гардид, ки аз чор марҳилаи истеҳсолӣ, яъне ресандагӣ, бофандагӣ, рангуборкунӣ ва дӯзандагӣ иборат аст. Иқтидори истеҳсолии корхонаи мазкур аз коркарди 52 ҳазор тонна нахи пахта дар як сол буда, 150 млн метри мураббаъ матои пахтагин истеҳсол менамояд.

Соли 2015 дар ноҳия бо ташаббуси Сарвари давлат сохтмони корхонаи сементбарорӣ, бо маблағгузории соҳибкорони ватаниву чинӣ дар ҳаҷми як миллиард сомонӣ оғоз гардид, ки иқтидори солонаи он 1,6 миллион тоннаро ташкил дода, тавассути нақша соли 2016 ба истифода дода шуд. Дар сохтмони корхона 150 нафар шаҳрвандони ватанӣ ҷалб шуда, баъди пурра ба фаъолият оғоз намудани он 800 нафар мутахассисону коргарони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин мегарданд. Дар баробари ин, корхонаи кафелбарорӣ низ ба маблағгузории хориҷӣ, бо маблағи 100 миллион сомонӣ бунёд мегардад, ки солҳои 2016-2017 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, беш аз 70 нафар намояндагони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин мешаванд [2].

Дар хусуси рушди ободию созандагии ноҳия қайд намудан ҷоиз аст, ки танҳо соли 2015 сохтмончиён ба маблағи 250 миллиону 865 ҳазору 800 сомонӣ корҳои созандагиву васлкуниро ба анҷом расониданд, ки нисбати соли 2014 56 миллиону 918 ҳазор сомонӣ барзиёд мебошад. Дар ноҳия ба маблағи 124 миллиону 652 ҳазору 200 сомонӣ танҳо биноию иншоот сохта шудааст [3].Соли 2015, тибқи маълумотҳои оморӣ, сохтмончиёни ноҳия ба маблағи 250 865 800 сомонӣ корҳои сохтмониву васлкуниро ба анҷом расониданд [1].

Соли 2016 дар Минтақаи озоди иқтисодии Данғара 8 корхонаи саноатӣ ба миқдори 15 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудааст, ки дар миқёси вилоят 0,5 фоизи ҳаҷми маҳсулоти саноатиро ташкил медиҳад.Дар Минтақаи озоди иқтисодии Данғара яке аз корхонаҳои калонтарини минтақа ҶДММ "Ауфен" фаъолият менамояд, ки муассиси он соҳибкори чинӣ Руан Бан Дзюн маҳсуб меёбад, ки дар сохтмон ва ифтитоҳи он беш аз 18 миллион доллари америкоӣ харҷ намудааст. Дар чор хатти технологӣ-инноватсионии он

соле 100-120 ҳазор тонна, ё ин ки 1,2 миллион метри мураббаъ конструксияи металлӣ ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ истеҳсол карда мешавад [1].

Соли 2016 барои тамоми тоҷик ва тоҷикистониҳо хотирмону таърихӣ маҳсуб ёфта, онро метавон соли пайванди ҷумҳурӣ ба марҳалаҳои нави рушду тараққиёт ва қадамҳои устувору созанда ба сӯиояндаи дурахшон номгузорӣ кард, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон дар остонаи 25-солагии истиқлолият қарор дошт. Бахшида ба чунин ҷашнвораи бузурги таърихӣ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Данғара бузургтарин корхонаи истеҳсолӣ – Маҷмааи нассоҷии Ҷамъияти саҳомии “Ҷунтай-Данғара-Син-Силу текстил”, ки сохтмони он моҳи декабри соли 2014 ибтидо ёфта буд, 31-уми августи соли 2016 марҳилаи нахустини он мавриди истифода қарор гирифт, ки дар марҳилаи аввал зиёда аз 15 ҳазор тонна нахи пахта коркард шуда, 600 нафар ба ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд [1]. Бояд қайд намуд, ки иқтидори коркарди корхона бояд 52 ҳазор тонна пахтаро дар як сол ташкил дода, 150 млн метри мураббаъ матои пахтагӣ истеҳсол намояд [2].

Соли 2016 барои рушди саноати ноҳия хотирмон буда, як қатор корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ, аз қабили сехи коркарди меваи хушк, кооперативи тиҷоратии “Чашмаи Нуқра” дар деҳаи Гулафшон, нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории ҷамоати деҳоти Оқсу ва Себистон мавриди истифода қарор гирифтанд **[3].**Бояд зикр кард, ки соли 2016 бахшида ба 25 – солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ сохтмонҳои маҷмааи варзишӣ дар маркази ноҳия, Донишгоҳи давлатии Данғара барои 4000 донишҷӯ, бинои 9 ошёна барои донишҷӯён, идораи санитарию эпидемиологӣ, бинои шуғли аҳолӣ, коргоҳи нассоҷӣ ва пахта дар деҳаи Корез, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №74 дар деҳаи “Дӯстӣ”-и ҷамоати Оқсу ва синфхонаҳои иловагӣ дар деҳаи Гулистон ифтитоҳ ёфтанд [4], ки аз файзи истиқлол дар ноҳияи мазкур шаҳодат медиҳанд.

Моҳи октябри соли 2016 аз ҳисоботи нуҳмоҳаи раиси ноҳияи Данғара бармеояд, ки корхонаҳои саноатӣ дар якҷоягӣ бо бахши хусусӣ ба маблағи 364 миллиону 892 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуда, ҳаҷми истеҳсолот нисбати соли 2015 87 миллиону 301 ҳазору 800 сомонӣ зиёд буд. Дар ноҳия аз ҳисоби корхонаҳои хурду калони саноатӣ 348,0 тонна равғани растанӣ, 1617,0 тонна нон ва дигар маҳсулоти нонӣ, 1995,0 млн кв соат қувваи барқ, 806,0 тонна нахи пахта ва 448,4 тонна гӯшт истеҳсол гардидааст. Нуқтаи дигареро ёдрас менамоем, ки давраи ҳисоботӣ дар ноҳия ба маблағи 162 миллиону 679 ҳазор 700 сомонӣ биною иншоотҳои нав сохта ба истифода дода шуданд [1].

Ҳамзамон, барои шаклҳои дигари хизматрасонҳо бинои нави хизматрасонии комплексӣ дар Пушинг, биноҳои шуғли аҳолӣ, Раёсати молия, нозироти андоз, комиссариати ҳарбӣ, шуъбаи корҳои дохилӣ дар деҳаи Себистон, шуъбаи Амонатбонк дар Себистон, чойхонаи фароғатии “Хуррамшаҳр”, бинои ҶСШК Шабакаҳои барқи Данғара, зеристгоҳи барқии “Лолазор”, бозори кишоварзии “Каёнуш”, бозори хитоии “Пир-Ғулом”, се адад варзишгоҳи хурд дар маркази шаҳрак ва дигар иншоотҳои саноатию сохтмонӣ сохта шуданд [2].

Соли 2017 корхонаҳои саноатии ноҳия дар ҳамбастагӣ бо бахшҳои хусусӣ ба маблағи 1 миллиарду 43 миллиону 521 ҳазору 100 сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуда, ҳаҷми истеҳсолро нисбати соли гузашта 481 миллиону 945 ҳазору 100 сомонӣ зиёд ва суръати афзоишро 185,8 % таъмин намудаанд [4].13-уми октябри соли 2017 дар партави сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат дар ноҳия чорабинии сатҳи баланд – Анҷумани байналмилалии иқтисодии “Данғара-2017” баргузор гардид, ки дар кори он вазири рушди иқтисод ва савдои ҶТ А. Ҳикматуллозода, Сафири дафтари барномаи САҲА дар Тоҷикистон Туула Юрёля, намояндаи доимии СММ Пратибха Мехта, роҳбари Агентии байналмилалӣ оид ба рушд, роҳбари манфиати соҳибкории Чин Чен Ян Ман, намояндаи доимии Олмон оид ба ҳамоҳангсозии рушд дар ҶТ, муовини раиси вилояти Хатлон Р. Раҷабов, намояндаи кумитаи давлатии сармоягузорӣ С. Қурбонов, 250 нафар вакилон ва 400 устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Данғара ширкат варзиданд [1]. Мақсади

баргузории чунин ҳамоиши байналмилалӣ татбиқи як қатор лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва омӯзиши шароити истеҳсолии маҳсулотҳои саноатии Минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” мебошад.8-уми декабри соли 2017 бо иштироки раиси ноҳияи Хатлон Д. Гулмаҳмадзода “Корхонаи истеҳсоли хӯроки омехтаи чорво ва паранда” дар деҳаи Баҳор, ҶДММ “25-солагии истиқлолият” мавриди истифода қарор гирифт.

Хулоса, дар хусуси дастовардҳои 25 – солаи саноатӣ қайд намудан лозим аст, ки ба шарофати соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ корхонаҳои зиёди саноатӣ сохта, мавриди истифода қарор гирифтанд, ки ноҳияи Данғара аз он истисно нест. Аз ҷумла, соли 2010 теъдоди корхонаҳои саноатии ноҳия 16, ташкилотҳои сохтмонӣ 24 ва муассисаи нақлиётӣ 2 ададро ташкил дода [2], дар соли 2013 корхонаҳои саноатии 19, ташкилотҳои сохтмонӣ 18 ва муассисаи нақлиётӣ 2 ададро ташкил медод ва [3] то 1 – уми январи соли 2016 теъдоди чунин корхонаҳо ба 23, ташкилотҳои сохтмонӣ ба 18 ва муассисаи нақлиётӣ ба як адад расида буданд [4].Соли 2018 корхонаҳои саноатии ноҳия якҷоя бо бахшҳои хусусӣ ба маблағи 1 миллиарду 363 миллиону 403 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки нисбати соли 2017 320 миллиону 544 ҳазору 400 сомонӣ барзиёд истеҳсол карда шуд. Соли 2018 дар ҳудуди ноҳия 5 корхонаи саноативу коргоҳҳо бо теъдоди 143 ҷойҳои нави корӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар маҷмуъ, аз 35 корхонаи саноатии дар ноҳия мавҷудбуда, 6 адад бо сабабҳои молиявию сармоягузорӣ муваққатан аз фаъолият бозмонданд **[1].**

Соли 2019 корхонаҳои саноатии ноҳияи Данғара ба миқдори 1 миллиарду 507 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд. Соли 2019 дар ноҳия 3 корхона ва коргоҳи нави саноатӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Ҳамзамон, 138 иншоот, аз ҷумла як беморхона, 7 бунгоҳи тиббӣ, 10 маркази саломатӣ, 2 таваллудхона, 15 мактаб, 1 боғча ва дигар иншооти хизматрасонӣ мавриди истифода қарор гирифтанд [2]. Бо ташаббус ва фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бахри ҳифзи иҷтимоии аҳолии ноҳия аз ҳисоби мақомоти иҷроия ва соҳибкорони ватанӣ 266700 сомонӣ ба оилаҳои камбизоат ва ятимону бепарасторон кумак расонида шуд [3].

Мавриди зикр аст, ки соли 2019 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ҶДММ “Шири Данғара”, ки сохтмони он ҳанӯз моҳи августи соли 2018 оғоз ёфта буд, бо ҷалби 18 нафар қувваи кории доимӣ мавриди истифода қарор гирифт [2].

12 – уми июли соли 2019 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон роҳҳои дохилии деҳаи Шаршар ба масофаи 4 километр, инчунин роҳи навбунёди Шаршар-Себистон-Кӯли Сӯфиён, ки дар маҷмуъ 25 километрро ташкил медиҳад, ба истифода дода шуданд [3].

**Муқарриз:*Алимов Д.Х.*- д.и.т., профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 26 декабри соли 2019.- 34с.
2. Умари Ш. Данғара. – Душанбе: Шарқи озод, 2005.- С.213.
3. Тоҷикистон дар асри XXI: Президент Эмомалӣ Раҳмонов ва иқтисодиёти миллӣ. – Москва, 2000.-С.271.
4. Тоҷикистон дар асри XXI: Президент Эмомалӣ Раҳмонов ва иқтисодиёти миллӣ. – Москва, 2000.-С.275.
5. Тоҷикистон дар асри XXI: Президент Эмомалӣ Раҳмонов ва иқтисодиёти миллӣ. – Москва, 2000.-С.275.
6. Умари Ш. Данғара. – Душанбе: Шарқи озод, 2005.- С.548.
7. Энергическая политика Президента Таджикистана Эмомали Рахмона // Нурафзо. – Душанбе, 2011. – С. 39.
8. Гидроэнергетика Таджикистана: ресурсы и перспективы. – Душанбе: Министерство энергетики РТ 2005. – С. 41.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 23 апрели соли 2014.- С. 13.
10. Шарифзода А. Қосимӣ З. 7 соли Эмомалӣ Раҳмон.-Душанбе.- 2013.- С. 26.
11. История таджикского народа. – Том VI. Новейшая история. – Душанбе: Империал – Групп, 2011.-С.509.

12. Сангтуда: в игру вступает Вашингтон // Азия-Плюс. -2007.-1 марта.
13. Шарифзода А., Қосимӣ З. 7 соли Эмомалӣ Раҳмон.-Душанбе.- 2013.- С. 26.
14. Ҳабибуллоева Ф. Нишондиҳандаҳо назаррасанд // Садои мардум. -2010, 9 феврал.
15. Солиев Х.Х. Республика Таджикистан: 15 лет независимого экономического развития. – Душанбе: Эчод, 2007. – С. 419.
16. Солиев Х.Х. Республика Таджикистан: 15 лет независимого экономического развития. – С. 419.
17. История таджикского народа. – Том VI. Новейшая история. – Душанбе: Империал – Групп, 2011.-С.532.
18. Таджикская железная дорога. Составители А. Раҳмонов, Н. Назаров. Душанбе, 2005.-С.2.
19. Таджикистан экспортировал около 1 тонны золота //ASIA-PLUS. – 2014. – 10 февраля. – С. 5.
20. Данғара ободу зебо гаштааст // Хатлон. -№20 (3009).-23 апрели соли 2015.-С.1.
21. Дастовардҳои ноҳия дар 25-соли истиқлолият // Симои Данғара.-№30 (6630). 31 августи соли 2016.
22. Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва сокинони ноҳия // Симои Данғара. -№21 (6579).-28 апрели соли 2015.-С.2.
23. Дастовардҳои ноҳия дар 25-соли истиқлолият // Симои Данғара.-№30 (6630). 31 августи соли 2016.
24. Дастовардҳои ноҳия дар 25-соли истиқлолият // Симои Данғара.-№30 (6630). 31 августи соли 2016.
25. Талаботҳои интизоми меҳнат дуруст ба роҳ монда шавад. Ҳисоботи раиси ноҳияи Данғара оид ба фаъолияти соҳаҳои ичтимоию иқтисодии ноҳия дар соли 2015 ва муайян намудани вазифаҳо барои соли 2016 // Симои Данғара.-№ 2 (6602). -12 январи соли 2016.
26. Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва сокинони ноҳия // Симои Данғара.-№21 (6579).-28 апрели соли 2015.-С.2.
27. Хуршеди Ҷ. МОИ-и «Данғара» роҳ ба сӯйи ҳадафҳои стратегӣ наздик мешавад // Ҷумҳурият. -№ 186 (23008). 16 сентябри соли 2016.-С.1-2.
28. Шарифзода А., Айниддини С., Шамсиддинзода С. Қадамҳои устувор ба сӯйи ояндаи босаодат // Минбари халқ. -№ 3 (1087). 18 январи соли 2017.-С.5.
29. Шиноснома // Симои Данғара. -№ 22-23 (6668-89). 8 июли соли 2017.-С.2.
30. Сайдализода М. Данғара. Ҳанӯз имкониятҳо зиёданд // Симои Данғара. -№34 (6634). 17 сентябри соли 2016.
31. Паёми табрикотии Маҳмадулло Сайдализода, раиси ноҳия, ба муносибати ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатӣ // Симои Данғара. -№33 (6633). 8 сентябри соли 2016.
32. Ҳисоботи раиси ноҳияи Данғара оид ба фаъолияти рушди соҳаҳои ичтимоию иқтисодии ноҳия дар нуҳ моҳи соли 2016 ва муайян намудани вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли 2016 // Симои Данғара. - №37 (6637).- 17 октябри соли 2016.
33. Таърихи ноҳия гувоҳ аст. Табрикоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бахшида ба 85-солагии ноҳияи Данғара // Симои Данғара. -№ 22-23 (6668-89). 8 июли соли 2017.
34. Бойгонии ҷории мақомоти ичроияи давлатии ноҳияи Данғара. Ҳисоботи раиси ноҳияи Данғара оид ба фаъолияти рушди соҳаҳои ичтимоию иқтисодии ноҳия дар соли 2017.
35. Бойгонии ҷории мақомоти иҷроияи давлатии ноҳияи Данғара. Ҳисоботи раиси ноҳияи Данғара оид ба фаъолияти рушди соҳаҳои ичтимоию иқтисодии ноҳия дар соли 2017.
36. Пешвои миллат: «Дар ноҳияи Данғара корҳои созандагӣ вусъати бесобиқа пайдо намудаанд». // Симои Данғара.-№24 (6775).-15 июли соли 2019.-С.1-3
37. Пешвои миллат: «Дар ноҳияи Данғара корҳои созандагӣ вусъати бесобиқа пайдо намудаанд» // Симои Данғара.-№24 (6775).-15 июли соли 2019.-С.1-3.
38. Сафари кории Президенти кишвар ба ноҳияи Данғара // Пайки шифо.-№9 (25).30 сентябри соли 2019.-С.2.
39. Омори солонаи ноҳияи Данғара дар солҳои 2014-2020.-Душанбе, 2020.-С.6.
40. Ҳасанов Г., Маҳимов М. Бахри пешбурди соҳаҳо ва саноаткунонӣ кӯшиш менамоем // Симои Данғара.-№26 (6777).-6 августи соли 2019.-С.2.

## БА МАРКАЗИ САНОАТӢ ТАБДИЛ ЁФТАНИ ДАНҒАРА

Муаллиф қайд менамояд, ки бахри рушди босуръати саноатикунонии кишвар дар замони истиқлолият сохтани НОБ-ҳо бениҳоят зарур буд. Бинобар ин, дар ноҳияи Данғара трансформаторҳои пуриқтидор шинонида шуд ва якчанд корхонаҳои саноатӣ кушода шуданд. “Ин корхонаҳои саноатӣ аз маҳсулотҳои хушсифати ватанӣ истифода бурда, сабаби пайдошавии ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолии ноҳия гардид”, қайд мекунад муаллиф. Чун ноҳияи Данғара минтақаи аграрӣ ва саноатӣ аст, бинобар ин истифодаи самараноки замин аз мадди назар дур нест, муаллиф қайд мекунад, ки зиёда аз 6000 га. замин коркард ва ба истифода дода шуд. Дар баробари ин, бо мақсади омӯзиши захираҳои табиӣ, бахусус сангҳои қиматбаҳо, сохтани комбинатаҳои ҷавоҳирот, сохтани як қатор биноҳою иншоотҳои нав (чойхонаи Хуррамшаҳр, заводи хишт, шуъбаи Ориёнбанк, боғи фарҳангӣ, манзилҳои истиқоматӣ, майдончаҳои варзишӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, мактабҳо, корхонаи коркади нефт, корхонаи ресандагӣ (корхонаи муштараки Чин ва Тоҷикистон), корхонаи истеҳсоли маводҳои сохтмонӣ ва ғ.) ба нақша гирифта шуда, сохта ба истифода дода шуданд. Дар анҷоми мақола муаллиф қайд менамояд, ки ноҳияи Данғара дар замони истиқлолият ба дастовардҳои зиёд ноил гардид, ки натиҷаи меҳнатдӯстиву ватандӯстии сокинони ноҳияи Данғара ва дастгирии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Калидвожаҳо:** Стратегия, рушд, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, техника, таҷҳизот, тадқиқот, илмӣ, афзуншавӣ, саноат, комбинат, раёсат, сохтмон, саҳомӣ.

## ПРЕВРАЩЕНИЕ ДАНГАРЫ В ПРОМЫШЛЕННЫЙ ЦЕНТР

Автор отмечает, что для ускорения индустриализации страны в период независимости большое значение имело строительство гидроэлектростанций. Поэтому в Дангаринском районе были установлены мощные трансформаторы и открыт ряд промышленных предприятий. «Эти промышленные предприятия используют качественную отечественную продукцию, что позволило создать новые рабочие места и снизить уровень бедности в районе», — отмечает автор. Поскольку Дангара является аграрно-промышленной зоной, не упускается из виду эффективное использование земель, более 6000 га. земли было обработано и введено в эксплуатацию. Вместе с тем, с целью изучения природных богатств, особенно драгоценных камней, строительства ювелирных заводов, возведения ряда новых зданий и сооружений (чайхана Хуррамшахр, кирпичный завод, филиал Ориёнбанка, парк культуры, жилые дома, спортивные площадки, медицинские центры, школы, строительная компания нефти, прядильная фабрика (совместное предприятие Китая и Таджикистана) также было запланирован и построен завод по производству строительных материалов и др..В конце статьи автор отмечает, что Дангаринский район за время независимости добился многих промышленных и экономических достижений, что является результатом трудолюбия и патриотизма жителей Дангаринского района и поддержки Его Превосходительства Президента РТ.

**Ключевые слова**: стратегия, инфраструктура, развитие, экономика, общество, техника, исследования, наука, рост, промышленность, завод, щит, строительство.

## TURNING DANGARA INTO INDUSTRIAL CENTER

The author notes that in order to accelerate the industrialization of the country during the period of independence, the construction of hydroelectric power stations was of great importance. Therefore, powerful transformers were installed in the Dangara region and a number of industrial enterprises were opened. “These industrial enterprises use high-quality domestic products, which has created new jobs and reduced poverty in the region,” the author notes. Since Dangara is an agro-industrial zone, the efficient use of land, more than 6,000 hectares, is not overlooked. land was cultivated and put into operation. At the same time, in order to study natural resources, especially precious stones, build jewelry factories, erect a number of new buildings and structures (Khurramshahr tea house, brick factory, Orienbank branch, cultural park, residential buildings, sports grounds, medical centers, schools, a construction company oil, a spinning factory (a joint venture between China and Tajikistan) was also planned and built a plant for the production of building materials, etc. residents of the Dangara region and the support of His Excellency the President of the Republic of Tatarstan.

**Key words**: strategy, infrastructure, development, economy, society, technology, research, science, growth, industry, factory, shield, building.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдулҳақов Орзу Шодмонович*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара**,** ассистенти кафедраи идораи давлатӣ ва таърихи умумӣ. **Суроға:**735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Шарипов, 3. Телефон: **+992 888808328**

**Сведение об авторе:** ***Абдулхаков Орзу Шодмонович*** - Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры государственного управления и общей истории. **Адрес:**735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Шарипова 3. Телефон: **+992 888808328**

**Information about the author: Abdulkhakov Orzu Shodmonovich** - Dangara State University, Assistant of the Department of Public Administration and General History. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, Sharipov street 3. Phone: **+992 888808328**

УДК:007.1 (575.3)

# НАҚШИ РӮЗНОМАИ “БУХОРОИ ШАРИФ” ДАР БЕДОРИИ ШУУРИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

*Ализода Алиҷон Анвар*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Рӯзномаи “Бухорои шариф” дар шумораи аввалини худ аз 11 марти соли 1912, муроҷиатан ба хонандагон, таъиноти рӯзномаро “илмӣ, адабӣ, иҷтимоӣ, фаннӣ, иқтисодӣ” ва даврияти онро ҳаррӯза, ба истиснои айёми иду ҷумъаҳо” эълон доштааст. Ҳамзамон, мундариҷоти умумиашро “телеграфоти агентии Петербург, мақомоти илмия, ҳикоёти таърих, мустахбироти Истанбул, Мадинаи мунаввара, Миср, Теҳрон, Табрез, Рашт, Тошканд, Марғелон, Андиҷон, Хуҷанд, Самарқанд, тарҷумаи аҳволи ашхоси машҳуртарин” гуфтааст.

Дар саҳифаи аввали шумораи якуми “Бухорои шариф” Мирзо Ҷалол Юсуфзода мақолаи “Ғояи амал”-ро пешкаши хонандагон намуда, эълон дошта, ки “аз нашри ҳамин рӯзномаи “Бухорои шариф” мақсуди мо ғайр аз хизмати исломият набуда ва нахоҳад буд” ва аз хонандагон ширкати фаъолонаро дар табъу нашри рӯзнома тақозо ва хоҳиш дошта, ки “аввал дар, ҳамроҳӣ ва муовинати мо музоиқа нафар масъул. Сониян, ҳар чи аз мундариҷоти рӯзномаи дар назораташон нобаҷо омад, ба шарҳу тафсил ба идора нависанд, ки агар саҳв аз ҷониби мост, бо итминону ташаккур ислоҳи саҳви худ намуда бошем”.

Саҳифаҳои дувуму севуми шумораи аввали “Бухорои шариф”-ро хабаре аз марги валиаҳд Саид Мирабдурасул таҳти унвони “Таассуф”, “Ихтор” бо забони туркӣ дар бораи дар сурати иҷозат баъзан чопи мақолаҳои туркӣ, силсилаахборҳои “Телеграфоте, ки даҳуми март ба идораи мо расидааст”, мақолаи Мирзо Сироҷи Ҳаким “Баъзе фавоиди рӯзнома”; силсилаи “Ахбори маҳаллӣ” бо имзои Бухороӣ, хабарҳои “Сайёҳати вазири ҷанг ба Туркистон” дар хусуси сафари вазири ҷанги Россия ба Туркистон аз таърихи 21-уми март то 31-уми марти соли 1912 ва нияти боздидҳояш аз Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Чорҷӯй, Ашкобод, Қушкӣ (Кушка), Андиҷон, “Муҳорибаи Туркия ва Итолиё” ва чанд хабару эълони тиҷоратиро дар бар гирифтааст. Саҳифаи чаҳоруми шумораи аввали рӯзнома ба хабарҳои тиҷорӣ ва эълону рекламаҳо ихтисос дода шуда, унвони 35 номгӯйи китобҳои нави нашриёти кутуби исломии К. Л. Левин дар Бухорои нав аз қабили “Девони бузурги Ҳофиз”, “Бедил”, “Девони Машраб”, “Баёз” бо нархҳояшон ва 5 эълону реклом ҷой дода шудааст [3, с.79]. Шумораҳои баъдии рӯзнома низ асосан ба ҳамин тартиб табъу нашр гашта, ҳамаи онҳо дорои сармақола мебошанд, ки бо имзои сардабири он нашр гардида, дар онҳо масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ҳамроҳ бо назари ҳайати эҷодии рӯзнома бозтоб ёфтаанд. Дар сармақолаҳои рӯзнома мавзуъҳое, аз қабили таълими улум, тартибу тарвиҷи мактабу маориф, ифтитоҳ ва ислоҳи макотибу мадорис, беҳбуди корҳои кишоварзӣ, обёрӣ, боғдорӣ, чорводорӣ, тараққиёти иқтисодӣ таваҷҷуҳ ба ҳуқуқ ва вазифаҳои ҳукумат ва раият, ислоҳи идораи Аморати Бухоро, мубориза бар зидди ҷаҳл, хурофотпарастӣ ва дигар урфу одатҳои нописанд, дар бораи беҳбуди умури беҳдоштӣ, дар бораи робитаи дину мазҳаб ва ваҳдати ҷаҳони ислом ва ғайра мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар ҳамаи шумораҳои “Бухорои шариф” хабар ба унвони як унсури зарурӣ ва лозим ҷойгоҳи муҳиме дорад ва дар ҳудуди 20 фоиз матолиби онро дар бар мегирад. Ахбор табақабандӣ шуда, зери унвонҳои ахбори дохила, ахбори хориҷа, ахбори маҳаллӣ, ахбори тиҷоратӣ, саноатӣ, телегрофотӣ нашр шудаанд. Хабарҳо ва маводи хориҷӣ асосан аз рӯзномаҳои русӣ ё англисӣ бо зикри манбаи хабар иқтибос ва тарҷума шудаанд.

Дар миёнаи қисми болоии аввали рӯзнома номи он: “Бухорои шариф” ҳамроҳ бо ҳилол хаттотӣ шудааст ва дар зери он номи рӯзнома бо ҳуруфи кириллӣ (русӣ) ба хатти чопӣ низ навишта шудааст. Дар ҳошияи болои рости ҳар шумора рақам, рӯз, моҳ ва санаи нашри он ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва дар тарафи чапи ҳошияи боло айни мушаххасот бо забони русӣ навишта шудааст. Номи рӯзнома аз 5 як қисмати саҳифаи аввали онро дар бар мегирад. Нархи як шумораи рӯзнома дар зери сарлавҳаи ҳар шумораи он “Қимати як нусха 3 тин” навишта шуда ва дар тарафи рости сарлавҳа дар мавриди нархи обунаи рӯзнома чунин навишта шудааст: “Қимати иштирок дар худи идора солона 5 манот, 6 моҳ 2 маноту ним, 3 моҳ 1 маноту ним. Ба шарти расонида додан дар соири шаҳрҳои Россия солона 6 сӯм ва дар хориҷа солона 8 сӯм” [4, с.47]. Ин навиштаҷот маънои онро дорад, ки “Бухорои шариф” дар марказ ва дигар шаҳрҳои Аморати Бухоро ва ҳамчунин Россия ва хориҷ аз он аз тариқи почта тавзеъ мешудааст. Фурӯши рӯзнома ҳам ба воситаи рӯзномафурӯшон ва ҳам дар идораи рӯзнома ва ҳам дар китобфурӯшии Саидмуродхуҷа сурат мегирифт. Дар тарафи чапи номи рӯзнома суроғаи он ба забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва русӣ “Бухорои нав” навишта шуда ва дар зери он қайд гашта, ки мактуботе, ки ба идора фиристода мешаванд, дар сурати дарҷ ба соҳибонашон барнамегардонем. Покетҳои бемарка аз почта гирифта нахоҳанд шуд” [4, с.48].

Дар зери номи рӯзнома аз нахустин шумора то охирини он матни зерин дарҷ шудааст: “Сафаҳати рӯзномаи мо ҷиҳати таҳрироти илмиву адабия ва фанния ва билузум ба рӯйи мақолоти нофеъ боз аст. Мақолоти муғойир бо маслаки тараққихоҳона дарҷ нахоҳад гардид” [4, с.48].

“Бухорои шариф” аз шумораи 22-юм ба баъд ба чоп кардани аксҳо шуруъ намудааст. Эълонҳои рӯзнома асосан дар саҳифаи охири он ба нашр мерасиданд. Нархи нашри эълонҳо дар саҳифаи аввал 30 тин ва дар саҳифаи охири рӯзнома 20 тин буд. Дар саҳифаи чаҳорум зери унвони “Нашриёти кутуби исломия” маҷмуан 35 унвон китоб бо забони форсӣ- тоҷикӣ, аз қабили “Чаҳор китоб”, девонҳои хурду бузурги Ҳофизи Шерозӣ, “Фиқҳ”-и Кайдонӣ, “Муш ва гурба”-и Убайди Зоконӣ, ашъори Абдулқодири Бедил, Алишери Навоӣ, шарҳи “Юсуф ва Зулайхо”-и Мавлоно Ҷомӣ, “Ғиёс-ул-луғот” ва ғайра бо теъдоди саҳифа ва нархи онҳо дар шумораҳои пайдарпайи рӯзнома чоп шудааст. Аксари ин китобҳо дар Ҳиндустон ва Эрон чоп шуда ва ба Аморати Бухоро ворид шуда буданд.

Масъулини рӯзнома хуб медонистанд, ки бархе аз руҳониён ва ҳукуматдорон барои паҳн кардани “Бухорои шариф” монеъ мешаванд. Аз ин лиҳоз Қ. Л. Левин ва Ҳайдархоҷа Мирбадалов ба қушбегии Бухоро Мирзо Насруллоҳ муроҷиат карда, аз ӯ дархост намуданд, ки номае мабнӣ бар ҳимоят аз нашр ва пахши рӯзнома интишор диҳад. Дар ризоятномаи қушбегӣ чунин сатрҳо ҷой доранд: “Ҳар касе, ки ба рӯзномаи мазкур муштарӣ шаванд, ихтиёр доранд, мо бо он монеъ намешавем” [12, с.46].

Муштариёну хонандагони “Бухорои шариф” бештар ҷавонбухороиён, муллоҳо, толибилмони мадрасаҳои Бухоро, тоҷирону бозориёни босавод буданд.

Номаҳои хонандагони рӯзнома, ки аксар руҳи интиқодӣ ва ислоҳӣ доштанд, зери унвони “Номаҳои ворида”, “Мактуб аз Бухоро ва Самарқанд” нашр шудаанд. Агар муаллифи нома ном ва суроғаи худро нанавишта бошад, мудири рӯзнома аз нашри он маъзарат хостааст.

Яке аз ҳадафҳои асосӣ ва ҷиддии рӯзномаи “Бухорои шариф” тарғиби таъсису густариши мактабу маорифи низоми нав буд. Чунки низоми омӯзишу парвариш вазъи нобасомоне дошт. Аз ин лиҳоз ташвиқи мардум ба талаби илму дониш ва ислоҳ намудани вазъи таълим дар сархатти вазифаҳои рӯзнома қарор дошт. “Бухорои шариф” кори таъмими илм, густариши маориф ва таъсиси мактабҳоро як амри “динӣ ва миллӣ” медонад ва нақши онҳоро дар бедории мардум ва мубориза бар зидди ҷаҳлу нодонӣ ва хурофотпарастӣ ва талош барои рушди ҷомеа хеле барҷаста ва бузург меҳисобад. Рӯзнома дар ин росто на танҳо хонандагони худро ташвиқ ба омӯхтани илмҳои табиӣ ва иҷтимоӣ ва густариши маорифу ислоҳи он мекунад, балки дар ин замина пешниҳодҳои мушаххасро барои амири Бухоро ва дастгоҳи идории он, ҳамчунин гурӯҳҳои равшанфикри Аморати Бухоро пешниҳод менамояд. Дар маҷмуъ ҳудуди шашяки саҳифаҳои рӯзнома ба ин масъала ихтисос дода мешуд. Сармақолаҳои шумораҳои дувум ва севуми рӯзнома ба мазоёи илм ва нақши он дар пешрафти ҷомеа ихтисос дода шуда ва дар онҳо гуфта мешавад: “Агар касе аз аввал то охири Қуръони шарифро мулоҳиза намояд, возеҳ ва ошкоро мебинад, ки таклифе болотар аз илм барои инсон нафармуда... талаби илмро ба ҳар муслим ва муслима фарз намуда...” [12, с.54].

Дар сармақолаи шумораи чаҳоруми рӯзнома, ки “Дигарон чӣ карданд?” номгузорӣ шудааст, тавзеҳ дода мешавад, ки дигарон ибтидо эҳтиёҷоти худро ташхис доданд ва баъзан барои рафъи он аз илм истифода намуданд. Дар сармақолаи шумораи панҷуми рӯзнома нависандаи он ба хонандагони худ талқин мекунад, ки ҳоло замони фарогирии улум ва истифода аз он дар амал аст, зеро ки “илм дар амал лозим ва малзуми якдигаранд” [2, с.4].

“Бухорои шариф” ҳамин баҳсро дар шумораҳои 6-ум ва 7-уми худ зери унвони “Чӣ лозим аст? ” идома дода, дар бораи нақши маориф ва зарурати густариши он батафсил сухан мегӯяд ва ба натиҷае мерасад, ки “агар мо бихоҳем миллати худро масъуд бубинем ва онҳоро бедор намоем, ҷамъияти нашри маорифро лозим дорем”.

Дар шумораҳои 13-ум , 14-ум ва 15-уми рӯзнома бо номи “Таҷдиди матлаъ” ин мавзуъ пайгирӣ шуда, нақши маорифро дар амри бедории омма ва рушду нумӯи кишвар барҷаста месозад ва рӯйи зарурати таъсиси “ҷамъияти нашри маориф” ва “танзими низомнома”-и он таъкид меварзад. Дар шумораи 28-умаш нашрия зери унвони “Лузуми донистани забони хориҷӣ” нақши забонҳои хориҷиро ҳам дар арсаи фарогирии илмҳо ва ҳам дар арсаи улуми тиҷоратӣ шарҳ медиҳад ва мухотибони худро ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ тарғибу ташвиқ менамояд. Муҳтавои асосии сармақолаи шумораи 43-юм бо номи “Вақт азиз аст” он аст, ки бояд инсон вақти азизи худро сарфи таҳсили илм намояд.

Дар сармақолаҳои шумораҳои 97-ум, 98-ум, 99-ум, 100-ум ва 101-ум бо номи “Ислоҳоти мадорис” ва “Илму таълим” зарурати аз худ намудани илму дониш таъкид шудааст: “Аз рӯзе, ки ба нашри ҳамин варақпора муваффақ шудаем, асоси нияти мо интишор ва тараққии улум будааст” [4, с.54]. Дар мақола таъкид шуда, ки манзур аз ислоҳи мадорис ҳам ислоҳи вазъи таълим ва феҳрасти дурус” мебошад ва тадриси бархе аз дарсҳо, аз ҷумла сарфи забони арабӣ ва ё илми наҳвро бесамар ва талафи беҳудаи вақт медонад.

“Бухорои шариф” дар шумораи 139 ва 140 мақолаи Маҳмудхоҷа Беҳбудиро бо номи “Усули ҷадид чӣ гуна аст?” чоп кардааст. Дар мақола омада, ки: “Усули ҷадида қоидаи тозаест, ки мактаббачагонро ба тарзи дигар таълим мекунанд. Ин қоида ба воситаи соҳиби ҷаридаи “Тарҷумон” ҷаноби Исмоилбек байни мусулмонони мамлакати Русия ҷорӣ шуда ва аз он ба Туркистон гузашт. Алъон дар Самарқанд, Тошканд, Қӯқанд ва соири билоди Туркистон ва ҳатто ба қишлоқҳои билоди мазкура мунташир аст. Дар зарфи 15-20 соли ахира дар ҷомеаи мамолики Қафқоз, Эрон, Ҳинд, Миср, Ҳиҷоз ва ғайра ин қоида ҷорӣ шудааст. Ин гуна макотибро мактаби усули савтия, ё ин ки дабистони усули тоза меноманд. Натиҷаи ин мактаб он аст, ки атфол ба зудӣ хононда ва нависонда мешаванд. Ва ҳар чизе ки мехонанд, монанди дарси бо маъно ва мафҳум таълим мегиранд ва аз хондан лаззат мебаранд. Бинобар ин атфоли ин мактаб намегурезанд. Балки гурехта ба мактаб меоянд. Каломи шарифро ба қоида ва таҷвидаш хононда мешавад. Заруриёт ва ақоиди динияро низ бо маънояш фаҳмонида таълим медиҳанд. Ва аз хондагиаш ҳар гоҳ имтиҳон бигиранд ва дар охири санаи таҳсилия аз ҷамеи хондагиаш ба ҳузури ҷамъият назариву амалӣ ва шифоҳӣ имтиҳон мегиранд. Аз ҳамияту ғайрат ва саъй намудани атфол дар имтиҳон мусобиқа мекунанд. Аз рӯзи духул ба мактаб ҳам ба хондан ва навиштани матн машғул мегарданд. Чунки дабистони ҷадид бо тамоми маънояш мактаб аст. Ин тариқа, ки толиби дабистони тоза монанди толиби мактаби қадим бо зоеи умри бисёре бе хатту савод ва беқироату ҳисоб намемонад.

Лиҳозо, атфоли мактаби ҷадида дар синни 8-15- солагӣ аз хилқати илм то кунун чӣ қадар ҳаводиси диния ва мадания шудааст, илм ҳосил мекунанд. Аз таърихи мамлакат ва миллати мансубияти шогирдон низ тадрис ва ин боиси мукаммалияти толиб мешавад.Дар мактаби тоза аз илми ҳисобу таноби айнӣ, ҳандасаву фасоҳат ва дафтардориву иншову китобат низ таълим мекунанд. Илми ҷуғрофия ҳам таълим мекунанд” [5, с.2].

Масъалаи ислоҳот дар ҷомеаи Аморати Бухоро, ки дар он зулму истибдод, ришвахорӣ, беқонунӣ ҳукумфармо буд, яке аз масоили умда барои рӯзномаи “Бухорои шариф” маҳсуб меёфт. Рӯзнома аз шумораи 53 то 65-умаш, яъне дар 13 шумора, таҳти унвони умумии “Вазоиф” бо тазаккури ин ки “мо мехоҳем мухтасаре аз вазоифи давлат, ҳукумат ва сиёсату вазоифи раоё, мансубин ва тобеинро дар таҳти ҳамин унвон арза бикунем”, масъалаи ислоҳотро матраҳ мекунад. Муаллиф ибтидо бо ҷумлаҳое, ки “раиси қавм набояд ришва бигирад, аз иртикоб ба умуре, ки муҷиби фосид шудани ахлоқи ҷомеа мегардад, иҷтиноб намояд” ба таври ғайримустақим ба ҳаёти ҳокимон ва дастгоҳи фаъоли маишати Аморати Бухоро ва шахсони фосид ҳамла мекунад. Ва дар поёни сармақола чунин натиҷа мегирад: “Вазифаи раис ва соирин ҳамон тақвост, ки муҷиби адолат, инсоф, раҳм, мурувват, саховат, парастории бечорагон, ҳимояти заифон, додхоҳӣ аз золимон, додрасии мазлумон ва ғайраву ғайра аст”.

“Бухорои шариф” бо номи “Одат” бар зидди ҷаҳлу нодонӣ, хурофотпарастӣ, таассуб, исроф ва суннатҳои нописандида сармақолаҳо навишта, онҳоро барои ҷомеа зарарнок меҳисобанд. Аз ҷумла, дар шумораи 71-ум дар бораи издивоҷ менависад: “Ҳоло иҷолатан мо коре надорем, ки ба хилофи шаръ писарони 30-солаи Бухоро дар зан гирифтан муҳтоҷ ба вилояти падар ва модар шаванд, аммо агар бевазане бихоҳад шавҳар намояд, ҳама ақвом ва ашоир, аҳли гузар ва маҳалла ва оқсақолҳо валӣ ва соҳибихтиёри ӯ мешаванд ва агар як нафар аз муддаиҳои вилоят розӣ нашуд, ки ақди беваро бубандад, кор ба кушту кушотор мерасад.”

“Бухорои шариф” доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти кишоварзӣ, аз қабили пахтакорӣ, ғаллакорӣ, пиллапарварӣ, чорводорӣ, боғу токпарварӣ, тавлиди пӯсти қарокӯл, қолинбофию гилембофӣ, гулпарварӣ ва ғайра маводи муфид табъу нашр менамуд. Рӯзнома аз шумораи 21 то 27 таҳти унвони “Аҳамияти зироат”, “Дар бораи обёрӣ”, “Тараққии иқтисодӣ” дар бораи аҳамият ва нақши кишоварзӣ ва обёрӣ дар ҳаёти омма ва рушди иқтисодӣ дар Аморати Бухоро сухан гуфта, таваҷҷуҳи кишоварзонро ба корҳои деҳқонӣ ва истифодаи босамар аз об ҷалб мекунад. Дар сармақолаҳои шумораҳои 31 ва 42 низ ба пешрафт ва рушди пахтакорӣ ва тиҷорати пӯсти қарокӯл, пилла ва абрешим пардохтааст.

Рӯзнома дар мақолаи шумораи 32-аш рибохориро дар деҳот маҳкум намуда, онро хилофи шариати ислом ва инсоф, дар зиддият бо манфиатҳои мардуми деҳот ва монеъ дар кори пешрафти кишоварзӣ ва чорводорӣ медонад. Ҳамзамон, барои ёрӣ ба деҳқонон ва камбағалон таъсиси “Бонки деҳқонӣ”-ро бо суди поин ва поягузории “Ҷамъияти хайрия”-ро пешниҳод менамояд.

“Бухорои шариф” ба масъалаи гулпарварӣ низ таваҷҷуҳ намуда, дар шумораи 41-умаш бо номи “Гули сафед” мақолаи муфассалеро ба нашр расонида, мардумро ба гулпарварӣ даъват менамояд.

Бархе аз мақолаҳои “Бухорои шариф” дар мавзӯи тандурустӣ ва беҳдошту дармон навишта шудаанд. Яке аз муассисон ва муаллифони фаъоли рӯзнома Мирзо Сироҷи Ҳаким маъруф ба доктор Собир, ки пизишки маъруф буд, қисмати тиббу табобати рӯзномаро ба уҳда дошт. Вай аз 26 март то 12 июли соли 1912 дар саҳифаҳои “Бухорои шариф” зери унвони “Ҳифз-ус-сиҳат” бештар аз 30 мақола навишта, барои ҳифзи тандурустии мардуми Бухоро хидмати арзандае кардааст. Сармақолаҳои рӯзнома борҳо таҳти унвони “Ҳифзи сиҳат” таваҷҷуҳи оммаро ба таркиби суннатҳо ва одатҳои нописанд дар заминаи муолиҷа ва адами риояти умури беҳдоштӣ ҷалб мекунад ва онҳоро ба назофати манзили зист, кӯча ва истифода аз оби тозаи нӯшиданӣ ва ғайра тарғиб мекунад.

Силсиламақолаҳои Мирзо Сироҷи Ҳаким дар мавзуи беҳдошту дармон, дар замоне ки дар саросари Аморати Бухоро ва худи пойтахти кишвар ҳеҷ гуна муассисаҳои тандурустӣ фаъолият надоштанд, кумаки бисёр муфиде буданд барои қишрҳои гуногуни ҷомеа.

Рӯзномаи “Бухорои шариф” дар амри посдорӣ ва рушди забони форсӣ – тоҷикӣ ва тадриси забон таваҷҷуҳи зиёде зоҳир менамояд. Рӯзнома зери унвони “Маҷмае дар хусуси забон” дар шумораҳои 3, 7, 8, 11, 13, 14, 26 ба баҳси доманадоре дар бораи ин мавзуъ мепардозад. “Тараққии ҳар қавм – менависад рӯзнома – марбут ба ин аст, ки ҳарф задан ва сухан гуфтани худашонро тобеи навиштан ва китобат намоянд, на ин ки навиштаҳои худро тобеи ҳарф задани авоммунос намоянд. Умедворем, ки ба қадри имкон рӯзномаи мо форсии сода ва ба забони ғолиб бошад. Аз оқоён хоҳиш дорем, дар хусуси забон ва шеваи нашароти мо ҳарчи салоҳ медонанд, изҳор бифармоянд. Бо итминон ва ташаккул қабул мекунем”. Ба ин тартиб, рӯзнома дари гуфтугӯро дар бораи забон оғоз мекунад ва дар ин росто се номаи ирсолшударо дар шумораҳои 7,8 ва 9-ум айнан, бидуни ислоҳ ва тағйир чоп мекунад. Мирзо Ҷалол Юсуфзода дар мақолаи муфассале дар шумораҳои 11,12,13,14 ва 15-уми рӯзнома баҳсро идома медиҳад.

“Бухорои шариф” аз шумораи 53 ба баъд ба нашри дастури забони форсӣ бо номи “Қавоиди форсия” оғоз менамояд. Сардабири рӯзнома дар оғози он менависад, ки “дар

вақте мо дар хаёл доштем, ки қоидаҳои забони форсиро хӯрда-хӯрда (кам- кам) дар рӯзномаи “Бухорои шариф” интишор бидиҳем, то хонандагону нависандагонро иттилоъ ҳосил ояд” [2, с.6]. Ҳамин тавр, рӯзнома дар 20 шумора ба ташреҳи дастури забони форсӣ ба тарзи мухтасар, бо истифода аз манбаъҳои муътабар ва ба шеваи омӯзишӣ ҳамроҳ ба таъриф ва овардани мисолҳо мепардозад.

Дар баҳси забонӣ бо Мирзо Ҷалол Юсуфзода ашхосе, чун Бақохоҷа ибни Ҳодихоҷаи Самарқандӣ, соҳибони имзои мустаори Мим Син, Мим.То, Син. Ъайн, Мунир иштирок намудаанд.

Масъалаи фавқузикрро муҳаққиқи тоҷик Абдухолиқи Набавӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода ва ба чунин хулоса меояд: “Метавон гуфт, ки ба таври куллӣ худ забони навиштаҳои рӯзнома ифодагару намунаи забони сода, равон ва шевову ҳамафаҳм, бормояи шеваи тоҷикӣ, барои ҳамаи форсизабонон дастрас ва онро метавон як намунаи забони умумифорсӣ ба шумор овард, ки имрӯз барои равобити ҳамаи ҳамқавмони мо бисёр зарур мебошад. Дар ин маврид низ таҷрибаи “Бухорои шариф” коршоям ва ибратбахш мебошад. Ҳамин тавр масъалаи амалӣ ва назарии забон дар рӯзномаи “Бухорои шариф” мақоми бузурге дошта, сазовор бар он аст, ки ба таври алоҳида ва муфассал мавриди баррассӣ ва пажӯҳиш қарор бигирад. Забоншиносони мо метавонанд аз мақолоти бахшида ба забон ва баҳсу муколамаҳое, ки дар саҳифаҳои “Бухорои шариф” ба табъ расидаанд, хеле маводи аҷибу нодир ва таърихиеро дар бораи роҳҳо ва марҳалаҳои таҳаввули забони адабии тоҷикӣ ва иртиботи он бо дигар аз шохаҳои забони форсӣ ба даст оварда, ба натиҷаҳои ҷолибе бирасанд” [7, с.99].

Дар мақолаи “Тартиб лозим аст”, Мирзо Ҷалол Юсуфзода дар се шумораи “Бухорои шариф” дардҳои худ ва дардҳои ҷомеаи Аморати Бухороро баён мекунад: “Мо гуфтем, бояд дарди худро бифаҳмем, чунончи дигарон фаҳмиданд. Баъд аз он дар хаёли муолиҷа ва мудаво бошем, ҳамон тавре, ки дигарон буданд. Иҷмолан арз кардем, ки дигарон ба ҳар чӣ ҳоҷат доштанд, як-як мулоҳиза намуда, ақиби чора ва дармонаш рафтанд. Роҳи ҳар як эҳтиёҷоти худро чунончи боистӣ, соф ва ҳамвор намуданд ба мо низ лозим аст, ки тартиби ҳоҷатҳои худро бифаҳмем, ба қоидаи ило қадам фаило қадам ҳар кадом аввалин аст, ҷилав андохта ислоҳ намоем, баъд аз он яке аз дигареро мулоҳиза намуда, асбоби илоҷро муҳайё созем”.

Нахустин ва муҳимтарин дарди ҷомеа, аз назари вай “талаб ва таҳсили илм аст”. Чун мо илм надорем, аз таърихи гузаштаи пурифтихори худ бехабарем. Аммо “таърихи олам нишон медиҳад, ки як вақте нуқтаи улум дар Осиё буда, балки вақте ки дар Осиё илм ва маданият буд, дар соири ақтори ҷаҳон хабаре аз инсоният набуд?

Вай нодонию ҷаҳолатро дар “касолат ва танбалӣ ва иштиғол ба ишрат ва беэътиноии қавме” мебинад, ки “иддаои табиати ақли аввалро мекунанд, аммо аз фаҳм ва идрок билмарра мааҳрум ва дур мондаанд”. Мирзо Ҷалол Юсуфзода таъкид менамояд, ки аммо танҳо ифтихор ба гузашта кофӣ нест, балки мо бояд дар тақлид ба гузаштагони пурифтихори худ таъриху фарҳанги хеш ва тамоми ҷаҳонро омӯзем. “Мо наметавонем ифтихор ба ин намоем, ки як вақте мутақаддимини мо олим ва доно буданд. Агар ба ин ҳарфҳо ифтихор намуда худфурӯшӣ кунем, ҷавобҳои зишту баде хоҳем шунид” [10, с.132].

Дар саҳифаҳои ин нашрия чандин номаи бетаҳрир ба қавли худи рӯзнома “айнан бидуни ислоҳ ва тағйир” оид ба номгузории забон, хусусиятҳои ҳамагонӣ ва маҳалии он, сифати забонии мақолаҳо чоп ва дар ин бора ақидаву назарҳои гуногун пешниҳод

мешавад. Вале натиҷагирии худи муҳаррирони рӯзнома хеле муҳим аст, ки аз ҷумла ваҳдати забонии моро дастгирӣ намуда менависанд”:...риштаи қавмият бо ҳам омехта шуда, яке бо исми дарӣ, дигаре бо исми форсӣ, дигаре бо номи тоҷикӣ ҷудо шудаанд... тарақии ҳар қавм бо ин мешавад, ки ҳарф задану сухан гуфтани худашонро тобеи навиштану китобат намоянд, на ин ки навиштаҳои худро тобеи ҳарф задани авоми нос намоянд”.

Сабку услуби рӯзномаи “Бухорои шариф” дар рӯзномаҳои баъдии матбуоти тоҷикии солҳои бистуми садаи бист то охири солҳои бистум ва аниқтараш то иваз кардани алифбои арабиасоси тоҷикӣ ба алифбои лотинӣ идома ёфт [8, с.3].

Чун сардабири рӯзномаи “Бухорои шариф” Мирзо Ҷалол Юсуфзода ба таълифи осори адабӣ таваҷҷуҳи зиёд дошт, аз шумораи аввали рӯзнома осори адабӣ дар саҳифаҳои он мавқеи муайянро пайдо намуд. Намунаҳои адабиёт дар рӯзнома дар навъу шаклҳои гуногун ба табъ расидаанд. Намунаҳои ашъорро аз ҳайси мавзуъ метавон ба ду бахш тақсим кард: 1) ашъоре, ки дар мавзуъҳои гуногун ва ба масъалаҳои зиндагии он замону маънавияти одамон бахшида шудаанд; 2. ашъори барномаӣ, ки дар бораи вазифаҳои адабиёт дар давраи нави ислоҳталабӣ баҳс мекунанд. Мавзуъҳои асосии осори адабии чопшуда дар рӯзнома иборатанд аз танқиди ғафлат ва даъват ба бедории миллат, лузуми таълиму тарбия ва таҳсили илм, бахусус улуми дунявӣ, васфи ватан, ифтихор аз гузаштаи пуршарафу шикоят аз қафомондагии имрӯз ва ғайра.

Хуллас, “Бухорои шариф” дар 153 шумораи табъ гардидааш ба ваъдааш вафо кард, яъне дар инъикоси воқеаву рӯйдодҳои Бухорову минтақа, кишварҳои мусулмонии ҷаҳон, зарурати ислоҳи мактабу мадраса, таъсису роҳандозӣ намудани макотиби усули нав, беҳдошту тандурустӣ, зироаткорӣ,ривоҷу равнақи робитаҳои тиҷоратии тоҷирони бухороӣ ва рус ва дигар масоили доғи рӯз чун оинае дар дасти аҳли мутолиа ва дастуре барои аҳли идораву коргузорон, ҳамаи онҳое, ки озодию ободии мулкро мехостанд, хидмат кард”.

“Бухорои шариф” тавонист дар бедорию худогоҳии мардум, тарғиби илму дониш, ҳисси маорифпарварии маърифатхоҳон ва муҳимтар аз ин, фаҳмиши фарҳанги рӯзноманигориву ташаккули матбуоти тоҷик нақш ва замина гузорад. Дар зери таъсири матолиби “Бухорои шариф” чандин маърифатхоҳон аз пайи кушодани мактаб шуда, ба таълиму тарбия пардохтанд, нашрияҳои даврӣ ба вуҷуд омаданд, фарҳанги рӯзноманигорӣ ташаккул ёфт”.

Рӯзномаи “Бухорои шариф” нашри афкор ва андешаҳои равшанфикрон ва навгароёну ислоҳотхоҳони бухороӣ буд ва ҳадафи он огоҳ сохтани мардуми Осиёи Миёна аз авзоъ ва аҳволи минтақа ва ҷаҳон, бедор ва босавод сохтани ҷавонони Бухоро, саъй дар роҳи тарвиҷи улуми динӣ ва дунявӣ, густариши маориф, беҳбуди умури беҳдоштӣ, кишоварзӣ ва обёрӣ, ташвиқ ва тарғиби мардум ба кори тиҷорати миллӣ, таваҷҷуҳ ба тавсияи муносибатҳои бозаргонӣ ва фарҳангӣ бо кишварҳои дигар, истифода аз пешрафтҳои техникӣ, ҳимоят аз саноати маҳаллӣ, мубориза бар зидди ҷаҳл ва хурофотпарастӣ, таваҷҷуҳ ба рушд ва парвариши забони форсӣ-тоҷикӣ, даъвати мусулмонон ба ваҳдат ва ғайра буд.

**Муқарриз: Расулиён Қ. – д.и.т., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Таҳияи К.С. Айнӣ. Куллиёт. -Ҷ.14.-Душанбе, 2005.

2. Бухорои шариф. -Бухоро, 1912.
3. Гулмуродзода П. Мулоҳизае чанд перомуни шумораи якум // Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик. -Душанбе, 2012.
4. Ковиёнӣ А. Пажӯҳиш бар замона ва корномаи “Бухорои шариф” //Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик.-Душанбе,2012.
5. Маҳмудхоҷа Б. Усули ҷадида чӣ гуна аст?// Бухорои шариф. -1912, 28 ноябр.
6. Муродӣ М. Баъзе омилҳои пайдоиш ва хусусияти “Бухорои шариф” //Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик. -Душанбе, 2012.
7. Набавӣ А. “Бухорои шариф” сароғози матбуоти миллӣ. -Душанбе, 2012.
8. Назарзода С. Аз “Бухорои шариф” то “Ҷумҳурият”// Ҷумҳурият. -2012, 10 март.
9. Қ.Расулиён. Аз “Бухорои шариф” то “Иди тоҷик”. – Душанбе, 2003.
10. Салимзода О., Гулмуродзода П. Истиқлоли миллӣ ва рӯзномаи нахустини тоҷикӣ// Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик. -Душанбе, 2012.
11. Шарифзода Қ. Чаҳор мақола аз таъриху осори рӯзномаи тоҷикии “Бухорои шариф”. -Душанбе, 2020.
12. Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик. -Душанбе, 2003.

## НАҚШИ РӮЗНОМАИ “БУХОРОИ ШАРИФ” ДАР БЕДОРИИ ШУУРИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

Мақола ба нақши рӯзномаи “Бухорои шариф” дар рушди тафаккуру худшиносии халқи тоҷик ихтисос дода шудааст. Гуфта мешавад, ки рӯзномаи “Бухорои шариф” дар шумораи аввалини худ аз 11 марти соли 1912, муроҷиатан ба хонандагон, таъиноти рӯзномаро “илмӣ, адабӣ, иҷтимоӣ, фаннӣ, иқтисодӣ” ва даврияти онро ҳаррӯза, ба истиснои айёми иду ҷумъаҳо” эълон доштааст. Ҳамзамон, мундариҷоти умумиашро “телеграфоти агентии Петербург, мақомоти илмия, ҳикоёти таърих, мустахбироти Истанбул, Мадинаи мунаввара, Миср, Теҳрон, Табрез, Рашт, Тошканд, Марғелон, Андиҷон, Хуҷанд, Самарқанд, тарҷумаи аҳволи ашхоси машҳуртарин” гуфтааст. Хуллас, “Бухорои шариф” дар 153 шумораи табъ гардидааш ба ваъдааш вафо кард, яъне дар инъикоси воқеаву рӯйдодҳои Бухорову минтақа, кишварҳои мусулмонии ҷаҳон, заруратиислоҳи мактабу мадраса, таъсису роҳандозӣ намудани макотиби усули нав, беҳдошту тандурустӣ, зироаткорӣ,ривоҷу равнақи робитаҳои тиҷоратии тоҷирони бухороӣ ва рус ва дигар масоили доғи рӯз чун оинае дар дасти аҳли мутолиа ва дастуре барои аҳли идораву коргузорон, ҳамаи онҳое, ки озодию ободии мулкро мехостанд, хидмат кард”. Рӯзномаи “Бухорои шариф” нашри афкор ва андешаҳои равшанфикрон ва навгароёну ислоҳотхоҳони бухороӣ буд ва ҳадафи он огоҳ сохтани мардуми Осиёи Миёна аз авзоъ ва аҳволи минтақа ва ҷаҳон, бедор ва босавод сохтани ҷавонони Бухоро, саъй дар роҳи тарвиҷи улуми динӣ ва дунявӣ, густариши маориф, беҳбуди умури беҳдоштӣ, кишоварзӣ ва обёрӣ, ташвиқ ва тарғиби мардум ба кори тиҷорати миллӣ, таваҷҷуҳ ба тавсияи муносибатҳои бозаргонӣ ва фарҳангӣ бо кишварҳои дигар, истифода аз пешрафтҳои техникӣ, ҳимоят аз саноати маҳаллӣ, мубориза бар зидди ҷаҳл ва хурофотпарастӣ, таваҷҷуҳ ба рушд ва парвариши забони форсӣ-тоҷикӣ, даъвати мусулмонон ба ваҳдат ва ғайра буд.

**Калидвожаҳо:** “Бухорои шариф”, рӯзнома, мақола, Бухоро, ислоҳот, мактаб, маориф, тараққӣ, забон, адабиёт.

## РОЛЬ ГАЗЕТЫ "ВЕЛИКАЯ БУХАРА" В ПРОБУЖДЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОГО СОЗНАНИЯ ТАДЖИКОВ

Статья посвящена роли газеты «Великая Бухара» в развитии мышления и самопознания таджикского народа. Рассказывают, что в своем первом номере от 11 марта 1912 года газета «Великая Бухара» объявила читателям, что назначение газеты «научное, литературное, общественное, техническое, экономическое» и что она выходит ежедневно, кроме пятницы. При этом общее его содержание охарактеризовывалось как «телеграф Санкт-Петербургского агентства, научные авторитеты, исторические рассказы, разведка Стамбула, Святая Медина, Египет, Тегеран, Табрез, Рашт, Ташкент, Маргелон, Андижан, Худжанд, Самарканд», перевод состояния самых известных людей». Одним словом, «Великая Бухара» выполнила свое обещание и в своих 153 изданных номерах отражала события Бухары и региона, мусульманских стран мира, необходимость реформирования школ и медресе, создания и деятельности школ нового уклада, санитарии и здравоохранения, земледелия, развития торговых отношений между купцами. Бухарско-русские отношения и другие горячие вопросы дня служили зеркалом в руках читателей и путеводителем для чиновников и рабочих, всех те, кто хотел свободы и процветания края. Газета « Великая Бухара» публиковала мнения и идеи просвещенных мыслителей, новаторов и реформаторов Бухары, и ее целью было информировать народы Средней Азии о состоянии и событиях края и мира, сделать молодежь Бухары процветающим и грамотным, стремиться к развитию религиозной и светской науки, к расширению просвещения, улучшению санитарного, сельскохозяйственного и ирригационного дела, поощрению и продвижению людей к

развитию национальной торговли, привлечения внимания масс к развитию рыночных и культурных отношений с другими странами, использованию технических достижений, защиты местной промышленности, борьбе с невежеством и суевериями, вниманию к развитию и культивированию персидско-таджикского языка, призывая мусульман к единству и др.

**Ключевые слова:** «Великая Бухара», газета, статья, Бухара, реформы, школа, образование, развитие, язык, литература.

## THE ROLE OF THE NEWSPAPER "GREAT BUKHARA" IN AWAKETING THE NATIONAL CONSCIOUSNESS OF THE TAJIKS

The article is devoted to the role of the newspaper "Great Bukhara" in the development of thinking and self-knowledge of the Tajik people. It is said that in its first issue of March 11, 1912, the newspaper Velikaya Bukhara announced to readers that the purpose of the newspaper was “scientific, literary, social, technical, economic” and that it was published every day except Friday. At the same time, its general content was characterized as “telegraph of the St. ". In a word, "Great Bukhara" fulfilled its promise and in its 153 published issues reflected the events of Bukhara and the region, the Muslim countries of the world, the need to reform schools and madrasas, the creation and operation of schools of a new way, sanitation and health, agriculture, the development of trade relations between merchants . Bukhara-Russian relations and other hot issues of the day served as a mirror in the hands of readers and a guide for officials and workers, all those who wanted freedom and prosperity for the region. The newspaper "Velikaya Bukhara" published the opinions and ideas of enlightened thinkers, innovators and reformers of Bukhara, and its goal was to inform the peoples of Central Asia about the state and events of the region and the world, to make the youth of Bukhara prosperous and literate, to strive for the development of religious and secular science, to expand education, improvement of sanitary, agricultural and irrigation affairs, encouragement and promotion of people to develop national trade, draw the attention of the masses to the development of market and cultural relations with other countries, the use of technological achievements, the protection of local industry, the fight against ignorance and superstition, attention to development and cultivation of the Persian-Tajik language, calling Muslims to unity, etc.

**Key words:** "Great Bukhara", newspaper, article, Bukhara, reforms, school, education, development, language, literature..

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ализода Алиҷон Анвар*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯи кафедраи идораи давлатӣ ва таърихи умумӣ. Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Данғара, кӯчаи Рахшонзамин, 23. Email: **Alizoda001@mail.ru**. Телефон: **(+992) 904-77-77-48.**

**Сведение об авторе**: ***Ализода Алиджон Анвар*** **-** Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры государственного управления и всеобщей истории. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан,г. Дангара, ул. Рахшонзамина, 23. E-mail: **Alizoda001@mail.ru**. Телефон**: (+992) 904-77-77-48.**

**Information about the author:*Alizoda Alijon Anvar*** - Dangara State University, Candidate of the Department of Public Administration and General History. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Rakhshonzamin str., 23. Email: **Alizoda001@mail.ru**. Pone: **(+992) 904-77-77-48.**

УДК:1/14(575)

# МЕЪЁР ВА СИФАТҲОИ АХЛОҚӢ АЗ НАЗАРИ ҚУТБИДДИНИ ШЕРОЗӢ

*Амирхон Ш.Т.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қутбиддини Шерозӣ дар таълимоти худ «ахлоқ»-ро, на танҳо илми назариявӣ ва муайянкунандаи мақсаду моҳияти ҳастии инсон, инчунин, илми танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ низ, муаррифӣ менамояд. Дар ин замина таъкид месозад, ки «бо мардум рифқ (муҳаббат) ва тааниӣ (мулоим будан) варзидан хулқи аҳсан аст» [8, с.44]. Яъне, инсонро зарур аст, ки дар муносибатҳои иҷтимоӣ бо мардум меҳрубон ва бомуомила муносибат намояд. Ин мулоимат ва муомилаи ҳасанаро ахлоқ муайян месозад. Ба маънии дигар, «ахлоқ дар моҳияти худ шинохти асосҳои ҳастии ягонаро металабад. Дарки чунин асосҳо ба шахс роҳи дурусти ҳалли масоили ахлоқ ва рафтору гуфтори ба ҷамъият мувофиқро нишон медиҳад» [10, с.22].

Илми ахлоқ барои дарки муносибатҳои иҷтимоӣ, вазифаҳои ҷамъиятии ҳар шахс, фаҳмиш ва дарки қоидаҳои ахлоқиву ҳуқуқие, ки ҳаёти ҷамъиятӣ ба онҳо такя, инчунин танзими кирдору рафтору гуфтори одамон ба мақсади расидан ба ҳадафи волою олии ахлоқӣ хидмат менамояд. Ин илм ба ҳайси илми роҳбарикунанда буда, ҷой ва тамоюли фаъолияти инсонро дар ҷамъият ва олам муайян месозад. Аз ин дидгоҳ ахлоқ падидаест, ки шахсро ба ҳаракатдиҳанда ва созандаи таърих табдил медиҳад. Ба андешаи Имануэл Кант, «ахлоқ илмест, ки доир ба қоидаҳои амалкарди инсон дар ҷомеа баҳс мееояд» [7, с.6]. Андешаи мазкурро Қутбиддини Шерозӣ ҳангоми таснифоти илмҳо [4, с.98] матраҳ намуда, зикр менамояд, ки «ва аммо ҳикмати амалӣ, ки асоси онро ахлоқ ташкил медиҳад, донистани масолеҳи ҳаракоти иродӣ ва афъоли саноии навъи инсонӣ бувад бар ваҷҳе, ки муаддӣ бувад ба низоми аҳволи маош ва маоди эшон ва муқтазии расидан ба камоле, ки мутаваҷҷеҳанд сӯйи он, ҳам мунқасим мешавад ба ду қисм: яке он ки роҷеъ бувад ба ҳар нафсе биинфирод; ва дигар он чи роҷеъ бувад ба ҷамоате ба мушорикат» [9, с.160].

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки ахлоқ дар ҷараёни фаъолияти иҷтимоии мардум ба вуҷуд омада, ба ҳар як фард қоидаҳои амалии фаъолият ва муносибатро меомӯзонад, ки он дар раванди дурударози таҷрибаи ҷамъиятӣ ба даст омадааст. Ба ин маънӣ, ахлоқро маҳсули эҷоди шахси алоҳида донистан номумкин аст. Профессор М. Музаффарӣ бамаврид қайд менамояд, ки «бо ҷустуҷӯи илмӣ ва хондани асарҳои ахлоқӣ масоили ахлоқ ҳаллу фасли худро нахоҳанд ёфт. Ҳолати ахлоқӣ, назар ба ҳуш, бештар ба ҳиссиёт ва эҳсосот вобастагӣ дорад. Зоҳиршавӣ ва натиҷаи равиши ахлоқиро бо аломатҳои математикӣ ҳисоб намудан ғайриимкон аст. Дар ин бора Арасту ҳам гуфтааст, ки ҳақиқат дар ахлоқ танҳо дар шакли умумӣ ва тахминӣ муайян мешавад. Қатъияти мантиқӣ ва мафҳумҳои илмӣ барои кушоиши моҳияти ахлоқ басанда набуданд, чунки ахлоқ ҳамеша асоси худро дар дин ва санъат, вале на дар илм ҷустуҷӯ менамуд. Даст кашидан аз мафҳумҳои мазмунан номуайян ва норавшан дар илм, ки барои одамон ҳамеша фаҳмо (ҳақиқат, виҷдон, маърифат, муҳаббат ва ғайра) буданд, кори осон нест. Тартиб додани барномаҳои математикии ахлоқӣ баҳри он ки одамон дар ин ва ё он муҳит бояд чунин рафтор кунанд, аз имкон берун аст» [10, с.15].

Аз ин дидгоҳ, метавон гуфт, ки ахлоқ решаҳои иҷтимоӣ дошта, кирдори касоне мебошад, ки дар раванди мавҷудияти ҷомеаи инсонӣ шебу фарозҳо ва имтиҳонҳои зиндагиро гузашта, ба қонуни умумӣ ва муқаррарот табдил ёфтаанд. Ба ин маънӣ, ахлоқ зодаи ҷамъияти инсонӣ буда, маънои хиради зиндагиро дар худ меғунҷонад. Яъне, ахлоқ таълимотест дар бораи касб намудани сифатҳои иродиву руҳонии инсон, ки сараввал дар

ҳаёти иҷтимоӣ ва баъдан, дар ҳаёти шахсии ҳар фард зарур ва ногузир мебошад. Ба ҳамин тариқ, ахлоқ офаридаи мардум буда, василае барои таҳкими манфиатҳо ва амалкарди инсонҳо мебошад. Вай минбаъд ба неруе табдил меёбад, ки гӯё бидуни дахолати одамон ба даст омада, шакли ахлоқи тамоми ҷомеаро, ки пуштибон ва муҳофизи он аст, ба худ мегирад. Метавон гуфт, ки ахлоқро бо тариқи мантиқӣ ифода намуда, бо хирад асоснок сохтан ғайриимкон аст, балки он қонунияти шаклгирифтаест, ки сарчашмаи пайдоиши он аз илму мантиқ пештар мебошад. Ба андешаи Л. Витгенштейн, «агар ахлоқ ягон чизе бошад, вай фавқуттабиӣ буда, ифодашаванда нест» [6, с.70].

Қутбиддини Шерозӣ дар мавриди амалияи ахлоқӣ, пайравӣ аз Арасту (ахлоқ ҳамеша асоси худро дар дин ва санъат, вале на дар илм ҷустуҷӯ менамуд) карда, кӯшиш менамояд, ки муқаррароти ахлоқиро, нахуст дар доираи истилоҳоти динӣ баён карда, пасон ба шарҳи ақлонии онҳо пардозад. Ӯ риояи қавонини ахлоқиро бо истилоҳи «мукаллаф» (масъулият ва уҳдадориҳо) ифода намуда, зикр месозад: «Бидон, ки афъоли мукаллаф ба ҳасби ҳукми шариат, ки ифодаи хостаҳои иҷтимоъ ҳастанд, панҷ қисм аст: воҷиб, ҳаром, мандуб (мустаҳаб), макруҳ ва мубоҳ» [8, с.21]. Мутафаккир бар он назар аст, ки қавонин ва муқаррароти ахлоқӣ, пеш аз ҳама, дар таҷрибаи ҳаётӣ, асотир ва нақлу ривоятҳо шакл гирифта, ба дин интиқол ёфтаанд ва дар назари омма моликияти дин дониста мешаванд. Аз ин хотир, амалӣ гардонидани онҳо дар миёни мардуми омма ба василаи истилоҳоти динӣ осонтар мебошад.

Қутбиддини Шерозӣ аҳкоми диниро, ҷиҳати танзими муқаррароти ахлоқии умумиинсонӣ (ифрот, тафрит, адолат, саховат, шуҷоат, қаноат, покӣ, вафодорӣ, ҳамдардӣ, инсондӯстӣ, вафодорӣ, макр, аблаҳӣ, ҳамоқат, ҷунун, ғазаб, карам, шаҳомат, бузургнафсӣ, ҳилму виқор, ҳирс, шираву шабақ (сахт майл кардан ба ҷимоъ), шаҳват, ифат, ҳаё, сабру самоҳат (ҷавонмардӣ), вараъ (парҳезгорӣ), тозарӯиву назокат ва ғ.) муҳим мешуморад. Тибқи андешаи мутафаккир, "оқил, бояд, афъол ва ахлоқи худро бар вақфи нафси худ ва маслиҳати иҷтимоъ мувофиқ намояд. Ва ин ба он бошад, ки ҳар феъл, ки мустаҳсан бошад, дар мубоширати он феъл мусораат намояд" [8, с. 19]. Ҷиҳати "мустаҳсан" намудани афъоли инсон ва мувофиқ ба "иҷтимоъ" гардонидани он Қутбиддини Шерозӣ дар бисуту се банд, ки онҳоро бо вожаи "хулқ" ифода менамояд, муқаррарот ва қавонини ахлоқиро баён менамояд. Мутафаккир, фасли сеюми боби ахлоқии асари худро "дар ахлоқи маҳмуда ва мазмума" ихтисос дода, таъкид менамояд, ки "ҳар хулқе, ки сабаби саодат аст, онро иктисоб бояд кард ва ҳар хулқе, ки сабаби шақоват (бадбахтӣ) аст, аз он иҷтиноб бояд намуд" [8, с.60]. Ибни Сино, доир ба масъалаи мавриди назар чунин қайд намудааст: "Инсонро месазад, ки қувваи амалии хешро тавассути фазилатҳое пурра ва такмил диҳад, ки хосси ҳар яке аз ин қувваҳои ӯ буда, дар пояи покдоманӣ, далерӣ, ҳикмат ва додгарӣ асос ёфтаанд ва аз разиле, ки муқобили он фазилатҳо мебошанд, дурӣ ҷӯяд" [2, с.644]. Маълум мегардад, ки назариёти Қутбиддини Шерозӣ бо андешаҳои Ибни Сино ҳамоҳангӣ дошта, муқаррароти ахлоқии умумиинсониро ҷиҳати тарбияи маънавии инсон ва бо ин роҳ барои танзими муносиботи ҷамъиятӣ муҳим мешуморад.

Қутбиддини Шерозӣ хулқи аввалинро ба "меъёри тановули хӯрок" бахшида, чунин таъкид менамояд: "Кам хӯрдан маҳмуд аст ва бисёр хӯрдан мазмун, зеро бисёр хӯрад бухорот зиёд аз меъда ба димоғ биравад ва аз он балодат (мастӣ ва кундии хотир) хезад. Фикрат мушаваш шавад ва фаҳму идрок кам гардад, фатонату истибсор ба ҳақоиқи чизҳо халал ёбад, хоб, ки бародари марг аст, муставаллӣ гардад. Бидон, ки дар фазилати қиллати акл (кам хӯрдан) ахбор ва осори бисёре омадааст ва дар манъ аз бисёр хӯрдан муболиғат намуда. Муроди шореъ аз ин муболиғa он аст, ки чун назар ба майли табъ кунад, хоҳад ки бисёр хӯрад ва чун ба ҷониби ақл кунад, хоҳад, ки аз хӯрдан кам кунад, то миёни майли табъ ва манъи ақл фосилае падид ояд ва хӯрда ба эътидол бошад. На чунон ки гуруснагӣ кашад, ки матолам гардад ва заиф шавад ва на чунон сер шавад, ки меъда

гарон гардад. Он мақосид ки гуфта шуд зоҳир шавад, балки хӯрдан ба ҳадди эътидол бувад, на ба ҳадди ифроту тафрит” [8, с.28].

Мавриди зикр аст, ки “ҳадди эътидол” ва риояи одоб ҳангоми тановули хӯрок аз масоили ахлоқиест, ки аксари мутафаккирон онро дар таълимотҳои ахлоқиашон таъкид намуда, таъсири онро на танҳо ба ҷисм, балки ба ҳолати равониву ахлоқии инсон муҳим шуморидаанд. Аз ҷумла, Ибни Мискавайҳ чунин қайд кардааст: “Тарбияи кӯдакро, пеш аз ҳама, аз одоби хӯрокхӯрӣ бояд шуруъ намуд. Аввалан, бояд ба ӯ фаҳмонид, ки хӯрок, на барои лаззат ва ҳаловат вуҷуд дорад, балки барои таъмини сиҳатии тан аст. Хӯрокро барои он истеъмол мекунанд, ки бо ёрии он ҷисми мо солимӣ ёбад, барои ҳаёт зарурӣ бошад, мисли даво баданро аз гуруснагиву дард шифо бахшад ва солимии ҷисмониву руҳониро таъмин намояд” [1,с.160]. Муҳаммад Ғазолӣ бошад, бар он назар аст, ки “нахустин сифате, ки бар кӯдак ғолиб мешавад, ҳирс бар пурхӯрӣ аст, пас муносиб аст, ки дар ин бора таъдиб шавад” [11,с.86]. Ибни Сино дар ин маврид таъкид менамояд: “Он чи бояд ба даст оварда шавад, эътидол дар таом ва хастагӣ ва дигар ашёест, ки санъати тиб онҳоро муайян месозад. Агар, ҳолати эътидол восита бошад, сиҳатӣ ва тандурустӣ ба даст меояд ва агар сиҳатӣ набошад, бо пайдо карданаш нигоҳдорӣ карда мешавад. Ҳамчунин, ҳолати эътидоле, ки инсон ба воситаи он сиҳатӣ ба даст меорад ё онро нигоҳ медорад, тавассути ҳолатҳое аз бадан муайян карда мешавад, ки аз рӯйи замон мавриди муолиҷа қарор дода мешаванд... Бояд бидонем, ки феъли нафси инсонӣ, танҳо хосси идроки маъқулаш нест, балки бо иштироки бадан афъоли дигареро содир мекунад, ки ба сабаби онҳо саодати хешро ба даст меорад. Аз ин лиҳоз, пайдо намудани ҳадди эътидол дар тановули таом муҳим аст” [2, с.652-653].

Таҳлили муқоисавии андешаҳои баёнгардида нишон медиҳад, ки миёни мутафаккирони зикршуда ва Қутбиддини Шерозӣ ҳамоҳангие вуҷуд дорад, ки риояи “тановули таом” боиси сиҳатии тан, қаноатпешагӣ, пешгирии ҳирс, нафс, рағбати зиёд ба лаззатгароӣ, ҳайвонсириштӣ ва монанди инҳо мегардад. Пас, месазад, ки аз таълимоти мутафаккир дар ин маврид пуштибонӣ намуда, онро барои тарбияи насли муосир арзишманд донист.

Рукни дуюми муқаррароти ахлоқии пешниҳоднамудаи Қутбиддини Шерозӣ идораи “қувваи шаҳват” аст. Мутафаккир дар ин бора чунин таъкид менамояд: “Хулқи дувум, шаҳвату ҷимоъ бар ҳадди эътидол маҳмуд аст ва майл ба ҷониби ифрот мазмум. Қувват ва ғалабаи шаҳват ҷимоъ аст. Ва чун шаҳвати фарҷ ба ҳадди ифрот бувад, ишқу фасод ба мутобеати номаҳрам ва қилти ҳаё ҳосол гардад. Ва чун ба ҳадди тафрит бувад, сабаби инқитои насл гардад” [8, с.29]. Дар ин маврид низ ҳамоҳангӣ миёни андешаҳои Қутбиддини Шерозӣ ва мутафаккирони пешгузашта, аз ҷумла Ибни Мискавайҳ ва Ибни Сино эҳсос мегардад. Ибни Мискавайҳ бар он назар аст, ки “ба ҷимоъ қадре шуғл бандад, ки барои насл шудану бақои навъи башарӣ матлуб бошад” [1, с.48-49]. Ибни Сино дар ин хусус зикр намудааст: “Қуваи шаҳват хосси нафси ҳайвонӣ ва нафси нотиқаи инсон мебошад. Агар, қувваҳои ҳайвонӣ қавӣ гашта, дар онҳо малакаи истеъло ҳосил гардид, дар нафси нотиқа таъсирпазир мегардад” [2, с.654-655]. Пас, маълум мегардад, ки танзими шаҳват тавассути неруи ақлонӣ аз муқарраротест, ки дар раванди ташаккули шахсият ва низоми иҷтимоӣ муҳим мебошанд. Шаҳватпарастӣ амалест, ки инсонро аз покиву покдоманӣ ва муҳаббати ҳақиқӣ бозмедорад.

Муқаррароти сеюми ахлоқӣ идомаи мантиқии рукни пешин буда, ба эҳтироз кардан аз “зино” бахшида шудааст. Масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, мутафаккир чунин қайд мекунад: “Хулқи сеюм, чашм фурӯ бастан ва аз нигаристан ба номаҳрам парҳез кардан аст. Бидон, ки эътироз кардан аз муҷомаат ба зани номаҳрам мазмум ва аз тариқи ҳалол, ки никоҳ аст маҳмуд мебошад, бад он ки фазилати тарки ҷимоъ ҳаром кардан, азимтар аст аз тарки таоми ҳаром хӯрдан, зеро ки ин шаҳват бар одамӣ қавитар аз дигар шаҳватҳост ва дафъ кардани он вақти ҳаяҷон душвортар, лекин чун муқтазои ин шаҳват қабеҳ аст ва

ҳаё ва замми мардум монеъ мешавад аз сабр нокардан ба он ва тарк кардани он хубтар аст” [8, с.29]. Таъкиди мутафаккир бар “фурӯ бастани чашм ва аз номаҳрам парҳез намудан” ба маънии он аст, ки чун дар тинати инсон майл ба шаҳвату лаззатпарастӣ зиёд гардад, метавонад ба одат мубаддал гардида, мавқеи андешаи созандаро маҳдуд намояд. Босира, ки тавассути он қисмати аъзами ахборот ба шуур мерасад ва пасон раванди дарки ҳодисаю падидаҳо оғоз меёбад, дар қабули ахборот нақши муассир дорад. Аз ҳамин ҷиҳат, танзими нигоҳ дар тарбияи ахлоқии инсон муҳим дониста мешавад.

Муқаррароти чорум, тибқи таълимоти Қутбиддини Шерозӣ, тарзи мувофиқи муошират мебошад. “Хулқи чаҳорум, сухан гуфтан аст. Бояд, сухане, ки дар он фоидае набошад нагӯяд. Ҳар сухан, ки ӯро аз он суде набошад, он сухан ӯро зиёнкор бувад, зеро ки, агар чи он сухан дар нафси худ ӯро зиён накунад, аммо чизҳои бисёр бар ӯ фавт кунад. Бидон, ки ҳар касе бисёр гӯяд, аз ғалате ва кизбе ва фаҳше холӣ намонад. Сухане, ки дар он фоидае бошад, бояд ки ба қадри ҳоҷат гӯяд, на зиёдат. Чунки зиёдат аз қисми абас афтад, магар он ки зиёдат таъкиди масъуд бошад. Бояд, ки зиёдат муфиди мақсуде бошад ва ило абас (бефоида) бошад” [8, с.30-31]. Дар пайравӣ аз андешаи зикршуда Саъдии Шерозӣ зикр менамояд, ки:

“Ҳар кӣ таъаммул накунад дар ҷавоб,
Бештар ояд суханаш носавоб” [15,с.220].

Мусаллам аст, ки одоби сухан гуфтан, аз масоили ахлоқиест, ки дар ҳама давру замон ба муҳиммияти он таъкид шудааст ва имрӯз низ ба он ниёз вуҷуд дорад. Дар ҷаҳонбинии ориёӣ “гуфтори нек” рукни дуюми ахлоқӣ муайян гардида, мавқеи он дар амалигардонии “пиндори нек” арзишманд дониста мешавад. Дар замони муосир, ки даврони мубориазаҳои иттилоотию фарҳангӣ ва ақидавӣ авҷ дорад, риояи меъёрҳои муошират аз муҳиммотест, ки метавонад ҳам мавқеи фардӣ ва ҳам ҷамъиятии шахс ва дар симои он миллатро муайян намояд. Як сухани беҷо ва бидуни мантиқ шахсро ба беқадрӣ ва ҷомеаро ба фасод мувоҷеҳ мегардонад.

Масъалаи дигар он аст, ки сухан шакли ифодаи фикр ва моддикунонандаи тафаккур буда, дар раванди шинохти моҳияти ашё ва ҳодисоти олам мавқеи намоён дорад. Истифодаи дуруст аз услуби баён, истилоҳот ва категорияҳои илмӣ метавонад дар ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинии илмӣ саҳми мувофиқ дошта бошад.

Муқаррароти дигари ахлоқии пешниҳоднамудаи Қутбиддини Шерозӣ “тарки хушунат ва ҷангу ҷидол” мебошад. Тибқи нишондоди ӯ: “хулқи панҷум, тарки мароъ (ситеза), ҷидол ва ҳисом (хушунат, ҷангу ҷидол) аст. Мароъ, яъне ҷанг кардан, он бувад, ки бар сухани касе эътироз кунад ё халал ё хатое дар сухани вай пайдо гардонад, то ӯ хор шавад ва худ бузургвор гардад. Ҷадол, он бувад, ки эътироз аз баҳри изҳори мазҳаб ва тақрири он бувад. Ва ҳизом он аст, ки дар сухан гуфтан лаҷҷоҷ намояд, хоҳ ибтидо бувад, хоҳ эътироз ва хоҳ дар исботи молӣ ё ҳаққе ба касе ва аз ин, он чи ғараз аз вай ҳақ бувад бар ваҷҳе, ки изои касе набувад мубоҳ бошад ва агар изои касе дар он бувад ҳаром бошад” [8,с.32].

Албатта, нишондоди мутафаккир дар мавриди тарк кардани одатҳои зикршуда дорои арзиши баланди амалӣ мебошад, зеро тинати инсонӣ, ки олудагӣ ба қувваҳои дигари нафсонӣ, аз ҷумла ғазаб дорад, метавонад аксуламалҳоеро ба вуҷуд биорад, ки низоми мувофиқи муносибатҳои иҷтимоиро халалдор созад. Мусаллам аст, ки инсон дар ҳама давраҳои ҳаёти худ ба эҳтиром, ҳамдигарфаҳмӣ, арзишгузорӣ ба андешаҳо ва поси хотир дорад, аз ин лиҳоз, ситеза, хушунат ва ҷангу ҷидолҳои беасосро нисбати худ таҳаммул карда наметавонад. Месазад, ки дар раванди тарбияи насли муосир аз усули эҳтиром гузоштан ба мусоҳиб, қобилияти гӯш карда тавонистан, тарки истеҳзо ва инсондӯстӣ бидуни мансубияти қавмию нажодӣ ва динию мазҳабӣ кор гирифта шавад.

Дар хулқи навбатӣ, Қутбиддини Шерозӣ “тарки сохтакорӣ”-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Мутафаккир таъкид менамояд, ки “тасаннуъ (сохтакорӣ) ва тафосеҳ

(тазоҳур ба фасеҳ ё хушзабонӣ)-ро тарк бояд кард” [8, с.32]. Андешаи мутафаккир бар он равона шудааст, ки инсон, дар ҳар амалу рафтор, бояд аз сидқ кор бигирад, ки он, на танҳо ба манфиати худ, балки ба нафъи ҷомеа равона шуда бошад. Дуруст аст, ки бунёди табиати инсон ба ниёишу васф ва навозишу хушгуфторӣ нигаронида шудааст ва нақдро зиёд намепазирад, вале васф набояд сохтакорона, аз ҳад зиёд ва бебунёд бошад, зеро он метавонад мавсуфро ба мағрурӣ расонида, аз масъулияти худ фориғ гардонад. Илова бар ин, ба андешаи Ибни Мискавайҳ, “шахсони сохтакор ба мисли касоне ҳастанд, ки дирҳаму динори қалбакӣ месозанд, ки он ба зудӣ маълум мешавад” [1, с.152].

Хулқи ҳафтум дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ “тарки фаҳшу дашном додан ва лаънат кардан, ки ин ҳама мазмум аст” муайян гардидааст. Тибқи таълимоти мутафаккир, “фаҳш гуфтан он бошад, ки чизҳои қабеҳро ба ибороти сареҳ бигӯяд. Ҳеҷ касро лаънат нашояд кардан” [8, с.32]. Моҳияти ин муқаррароти ахлоқӣ низ аз сифатҳои гуманизм буда, дорои арзиши баланди амалӣ мебошад. Тарки фаҳшгӯйӣ ва лаънату тавҳин амалест, ки муҳаббату меҳрубониро ташаккул дода, мувозинати иҷтимоиро таъмин месозад.

Хулқи ҳаштум, дар таълимоти ахлоқии мутафаккир, “тарки мазоҳу масхарагӯӣ ва изтеҳзо кардан” аст. Қутбиддини Шерозӣ дар мавриди ин сифати ахлоқӣ кулли меъёрҳои ахлоқи фардиву ҷамъиятиро ба инобат гирифта, таъкид менамояд: “Агар касе гӯяд, ки изтеҳзо ранҷонидан аст, ки изҳори нуқси ғайр аст, аз он ҷиҳат нашояд, аммо мазоҳ кардан мутоиба ва мулотифа аст, чаро мумкин нест? Мурод аз тарки муболиға дар мазоҳ кардан аст, на асли мазоҳ, зеро ки мазоҳи бисёр шарафу эътиборро коҳиш диҳад ва муҳаббат кам кунад ва дур набошад, ки бар ранҷиш анҷомад. Чун мазоҳ кунад, бояд боэътидол бошад ва ҷуз ҳақ нагӯяд, чун хулқи касе чун хулқи ӯ бошад, бояд ки мазоҳ кунад бо эътидол ва ҷуз ҳақ нагӯяд, аммо бо касе, ки хулқи ӯ набошад, тарки мазоҳ авло бошад” [8,с.33].

Қавонини дигари ахлоқӣ аз назари Қутбиддини Шерозӣ, “фош накардани сирр ва дар ваъда вафо кардан” мебошад. Тавре ки мутафаккир зикр менамояд, “сирри бародарро ошкор накунад ва чун ваъда диҳад вафо кунад. Сир ошкор кардан, агар зиёни кор аст, ҳаром аст ва агар зиёни кор нест лавм (маломат) аст. Ва бидон, ки фош кардани сир ва ашоати он хислатест, ки ҳар касро, ки бозшинохтанд, ҳеҷ кас бар ӯ эътимод накунад ва аз муҷолисати ӯ муҳтариз бошад ва он қиллати мурувват ва заъфи нафсу адами ҳизам бошад”. [8;с.33] Албатта, фош кардани асрор ва хилоф кардан дар аҳд, амалҳое ҳастанд, ки ҳисси нобовариро афзун ва сидқу муҳаббатро коста мегардонанд. Инсон, ки ҳамеша майл ба дарёфти қадру манзалат ва дарёфти саодати фардиву иҷтимоӣ дорад, набояд барои камолоти худ монеа эҷод намояд.

Рукни дигари ахлоқӣ дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ “ҳикмати ростӣ” ва “парҳез аз дурӯғгӯйӣ” мебошад. Дар ин масъала, мутафаккир аз пешгузаштагони худ пайравӣ намуда, зикр менамояд: “Хулқи даҳум, рост гуфтан аст. Бидон, ки дар манъ аз дурӯғ гуфтан ва савганд бар дурӯғ хӯрдан ахбор ва осори зиёд омадааст. Ҳама уқалоро маълум аст, ки олам бинобар рост гуфтан аст ва қубҳи дурӯғ гуфтан аз офтоб рӯшантар аст. Чунонки инсон ашрафи ҳайвонот аст ва шарафи ӯ бар эшон ба ду чиз аст: ба ақл ва қавл. То ба он Худоро бишиносад ва ҳамчунин, хайру шарр ва нафъу зар ва мутасалат шавад бар он бар ғайри ӯ аз махлуқот ва тасхири эшон кунад ва мунтафеъ шавад ба эшон. Аммо, қавл то таърифи ғайри ӯ кунад аз абнои навъи ӯ, он чи дар хотири ӯст ва фаҳм кунад ба он, он чи дар замоири эшон аст, то мумкин гардад эшонро тасоуд ва таовун ва мумкинот шавад эшонро ҳазар ва эътирози баъзе аз баъзе ва тиҷороту муомилот ва ахазу аъто ва ҳар амре, ки ба иҷтимоъ ва тамаддун тааллуқ дорад аз хайру шарр мубтанеъ аст бар қавл. Пас, содиқи риояти ҳақ ин муҳаббате мекунад ва истеъмоли он чунон мекунад, ки... чун инсонро ба дурӯғгӯйӣ шинохтанд, ба қавли ӯ раҷҳони аҳадул тарафайн пеши сомеъ ҳосил

нашавад ва бар тақдири он ки содиқ бошад, дар баъзе аҳволи ӯ, он чи аз сидқ гӯяд, ҳамчунон бошад, ки аз кизб гӯяд аз он рӯй, ки қавли ӯст, чун мо натавонем, ки фарқ миёни эшон кунем илло бо амре, ки хориҷ бошад аз қавли ӯ дар баъзе қазоё, пас тазйии ин атия карда бошад ва ибтоли хосияти инсонист. Чун муҳтоҷ шавад бад он, ки ба хилофи ростӣ сухан гӯяд, ба таъриз гӯяд" [8,с.34-35].

Тавре ёдрас шудем, доир ба ҳикмати "ростӣ" андешаҳои бунёдӣ зиёд баён гардидаанд, ки ҳамагӣ ба хотири камолоти маънавии инсон, таъмини муносибатҳои хайрхоҳона ва суботи иҷтимоӣ равона шудаанд. Дар китоби Авасто омадааст: "Эй Маздо, он роҳе, ки аз сӯйи ту оварандаи онам, роҳи ростист, роҳест, ки суди одамӣ дар он аст. Аммо, он роҳи дигар, роҳи дурӯғ аст, роҳе, ки ҷуз зиёну табоҳӣ баҳраи дигаре намедиҳад" [3,с.174].

Ибни Мискавайҳ бошад, ростгӯйӣ ва росткориро самараи зиндагии хуб дониста, зикр менамояд: "Ростӣ зинати мустаҳсани ахлоқи инсонист. Ҳар куҷое ростӣ ҳаст, фазилат ва тақво низ вуҷуд дорад" [1,с.283]. Дар ин мавриd Ибни Сино бар он назар аст, ки "сидқ ин аст, ки он чи ба забон, олати ифода намудан, баён мегардад, бо он чи дар замир аст ва инсон тавассути забон дар бораи он хабар медиҳад, мувофиқат намояд, то он чи дар замираш амри воҷиб мегардад, дар забонаш инкор нагардад ва он чи дар замираш воҷиб мегардад, ба забонаш рад нагардад. Дар акси ҳол умур аз ҳақиқати худ дур гардад ва аҳкоме ботил гардад, ки пайванди онҳо ба сидқ воҷибу зарурист" [2, с.649].

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки ба андешаи мутафаккирон "ростӣ" ҳамчун муқаррарот ва қонуни муҳимтарини ахлоқиест, ки низоми мувофиқи муносибатҳои иҷтимоиро ба дӯш дорад. Ҳамин аст, ки яке аз вазифаҳои муҳимтарини ахлоқ, таъмини "муоширати мусбати ба тарафайн судманд" [5, с.28] муайян гардидааст, ки асоси талаботи онро "ростӣ" ташкил намуда, аз "дурӯғ" парҳез кардан мебошад.

Муқаррароти дигари ахлоқӣ дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ "парҳез кардан аз ғайбат" мебошад. Мутафаккир дар ин росто таъкид менамояд: "Аз ғайбат ба забону дил эҳтироз кунед" [8,с.35]. Пасон, ба таҳлили мафҳуми "ғайбат" ва нуқсу қубҳи он пардохта, чунин зикр месозад: "Бидон, ки ғайбат ду навъ аст. Аввал, ғайбати авом, ки аз сари ранҷидагӣ бошад ё аз мувофиқати ҳамнишинон ё аз мутоиба ё аз ҳасад ва амсоли он. Дувум, ғайбати хос чунон, ки гӯяд: "аҷаб медорам аз фалонӣ, ки чун канизаки худро дӯст медорад бо он, ки зишт аст" ва амсоли ин. Ин навъ азимтар аз аввал аст аз ҷиҳати он ки дар ғайбат афтод ва надонист, ки ғайбат аст. Ҳамчунон ки бад гуфтани мардум ҳаром аст, эътиқоди бад ба мардум доштан ҳам ҳаром аст. Пас, бояд ки аз ин ҳарду эътироз намоед. Бидон, ки сурати ғайбат мубоҳ бувад ё ба сабили тазаллум ё ҳаққи худро халос кунад. Чунон, ки султонро, ки гӯяд, ки волӣ ё қозӣ бар ман зулм кард, ришва гирифт ва ҳақи маро ботил кард ё ба тариқи истифто (фатво хостан). Чунонки муфтиро гӯяд зани ман ё шавҳари ман бар ман зулм мекунад, ҳаққи хеш меситонад ва ҳаққи ман намедиҳад" [8, с.36].

Албатта, мафҳуми "ғайбат" дар фаҳми муосир ҳам, сухан гуфтан дар ғайби кас фаҳмида мешавад, ки на ҳама вақт оид ба ҳунару тавон ва сифатҳои ҳамидаи инсони мавриди назар гуфта мешавад, балки аксаран, хусусияти бадгӯйӣ нисбати нафари дигар мебошад, ки аз разилатҳои ахлоқист. Месазад, ки аз тинати шахс одати дар ғайби касе сухан гуфтан ва ӯро мавриди танқиду пастзанӣ қарор додан зудуда ва ба ҷойи он ҳисси муҳаббату эҳтиром парвариш ёбад.

Сифати дигари ахлоқӣ, ки метавонад дар рушди шахсияти инсон ва ҷомеа нақши муассир дошта бошад, "парҳез аз суханчинӣ" аст. Қутбиддини Шерозӣ таъкид менамояд, ки "инсон аз суханчинӣ бипарҳезад. Суханчин касе бувад, ки сухани макруҳ аз касе ба дигаре нақл кунад. Бидон, ки ин сифат бар се қисм аст: яке он ки шахсе сирре бо вай гӯяд, ӯ ба ҷое нақл кунад, ки аз он мазарате бад-ӯ расад, дуюм, он ки шахс бо ӯ нагӯяд, балки аз ҷонибе дигар бидонад ва ба дигарон расонад; сеюм он ки чизе гӯяд, ки надониста бошад.

Дар аввал ҷамъ аст миёни саъоят (тухмат) ва хиёнат изоати сир ва дар сеюм ҷамъ аст миёни саъоят ва бухтон ва сонӣ, агарчи фосиқ асту мазмум аст, аммо лавми (сарзаниш) ӯ ақал аз эшон аст” [8,с.37-38].

Муқаррароти навбатии ахлоқӣ дар таълимоти мутафаккир, ки идомаи мантиқии хулқи пешин аст, “дурӯягӣ” мебошад. Доир ба моҳияти ин мақулаи ахлоқӣ Қутбиддини Шерозӣ изҳори андеша намуда, чунин зикр мекунад: “Дузабонӣ ва дуруйӣ мазмум аст. Дурӯй ва дузабон он бошад, ки миёни ду тоифа душманон бо тоифае бар рӯй ва ба забоне ва бо тоифае бо рӯй ва забони дигар муомила кунад” [8, с.38].Албатта, ҳам суханчинӣ ва ҳам дурӯягӣ сифатҳои ахлоқи разила буда, метавонанд дар ҷомеа ҳисси хушунату бадбинӣ ва иғвову нобасомониро ба вуҷуд биоранд. Аз ин лиҳоз, таъкиди мутафаккир ба “тарки суханчинӣ” ва “дурӯягиву дузабонӣ” дорои арзиши баланди амалӣ мебошад, зеро ҷомеа ҳамеша ба шахсони содиқу софдил ва инсондӯст ниёз дошта, кизбу дурӯягӣ ва шӯрангезӣ аз аъмоли ғайриахлоқӣ мебошанд. Дар таълимоти ахлоқии Қутбиддини Шерозӣ “мутаҳаффиз будан аз хато ва зилал (гумроҳӣ)” ҳамчун рукни муҳимми ахлоқӣ муайян шудааст, ки он ба дараҷаи хирад ва маърифатнокии инсон вобаста мебошад. Тавре ки мутафаккир зикр месозад: “Хулқи чордаҳум он аст, ки инсон бояд аз хато ва зилал (гумроҳӣ) мутаҳаффиз бошад, то аз вай сухане содир нашавад, ки хато бошад” [8, с.38].

Мусаллам аст, ки муҳофизи инсон аз хатогӯйӣ хирад ва ҷаҳонбинии ӯст. Фарди хирадманд метавонад гуфтор ва амалҳои худро пайваста назорат намуда, самти мувофиқро пайдо намояд. Ба истилоҳи Абулқосим Фирдавсӣ “Хирад раҳнамою хирад раҳкушост” ва ё тибқи таълимоти зардуштия: “Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори некро ба вуҷуд меорад”. Аз ин лиҳоз, сифати аслии камолоти ахлоқӣ ва ақлонии инсон, майл ба донишу хирад ва шинохти ратсионалии воқеоту ҳаводис ва муҳити атроф мебошад.

Инсонро зарур аст, ки аз хашму ғазаб худдорӣ намояд, зеро ин сифатҳо хосси инсони комил набуда, метавонанд оқибатҳои ногувор дошта бошанд. Ҳамин аст, ки Қутбиддини Шерозӣ мақулаҳои зикршударо зери танқид гирифта, таъкид менамояд, ки “хашму ғазаб мазмум ҳастанд ва инсон бояд аз онҳо эҳтироз кунад” [8,с.39]. Манзури мутафаккир, ғазаби бемаврид аст, ки он ба сифати таҳаммулпазирии инсон халал ворид мекунад, вале аз комилан бартараф кардани он эҳтироз менамояд. Тибқи назари мутафаккир, “ғазаб” сифати нафсонии инсон буда, идораи он тавассути неруи ақл муҳим аст, аз ин рӯ, ӯ дар ҳадди миёна нигоҳ доштани худро аз ҷониби ҳар як шахс қобили қабул мешуморад. Дар ин маврид Қутбиддини Шерозӣ менависад: “Бидон, ки ғазабро ду тараф ифрот ва тафрит аст, ки мазмум ҳастанд. Васате миёни эшон маҳмуд. Аммо, тарафи тафрит ва нуқсон ба ҷиҳати он аст, ки чун қуввати ғазаб заиф бошад, он касро ҳамият набошад ва пайваста залилу маҳин (суст) бошад ва аммо, тарафи ифрот зиёдат ба ҷиҳати он ки чун қуввати ғазаб қавӣ бошад, дарҳол ғазаб чунон шавад, ки ақлу ҳикматро бар вай ҳукм набошад ва аз доираи оқилон берун шавад ва дар зумраи девонагон дарояд. Бошад, ки сабаби ҳалоки ӯ шавад, чунки чун ҳайвон дил суварон кунад аз даст диҳад. Бошад, ки ҷумла хун рӯй ба зоҳири бадан ниҳад ва намирад ва чун мунқабиз гардад, хун аз зоҳири тан рӯй ба ботин ниҳад, балки ба даруни дил ва ҳарорати ғаризеро ба ханақ бикашад. Пас, маълум шуд, ки ҳарду тараф ифрот ва тафрити ғазаб мазмум аст ва васат, ки эътидол аст, байнултарафайн маҳмуд то ҳам ҷониби ҳамият (мурувват) мусун (нигоҳ дошташуда) монад ва ҳам ба дараҷаи девонагон нарасад, балки дар зумраи оқилон боқӣ монад” [8,с.40].

Моҳияти андешаи мутафаккир дар мавриди “ғазаб” бар он далолат менамояд, ки инсон ҷузъи табиат ва субъекти асосии муносибатҳои иҷтимоӣ буда, малакаҳои худбаҳодиҳӣ, худтанзимнамоӣ ва худидоракуниро доро мебошад. Ин малакаҳо дар натиҷаи таъсири мутақобилаи аъзоёни ҷомеа дар инсон зуҳур мекунанд ва мақому

дарачаи чамъиятии онро муайян месозанд. Дар сурати аз ҳадди муайянгардида зиёд будани “ғазаб” мақоми чамъиятии инсон коста гардида, назари атрофиён нисбати ӯ хусусияти манфӣ касб менамояд, вале дар сурати набудани ин хусусият бетафовутӣ дар нисбати шахс падидор мегардад. Аз ин лиҳоз, бо вучуди категорияҳои ахлоқи разила будани “хашму ғазаб”, дар тинати инсон вучуд доштани онҳо ногузир мебошад. Дарачаи муайяни мавчудияти хашму ғазаб, ки аз қувваҳои нафси инсонӣ ҳастанд, моҳияти инсониро ҳамчун мавчуди табиӣ муайян месозанд.

Тазаккур бояд дод, ки дар таълимотҳои ахлоқӣ “ғазаб” яке аз қувваҳои нафсонӣ ва сарчашмаи шучоат низ дониста мешавад. Фаъолияти чамъиятии инсонро бе доштани ҳисси худбаҳодиҳӣ, ки асоси онро “қувваи ғазабия” ташкил менамояд, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ҳамин лиҳоз, мутафаккирон дар раванди таҳлили масоили ахлоқӣ ба чойгоҳи ин қувваи нафсонӣ ва идора кардани он аз тарафи инсон таваччуҳи хосса зоҳир намудаанд.

Таҳлили Қутбиддини Шерозӣ дар мавриди “ғазаб” бо таълимоти мутафаккирони пешин ҳамоҳангӣ дошта бошад ҳам, вале онро метавон такмилёфта арзёбӣ намуд. Масалан, Закариёи Розӣ “ғазаб”-ро падидаи нафс ва яке аз тарафҳои манфии фазилати “шучоат” медонад. “Ғазаб бо мақсади аз азобдиҳандаи худ интиқом гирифтан дар ҳайвон чо шудааст. Он барои инсон ҳолати аразӣ буда, ифроти ғазаб касро аз ақл берун мекунад” [14,с.277]. Ибни Мискавайҳ бошад, чунин менависад: «Ғазаб ҳамон ҳаракати нафс аст, ки бадон ҳаракати хуни қалб барои интиқом чустан шӯрида ва дамиш мешавад, агар ин ҳаракат дуруштнок бошад, оташи хашм афрухта мешавад ва онро шуълавар месозад ва таҳрикоти фишори хун низ тез мешавад ва рагҳо ва мағз пур аз дуди торик ва ошуфтагӣ мешавад, ки ҳоли андешидан аз он бад ва кораш суcту заиф мегардад...» [13,с.281]. Қутбиддини Шерозӣ бар он назар аст, ки “натичаи камоли қуввати ақл ҳикмат аст ва аз камоли қуввати ғазаб шучоат ва аз қуввати шаҳват иффат. Ҳар киро ҳикмату шучоат ва иффату адолат, ки васат аст миёни зулму инзилом (ситам кашидан ва эҳтимол кардан) ҳосил бошад, ба дарачаи малоика наздик бувад ва аз мартабаи шаётин дур ва ба қадри он, ки аз дарачаи малоика дур мешавад, ба мартабаи шаётин наздик мегардад” [8,с.23].

Аз қиёси ин андешаҳо маълум мегардад, ки мавчудияти қувваи “ғазабия” ба моҳияти инсон метавонад сифати шучоатро ба бор биорад, вале он, бояд таҳти идораи қувваи “оқила” буда, дар ҳолати васат нигоҳ дошта шавад.

Муқаррароти навбатии ахлоқӣ дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ “ичтиноб варзидан аз ҳуқд (кина)” муайян шудааст. Мутафаккир, дар мавриди моҳияти “ҳуқд” (кина) гирифтан менависад: “Бидон, ки чун касе хашм фурӯ хӯрад ва интиқом натавонад кашидан, ба ботин бозгардад ва дар ботин муҳтақан (кина) шавад ва ҳуқд гардад. Ҳуқду кина мазмум аст. Ҳуқд аз ғазаб хезад ва аз ҳуқд чанд чизи мазмум мутаваллид шавад. Аввал, ҳасаду душманӣ. Ҳасад он бувад, ки таманнои он кунӣ, ки неъмат аз маҳсуд зоил шавад. Душманӣ он ки ба мусибате, ки ба ӯ расад, хуррам гардӣ. Дувум, ҳичрон аз он кас чунонки, агар низ талаб кунад аз вай мунқатеъ гардӣ ва ин мазмум аст. Сеюм он ки дар пайи ӯ чизҳое гӯйӣ, ки ҳалол набошад. Чаҳорум, он ки бар вай изтеҳзо кунӣ ва ӯро биранчонӣ. Панчум он ки хоҳӣ, ки ҳуқуқи ӯро аз ӯ боздорӣ ва ин ҳама ҳаром аст. Бидон, ки ҳасад маразест, ки онро шифо нест ва дарде, ки онро даво нест” [8,с.42].

Воқеан, “кина” хулқест, ки инсонро аз сифати олитарини худ - “муҳаббат” канор мебарад ва сифатҳои дигари ахлоқи разила, аз қабили зулм, бадбинӣ, зараррасонӣ, қасдгирӣ ва монанди инҳоро тавон мебахшад. Ҳамин аст, ки аксари мутафаккирон сифати мазкурро мавриди танқид қарор дода, дар баёни ичтиноб варзидан аз он иттифоқи назар доранд. Вале, андешаи дигаре низ роич аст, ки пайдоиши “кина”-ро дар асоси риоя нагардидани меъёри “адолат” дониста, “қасос”-ро василаи баровардани “кина” медонанд. Тибқи назари муҳаққиқи рус Палетский С.Г. “кина, ин танҳо чавоб ё амали чавобӣ аст, агар гуфтан мумкин бошад, “тачовуз дар муқобили тачовуз”. Таҳаввул ва шаклгирии он

муайян аст. Қасос, ки натиҷаи кина аст, агар хайри маҳз ҳам набошад, метавонад инъикоси адолати олӣ бошад” [12]. Муҳаққиқ, андешаи худро бо он асоснок менамояд, ки инсон ҷузъи табиат буда, қонуниятҳои табииро дар сиришти худ инъикос менамояд. Аз ҷумла, инсонигардонии қонуни сеюми механикии Нютон - “қувваи ҳаракат баробар аст ба қувваи ҳаракати муқобил”, “чашм дар ивази чашм, дандон дар ивази дандон, даст дар ивази даст, пой дар ивази пой ва ҷон дар ивази ҷон” [12] мебошад. Муқаррароти дигари ахлоқӣ, аз назари мутафаккир, “бахшандагӣ” мебошад, ки ба муқобили кинаву кудурат, интиқомгирӣ ва дарандахӯйӣ нигаронида шудааст. “Хулқи ҳабдаҳум, авф кардан аст аз гуноҳ. Бояд, ки онро шиор ва дасори (ҷома) кору бори худ созӣ. Авф, он бувад, ки аз ҳаққи худ бархезӣ ва гуноҳи корро барӣ кунӣ. Бидон, ки чунонки гуноҳи бузургтар қадри авфи аҷмал бувад ва лаззат аксар ва савоби (фоида) аъзам” [8,с.43]. Воқеан, “бахшидан” (авф) мақулаи ахлоқи ҳамида ва сифати олии инсонист, ки метавонад, соҳиби худро дар ҷомеа маҳбуб гардонад, аммо, бояд, бамаврид ва бо дарназардошти манфиати иҷтимоъ мавриди амал қарор дода шавад.

Ташаккули қудрати бахшандагӣ дар тинати инсон аз чанд омил вобастагӣ дошта, ҳамзамон якчанд хусусиятҳои мусбатро доро мебошад. Аввалан, нишони камолоти маънавию ахлоқии инсон буда, нишони бар сифатҳои сифлагӣ, нотавонбинӣ, ҳирсу тамаъ, хашму ғазаб ва қасду қасос ғолиб омадан ва дувум, дар шуури инсон нақш пайдо намудани ҳисси раҳмдилӣ, инсондӯстӣ, муҳаббат ва ғ. мебошад. Хулқи дигаре, ки Қутбиддини Шерозӣ онро, ҷиҳати танзими муносибатҳои иҷтимоии инсон муҳим мешуморад, “бо мардум рифқ (дӯстӣ) варзидан” аст. Мутафаккир зикр менамояд, ки “рифқ он аст, ки ҳар чизеро аз ҷойи худ наҳӣ, сахтӣ дар мавзеи сахтӣ ва нармӣ дар мавзеи нармӣ ва шамшер дар мавзеи шамшер ва тозиёна дар мавзеи тозиёна. Ин ҳама ишорат аст бад он, ки чанд бор гуфтем, ки васати ҳар чизе маҳмуд аст. Дуруштӣ ба ифрот муҷиби нафрат бувад ва нармӣ ба ифрот муҷиби мазаллат бувад ва зиёдатӣ тамаи хулқ дар вай. Чун, ин ҳар ду ба ҳадди эътидол бувад, ғазаб ва муҳаббат барҷой бошад ва нафрати мардум аз вай ҳосил нагардад” [8, с.44].

Ҳамчунин, Қутбиддини Шерозӣ, дар таълимоти ахлоқии худ, мақулаҳои ахлоқии “қаноат”, “саховат”, “бахилӣ”, “тавозуъ”, “кибр”, “мағрурӣ” ва “шукр”-ро мавриди таҳлил қарор дода, ҷанбаҳои мусбату манфии онҳоро дар таъмини низоми иҷтимоӣ муайян месозад, ки ҳамоҳанг бо таълимотҳои ахлоқии пешин ва минбаъдаи ахлоқӣ ҳастанд. Масалан, доир ба “саховат” ӯ чунин ибрози назар менамояд: “Саховат кардан ва аз бухл иҷтиноб намудан маҳмуд аст. Шарти сахо ва ҳаққи ӯ он аст, ки соилро рад накунад, модом ки мумкин бошад. Бояд ки чун мустаҳаққро бишиносад, ӯро маҳрум нагузорад ва агарчи суол накунад ва чун истиҳқоқ дид, тавқифи ато бар суол накунад ва ҷиҳати истиҳқоқ ато аз рӯйи табарруъ (хайр) ё эҳтиёҷ бошад, чунонки ба фуқаро ба масокин диҳанд. Бидон, ки одамӣ бояд ки, агар мол надорад қаноат кунад ва ҳирсу тамаъ аз худ даф кунад ва агар мол дорад, ҷуду саховат варзад ва исор кунад” [8, с.51].

Доир ба “тавозуъ ва аз кибр парҳез кардан” бошад, Қутбиддини Шерозӣ бар он назар аст, ки “эътидол дар тавозуъ он аст, ки ҳар касеро дар мартабае фуруд орӣ, ки он кас худро мустаҳаққи он медонад ва худро пеши ҳар касе дар мартабае фуруд орӣ, ки он кас туро лоиқи он медонад. Агар, мавқуф бар ин ҳад бар аҳде душвор бошад, бояд, ки майл ба ғайри ҷиҳати такаббур бошад, чунки нафс моил аст бо он, чун ӯро бо ҷиҳати дигар бинад, бошад, ки дар миён рост биистад. Бидон, ки такаббур касе кунад, ки ӯро эътиқод бошад, ки дар вай ҳафт сифат аз сифоти камол аст: ду динӣ: илму амал, панҷ дунявӣ: насаб, ҷамол, қувват, мол ва бисёрии муовинон ва ансор ва ҳеҷ каси дигарро ин сифот нест ва ин ҳарду мазмум аст” [8, с.56-57].

Мутафаккир ба категорияи ахлоқии “мағрурӣ” низ назари интиқодӣ дошта, чунин таъкид менамояд: “Бидон, ки ғурур ҷаҳл аст, пас, ҳар чи далел бошад, бар замми ҷаҳл далел бошад бар замми ғурур, валекин, на ҳар ҷаҳле ғурур аст. Ҷаҳле, ки эътиқоди чизе бошад, бар хилофи воқеъ, ки он ҷуз мувофиқи ҳаво бошад ва сабаби ҷаҳли шубҳа ё хаёле бувад, валекин пиндорад, ки далел аст. Феъле, ҳазо ғурури сукуни нафс бувад ба чизе мувофиқи табъ ва ҳаво аз сари шубҳат, чунонки пиндорад, ки он ғайр аст ё дар оҷил ё аҷал з-он кас, ки ӯро ин сукун бувад, бинобар шубҳаи фосид ӯ мағрур бувад” [8, с.57-58].

Хулқи “шукргузорӣ” ва “сабр”-ро Қутбиддини Шерозӣ аз зумраи фазилатҳои ахлоқӣ шуморида, зикр менамояд, ки “бар вуҷдони неъмат шукр ва бар фуқдону заволаш сабр бояд кард. Бидон, ки шукр ба се чиз тамом шавад: илм, амал ва ҳоли мутавассит миёни ин ду. Аммо илм он аст, ки олим бошад ба неъмат ва бизоти мунъим ва бисифоти ӯ, ки бад он сифот инъом тамом шавад ва ба судури ин неъмат ба қасд ва иродати ин чаҳор илм мебояд, то шукри неъмат тамом шавад. Ҳаззи (лаззат) шукр он бувад, ки қасди хайр кунад, то ба ҳама мустаҳаққон савобе расонад, дар ҳар мавҷуде аз мубсарот ва айб набинад ва агар, бинад, изҳор накунад, то касе наранҷад ва ҳамчунин, ҷумлаи аъзоро бар ин қиёс бояд кард. Сабр кардан, гоҳе мустаҳсан бувад, ки дафъи бало ва мусиба мумкин нагардад. Масалан, агар касе ташна бошад ва об дошта бошад, ки дафъи ташнагӣ кунад ва сабр мекунад то аламӣ ташнагӣ зиёдат шавад, он сабр мазмум бошад, балки ҷаҳд кунад, агар мумкин нагардад, он гоҳ сабр кунад” [8, с.59-60].

Ҳамин тариқ, аз таълимоти Қутбиддини Шерозӣ метавон хулоса кард, ки қавоид ва муқаррароти ахлоқии муайяннамудаи ӯ, комилан хусусияти ратсионалӣ дошта, ҳанӯз ҳам дорои арзиши илмию амалӣ мебошанд. Таҳлили муқоисавии афкори мутафаккир бо таълимотҳои ахлоқии пешин ва ҳамзамононаш нишон медиҳад, ки, ӯ, на танҳо пайрав ва шореҳи таълимотҳои пешқадам, балки бо дарназардошти хусусиятҳои умумиинсонӣ муқаррароти ахлоқиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Тавре ки болотар зикр намудем, Қутбиддини Шерозӣ, гарчанде аз истилоҳоти динӣ зимни баррасии масоили ахлоқӣ истифода намояд ҳам, вале ба он маҳдуд намешавад. Масалан, «воҷиб он аст, ки шариат тарғиб карда бошад ба он, ба тариқи савоб ба феълаш ва тараҳҳуб (ситоиш) карда бошад ба тарки он ба таълиқи иқоб ба таркаш ва он бар нафъи башар бошад» [8, с.21]. Ин ҷо истилоҳи «ба нафъи башар будан», ифодаест, ки гуманизмро дар маънии имрӯза ифода карда, дар таълимотҳои пешини ахлоқӣ истифода нашудааст ва яке аз навовариҳои Қутбиддини Шерозӣ мебошад.

Хулоса, қавоид ва муқаррароти ахлоқии пешниҳоднамудаи Қутбиддини Шерозиро, ки дар доираи фазилатҳо ва разилатҳои ахлоқӣ, бо нишон додани ҳусну қубҳ ва такомули инфиродиву иҷтимоии инсон баён шудаанд, мухтасаран метавон бо чанд категорияи умумиахлоқӣ ифода намуд:

1. Покӣ ва покдоманӣ. Покӣ сифати олитарини инсонӣ ва покдоманӣ қувваест, ки ташаккули ҷисму руҳи инсонро таъмин намуда, ӯро аз амал ва сифатҳои разилӣ эмин нигоҳ медорад. Қутбиддини Шерозӣ ҷиҳати қудратнок намудани қувваи мазкур дар таълимоти ахлоқии худ, ки аз бисту се хулқ иборат аст, аз риояи тановули ғизо шуруъ намуда, то нигоҳдошти ҳолати эътидолии шаҳвату ғазаб, ки ҳамагӣ метавонанд дар ташаккули камолоти ахлоқии инсон ва муносибатҳои иҷтимоии ӯ нақш гузоранд, дахл менамояд.

2. Инсондӯстӣ. Назари Қутбиддини Шерозӣ дар нисбати категорияи “инсондӯстӣ” аз доираи гуманизми асримиёнагӣ фаротар ва мувофиқ ба меъёрҳои ахлоқи пешрафтаи ҷаҳонӣ аст. Бо вуҷуди дар муҳити фарҳангии динмеҳварӣ фаъолияти эҷодӣ намудан, мутафаккир дар нисбати муҳаббат ба инсон, ҳеҷ гуна мансубиятҳои қавмиву нажодӣ ва диниву мазҳабиро намепазирад. Фарзияҳои ӯ дар мавриди “хулқи инсон бояд ба нафси олам мувофиқ бошад”, “одамиро ниёз бар муҳаббати дигар аст”, “бар нафъи башарият

бошад”, “ҳеҷ касро лаънат нашояд кардан”, “бо мардум рифқ (дӯстӣ) варзидан” ва монанди инҳо исботи андешаи баёншуда мебошад.

3. Некӣ ва накукорӣ. Қутбиддини Шерозӣ беҳтарин хислати ахлоқии инсонро дар дарки мафҳуми некӣ ва фаъолияти худро ба ин самт равона кардан медонад. Мафҳуми “некӣ”, ки баъзан, бо истилоҳи “хайр” низ ифода карда мешавад, фарогири тамоми хислатҳои ҳамидаи инсонӣ буда, метавонад густариши амалҳои мазмум (разила)-ро, аз қабили мумсикӣ, озори шахс, беадолатӣ, лаззатпарастӣ, такаббур, худбинӣ, бетарафӣ ва ғ. пешгирӣ намояд. Мутафаккир, ҳатто “парҳез аз фаҳш”, “фош накардани сир”, “дар ваъда вафо кардан”, “парҳез кардан аз дурӯғ”, “ғайбат накардан”, “парҳез аз дурӯягӣ ва дузабонӣ”, “дурӣ аз суханчинӣ” ва “иҷтиноб варзидан аз ҳуқд (кина)”-ро накукорӣ медонад.

Бо дарназардошти андешаҳои баёнгардида, хулосаи умумии ин бахш он аст, ки қавоид ва муқаррароти ахлоқии муайяннамудаи Қутбиддини Шерозиро, ҳам аз лиҳози таърихӣ ва ҳам барои ҷомеаи муосир, метавон дорои арзиши илмиву амалӣ донист. Махсусан, дар замоне ки ахлоқ дар доираи муносибатҳои манфиатҷӯёна ташаккул ёфта, таъсиррасонӣ ба шуури насли муосир тавассути шабакаҳои иҷтимоиву маҷозӣ идоранашаванда мебошад, рӯй овардан ба андешаҳои арзишманди мутафаккирони соҳибандеша, аз ҷумла Қутбиддини Шерозӣ ва ба ин васила ташаккул додани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ барои ҳамагон манфиатовар хоҳад буд.

**Муқарриз: Аҳмадов Саид – д.и.ф., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абуалӣ ибни Мискавайҳ. Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ. Тарҷумаи Ҳусайн Қадимӣ. -Теҳрон, 1397.
2. Абуалӣ ибни Сино. Рисола дар ахлоқ// Осор. -Ҷ.2. -Душанбе, 2005.
3. Авесто. Ҷалилӣ Дӯстхоҳ (баргардонанда: М. Диловаров). -Душанбе, 2002.
4. Амирхон Ш.Т. Таснифоти илмҳо дар таълимоти Қутбиддини Шерозӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. -№6. –С.97-103
5. Бердиев Ш.П. Этика / Ш.П.Бердиев, Б.Б. Шомуродов -Душанбе, 2016.
6. Витгенштейн Л. Логика - философский трактат // Философскис работы. 4.1. -М., 1994.
7. Кант И. Трактаты и письма / И.Кант. - М., 1984.
8. Қутбиддини Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук. Бо кӯшиши Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи дувум. -Теҳрон, 1386.
9. Қутбиддини Шерозӣ. Дуррат-ут-тоҷ. Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Машкуҳ. Ҷ.1. Чопи сеюм. -Теҳрон, 1369.
10. Музаффарӣ М. Антропологияи ориёӣ. -Душанбе, 2006.
11. Муҳаммад Ғазолӣ. Ахлоқ. -Душанбе, 1999.
12. Пилецкий С.Г. Месть и возместие: социальная эвллюция с обратной связью. Среднерусский вестник общественных наук. Серия: философия. Этика, религиоведение. 2010. https://cyberleninka.ru (22.02.2021)
13. Пироями ҷон. Тарҷумаи «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ»-и Ибни Мискавайҳ. Тарҷума, шарҳ ва тавзеҳоти Ҳусайн Қадимӣ. –Қум, 1398.
14. Розӣ Абубакр Муҳаммад Закариё. Мунтахаби осор. -Душанбе: Адиб, 1989.
15. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. -Душанбе, 2014.


**МЕЪЁР ВА СИФАТҲОИ АХЛОҚӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ҚУТБИДДИНИ ШЕРОЗӢ**


Дар мақола мафҳуму ва моҳияти ахлоқ, инчунин меъёр ва сифатҳои ахлоқӣ аз назари Қутбиддини Шерозӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф зикр менамояд, ки илми ахлоқ барои дарки муносибатҳои иҷтимоӣ, вазифаҳои ҷамъиятии ҳар шахс, фаҳмиш ва дарки қоидаҳои ахлоқию ҳуқуқие, ки ҳаёти ҷамъиятӣ ба онҳо такя, инчунин танзими кирдору рафтору гуфтори одамон ба мақсади расидан ба ҳадафи волою олии ахлоқӣ хидмат менамояд. Ба таъкиди муаллиф, Қутбиддини Шерозӣ муқаррароти ахлоқии умумиинсониро дар доираи 23 банд (хулқ) баррасӣ намудааст, ки ҳамагӣ фарогирандаи адолат, саховат, инсондӯстӣ, шуҷоат, вафодорӣ, ҳамдардӣ, иффат, сабр ва ғайраҳо мебошанд. Муаллифи мақола меъёр ва сифатҳои ахлоқии муайяннамудаи мутафаккирро дар доираи се категорияи умумиахлоқӣ – покӣ ва покдоманӣ, инсондӯстӣ, некӣ ва накукорӣ ҷамъбаст намуда, арзиши онҳоро барои ҷомеаи муосир нишон додааст.



**Калидвожаҳо:** мафҳуму ва моҳияти ахлоқ, меъёр ва сифатҳои ахлоқӣ, назари Қутбиддини Шерозӣ, илми ахлоқ, дарки муносибатҳои иҷтимоӣ, вазифаҳои ҷамъиятии ҳар шахс

**НОРМЫ И НРАВСТВЕННЫЕ КАЧЕСТВА МОРАЛИ В УЧЕНИИ КУТБИДДИНА ШИРАЗИ**

В статье рассматриваются понятие и сущность нравственности, а также нравственные нормы и качества с точки зрения Кутбиддина Ширази. Автор отмечает, что наука об этике служит пониманию общественных отношений, социальных обязанностей каждого человека, пониманию и осмыслению морально-правовых норм, на которые опирается общественная жизнь, а также регуляции действий, поведения и речи людей в целях достижения высшая нравственная цель. Согласно акценту автора, Кутбиддин Ширази рассуждал о нравственных нормах общечеловеческого в рамках 23 статей (халк), которые все включают в себя справедливость, великодушие, человечность, отвагу, верность, сострадание, целомудрие, терпение и т.д. Автор статьи обобщает критерии и нравственные качества, определенные мыслителем в рамках трех общечеловеческих нравственных категорий - чистоты и целомудрия, человеколюбия, добра и человеколюбия, и показывает их значение для современного общества.

**Ключевые слова:** понятие и сущность нравственности, нравственные нормы и качества, точка зрения Кутбиддина Ширази, наука об этике, понимание общественных отношений, социальные обязанности каждого человека.

**NORMS AND MORAL QUALITIES OF MORALITY IN THE DOCTRINE OF KUTBIDDIN SHERAZI**

The article deals with the concept and essence of morality, as well as moral norms and qualities from the point of view of Kutbiddin Shirozi. The author notes that the science of ethics serves to understand social relations, the social duties of each person, to understand and comprehend the moral and legal norms on which social life is based, as well as the regulation of actions, behavior and speech of people in order to achieve the highest moral goal. According to the author's emphasis, Kutbiddin Shirozi talked about the moral norms of the universal in the framework of 23 articles (khalq), which all include justice, generosity, humanity, courage, fidelity, compassion, chastity, patience, etc. The author of the article summarizes the criteria and moral qualities defined by the thinker within the framework of three universal moral categories - purity and chastity, philanthropy, kindness and philanthropy, and shows their significance for modern society.

**Key words:** concept and essence of morality, moral norms and qualities, point of view of Kutbiddin Shirazi, science of ethics, understanding of social relations, social obligations of each person.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ.Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.

**Сведение об авторе:** ***Амирхон Шаххусайн Талбони* –** Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, заведующий кафедрой истории философии и социальной философии. **Адрес***:* 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Amirkhon Shakhkhusain Talboni*** - Tajik National University, Candidate of Philosophical Sciences, Head of the Department of History of Philosophy and Social Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.

УДК: 101.1(575.3)

# ФАЛСАФАИ ИҶТИМОӢ ВА СИЁСИИ ИБНИ МИСКАВАЙҲ

*Давлатов П.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ибни Мискавайҳ аз зумраи мутафаккирони барҷастаи асримиёнагии тоҷику форс аст, ки дар баробари фалсафаи назарӣ ва фалсафаи ахлоқ ба таҳқиқу омӯзиши масоили иҷтимоӣ ва ҳаллу фасли онҳо низ машғул шудааст. Ӯ дар фалсафаи иҷтимоии худ бештар ба таҳлилу баррасии моҳияти ҷомеа, ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи ҷомеа бо инсон-фард, ҳаёти иҷтимоии инсон, адолати иҷтимоӣ ва баробарии иҷтимоӣ, доир ба роҳбари давлат ва муносибати ӯ бо раият, хусусиятҳои роҳбар ва тарзу усулҳои давлатдорӣ ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Мискавайҳ пайдоиши ҷомеа, ҳаёти иҷтимоӣ, қонунҳо ва омилҳои рушду инкишофи ҷомеаро яке аз масъалаҳои муҳимми фалсафӣ ҳисобида, омӯзиши масоили иҷтимоию сиёсӣ ва ҳаллу фасли онҳоро зарур ва муҳим донистааст.

Ақидаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсии Ибни Мискавайҳ дар асарҳояш «Таҳзиб-ул-ахлоқ», «Тартиб-ус-саодат», «Ҷовидон хирад», «Фи моҳияти-л-адл», «Таҷориб-ул-умам», «Ал-фавз-ул-асғар», «Ал-ҳавомил ва-ш-шавомил» ва ғайра инъикос ёфтаанд. Аз таҳлилу баррасии асарҳои зикршудаи мутафаккир ошкор мегардад, ки ӯ ба таҳқиқу омӯзиши масоили иҷтимоию сиёсӣ низ машғул шуда, тарҳи ин масоил дар осору эҷодаш бо ахлоқ ё ҳикмати амалӣ зич алоқаманд мебошад.

Ибни Мискавайҳ ба монанди Абубакри Розӣ, Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ ва дигарон бо афкору осори худ дар рушду инкишофи афкори иҷтимоӣ саҳми арзанда гузоштааст. Бояд таъкид кард, ки таълимоти иҷтимоии мутафаккирони мазкур саршор аз гуманизм аст ва аз ин ҷиҳат дорои аҳамияти зиёд мебошад ва метавонад дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии замони муосир таъсиргузор бошанд. Махсусан, дар шароити муосир, ки тағйирёбии ҷомеаҳо ба назар мерасад ва аксар ҷомеаҳои ҷаҳонӣ ба бӯҳрони иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ-фарҳангӣ дучор шудаанд, на танҳо назарияҳои иҷтимоию фалсафии муосир, балки консепсияҳои гуногуни иҷтимоӣ-фалсафии классикӣ, ки дар таърихи фалсафа ва афкори иҷтимоӣ ҷой доштанд, метавонанд судманд бошанд. Зарурати муроҷиат кардан ба таълимоти иҷтимоии гузаштагон аз он иборат аст, ки дар он ақидаҳо, гипотезаҳо ва назарияҳои зиёд вуҷуд дошта, ба андозаи муайян барои шарҳ додани равандҳои дигаргунсозии ҷомеа мусоидат мекунанд. Аз ин ҷиҳат дар замони муосир муҳаққиқони улуми иҷтимоиро зарур аст, ки ҷанбаҳои бунёдии таълимоти фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиеро, ки дар алоқамандӣ аз гузашта то ба имрӯз бар асоси принсипҳои гуманистӣ таълиф шуда, дорои арзишҳои фарҳангию ахлоқӣ мебошанд, мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасии ҳаматарафа қарор диҳанд. Дар ин радиф осору эҷодиёти Ибни Мискавайҳ низ аз аҳаммият ва арзиши хос бархӯрдоранд.

Ибни Мискавайњ яке аз мутафаккирони барљастаи машшоимашраб аст, ки илова ба масоили фалсафию ахлоќї, инчунин тањќиќу омўзиши масоили сиёсию иљтимоиро низ мавриди баррасии љиддї ќарор додааст. Ў бо афкору осори худ дар рушди баъдии афкори фалсафиву иљтимої, бахусус њикмати амалии мардумони тољику форс сањми арзанда гузоштааст, ки мо дар ин хусус дар баъзе маќолањои дигари худ ба таври муфассал маълумот додем. Метавон гуфт, ки афкори фалсафї, бахусус ахлоќию иљтимоии ў барои ташаккули худшиносиву худогоњии љомеаи муосири тољик низ, ки ба буњрони фарњангиву ахлоќї ва диниву мазњабї дучор гардидааст, метавонад мусоидат кунад ва роњи њалли муносибе барои рањо шудан аз ин мушкилињо бошад.

Ақоиди гуногуни илмӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ ва иҷтимоию сиёсии Ибни Мискавайҳ, ки дорои арзишу аҳамияти зиёди назарию амалӣ мебошанд, на танҳо дар рушду такомул ва инкишофи ҷомеаи замони зиндагии ӯ, балки дар ҷомеаҳои минбаъда низ метавонанд саҳмгузор бошанд. Махсусан ақоиди иҷтимоию сиёсии вай, ки таҷассумгари

нобасомониҳои замонаш мебошанд, қимат ва арзиши таърихӣ доранд ва барои ҳалли баъзе мушкилоти ҷомеаҳои имрӯза низ ба кор меравaнд. Ӯ тавассути ақоиди иҷтимоӣ-сиёсиаш мардумро барои сохтани ҷомеаи боадолату маърифатпеша даъват намуда, зулму ситам ва таассубу хурофотпарастиро қатъиян манъ мекунад.

Ба ақидаи Ибни Мискавайҳ, инсон дар ҳастии худ барои ҳифз ва бақои насли худ ва барои расидан ба рушду камол ва хушбахтиву саодати инсонии худ ба чизҳои зиёд, аз ҷумла ба ҳамзистию ҳамкорӣ бо афроди дигар ниёз дорад. Яъне, инсон барои таъмини ҳаёти моддию маънавии худ, барои муҳайё сохтани шароити хуби рӯзгор, рушди камолоти ахлоқӣ ва расидан ба хушбахтӣ, бартараф кардани мушкилоту монеаҳо дар зиндагии фардию иҷтимоии худ, ба муносибату муоширaт, ҳамзистию ҳамкорӣ бо инсонҳои дигар эҳтиёҷ дорад. Ин иттиҳоду ҳамбастагӣ ба ашхоси зиёд зарурат дорад, чунки яке барои дигаре баъзе чизҳои ниёзи ӯро омода карда, бо кумаку дастгирии якдигар мазмуну муносибатҳои ҷамъиятиро шакл медиҳанд. Исботи ин гуфтаҳо суханони худи мутафаккир мебошанд: «Хайроти инсонӣ ва малакоте, ки дар нафси инсон ҳаст, бисёр аст ва дар тавони инсони воҳиде нест, ки ба анҷом додан ва касбу такмили ҳамаи онҳо қиём кунад, бинобар ин, лозим меояд, ки барои амалӣ сохтани ин мақсуд гурӯҳи зиёде иқдом ба ҳамёрӣ кунанд....» [9,с.48,82,162]. Аз ин суханони мутафаккир натиҷа мегирем, ки бояд мардум бо ҳамдигар зиндагӣ кунанд, даст ба дасти ҳамдигар дода, ҷомеаро ташкил кунанд, мушкилоти худро бартараф созанд, аз зиндагии фардиву танҳоӣ дар ҷое сукунат кунанд, ки теъдоди онҳо зиёд бошад ва барои таъмини эҳтиёҷоти рӯзгори худ ва расидан ба камолоти моддиву маънавӣ фаъолияти муштарак дошта бошанд. Ибни Мискавайҳ тарфдори сулҳу осоиштагӣ, низому тартиб, дӯстиву рафоқат, ҳамзистиву ҳамкории одамон, дар муҳити иҷтимоӣ зиндагӣ кардан, мададгору ёрирасони ҳамдигар будан, ободкорию рушду инкишофи давлату ҷомеа ва пешрафти фарҳангу тамаддун ва зидди ҷангу харобкориҳо, парешониву парокандандагии аҳли ҷомеа ва дурӣ аз ҳаёти иҷтимоӣ будааст. Назари ҷомеашиносии мутафаккир равшан месозад, ки инсон дар танҳоӣ қодир нест ҳамаи талаботҳои моддиву маънавии худро қонеъ созад, бинобар ин, ба ҷомеа ва ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳамкорию ҳамзистӣ бо инсонҳои дигар зарурат дорад.

Ибни Мискавайҳ мегӯяд, ки унсури асосии ҷомеа ва яке аз сабабҳои асосии ташаккули он ин аст, ки инсонҳо ба зиндагии дастҷамъона эҳтиёҷ дошта, ба якдигар ниёзманд ҳастанд, зеро дар танҳоӣ камол ва ҳадафҳои худро ба даст намеоранд: «инсон табиатан ноқису камбуд аст ва барои такмилу пурра кардани ин костагиву нуқсон ба инсонҳои дигар зарурат дорад» [9, с.190]. Яъне, ӯ ҳамзистӣ, ҳамкорӣ, кумаку дастгирии ҳамдигар ва иштироки фаъолонаи одамонро дар ҷомеа ва ҳаёти иҷтимоӣ аз рӯйи зарурат медонад. Ибни Мискавайҳ инсонҳоро ба иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва кумаку ёрии ҳамдигар даъват карда, узлату гӯшанишиниро мавриди накӯҳишу сарзаниш қарор додааст. Бояд гуфт, ки таълимоти иҷтимоии ӯ дар шароити асримиёнагӣ, ки қафомондагии ҷомеа, куҳнапарастию хурофотпарастӣ, мардумгурезию гӯшанишинӣ хосси он даврон буд, хусусияти прогрессивӣ дошта, дорои арзишу аҳамияти зиёд буданд ва дар замони мо низ метавонанд барои рафъи ин падидаҳои номатлуб судманд бошанд.

Аз таҳлилу баррасии афкору осори ахлоқию иҷтимоии Ибни Мискавайҳ бармеояд, ки ӯ низ ҳамчун Абубакри Розӣ инсонро дар руҳияи маърифатнокӣ ва иттиҳоду иттифоқмандӣ тарбия намуда, инсонро табиатан фарди ҷамъиятӣ медонад, на танҳову ҷомеагурез ва бениёз аз якдигар. Дар ин ҷо мо таъсири бевоситаи Абубакри Розиро ба ӯ мушоҳида мекунем, чунки Розӣ қайд мекунад, ки «инсонҳо яке ба дигаре вобастагии моддиву руҳӣ доранд» [14, с.10]. Яъне, ӯ инсонро дорои табиати ҷисмониву руҳонӣ дониста, таъкид намудааст, ки барои қонеъ кардани талаботи моддиву маънавии худ инсонҳо ба якдигар ниёз доранд. Ибни Мискавайҳ низ ниёз доштани инсонҳоро ба якдигар эътироф мекунад, чунки, ба андешаи ӯ, инсон дар алоҳидагӣ наметавонад зиндагӣ кунад ва бидуни ҷомеа ташаккулу такомул ёбад, мавқеи худро дар низоми ҳастӣ пайдо кунад ва ба бақои насли худ дар алоҳидагӣ ва дур аз инсонҳои дигар идома диҳад. Маҳз

ҳамин далелҳо ва чандин далелҳои дигар ниёзмандии инсон ва алоқамандиву вобастагии ӯро ба ҷомеа, ба инсонҳои дигар нишон медиҳад.

Барои низом, устуворӣ ва пешрафти ҷомеа Мискавайҳ таъкид месозад, ки инсонҳо дар ҳастии моддиву маънавии худ ба ҳамдигар ниёз доранд ва танҳо дар якҷоягӣ ва зиндагии дастҷамъӣ метавонанд мушкилоти худро ҳаллу фасл намоянд, маданияту тамаддун офаранд, таърихро эҷод кунанд, меъёрҳо ва арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва сиёсиву ҳуқуқиро баҳри зиндагии осоиштаи худ ва низому субот дар ҷомеа муайян кунанд ва ба хушбахтиву хушнудӣ бирасанд.

Бояд қайд кард, ки фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Мискавайҳ аз таълимоти ахлоқии ӯ сарчашма мегиранд, яъне фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсии ӯ хусусияти ахлоқӣ дошта, мутафаккир ин масъалаҳоро дар доираи илми ахлоқ баррасӣ ва ҳаллу фасл мекунад. Ба ибораи дигар, байни таълимоти ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Мискавайҳ робитаи қавӣ вуҷуд дорад, чунки аз назари ӯ муносибатҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ бо ҳам зич алоқаманд буда, байни ҳам робитаи ногусастанӣ доранд. Бинобар ин, ҳангоми рӯ овардан ба масоили иҷтимоию сиёсӣ, онҳоро аз диди ахлоқӣ ва муносибати онҳоро бо фазилатҳо ва разилатҳои ахлоқӣ баррасӣ мекунад. Масалан, ӯ амалишавии фазилатҳоро барои инсон танҳо дар ҷомеа ва ҳаёти иҷтимоӣ имконпазир дониста, танҳо он инсонҳоеро фозилу одил ва хайрхоҳу накукор меҳисобад, ки дар ҷомеа байни инсонҳо зиндагӣ ва фаъолият карда, дар рушду инкишофи ҷомеа ва ободию пешрафти он саҳмгузор бошанд. Яъне, то шахс дар ҷомеа зиндагӣ накунад ва бо аҳли ҷомеа дар робитаву иртибот набошад, бо онҳо ҳамзистию ҳамкорӣ накунад, дар шодию нишот ва ғаму андуҳ канори онҳо набошад, саодату камоли ӯ зоҳир нагардад ва тақвою иффат, саховату адолат ва дигар фазоили инсонии ӯ равшан намегардад.

Ибни Мискавайҳ расидан ба саодату хушбахтиро, ки ғояти зиндагии ахлоқӣ аст, танҳо дар мадина, яъне ҷомеа ва ҳаёти маданиву иҷтимоӣ имконпазир медонад, зеро ба андешаи ӯ, «саодати фардӣ, бахше аз саодати умумии ҷомеа аст ва чун хайроти инсонӣ ва қувваҳои нафси ӯ бисёранд, инсон наметавонад ба танҳоӣ ба онҳо амал кунад, пас лозим аст то шумори бисёре аз афрод ба амал ба ин хайрот ва малакот қиём кунанд, то хайроти муштарак ва саодатҳо миёни онҳо роиҷ шавад ва хайроту саодатҳо чунон тақсим карда шавад, ки ҳар кас аз онҳо саҳме дошта бошад. Дар ин сурат ҳар фарде бо ёрии дигарон ба камоли инсонӣ ва саодат даст хоҳад ёфт” [9, с.18].

Аз таҳлилу баррасии афкору осори Ибни Мискавайҳ бармеояд, ки ҳарчанд ӯ дар таълимоти ахлоқии худ бештар ба масъалаи таҳзиби нафс ва тарбияи ахлоқ пардохта бошад ҳам, масъалаҳои марбут ба тадбири манзил ва сиёсати мудунро низ сарфи назар накардааст. Яъне, гарчанде ӯ ба монанди Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ ба таври муфассал ҳар се бахши ҳикмати амалӣ -«таҳзиби ахлоқ», «тадбири манзил» ва «тадбир ё сиёсати мудун»-ро баррасӣ накарда бошад ҳам, вале дар асари ӯ «Таҳзиб-ул-ахлоқ» ин бахшҳои ҳикмати амалӣ ба таври муҷмалу мухтасар инъикоси худро ёфтаанд.

Аз таҳлилу баррасии фалсафаи иҷтимоии Ибни Мискавайҳ ба чунин натиҷа мерасем, ки ӯ ҳамчун як ҷомеашинос ҷомеаи инсониро тағйирёбанда, рушдёбанда медонад, чунки ба иродаи инсон ва неруи ақлонӣ ва созандаву офарандаи ӯ бовар дорад ва инсонро офарандаи ҷомеа, таърих ва фарҳангу тамаддуни худ эътироф мекунад ва расидан ба хушбахтиву саодатро, ки ҳадафи зиндагии ҳар як фард аст, танҳо дар ҷомеа ва дар заминаи муносибатҳои иҷтимоӣ имконпазир медонад. Ӯ ҷомеаро муташаккил аз афрод ва сабаби рӯй овардани афродро ба ҷомеа ва ҳаёти иҷтимоӣ ҳам аз рӯйи табиати мадании ӯ, ҳам аз рӯйи зарурат ва ниёзи ӯ ба зиндагии дастҷамъона медонад, чунки аз диди ӯ фард ҷузъи ҷомеа буда, шахсе, ки узви ҷомеа ё шаҳрванди кишвар нест, на хушбахтии худро таъмин карда метавонад ва на дар расидани ҷомеа ба хушбахтиву камолот ва манфиатҳои муштарак саҳмгузор буда метавонад, зеро рушди комили шахс танҳо дар муҳити иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин ҷиҳат мегӯяд: «Мардум барои расидан ба камол бояд ҳамдигарро

кумаку ёрӣ расонанд, то хайрот ва саодатҳои муштарак миёни онҳо ривоҷ пайдо намояд, чунки ҳар фарде бо кумаки дигаре ба камоли инсонӣ ва саодатҳо даст меёбад» [16, с.66].

Чуноне ки зикр кардем, ақоиди иҷтимоию сиёсии Ибни Мискавайҳ дар асоси таълимоти иҷтимоию сиёсии мутафаккирони юнонӣ, таълимоти иҷтимоию ахлоқии тоисломӣ ва исломӣ ва инчунин дар заминаи афкори мутафаккирони маъруфу машҳури асримиёнагии тоҷику форс, бахусус Абунасри Форобӣ ташаккул ёфтааст. Бояд қайд кард, ки таълимоти ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсии Форобӣ, ки дар «Орои аҳли мадинаи фозила» ва дигар осораш зикр шудаанд, ба Ибни Мискавайҳ таъсири зиёд расонидааст. Аз таҳлилу баррасии назарияҳо ва андешаҳои иҷтимоии Ибни Мискавайҳ равшан аст, ки ӯ дар ҳалли масоили иҷтимоӣ, дар баррасии ҷомеаи маданӣ, яъне мадинаи фозила, аз Афлотуну Арасту дида, бештар ба орову афкори Абунасри Форобӣ такя кардааст, зеро дар ин бахши таълимоти ӯ таъсири андешаҳои Форобӣ ба таври возеҳ мушоҳида мешавад [7]. Масалан, ин андешаҳои ӯ исботи гуфтаҳои мо мебошанд: «Расидан ба саодат, ки ғояти зиндагии ахлоқӣ аст, ҷуз дар мадина-шаҳр ва аз маҷрои он имконпазир нест, зеро саодати фардӣ бахше аз саодати умумии ҷомеа аст ва он касе, ки шаҳрванди мадинае нест, наметавонад баҳрае аз саодати комили мадина дошта бошад» [16, с.81-82]. Бар ин асос метавон гуфт, ки инсон табиатан маданӣ аст, яъне дар табиати ӯ хусусияти унс гирифтан ба инсонҳои дигар вуҷуд дорад ва ӯ ниёзманд ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва муомилоту муоширот ба мардумони бисёр аст, чунки инсон ба танҳоӣ наметавонад зиндагии комил дошта бошад. Пас ҳар инсонро лозим меояд бо бисёре аз мардум ҳамкорӣ ва доду ситад кунад ва барои ба даст овардани саодатҳои муштарак ҳамдигарро ёрӣ кунанд. Яъне, Ибни Мискавайҳ дар пайравӣ аз Форобӣ инсонҳоро дар ҳалли мушкилоти зиндагӣ, муносибати фардию иҷтимоӣ ва баровардани эҳтиёҷи худ аз ҳамдигар вобаста медонад ва қайд мекунад, ки «инсон маданӣ ва ниёзманди ҷомеаест, ки мардумони бисёре дар он бошанд, то хушбахтиву саодати одамӣ такмил шавад» [9,с.83; 16, с.85]. Аз ин ҷо чунин фаҳмида мешавад, ки Ибни Мискавайҳ ба монанди Форобӣ тарғибгари ҳаёти иҷтимоӣ-маданӣ ва муқобили ҳаёти зоҳидонаву гӯшанишинӣ будааст ва камолоту саодати инсониро танҳо дар ҳамзистиву ҳамкории аҳли ҷомеа имконпазир донистааст.

Бояд қайд кард, ки афкори иҷтимоӣ ва сиёсии аҳли тасаввуф бо назарияи пайравони машшоиёни шарқӣ, аз ҷумла Абунасри Форобӣ, Ибни Мискавайҳ, Абуалӣ Сино, Насируддини Тусӣ ҳам аз ҷиҳати баёни масоил ва ҳам аз ҷиҳати моҳият фарқияти зиёд дорад. Машшоиёни шарқӣ масоили иҷтимоӣ ва сиёсиро нисбатан муназамтар ва амиқтар ҳал карда, ба моҳияти назарӣ ва амалии он диққати махсус додаанд, вале аҳли тасаввуф бештар ба масоили ирфонӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Аз таҳлили афкору андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Мискавайҳ метавон пай бурд, ки ӯ дар сохтори ақида ва андешаҳояш аз осор ва таълимоти мутафаккирони юнонӣ, аз ҷумла Арасту ва асари машҳури ӯ «Ахлоқи Никомах» баҳра бурдааст. Вале бояд таъкид намуд, ки нақши машшоиёни шарқӣ, бахусус Форобӣ ва таълимоти шариати исломӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии Ибни Мискавайҳ ва хосса назарияи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ахлоқии ӯ низ кам нестанд [5, с.105-116; 7]. Ақидаҳои Абунасри Форобӣ роҷеъ ба масоили мадинаи фозила, зиндагии иҷтимоӣ ва дунёи маънавии инсон ба Ибни Мискавайҳ таъсири бевосита расонидаанд. Масалан, Ибни Мискавайҳ ҳамчун Форобӣ дар баёни масоили иҷтимоӣ ба омилҳои биологӣ (зистшиносӣ) ва ахлоқӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ӯ низ муътақид аст, ки тафовутҳои фитрӣ, модарзодӣ ва гуногунии одамон дар сиришт ногузир боиси пайдоиши ҷамъият ва давлат ва барқарор намудани низоми муайяни иҷтимоӣ мегарадад. Ба ин тариқ, Ибни Мискавайҳ нақши омилҳои биологӣ ва ахлоқиро дар таъбири ҳаводиси иҷтимоӣ ва давлатӣ ҳамеша дар марҳилаи нахуст қарор медиҳад [5].

Аз таҳқиқу таҳлили осори Ибни Мискавайҳ ба назар мерасад, ки ӯ ба омӯзиши масъалаи ҷомеа, мушкилоти иҷтимоӣ ва ҳаллу фасли онҳо диққати зиёд додааст. Мутафаккир доир ба ноадолатиҳо ва нобаробириҳои иҷтимоии давронаш ва зулму ситами амирону ҳокимон андешаронӣ намуда, барои тақвияти ақидаҳои худ аз Қуръону аҳодис ва

нақлу ривоятҳои тамсилӣ, ки шомили қиссаҳои гуногун буда, камбудии ҷомеа ва ҷомеасозони замонашро ифода мекунанд, далелҳо меорад. Яке аз сабабҳои асосии далел овардани ӯ аз Қуръону аҳодис он аст, ки амирону ҳокимони худкомаи давраш даъвои халифа ва сояи Худо будан дар замин карда, мардумро бештар аз номи ислом ва барои мухолифат бо аҳкому аркони шариат зулму ситам мекарданд. Бинобар ин, мутафаккир рӯ овардан ба Қуръону ҳадис ва нақлу ривоёт аз ҳаёти паёмбарону имомонро барои ислоҳи чунин ҳукмрониҳо муассиртар меҳисобид. Ибни Мискавайҳ низ ба монанди аксари ҳамасрони худ тарафдори давлати монархӣ (салтанатӣ) мебошад, ки ин назарияҳои ӯ дар таълимоти иҷтимоию сиёсиаш инъикоси худро ёфтаанд. Мутафаккир дар таълимоти сиёсиаш ба давлати феодалӣ-теократӣ (ҳокимияти динӣ), ки дар он монархи (султон, подшоҳ) мутлақ, одил ва оқил шахси асосӣ буда, дар ҳалли масоили иҷтимоӣ нақши муҳимеро иҷро мекунад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ менамояд.

Ибни Мискавайҳ муътақид аст, ки ҳоким ё роҳбар чун дар ҷойгоҳи инсони комил қарор дорад, вазифааш таъмини саодати ҳамаи аъзоёни ҷомеа ва роҳнамоии инсонҳо ба сӯйи саодат аст, пас чун таъмини саодати ҷомеа бар уҳдаи роҳбар аст, аз ин рӯ, яке аз омилҳои муҳаррики таърих ва пешрафти ҷомеаи инсонӣ, аз назари ӯ, ҳамон ҳоким-роҳбар мебошад: «Бар мудаббири ҷомеа лозим аст, ки ҳамаи инсонҳоро ба сӯйи саодаташон ҳидоят кунад» [9, с.81; 16, с.217]. Мутафаккир доир ба ин масъала дар асари дигараш «Ал-ҳавомил ва шавомил» фармудааст: «Шаҳриёрӣ саноатест, ки маданиятро ба по дошта ва мардумонро ба тариқи маслиҳатҳои шаръӣ ва сиёсияшон бо рағбат ва иҷбор водор мекунад ва ҳофизи силсилаи маротиби афроди ҷомеа ва зиндагии онҳост, то ҷомеа ба наҳви аҳсан ҷараён пайдо кунад» [11, с.82]. Дар ҷойи дигар мутафаккир мавҷудияти низом ё созмони сиёсиро бисёр муҳим ҳисобида, ҳатто онро омили ба саодат расидани ҷомеа ва ҳукумати сиёсиро таъминкунандаи пешрафти он донистааст: «...мардуми ҷомеа барои расидан ба саодат ва хайроти муштараки хеш ниёз ба созмони сиёсӣ доранд, ки бидуни он дастёбӣ ба ҳама ҳадафҳо муяссар нест … ва бидуни ҳукумат ҳаракат шакл намегирад ва пешрафти ҷомеа таъмин намегардад [1,с.371;11,с.347]. Аз назари Ибни Мискавайҳ муҳиммияту зарурияти мавҷудияти ҳокимият то ҳаддест, ки ӯ ҳатто фанопазирии фарҳангу тамаддун, азбайнравии ҷомеа ва ҳаёти осоиштаи онро аз заволи ҳукумат вобаста медонад: «Заволи ҳукумат, заволи тамаддун ва ҷомеаро дар пай дорад, зеро бо нобудии ҳукумат ҷомеа ба ҳараҷу мараҷ дучор мешавад ва аҳдофи муҳимми он, ки «ҳусн-ул-айш» ва «тазйин-ул-айш» ва саодат аст, таҳаққуқ намепазирад...» [11, с.347].

Бояд таъкид кард, ки ақидаҳои иҷтимоии Ибни Мискавайҳ бештар ҷанбаи ахлоқӣ доранд. Аз ин рӯ андешаҳои ӯ дар бораи давлат ва ҳокими он бар асос ва пояи ахлоқ сурат гирифтаанд. Ба қавли ӯ, одамон бо далели гуногун будунашон ба сарваре эҳтиёҷ доранд, то онҳоро аз ҷабру зулм ба якдигар эмин дошта, муносиботи номуратабро ба низоми муайян даровarда, онҳоро гирди ҳам оварад. Мувофиқи андешаи ӯ, ин корро танҳо ҳокими оқилу одил ва фозилу дорои ахлоқи воло метавонад анҷом диҳад. Аз таҳлилу баррасии ин андешаҳои мутафаккир ба чунин натиҷа метавон расид, ки ӯ низ ба монданди Афлотуну Форобӣ тарафдори «Мадинаи фозила» ё «Ҷомеаи ормонӣ» буда, асоси ин гуна мадина ва ҷомеаро дар рӯ овардани аҳолии онҳо ба ахлоқ ва фазилатҳои ахлоқӣ ва пойбандӣ ба арзишҳои маънавию инсонӣ медонад ва таъкид месозад, ки аҳолии онҳо барои расидан ба саодату хушбахтӣ ва рӯзгори осоишта доштан, бояд ахлоқи хубу ҳамида дошта бошанд, одилу фозил ва хайрхоҳу саховатпеша бошанд ва итоату фармонбардорӣ аз як мудири мудаббиру чорасоз, фозилу адолатпеша кунанд [7].

Ибни Мискавайҳ адолатро, ки яке аз фазоили чаҳоргонаи ахлоқӣ буда, ҳамзамон моҳияти иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дорад, яке аз омилҳои муҳимми суботу низоми ҷомеа, ҳамзистию ҳамкорӣ, ҳамоҳангию баробарии одамон, ки дар ниҳоят омили рушду пешрафти фарҳангу ҷомеа ва сабаби ободонии давлату ҳукумат аст, медонад ва ҷабру зулмро сабаби парокандагии ҷомеа, заволёбии ҳукумат ва фанопазирии фарҳанг меҳисобад. Аз ин ҷост, ки мегӯяд: «... бадтарини мардум он аст, ки бар нафси худ ҷабр

кунад, он гоҳ бар дӯстон ва хешовандонаш ва он гоҳ бар ҳамаи мардум ва ҳайвон.... ва беҳтарини мардум шахси одил аст ва бадтарини онҳо шахси золим» [9, с.178].

Ибни Мискавайҳ адолатро аз се қисм: адолати динӣ, адолати иҷтимоӣ ва адолат нисбат ба аслоф (гузаштагон, пешиниён-Д.П.) иборат медонад [16, с.179]. Ӯ низ ба монанди Арасту адолати иҷтимоиро аз се омил: омили сокит, омили нотиқ ва омили акбар иборат дониста, ба тартиб онҳоро бо пул, ҳоким ва номуси илоҳӣ ташбеҳ мекунад ва номуси илоҳиро болотар аз ҳама мегузорад, чунки онҳо, аз назари ӯ, қонунҳое ҳастанд, ки Худованд онҳоро ҷорӣ кардааст [6;16,с.111-112]. Дар ҷойи дигар мутафаккир адолатро ба чунин навъҳо: табиӣ, вазъӣ ва илоҳӣ ҷудо кардааст [9;16]. Ба андешаи ӯ, инсонҳо бар асоси адолати табиӣ, мадани биттабъ (табиатан маданӣ) ҳастанд ва бар асоси адолати вазъӣ ихтиёр доранд, то бар асоси ақлоният ҳаёти иҷтимоии худро сомон диҳанд. Ба ақидаи ӯ, агар инсонҳо зиндагии фардӣ ва зуҳду гӯшанишиниро ихтиёр кунанд, агарчи бар асоси ахлоқи фардӣ мумкин аст, чунин инсонҳо соҳиби фазилат гуфта шаванд, вале бар асоси ахлоқи маданӣ ва адолат золиманд ва васфи фазилат низ аз онҳо салб мешавад, яъне онҳо аз соҳибфазлӣ маҳрум мешаванд, чунки фазоил афъолу аъмоле ҳастанд, ки дар муоширát ва мушорикат бо дигарон зуҳур меёбанд. Бинобар ин, касоне, ки дар ҷомеа бо дигарон ҳамнишин нашуда ва дар шаҳрҳо сукунат нагузидаанд, ҳеҷ гоҳ фазоил дар вуҷудашон зоҳир намешавад [9, с.212-213]. Навъи сеюми адолат, ки навъи ниҳоии он аст, адолати илоҳӣ мебошад, ки он фарогири умури мобаъдуттабиӣ ва мавҷудоти алоҳида ва заволнопазир аст. Бояд кайд кард, ки гарчанде адолат дар таълимоти ахлоқии Ибни Мискавайҳ мавқеи баланд дошта бошад ҳам, вале ӯ муҳаббатро болотар аз адолат медонад ва муътақид аст, ки дар ҷомеае ки муҳаббат ҳукмрон бошад, ниёзу эҳтиёҷе ба адолат ҷой надорад [9,с.82]. Дар ҷойи дигар Ибни Мискавайҳ доир ба муҳаббат чунин мегӯяд: «Муҳаббат шарифтарин ғоёти аҳли мадина аст, ки иттиҳод ва ягонагиро то ҳадде ба дунбол дорад. Дар сурате ки муҳаббат бар аҳли мадина ҳоким шавад, ҳар як аз афрод барои дигаре ҳаммонанди он чизеро мехоҳад, ки барои нафси худ мехоҳад. Пас қуввои кассир яке мешавад ва андешаи дурусту кори савоб барои афрод осон мешавад, амният барқарор мешавад, шаҳрҳо обод мегардад ва шодиву нишот бар ҷомеа ҳукмфармо мешавад. Аммо, агар муҳаббат аз ҷомеа рахт барбандад ва адолат низ зуҳур наёбад, ҷомеа буҳронӣ ва рӯ ба завол хоҳад буд» [9,с.179]. Аз ин иқтибос метавон ба чунин натиҷа расид, ки ҳастии муҳаббат ва бақои он назм ва пойдории ҷомеаро таъмин менамояд ва он муҳаббате, ки бар асоси хайр бунёд шуда бошад, яъне ҳадафу мақсади асосӣ аз ин навъи муҳаббат ба ҳамдигар хайр расондан бошад, беҳтарин навъи муҳаббат ва мавриди таваҷҷуҳи Мискавайҳ аст. Бинобар ин, агар ҳадафи аксари муомилаҳои иҷтимоӣ лаззат ё нафъ бошад, бо вазъияти фарҳангии матлубе рӯ ба рӯ нахоҳем буд. Аз назари ӯ, зуҳури фардгароӣ ва бетаваҷҷуҳӣ ба маънавиёт дар ҷомеа заминаи пазириши асолати лаззат ва суду манфиатро фароҳам оварда, муомилаҳои иҷтимоиро ба сӯйи манфиатҷӯӣ мебаранд, ки ин вазъият хатарнок буда, адолати иҷтимоӣ ва назму суботро дар ҷомеа аз байн мебарад ва метавонад сабаби халалпазирии низом ва буҳрони фарҳангӣ шавад. Ба маънои дигар, Ибни Мискавайҳ ҷомеаи бунёдшуда бар муҳаббатро як ҷомеаи табиӣ ва мутаносиб бо фитрати инсонӣ медонад. Ба андешаи ӯ, муҳаббате, ки пойдор аст ва дер аз байн меравад, муҷиби шаклгирии иҷтимооти пойдор мешавад ва ғалабаи ин навъ муҳаббат бештарин назм ва иттиҳоду ҳамоҳангии иҷтимоиро ба дунбол дорад ва муомилаҳои иҷтимоӣ дар чунин ҷомеаҳо дар асоси меҳру муҳаббати афрод ба якдигар сурат гирифта, ба нафъи ҳама аъзоёни ҷамеа хоҳад буд, аммо дар сурате, ки ҷомеа бар асоси муҳаббат бунёд нашуда набошад, муомилаҳои иҷтимоӣ дар асоси адлу адолат сурат мегирад ва ин ҷомеа аз назари Мискавайҳ мубтанӣ бар адолат аст, на муҳаббат. Адолат меҳвари асосӣ дар равобити иҷтимоӣ ва сиёсӣ аст, зеро ҷомеаи матлуби Мискавайҳ мубтанӣ бар «фазилат» аст ва адолат аз назари ӯ маҳсули ҳама фазоил, балки айни ҳама фазоил аст [9,с.162].Аз таҳлили андешаҳои иҷтимоии Ибни Мискавайҳ чунин маълум мегардад, ки дар сурате, ки ҷомеа ва муомилаҳои иҷтимоӣ на бар асоси муҳаббат сурат гиранд ва на бар асоси адолат, яъне афрод ҳозир набошанд дар муқобили баҳраву манфиате, ки аз

дигарон мебаранд, ба дигарон низ суду манфиате бирасонанд, он гоҳ аз дидгоҳи ӯ «ҷомеа бо як ҷомеаи буҳронӣ ва рӯ ба завол рӯ ба рӯ хоҳад шуд, зеро, ҳангоме ки муомилаҳои байни афрод дар ҷомеа бар асоси муҳаббат ва адолат набошад, иртиботот дучори фасод шуда, муҳаббатҳо ба буғз, муҳаббати ахёр ба душмании ашрор, улфат ба нафрат, мувaддат ба нифоқ табдил мешавад ва ҳар кас он чиро барои худ судманд мепиндорад, талаб мекунад, ҳарчанд ба зиёни дигаре бошад ва садоқатҳо ва хайри муштарак миёни мардум ботил мешавад ва кор ба ҳараҷу мараҷ бозмегардад» [9,с.192]. Аз назари Ибни Мискавайҳ он бахши адолат, ки бо ҷомеа марбут аст, дорои аҳамияти бештаре мебошад ва таъмини адолат дар ҷомеа вазифаи роҳбари ҷомеа аст, зеро ҳокими одил метавонад адолатро дар мавриди худ ва шаҳрвандон ба кор бибарад [9; 15; 16]. Вале, агар ҳоким ба ин шарт мавсуф набошад ва натавонад ҳама ҷонибҳои адолат ва додгариро дар ҷомеа барқарор созад, ҳукуматаш ба завол меанҷомад «... ҳар гоҳ ҳоким ҷониби адолатро пос надорад ва дар он каму зиёд кунад, фасод домангир шуда, раёсатҳо дигаргун мешавад ва умури ҷомеа мухтал (халалпазир-Д.П.) мегардад... ва низом ба ҳараҷу мараҷ мерасад» [9; 10; 15; 16]. Аз таҳлилу баррасии ин андешаҳои мутафаккир чунин бармеояд, ки интишори адл дар ҷомеа аз қуввату қудрати султон вобаста аст. Барои исботи ин гуфтаҳо аз суханони худи мутафаккир иқтибос меорем, ки гуфтааст: «Агар ҳукумат ва ҳайати ҳокима бар мабнои адолат рафтор кунанд, ҳукуматашон матлуб ва фозила аст ва агар бар хилофи он, ҷониби адолат риоя нашавад, фасод домангири умур шуда ва раёсатҳо мутаҳаввилу мунтақил мегарданд ва сомони умур ба ҳам мехӯрад ва дар натиҷа ҳукумати матлуб ба ҳукумати мутағаллиб мубаддал мешавад» [16, с.217-223].Албатта, андешаҳои иҷтимоию сиёсии Ибни Мискавайҳро метавон як навъ баёни норозигии ӯ аз тарзи давлатдории мавҷуд дар замони зиндагию фаъолияти ӯ донист, чунки таърих гувоҳ аст, ки на ҳама ҳокимону султонҳои даврони ӯ фозилу одил ва фарҳангдӯсту раиятпарвар буданд, ҳатто месазад гуфт, ки аксари онҳо ҷоҳилу худписанд, золиму мутакаббир ва душмани халқу раияти худ буданд.

Як ҷиҳати муҳимми дигари фалсафаи иҷтимоии Ибни Мискавайҳ аз он иборат аст, ки ӯ ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва низому тартиботи он аз нуқтаи назари ақли солим ва адолат баҳогузорӣ кардааст. Дар таълимоти иҷтимоии ӯ зулму ситам, нобаробариву ноадолатӣ ва як қатор омилҳои манфие, ки садди роҳи пешрафти ҷомеа ва рушди ҳаёти иҷтимоӣ мешаванд, мавриди накӯҳиш ва сарзаниш қарор гирифтаанд.

Ибни Мискавайҳ дар андешаҳои сиёсии худ доир ба подшоҳ ва роҳбари ҷомеа ибрози ақида намуда, қайд мекунад, ки ҷомеаи инсонӣ ба султон ё роҳбари тадбирсозу чораандеше ниёз дорад, то умури ҷомеа назму тартиб гирад ва суботу адолат дар ҷомеа ҳукмрон бошад. Дар ин хусус мутафаккир менависад: «Мардуме, ки дар ҷомеа зиндагӣ мекунанд, ба сарпараст ва валӣ ниёз доранд, то бар ҳамаи корҳо ва саноати иҷтимоӣ иштирок ва назорат дошта бошад ва дар амонат ва адолаташ мавриди итминон бошад, то мардум ба фармонҳояш гардан ниҳанду дастуроташ қобили иҷро ва амраш мавриди қабул бошад, то ӯ битавонад ҳуқуқи мутақобили афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоиро бипардозад» [11, с.387]. Дар ҷойи дигар доир ба муносибати подшоҳ бо раият ва баръакс чунин ишора мекунад: «Инояти подшоҳ ба раияти худ воҷиб аст, ки инояти падар ба фарзандонаш бошад, аз роҳи шафқат, дилсӯзӣ ва меҳр варзидан бошад, балки бояд дар раҳму шафқат, тараҳҳум, ва талаби масолеҳи эшон ва дафъи зарар аз онон ва ҳифзи низом дар миёни эшон ва аз ҷумла ҳама чизе, ки хайрро ҷалб ва шарро дафъ мекунад, саъй намояд» [9, с.192]. Яъне подшоҳ бояд раияти худро ҳамчунон ки падари мушфиқ фарзандони худро дӯст медорад, дӯст бидорад ва бо онҳо меҳрубон бошад, аз рӯи раҳму шафқат муносибат кунад, то онҳо низ нисбат бо ӯ чунин рафтор ва муносибат кунанд. Ибни Мискавайҳ то андозае ҳокимро аз омма ва халқ ҷудо намекунад ва дар таълимоташ борҳо таъкид менамояд, ки ҳоким ва султон бояд ҳамеша аз ҳоли зердастони худ огоҳ бошад, доиман дар паи мададгорӣ ва дастгирии онҳо бошад. Ба қавли мутафаккир беҳтарин ҳоким ва султон он аст, ки худро баробари тобеъонаш дониста, дар хӯрокаву пӯшока ва зисту

зиндагонӣ бо онҳо наздик бошад [15]. Яъне Ибни Мискавайҳ дар масоили иҷтимоӣ ва сиёсӣ бештар ба адолат ва баробарии иҷтимоии аҳли ҷомеа аҳамият додааст ва метавон гуфт, ки таълимоти иҷтимоии ӯ бо вуҷуди баъзе маҳдудиятҳо ҷиҳатҳои хуби гуманистӣ-инсонгароӣ доранд ва худи ӯ аз зумраи мутафаккирони инсондӯст буда, шоҳону ҳокимонро низ ба халқпарварӣ ва дӯстдоштани раияти худ даъват менамояд.

Хулоса фалсафаи иҷтимоии Ибни Мискавайҳ аз таълимоти ахлоқии ӯ сарчашма гирифтааст. Ӯ фазилатҳои ахлоқиро ҳам бароиислоҳи фард ва ҳам барои ислоҳи ҷомеа ва ҳаёти иҷтимоӣ зарур дониста, ҳар яке аз ин фазилатҳоро шарҳу тавзеҳи густурда намудааст ва барои танзиму субот, рушду пешравии ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ва барқарор кардани муносиботу муомилоти дурусту писандида ва дар фазои ҳамдигарфаҳмию эҳтироми ҳамдигар, кумаку ёрии ҳамдигар, ҳаёти босуботу осоишта, дӯстӣ ва баробариву бародарӣ истифода намудааст.

Аз таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши мавзуи мазкур равшан мешавад, ки таълимоти иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Мискавайҳ бо хусусиятҳои хосси худ аз дигар мутафаккирон фарқ мекунад. Масоили гуногуни иҷтимоиву сиёсие, ки мутафаккир дар осору эҷоди худ шарҳу баён намудааст, хусусияти прогрессивӣ дошта, дар ҳама давру замонҳо барои бунёди ҷомеаи солим ва низому тартиби он аҳамияти назарӣ ва амалӣ доранд.

**Муқарриз: Ахмедов Саид – д.и.ф., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдураҳмони Бадавӣ. Ҳикмат-ул-холида. –Теҳрон, 1358.
2. Абуалӣ Мискавайҳи Розӣ. Ал-фавз-ул-асғар. –Бейрут, 1319.
3. Абуалӣ Мискавайҳи Розӣ. Таҷориб-ул-умам. Тарҷума ва ҳошияи Абулқосим Имомӣ. –Теҳрон, 1389. -Ҷ.1.
4. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи иҷтимоии Қутбиддини Шерозӣ.
5. Амондуллоев Б.С. Таҳлили муқоисавии «Тањсил-ус-саодат»-и Форобї ва «Тањзиб-ул-ахлоќ ва татҳир-ул-аъроқ»-и Ибни Мискавайњ / Б.С.Амондуллоев, П. Н.Давлатов //Паёми Донишгоњи миллии Тољикистон. -2021. - №5.
6. Арасту. Сиёсат. Тарҷумаи Ҳамиди Иноят. –Теҳрон, 1379.
7. Давлатов П.Н. Таъсири фалсафаи асрњои IX-X-и тољик ба Ибни Мискавайњ / П.Н. Давлатов //Паёми Донишгоњи миллии Тољикистон. -2022. - №4.
8. Доират-ул-маорифи бузурги исломї. –Тењрон, 1383. -Љ.6
9. Ибни Мискавайҳ, Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад. Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ. Тарҷума ва тавзеҳи Алӣ Асғар Ҳалабӣ. -Теҳрон: Асотир, 1381.
10. Маҳмадраҳим Исоев. Ҳикмати амалии Мискавайҳ. –Душанбе, 2003.
11. Мискавайҳ Абуалӣ. Ал-ҳавомил ва-ш-шавомил. Ба кӯшиши Аҳмад Амин ва Сайид Аҳмад Сақар. – Қоҳира, 1373қ.
12. Мискавайҳ Абуалӣ. Ал-фавз-ул-асғар. –Бейрут, 1319.
13. Мискавайҳ Абуалӣ. Тартиб-ус-саодат ва манозил-ул-улум. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Абулқосим Имомӣ. -Теҳрон: китобхонаи Маҷлиси Шӯрои Исломӣ, 1379.
14. Муҳаммад Абдурраҳмон, Хайриддин Идиев. Андешаҳои иҷтимоию сиёсии Абубакр Закариёи Розӣ. -Душанбе: Дониш, 2016.
15. Муҳсин Муҳоҷирниё. Андешаҳои сиёсии Мискавайҳ.
16. Пирояи ҷон. Тарҷумаи «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ»-и Ибни Мискавайҳ. Тарҷума, шарҳ ва тавзеҳоти Ҳусайн Қадимӣ. –Қум, 1398.


**ФАЛСАФАИ ИҶТИМОӢ ВА СИЁСИИ ИБНИ МИСКАВАЙҲ**


Дар мақола доир ба ҷанбаҳои мухталифи фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Мискавайҳ ба таври мухтасар маълумот дода шудааст. Муаллиф аз осору эҷодиёти худи мутафаккир, аз ҷумла «Таҳзиб-ул-ахлоқ», «Тартиб-ус-саодат», «Ҷовидон хирад», «Фи моҳияти-л-адл», «Таҷориб-ул-умам», «Ал-фавз-ул-асғар», «Ал-ҳавомил ва-ш-шавомил» ва ғайра, ки ба таҳқиқу омӯзиши масоили иҷтимоию сиёсӣ ва ҳаллу фасли онҳо бахшида шудаанд, барои исбот ва тақвияти фикру андешаҳои худ истифода намуда, иқтибосҳо овардааст. Зикр шудааст, ки Ибни Мискавайҳ дар баробари машғул шудан ба масоили фалсафаи назарӣ ва ҳикмати амалӣ, инчунин ба таҳлилу баррасии моҳияти ҷомеа, ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи ҷомеа бо инсон-фард, ҳаёти иҷтимоии инсон, адолати иҷтимоӣ ва баробарии иҷтимоӣ, доир ба роҳбари давлат ва муносибати ӯ бо раият, хусусиятҳои роҳбар ва тарзу усулҳои давлатдорӣ ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Мутафаккир пайдоиши ҷомеа, ҳаёти иҷтимоӣ, қонунҳо ва омилҳои рушду инкишофи ҷомеаро яке аз масъалаҳои муҳимми фалсафӣ ҳисобида, омӯзиши масоили иҷтимоию сиёсӣ ва ҳаллу фасли онҳоро зарур ва муҳим донистааст. Инчунин, дар мақола равшан карда шудааст, ки афкору андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Мискавайҳ аз таълимоти ахлоқии ӯ сарчашма мегиранд, яъне фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсии ӯ хусусияти

ахлоқӣ дошта, мутафаккир ин масъалаҳоро дар доираи илми ахлоқ ҳаллу фасл кардааст. Яъне, таълимоти иҷтимоию сиёсии ӯ бо таълимоти ахлоқиаш зич алоқаманд мебошанд ва мутафаккир ҳангоми баррасии масоили иҷтимоию сиёсӣ онҳоро аз диди ахлоқӣ ва муносибати онҳо бо фазилатҳо ва разилатҳои ахлоқӣ баррасӣ мекунад. Ҷиҳати муҳимми навиштаи мазкур аз он иборат аст, ки муаллиф аҳамияту арзиши таълимоти иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Мискавайҳро барои бунёди низоми ҷомеаи солим ва суботу таҳкими он нишон медиҳад.

**Калидвожаҳо:** ҷомеа, фалсафаи иҷтимоӣ, таълимоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ҳоким, ҳукумат, низом, субот, ҳаёти иҷтимоӣ, фалсафаи ахлоқ, масоили иҷтимоӣ ва сиёсӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, зулм, ситам, адолат.

## СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКАЯ ФИЛОСОФИЯ ИБН МИСКАВЕЙХА

В статье даётся краткий обзор различных аспектов социальной и политической философии Ибн Мискавейха. Автор опирается на произведения самого мыслителя, в том числе на «Тахзиб-уль-ахлак», «Тартиб-ус-саодат», «Джавидон хирад», «Фи мохияти-л-адл», «Таджариб-уль-умам», «Альфавз-уль-асгар», «Алхавамил ва-ш-шавомил» и др., которые посвящены изучению социальных и политических проблем общества и путей их решения.Отмечается, что Ибн Мискавейх, наряду с изучением вопросов теоретической и практической философии, занимался также анализом проблем сотрудничества между социальными группами в обществе, социальной сущности человека и социальной справедливости, отношения индивида и народа, вопросами лидерства и методов управления государством. В статье говорится о том, что мыслитель считал важными философскими вопросами: происхождение общества вопросы, общественной жизни, законы и факторы развития общества, а также вопросы изучения социально-политической жизни общества.В статье также уточняется, что социальные и политические мысли Ибн Мискавейха коренятся в его нравственном учении, то есть его социальная и политическая философия носит нравственный характер. Общественно-политическое учение Ибн Мискавейха тесно связано с его нравственным учением, и мыслитель все общественно-политические вопросы связывает с нравственными категориями, в частности, с категориями добродетели и порочности.В статье особое внимание обращено на анализ социально-политического учения Ибн Мискавейха, его концепцию о здоровом обществе и предлагаемых Мискавейхом путей достижения стабильности в обществе.

**Ключевые слова:** общество, социальная философия, общественно-политическое учение, правитель, правительство, система, стабильность, социальная жизнь, моральная философия, социальные и политические проблемы, социальные группы, угнетение, насилие, справедливость.

## SOCIO-POLITICAL PHILOSOPHY OF IBN MISKAWAYH

The article provides a brief overview of various aspects of the social and political philosophy of Ibn Miskawayh. The author relies on the works of the thinker himself, including “Tahzib-ul-akhlak”, “Tartib-us-saodat”, “Javidon hirad”, “Fi mokhiyati-l-adl”, “Tajarib-ul-umam”, “ Alfavz-ul-asghar”, “Alkhavamil vash-shavomil”, etc., which are devoted to the study of social and political problems in society and ways to solve them.It is noted that Ibn Miskawayh, along with the study of theoretical and practical philosophy, also analyzed the problems of cooperation between social groups in society, the social essence of man and social justice, the relationship between the individual and the people, issues of leadership and methods of government.The article talks about what the thinker considered to be important philosophical questions of the origin of society, social life, the questions of laws and factors in the development of society, as well as questions of studying the socio-political life of society.The article also clarifies that the social and political thoughts of Ibn Miskawayh are rooted in his moral teaching, that is, his social and political philosophy is of a moral nature. The socio-political teaching of Ibn Miskawayh is closely connected with his moral teaching, and the thinker connects all socio-political issues with moral categories, in particular with the categories of virtue and depravity.In the article, special attention is paid to the analysis of the socio-political teachings of Ibn Miskawayh, his concept of a healthy society and the ways of achieving stability in society proposed by Miskawayh.

**Key words:** society, social philosophy, socio-political doctrine, ruler, government, system, stability, social life, moral philosophy, social and political problems, social groups, oppression, violence, justice.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатов Пулодҷон Нуралиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ. **Суроға:**734052, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail:**DavlatovP1976@mail.ru** Телефон**: (+992) 93-542-42-91**

**Сведение об авторе:** ***Давлатов Пулодджон Нуралиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент кафедры истории философии и социальной философии философского факультета. **Адрес:**734052, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail:**DavlatovP1976@mail.ru** Телефон: **(+992) 93-542-42-91**

**Information about the author:** ***Davlatov Pulodjon Nuralievich*** - Tajik National University, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of History of philosophy and Social philosophy in philosophycal faculty. **Address:** 734052, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **DavlatovP1976@mail.ru** Телефон: **(+992) 93-542-42-91**

**УДК:1(091) (575.3)**

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ИҶТИМОӢ-СИЁСИИ ТАШАККУЛИ АФКОРИ ФАЛСАФИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

***Ҷӯраев М.Б.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Абдураҳмони Ҷомӣ – шоир, мутафаккир, олим ва мутасаввифи бузурги форсу тоҷик, намояндаи барҷастаи назми классикӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ 7 ноябри соли 1414 ба дунё омадааст. «Падар ва бобои ӯ дар яке аз маҳаллаҳои Исфаҳон вазифаи қозигиро бар ухда доштаанд, вале мустақилият ва қазовати одилонаашон боиси муносибати душманонаи ҳокимони маҳаллӣ нисбат ба онҳо мегардид, ки дар натиҷа падари Ҷомӣ маҷбур мешавад, ки ба Харҷири минтақаи Ҷоми Хуросон, ки мутафаккири зиндаёд дар он ҷо зода шудааст, кӯч бандад. Падару модараш дар айёми кӯдакии Ҷомӣ ба Ҳирот кӯчида, қариб тамоми умри худро дар ҳамин шаҳр гузаронидаанд» [5, с. 42].

Номи пурраи мутафаккир Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмон ибни Низомуддин Аҳмад ибни Шамсуддин Муҳаммад Ҷомӣ мебошад. Ӯ лақабҳои Нуруддин, Имодуддини Даштӣ низ доштааст. Тахаллуси адабӣ-шоирии ӯ «Ҷомӣ» мебошад. Ҳамчунин, ӯро бо номи Даштӣ низ мешинохтанд, зеро ӯ аз маҳаллаи Дашти Исфаҳон (дар Эрон) будааст.

Муҳаққиқони мероси адабии Ҷомӣ бар ин назаранд, ки тахаллуси ӯ ба зодгоҳаш иртибот дорад. Аммо, ба назари мо, дар ин ҷо бояд як нуқтаро ба назар гирифт, ки пеш аз ҳама, дар муқоиса бо мутафаккирони ратсионалист, фаҳмиш ва ҷаҳонбинии ӯ тасаввуфӣ, худи ӯ бошад, як суфӣ буд. Тасаввуф мавҷудияти «неруи мусбат»-и хосеро дар назар дорад, ки асолати мазмуни арзишӣ-маънавии мутаносиб ба таълимот ва ақидаҳои фарҳанги тасаввуфро муайян мекунад. Аз ин рӯ, қисматҳои ахлоқӣ ва эстетикии тасаввуф низ бо неруи мусбат алоқаманд буда, ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ бевосита таъсир мерасонанд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон тахмин кард, ки тахаллуси мутафаккир бо номи Худо – “Ҷомеъ” (“Фарогиранда”) алоқаманд аст. Аммо на ҳамчун сифат (атрибут), балки ҳамчун исм, зеро дар байни онҳо тафовути махсус вуҷуд дорад.

Падараш Низомиддин Аҳмад шахси босавод ва равшанфикр буда, аввалин мураббии Ҷомӣ ба шумор мерафт. Худи Ҷомӣ баъдан навиштааст, ки забонро аз падараш омӯхтааст. Ҷомӣ дар 4-солагӣ ба мактаб рафта, дар муддати ҳафт сол Қуръонро аз бар менамояд. Ӯ зеҳни бурро дошта, донишро зуд аз худ мекардааст. Инчунин, Ҷомӣ сарфу наҳви забони арабиро аз худ карда, бо осори классикони адабиёти форсӣ ошно мешавад.

Ҷомӣ дар синни ёздаҳсолагӣ ҳамроҳи волидонаш ба Ҳирот кӯчида, таҳсилашро дар он ҷо идома медиҳад ва аввал дар мадрасаи «Низомия», баъд дар мадрасаи «Дилкаш» таҳсил намуда, дар он ҷо забони арабӣ, мантиқ, назм, риторика ва фалсафаро аз худ мекунад. Абдураҳмон маърузаҳои олимони намоёнро шунида, ба асосҳои илмҳои дақиқ: астрономия, математика, геометрия низ сарфаҳм меравад. Дар Ҳирот арабшиноси маъруф Ҷунайди Усулӣ аввалин мураббии Ҷомист. Мутафаккир зери роҳбарии ӯ китобҳои донишманди маъруфи Осиёи Миёна Саъдуддини Тафтазонӣ (1322-1389) дар назм — «Мухтасар-ул-маонӣ» ва дар суханронӣ — «Ал-мутаввал»-ро меомӯхт. Сипас Ҷомии ҷавон ба муаллими дигар – Хоҷа Алии Самарқандӣ, ки аз беҳтарин омӯзгорони Ҳирот

маҳсуб мешуд, ошноӣ пайдо кард. Аммо Ҷомӣ дар назди ӯ дурудароз нахонда, ба қавле ҳамагӣ чил рӯз таҳсили илм намудаасту халос. Пас аз он ба шогирдии Шаҳобиддин Муҳаммад Ҷоҷармӣ - шогирди Саъдиддини Тафтазонӣ гузашт. «Ҷомии ҷавон зуд фаҳмид, ки муаллимони Ҳирот зеҳни пурсамари ӯро қонеъ намегардонанд. Аз ин рӯ, ӯ ба Самарқанд кӯчида, дар расадхонаи Улуғбек маърузаҳои ситорашиносони машҳурро мешунавад» [14,с. 66-67].

Ҷомӣ дар Самарқанд ва Бухоро низ ба мадраса дохил шуда, дониши худро дар соҳаи геодезия ва калом аз олимони варзида такмил медиҳад. Устодонаш қобилиятҳои истисноӣ ва ташнагии беандозаи дониши ӯро қайд кардаанд: «Дар Самарқанд, марде, ки ба ақлу хирад ва заковати ин марди Ҷом баробар аст, то ҳол аз оби дарёи Ому ба мо нагузаштааст» [12, с. 46-50]. Инчунин, дар китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров дар бораи қобилияти ӯ чунин маълумотҳо мавҷуд мебошанд: “Аз он қасидае, ки дар соли 1487 оид ба шарҳи ҳоли худ навиштааст, чунин маълум мешавад, ки вай илми шеър ва қофия, сарфу наҳв, мантиқ, ҳикмати Шарқ ва Юнон, табииёт, риёзиёт ва илми ҳайъатро омӯхта, баландтарин дараҷаи дониши замонаро аз худ карда будааст” [6,с. 688].

Манзили ӯ дар Самарқанд дар мадрасаи Улуғбек то имрӯз боқӣ мондааст. Ҳам дар ин шаҳр ва ҳам дар Ҳирот бисёре аз олимони барҷаста зиндагӣ мекарданд, вале ба гуфтаи худи Ҷомӣ, ӯ ҳеҷ яке аз онҳоро ягона устоди худ намеҳисобид, зеро дар мадрасаҳои ин шаҳрҳо бештар ба шарҳи баъзе ҷузъиёти майда-чуйда мепардохтанд, масъалаҳои асосӣ яксӯ гузошта мешуданд. Бародари хурдии Ҷомӣ, Мавлоно Шамсиддин Муҳаммад дар илова бар андешаҳои бародараш гуфт, ки барои бисёре аз олимони ин замон илм танҳо аз калом иборат аст.

Ҷомӣ ҳангоми таҳсил дар мадрасаҳои Ҳироту Самарқанд тавонист дар соҳаҳои гуногуни илм дониши хубе ба даст оварад. Ӯ арабӣ ва суханшиносиро медонист ва аз фалсафаи машшоия ва афлотуниён баҳравар буд. Аз илмҳои дақиқ: математика, астрономия ва космографияро медонист. Ҷомӣ ба санъат низ шавқу ҳаваси беандоза дошт, ки рисолаи ӯ дар бораи мусиқӣ гувоҳи ин аст. Маълумоти гирифтааш махсусан омӯзиши асосҳои тасаввуф ва нақшбандия барояш пайомадҳои хубе ба бор овард, ки дар натиҷа таклифҳои зиёдеро рад карда, соли 1456 ба ин ҷодаи тасаввуф дохил мешавад. Ҷомӣ дар китоби худ «Нафаси дӯстӣ» мегӯяд, ки Хоҷа Муҳаммади Порсои Бухороӣ (вафот соли 822/1419) дар ташаккули тасаввуфи ӯ нақши муҳим доштааст. Чунонки худи мутафаккир менависад, Хоҷа Муҳаммади Порсоро дар ноҳияи Ҷом зиёрат кардааст. Ҷомӣ он вақт ҳатто панҷсола набуд, ки Хоҷа ба ӯ як қанди кирмонӣ додааст. «Баъдтар, вақте ки Ҷомӣ аллакай шастсола мешавад, бо ёдоварӣ аз ин дидор мегӯяд, ки чеҳраи муқаддаси Хоҷа Муҳаммади Порсо ҳанӯз аз ёди ӯ нарафтааст ва осори нигоҳи муқаддаси шайх ва суханонаш дар дили ӯ то охири умр боқӣ мемонад» [16,с. 39].Ҳусайни Кошифӣ дар «Рашаҳот-ул-ҳаёт» номгӯйи устодони тариқаи тасаввуфро овардааст, ки Ҷомӣ дар давраҳои мухталифи ҳаёти худ бо онҳо вохӯрдааст: Мавлоно Фахруддини Луристонӣ, Ҳоҷӣ Бурҳониддин, Абунасри Порсо, Баҳоуддини Умар, Ҳоҷӣ Шамсуддин Муҳаммади Кусусӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Абуязид, Мавлоно Шамсуддин Муҳаммад Аҳмад Асад, Хоҷа Бурҳониддин [10, с. 83].

Аммо дар ин ҷодаи илм устоди асосии маънавии ӯ Саъдиддини Кошғар буд, [18,с. 50] ки таълимоташ бо тамоми муқарраороти асосии он бо таълимоти асосгузори ин унвон Баҳоуддини Нақшбандӣ мувофиқат мекунад [6, с.142].

Ҳамин тариқ, Ҷомӣ дар иҳотаи мураббиёни пешқадами нақшбандия ба воя расида, баъдан дар баробари Алишери Навоӣ, Саид Шарифи Ҷузҷонӣ, Ҳусайни Воизии Кошифӣ, Қосими Анвар, Хоҷа Аҳрор ва дигар суфиҳо ба мақоми эътирофшудаи замона омада расид. Ӯ ҳеҷ гоҳ саъй намекард, ки дар маркази таваҷҷуҳ бошад, аз тафриқаи қасрӣ канораҷӯӣ мекард, вале аксаран бо мардуми одӣ муошират мекард ва нисбат ба онҳо хеле саховатманд буд. Дар Ҳирот Ҷомӣ мадрасае сохтааст, ки дар он барои шогирдон ва дӯстони наздикаш аз назарияи назм, фалсафа ва мушкилтарин масъалаҳои калом дарсҳо медод. Гоҳе дар ин дарсҳо осори мутафаккир мавриди омӯзиш қарор гирифта, баъдан на танҳо дар бораи тасаввуф, балки дар бораи абёти шоирӣ, мусоҳибаҳо, баҳсҳои адабӣ оиди масъалаҳои назму наср, мусиқӣ ва рассомӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифтаанд.

Ашъори Ҷомӣ аксаран дар шакли ғазаланд. Ӯ на танҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон, балки дар Эрону Ироқ, Ҳиндустон, Осиёи Хурд ва ғайра машҳуру маъруф гардида буд. Ӯ дар қасидаи тарҷумаиҳолии худ бо номи “Қатраҳо оиди ҳаёти худ”, ки соли 1488 навишта буд, тавассути гуфторе бо ибороти фахрӣ дар бораи маъруфияти худ ишора мекунад:

«...Чандон ашъорам маро дар олам машҳур сохтаанд.
Уқёнус оҳанги шеъри маро аз ибтидо то интиҳо мерасонад.
Навозандагон каломи маро ба оҳанг ва завқ месароянд.
Сарояндагони ҳақиқат ба роҳи дилхушӣ ҳидоят мекунанд.
Агар ба форс равад корвони ашъорам,
Равони Саъдию Ҳофиз кунандаш истиқбол.
В-агар ба Ҳинд расад Хусраву Ҳасан гӯяд,
Ки: «Эй ҷаҳони ҳунар, марҳабо, таол, таол!»

Дар ҳамаи кишварҳо гуфтаҳои ман чунон паҳн шуда буданд, ки ҳар касе маро гӯш мекард, итоат мекард [1,с. 9] Воқеан, нуфузи ӯ ҳамчун мураббӣ ва сарвари шоирон дар назди султон Ҳусейн хеле баланд буд, зеро ӯ бузургтарин шахсияти даврu замони худ, бузургтарин шоир, олим ва ҳаким ба ҳисоб мерафт.

Ҷомӣ ба духтари писари калонии Саъдуддини Кошғарӣ издивоҷ карда, аз ӯ соҳиби чаҳор писар шуд. Аммо мутафаккир дар ҳаёти оилавӣ хушбахт набуд, чунки фарзандонаш пайдарпай вафот карданд. «Худи шоир рӯзи ҷумъа 19 муҳаррами 898/6(7) ноябри соли 1492 дар синни 78-солагӣ дар Ҳирот даргузашт. Аз марги ӯ тамоми мардуми Ҳирот мотам гирифтанд. Дар маросими дафн худи Султон Ҳусайн ҳамроҳи ҳамсафаронаш иштирок дошт [11]. Тобути Ҷомиро шоҳзодаҳои Темуриён ба қабристон бурданд. Алишер Навоӣ дар марги Ҷомӣ марсияе навишт, ки матни онро воизи маъруфи Ҳирот Ҳусайни Воиз аз минбар хондааст [14,с. 84]. Аҳолии Ҳирот барои мутафаккир як сол мотам гирифтанд. Мақбараи Ҷомӣ то имрӯз макони зиёратгоҳ боқӣ мондааст.

Шоир ба ворисонаш мероси бузурги маънавӣ гузоштааст. Фаъолияти ҳамаҷонибаи илмию адабии ӯ хеле барвақт оғоз шуда, то охири умраш идома ёфт. Ба гуфтаи баъзе муҳаққиқон, мероси эҷодии ӯ тақрибан ба 50 номгӯйи асарҳо мерасад ва ба қавли М. Турсунзода, ӯ соҳиби 99 китоб аст. Алишер Навоӣ китобҳои А. Ҷомиро 35 номгӯй зикр мекунад. Е.Э. Бертелс бошад, чунин менигорад: "Ба гумонам рақами 45-47 (адади китобҳои Ҷомӣ) эҳтимолан ба рақами ҳақиқӣ наздиктар аст" [15,с. 13].

Асарҳои Ҷомӣ аз ҷиҳати мазмун хеле бой буда, онҳо ба масъалаҳои гуногуни назарияи адабиёт, шеър, мусиқӣ, таърих, нуҷум, ахлоқ, фалсафа, тасаввуф ва ғайра бахшида шудаанд. Рӯйхати хронологии осори шоир, ки дар даврҳои гуногун тартиб дода

шудааст, борҳо аз тарафи пайравону шогирдонаш манзараи воқеии осори асили ӯро инъикос мекунад, ки шумораашон гуногун аст. Масалан, Алишери Навоӣ дар «Хамсат-ул-мутаҳаййирин» унвони 39 китоби Ҷомӣ, Абдулғафури Лорӣ дар «Такмил бар ҳавоиши «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ» – 47 китоб, Абдулвасӣ Низомӣ дар «Ҳаёти эҷодии Мавлавӣ Ҷомӣ» («Мақоми Мавлавӣ Ҷомӣ») – 42 китоб, Биноӣ «Беҳрӯзу Баҳром» («Беҳрӯз ва Баҳром») – 40 китоб, Сом Мирзо дар китоби «Туҳфаи Сомӣ» - 45 китоб, Абдулқосими Казарунӣ дар «Суллам-ус-самовот» – 37 китоб ва Шерхон Лудӣ дар «Миръат-ул-хаёл» - 99 китоби Абдураҳмони Ҷомиро номбар кардаанд [17, с. 48-49].

Ба андешаи муҳаққиқи Ҷомӣ Аълохон Афсаҳзод, «тули асрҳост, ки доираи мероси Ҷомӣ мавриди баҳс қарор гирифта, бештари донишмандон ақида доштаанд, ки теъдоди осори Ҷомӣ ба қимати ададии ҳарфҳои тахаллуси ӯ (Ҷомӣ) баробар аст. Тибқи низоми анъанавии абҷад дар алифбои арабӣ ҳарфи “Ҷим” ба рақами 3, ҳарфи “Алиф” ба рақами 1, ҳарфи “Мим” ба рақами 40 ва ҳарфи “Ё” ба рақами 10 ифода меёбанд. Ҷамъи онҳо дар вожаи “Ҷомӣ” баробар ба 54 аст. Дар ин бора хабари аввалро дар “Тазкират-ут-таворих”-и Абдуллоҳи Кобулӣ, ки миёни солҳои 990-1010/1582-1601 таълиф шудааст, мебинем» [3, с. 41].

Бояд гуфт, ки нишондиҳандаҳои библиографии осори Ҷомӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ва мамолики хориҷӣ аз соли 1917 то соли 1988 борҳо бознашр гардидаанд [2]. Дар ин нишондодҳо рӯйхати хронологии осори мутафаккир низ дар байни 40-50 унвон тағйир меёбад.

Ба назари мо, муътамадтаринаш феҳристи хронологии осори Ҷомӣ мебошад, ки аз ҷониби муҳаққиқи тоҷик Аълохон Афсаҳзод тартиб дода шудааст. Дар ин рӯйхат чунин такрорҳо мавҷуд нест, зеро мо бо муҳаққиқоне, чун Саид Нафисӣ, Шерхон Лудӣ, Бертелс Е.Э., Ҳошим Розӣ ва дигарон вомехӯрем, ки ба як китоб унвонҳои гуногун медиҳанд [3,с. 43]. Ҳамин тариқ, ба гуфтаи А. Афсаҳзод рисола ва китобҳои саҳеҳи Ҷомӣ инҳоянд [4, с.158-192]:

**I. Асарҳои илмӣ:**

1. Рисолаи арӯз.
2. Рисолаи қофия.
3. Рисолаи мусиқӣ.
4. Рисолаи кабир дар муаммо.
5. Рисолаи мутаввасит дар муаммо.
6. Рисолаи сағир дар муаммо.
7. Рисолаи асғари манзума дар муаммо.
8. Ал-Фавоид-уз-Зиёиф («Дастур ба Зиёуддин»).
9. Сарфи Форсии манзум ва мансур.
10. «Нафаҳот-ул-унс» («Нафаси дӯстӣ»).
11. Нақд-ун-нусус фи шарҳи «Нақш-ул-фусус» («Танқиди муқаррароти тафсирҳо дар бораи «Нақшҳои ҷавҳарҳо»).
12. Лавоиҳ («Лавҳаҳо»).
13. Лавоим («зарраҳои дурахшон»).
14. «Шарҳи қасидаи таия» («Шарҳи қасидаи рубоӣ бо ҳарфи «та»).
15. «Шарҳи рубоиёт».
16. Ашъат-ул-ламаот («Беҳтарин дурахшанда»).

17. Шарҳи байтайни «Маснавӣ»-и Мавлавӣ («Шарҳи ду байти ибтидои «Маснавӣ»-и Мавлавӣ).

18. «Шарҳи байти Амир Хусрав».

19. Рисолаи суханони Хоҷа Порсо.

20. Рисолаи шароити зикр.

21. «Шарҳи ҳадис».

22. Таҳқиқ-ул-мазоҳиб.

23. Рисолатун фи-л-вуҷуд («Рисола дар бораи вуҷуд»).

24. Шарҳи баъзе аз «Мафотиҳ-ул-ғайб».

25. Рисолаи ҷавоби суоли Ҳиндустон.

26. Шарҳи «Фусус-ул-ҳикам» («Тафсири ҷавоҳири ҳакимон»).

27. Рисолаи маносики ҳаҷ ва умра.

28. Рисолаи кабири маносики ҳаҷ.

29. Тафсир («Тафсири Қуръон»).

30. Шавоҳид ан нубувват ли тақвият-ил-яқин ан футувват (“Шаҳодат аз нубувват дар ҳимоят аз ашроф”).

31. Рисола дар бораи астрономия.

**II. Асарҳои санъат**

32. Девони аввал - «Фотиҳат-уш-шабоб» («Оғози ҷавонӣ»).

33. Девони дуюм — «Воситат-ул-иқд».

34. Девони сеюм — «Хотимат-ул-ҳаёт» («Хулосаи хаёт»).

35. Дафтари якум – «Силсилат-уз-заҳаб» («Занҷири тиллоӣ»).

36. Дафтари дуюм - «Силсилат-уз-заҳаб» («Занҷири тиллоӣ»).

37. Дафтари сеюм – «Силсилат-уз-заҳаб» («Занҷири тиллоӣ»).

38. “Саломон ва Абсол”.

39. Туҳфат-ул-аҳрор («Туҳфаи озодагон»).

40. «Суҳбат-ул-аброр» («Суҳбати накукорон»).

41. «Юсуф ва Зулайхо».

42. «Лайлӣ ва Маҷнун».

43.”Хирадномаи Искандарӣ″.

44. “Баҳористон”.

45. “Чиҳил ҳадис”.

46. Рисолаи “Муншаот” (Маҷмӯаи мактубҳо) ва ғайра.

Бояд таъкид намуд, ки дар осори Ҷомӣ тамоми пажӯҳишҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XV инъикос ёфтаанд.

Дар байни осори мутафаккир рисолаҳое, ки ба илми риёзӣ бахшида шудаанд, зиёданд ва ин бесабаб нест. Зеро Ҷомӣ дар ибтидо ҳамчун оҳангсози ғазали суннатӣ вориди роҳи адаб шуд. Дар ин ҷода вай муваффақияти зиёд ба даст овард, ҳатто «тамомкунандаи» назми классикии форсӣ номида шуд. Мутафаккир ҳамчун шоири моҳир шаклу мазмунро дар эҷодиёти назм хеле органикӣ ба ҳам пайвастааст. Вай қувваи бузурги таъсиррасониро ба шуур ва руҳи одамони каломи бадеӣ хеле хуб медонист.

Яке аз муҳаққиқони тоҷик Ё. Одинаев дар яке аз мақолаҳои худ оид ба инкишофи адабиёти фалсафию ирфонӣ дар асри XV қайд намудааст, ки Абдураҳмони Ҷомӣ низ дар ин раванд нақши зиёд бозидааст. Ба ақидаи ӯ, дар навсозии сифатии жанрҳои назм ҳисса

гузоштааст. Дар олами интеллектуалии Шарқи Наздик адабиёт ҳамеша мавқеи намоёнро ишғол мекард. Аз ҷумла, олим менависад, ки «барои ҷамъияти адибони асрҳои XIV-XV мубоҳисаҳои гуногуни адабӣ, озмунҳои шоирон, таҳия ва муҳокимаи на танҳо асарҳои худашон, балки осори адибоне, ба монанди Фирдавсӣ, Умари Хайём, Низомӣ, Анварӣ, Саъдӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофиз низ одат будааст» [13, с.171-172].

Рисолаҳои шоиронаи дар боло зикргардида талаботи ҳамон замоне буданд, ки Ҷомӣ дар он зиндагӣ мекард. Махсусан шавқу ҳаваси калони адибон жанри нави «муаммо»-ро ба вуҷуд овард, ки дар ташаккул ва инкишофи он Ҷомӣ ва шогирди ӯ Алишери Навоӣ иштирок доштанд. Бахшида ба қоидаҳои «муаммо» низ рисолаҳои илмӣ навиштаанд. Ба гуфтаи муҳаққиқи ин жанри классикии назм А. Зоҳидов, «дар адабиёт «муаммо» ба сифати жанри шоирона амал мекунад, ки аз як байт – «фард» ё чор мисраъ, баъзан - «қитъа» иборат аст ва ҳатто дар таркиби ғазал ба воситаи қоидаҳои гуногун барои ошкор кардани номи муайян ё чизи дигар ба сифати «ишора» лозим аст. Ба андешаи назариётчиёни ин жанр, муаммо сухани шоирона (каломи мавзун) аст, ки тавассути он хонандагон бояд номи дар он мавҷудбударо муайян карда, матни асосиро дарк кунанд. Ҳангоми тафсири «муаммо» аломату ташбеҳҳо, усулҳои маҳорати бадеӣ, шаклу номҳои ҳарфи алифбо, арзиши ададии ҳарфҳо, аломатҳои байтушшараф, шакли шумораҳо, қоидаҳои грамматикӣ, хусусиятҳои маъноӣ ва луғавии калима бояд ба инобат гирифта шаванд» [9, с.8-9].

Бояд гуфт, ки эҷодиёти Ҷомӣ бо мавзуъҳои гуногун ва услуби пурмазмуни шеърӣ фарқ мекунанд. Албатта, ӯ бо навиштани ғазал маҳдуд набуд. Чунонки имрӯз маълум аст, онҳо сеяки мероси адабии мутафаккирро ташкил медиҳанд. Ҷомӣ ҳамчун шоир ва мутафаккир ба лирикаи тасаввуф таваҷҷуҳи зиёд дошт ва онро ба синтези эҷодии шахсии худ тобеъ кард, то қонунияти мавҷудияти ақидаҳои тасаввуфӣ дар динро исбот кунад, назария ва амалияи тасаввуфро асоснок ва ҳифз намояд. Дар баробари ин ба суннатҳои лирикаи тасаввуфӣ, реша ва пайдоиши он низ пардохтааст. Дар маркази системаи ӯ таҳлил, тафсир ва боздиди осори Ибни Арабӣ ва Фахриддини Ироқӣ қарор дошт.

Асарҳои ӯ: «Рисолаи қофия», «Рисолаи арӯз», «Лавоиҳ», «Шарҳи рубоиёт», «Ашъат-ул-ламаот», «Нафаҳот-ул-унс», «Шавоҳид-ун-нубувват», «Ҳафт авранг» осори ӯ дар баробари матнҳои устодонаш инчунин маҷмуи матнҳои бунёдии тасаввуфро низ ташкил медиҳанд. Аз нуқтаи назари таъсири минбаъда ба инкишофи таълимоти тасаввуф рисолаҳои «Лавоиҳ» ва «Шарҳи рубоиёт» аҳамияти калон доранд [13,с.172-173].Ҷомӣ ба қолаби жанри шеър, унсурҳои шаклҳои дигари жанрии назмро низ ворид кардааст. Бо ин васила вай ба шеър шакли умумибашарии поэтикию ирфонӣ ва фалсафӣ додааст, ки дар он ҳар он чизеро, ки мавзуи асосии таълимоти тасаввуф, ба мисли масъалаҳои имон, мушкилоти озодии ирода ва тақдир, муҳокима дар бораи дараҷаҳои ақл, тавба, сабр, ишқи илоҳӣ ва ғайра буд, дар шакли шоирона ифода кардан мумкин буд.

Ҷомӣ ба мисли Ал-Форобӣ ва Ибни Сино «файласуфи касбӣ» набуд, вале бо вуҷуди ин, ба ғайр аз рисолаҳои фалсафаи тасаввуф, асарҳои махсус оиди баёни илмии масъалаҳои фалсафӣ эҷод нанамудааст. Зеро таҳлили маводҳои фалсафӣ аз муҳаққиқ диққати комил, ҳассосият ва объективияти ҳақиқатан илмиро талаб мекунад [14, с. 35-36]. Мутафаккир, аслан, осори сирф фалсафӣ-ахлоқӣ надорад. Зеро ӯ файласуфи касбӣ – машшоъ набуд, балки суфӣ, шоир ва мутафаккир буда, назари худро ба ҷаҳониён то андозае дигар баён кардааст.

Яъне, дар осори Ҷомӣ набояд мафҳумҳои амиқи илмӣ-фалсафиро ҷустуҷӯ кард. Шоир, ки дорои тафаккури мифологӣ ва метафизикӣ аст, дар эҷодиёти худ ба ҷустуҷӯи таълимоти фалсафӣ ҳамчун система ва ё усули шинохти ҷаҳон кӯшиш накардааст. Тааҷҷубовар нест, ки порчаҳои адабию шоирӣ ва ҳамзамон фалсафии ӯ аз сабки фалсафии файласуфони касбӣ, чун Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд ва дигарон тафовут доранд, зеро раванди тафаккур бо афкори нав тадриҷан ғанӣ мегардад. Аз ҳимояи мавқеи тасаввуф ва рафъи «фоҷиаи ҳастӣ» ба хулосае меояд, ки масъалаҳои метафизикиро на фалсафа (ратсионализм), балки тасаввуф (ирратсионализм, теософия) ҳал менамояд. Зеро ақл (фалсафа) худ ба худ ба бесарусомонӣ ва анархияи ғаризаҳо муқобилият карда наметавонад, балки танҳо дар иттифоқ бо тасаввуф ва илоҳиёт инсон метавонад ба ҳар як чизи пасту тира дар худ ғалаба кунад.Бар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки Ҷомӣ таълимоти ахлоқии худро дар ягон асари махсус баён накарда, балки он дар тамоми осори ӯ, чи дар назмӣ ва чи насрӣ фаро гирифта шудааст ва ин омӯзиши принсипҳои ахлоқии шоирро хеле душвор месозад. Зеро онҳоро аз матнҳои умумии Ҷомӣ ҷудо намудан лозим аст.Ин ҷо бошад, китобҳоеро номбар мекунем, ки дар онҳо проблемаҳои дорои характерҳои гуногун таҳлил мешаванд, вале дар айни замон онҳо бо масъалаҳои фалсафию ахлоқӣ ба ин ё он ҷиҳат алоқамананд, ки Ҷомӣ ба онҳо аҳамияти калон додааст. Аз ҷумла, «Таҳқиқ-ул-мазоҳиб» («Тадқиқот дар бораи мактабҳои динӣ ва ҳуқуқӣ» (мазҳабҳо), «Рисолатун фи-л-вуҷуд» («Рисола оиди вуҷуд»), «Рисолаи суол ва ҷавоби Ҳиндустон» аз ҷумлаи чунин асарҳо мебошанд. «Рисола дар посух ба баҳси Ҳинд», «Шарҳи «Фусус-ул-ҳикам», «Нафаҳот-ул-унс», “Лавоиҳ”, “Ашъат-ал-ламаат” (“Нурҳои дурахшон”), «Рисолаи суханони Хоҷа Порсо» («Рисола дар бораи гуфтаҳои Хоҷа Порсо»), «Рисолаи шароити зикр», «Саломон ва Абсол», «Туҳфат-ул-аҳрор», «Субҳат-ул-аброр», «Юсуф ва Зулайхо», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Хираднномаи Искандарӣ», «Баҳористон» ва ғайра.

Дар байни асарҳои сершумори тасаввуфӣ-ахлоқии мутафаккир «Лавоиҳ» яке аз барҷастатарин асарҳо маҳсуб мешавад. Ин асари хурд тақрибан дар соли 1465 таълиф шуда, маҷмуи тафсирҳои ақидаҳои асосии таълимоти ӯ оиди тасаввуф, ба мисли «тавҳид», «фано», «бақо» ва ғайра мебошад.Китоби дигари ӯ «Таҳқиқ-ул-масоҳиб» тамоми мафҳумҳои фалсафӣ-ирфонӣ ва метафизикии машшоияи Шарқ, мутакаллимони тасаввуф оид ба масъалаҳои ҷавҳари илоҳӣ, моҳият ва сифатҳои Худо, ва ғайраро фаро гирифтааст. «Туҳфат-ул-аҳрор» яке аз осори умдаи тасаввуфӣ-ахлоқии Ҷомӣ буда, соли 1481 таълиф гардидааст, ки масъалаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва тасаввуфиро дар бар мегирад. Китоб аз чор қисмат иборат буда, дар қисмати чоруми он масъалаҳои ахлоқӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Инчунин, дар он оиди ифшои асрори дил, виҷдони пок, дараҷаи дониш ва шеър бо асолати «адабӣ»-аш навишта шудааст. Мутафаккир дар асари мазкур дар бораи офариниши оламу одам, дар бораи рисолати намояндагони дин ва олимон, дар бораи зиндагии ҳокимон, дар бораи манфиатҳои донише, ки бояд бо амалия алоқаманд бошанд, дар бораи пирӣ ва ҷавонӣ, дар бораи зебоӣ ва ишқ ва монанди инҳо манзумаҳо баён намудааст. Е.Э. Бертелс ин асарро бо «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ муқоиса намуда, менависад: «Агар ибтидои асар баёни шево-фалсафии Низомӣ нишон диҳад, нимаи дуюми он хеле тезутундтар буда, манзараи худсарии нафратангези феодалиро бепарда нишон додааст» [7, с.260].

Яке аз асарҳои дигари ӯ маснавии «Юсуф ва Зулайхо» мебошад, ки соли 1483 таълиф гардидааст. Маснавии мазкур пур аз масоили тарбиявӣ аст. Маълум аст, ки ривоят дар бораи Юсуф ва Зулайхо дар Қуръон мавҷуд аст. Аммо дар байни мардум он хусусиятҳои нав пайдо карда, ба «қиссаи ишқи равшан, ноумедӣ, дарднок ва фарогири Зулайхо-зани ашрофзодаи мисрӣ Пантефрий, ки онро Абдураҳмони Ҷомӣ Азиз қаламдод кардааст» [3, с.101] табдил ёфт.

Маснавии «Хирадномаи Искандарӣ», ки дар солҳои 1485—1490 таълиф шуда буд, фарогири масоили гуногуни ахлоқӣ-тарбиявӣ мебошад. Дар он ҳадафи асосии Ҷомӣ ҷилавгирӣ аз бадахлоқии ҷомеа, нигоҳ доштани мардум ва ҷомеа аз аъмоли нопок аст. Шоир дар бораи баланд бардоштани шаъну шарафи инсон, ҳокими некхоҳ ва ғайра андешаронӣ намудааст. Ба гуфтаи академик Бобоҷон Ғафуров “Ҷомӣ дар “Хираднома ” ном яке достонҳои “Ҳафт авранг” дар пайравии Форобӣ ва Низомӣ кишвари хаёлиеро тасвир намудааст, ки сокинони он ҳама дар мусовот зиндагӣ карда, дар байни онон аз дорову нодор ва аз золиму мазлум асаре дида намешавад” [8, с.689].Ҷомӣ тавассути забони файласуфони юнонӣ андешаҳои худро дар бораи «шаҳри неку» ва як қатор масъалаҳои муҳимми фалсафӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ахлоқӣ баён мекунад.

Яке аз асарҳои машҳуртарини ӯ «Баҳористон» (1487) аст. Он аз муқаддима ва ҳашт боб иборат буда, ҳар яки онҳо номи ба худ хос доранд. Дар боби аввал аз рӯзгори шайххо ва хирадмандони машҳур, дар боби дуюм гуфтаҳои хикматноки бузургон, дар боби сеюм аз ҳаёти салотин, адолат, фазилат ва таъсироти руҳӣ, дар боби чорум моҳияти принсипҳои ахлоқӣ, монанди саховатмандӣ, шуҷоат ва ғайра, боби панҷум аз қиссаҳои ҷолиб: ишқи дилчасп ва дӯстии самимӣ, дар боби шашум қиссаҳои ҳаҷвӣ, шӯхиҳои тезутунд ва қазияҳои хандаовар, дар боби ҳафтум дар бораи байт, пайдоиши он ва шаклҳои гуногуни назм ва наср маълумот додааст. Б.Ғафуров чунин менависад: “Баҳористон” ном асари ӯ, ки дар равияи “Гулистон”-и Саъдӣ таълиф ёфтааст, аз беҳтарин намунаҳои насри асри XV маҳсуб мегардад” [8, с.689].

Ҳамин тавр, таҳлили мухтасари осори Ҷомӣ нишон медиҳад, ки мероси фалсафӣ, ахлоқӣ, тасаввуфӣ ва адабии ӯ воқеан асил буда, ҷанбаҳои зиёди арзишманд дорад. Дарки сирф илмии ин парадигма бо вуҷуди инкишоф додани ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони гузашта тавонист комёбиҳои афкори ахлоқии пешинро умумият диҳад ва ҷиҳати амалии илми ахлоқро хеле васеъ намояд.

**Муқарриз:Усанов Р.Т. – к.ф.н., дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Абдураҳмони Ҷомӣ. «Васитат-ул-иқд» ва «Хотимат-ул-ҳаёт».- М.: Наука, ГРВЛ, 1980. – С . 9.
2. Абдураҳмони Ҷомӣ: Библиография. Асари ишорашудаи Ҷомӣ ва адабиёт дар бораи ӯ. Нашриёти СССР. -С. (1917-1988).
3. Афсаҳзод А. Лирикаи Абдураҳмони Ҷомӣ. – С.43.
4. Афсаҳзод А. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Дониш,1980. – С. 158-192.
5. Бертельс Е. Э. Абдуррахман Джами и его дружба с Навои // Известия Академии наук СССР. Серия литературы и языка. – 1947. -Том VI. - № 6. – С.42.
2) Аз рӯйи он порчаҳои шеъри ибтидоии бо забони форсӣ, ки то мо расидаанд, он дар муҳити мардумии манотиқи шарқии Эрон – дар Хуросону Мовароуннаҳр ташаккул ёфтаанд. Нахустин шеъре, ки то мо расидааст, ба соли 725 тааллуқ дошта, суруди ватандӯстонаи мардуми Балх мебошад. Сатрҳои шоири охири асри VIII ё ибтидои асри IX Абулянбоғи Аббос ибни Тархони Самарқандӣ низ чунин характер доранд. Муваффақиятҳои шуубияи эронӣ барои бартараф намудани ҳукмронии забони арабӣ дар адабиёти халқҳои эронӣ роҳ кушод. Кӯшишҳои алоҳида дар ин самт аллакай дар марҳилаи аввали фаъолияти шуубиён сурат гирифта буданд. Дар бораи он ки Башор ибни Бурд дар айёми ҷавониаш шеъри форсиро эҷод мекард, далелҳое мавҷуданд, ки ӯ анъанаи ашъори бодиянишинонро вайрон карда, дар ашъораш калима ва ибораҳои томро ба забони форсӣ ва суханони Абунувос ворид карда буд. Ҳамчунин, ситоишҳоеро, ки Аббоси Марвазӣ дар соли 809 дар Марв ба сарвари ҷунбиши шуубия Маъмун дар оғози муборизааш барои ҳокимияти олӣ дар хилофат гуфта буд, [4, с.30] ба назари мо, муътамад ба назар мерасанд.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки забони нави адабӣ (форсӣ) дар асоси гуфтори мардуми Хуросон ташаккул ёфта буд, зеро дар он ҷо ҳаракати озодихоҳии зидди хилофат аввалин пирӯзии сиёсиро ба даст овард. Лаҳҷаи Хуросон то ҳол ба забони адабии тамоми гӯйишҳои форсӣ наздиктарин аст. Забони нави адабӣ, ки аввал форсии дарӣ ва баъдтар форсӣ номида мешуд, нахуст дар ашъори маддоҳонаи дарбор васеъ истифода бурда шуда, ба он эпитети «дарӣ» (аз ин ҷост, ки «форсии дарӣ») зам мешавад. Баъдан, мафҳуми «дарӣ», маънои «пок», «дуруст», «адабӣ»-ро касб мекунад.

Дар байти шоироне, ки нахустин маротиба ба форсӣ менавиштанд, дар баробари ваҷҳҳои маддоҳона (ки онҳо низ як равияи ватандӯстӣ доштанд, зеро онҳо истиқрори давлатдории мустақилро тараннум мекарданд) ҳамчунин афкору руҳияи мардумӣ (хусусан дар намунаҳои боқимондаи ашъор аз Ҳанзалаи Бодғисӣ, Абусалик ва ғ.) дошта низ инъикоси худро меёфтанд. Дар охири асри IX Масъуди Марвазӣ кӯшиш намудааст, ки баománтаври шоирона достони эронӣ (прототипи «Шоҳнома»)-ро эҷод намояд.

3) Ибтидои асри X барои инкишофи адабиёт дар давлати нисбатан мутамаркази феодалии Сомониён, ки аз хилофати араб мустақил буд, шароити мусоид фароҳам омад. Бухоро на танҳо пойтахти ин давлат, балки маркази ҳаёти мадании тамоми Эрони Шарқӣ ва Осиёи Миёна низ гардид. Аввалин мактаби бузурги назм ва насри форсӣ дар он ҷо шакл гирифт ва ривоҷ ёфт. Фаъолияти ин мактаб барои инкишофи минбаъдаи адабиёти классикӣ аҳамияти беназир дошт.

Ҳамзамон бо Рӯдакӣ ва баъд аз ӯ беш аз панҷоҳ нафар шоирону мутафаккирони барҷаста дар Бухоро ва дигар шаҳру ноҳияҳои давлати Сомониёни асри X умр ба сар бурдаанд, ки аксари онҳо на танҳо ба забони форсӣ, балки ба забони арабӣ низ эҷод кардаанд. Аз ҷумла, Абушакури Балхӣ, муаллифи аввалин шеъри дидактикии «Офариннома» (Китоби ситоишӣ); Дақиқӣ, асосгузори «Шоҳнома», ки офариниши ҳақиқии он ба шарофати Фирдавсии бузург ба анҷом расонида шудааст. Таълифи чунин маҷмуаи достонҳои қаҳрамонӣ аз муҳимтарин вазифаи шуубияи Эрон буда, на як бору ду бор дар давлати Сомониён дар нимаи аввали асри X ба иқдом гирифта шудааст. Вале, эҳтимол меравад, ки ин кӯшишҳои аввалин барои аз нав сохтани ин маҷмуаҳо, аз сабаби нопурра будан ё сатҳи пасти бадеӣ доштан ба озмоиши замон тоб наоварданд. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (ки аз байтҳои навиштаи Дақиқӣ оғоз мегирад) барҷастатарин асари давраи мавриди таҳқиқи мо мебошад, ки ба ганҷинаи назми ҷаҳонӣ шомил гардидааст.

Ҳалқаи пайвандкунандаи доираи адабии Эрони Шарқӣ ва Эрони Ғарбиро осори гаронмояи мутафаккири бузург Ибни Сино ташкил медиҳад, ки ӯ фаъолияти худро дар давлати Сомониён оғоз бахшида, дар Эрони Ғарбӣ ба анҷом расонидааст. Пешқадамтарин ва маъмултарин ғояҳои халқӣ дар адабиёт ин шинохти бадеии гуманизми инсонӣ, инкишофи ваҷҳҳои ватандӯстона ва таблиғи идеали «шоҳи одил» буд.

Дар Бухоро аввалин асари бадеии форсӣ «Синбоднома» мебошад, ки соли 950 аз тарафи Абулфаворис Каноризӣ аз форсии миёна ба форсии дарӣ тарҷума шуда, мақсади аслии ин маҷмуаи қиссаву афсонаҳои ибратомӯзи асили ҳиндӣ таълими тавонгарон ва раҳнамун сохтани онҳо ба сӯйи хирадмандӣ мебошад.

4) Агар пайдоиш ва ташаккули адабиёт ба забони форсии дарӣ дар Хуросон ва сарзамини Осиёи Миёна сурат гирифта бошад, пас дар Эрони Ғарбӣ забони адабии нав танҳо аз ибтидои асри X паҳн мешавад, ки сабаби аосии он дертар оғоз шудани ҳаракатҳои миллии озодихоҳӣ мебошад. Аввалин давлатҳои мустақил дар Эрони Ғарбӣ - Зиёридҳо ва Буидҳо танҳо дар солҳои 30-уми асри X мустаҳкам шуданд. Пойтахтҳои ҳокимони нав дар Гургон, Рай, Исфаҳон ва Шероз дар зери ҳукмронии анъанавии забони арабӣ ба марказҳои ҳаёти фарҳангӣ табдил ёфтанд. Дар ибтидо дар Эрони Ғарбӣ бар

хилофи Хуросон ба муқобили забони арабӣ на ин ки забони форсӣ, балки забони ба он наздик забони табарӣ (Мозандарони қадим) гузошта шуда, аввалин осори адабии ғайриарабӣ низ бо забони табарӣ таълиф гардида буд.

Дар бораи осори шоирони Эрони Ғарбӣ, ки эҳтимол зиёд навиштаанд, танҳо аз рӯйи теъдоди хеле ками ашъори боқимондаи баҳо додан мумкин аст. Ин байтҳо намунаи ашъори маддоҳонаи дарбориянд. Онҳо аз осори доираи эрониёни шарқӣ бо мукаммалии худ, бо мураккабии шакли шеърӣ, бо заифӣ ва ҳатто набудани мавзуъҳои шаҳрвандӣ ва дидактикӣ комилан фарқ мекунанд.

Дар байни аввалин шоирони табарӣ Алии Пирӯзӣ ва Мастамард махсусан машҳур буданд. Якчанд байтҳои душворфаҳм аз қасидаҳои онҳо то замони мо расидаанд. Дар бораи дигар муаллифоне, ки ба табарӣ (зиёда аз даҳ) навиштаанд, ба ҷуз аз номашон чизе маълум нест. Ҳамчунин, дар бораи тарҷумаи насрӣ ба табарӣ аз забони форсии миёна маҷмуаи достонҳои аз ҷиҳати мазмун ба «Калила ва Димна» монанд - «Марзбонномa» ба чашм мерасад, ки тарҷумаи он дар охири асри X аз тарафи шоҳзодаи Мозандарон Марзбон писари Рустам ба анҷом расонида шудааст.

Кӯшишҳои ба забони адабӣ табдил додани забони табарӣ дар ғарби Эрон бенатиҷа анҷом меёбанд. Дар нимаи дуюми асри X дар ин ҷо аввалин шоироне пайдо шуданд, ки ба забони форсӣ шеър мегуфтанд. Масалан, Мантиқӣ Райӣ (вафоташ байни солҳои 980-990) бо шоироне, ки ба забони табарӣ менавиштанд, муваффақона баҳс мекард. Пас аз андаке Хусравӣ аз Серахс ва Қамарии Мазандаронӣ ба Мантиқӣ ҳамроҳ мегарданд. Онҳо ба забони арабӣ низ асар эҷод мекарданд ва асосан дар Гургон дар дарбори ҳокими Зиёридҳо Қобус, писари Вушмгир (976-1012) умр ба сар мебурданд, ки ӯ ҳамчун устоди услуби иншо (эпистоляри)-и арабӣ ва ҳамчун шоири форсизабон машҳур буд. Маркази муҳимми ҳаёти адабии Буйдҳо шаҳри қадимаи Рай (наздикии Теҳрони ҳозира) ба шумор мерафт. Дар асоси забонҳои асосии адабии Эрони Ғарбӣ – арабӣ, форсӣ ва гӯйишҳои маҳаллӣ Камолиддини Бундор (вафоташ соли 1010) шеър эҷод кардааст. Дар ин давра танҳо шоир Ғазоирӣ ба форсӣ шеър эҷод карда, бо шоирони мадҳиянависи номдори Хуросон далерона баҳси шоирона кардааст.

5) Дар охири асри X баъди ҷангҳои дурударози байниҳамдигарӣ давлати Сомониён пароканда шуд. Қисми амударёии он ба туркҳои шарқӣ - Қарахониён, ки анъанаҳои адабии форсӣ ба онҳо дар ибтидо бегона ва нофаҳмо буд, гузашт. Маркази ҳаёти маданию адабӣ аз Бухоро ба шаҳри на он қадар машҳур - Ғазна кӯчид. Мавзуъҳои санохонию маддоҳона дар нимаи аввали асри XI асоси шеърии доираҳои Ғазнавиёнро ташкил медоданд. Шоирони Ғазнавӣ бо истифода аз забони шеърии кӯтоҳ ва нисбатан содаи маҳфили Хуросон давраи ташаккули жанрҳои классикиро ба итмом расониданд.

Дар доираи назми дарборӣ жанрҳои лирикӣ ва ашъори ишқӣ (Унсурӣ) ва унсурҳои дидактикӣ инкишоф ёфтанд; унсурҳои халқӣ низ дар баъзе асарҳо дар шакли шикаста ба назар мерасанд. Дар тамоми давраи аввал гуногунрангии эҷодии мавзуъҳо, сужаҳо, жанрҳо хос буд. Маҳз дар ҳамин давра жанрҳои пешқадами классикӣ - қасида, ғазал, маснавӣ бо навъҳои зиёди худ, ҳамчунин қонунҳои асосии метрика (аруз), низоми рифмаҳо (қофия), истиора ва киноя ташаккул ёфтанд.

**I. Давраи муборизаи ду самт (асри XI – ибтидои асри XIII).** Истилои Салҷуқиён дар миёнаҳои асри XI боиси ташкил шудани давлати тавоно гардид, ки аз баҳри Миёназамин сар карда, то Ҳиндустони Шимолӣ ва музофотҳои шарқии Чин тул мекашид. Дар давлати Салҷуқиён барои инкишофи савдо ва ҳунармандӣ шароити мусоид фароҳам омад, ки ба гул-гулшукуфии он таъсири калон расонид, вале ба зудӣ ҷангҳои феодалӣ ва ҳуҷумҳои истисморонаи онҳо ба моликияти аҳолии шаҳр оғоз гардид, ки ба пешрафти ин давлат монеъ мешуд. Шаҳрҳо бой шуда, меафзуданд ва дар онҳо табақаи бонуфузи шаҳриён «мардуми бозор» - косибон, тоҷирон, амалдорон ва руҳониён ҳаёт ба сар мебурданд, ҳамчунин зиёиёни шаҳри феодалӣ тавлид меёфтанд.

Дар адабиёт ақидаҳои нави зиддифеодалӣ дар баробари равияҳои кӯҳнаи анъанавии аристократӣ, равияи дуюми оппозитсионӣ-гуманистӣ ба вуҷуд омаданд, ки аз ҷиҳати мазмун бар хилофи анъанаи анъанавӣ, вале аз ҷиҳати шакли бадеӣ одатан ба ҳам монанд буданд. Муборизаи байниҳамдигарии ин самтҳо дар ҳамаи жанрҳо авҷ мегирад; дар мактабу равияҳо ва гоҳо дар эҷодиёти як шоир: ҳамин тавр, баъзан шоирони маддоҳ дар асарҳояшон андешаҳои пешқадами замони худро низ ҷой медоданд. Моҳияти мухолифи самти дуюм дар тамоми маҷмуи афкори адабӣ мушаххас шудааст, ки муҳимтарини онҳо: бидъатҳои динӣ (суфизм ва исмоилия), фалсафӣ (ратсионализм ва озодандешӣ, скептизми ишратпарастӣ) ва дигар мавзуъҳои гуманистӣ (дунявият, фош кардани зулму бадӣ, ситамгорӣ, ҷустуҷӯи ҳақиқати иҷтимоӣ) ба шумор мераванд. Инкишофи босуръатро дар асри XII жанрҳои лирикӣ - ғазал ва рубоӣ пайдо кардаанд.

Падидаи дигари муҳимми ҳаёти адабӣ дар умқи назми дарборӣ ин пайдо шудани услуби нави адабии суханварӣ (риторика) мебошад, ки ба ҳар ду самт хизмат мекард. Ба гурӯҳи якум бузургтарин шоирони асрҳои XI-XII дохил мешаванд. Қатрони Табрезӣ (1010-1070) ва Асадии Тусӣ (вафоташ соли 1070), ки дар Озарбойҷон ва Шервон зиндагӣ кардаанд; Мадҳиянависони Ғазна: асосгузори жанри муноҷот («элегия») Масъуди Саъди Салмон (1046 - 1121); АбулФараҷ Рунӣ (вафоташ соли 1130), Абдулвосӣ Ҷабалӣ (вафоташ соли 1160); Хуросониён: Муиззӣ (вафоташ соли 1127) ва Адиб Собир (соли 1150 кушта шудааст); Туркистониён: Амъақи Бухороӣ (вафоташ тахминан соли 1148) ва Рашидии Самарқандӣ (вафоташ тахминан соли 1150) [4, с.35].

Бо вуҷуди ин, услуби нави суханварӣ дар осори Рашиди Ватвот (вафоташ соли 1182), Анварӣ (вафоташ соли 1170), Ҳоқонӣ (вафоташ соли 1199), Заҳириддини Форёбӣ (вафоташ соли 1201) ва ду нафар шоирони исфаҳонӣ - Ҷамолиддин ибни Абдурраззоқ (вафоташ соли 1192) ва писараш Камолиддини Исмоил (соли 1237 кушта шудааст) ривоҷ ёфт. Шоири гуманист Низомии Ганҷавӣ (вафоташ соли 1209) низ устоди ҳақиқии услуби суханварӣ буд.

1) Самти аристократӣ (мадҳиявӣ) ҳам дар дарбори марказии Салҷуқиён (баъдтар Хоразм) ва ҳам дар марказҳои музофотӣ - Ғазнаю Туркистон (Қарохониён), Исфаҳон ва Озарбойҷону Шервон инкишоф меёбад. Нависандагон аксаран аз як марказ ба маркази дигар кӯч мебастанд. Асоси ин равияро консепсияи эстетикие ташкил медиҳад, ки бо ибораи арабӣ чунин ифода ёфтааст: «Беҳтарин шеър он шеър аст, ки мисраъҳои дурӯғ дорад ва беҳтарин сухан он аст, ки дар он муболиға бештар ба чашм мерасад». Ва бо ҳамин маъно, тарафдорони ин консепсия ақидаҳои худро баён мекунанд. Чунончи, Кайковус, ки муаллифи як навъ «қоидаҳои рӯзгордорӣ»-и форсӣ шинохта шудааст, дар «Қобуснома» (солҳои 1082-1084 эҷод шудааст) менависад: «Дар назм зиёдаравӣ макун, ҳарчанд муболиғаи дурӯғ фазилати назм аст». Низомии Арузӣ, муаллифи «оини шоҳзодагон» маъруф ба «Чаҳор мақола» («Чор суҳбат», тахминан соли 1155) бар ин назар аст, ки «шеър ҳунари табдил додани хурд ба бузург ва бузургро ба хурд, зеборо дар либоси зишт ва зиштро дар либоси зебо нишон додан дорад». Авфӣ, муаллифи нахустин антология ба забони форсӣ - «Лубоб-ул-албоб» («Ҷавҳари дилҳо», соли 1228) низ чунин таъкид мекунад: «Агар миси дурӯғро бо зари назм омехта кунем, мис бо тилло меомезад ва зарофати шеър бар зишти дурӯғ пирӯз мегардад». Ин мафҳуми «таҳрифи бадеии воқеият» пурра ифодаи худро дар жанри қасидаи мадҳиявӣ дарёфта буд. Аз ин рӯ, маҳз қасида мавриди ҳамлаи шоирони самти гуманистӣ қарор мегирифт. Асосан дар маҷрои равияи аристократӣ, рушди минбаъдаи анъанаи достоннависӣ пас аз Фирдавсӣ дар шакли силсилаашъор, гӯё идомаи «Шоҳнома» бошад, амалӣ мегашт. Ва аввалин асари ин силсила «Гаршоспнома» («Китоби Гаршосп»)-и Асадии Тӯсӣ буд, ки солҳои 1062-1064 таълиф ёфтааст. Сипас дар давоми асрҳои XI-XII зиёда аз даҳ достони ба ин монанд - бо

тақлиди «Шоҳнома» эҷод гардид. Барҷастатарини онҳо «Барзунома» («Китоби Барзу»)-и Атоӣ (вафоташ соли 1078) мебошад.

Услуби суханварӣ ҳатто ба соҳаи аз назм қафомондаи насри бадеӣ низ паҳн гардид ва дар натиҷа як қатор асарҳои қадимтарин аз нав таҳия гардиданд. Масалан, соли 1144 дар Ғазна боз як «Калила ва Димна»-и дигар, соли 1160 дар Самарқанд «Синдбоднома»-и нав, соли 1156 дар Балх - маҷмуи мақомҳои арабӣ ба форсӣ, дар байни солҳои 1201 то 1225 пайдо шудаанд, дар Озарбойҷон ва Осиёи Хурд - новобаста аз ҳамдигар - ду таҳрири маҷмуаи куҳнаи дидактикии «Марзбоннома» низ ба анҷом расонида шуд. Ҳамаи ин асарҳо ба сабаби мураккаб буданашон дар байни гурӯҳи хурди баргузидагон дар гардиш буд. Дар муқоиса бо онҳо, «романҳои мардумӣ», аз қабили роман дар бораи Самаки айёр, ки аз суханони ровие соли 1189 сабт шуда, ҳолати руҳии табақаҳои шаҳрнишинро инъикос мекард, бештар паҳн гардида буд.

2) Самти гуманистии оппозитсионӣ ифодаи худро дар мавқеи бидъатҳои динӣ (тасаввуф ва шиа) ва ашъори дунявӣ ёфта буд:

а) Марҳилаи аввали назми тасаввуф танҳо мутобиқсозии лирикаи ишқи мардумӣ (ғазал ва рубоӣ) буд, ки аз ҷониби «пирон»-и суфия Абусаид ибни Абулхайр (957-1049) ва Боботоҳири Урён (нимаи аввали асри XI) ба иқдом гирифта шуда буд. Дар марҳалаи аввали инкишофи назми тасаввуф системаи мураккаби забони истиоравии он пурра ташаккул ёфт, яъне низоми баёни категорияҳои тасаввуф тавассути мафҳумҳо ва образҳои ишқи дунявӣ ва лирикаи ишратпарастӣ ифода ёфта буд. Аввалин девони ашъори тасаввуфӣ маъмулан ба Бобои Кӯҳӣ (вафоташ то соли 1050) нисбат дода мешавад, ки зоҳиран баъдтар сохтакорӣ карда шудааст. Асосгузори назму насри тасаввуфӣ дар забони форсӣ Абдуллоҳи Ансорӣ (1006-1086) мебошад, ки ӯ бори нахуст ақидаҳои ҳукумрони шеъри мадҳиявиро мазамат намуда, қудрату сарвати дунявиро инкор мекунад ва онро ба кӯшиши камолоти маънавӣ муқобил мегузорад. Аз суфиёни эътидолӣ Саноӣ, муаллифи аввалин шеъри бузурги дидактикии тасаввуфӣ - «Ҳадиқат-ул-ҳақоиқ» («Боғи ҳақиқат», 1131) мансуб меёбад [4, с.36].

Муҳаммади Ғазолӣ ислоҳоти эътиқодмандонаи (ортодоксалӣ) тасаввуфро анҷом дод ва ягона шоире (асри XII), ки онро напазируфт, ин Аттори Нишопурӣ буд, ки барои панду насиҳати оташин ақидаҳои пантеистии тасаввуфиро дар тамоми шаклҳои шеърии то он замон ривоҷёфта, хусусан маснавӣ, истифода кардааст.Таълимоти исмоилия, ки нисбат ба тасаввуф ба маротиб бидъаттар буд, дар асри XI дар Эрон ва Осиёи Миёна ба парчами мухолифат бар зидди ҳукмронии туркҳои Салҷуқӣ табдил ёфт ва дар эҷодиёти мутафаккири барҷастаи форсу тоҷик Носири Хусрав (1004 - тақрибан 1080) инъикоси ёфт ва ӯ низ дар назм шадидан ба мазамматӣ ашъори дарборӣ сухан мегуфт. Ягона шоири бузурги исмоилия баъд аз Носири Хусрав Низорӣ (вафоташ соли 1320) буд. Анъанаҳои шоирии исмоилия то замони нав дар Бадахшон (Помири Ғарбӣ) риоя мешаванд.

б) Аз ҷиҳати ифодаи танқидии «шаҳриён»-и замони феодализм дар адабиёт «Вису Ромин», ки онро Фахриддин Асадии Гургонӣ дар Исфаҳон (тақрибан соли 1055) навиштааст, мавқеи махсусро ишғол менамояд. Шакли асосии мухолифати адабӣ дар назми дунявӣ эҷоди ашъоре буд, ки аз шоирони суфия ва исмоилӣ илҳом гирифта, ашъори дарбориро маҳкум мекард. Бар зидди шеъри мадҳиявӣ худи намояндагони он баромаданд. Яке аз онҳо Анварӣ буд (вафоташ соли 1170). Шоирони дигари дарборӣ - Камолиддин Исмоил, Заҳириддини Форёбӣ ва ниҳоят Ҳоқонӣ барои маҳкум кардани ашъори мадҳиявӣ сатрҳои дурахшон бахшидаанд.

Асосгузори ҳақиқии назми ҷаҳонбинии гуманистӣ риёзидон ва шоири бузург Умари Хайём (тахминан 1040-1131) мебошад. Қуллаи баландтарини инкишофи самти гуманистӣ дар осори Низомии Ганҷавӣ (1141-1203) ва махсусан «Хамса»-и маъруфи ӯ дарҷ гардидааст. Асарҳои Низомӣ бо татбиқи як навъ синтези ҳамаи он чизи пешқадаме, ки

пешгузаштагон гуфтаанд, алалхусус, таҳияи идеявӣ-бадеии утопияи иҷтимоӣ мебошад. Даҳҳо муаллифоне, ки то ибтидои асри XX ба забонҳои форсӣ, туркӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ, озарбойҷонӣ, курдӣ ва ғайраҳо эҷод кардаанд, аз сюжетҳои «Панҷгона»-и ӯ илҳом гирифта, онҳоро дар руҳияи замони худ инъикос намудаанд [4, с.39].

**I. Давраи болоравии нави адабӣ (асрҳои XIII - XV).** Истилои муғул дар солҳои 1220 - 1223 раванди инкишофи ҳаёти маданию адабии Осиёи Миёна ва қисми зиёди Эронро ба таъхир андохт. Танҳо се вилоят аз харобии мудҳиш раҳо ёфтанд – Руми салҷуқӣ дар Осиёи Хурд, Салғуриҳо дар Форс бо пойтахти Шероз ва Салтанати Деҳлӣ дар шимоли Ҳиндустон - марказҳои ҳаёти фарҳангии ҷаҳони форсизабон. Дар Шероз ва Ҳиндустон он нависандагону олимоне, ки пеш аз ғасби Чингизхон аз дигар шаҳрҳо гурехта буданд, паноҳ ёфтанд. Дар ин марказҳо солҳои 50-уми асри XIII шуълаи нави адабиёт оғоз ёфт, ки тадриҷан боиси барқарор ва инкишофи минбаъдаи тамоми жанрҳои адабии давраи пеш аз муғул, гардид. Ин ҷараёни инкишоф асарҳоеро ба вуҷуд овард, ки анъанаҳои маданию адабии замони гузаштаро ҷамъбаст мекунанд. Ҳамин тавр, соли 1223 дар Ҳиндустон ба ғайр аз антологияи қаблан тартибдодаи Авфӣ, ҳамчунин маҷмуи новеллаҳо «шаддаи қиссаву ривоятҳои дурахшон» низ таълиф ёфтанд. Тахминан соли 1231 дар Шероз адиб Шамси Қайс «Тафсири сангии таҷассуми абёти форсӣ»-ро ба анҷом расонид.

Дар қароргоҳҳои ҳокимони муғул дар Эрон ва Осиёи Миёна ба сифати бадал намудани шеърҳои мадҳиявии бархе аз осори таърихнигорӣ, ки ба васфи истилогарони муғул ва ниёгони онҳо бахшида шудааст, аз ҷумла дар ду сарчашмаи пурарзиши таърихӣ - «Таърихи фотеҳи ҷаҳон»-и Ҷувайнӣ (1260) ва «Таърих»-и Вассаф (1312) аз суханварии насрӣ низ истифода бурда шудааст.

1) Дар Эрон шоироне, ки пас аз ҳуҷуми муғул анъанаи қасиданависӣ ва сароидани ғазалҳои лирикиро эҳё карданд, Имомӣ дар Кирмон (вафоташ сои 1227) ва Моҷи Ҳамгар (вафоташ соли 1287) дар Шероз буданд. Вале онҳо танҳо бо тақлиди устодони асри XII маҳдуд шуданд. Баъдан қасидаҳои зиёде аз шоирони дарбори Эрон ва Ҳинд таълиф шудаанд, аз ҷумла: Ҳумоми Табрезӣ (вафоташ соли 1314); Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325) ва ворисони ӯ, шоирони ҳалқаи ҳинду форсӣ; Ибни Ямин (1286-1368) ва ниҳоят машҳуртарини онҳо, шояд охирин устоди асосии қасида - Салмони Соваҷӣ (тахминан солҳои 1300-1375) ба шумор мераванд.

Баъдтар, бо таназзули қасида вазифаи мадҳияро бештар ғазал ва рубоӣ ба дӯш мегирад. Аллакай баъзе шоирони пеш аз муғул дар асри XII, ба мисли Адиби Собир ва баъдан дар осори Саъдиву Ҳофиз, қасида ба таври куллӣ ҳамчун воситаи ситоиш ҷойи худро ба ғазалҳои панегирикӣ медиҳанд.

Дар охири асрҳои XIII-XIV усули тақлиди эҷодӣ (тақлид, назира) ба тарзи нав шарҳ дода мешавад. Оғози он ҳатто дар як қатор «иловаҳои» тақлидӣ ба «Шоҳнома» мушоҳида мешавад. Фаҳмиши нави ин усули бадеӣ аз он иборат аст, ки на танҳо ба вуҷуд овардани далели нави адабӣ (масалан, идеяи нав, мавзуъ, сюжет, характер, низоми воситаҳои образнок ё образи алоҳида) ҳамчун амали мустақили эҷодӣ, балки ҳамчунин ба вуҷуд овардани варианти нави мавҷуда, факти адабие, ки каси дигар пешниҳод кардааст, ба шумор меравад. Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325) ва Хоҷа Кирмонӣ (1281 - тахминан соли 1352) дар барқарорсозии расмии хамосаи дидактикӣ ва ошиқона дар давраи пас аз ғасби муғул, бо намунаи муқарраркардаи Низомӣ дар «Хамса» нақши калидӣ доранд.

2) Ҳолати руҳии умумии афсурдагӣ ва ноумедӣ, ки пас аз истилои муғулҳо дар кишварҳои мусулмонӣ афзалият дошт, ба рушди шеъри суфия мусоидат кард. Маҳз он ба фаъолияти шоири тасаввуфӣ Ҷалолуддини Балхӣ (дар асри XIII) дар Осиёи Хурд низ мусоидат намуда, дар осори ӯ худосозии (парастиши) Инсон шакли ирфониро рахна мекунад.Дар Кошон суфии насли калонсол Бобо Афзал (вафоташ тахминан соли 1265) дар рубоиётҳояш кӯшиш кардааст, ки таблиғи хоксории суфияро бо озодандешӣ, ки ба Умари

Хайём қисман наздик аст, бо ҳам бипайвандад. Дар Эрон бошад, чанде аз ҳамзамонони ҷавонтари ин ду шоири барҷастаи тасаввуф ҳаёт ба сар мебурданд, ки Фахриддини Ироқӣ (вафоташ соли 1289) аз ҷумлаи онҳост. Ғазалҳои сершумори ӯ ва махсусан достони «Ушшоқнома»-аш ба ситоиши ишқи ирфонӣ-пантеистӣ бахшида шудаанд.

Пантеисти гузаро Авҳадиддин Кирмонӣ (вафоташ соли 1298) боз ҳам бештар муваффақ гаштааст. Ӯ дар манзумааш «Мисбоҳ-ул-арвоҳ» («Чароғи рӯҳҳо») худсарии ҳукуматдорони дунявиро шадидан маҳкум менамояд. Шогирдаш Авҳадӣ аз Марғ (вафоташ соли 1337), ки асосан бо достони дидактикии «Ҷоми Ҷам» («Косаи Ҷамшед») шуҳрат пайдо карда буд, ҳукуматдоронро ба раҳму шавқат даъват кардааст. Бо вуҷуди ин, Фахриддини Ироқӣ ва Авҳадӣ ҳарду мадҳиянависони дурустнавис буданд.Тасаввуф баробари паҳн шудан ва наздик шудан ба эътиқоди дини расмӣ умқи идеологӣ ва хилватгузинии бидъатии худро аз даст дода, ба як меъёри эътирофшудаи диндорӣ табдил мёбад. Дар назм мутаносибан, рамз ва тасвири тасаввуф асосан маънои усули адабӣ, шакли шевои адабиро пазируфта, мавзуъҳои ғайритасаввуфиро низ фаро мегирад. Услуби хосси адабӣ пайдо мешавад, ки онро метавон «тасаввуфӣ» номид, яъне тасаввуф танҳо дар шакл, вале мазмунан гуногун.

3) Баландтарин ифодаи болоравии ҳақиқии адабӣ ашъори гуманистона буд, ки аксаран идеяҳои эътирози иҷтимоиро дар бар гирифта, аз ҳаракатҳои оммавӣ-халқии зиддимуғул дар асри XIV сарчашма мегирад. Осори Саъдӣ (асри XIII), Ибни Ямин, Убайди Зоконӣ, Ҳофиз ва Камоли Хуҷандӣ (асри XIV) низ дар заминаи ҳамин ашъор навишта шудааст [4, с.41].

Эҷодиёти Ҳофиз дар тамоми таърихи адабиёти форсӣ қулаи балантарини назми лирикист. Дар ашъори ӯ синтези тафаккури озодандешии Хайём, андешаҳои хайрхоҳонаи Румӣ, зебоии ахлоқӣ ва бадеияти ашъори Саъдӣ ба назар мерасад. Ҳамаи ин ба ғазалиёти Ҳофиз хусусиятҳои камолоти бадеӣ бахшида, осори ӯро нисбат ба ҳамаи пешгузаштагон ба дастовардҳои шоирони давраи Эҳё (Ғарб) дохил мекунанд.

4) Охири давра ба замони истилои нави хунини Эрон ва Осиёи Миёна аз тарафи Темур (солҳои 70-уми асри XIV) рост меояд. Темур барои барқарор намудани қувваҳои истеҳсолкунанда ва ҳаёти шаҳрҳои кишвар, асосан дар Осиёи Миёна (пойтахташ дар Самарқанд) чораҳои қатъӣ андешида, аҳамияти фарҳанги маънавиро намефаҳмид ва адабиётро рад мекард. Эътироз алайҳи истибдодгарии Темур дар бидъати ба истилоҳ ҳуруфӣ, ки догмаи исломи ҳукмронии сунниро инкор мекард ва ба тасаввуфу шиа наздик буд, баён гардидааст. Бидъати ҳуруфӣ ду шоири барҷастаи озарбойҷониро ба миён овард, ки ба забони форсӣ менавиштанд - Насимӣ (соли 1417 кушта шудааст) ва Қосим ул-Анвор (вафоташ соли 1434).

Адабиёте, ки зери сарпарастии ворисони Темур аввал дар Самарқанд ва баъдтар дар Ҳирот эҳё шуд, тамоман дигар буд. Дар байни шоирони Самарқанд Исмати Бухороӣ (вафоташ соли 1426) бо ифодаи самти ситоишию тасаввуфӣ ва ҳамчун устоди услуби мураккаби сунъӣ фарқ мекард. Эҷодиёти ду шоири дигари Ҳирот - Котибӣ (вафоташ соли 1435) ва Фаттоҳӣ (вафоташ соли 1448) низ дар ҳамин руҳия буд. Ин шоирон шаклҳои нави маҳоратро ҷустуҷӯ мекарданд. Вале адабиёт дар нимаи дуюми асри XV дар Ҳирот дар осори Алишери Навоӣ (вафоташ соли 1501) ва Ҷомӣ (вафот 1492) ба авҷи камолоти худ расид. Дар баробари ин дар адабиёт аломатҳои тақлидгарӣ торафт бештар пайдо мешаванд.

Дар байни осори бадеии он давра «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ (вафоташ соли 1505) - таҳияи нави суханпардозонаи «Калила ва Димна» ба забони форсӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад.

Эрони Ғарбӣ, ки махсусан аз юришҳои Темур осеб дида, баъдан ба зери ҳукмронии қабилаҳои туркмани ҷангҷӯи Қарақоюнлу ва баъдан Оққоюнлу афтода буд, дар барқарорсозии ҳаёти фарҳангии худ аз Осиёи Миёна ва Хуросон хеле ақиб монд. Танҳо

дар нимаи дуюми асри XV дар Табрез маркази адабии дарборе ба вуҷуд омад, ки бо доираҳои адабии Ҳирот алоқаи зич дошт. Дар байни шоирони ин ҳалқаи адабӣ Бобо Фиғонӣ (вафоташ соли 1519), ки лақаби «Ҳофизи хурдӣ»-ро дошт, бар хилофи Ҳофиз эҷодиёташ маҳзунист. Дар ҳаёти адабии Эрон падидаи муҳимми он давра осори шоире, ки баромадаш аз ҳунармандон буд - Дарвеши Диҳакӣ (вафоташ соли 1531) ба шумор меравад. Рӯйхати нодири девони ӯ танҳо ғазалҳоеро дар бар мегирад, ки бештар аз таъсири Ҳофиз гувоҳӣ медиҳанд ва зиёда аз он, характери демократӣ доштанд [4, с.43].

Ҳамин тариқ, дар ибтидои асри XVI дар сарзамини Эрон ва Осиёи Миёна давлатҳои Шайбониён (Осиёи Миёна) ва Сафавиён (Эрон бо Хуросон) ташкил меёбанд. Давлати сеюми мустақил дар Ҳиндустон аз тарафи авлодони Темур барпо мегардад. Дар ҳамаи ин се давлати нисбатан бо ҳам пайвасти асрҳои XVI-XVIII адабиёти форсӣ инкишоф меёбад. Вале, агар то он вақт дар баробари нигоҳ доштани ягонагии забону услуб таъсири омилҳои ҷуғрофию этникӣ, хусусиятҳои муҳимми маҳаллӣ дар муҳтаво ва шакл ошкор нагардида бошанд, пас бо ташаккули ин ҳолат ҷараёни адабие, ки қаблан муттаҳид буд, аз байн рафта, боз бо ҳам муттаҳид мегардад ва се адабиёти мустақил бо забони форсӣ: форсӣ, ҳинду форсӣ ва тоҷикӣ ва баъдтар дарӣ ба вуҷуд меояд.

## АДАБИЁТ


1. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы / Е.Э. Бертельс. - М.: Наука, 1960. - 556 с.;
2. Бертельс Е. Э. Краткая история персидской литературы / Е.Э. Бертельс. - М., 1924. - 273 с.;
3. Бертельс Е.Э. Очерк истории таджикской литературы / Е.Э. Бертельс. - Ленинград, 1928. - 203 с.;
4. Брагинский И.С. Иранское литературное наследие / И.С. Брагинский. - М.: Наука, 1984. - 296 с.;
5. Брагинский И.С. От Авеста до Айни / И.С. Брагинский. - Душанбе: Ирфон, 1981. - 256 с.;
6. Брагинский И.С. Из истории таджикской народной поэзии / И.С. Брагинский. - М.: Наука, 1956. -1494 с.;
7. Брагинский И.С. Саади. Жизнеописание / И.С. Брагинский. - Сталинобад: Таджик Госиздат, 1949. - 109 с.;
8. Гафуров Б.Г. Таджики: древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г. Гафуров. Книга 1. - Душанбе: Ирфон, 1989. - 480 с.;
9. Гердер И.Г. Избранные сочинения / И.Г.Гердер. - М., 1959. - 316с.;
10. Крымский А.Е. История персидской литературы / А.Е. Крымский. - Москва, 1909.- 161с.;
11. Крымский А.Е. История Персии, ее литературы и дервишской теософии / А.Е. Крымский. Т. I. - Москва, 1914. - 196 с. Ч. II. - Москва, 1912. - 422 с. Т. III. - Москва, 1914-1917. - 503 с.;
12. Крымский А.Е. Очерк развития суфизма / А.Е. Крымский. – М., 1895. - 213 с.;
13. Малашенко А.В. В поисках альтернативы (арабские концепции путей развития) / А.В. Малашенко. - М., 1991. - С. 198.
14. Файзалиев Дж.Х. Формирование совершенного человека: историко-философские и педагогические аспекты / Дж.Х. Файзалиев. - Душанбе: Эр-граф, 2011. - 148 с.;
15. Фильштинский И. М., Шифдар Б.Я. Очерк арабо-мусульманской культуры (VII-XII вв.) / И.М. Фильштинский, Б.Я. Шифдар. - М.: Наука, 1971. - 309 с.


## ДАВРАБАНДИИ ТАШАККУЛИ АФКОРИ ПЕДАГОГӢ ДАР АСОСИ РУШДИ ЖАНРҲО ВА РАВИЯҲОИ АДАБИЁТИ АСРИМИЁНАГИИ ФОРСУ ТОҶИК


Дар мақола масъалаи даврабандии ташаккули афкори педагогӣ дар асоси рушди жанру равияҳои адабиёти асримиёнагии халқи тоҷик ва мубоpизаи халқҳои Эрону Осиёи Миёна барои тозагии забону адабиёт мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар мақола таъкид менамоянд, ки адабиёти асрҳои VIII-XV-и форсу тоҷик пас аз забти Эрону Осиёи Миёна аз тарафи хилофати Араб, пойдор гардидани Ислом ва барқарор шудани муносибатҳои феодалӣ, ташаккул ёфтааст. Бисёр дастовардҳои адабии он аз урфу одатҳои эрони бостонӣ маншаъ гирифта, ба таври назаррас дигаргун мегардад ва дар робитаи зич бо адабиёти араб, ҳамчун як ҷузъи таркибии ҷараёни адабиёти ҷаҳон инкишоф меёбад.Дар ибтидои асри XVI бошад, дар сарзамини Эрон ва Осиёи Миёна давлатҳои Шайбониён ва Сафавиён ташкил меёбанд. Давлати сеюми мустақил дар Ҳиндустон аз тарафи авлодони Темур барпо мегардад. Дар ҳамаи ин се давлат адабиёти форсӣ инкишоф меёбад. Вале дар баробари нигоҳ доштани ягонагии забону услуб таъсири омилҳои ҷуғрофию этникӣ, хусусиятҳои муҳимми маҳаллӣ дар муҳтаво ва шакл ошкор нагардида бошад, пас бо ташаккули ин ҳолат ҷараёни адабие, ки қаблан муттаҳид шуда буд, аз байн рафта, боз бо ҳам муттаҳид

мегардад ва се адабиёти мустақил бо забони форсӣ: форсӣ, ҳинду форсӣ ва тоҷикӣ ва баъдтар дарӣ ба вуҷуд меояд.

**Калидвожаҳо:** инкишофи равияи мадҳиявӣ-ситоишӣ, сабки ҳинду форсӣ, тасаввуф, зарофати шеър, равияи аристократӣ, услуби суханварӣ, хамса, новеллаҳо, наср, қасида, мадҳия, тақлид, назира, гуманизм, ашъор, назм, бидъати ҳуруфӣ, адабиёт, шоир, ҳунармандон, девон, ғазал.

## ПЕРИОДИЗАЦИЯ СТАНОВЛЕНИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ИДЕЙ НА ОСНОВЕ РАЗВИТИЯ ЖАНРОВ И НАПРАВЛЕНИЙ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ СРЕДНЕВЕКОВЬЯ

В статье рассматривается вопрос о периодизации формирования педагогической мысли на основе развития жанров и направлений средневековой литературы таджикского народа и борьбы народов Ирана и Средней Азии за чистоту языка и литературы. В статье автор подчеркивает, что таджикско-персидская литература VIII-XV веков сформировалась после завоевания Ирана и Средней Азии Арабским халифатом, утверждения ислама и восстановления феодальных отношений. Многие ее литературные достижения, уходящие своими корнями в традиции древнего Ирана, претерпели значительные изменения и развиваются в тесном контакте с арабской литературой как неотъемлемой частью мирового литературного процесса.В начале XVI века в Иране и Средней Азии образовались государства Шейбанидов и Сефевидов. Третье независимое государство было основано в Индии потомками Тамерлана. Во всех этих трех странах развивается персидская литература. Однако, если в сохранении единства языка и стиля не выявляется влияние географических и этнических факторов, а также важных местных особенностей в содержании и форме, то с возникновением этой ситуации литературный процесс, ранее единый, исчезает и возникают три независимые литературы на персидская языке: персидская, индо-персидская, таджикская, а позже и афганская.

**Ключевые слова:** развитие хвалебного стиля, индо-персидский стиль, суфизм, поэтический юмор, аристократический стиль, риторика, «Пятерица», стихи, рассказы, проза; лирика, подражание, назидание, гуманизм, поэзия, стихи, хуруфитская ересь, литература, поэт, ремесленник, диван, газель.

## PERIODIZATION OF THE FORMATION OF PEDAGOGICAL IDEAS BASED ON THE DEVELOPMENT OF GENRES AND TRENDS IN TAJIK-PERSIAN LITERATURE OF THE MIDDLE AGES

The article deals with the issue of periodization of the formation of pedagogical thought based on the development of genres and trends of medieval literature of the Tajik people and the struggle of the peoples of Iran and Central Asia for the purity of language and literature. In the article, the author emphasizes that Tajik-Persian literature of the VIII-XV centuries was formed after the conquest of Iran and Central Asia by the Arab Caliphate, the establishment of Islam and the restoration of feudal relations. Many of his literary achievements, rooted in the traditions of ancient Iran, have undergone significant changes and are developing in close contact with Arabic literature as an integral part of the world literary process.At the beginning of the XVI century, the Sheibanid and Safavid states were formed in Iran and Central Asia. The third independent state was founded in India by the descendants of Tamerlane. Persian literature is developing in all these three countries. However, if the preservation of the unity of language and style does not reveal the influence of geographical and ethnic factors, as well as important local features in content and form, then with the emergence of this situation, the literary process, previously unified, disappears and three independent literatures in Persian appear: Persian, Indo-Persian, Tajik, and later Afghan.

**Keywords:** development of praise-praise style, Indo-Persian style, mysticism, humor of poetry, aristocratic style, style of speech, poems, short stories, prose; poem, hymn, imitation, vision, humanism, poetry, verse, heresy, literature, poet, artist, devon, ghazal.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Файзализода Ҷумахон Хол*** – Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директор. Телефон: **918506324**; **E-mail:f.jumarhon@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Файзализода Джумахон Хол*** – Государственное учреждение «Национальная библиотека Таджикистана» исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, доктор педагогических наук, профессор, директор.Телефон: **918506324**; **E-mail:f.jumarhon@mail.ru**

**Information about the author:** ***Faizalizoda Jumakhon Khol*** - State Institution «National Library of Tajikistan» of the executive office of the President of the Republic of Tajikistan, Doctor of pedagogical sciences, professor, Director. Телефон: **918506324**; E-mail:**f.jumarhon@mail.ru**

УДК 371.013

# ҒОЯҲОИ ИНСОНДӮСТӢ ДАР ТАЪЛИМ

*Бобоназаров Ш.С.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Аз замони қадим то ба имрӯз тарғиби инсонпарварӣ яке аз масоили муҳим маҳсуб меёбад, зеро густариши гуманизм барои расидани башарият ба ҳадди инсони комил ҳатмист. Дар таърихи умумиҷаҳонии инсоният ғояи инсонпарвариву башардӯстӣ нақши бориз дорад. Он ба одамон дар мубориза онҳо барои ҳаёти шоиста ёрӣ расонида, ба оянда умед мебахшад, инсонҳоро ба қуллаҳои нави инкишофу рушд талқин месозад. Солҳои охир ба инсондӯстӣ, ҳамчун ба сарчашмаи файёзи тарбия ва камолоти инсон эътибор медиҳанд ва он бахусус дар соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла бахши маориф равшан зуҳур мекунад. Ғояҳои инсонпарварона аз оғози вуҷуди инсоният падид омадаанд ва дар зиндагии аҳли башар ҷойгоҳи хоссаро касб кардаанд. Андешаҳои гуманистӣ барои ашхосе, ки барои расидан ба аҳдофи худ ва зиндагии шоистаеро соҳиб гардидан, кӯшиш мекунанд, хеле кумак кардаанд. Зеро афкоре, ки марбут ба инсондӯстӣ аст, одамонро умед мебахшад ва доштани умед инсонро ба бовар кардан нисбати тавоноиҳои худаш талқин мекунад. Эътимоду эътиқод бошад, инсонро ба рушду такомул мерасонад. Солҳои охир таваҷҷуҳи аҳли башар ба гуманизм афзун гардидааст ва дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ ба ин масъала диққат медиҳанд. Таҳлилу баррасии ин масъала, арзиши он ва муҳиммияташ хосатан дар раванди таълиму тарбия бештар ба назар мерасад ва ниёзмандии соҳаи маорифро ба ғояҳои инсонпараврона бнштар эҳсос менамоем. Зеро ҷаҳони имрӯза, ки пайи ҷаҳонишавиву интегратсия аз арзишҳои маънавӣ дур монда, бештар мутаваҷҷеҳи моддиёт гардидааст, ба коҳиши ахлоқи ҷомеа оварда мерасонад. Ба ибораи дигар, андешаву амалҳои ғайриинсонӣ дар дунё зиёдтар аз пеш ба назар мерасанд, ки ин яке аз масоили мубҳами ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад. Ягона роҳи наҷот аз ин ҳол ин дарку маърифати моҳияти гуманизм ва тарғиби афкори инсонпарварона мебошад.

Донишманди фаронсавӣ, Жан Жак Руссо чунин гуфтааст: «Инсонҳо! Одам бошед! Ин аввалин вазифаи шумост». Зери ин гуфтор басе матлабҳое нуҳуфтааст, ки дарку фаҳмиши он заковати баланд ва ҷаҳонбинии васеъро тақозо менамояд.

Мутаассифона, имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро ҳаракатҳои номатлуби террористиву экстремистӣ ба ташвиш овардааст ва ба ибораи дигар, ҷаҳон аз воқеаву ҳодисоти ғайричашмдошти ҳамасоата ба таҳлука афтодааст. Вуҷуди чунин ҳаракатҳо ба зиндагонии моддиву маънавии аҳли башар таъсиргузор аст. Ва шомил шудани гурӯҳи одамон ба чунин гурӯҳҳо аз сабаби дур будан аз маънавиёт ва ахлоқ аст, ки сарчашмаи он, қабл аз ҳама, аз тарбияи гуманистӣ маҳрум будани ҷомеа мебошад.

Дар шароити муосир бештар дар соҳаи маориф, дар раванди таълим метавон бо тарғибу омӯзиши афкори педагогӣ руҳияи инсондӯстиро дар вуҷуди хонандагон бедор кард. Агар хонандагони имрӯз кадрҳои оянда бошанд, яъне имрӯз вазифаи маориф таълим ва тарбия намудани наврасон барои фардо бошад, пас эътибор додан ба ин масъалаи муҳимми иҷтимоӣ ва ҳалли он яке аз вазифаҳои муҳимми имрӯз ба ҳисоб меравад. Пас, гуманизм яке аз проблемаҳои давлатист ва ҷалби ҷомеа ба ин масъала ва

муҳимтар аз ин, дарёфти роҳу усулҳои тарбияи гуманистӣ ва дар ниҳоди мардум парвариш додани тухми инсонгароӣ, яке аз вазифаҳои муҳим маҳсуб мешавад.

Нависанда ва мунаққиди маъруфи рус Анатолий Луначарский гуфта буд, ки "таълим додан танҳо вазифаи мактаб нест. Мактаб фақат калидҳои донишҳоро медиҳад, зиндагӣ таълимгоҳ аст, инсон бояд ҳама чизро аз зиндагӣ биомӯзад" [5, с.46].

Ин гуфтаҳои Луначарский иборат аз чанд ҷумлаи кӯтоҳе ҳастанд, аммо ҳикмати бузургеро дар худ пинҳон медоранд. Воқеан, дар мактаб таҳкурсии маънавиёти инсонҳоро мегузоранд, яъне инсон дар ин ҷо ҳам таълим ва ҳам тарбия гирифта, ҳамчун фард ташаккул меёбад. Албатта, дар муҳити хонавода падару модар уҳдадор ҳастанд, ки фарзандони худро дар руҳияи инсондӯстӣ тарбия намоянд, аммо мактаб маконест, ки баробари додани донишҳои аввалиндараҷа, роҳу усули ҷустуҷӯ намудану дарёфтан ва аз худ намудану тақвият бахшидани маълумотро нишон медиҳад. Гузаштагон гуфтаанд, ки илм дар кӯдакӣ андухтан, шабеҳи кашидани нақше дар санг аст ва аз ибтидои таълим гирифтан дар замири хонандагон ҷой кардани гуманизм, яъне инсондӯстӣ, масъалаи басо муҳим аст. Зеро гуманизм шахсро ба муваффақият ва саодат наздик мекунад. Аз ин ҷост, ки гуманизм аз замони қадим омӯхта ва омӯзонида мешавад.

Инсонпарварӣ, ки гоҳо онро бо мафҳуми башардӯстӣ низ иваз кардан мумкин аст, мафҳумест ва он шеваи фикрӣ ва ҳолати равонӣ мебошад, ки шахсият ва шукуфоии мукаммали вайро аз тамоии умури дигар муқаддам медонад. Тибқи шарҳу тавзеҳоти гуманистон, гуманизм ин андеша намудан ва амал кардан бо огоҳии комил ва таъкид намудан ба ҳайсияти инсонӣ ва кӯшиш намудан барои дастёбӣ ба инсонияти асил мебошад [1].

Инсонгароӣ аз ибтидо ба ду гароиш бунёд ёфтааст, ки яке фардгароӣ ва ва дигаре ҷамъгароӣ мебошад. Дар ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ гароиши ҷамъгаро маъмулан дар мактабҳои сотсиалистиву марксистӣ ва гароиши фардгароёна хусусан дар либерализм ва капитализм худро нишон додааст [4, с. 64].

Вақте ба таърихи пайдоиши инсон аз рӯйи назарияҳои динӣ нигоҳ мекунем, қиссаи офаридани одами нахустин яке аз намунаҳои олии инсонгароӣ буда метавонад. Аз рӯйи ривоёти динӣ, вақте Худо одамро халқ мекунад, ба тамоми фариштаҳо фармон медиҳад, то ба инсон саҷда намоянд. Ҳама офаридаҳояш ба ӯ саҷда меоранд, илло шайтон ва ин амал боиси ронда шуданаш аз биҳишт мегардад. Воқеан ҳам, миёни тамоми мавҷудоти зинда, инсон соҳиби шараф аст, зеро танҳо ба ӯ қудрати фикр карда тавонистан дода шудааст [1, с.16].

Аз қадимулайём гуманизм аз масоили умдатарин ва бонуфузтарин маҳсуб меёбад, ки осори олимону адибони аввалулазм низ собитгари ин гуфтаҳост. Зеро онон мавзуи инсонгароиро дар меҳвари таҳқиқу эҷоди худ қарор дода буданд.

Вобаста ба таъсири қавонину анъана ва фарҳанги даврони мухталиф, гуманизмро метавон ба чанд гурӯҳ қисмат кард:

1.Гуманизми адабӣ, яъне дилбастагӣ ва тааллуқи хотир ба адабиёт ва улуми инсонӣ ё фарҳанги адабӣ.

2.Гуманизми давраи Эҳё ин такя бар барномаи омӯзишие, ки дар авохири қуруни миёна ва пеш аз он, ҳамроҳ бо эҳёи навиштаҳои классикӣ, густариш ёфт. Дар ин замон дубора эътимод ба инсон барои таъини сидқ ва ё кизби умур, падид меояд.

3.Гуманизми фалсафӣ бошад, маҷмуае аз мафоҳиму нигаришҳои роҷеъ ба моҳият, вижагиҳо, тавоноиҳо, таълим ва тарбият, арзишҳои ашхоси инсонӣ. Ду навъи гуманизм, гуманизми масеҳӣ ва гуманизми ҷадид дар зайли ин навъи гуманизм ғунҷонида мешавад.

4.Гуманизми масеҳӣ, ин фалсафае, ки аз худшукуфоии инсон дар чорчӯбаи усули масеҳӣ ҷонибдорӣ мешавад.

5.Гуманизми ҷадид. Ин навъи гуманизм бо номҳои гуманизми натуралистӣ, гуманизми илмӣ, гуманизми ахлоқӣ ва гуманизми демократӣ номида мешавад. Дар таърифи он навишта шудааст: фалсафае, ки ҳар гуна мавҷуди мофавқи табииро рад мекунад ва умдатан бар ақлу илми демократӣ ва раҳму утуфати инсонӣ, такя мекунад. Гуманизми ҷадид низ маншаи дугона дорад. Маншаи динӣ ва дунявӣ. Албатта, аз дин дар ин маъно, маъное густурдатар аз динҳои расмӣ ва илоҳӣ манзур мешавад. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки ду навъи дигари гуманизм, яъне гуманизми динӣ ва секуляристӣ (дунёвӣ) дар зайли гуманизми ҷадид қарор мегирад.

6.Гуманизми дунявигаро. Ин навъи гуманизм маҳсули ақлгароии асри равшангарӣ дар қарни ҳаждаҳум ва низ озодандешии қарни нуздаҳум аст.

7.Гуманизми динӣ. Бисёре аз ҷамоатҳои тавҳидгаро ва куллигароии масеҳӣ ва ҳама гурӯҳҳое, ки фарҳанги восита ба ахлоқро тарвиҷ мекунанд, худро гуманисти динӣ меноманд. Гуманизми динӣ дидгоҳҳои муштараке бо гуманизми секулярӣ дорад. Танҳо фарқияти умдаи онҳо дар таърифи дину вазифаи дин аст. Гуманизми динӣ, таърифи коркардӣ аз дин ироа медиҳад. Дин чизест, ки ниёзҳои фардӣ ва иҷтимоии инсонҳоеро, ки аз як ҷаҳонбинии фалсафӣ бархӯрдаанд, бароварда месозад [4,с.86].

Дар маҷмуъ, тамоми қисматҳои ҷудогардидаи гуманизмро хулоса намоем, ҳадаф ягона аст. Ин ҳам муқаддам донистани ҷойгоҳи инсон нисбат ба дигар офаридашудаҳо ва омӯзонидани дӯст доштан ва эҳтиром намудани худ ва атрофиён мебошад. Чуноне ки дар боло ишора рафт, мактаб маконест, ки калидҳои дари тамоми донишҳоро ба дасти хонанда медиҳад. Ва омӯзгорони мактаб муваззаф ҳастанд, ки аз ибтидо дар дили хонандагон муҳаббатро нисбати аҳли башар бедор намоянд. Аввалин қадам барои амалисозии ин мақсад, аз муаллим талаб мекунад, то худаш инсонҳоро дӯст дорад, дар раванди дарс руҳияи гуманистии худро нишон дода тавонад, бо амал ва сухани худ барои толибилм фаҳмонад, ки сарчашмаи тамоми оромишу тавфиқҳо ин муҳаббат доштан нисбати одамон мебошад.

Кадом вақт хонанда ба моҳияти вожаи гуманизм ва масъалаи инсопарвариву башардӯстӣ сарфаҳм меравад? Замоне ки омӯзгор амиқ ин мафҳумро эҳсос намояд ва худаш, ба қавле, инсондӯст ва адолатпарвар бошад. Муаллим чӣ гуна метавонад гуманисти асил бошад? Ин ҷо боз руҷуъ мешавад ба ҳамон гуфтаҳои Луначарский, ки зиндагиро таълимгоҳ хонда буд.

Инсон дар раванди умр бисёр чизро ёд мегирад ва ҳатман зиндагӣ дарсҳо ва имтиҳоноти худашро дорад ва он собит менамояд, ки инсон будану инсонҳоро дӯст доштан тариқи расидан ба орзуҳо ва дарёфти обрӯву эътибор аст. Имрӯз вазифаи аввалиндараҷаи муаллими мактаб он аст, ки хонандагонро дар руҳияи гуманистӣ таълиму тарбия бидиҳад. Мисоли одӣ аз зиндагии инсонҳо меорем. Вақте падар ва ё модар фарзандашро сахт сарзаниш мекунад, баъди чанд лаҳзае худ ба худ мегӯяд, ки фарзандамро танбеҳи сахт додам, мешуд, ки каме мулоимтар бо ӯ муомила кунам. Ҳатман кӯшиш мекунад, ки фарзандашро бо шӯхие, ҳарфи ширине, оғӯши пурмеҳр ва ё бо

навозиш каме дилшод намояд. Пас чаро барои фарзанди дигарон ин гуна рафтор накунад? Гоҳо ҳангоми дарс хонандае беодобӣ мекунад ва омӯзгор ӯро сарзаниш менамояд ва ҳамин тариқ дар дилаш кинае нисбати хонанда ҷой мегирад ва табиист, ки толибилм ҳам инро эҳсос менамояд ва ҳисси бадбинӣ нисбати муаллимаш пайдо карданаш мумкин аст.

Ин ҷо таваҷҷуҳ ба калимаҳои худбаҳодиҳӣ, худсозӣ ва худшиносӣ бояд дод. Ҳамаи ин калимаҳо иртиботи мустаҳкаме бо инсондӯстӣ доранд ва заминаи инсондӯстӣ шуда метавонанд. Бояд нафаре ба толибилм дарс бигӯяд, ки зинаҳои худбаҳодиҳиву худсозиро гузашта то ба ҳадди худшиносӣ расидааст ва гуманисти асил гардидааст. Албатта, барои дар амал татбиқ кардани ин мақсад, муҳити хонавода таъсиргузор аст. Аммо дар шароити муосир, бештар дар муассисаҳои таълимии оливу миёна, ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намудан ҳатмист. Гуманизатсияи соҳаи маориф аз масоилест, ки аҳамияти давлатӣ дорад ва он як ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Гуманизатсия, яке аз тамоюлҳои асосии маорифи ҷаҳони муосир мебошад, зеро насли имрӯз фардоро месозад ва дар муасиссаҳои оливу миёна дар руҳияи инсондӯстӣ тарбия намудани толибилмон тақозои замон аст. Гуманизатсияи таълим низоми тадбирҳое мебошад, ки ба рушди афзалиятноки ҷузъҳои умумии фарҳангӣ дар мундариҷаи таълим ва технологияи таълим нигаронида шудааст ва ба такмили шахсият таъсир мерасонад, ки дар сохтори муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи асосиро ишғол мекунанд [3, с.119].

Дар самти гуманизатсияи таълим чи донишмандони ватанӣ ва чи муҳаққиқони хориҷӣ андешаву пешниҳодҳои ҷолиби худро баён кардаанд, ки омӯзишу баррасии онҳо ва интихоби пешниҳодҳои мушаххас бо назардошти вазъи имрӯзаи таълиму тарбия дар мактаб кори дуруст хоҳад буд. Аз ҷумла, пешниҳоди яке аз равоншиносони маъруфи Амрико, Карл Роҷерс ки дар ин самт тадқиқоти зиёдеро анҷом додааст, қобили қабул мебошад. Вай як системаи гуманистии нуқтаи назарро оид ба раванди таълим пешниҳод намуд, ки ба принсипҳои зерин асос ёфтааст: 1.Ошкорбаёнии муоширaт (худифшокунии ҳам хонандагон ва ҳам омӯзгорон).

2.Зуҳуроти ҳамаи неруҳои инсонӣ (амалӣ намудани он чизе, ки ба инсон хос аст, ҳамчун имконият).

3.Муносибати ҳамаҷониба ба рушд ва омӯзиш (ҳамгироии принсипҳои зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва руҳӣ).

4.Таваҷҷуҳ ба омӯзиш тавассути таҷриба (тақлид ба ҳолатҳои воқеии ҳаёт дар синф, ки дар он рушди соҳаҳои эҳсосӣ ва маърифатии хонанда ба ҳам пайвастааст).

5. Муносибати инфиродӣ, яъне услуби хосси омӯзиш барои ҳар як шахс (ба эҳтиёҷот, шавқу рағбат, эҳсосоти хонандагон нигаронида шудааст).

6.Тағйир додани нақши омӯзгор (вай фасилитатори таълим аст, яъне офарандаи фазои муайян дар таълим, ки дар он донишҷӯён муносибати бодиққат ва дастгирии дигаронро пайдо мекунанд).

7.Нақши максималии фаъолияти хонанда (мустақилият дар интихоби чӣ, чӣ тавр ва чӣ қадар таҳсил мекунад).

8.Ҷорӣ намудани мафҳуми «озодии омӯзиш» (ба назар гирифтани сифатҳои шахсӣ ва хусусиятҳои рафтори омӯзгор аз тариқи призмаи он, ки онҳо ба хонандагон ин озодиро чӣ тавр таъмин карда метавонанд) [7,с.214].

Албатта, амалӣ намудани ин принсипҳо дар ҷараёни таълим аз омӯзгор заҳмати фаровон талаб мекунад ва аз ҷониби дигар вобаста ба хусусиятҳои милливу маҳаллӣ дар

тарбияи хонандагони тоҷик механизмҳои дигарро метавон ба кор бурд. Вале ин пешниҳодҳо дар маҷмуъ ҷавобгӯи матлаб мебошанд.

Омӯзиши хислатҳои муҳим, механизмҳои психологию педагогии инсондӯстонаи тарбия, таҷриба ва натиҷаҳои тадқиқот имкон медиҳад, ки шароитҳои педагогие, ки ба гуманизатсияи тарбия мусоидат мекунанд, муайян карда шаванд.

Аз ҷумла, ҳангоми гуманизатсияи таълим, хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии хонандагон, хусусиятҳои мазмун ва усулҳои таълимии фанни мактабӣ ба назар гирифта мешаванд. Хусусиятҳои психологӣ, физиологии синнусолӣ, гузоштани ҳадафҳои таълим, интихоби усулҳо, шаклҳо ва усулҳои кор низ таъсири худро доранд.

Хусусиятҳои синнусолӣ дарки мазмуни таълим ва баҳодиҳии муносибатҳоро дар раванди таълим баъзан ба андозаи зиёд тағйир медиҳанд. Дар навбати худ, гузоштани ҳадафҳои ҳавасмандкунанда, интихоби мундариҷаи таълим, технологияи педагогӣ имкон медиҳад, ки таълимро инфиродӣ намоем, хусусиятҳои шахсии ҳар як нафар ба инобат гирифта шаванд.

Тарбияи инсонпарварона ва башардӯстона ба асосҳои ахлоқӣ бунёд ёфта, ҳамкории омӯзгор ва шогирдро тақозо мекунад, то дар ташаккули шахсияти худ, муқаррар намудани муносибати худ ба олам ва одамон мусоидат намояд. Хусусияти амали мутақобилаи байнишахсӣ аз рӯйи намуди муносибатҳои муаллим ва хонанда шарти ҳатмӣ барои гуманизатсияи таълим мебошад.

Шарти дигари гуманизатсияи раванди таълим муносибати тафриқашуда мебошад, ки дар он эҳтиёҷот, хусусият ва майли хонандагон ба инобат гирифта мешавад.

Тартиб додани барнома, банақшагирӣ, интихоби китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълим ва дигар мавод на танҳо мувофиқи талаботи стандартҳои давлатӣ, балки бо назардошти сатҳи дониш, шаклу шароити таълим низ сурат мегирад. Аз ин бармеояд, ки барномаю нақшаҳои тайёрро сарфи назар аз интихоби калони онҳо дар айни замон ба таври механикӣ истифода бурдан мумкин нест.

Тағйирпазирии ҳозираи мухтавои таҳсилот имкон медиҳад, ки ба хонандагон ҳуқуқи интихоб дар марҳилаҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ дода шавад, ки он ба орзую умеди шахсии наврасону ҷавонон мувофиқ буда, аз ҷониби онҳо баҳои баланд дода мешавад.

Истифодаи китобҳои дарсиро махсусан кайд кардан мумкин аст. Дар шароити муосир китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ ҳамасола аз назари мавзуъ ва мундариҷа тағйир дода мешаванд. Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки донишҷӯёнро бо китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, монографияҳо, антологияҳои гуногун шинос намуда, онҳоро аз нуқтаи назари равишҳои муосири илмӣ, системаи пешниҳодшудаи назарҳо оид ба фанни омӯхташаванда тавсиф намояд. Самаранокии ҳалли масъалаи дар боло зикршуда бо омилҳои зерин муайян карда мешавад:

1.Фаъолияти муштарак бо одамоне, ки якдигарро эҳтиром мекунанд ва ба ақидаи ҳамдигар манфиатдоранд.

2. Эҳтиром ва эътимод ба муаллим.

3. Аз тарафи муаллим тасдиқ намудани натиҷаҳои хуб.

4.Имконияти дидани натиҷаҳои кори худ ва дар ҳолати зарурӣ беҳтар кардани кор.

5.Иҷрои вазифаҳое, ки саъю кӯшиши зеҳнӣ, истифодаи маҳорату малакаҳои мавҷударо талаб мекунанд

6.Боварии муаллим ба имконияти кори мустақилона.

7. Доштани маълумот дар бораи дурнамои кор, ҷустуҷӯи муштарак ё мустақилонаи роҳҳои таҳсил, ҳалли мушкилот.

Ҳамин тариқ, тарбияи инсонпарварона ва башардӯстонаи хонанадагон дар мактаб ба ҳамаи самтҳои зиндагонии инсоният дар марҳалаҳои мухталифи он муҳим мебошад. Зеро маҳз тарбияи дурусти хонанда дар руҳияи инсондӯстӣ имкон медиҳад, ки ӯ таълимоташро барои беҳдошти ахлоқи ҷомеа равона намояд ва зиндагонии ӯ дар доираи сулҳу салоҳ, оромиву тинҷӣ ва муҳаббату садоқат сурат гирад. Аз ин рӯ дар канори таълим, тарбияи инсодӯстонаи хонанда аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф маҳсуб меёбад.

**Муқарриз: Сабурӣ Х.М.- д.и.п. профессори**
**ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Абуалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Аз силсилаи «Халқҳои эронӣ дар маъхазҳои таърихӣ». (Иборат аз се ҷилд).— Душанбе: Ирфон, 1992. -Ҷ. I — 656 с.
2. Башардӯстӣ / Г. Абдураҳмонов // Асос — Боз. — Д. : СИЭМТ, 2013. — (Энсиклопедияи Миллии Тоҷик : [тахм. 25 ҷ.]. Сармуҳаррир Н. Амиршоҳӣ ; 2011—2021, ҷ.
3. Евладова Е.Б. Дополнительное образование детей / Е.Б.Евладова, Л.Г.Логинова, Н.Н. Михайлова. - М., 2002. -С. 93.
4. Иванова С.В. Образование в организационно-гуманистическом измерении / С.В. Иванова. - М.: РУДН, 2007. -240 с.
5. Лебедев А. А. Эстетические взгляды А. В. Луначарского. Очерки / А. А. Лебедев. — М.: Искусство, 1962. - 320 с.
6. Роджерс К. О групповой психотерапии / К. Роджерс. - М.: Гиль-Эстель, 1993. -340 7.
7. Селиверстова, С.А. Воспитательное пространство и экогуманистическое мировоззрение / С.А. Селиверстова, В.В. Князева // Вопросы гуманитарных наук. – М., 2006. – № 4. – С. 233-237.
8. Селиверстова, С.А. Элективный курс «Гармония человека и природы» / С.А. Селиверстова / коллект. моногр. «Человек культуры. Книга 3: воспитательное пространство». – Оренбург: изд-во ОГПУ, 2007. – С. 161-200.
9. Селиверстова, С.А. Мировоззренческие экогуманистические игры / С.А. Селиверстова // Вестн. ОГПУ, 2007. – № 2 (48). – С. 176-191.
10. Селиверстова, С.А. Мировоззренческие экогуманистические игры. «Что будущему мы готовим?» / С.А. Селиверстова // Вестн. ОГПУ, 2007. – № 3(49). – С. 112-133.
11. Сериков В.В. Личностный подход в образовании: концепция и технологии. -Волгоград: Перемена, 1994. - 152 с.
12. Субетто А.И. Гуманизация российского общества (авторская концепция). -СПб.; М.: Исслед. центр Комитета по высшей школе, 1992. -152 с.
13. Швейцер А. Гуманность// Благоговение перед жизнью: Пер. с нем./Сост. и поел. А.А. Гусейнова; Общ. ред. А.А. Гусейнова и М.Г. Селезнева. -М.: Прогресс, 1992. -С. 508-509.
14. Шемарин Н. Нерешенные проблемы гуманитаризации высшего образования / Н.Шемарин, Д.Дарчия, О. Медухо // Высшее образование в России. — 1997. -№2. - С.79-81.
15. Шереги Ф.Э. Социология образования: прикладной аспект / Ф.Э.Шереги, В.Г.Харчева, В.В. Сериков. - М.: Юристь,1997. - 304 с.
16. Шипунова Т.В. Агрессия и насилие как элементы социокультурной реальности / Т.В. Шипунова // Социс. 2002. - №5. - С.67-76.
17. Шиян О.А. Современные концепции гуманизации педагогического сознания в США: Дис. . канд. пед. наук / О.А. Шиян. - М., 1996. - 167 с.
18. Шустрова JI.В. Гуманистическая направленность воспитательной деятельности педагога: (Ист.-пед. аспект): Дис. . канд. пед. наук / JI.В. Шустрова. -М.,1992. — 199 с.
19. Щедровицкий П.Г. Думать — это профессия: Сб. интервью. -М.,2000. 95 с.
20. Щекова Е.J1. Труд добровольцев в сфере культуры США и России / Е.J1. Щекова //Социс. 2002. - №3. - С.97-99.


**ҒОЯҲОИ ИНСОНДӮСТӢ ДАР ТАЪЛИМ**


Мақола ба ғояҳои инсонпарварӣ ва истифодаи онҳо дар равани таълим бахшида шудааст. Муаллиф дар мақола оид ба гуманизатсияи тарбия дар мактаб, проблемаҳои он, шароит ва усулҳои тарбия бо назардошти ақидаҳои инсондӯстӣ, нақши муаллим ва муносибати ӯ бо хонандагон андешаҳои худро баён кардааст. Масъалаи инсонгароии таълим яке аз проблемаҳои мубрами замони муосир буда, мавриди баҳси донишмандон қарор дорад. Дар таърихи умумиҷаҳонии инсоният ғояи инсонпарвариву башардӯстӣ нақши бориз дошта, инсонҳоро баҳри расидан ба ҳаёти шоиставу арзанда раҳнамоӣ мекунад, ба оянда умед

мебахшад, инсонҳоро ба қуллаҳои нави инкишофу рушд талқин месозад. Солҳои охир таваҷҷуҳ ба инсондӯстӣ, ҳамчун ба сарчашмаи тарбия ва камолоти инсон эътибор медиҳанд ва он бахусус, дар соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла бахши маориф равшан зуҳур мекунад. Мусаллам аст, ки дар мактаб таҳкурсии маънавиёти инсонҳоро мегузоранд, яъне инсон дар ин ҷо ҳам таълим ва ҳам тарбия гирифта, ҳамчун фард ташаккул меёбад. Тарбияи инсонпарварона ва башардӯстонаи хонандагон дар мактаб ба ҳамаи самтҳои зиндагонии инсоният дар марҳалаҳои мухталифи он муҳим мебошад. Зеро маҳз тарбияи дурусти хонанда дар руҳияи инсондӯстӣ имкон медиҳад, ки ӯ таълимоташро барои беҳдошти ахлоқи ҷомеа равона намояд ва зиндагонии ӯ дар доираи сулҳу салоҳ, оромиву тинҷӣ ва муҳаббату садоқат сурат гирад.

**Калидвожаҳо:** таълим, гуманизми таълим, тарғиби инсонпарварӣ, башардӯстӣ, муаллим ва хонанда, дониш ва таҷриба, тарбия.

## ГУМАНИСТИЧЕСКИЕ ИДЕИ В ОБРАЗОВАНИЕ

Статья посвящена рассмотрению мировой истории гуманистических идей и типов гуманизма. Автор в статье изложил свое мнение о гуманизации образования в школе, ее проблемах, условиях и методах воспитания с учетом представлений о гуманности, роли учителя и его взаимоотношениях с учениками. Проблема гуманизации образования является одной из актуальных проблем современности и является предметом дискуссий ученых. Во всемирной истории человечества идея гуманизма имеет четкую роль, она направляет людей к достижению достойной жизни, дает надежду на будущее, вдохновляет людей на новые вершины. В последние годы внимание уделяется человечности как источнику благодати человеческого образования и зрелости, и особенно это проявляется в социокультурной сфере, в том числе в сфере образования. Важно, что в школе закладывается фундамент духовности человека, то есть человек формируется как личность, получая здесь и образование, и обучение.Гуманное воспитание учащихся в школе имеет важное значение для всех сторон жизни человека на различных ее этапах. Потому что именно правильное воспитание ученика в духе человеколюбия позволяет ему направить свое образование на совершенствование нравственности общества, а его жизнь протекает в рамках мира и справедливости, мира и спокойствия, любви и верности.

**Ключевые слова**: Воспитание, гуманизм,гуманизм образования, пропаганда гуманизма, учитель и ученик, знания и опыт, образование.

## HUMANISTIC IDEAS IN EDUCATION

The article is devoted to the world history of humanistic ideas and types of humanism. The author in the article expressed his opinion on the humanization of education in the school, its problems, conditions and methods of education, taking into account the ideas of humanity, the role of the teacher and his relationship with students. The problem of humanization of education is one of the urgent problems of our time and is the subject of discussions among scientists. In the world history of mankind, the idea of humanism and humanism has a clear role, it guides people to achieve a decent and dignified life, gives hope for the future, inspires people to new heights. In recent years, attention has been paid to humanity as a source of the grace of human education and maturity, and this is especially evident in the socio-cultural sphere, including in the field of education. It is important that the foundation of human spirituality is laid at school, that is, a person is formed as a person, receiving both education and training here.The humane education of students at school is important for all aspects of human life at its various stages. Because it is the correct upbringing of a student in the spirit of philanthropy that allows him to direct his education towards improving the morality of society, and his life proceeds within the framework of peace and justice, peace and tranquility, love and fidelity.

**Key words**: Education, humanism, humanism of education, propaganda of humanism, teacher and student, knowledge and experience, education.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобоназаров Шоҳин Сафаралиевич*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

**Сведение об авторе:** ***Бобоназаров Шоҳин Сафаралиевич*** – Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова», соискатель кафедры общей педагогики. **Адрес**:735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова,1.

**Information about the author:** ***Bobonazarov Shokhin Safaralievich*** **-** State educational institution "Khujand State University named after academician B. Gafurov", applicant for the department of general pedagogy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1.

УДК:37.0 (2тоҷ)

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ДОНИШИ ДОНИШҶӮЁН

*Пиров М.Н.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ**

Асри XXI, асри рушди босуръати илмию техникӣ, технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, мултимедию низоми муосири таълимӣ, навгонию навоварӣ, ислоҳоти сохторҳои илму маориф ва воридшавии ин соҳаҳо ба низоми байналмилалии таҳсилот маҳсуб меёбад.

Инқилоби муосири технологӣ яке аз тамоюлҳоест, ки ояндаи инсониятро ташаккул дода, муносибати ӯро бо ҷаҳон тағйир медиҳад. Маҷмуи талаботи объективии инқилоби технологӣ барои ҷомеа бо назардошти навсозии минбаъдаи соҳаи маориф ба рушд ва дастрас намудани ҷанбаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла захираи асосии стратегии давраи пасосаноатӣ, ки боиси ташаккули фаъолияти таълимию маърифатӣ, эҷодию ҷустуҷӯӣ ва бозомӯзии касбии донишҷӯён мегардад, равона гардидааст.

Дар маҷмуъ ғояҳо, ҳадафҳо, вазифаҳо, мундариҷа, натиҷаҳои ниҳоии таҳсилот, бахусус фаъолияти таълимию маърифатӣ, тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (2013), Стратегия миллии таҳсилоти олии касбӣ (2021), Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (03.12.2004, №468), Фармони Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2020, №1445 оид ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» боиси рушду истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ дар соҳаҳои зертобеи соҳаи маориф гардид.

Вазифаи афзалиятноки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тайёр кардани мутахассисонест, ки қобилияти аз худ кардани дониш ва малакаҳои навро дошта, зуд ба талаботи ҷаҳони босуръат тағйирёбанда мутобиқ мешаванд, қарорҳо қабул карда, рӯз аз рӯз салоҳияти касбии худро баланд мебардоранд.

Тибқи таълифоти О.В Березлина, “технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) маънои усулҳо ва алгоритмҳои гуногуни ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, муаррифӣ ва интиқоли иттилоотро бо технологияи компютерӣ дорад” [1, с.79].

Мақсади ба таври муттасил гузаштан аз раванди таълими анъанавӣ ба раванди таълими муосир, яъне низоми сезинагии таҳсилот: бакалавриат, магистратура ва докторантураи Ph.D, аз таҳсилоти ғоибона гузаштан ба таҳсилоти фосилавӣ, бе истифода бурдани ҷанбаҳои технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, мултимедӣ, ташкили курсҳои онлайну офлайн ва ба роҳ мондани шаклҳои гуногуни назорат дар ҷараёни омӯзиши фанҳои таълимӣ, аз ҷумла асосҳои информатика ғайриимкон аст.

Дар замони муосир, масъалаи рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, афзоиши системаҳои итттилоотии идоракунии муассисаҳои таълимӣ ва автоматикунонии фаъолияти касбии омӯзгорон, таъмини доираи васеи таълими электронӣ, ташкил ва такмили манбаъҳои рақамӣ, дастрасии умумӣ ва мавҷуд набудани имконияти назорати маълумоти интернет дар бисёр мавридҳо боиси пайдошавии ташвишҳои нав дар муҳити низоми педагогӣ мегарданд.

Барои баланд бардоштани сифати таҳсилот нақши корҳои мустақилонаи донишҷӯён назаррас арзёбӣ мегардад. Пеш аз оне, ки масъалаи татбиқи имкониятҳои ТИК-ро дар иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯён баррасӣ намоем, зарур аст, ки худи мафҳумро ҳамаҷониба таҳлил намоем.

Масъалаи ташкили фаъолияти мустақилонаи донишҷӯёнро дар педагогика проблемаи “доимӣ” ва ё “абадӣ” меноманд, ки дар эҷодиёти файласуфони қадим (Суқрот, Афлотун, Арасту) мавриди омӯзиш қарор гирифта буд ва то имрӯз ин масъала аҳамияти худро гум накардааст. Ин масъала бори нахуст дар осори П.И. Пидкасистий аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст. Ӯ кори мустақилонаро аз ду ҷиҳат таҳлил кардааст: 1) ҳамчун воситаи ташкил ва идоракунии фаъолияти мустақилонаи хонандагон (аз тарафи муаллимон); 2) ҳамчун шакли мушаххаси дониши тарбиявӣ (аз тарафи донишҷӯён) [6, с. 114].

Аз миёнаҳои асри XX рушди фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён ҳамчун мавзуи таҳқиқот дар педагогикаи мактабҳои олӣ ворид гардида, тадриҷан хусусияти як падидаи нави интегратсионии илмӣ, аз ҷумла, маълумот ба равишҳои гуногуни таълимӣ ноил гардид. Фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён, аз ҷиҳати назариявӣ дар таҳқиқоти Е.Я. Голант, Б.П. Эсипов, Л.В. Жарова, А.С. Линда, Р.М. Микелсон, П.И. Пидкасти, М.Н. Скаткин ва дигарон, аз ҷиҳати технологӣ В.П. Беспалко, М.В. Кларин, Г.К. Селевко, А.И. мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ба андешаи мо, мушкилоти ташкили фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши фанҳои алоҳида бо истифода аз абзорҳои ТИК (хусусан технологияҳои Web 2.0) то ҳол ба пуррагӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст. Технологияи Web 2.0 (тавре, ки Тим О'Рейли муайян кардааст) методологияи тарҳрезии системаҳоест, ки тавассути баҳисобгирии муошироти шабакавӣ корбарон ҳар қадар ки бештар иттилоотро истифода баранд, раванди ҷустуҷӯи он ҳамон қадар беҳтар мешавад. Хусусияти Web 2.0 принсипи ҷалби корбарон ба пуркунӣ ва санҷиши сершумори маводи иттилоотӣ мебошад.

Сарфи назар аз он, ки масъалаи ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад, бисёр ҷанбаҳои он то имрӯз мавзуъҳои баҳсталаб маҳсуб меёбанд. Дар бораи моҳият ва мундариҷаи корҳои мустақилона фаҳмишҳои умумипедагогию дидактикӣ вуҷуд надоранд, яъне ҳамчун усули ташкили фаъолияти маърифатӣ, шакли ташкили раванди таълим, воситаи ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ҷалб намудани донишҷӯён баррасӣ карда мешавад.

Кори мустақилона шакли ташкили фаъолияти мустақилонаи таълим ба шумор меравад. Ҷузъҳои таркибии фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён аз инҳо иборатанд [9, с.19]: тавлиди ангеза;мураттабсозии ҳадафи фаъолият;гузоштан ва ҳалли вазифаи маърифатӣ;мониторинги пешрафт ва натиҷаи иҷро.

Ташкил намудани корҳои мустақилона ба омӯзиш ва аз худ намудани мундариҷаи машғулиятҳои таълимӣ ва рушди фаолияти инфиродии донишҷӯён нигаронида шудааст. Ба андешаи мо, мавқеи омӯзгороне, ки раванди корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро ҳамчун хусусияти ҷанбаҳои инкишофи шахсият ва дар алоқамандӣ баррасӣ менамоянд, дар зинаи дигар қарор дошта, ин омӯзгорон соҳиби эҳтироми хосса мегарданд. Аломатҳои берунии мустақилияти донишҷӯён инҳоянд: банақшагирии фаъолияти худ;анҷом додани супориш бе иштироки омӯзгор;худдорӣ ва ислоҳ.

Ба ҷанбаи ботинии мустақилияти таълимӣ ҳавасмандкунӣ, кӯшишҳои равонӣ, ахлоқӣ-иродавии донишҷӯ, иҷрои амалии мавзуъҳои таълимии омӯзгорон дохил мешаванд, ки муттасилан ташаккул меёбанд [7, с.126].

Ёдрас мешавем, ки мустақилияти мутлақ ва пурраи донишҷӯ яке аз падидаи ғайривоқеии раванди таълим буда, ҷанбаҳои он бояд бо дарназардошти иштироки омӯзгор ба таври объективӣ муайян карда шаванд.

Дар таҳқиқоти олимони соҳаҳои педагогию дидактикии солҳои охир ҷанбаҳои зерини корҳои мустақилона тавсиф шудаанд: репродуктивӣ ва истеҳсолӣ. Ҷанбаи истеҳсолӣ дар шароити муосир аҳамияти махсус пайдо кардааст. Тағйироти сифатии дар илму техника баамаломада, ба омӯзгорону донишҷӯён имкон медиҳад, ки аз раванди бевоситаи технологӣ берун бароянду дар заминаи чунин вазифаҳои муҳим, яъне муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳо, идоракунии умумӣ ва назорат, интихоби роҳи амиқу возеҳи ҳалли масъалаҳои ба таври алтернативӣ пешниҳодкардаи компютерро амалан иҷро карда, аз уҳдаи пешгӯии натиҷаҳо, тафсири маълумоти бадастомада, таҳияи нақшаҳо ва стратегияҳои нави таълимӣ хуб баромада тавонанд.

Ҷанбаҳои тавсеаи намудҳои фаъолият, аз ҷумла, фаъолияти меҳнатии инсон дар заминаи тағйироти барҷастаи технологияи муосир, аз ӯ талаб мекунанд, ки фаъолияти хешро мутобиқан ба навовариҳои техникию итилоотӣ тарҳрезию амалӣ намояд. Намудҳои фаъолияти соҳаҳо инҳоянд: фаъолияти таълимӣ, меҳнатӣ, техникӣ, бадеӣ, равонӣ, варзишӣ ва ғайраҳо.

Самаранокии мазмуни таълими касбии имрӯза бо он вобаста аст, ки он то чи андоза ба тағйироти илм, техника ва технология, инчунин муҳлати дар истеҳсолот татбиқ намудани онҳо нигаронида шудааст.

Самаранокии усулҳои таълим аз қадамҳо ва усулҳои истифодашавандаи он, аз дараҷаи мувофиқати онҳо ба заминаи қонунҳои илмӣ ва иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Фаҳмидани натиҷаҳои корҳои мустақилонаи дар зинаи бакалавриат дар ҳама самтҳои омӯзиш қонунҳои рушди табиат, ҷомеа, тафаккур, арзишҳои асосии фарҳанги ҷаҳонӣ, инчунин, соҳиби воситаҳои асосии идоракунии иттилоот, қобилияти кор дар шабакаҳои ҷаҳонии компютерӣ баррасӣ мегардад.

Ҷустуҷӯи роҳу усулҳои технологияҳои муосир ва оптималии таълим ба яке аз масъалаҳои мубраму таъхирнопазири бахшҳои педагогика ва дидактика табдил ёфтаанд. Омӯзиши равандҳои таълими анъанавӣ, ислоҳот ва муосиргардонии онҳо, омӯзиш ва татбиқи таҳсилоти фосилавӣ дар рушди ҷанбаҳои маълумоти олии касбӣ, яке аз масъалаҳои муҳимтарин арзёбӣ гардидаанд. Аз нуқтаи назари бисёр муҳаққиқон, солҳои охир таълими омехта ҳамчун «стратегияи таълимии аз тарафи умум пазируфташуда дар мактаби олӣ» эътироф шудааст [11, с.104].

Консепсияи таълими омехта дар охири асри XX пайдо гардид. Яке аз аввалин таърифҳои илмии "омӯзиши омехта"-ро Чарлз Грэм пешниҳод кардааст: "Омӯзиши омехта ин омӯзиши анъанавии шахсӣ ва омӯзиши миёнарави технология мебошад" [11, с.4]. Д.Р.Гаррисон омӯзиши омехтаро ҳамчун «ҳамгироии оқилонаи омӯзиши шахсӣ дар синф бо таҷрибаи омӯзиши онлайн» муайян кардааст [11, с.96].

Дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ иборoҳои гуногун мавҷуданд, ки муаррификунандаи татбиқи ТИК дар раванди таълим ба ҳисоб рафта, барои таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни таълим истифода мешаванд:

- **Омӯзиши электронӣ** (E-learning) ҳамчун омӯзиш бо истифода аз ҳама гуна иттилоот ва иртибот гузаронида мешавад [12, с.2336].

- **Таълими фосилавӣ** ҳамчун як шакли таълим, ки дар фаъолияти таълиму тарбия аз рӯйи вақт ва фазо тақсим карда мешавад [12, с.2336].

- **Омӯзиши онлайнӣ** як шакли таълими фосилавӣ, бештар бо ёрии ТИК дар асоси интернет амалӣ карда мешавад [14].

- **Технологияи миёнаравӣ** [14] ё омӯзиши технологияи мукаммал, нишон медиҳад, ки истифодаи ТИК дорои як қатор пешравиҳо буда, боиси беҳдошти ҷанбаҳои таълим

мегардад. Истифодаи истилоҳи "таълими омехта" барои омӯзиши дарсҳои анъанавии рӯ ба рӯ ва супоришҳои хонагии онлайнӣ мусоидат мекунад.

Олимон ва муҳаққиқони соҳаи педагогика ва дидактика омӯзиши омехтаро дар донишгоҳҳо чунин арзёбӣ намудаанд:

- чандирӣ ва ҳаракатпазирии таълим [4];
- баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён [15];
- амалисозии равиши ба донишҷӯ нигаронидашудаи таълим;
- қобилияти ба таври визуалӣ назорат кардани муваффақияти ҳар як донишҷӯ [4];
- дастрас будани таҳсил барои донишҷӯён ва қобилияти ташкили раванди таълими худ [16];
-баланд бардоштани масъулияти донишҷӯ ҳангоми иҷрои супоришҳо [4];
- ба таври муттасил васеъ намудани дастрасии таълим, барои хонандагони маъюб ва ниёзманд [4].

Консепсияи омӯзиши омехта барои бартараф кардани баъзе мушкилот танҳо тавассути омӯзиши онлайн амалӣ мегардад, аз ҷумла:

- набудани муошират байни муаллим ва донишҷӯён [10; 25];
- баробар кардани нақши анъанавии омӯзгор дар курси пурраи интерактивӣ [10] ва ғайра.

Олимон Гвен К.Маршан ва Антонио П.Гутеррес самтҳои мусбат ва манфии “оғози нимсола”, аз қабили умед, лаззат, ғурур, ноумедӣ ва изтиробро ба стратегияи омӯзиши “охири семестр” ҳамчун як шакли омӯзиши омехта тасвир менамоянд [15]. Аксари таҳқиқотчиён муайян намудаанд, ки донишҷӯён ба сатҳи баланди қаноатмандӣ аз равиши омӯзиши омехта дар муқоиса бо ҳам дар синфхона ва ҳам форматҳои сирф онлайн ноил мегарданд. Бо истифодаи омӯзиши омехта, донишҷӯён нисбат ба сарбории холис дар синф ё онлайн беҳтар фаъолияти таълимӣ нишон хоҳанд дод.

Яке аз омилҳои муҳиме, ки ба ташакули фаъолияти таълимию маърифатии муваффақияти донишҷӯён таъсири мусбӣ мерасонад - ин фикру мулоҳизаҳои мусбӣ дар бораи фаъолияти якҷояи онҳо бо муаллимон мебошад, яъне онҳо метавонанд ҳам бо тариқи ҳузурӣ ва ҳам онлайн санҷишҳои фосилавӣ (рейтингӣ)-ро гузаранд. «Мулоқот яке аз омилҳои тавонои пешбурди дастовардҳо дар ҷанбаҳои гуногуни таълим маҳсуб меёбад» [15, с.120]. Инчунин, фикру мулоҳизаҳо, махсусан, барои донишҷӯёни дониши нисбатан нокифоя дошта, чандон муҳим нестанд, аз ин рӯ, чандон ҳавасмандӣ надошта, бо мушкилоти омӯзиш бештар рӯ ба рӯ мешаванд.Андешидани чораҳои амалӣ ҷиҳати татбиқ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар фаъолияти ҳаррӯза як қатор мушкилотро ошкор намуд, ки ҳалли онҳо дар доираи такмили ихтисоси омӯзгорон имконпазир аст [5, с. 45]. Ба ақидаи Клименко Е.В. [5], дар замони муосир барномаи таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон бояд масъалаҳои зеринро фаро гиранд:

✓ аз худ кардани истифодабарии таҷҳизоти муосири электронӣ;

✓ истифодаи оқилона ва ҳавасмандонаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар фаъолияти таълимӣ;

✓ тағйир додани усулҳои анъанавии таълими фанҳои гуногун, тағйирот ба амалияи педагогӣ, ҷустуҷӯи моделҳои нави таълим;

✓ автоматикунонӣ ва танзими ҷараёнҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ва идоракунии фаъолияти таълимӣ;

- ✓ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар ташкили раванди чорабиниҳои тарбиявӣ ва ғайра.

Танҳо ҳангоми бозомӯзии омӯзгорон дар курсҳои такмили ихтисос, ки аслан дар 5 сол як маротиба гузаронида мешаванд, ҳаллу фасл намудани масъалаҳои дар боло дарҷ гардида душвор буда, аз ин рӯ, ба андешаи мо, дар ду сол як маротиба аз курси кӯтоҳмуддат гузаронидани омӯзгорон муҳим ба шумор меравад. Дар айни замон, нақши шаклҳои фосилавии ташкили таълим (дур нашудан аз ҷойи кор) меафзояд. Вобаста ба ин, дар ташкилу гузаронидани такмили ихтисос ва ё курсҳои кӯтоҳмуддат истифодаи шакли фосилавии таълим ба манфиати кор мебошад.

Ташкили семинарҳо, конфронсҳо, рӯнамоҳо, мастер-классҳо дар интернет, барои табодули таҷриба ва нишон додани имкониятҳои истифодаи воситаҳои гуногуни ТИК ва усулҳои ғайристандартӣ дар фаъолияти педагогии омӯзгории муассисаҳои таълимӣ бомаром меафзояд. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми рушди фаъолияти касбии мутахассисони муассисаҳои таълимию тадрисӣ худомӯзии омӯзгорон маҳсуб меёбад.

Аз мушоҳидаҳои мо маълум гардид, ки зарурияти доштани маҳорату малакаи корӣ бо таҷҳизоти муосири электронӣ, истифодаи технологияи муосири таълимӣ, қобилияти худтакмилдиҳии омӯзгор новобаста аз синну сол ва тахассус дар замони муосир давра ба давра рушд ёфта истодааст.

Ҳалли мушкилоти педагогӣ, яъне мутобиқати касбияти омӯзгорон ба талаботи замони муосир дар татбиқи шаклҳои гуногуни таълим хеле муҳим мебошад. Дар мавриди истифодаи имкониятҳои технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, воситаҳои аудиовизуалӣ дар фаъолияти касбии омӯзгор боиси ташаккули фаъолияти эҷодию ҷустуҷуии ҳам омӯзгорон ва ҳам донишҷӯён мегардад. Бо чунин тарз ба роҳ мондани кор барои тезонидани раванди ба сатҳи сифатан нави таълими муосир гузаштан заминаи боэътимодро тарҳрезӣ менамояд.

Нақши омӯзгор дар раванди таълим то ҳол ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад, гарчанде ки дар мавриди омӯзиши барномаи онлайн ногузир тағйир ёбад. Омӯзгорон бояд мувозинати тарафайни байни шеваҳои рӯ ба рӯ ва онлайнро бо пуррагӣ таъмин намоянд. Солҳои охир мавзуи таълими омехта дар ҷараёни омӯзиши асосҳои информатика дар мактабҳои олӣ бо раванди таълими анъанавӣ инкишоф ёфт. Вобаста ба ин, таҳқиқоти муосир оид ба омӯзиши омехта нисбати таълими анъанавӣ, ба андешаи муҳаққиқон бартарии бештар дорад, аз ҷумла [8, с.27]: истифодаи дастгоҳҳои мобилӣ (таълими мобилӣ); истифодаи таълими омехта дар соҳаи идоракунӣ; иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалӣ ва омодагию иштирок дар барномаи глобалии академӣ ва ғайра. Дар мавриди истифодаи ТИК ҳамчун як шакли назорати беруназсинфӣ, масалан, монологҳои видеоӣ, ин мавзуъ боз ҳам омӯзишу таҳқиқро талаб мекунад. Бо истифода аз раванди таҳсилоти фосилавӣ донишҷӯён дар вақти холигии худ вобаста ба дарс як ахбороти монологиро дар шакли монологӣ- видеоӣ сабт намуда, онро бо истифода аз технологияҳои гуногуни интернетӣ ба омӯзгор мефиристанд.Ҷанбаҳои бартарии истифодаи видеомонолог дар амалияи педагогӣ, ба ақидаи Буракова Д.А., аз чунин қисматҳо иборат мебошад [2, с.52-53]:

1.Донишҷуён дар бораи мазмун ва сохтори монологии худ бештар андеша мекунанд.

2. Масъулияти донишҷӯён низ нисбат ба қисматҳои грамматикӣ, лексикӣ ва талаффузи гуфтор афзуда, сифати баёни онҳо низ беҳтар мегардад.

3. Донишҷӯён имкон доранд, ки монологи худро аз нав нависанд, агар аз нусхаи сабтшуда қаноатманд набошанд ё дар нутқи худ ягон хатогиро мушоҳида кунанд. Ҳамин тариқ, имкони худтанзимкунӣ, худсанҷишӣ ва ислоҳи худ вуҷуд дорад.

4. Имконияти аз нав сабт кардани монологи видеоӣ, барои бартараф кардани баъзе соҳву хатогиҳо, мушкилоти равоние, ки ҳангоми ба саволҳо ҷавоб додан ба миён меоянд.

5. Имконияти захира кардан ва аз нав дида баромадани монологи видеоӣ мавҷуд аст, ки он бисёр муҳим мебошад.

6. Дар охир бояд қайд кард, ки дар сурати мавҷуд будани силсилаи пурраи монологҳои видеоӣ пешрафти донишҷӯро ба таври визуалӣ пайгирӣ кардан мумкин аст, ки ӯро ба рушди минбаъда ва муваффақият ҳавасманд мекунад.

Ҷалби видеомонологҳо дар ҷараёни омӯзиши асосҳои информатика ба татбиқи равиши ба донишҷӯ нигаронидашудаи таълим мусоидат мекунад, зеро муаллим имкон дорад, ки дар шакли хаттӣ оид ба видеомонологи мушаххас ҳисобот тартиб дода, онро ба донишҷӯ ба таври инфиродӣ баррасӣ намояд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти таҷрибаҳои зина ба зина амалишудаи муҳаққиқону омӯзгорон дар мавриди истифодаи технологияи омӯзишӣ дар ҷараёни таълими илмҳои информатика пешравиҳо ва муваффақиятҳо ба назар мерасанд. Дар ҷараёни омӯзиш, таҳқиқ ва гузаронидани мушоҳидаҳои педагогӣ ба хулосае омадем, ки барои беҳбудӣ ва зина ба зина рушд ёфтани равияҳои анъанавию муосири таълим, дар мисоли "омӯзиши омехта" бояд роҳу усулҳои нави истифодаи технологияҳои итилоотӣ-коммуникатсиониро барои назорати берун аз аудитория, яъне таҳсилоти фосилавӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфт намоем, дар ин маврид воситаҳои видиомонологӣ хеле муҳим арзёбӣ мегарданд.

**Муқарриз: Мирзоев А.Р.- д.и.п., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Брезгина, О.В. Об использовании информационно-коммуникационных технологий при обучении иностранному языку / О. В. Брезгина // Вестник Нижневартовского государственного университета. – 2014. – №4. – С. 77-80.
2. Буракова, Д.А. Опыт применения видеомонологов при обучении иностранному языку в нелингвистическом вузе/ Д. А. Буракова// Вопросы методики преподавания в вузе. – 2019. – Т. 8, №28. – С. 42–51.
3. Веряскина А.Н. Использование информационных и коммуникационных технологий в организации самостоятельной работы студентов вуза при изучении курса философии // Современные проблемы науки и образования. – 2014. – № 1. [Электронный ресурс]. URL: http://www.science-education.ru/ru/article/view?id=11998 (дата обращения: 29.03.2021).
4. Ефимова Н. С. Психология и педагогика высшей школы: учебное пособие / Н. С.Ефимова, Н. В.Плаксина, Е. С. Ефимова. – М.: РХТУ им. Д.И. Менделеева, 2018. – 156 с.
5. Клименко Е.В. О проблемах внедрения информационно-коммуникационных технологий в образование // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2013. – № 9. – С. 44-45. [Электронный ресурс]. URL: http://www.applied research.ru/ru/article/view? id = 3991 (дата обращения: 01.07.2021) http://www.applied-research.ru/ru/article/view?id=3991
6. Пидкасистый П. И. Педагогика: учебное пособие для вузов / П. И. Пидкасистый. Ответственный редактор П. И. Пидкасистый. — 2-е изд. — Москва: Издательство Юрайт, 2011. — 502 с. — (Бакалавр. Академический курс). — ISBN 978-5-9916-0886-2. [Электронный ресурс]. Образовательная платформа Юрайт. URL: https://urait.ru/bcode/339140 (дата обращения: 28.10.2021).
7. Blended learning model in the innovative electronic basis of technical engineers training / N. Almazova, A. Rubtsova, E. Krylova, D. Barinova, Y. Eremin, N.Smolskaia // Annals of DAAAM and Proceedings of the International DAAAM Symposium. – 2019. – Vol. 30, №1. – p. 814-825.
8. Christensen, R. Readiness for integrating mobile learning in the classroom: Challenges, preferences and possibilities / R. Christensen, G. Knezek // Computers in Human Behavior. – 2017. – Vol. 76. – p. 112-121.
9. Correlation between the Practical Aspect of the Course and the E-Learning Progress / D. Bylieva, V.Lobatyuk, A. Safonova, A. Rubtsova // Education Sciences. – 2019. – Vol. 9, №3. – №167.
10. Gani, N. I. A. The effectiveness of blended learning on learners' interaction and satisfaction / N. I. A. Gani, Rathakrishnan, H. N. Krishnasamy // Opcion. – 2019.– Vol. 35, Special Edition 24. – p. 48-62.

11. Garrison, D. R. Blended learning: Uncovering its transformative potential in higher education / D.R. Garrison, H. Kanuka // Internet and Higher Education. – 2004.– Vol. 7, №2. – p. 95-105.
12. Gikandi, J. W. Online formative assessment in higher education: A review of the literature / J. W.Gikandi, D. A. Morrow, N. E. Davis // Computers and Education. – 2011. – Vol. 57, №4. – p. 2333-2351.
13. Graham, C.R. A framework for institutional adoption and implementation of blended learning in higher education / C.R. Graham, W. Woodfield, J. B. Harrison // Internet and Higher Education. – 2013. – Vol. 18, July. – p. 4-14.
14. Guri-Rosenblit, S. Digital Technologies in Higher Education: Sweeping Expectations and Actual Effects /S. Guri-Rosenblit. – Nova Science Publishers, 2010.– 175 p. – ISBN 9781606922385.
15. Marchand, G. C. The role of emotion in the learning process: Comparisons between online and face-to-face learning settings / G. C. Marchand, A. P. Gutierrez // Internet and Higher Education. – 2012. – Vol. 15, №3. – p. 150-160. Материалы етырнадцатой международной научно-практической/
16. Students' perceptions and attitudes towards asynchronous technological tools in blended-learning training to improve grammatical competence in English as a second language / A. M. Pinto-Llorente, M. C. Sánchez-Gómez, F.J. GarcíaPeñalvo, S. Casillas-Martín // Computers in Human Behavior. – 2017. – Vol. 72, №1 (July). – p. 632-643.

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ДОНИШИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақола масъалаи нақши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ташаккули малакаҳои ҷустуҷӯии мустақили дониши донишҷӯён, ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиш, роҳҳои татбиқи самараноки имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим баррасӣ гардида, механизми омодасозии омӯзгорон ба муҳити иттилоотӣ, махсусан дар доираи такмили ихтисоси омӯзгорон, истифодаи самараноки интернет дар раванди таълим, намудҳои корҳои инфиродии донишҷӯён, мушкилот ва роҳи ҳалли онҳо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд. Ҳамзамон, дар мақола намудҳои ташкили мустақилияти донишҷӯён, иҷрои корҳои мустақилона аз ҷониби онҳо ва шаклҳои ба роҳ мондани кори мустақилонаи аудиторӣ ва кори мустақилонаи берун аз аудиторӣ таҳлил, муҳокимаронӣ гардида, пешниҳодҳои мушаххас манзур гардидаанд. Яке аз масъалаҳои калидие, ки дар мақола таҳлил гардидааст, ин ба роҳ мондани таълими омехта мебошад. Дар ин самт нуқтаи назари олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оварда шуда, маълум гардид, ки таълими омехта ҳамчун стратегияи таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз ҷониби умум қабул гардидааст. Омӯзиши омехта ин омезиши омӯзиши анъанавии шахсӣ ва омӯзиши миёнарави технология мебошад. Ҳамзамон, муҳаққиқон омӯзиши омехтаро ҳамчун «ҳамгироии оқилонаи омӯзиши шахсӣ дар синф бо таҷрибаи омӯзиши онлайн» муайян карда, нақши ҳалкунандаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар раванди таълим таъкид мекунанд.

**Калидвожаҳо:** технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, раванди таълим, кори мустақилона, мултимедиа, такмили ихтисос, таҷҳизоти муосири электронӣ, интернет, мастер-классҳо, таълими омехта, монологи видеоӣ (видеомонолог), худсанҷӣ.

## РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПОВЫШЕНИИ УРОВНЯ ЗНАНИЙ СТУДЕНТОВ

В статье рассматривается роль информационно-коммуникационных технологий в формировании самостоятельных исследовательских навыков студентов, мотивация студентов к обучению, способы эффективного использования потенциала информационно-коммуникационных технологий в учебном процессе. В учебном процессе изучаются и анализируются виды индивидуальной работы студентов, проблемы и пути их решения. При этом в статье анализируются, обсуждаются и разрабатываются конкретные предложения по организации самостоятельности студентов, реализации ими самостоятельной работы, а также формы самостоятельной аудиторной работы и самостоятельной внеаудиторной деятельности. Один из ключевых вопросов, обсуждаемых в статье, - внедрение смешанного обучения. В связи с этим были представлены мнения отечественных и зарубежных ученых и исследователей, и стало ясно, что смешанное образование общепринято как образовательная стратегия для высших учебных заведений. Смешанное обучение - это сочетание традиционного личного обучения и обучения с использованием технологий. В то же время исследователи определяют смешанное обучение как «разумную интеграцию личного обучения в классе с опытом онлайн-обучения» и подчеркивают решающую роль информационных и коммуникационных технологий в процессе обучения.

**Ключевые слова:** Информационно-коммуникационные технологии, учебный процесс, самостоятельная работа, мультимедиа, повышение квалификации, современное электронное оборудование, Интернет, мастер-классы, смешанное обучение, видеомонолог самопроверка.

**THE ROLE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGY IN INCREASING STUDENT KNOWLEDGE**

In this article is discussed the role of information and communication technologies in the formation of students' independent research skills, their motivation for study, the effectively implementation ways of the potential of IT in the educational process. The types of individual work of students, the problems and their solutions in the educational process are studied and analyzed. At the same time, the article analyzes and discusses the types of organization of students' independence, their independent works, the forms of ouditory and out of auditory independent works, and develops specific proposals. One of the key issues discussed in the article is the introduction of mixed education. In this regard, the views of domestic and foreign scientists and researchers were presented, and it became clear that mixed education is generally accepted as an educational strategy for Higher Education Institutions. The mixed learning is a combination of traditional personal learning and technology-mediated learning. At the same time, researchers define mixed learning as "reasonable integration of personal learning in the classroom with online learning experience" and emphasize the crucial role of information and communication technologies in the learning process.

**Keywords:** IT, educational process, independent work, multimedia, professional development, modern electronic equipment, Internet, master classes, mixed education, video monologue, self- assessment.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Пиров Муҳаммад Ниёзмадович*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи методикаи таълими информатика. **Суроға:** 735360,Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **985520695**

**Сведение об авторе:** ***Пиров Мухаммад Ниёзмадович*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, асистент кафедры методики преподавания информатики. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова-16. Телефон: **985520695**

**Information about the author:** ***Pirov Muhammad Niyozmadovich*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, assistant of the Department of Methods of Teaching Informatics. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street-16. Phone: **985520695**

**УДК:37.01:34**

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТНОКИИ ҲУҚУҚИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА

*Бобоҷонова С.Р., Азизов А.А.*

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2018) таъкид сохта буданд: " Мо ислоҳоти низоми ҳамаи зинаҳои таҳсилро минбаъд низ давом дода, усулҳои фаъоли таълимро ҷорӣ мекунем ва ба сатҳу сифати таълим эътибори аввалиндараҷа медиҳем" [6].

Таҳқиқ ва баррасии масъалаи салоҳиятнокии ҳуқуқии мутахассисон имрӯз бо сабаби тағйироти муайяни дар Тоҷикистон баамаломада аҳамиятнок гаштааст. Унсурҳои муайяни рушд, аз ҷумла, демократикунонии ҷомеа, ташаккул додани давлати ҳуқуқбунёд, эътирофи ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон мушкилии омодагии мутахассиси оянда, махсусан барои интихоб ва амали мустақили масъулиятнок дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро ба амал меорад, ки ин омилҳо мубрамияти мавзуъро таъйид месозанд. Ин тамоюлҳои рушд аз нав дида баромадани ҳадафҳо ва натиҷаҳои таълимро талаб мекунанд [1, с. 203].

Салоҳиятнокии ҳуқуқӣ чист? Мафҳуми "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ"-ро мутахассисон барои ифодаи мафҳумҳои салоҳият ва салоҳиятнокӣ, ки аз забони лотинӣ (competens competentis) ба забони русӣ иқтибос шудаанд, истифода мебаранд. Бештари таҳлили адабиётҳо маҳз ба ҳамин иқтибосҳо ва аз назари илмию методӣ таснифи онҳоро дар бар мегирад.

Мафҳуми салоҳият дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ - лаёқат, шоистагӣ, қобилият тафсир дода шудааст [18,с.183].

Дар "Луғати истилоҳоти Хазинаи аврупоии таҳсилот" мафҳуми салоҳият (компетенсия) чунин шарҳ дода шудааст:

1.Қобилияти ягон кор (амал) –ро хуб ва самаранок иҷро кардан.

2.Ба талаботи вазифавӣ (касбӣ) мутобиқ будан.

3.Қобилияти иҷрои вазифаҳои махсуси меҳнатӣ [8].

Хулоса, салоҳият - маҷмуи дониш, малака ва маҳорати ба ҳам пайванде мебошад, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

Дар баъзе адабиёти илмӣ мафҳумҳои салоҳият, қобилият, малака ва маҳорат баробар истифода мешаванд.

Дар асоси тафсири боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки шахси салоҳиятнок амалеро хуб, қобилона ва боэътимодона иҷро карда метавонад.

Дар таълими салоҳиятнокӣ диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, ҳақиқӣ, функсионалӣ) равона мешавад. Таълими салоҳиятнокӣ ба саволҳои: "Донишҷӯ чӣ кор карда метавонад?", "Донишҷӯ кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?" ҷавоб медиҳад. Донистан ё дониш дар таълими салоҳиятнокӣ ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, муқоиса кардан бо намуна, ислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад.

Бояд қайд кард, ки “салоҳият”-ро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад”. Салоҳият натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат аст.

Дар таълими муносибати салоҳиятнокӣ муносибатҳо ва раванди таълим хусусиятҳои ба худ хос доранд. Хусусиятҳои мазкур муносибати донишҷӯро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору донишҷӯён, донишҷӯёну маводи таълим ва муносибат байни ҳамдигарро муайян мекунанд. Донистан ва дар амал татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сатҳи азхудкунии малака ва салоҳиятҳоро баланд бардошта, ҳамзамон барои ташаккули шахси масъулиятнок, ботарбия ва маърифатнок замина мегузорад.

Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ раванди ташаккули салоҳиятҳо вақт ва муносибати мураккабро талаб мекунад. Дар муқоиса бо низоми таълими ба дониш асосёфта, ки хусусияти тазаккурӣ дорад, низоми нав иҷрои амалҳои дараҷаҳои гуногуни мураккабӣ ва давомнокии мухталиф доштаро талаб мекунад.

Барои татбиқи низоми мазкур омӯзгорон бояд якчанд назарияҳои асосии таълимоти муосирро донанд ва ба таври самаранок дар амал татбиқ карда тавонанд. Бояд қайд кард, ки назарияҳои таълими мазкур аз фан вобаста набуда, раванди таълим гирифтан, малакаву маҳорат ҳосил карданро инъикос мекунанд.

Тибқи андешаи як қатор олимон, салоҳияти ҳуқуқӣ «сифати муназзам ва шохиси субъекти соҳаи маориф, инчунин омодагии назариявӣ ва ҳуқуқии ӯ ва қобилияти амалии ӯ дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳалли вазифаҳои тағйирёбанда дар соҳаи фаъолияти касбӣ, амалӣ намудани таълими ҳуқуқӣ ва ҳифзи кӯдакон мебошад» [3, с. 25].

Гурӯҳи дуюм бар он андешаанд, ки салоҳияти ҳуқуқӣ «ҷузъи салоҳияти касбӣ буда, тамоюли ҳуқуқии шахсро дар заминаи фаъолияти касбӣ муайян мекунад ва ин хусусиятест, ки қобилияти ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии субъектҳои раванди таълимро дар заминаи арзишҳо, дониш ва таҷрибаи корӣ тибқи принсипҳои ахлоқӣ, афзалияти ҳуқуқҳои инсон, стандартҳои иҷтимоӣ, масъулияти касбии омӯзгори оянда, заминаи меъёрии фаъолият нишон медиҳад» [10, с. 246].

Гурӯҳи сеюми олимон бошанд, салоҳияти ҳуқуқиро ҳамчун «моликияти интегратсионии шахс, ки дар маҷмуи салоҳиятҳо дар соҳаи ҳуқуқии дониш ифода ёфтааст; қобилияти фаъолона таъсир расонидан ба раванди инкишоф ва худомӯзии хусусиятҳои иҷтимоӣ ва арзишии шахс, ки ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ва арзишӣ дар ҷомеа, пешгирӣ ва рафъи зуҳуроти ғайриқонунии рафтор имкон медиҳад», шарҳ додаанд [9, с. 97].

Аз нуқтаи назари мо, салоҳияти ҳуқуқӣ натиҷаи азхудкунии салоҳияти ҳуқуқӣ мебошад, ки дониши ҳуқуқӣ ва малакаҳои амалиро ҳамчун таҷрибаи ҳифзи ҳуқуқ дар фаъолияти касбӣ фаро мегирад.

Бояд қайд кард, ки аз омӯзгори муосир «малакаҳои калидӣ барои татбиқи самараноки раванди таълим, ташкили ҳамкории самарабахш бо иштирокчиёни муносибатҳои таълимӣ, идоракунии бомуваффақияти фаъолияти омӯзгории онҳо» талаб карда мешавад. Аз ин рӯ, ҷанбаи мушаххас ва шартии салоҳияти муаллими намунавии муосир доштани тасаввурот доир ба заминаҳои ҳуқуқии раванди таълимии донишгоҳ, мундариҷаи танзими ҳуқуқии системаи маориф мебошад [5, с.34].

Айни замон, салоҳиятнокии ҳуқуқии омӯзгорро Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак, Эъломияи ҳуқуқи кӯдак, инчунин як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии сатҳи ҷумҳуриявӣ муайян мекунанд. Муқаррароти асосӣ ва консептуалии ҳуҷҷатҳои дар боло овардашуда зарурати аз худ кардани салоҳиятҳои махсуси омӯзгоронро муайян мекунанд, ки сифати таълим ва дастгирии категорияҳои гуногуни кӯдаконро таъмин мекунанд [14, с. 70]. Феълан, истифодаи онҳо дар таҷрибаи таълимӣ мушкилот дорад, зеро он ба интихоби субъективӣ, баҳои шахсӣ ва амали шахсӣ, ки аз ҷониби ҳар як муаллим ҳамчун иштирокчии асосии раванди таълим иҷро карда мешавад, вобаста аст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм пайваста кӯшиш менамоянд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон гардонида, барои ба низоми ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид намудани таҳсилоти миллӣ тадбирҳо андешанд. Соли 2012 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020”-ро ба тасвиб расонд. Тибқи он низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба донишҷӯён имконияти аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятноки қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин намояд.

Стратегияи миллии рушди маориф самтҳои тағйироти муносибат ба таълимро мушаххас карда, гузаришро аз шакли таълими кунунӣ ба шакли таълими салоҳиятнок ба нақша мегирад [17, с.2].

Муносибати босалоҳият ба таълим тамоюли муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот ба шумор рафта, барои аз байн бурдани мухолифати байни талаботи барнома бо эҳтиёҷоти ҷомеа талаботи шахсро дар натиҷаи омӯзиш қонеъ мегардонад.

Бо мақсади иҷрои талаботи “Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020” гузариш ба муносибати ба салоҳиятнокӣ асосёфта ва татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, қабл аз ҳама, фароҳам сохтани шароити муайян барои чунин муносибат тақозо карда мешавад [7,с.74].

Ин шароит омода сохтани заминаи моддию техникӣ, кадрӣ, маҳзани мавод ва маълумоти таълимию илмӣ, таҷрибаомӯзии илмию истеҳсолӣ, такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорон ва ғайраро талаб мекунад.

Ба андешаи мо, дар ин самт бояд кор аз амалисозии марҳилаи фаъолиятҳо дар самтҳои дар поён нишондодашуда оғоз гардида, минбаъд бо амалӣ сохтани тадбирҳои дигари ба таври мантиқӣ бо онҳо алоқаманд идома дода шавад:

1.**Омӯзиши махсусияти низоми ташаккули салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.** Дар ин марҳила бояд чунин чорабиниҳо амалӣ карда шаванд:

✓ Муҳокима ва баррасии назарияҳои умумӣ ва махсуси мавҷуда дар илм ва педагогикаи амалӣ оид ба таҳсилоти босалоҳият.

✓ Баррасии намунаҳои стандарт, барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, ки мувофиқи талаботи низоми ташаккули салоҳиятнокӣ дар кишварҳои дигар таҳия шудаанд.

✓ Гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ барои мураттибони стандарт ва силлабусҳо (барномаи таълимӣ) ва муаллифони китобҳои дарсӣ мувофиқи талаботи таҳсилоти босалоҳият.

2. Таҳия ва тасдиқи стандартҳои тахассусӣ аз рӯйи тамоми ихтисосҳои дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амалкунанда мувофиқи талаботи таҳсилоти босалоҳият бо нишон додани салоҳиятҳои умумиихтисосӣ ва умумикасбӣ.

3.Таҳия ва тасдиқи силлабусҳо мувофиқи талаботи таҳсилоти босалоҳият аз рӯйи тамоми фанҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таълим дода мешаванд.

4. Таҳияи меъёрҳои арзёбии салоҳиятҳои донишҷӯён.

5. Таълиф (ё мутобиқсозӣ)-и китобҳои дарсӣ мувофиқи талаботи таҳсилоти босалоҳият барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [2, 140].

Имрӯз дар ҷойи аввал масъалаи зарурати рушди «пешрафта»-и салоҳиятнокии ҳуқуқӣ, усулҳо ва технологияҳо меистад, ки онҳоро омӯзгор мустақилона аз худ карда, метавонад ба қонуният ва дурустии муносибатҳои таълимӣ дар шароити нав ноил гардад. Бояд дар баробари ҷанбаҳои мусбати омодагардонии омӯзгори оянда, ҷанбаҳои манфиро низ қайд кунем. Монеаи ҷиддӣ барои тағйир додани муносибати таълимӣ, пеш аз ҳама, омода набудани устод ба инкишоф додани касбият мебошад, аммо мушкилоти аз ин ҷиддитар ҳам ҷой доранд.

Аз таҳлили маводи ВАО дар бораи афзоиши ҳолатҳои мунокишавӣ дар соҳаи маориф, афзудани норозигии ҷомеа аз вазъи таҳсилоти олӣ ва фазои шадиди эҳсосотӣ хулоса баровардан мумкин аст. Сабабҳои ин тамоюлҳои манфӣ гуногун буда, ҳам дар соҳаи муносибатҳои таълимӣ ва ҳам берун аз он ҷой доранд.

Мо чунин мешуморем, ки яке аз сабабҳои ақибмонии динамикаи рушди салоҳияти ҳуқуқии омӯзгор, пеш аз ҳама, суръати тағйирёбии муносибатҳои таълимӣ мебошад. Натиҷаи рукуд дар рушди салоҳияти ҳуқуқӣ бо он муайян карда мешавад, ки омӯзгорон, одатан, мазмуни санадҳои нави давлатиро дар соҳаи маориф аз худ намекунанд, масъалаҳои мушкилотро дар соҳаи маориф дар асоси ҳиссиёт ё меъёрҳои кӯҳнаи ҳуқуқӣ ҳал мекунанд, қобилияти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва низоъҳоро дар системаи маориф надоранд, тағйирёбии омилҳои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ доштаро ба назар намегиранд, хавфи амалҳои иштирокчиёни раванди таълимро дарк намекунанд [3, с. 170].

Ҳангоми ворид шудан ба бозори хизматрасонии таълимии кормандони соҳаи педагогика, ки дараҷаи бакалавр доранд, ба масъалаи рушди салоҳиятнокии ҳуқуқии омӯзгор аҳамияти махсус дода мешавад. Аз ҷумла, мувофиқи маълумоти таҳқиқотии расонаҳо, аксарияти коршиносон чунин мешуморанд, ки дараҷаи бакалавр таҳсилоти олии нопурра мебошад, аммо дар Аврупо онро таҳсилоти олии комил медонанд. Эҳтимол, вазъи ҳуқуқии бакалавр, доираи масъулияти кории ӯ дар баъзе ҳолатҳо барои корфармо, ҳамкорон ва хатмкардагони донишгоҳ маълум нест [11].

Хусусияти мавзуи ин мақола истифодаи равиши салоҳиятнок ва методҳои контекстӣ ва пешгӯишавандаро ҳамчун методология пурра муайян мекунад.

Хусусияти истифодаи равиши контекстӣ дар ин ҳолат ҳувияти муҳити таълимӣ (дар он бакалаври оянда таҳсил мекунад) ва муҳити касбие, ки бакалавр кор хоҳад кард, ба шумор меравад. Тибқи гуфтаи Л.З. Кувандикова ва И.Д. Белоновская, ки мо бо онҳо ҳамфикр ҳастем, «раванди мукаммали омода сохтани бакалавриояндаро барои ҳалли мушкилоти ҳуқуқӣ дар муносибатҳои таълимӣ, ҳамгиро кардани марҳилаи ташаккули

салоҳияти ҳуқуқӣ ва марҳилаи пайдарпайи рушди он, ки бештар ба равиши пешгӯии дараҷаи бакалавр мувофиқ аст, бояд баррасӣ кард» [12, с. 4].

Дақиққунии дастгоҳи мафҳумӣ ва истилоҳии тадқиқот, генезиси чунин мафҳумҳо, ба монанди муносибатҳои таълимӣ, вазъи ҳуқуқии омӯзгор, салоҳияти ҳуқуқӣ ва рушди салоҳияти ҳуқуқии омӯзгорро дар назар дорад.

Дар асоси муносибати салоҳиятнок (А.П. Тряпитсин, А.В. Киряков) салоҳиятнокии ҳуқуқии омӯзгор «ҳамчун сифати интегратсионии касбӣ ва шахсии ӯ муайян карда мешавад, ки омодагиро ба ҳалли масъалаҳои касбии фаъолияти омӯзгорӣ мутобиқи талаботи қонун тавсиф мекунад, муносибати масъулиятноки омӯзгори оянда ба ҳамкорӣ бо иштирокчиёни раванди таълим дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ» мебошад.

Дар сохтори салоҳиятнокии ҳуқуқӣ И.Д. Белоновская ва Е.О.Филиппова чор ҷузъро фарқ мекунанд: ҳавасмандгардонӣ, маърифатӣ, амалиётӣ, мақом [6, с. 163]. Олимони дигар, аз ҷумла Д.А. Микаилов, се ҷузъи асосӣ: маърифатӣ, арзиши ҳавасмандгардонӣ ва рафториро муайян кардаанд [15, с. 130]. Ҷузъи маърифатӣ «системаи дониши ҳуқуқӣ, иттилооти ҳуқуқӣ мебошад. Вобаста ба салоҳияти ҳуқуқӣ, ин ҷузъ маҷмуи чунин донишҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад: донистани қоидаҳои асосии назарияи ҳуқуқ; донистани қонунҳои кишвар, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, озодӣ ва масъулияти шахс; дониши соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ (конститутсионӣ, маъмурӣ, шаҳрвандӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ) ҳамчун кафолати таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон; донистани асосҳои ҳуқуқии фаъолияти касбӣ; донистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандон, механизмҳои асосии таъмини ҳуқуқи онҳо». Ҷузъи ҳавасмандгардонӣ-арзишӣ «табдил додани маълумоти ҷамъшуда ва дониши ҳуқуқӣ барои эътиқод ба қонун, одатҳои рафтори қонунӣ; муносибатро ба қонун ҳамчун арзиш, эҳтиром ба қонун, риояи қонун, рафтори қонунӣ дар бар мегирад». Ҷузъи рафтор «омодагии рафторро бо роҳнамоии дониш ва эътиқоди ҳуқуқӣ пешбинӣ мекунад, яъне қонунӣ - мувофиқи қонун амал кардан: аз ҳуқуқҳои худ истифода бурдан, уҳдадориҳоро иҷро кардан, манъкуниҳоро риоя кардан ва дар сурати вайрон кардани онҳо, инчунин ҳуқуқҳои худро ҳимоя кардан аст» [15, с. 131].

Ҳангоми интихоби усулҳо ва воситаҳое, ки ба ташаккули салоҳиятнокии ҳуқуқии омӯзгори оянда мусоидат мекунанд, бояд ба назар гирифт, ки дар таълими педагогӣ ҳолатҳои гуногуни омӯзгори оянда самаранок татбиқ карда мешаванд, ки онҳо бояд барои рушди салоҳиятнокии ҳуқуқӣ низ татбиқ шаванд.

Тадқиқоти олимон тасдиқ кардааст, ки намуди ҳолатҳои мушкилие, ки дар раванди таълим татбиқ мешаванд, бояд ба марҳилаҳои ташаккули ҷузъҳои салоҳият мувофиқат кунанд [16, с. 165].

Бо дарназардошти муайян кардани марҳилаҳои ташаккул ва рушди салоҳияти ҳуқуқӣ, мо гуфта метавонем, ки «типологияи ҳолатҳои проблемавӣ вазъиятҳои воқеӣ ба худ вазъиятҳои актуалӣ ваояндадори бомуамморо дар бар мегирад. Вазъиятҳои актуалии проблемавӣ барои ташаккули салоҳиятҳои ҳуқуқӣ, ки дар раванди таълими омӯзгори оянда зарур мебошад, дар асоси моделсозии ҳолатҳои гуногуни ҳаёти донишгоҳ шароит фароҳам меоварад. Дар навбати худ, вазъиятҳои умедбахши рушди салоҳияти ҳуқуқӣ дар фаъолияти касбииояндаи омӯзгор, ҳамкории муаллим ва дигар иштирокчиёни раванди таълим (хонандагон, волидон, ҳамкорон, роҳбарият)-ро таъмин мекунанд. Ҳолатҳои

проблемавии дурнамо манбаи муайяни усулҳои пешгӯиро ташкил медиҳанд, ки дар оянда имкон медиҳанд, ки ба вазъи ҳуқуқӣ ба қадри кофӣ амал кунанд» [15, с. 165].

Модели педагогии рушди салоҳиятнокии ҳуқуқии омӯзгори оянда мақсадҳо, вазифаҳо, равишҳои методологӣ, принсипҳои татбиқи онҳо, шароити ташкилию педагогӣ, марҳилаҳои раванди рушдро, ки методология ва технологияи онро таъмин кардаанд, воситаҳои арзишнок ва натиҷаи равандро дар бар мегирад.

Шароити ташкилию педагогӣ бояд мавқеъҳои зеринро дар бар гирад: раванди ташаккули салоҳиятнокии ҳуқуқии омӯзгори оянда ба азхудкунии салоҳиятҳои воқеӣ ва ояндадор дар низоми муносибатҳои таълимӣ равона карда шудааст; тарҳрезии ҳолатҳои ҳуқуқие, ки заминаи касбии таълими ҳуқуқии донишҷӯёнро дар асоси ҳамгиро кардани мундариҷаи фанҳои қисмҳои асосӣ ва тағйирёбандаи барномаҳои таълимӣ барои омодасозии бакалаври ояндаи педагогика, захираҳои Маркази қонунгузории таълимӣ ва манбаъҳои ҳуқуқии интернетӣ муайян мекунанд» [12, с. 6].

Методологияи рушди салоҳиятнокии ҳуқуқӣ азхудкунии ҳамаҷонибаи салоҳиятҳои ҳуқуқиро тавассути татбиқи ҳолатҳои проблемавии касбӣ дар бар мегирад. Ҳамчун воситаи татбиқи маҷмӯи ҳолати мушкилот, «ҷустуҷӯи мустақили иттилоотии ҳуқуқӣ, мини-кейсҳо, муколамаҳои касбӣ, бозиҳои корӣ, ҳамкориҳои шабакавӣ бо интернет, технологияи тарроҳии мутобиқаткунонӣ ба шумор меравand» [13, с. 192].

Бояд қайд кард, ки вобаста ба ҷорӣ намудани натиҷаҳои тадқиқот дар амалияи таҳсилоти педагогӣ аз тарафи муаллимон, шиддати зиддиятҳо дар ҷомеаи тараққикунандаи демократӣ метавонад коҳиш ёбад, ки ин, дар навбати худ, ба паст шудани сатҳи ҷинояткорӣ дар соҳаи маориф, дараҷаи хавфҳои ҳолатҳои низоӣ, болоравии фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, омӯзиши равандҳои ташаккули салоҳиятнокии ҳуқуқии омӯзгори оянда муаммои муҳим ва муосири таҳсилоти касбӣ мебошад. Ҳалли он шарти зарурии баланд бардоштани сифати таҳсилоти педагогӣ, татбиқи асосҳои воқеан демократии ҳуқуқии муносибатҳои таълимӣ мебошад.

Дар хулоса, бояд қайд кард, ки ҳангоми омодасозии омӯзгор ва мутобиқшавии ӯ дар муассисаи таълимӣ салоҳиятнокии ҳуқуқӣ ҳамчун сифати интегратсионии субъект, дар натиҷаи маҷмуи чорабиниҳо, дар соҳаи маориф ташаккул меёбад: аттестатсия, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ бошанд, ҳар яке хусусиятҳои хосси худро доранд.

**Муқарриз: Ахмедова М.С. – н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуразакова Д.М. Сущность и структура правовой компетентности будущего педагога // Психология и педагогика: методология, теория и практика / Д.М. Абдуразакова, М.Г. Даудов //сб. ст. междунар. науч.-практ. конф. (10 марта 2016 г., г. Челябинск): в 2 ч. Ч. 1. Отв. ред. А.А. Сукиасян. Уфа: АЭТЕРНА, 2016.
2. Азизов А.А. Барнома ва модули намунавии таълимии курси омӯзишӣ барои омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) оид ба муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим /А.А.Азизов, М.Д. Рӯзиева, Ш.Ю. Азизов, М.Насимӣ. – Душанбе: Маориф, 2017. – 140с.
3. Аникина А.С. Профессионально-ориентированные правовые задачи как средство формирования правовой компетентности будущего педагога // Образование и наука. -2011. -№ 8 (87).
4. Аникина А.С. Формирование правовой компетентности будущего педагога с использованием комплекса профессионально-ориентированных правовых задач: дис канд. пед. наук. -Тюмень, 2011.
5. Бауэр Е.А. Роль дисциплины «Нормативно-правовое обеспечение образования» в системе профессиональной подготовки бакалавров педагогического образования // Интернет-журнал «Мир науки». -2016. -Т.4. -№ 2. URL: http://mir-nauki.com/PDF/08PDMN216.pdf (дата обращения: 05.07.2016).
6. Белоновская И. Д. Моделирование проблемных ситуаций в прогностической подготовке будущего

юриста / И. Д.Белоновская, Е. О. Филиппова // Вестник Оренбургского государственного университета. -2012. -№ 2. -С. 163–169.
7. Бобизода Ғ., Исрофилиён, Д.Имомназаров, А.Байзоев. Муносибати босалоҳият дар таълим (дастури методӣ) – Душанбе, 2017- 74с.
8. Глоссарий терминов рынка труда, разработки стандартов образовательных программ и учебных планов. Европейский фонд образования. -ЕФО, 1997.
9. Даудов М.Г. К вопросу о развитии правовой компетентности у бакалавров / М.Г. Даудов // Мир науки, культуры, образования. -2015. -№5 (54).
10. Даудов М.Г. Практико-ориентированная образовательная среда как условие формирования правовой компетентности студентов // / М.Г. Даудов // Мир науки, культуры, образования. -2016. -№ 2 (57).
11. Круглова И. Трудоустройство педагогов – задача наиважнейшая / И.Круглова // Учительская газета. 27 марта 2012. -№ 12.
12. Кувандыкова Л.З. Развитие правовой компетентности будущего бакалавра педагогики как актуальная проблема педагогического исследования [Электронный ресурс]/ Л.З.Кувандыкова, И.Д. Белоновская // Современные проблемы науки и образования. -2012. №4.
13. Кувандыкова Л.З. Адаптивная школа в региональном контексте / Л.З.Кувандыкова, А.И. Федякова // Вестник Оренбургского государственного университета. -2006. -№ 6. -С. 192–197.
14. Мёдова Н.А. Формирование у студентов педагогического факультета профессиональной готовности к реализации инклюзивного образования / Н.А. Мёдова // Вестник Томского государственного педагогического университета. -2016. -№ 5 (170). -С. 70–73.
15. Микаилов Д.А. Сущность формирования правовой компетентности будущего бакалавра педагогики / Д.А. Микаилов // Вестник Костромского государственного университета им. Н.А. Некрасова. -2016. -Т. 22. -№ 1. -С. 128–131.
16. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018.
17. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020. -Душанбе, 2012.
18. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Зери таҳрири М.Ш.Шукуров ва дигарон. – Москва: Советская энциклопедия,1969. -С.183.

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТНОКИИ ҲУҚУҚИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА

Дар мақола масъалаи ташаккули сифати муосири касбӣ ва шахсии омӯзгори оянда, аз ҷумла салоҳияти ҳуқуқии ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Салоҳияти ҳуқуқии омӯзгор дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои тарбиявӣ ҳамчун субъекти таъмин мебошад. Ташаккули он аз омӯзиши муҳимтарин меъёрҳои ҳуқуқии (субъектҳои таълимӣ ва ҳуқуқӣ) дар фанҳои таълимии ҳуқуқӣ инъикосшаванда оғоз меёбад. Дар мақола ташаккули салоҳиятнокии ҳуқуқӣ дар низоми таҳсилоти олӣ ва иловагии касбӣ баррасӣ шудааст. Ҳадафҳои ташаккули салоҳияти ҳуқуқии шахс зери таъсири омилҳои гуногун амалӣ мешаванд, аз ҷумла на танҳо бо раванди тарбияи ҳуқуқии шахс, балки равандҳои дигаре, ки ба шуури инсон таъсири манфӣ мерасонанд.Муаллифи мақола дар ташаккули салоҳиятнокӣ, аз ҷумла: (асосӣ), пешгӯӣ ва контекстӣ (иловагӣ)-ро интихоб намуда, асоснок кардааст. Барои рушди салоҳияти ҳуқуқӣ дар донишгоҳҳо шароит фароҳам оварда шудааст. Пешниҳод ва тавсияҳои муаллиф барои истифода дар вазъиятҳои проблемавӣ ва муаммоҳо хамчун воситаи педагогии инкишофдиҳанда корбарӣ мешавад. Хулоса, омӯзиши равандҳои ташаккули салоҳияти ҳуқуқии омӯзгори оянда ва ҳалли ин масъала шарти зарурии баланд бардоштани сифати таҳсилоти педагогӣ, татбиқи заминаи ҳуқуқии воқеан демократии муносибатҳои таълимӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** салоҳиятнокии ҳуқуқӣ, салоҳият, рушди маориф, равиши салоҳиятнок, омӯзгор, вазъияти муаммодор, Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## ФОРМИРОВАНИЕ ПРАВОВОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩЕГО ПЕДАГОГА

В статье рассматривается формирование современного профессионально-личностного качества будущего педагога, в том числе его правовая компетентность. Правовая компетентность педагога представляет субъект обеспечения регулирования образовательных отношений на основе правовых норм. Ее формирование начинается с изучения важнейших правовых норм учебно-правовых предметов.В статье рассматриваются формирование правовой компетенции в системе высшего и дополнительного профессионального образования. Суть формирования правовой компетентности человека реализуется под влиянием различных факторов, в том числе не только процесса правового воспитания человека, но и других процессов, негативно влияющих на сознание человека.Автор статьи обосновывает формирования, таких как, компетентностный (базовый), прогнозирования и контекстный (дополняющие). Созданы условия для развития данной компетенции в вузе. Идея автора основана на

использовании проблемных ситуаций как развивающего педагогического инструмента.Сделан вывод, что изучение процессов формирования правовой компетенции будущего педагога и решение этого вопроса является необходимым условием повышения качества педагогического образования, реализации подлинно демократической правовой базы образовательных отношений.

**Ключевые слова:** правовая компетентность, компетенция, развитие образования, компетентностный подход, педагог, проблемная ситуация, Национальная стратегия развития образования РТ.

**THE WAYS OF IMPROVING LEGAL COMPETENCE OF FUTURE PEDAGOGUE**

The article is devoted to the analyses of formation of contemporary professional-personal qualities of future teacher and his personality. Personality of a teacher is considered to be the subject of providing an adjustment of educational relation based on rules of law. Its formation begins from learning relevant rules of law disciplines connected with law.Here is studied the methods and approaches of forming law competence in the system of high and additional professional education. The point of formation of person`s law competence is realized under the impact of various factors, including the process of law education and also other processes which influence to person`s conscious negatively. The author of the article constitutes the choice of investigative methods such as method of competence (basic), method of prediction and method of context (completing). The conditions of developing this competence in are formed in universities. This idea of author is based on using problematic situations as an improvement of pedagogical approach. It is concluded that learning the process of formation of law competence of learners and solving this problem is the necessary condition of increasing the quality of pedagogical education, realization of authentically democratic law base of educational relationship.

**Keywords:** legal competence, education development, compitencial approach, teacher, problem situation, Bachelor, National strategy of education development of the Republic of Tajikistan.

**Маълумот дар бораи муаллифон*: Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна* -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1 E-mail: **salomat_66@mail.ru,** Телефон: **+992 92 7771073.**

***Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович-*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он, факултети санъати тасвирӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1

**Сведение об авторах: *Бободжанова Саломат Рахимджоновна-*** Худжандский государственный университет имени Бободжона Гафурова, старший преподаватель кафедры правоведения факультета истории и права. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. E-mail: **salomat_66@mail.ru,** Телефон: **+992 92 7771073.**

***Азизов Абдулатиф А*бдухалимович** - ГОУ “Худжанский государственный университет имени академика Б. Гафурова”, доктор педагогических наук, профессор кафедры технологии и методики её обучения **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.

**Information about the author**s: ***Bobojonova Salomat Rahimjonovna –*** Khujand state university named after academician Bobojon Gafurov, senior teacher of the department of law studies. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.E-mail **salomat_66@mail.ru.** Phone: **+992 92 7771073**.

***Azizov Abdulatif Abduhalimovich***, - Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, Dr.of Pedagogy, Professor of the department of technology and methods of its teaching attached to the faculty of fine arts and technology under. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1. :

УДК:372.853

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН ВОСИТАИ БЕҲТАР НАМУДАНИ СИФАТИ ОМӮЗИШИ ФИЗИКА

*Холов Г. Ш.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Нақш ва саҳми илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро дар рушду тараққиёти мамлакат ба инобат гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат. - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ аз 26 декабри соли 2019 ба Маҷлиси Олӣ солҳои 2020–2040-ро “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон намуданд. Ин иқдом аз омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ масъулияти баландро талаб карда, баҳри амалӣ намудани нуқтаҳои Паём аз имкониятҳои мавҷуда истифода намудан зарур аст.

Дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ яке аз масъалаҳои муҳим баланд бардоштани сатҳу сифати дониш ва омода намудани мутахассисони соҳибкасб мебошад. Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ на танҳо аз рӯйи фанҳои дар барнома мавҷуд буда дониш мегиранд, балки маҳорат ва малакаи истифода бурдани ин донишҳоро дар амалия истифода менамоянд.

Маҳз мустақилият яке аз сифатҳои зарурии касбии шахсияти ҳар як мутахассиси оянда мегардад, пас корҳои мустақилона бояд дар донишгоҳҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шаванд.

Кори мустақилона – ин воситаи ташкил ва иҷро намудани фаъолияти муайян аз ҷониби донишҷӯён мебошад, ки мувофиқи мақсади гузошташуда амал мекунад [8, с.113].

Маҳорату малакаҳое, ки толибилмон мавриди омӯзиши физика соҳиб мешаванд, имкон медиҳад, ки аз иҷрои ҳалли масъалаҳои душвор баромада тавонанд. Барои омода намудан ба иҷрои кори мустақилона, баланд бардоштани сифати таҳсил ва омӯзиш дар муассисаҳои таълимӣ танҳо аз кӯшишу ғайрати худи толибилмон ва саъю толоши омӯзгор вобаста мебошад [10, с. 40].

Кори мустақилона фаъолияти таълимии толибилмон буда, мувофиқи супориш, бо тавсияҳои методӣ ва таҳти роҳбарии омӯзгор, бе иштироки бевоситаи ӯ ба нақша гирифта мешавад.

Ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён таҳти роҳбарии омӯзгор яке аз самтҳои самараноки раванди таълим ба ҳисоб рафта, фаъолияти мустақилро аз ҷиҳати эҷодӣ инкишоф медиҳад ва донишро мустаҳкам мекунад [2, с. 18].

Зарурати ташкили кори мустақилона аз фанни физика бо дарназардошти омилҳои зерин ба миён меояд:

–шароити иҷтимоӣ–иқтисодии рушди ҷомеа;

–беҳтар намудани таҳсилоти касбӣ;

–афзоиши ҳаҷми иттилооти илмӣ;

–талаботи нав барои донишҷӯён дар асоси низоми таҳсил.

Дар робита бо ташкили кори мустақилона дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён таҳия шудааст:

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, корҳои таълимӣ ба чунин қисматҳо ҷудо карда шудаанд: маърузаҳо, корҳои амалӣ, озмоишӣ, супоришҳои инфиродӣ, тайёр

кардани реферат, машваратҳо, корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва ғайра. Барои аз худ намудан ва иҷроиши онҳо аз донишҷӯ кори мустақилона талаб карда мешавад.

Архангелский С.И. мафҳуми «кори мустақилона»-ро мустақилона ҷустуҷӯи маълумотҳои зарурӣ, ба даст овардани дониш, истифода бурдани ин донишҳо барои ҳалли масъалаҳои таълимӣ, илмӣ ва вазифаҳои касбӣ шарҳ медиҳад [1].

Кори мустақилона аз фанни физика дар ҷараёни машғулиятҳо барои мустаҳкамкунӣ ва санҷиши дониши донишҷӯён ба роҳ монда мешавад ва он ҳангоми ташаккули мустақилият ҳамчун хислати касбии шахсият наметавонад ба таври кофӣ самаранок бошад. Зеро дар ин ҳолат на танҳо қобилияти бе кумаки беруна кор кардан, балки қобилияти ҳалли вазифаҳои салоҳиятнокӣ, ки дорои тамоми ҷузъҳои фаъолияти инсон мебошанд, зарур аст:

–дарк ва таҳияи мушкилот ва вазифаҳо;

–муайян кардани ҳадафҳо ва таҳияи нақшаи ҳалли онҳо;

–таҳлил, пешгӯӣ ва қабули қарор, татбиқи амалии он;

–назорат ва арзёбии раванд ва натиҷаҳои фаъолият;

–гузоштани ҳадафҳо ва вазифаҳои нав.

Муҳокима ва баҳсҳои илмӣ яке аз усулҳои самараноки ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти мустақилона иҷро намудани амалҳо мебошанд. Ҳар як донишҷӯ бояд, мавқеъ муносибати худро ба мушкилоти бавуҷудомада асоснок муайян кунад.

Яке аз самтҳои асосӣ дар ташкили кори мустақилона инҳо мебошанд:

–ташаккул ва инкишоф додани маҳорату малакаи кори мустақилонаи донишҷӯён;

–банақшагирӣ ва ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар раванди таълим;

–ташкили назорати мунтазам;

–гузаронидани машваратҳо байни донишҷӯён;

–ташкил, таҳлил, ҳавасмандгардонӣ ва фаъол гардондани кори мустақилонаи донишҷӯён.

Кори мустақилона ҳамчун падидаи педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

–кори мустақилонаро аксарияти муҳаққиқон як навъи фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар синф ва озмоишгоҳ муайян кардаанд;

–кори мустақилона ба ташаккули чунин хислатҳои муҳимми шахсият, ба монанди мустақилият, фаъолияти маърифатӣ, муносибати эҷодӣ ба меҳнат ва ғайра мусоидат мекунад;

–дар кори мустақилона мақсади ҳар як супориш бояд амалӣ шавад, яъне ба дониш, маҳорати фаннӣ, таҷрибаи омӯзиши ин фан, инчунин малакаи истифодаи воситаҳои таълим такя намояд;

–кори мустақилона аз донишҷӯён малакаҳои умумии таълимиро талаб мекунад, ки ба ташкили оқилонаи он шароит фароҳам меорад.

Самаранокии кори мустақилонаи донишҷӯён аз фанни физика бештар аз истифодаи усулҳои фаъол ва назорат муайян карда мешавад:

–назорат ба донишу малакаи донишҷӯён дар оғози омӯзиши силсилаи фанҳо;

–назорати мунтазами сатҳи аз худ кардани мавод дар маърузаҳо, машғулиятҳои амалӣ ва озмоишӣ;

–назорат дар анҷоми омӯзиши фасл ё фан;

–худидоракунии донишҷӯ дар раванди омӯзиши фан ҳангоми тайёрӣ ба корҳои назоратӣ;

–назорати ниҳоӣ дар шакли санҷиши тестӣ ё имтиҳон.

Усулҳои ҳавасмандгардонии кори мустақилона инҳоянд:

–ташаккул додани шавқу рағбат байни донишҷӯён доир ба фанни омӯхташаванда;

–тарбия намудани руҳияи рақобатпазирӣ байни донишҷӯён;

–алоқамандии назария бо амалия;

–баҳогузорӣ ва ҳавасмандгардонӣ.

Ба ақидаи профессор Шарифов Ҷ., дараҷаи мураккабгардонии машқҳо мавриди иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯёни мактабҳои олиро (бо мақсади дидактикӣ) ба намудҳои зайл гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

1. корҳои мустақилонаи таҷдиднамоӣ аз рӯйи намуна;
2. кори мустақилонаи азнавсозӣ–вариантивӣ;
3. кори мустақилонаи эвристикӣ (қисман ҷустуҷӯӣ);
4. кори мустақилона эҷдоӣ;
5. кори мустақилонаи таҳқиқотӣ.

Дар назди омӯзгор вазифа меистад, ки роҳҳои ғайристандартии таълимро биҷӯяд, воситаеро истифода намояд, ки бо ёрии онҳо донишҷӯён маълумотҳои навро мустақилона аз бар намоянд [15, с. 77- 81].

Дар солҳои охир дар баробари омӯзиши методҳои анъанавии назорат коллоквиум, тестҳо, санҷиш ва имтиҳонҳо, усулҳои нав васеъ ҷорӣ гардидаанд, ки бо системаи назорати рейтингӣ амалӣ мегарданд. Истифодаи системаи рейтингӣ имкон медиҳад, ки дар давоми нимсола кори мустақилонаи донишҷӯ, фаъолияти маърифатӣ тавассути ҳавасмандгардонӣ ва фаъолияти эҷодии онҳо одилона ҷамъбаст карда шавад. Чунин тарзи таълим дар омӯзиши фанҳои дақиқ нақши муассир дорад.

Малакаи кори мустақилонаро инсон аз хурдсолӣ ҳосил карда, дар тамоми умри худ ташаккул медиҳад. Ҳангоми таҳсил дар донишгоҳҳо донишҷӯён дорои таҷриба ва малакаҳои шахсии ташкили амали худро соҳиб мебошад, ки онро аз раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, корҳои беруназсинфӣ ва ҳаёти ҳамарӯза ба даст овардаанд. Вале ҳангоми таҳсил дар донишгоҳҳо талабот ба ташкили кори мустақилона хеле зиёд мегардад, зеро онҳо бо ташаккули салоҳиятҳои мураккаби фарҳангӣ ва касбӣ алоқаманданд [3, с. 7]. Дар омода намудани мутахассисони соҳибкасб ва баланд бардоштани сифати омӯзиш дар раванди таълими физика бо иҷрои кори мустақилона, ба донишҷӯён барои беҳтар намудани фаъолияти эҷодӣ, сохтани асбобҳои одӣ, инкишоф додани қобилияти зеҳнии худ шароит фароҳам оварда мешавад.

Зери мафҳуми кори мустақилонаи донишҷӯ кор аз рӯйи номгӯйи супоришҳои муайян, мавзуъҳое, ки барои омӯзиш ҷудо карда шудаанд, фаҳмида мешавад. Аксарияти корҳои мустақилона бо адабиёти таълимию методӣ, тавсияҳо таъмин гардида, дар шакли ҳисобот, тестҳо, санҷишҳо, имтиҳонҳо, коллоквиумҳо, иншо ва гузоришҳо назорат карда мешаванд [5, с. 139].

Айни замон методикаҳои гуногуни ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён мавҷуданд. Баъзе мушовирон кори мустақилонаи донишҷӯро ҳамчун омили дарккунӣ ва фаҳмиш аз маълумоти гирифтаи омӯзгор медонанд. Дигарон моҳияти ин падидаро танҳо бо аломатҳои берунӣ ошкор мекунанд. Вале бархе кори мустақилонаро аз худ кардан ва

амиқ аз худ намудани донишҳои нав, талоши худи донишҷӯ, муқаррар намудани рафти кор, сарфи вақт барои омӯзиши саволҳои гузошташуда маънидод мекунанд [14, с. 314].

Аз ин бармеояд, ки кори мустақилона на танҳо намуди амалҳо, балки воситаи таълим ба ҳисоб рафта, мавриди иҷрои як қатор вазифаҳо: тарбиявӣ, иттилоотӣ, ҳавасмандгардонӣ, таҳқиқотӣ, маҳорату малакаи муайяни донишҷӯёнро ташаккул медиҳад [12, с. 4].

Хусусиятҳои ҷудошавандаи кори мустақилона:

- ➢ мавҷудияти вазифаи маърифатӣ ё амалӣ;
- ➢ вақти иҷрои супориш;
- ➢ зоҳир гардидани саъю кӯшиши фикрӣ;
- ➢ фаъолияти мустақилӣ донишҷӯён дар раванди ҳалли вазифаҳои бамиёнгузошташуда;
- ➢ идоракунии фаъолияти мустақилона, маърифатӣ ва амалии донишҷӯён.

Ҳамин тариқ, асоси кори мустақилона вазифаи маърифатӣ ё масъалагузорие мебошад, ки тамоми раванди таълимро муайян мекунад [14, с. 314].

Ташкили самараноки кори мустақилонаи донишҷӯён аз фанни физика дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар асоси равиши салоҳият барои фарогирии шахсият, инкишофи фаъолияти касбӣ, ташаккули сифатҳои касбӣ имкониятҳои муфид фароҳам меоварад.Кори мустақилона хусусияти фаъолиятӣ дошта, дар сохтори он қисматҳои хосси фаъолиятро ҷудо кардан мумкин аст: усулҳои ҳавасмандӣ, гузоштани вазифаи мушаххас, интихоби усулҳои иҷроиш, назорат [6, с. 102].

Барои бомуваффақият анҷом додани кори мустақилона, бояд шартҳои зерин риоя карда шаванд:–ҳавасмандгардонии супориши таълимӣ;–дуруст баён кардани вазифаҳои маърифатӣ;– ёфтани алгоритми усули иҷрои кор ва роҳҳои ҳалли он;
–аниқ муайян намудани шаклҳои ҳисобот аз ҷониби омӯзгор, ҳаҷми кор, мӯҳлати пешниҳод;–муайян намудани навъҳои кумак, машварат бо донишҷӯён;–меъёрҳои баҳодиҳӣ, ҳисоботдиҳӣ ва ғайра;–намуд ва шаклҳои назорат.

Кори мустақилона нақши равандҳои бавуҷудоварӣ ва эҷодиро дар фаъолияти донишҷӯ мебозад ва он ба се дараҷа ҷудо карда мешавад [16, с. 96]:

1. Омилҳои ҷоннок намудани кори мустақилона байни донишҷӯён аз омӯзиш, ба қайд гирифтани адабиёти таълимӣ, шунидани маърузаҳо, сабти аудио, видео, азхудкунӣ, такроран нақл кардан, сарчашмаҳои интернетӣ ва такрори маводи таълимӣ иборат мебошанд.
2. Таваҷҷуҳ ва омодагии донишҷӯён доир ба иҷрои самараноки кори мустақилона дар омода кардани маълумотҳо, маърузаҳо, баромадҳо дар семинарҳо, машғулиятҳои амалӣ, интихоби адабиёт оид ба масъалаҳои фаннӣ, ихтироъкорӣ, навиштани иншо, эссе, сохтани тестҳо ва омодагӣ ба машғулиятҳои беруназсинфӣ зоҳир мегардад.
3. Дараҷаи эҷодкории кори мустақилонаи донишҷӯён бо навиштани рефератҳо, кори курсӣ, мақолаҳои илмӣ, иштирок дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, иштирок дар конференсияи илмии донишҷӯён ва олимпиадаҳо муяссар мегардад [4, с. 538-542].

Вобаста ба дараҷаи мушкилот 4 намуди кори мустақилонаи донишҷӯёнро ҷудо мекунанд [13, с. 44]:

- ➢ Мувофиқи намуна қобилияти иҷрои вазифаҳо.
- ➢ Барои дубора тавлид кардани иттилоот аз хотира кумак мекунад.
- ➢ Ба таълими ҳалли масъалаҳои ғайринамунавӣ нигаронида шудааст.

➢ Иҷрои вазифаҳоеро дар бар мегирад, ки ба фаъолияти эҷодӣ нигаронида шудаанд.

Ҳангоми ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён бояд сатҳи омодагии донишҷӯён ва услуби гуногуни фаъолияти таълимӣ ба инобат гиифта шаванд. Ҳангоми интихоби супоришҳо омӯзгор бояд меъёрҳои зеринро дар назар дошта бошад [17, с. 140]:

–ҳаҷми ҳар як супориш бояд ба қадре бошад, ки донишҷӯ бо донистани хуби мавод, фурсат дошта бошад, дар мӯҳлати муқарраршуда ба ҳамаи саволҳои ҷойдошта ҷавоби хаттӣ гардонад;

–ҳама вазифаҳо бояд як шакли душворӣ дошта бошанд;

–ҳар як супориши пешниҳодгардида бояд саволҳое дар бар гирад, ки ҷавобҳои саҳеҳро талаб намояд;

–ҳар як супориш бояд аз маводи адабиёти таълимӣ мустақилона омӯхта шуда иборат буда бошад;

–шумораи маҳдуди саволҳо, набояд ду ё зиёда супориш ва саволҳои комилан якхела дошта бошанд.

Яке аз методи самараноки кори мустақилона аз фанни физика кори гурӯҳӣ мебошад, ки дар он аз 3 нафар зиёд иштирок менамоянд. Кори гурӯҳӣ ба баланд бардоштани сатҳу сифати дониши физикӣ, ҳавасмандӣ, инкишофи фаъолияти маърифатии донишҷӯён мусоидат мекунад. Таҳқиқот нишон дод, ки кори дастаҷамъона манфиати бештарро соҳиб мегардад.

Барои намудҳои иловагии кори мустақилонаи донишҷӯён машғулиятҳои таълимию маърифатӣ: сафар ба корхонаҳои истеҳсолӣ, экскурсияҳо, иштирок дар дарсҳои озмоишии устодон, таҷрибаомӯзӣ ҳангоми таҳсил, дидан аз корхонаю ташкилотҳо ба ҳисоб мераванд. Дигар ҳамкории эҷодии иштирокчиёни раванди таълим, ба монанди озмунҳои зеҳнӣ, машваратҳои илмӣ, мубоҳисаҳо, лоиҳаҳои байнидонишгоҳӣ ба шумор мераванд [7, с. 82].

Дар адабиёти педагогӣ шаклҳои гуногуни фаъолгардонии КМД (кори мустақилонаи донишҷӯ) тавсиф шудаанд. Самаранoктарини онҳо инҳо мебошанд [6, с. 108-109].

1. Ба донишҷӯён омӯзонидани методҳои кори мустақилона, дастур ва роҳнамоӣ намудан ба КМД ва банақшагирии вақт, истифодаи маводҳои зарурӣ, худназоратӣ ва худбаҳодиҳӣ.

2. Намоиши дастурҳои методӣ ва воситаҳои таълимӣ барои аз худ намудани маводи таълимии пешниҳодшуда.

3. Ҷустуҷӯи далелҳо тавассути истифода аз технологияи гуногун.

4. Ташаккул додани тавоноии таҳлил ва баҳодиҳии донишҷӯён ба ашё, ҳодиса, назария бо амалия, вазъият ва падидаҳои дигар.

5. Татбиқи усулҳои фаъоли таълим дар ҷараёни иҷрои КМД.

6. Пешниҳод намудани ақидаҳо, таҷрибаҳо ва маълумоти фарогир, осонфаҳм ва барои дигарон муфид.

7. Сохтан ва бозсозии таҷҳизотҳои физикӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо, ҳамгиро гардонидан ё ҷудо кардани ҷузъҳо, ифодаи ташаккули салоҳияти маърифатӣ–эҷодии донишҷӯён.

8. Истифодаи воситаҳои таълими техникӣ барои мукаммал намудани кори мустақилона.

9. Таҳияи воситаҳои таълимии дорои хусусияти байнифаннӣ.

10. Ташаккул додани майлу хоҳиш ва завқи эҷодӣ–техникии донишҷӯён ба дарки ҳодисаи олам, ғанӣ гардонидани таҷрибаи онҳо дар асоси омӯхтани мавод ва воқеаҳои ғайриодиву пурмуаммо.

11. Аз худ намудани роҳҳои таҳқиқи низомҳо ва ҳалли масъалаҳои мураккаб, аз ҷумла тарҳрезӣ, амсиласозӣ, таҳқиқ, таҳлилу таркиби супоришҳои физикӣ.

12. Истифода бурда тавонистан аз усулу воситаҳои ҳамдигарфаҳмӣ бо мақсади ҳосил намудани фаҳмиши ягона оид ба масъалаҳои матраҳшаванда.

Фаъолияти таҳқиқотӣ тафаккури эҷодии донишҷӯёнро инкишоф медиҳад. Фаъолияти эҷодӣ чунин фаъолиятест, ки боиси натиҷаи нав, маҳсули нав мегардад [11, с. 161].Амалан, иҷрои корҳои мустақилонаро байни донишҷӯён пайваста ва тадриҷан инкишоф дода, баъзе хусусиятҳои муҳим бояд риоя карда шаванд. Ҳар як донишҷӯ дар дарс бояд ҳадди ақал як вазифаи содаро мустақилона иҷро карда тавонад. Масалан, як намунаи иҷрои кори мустақилонаро аз фанни физика доир ба мавзуи “Муайян намудани масса ва вазни ҳаво дар дохили синфхона” пешниҳод мекунем.Мақсади кори мустақилона: пайдо намудани маълумот оиди масса ва вазни ҳаво дар дохили синфхона. Баланд бардоштани сатҳу сифати дониши донишҷӯён мавриди иҷрои кори мустақилона.Таҷҳизотҳои зарурӣ: ҷадвали тасмагӣ, ҷадвали зичии моддаҳо.

Нақшаи иҷрои кори мустақилона:

1. Ба ёрии ҷадвал дарозӣ, паҳноӣ ва баландии синфхонаро бо метр чен намоед.
2. Ҳаҷми синфхонаро бо формулаи $V=a\cdot b\cdot c$ ($см^3$) ҳисоб кунед.
3. Аз рӯйи ҷадвали зичии моддаҳо зичии ҳаворо дониста ($\varrho=1,3$ $кг/м^3$), массаи ҳаворо ҳисоб кунед. $m= \varrho\cdot V$
4. Вазни ҳаворо ҳисоб намоед. $P= mg$
5. Ҷадвалро пур намоед.

| a, м | b, м | c, м | V, $м^3$ | ϱ, $кг/м^3$ | m, кг | P,H |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |

6. Хулоса

Рафти иҷрои кори мустақилона дар синф

1. Донишҷӯён ба иҷрои кори мустақилона шуруъ намуда, дарозӣ $a = 3м$, паҳноӣ $b = 4м$, баландӣ $c = 2,5c$ чен мекунанд.
2. Қиматҳоро бо сантиметр ифода мекунанд, $a = 400см, b = 300см, c = 250см$ .
3. *Сипас ҳаҷми синфхонаро аз рӯйи формула муайян мекунанд*:

$V = a \cdot b \cdot c = 300см \cdot 400см \cdot 250см = 300\ 00000\ см^3 = 30 \cdot 10^6 см^3$ Барои ҳисоб кардани массаи ҳаво ҳаҷми синфхонаро бо $м^3$ифода мекунем.

$1см^3 = 10^{-6}м^3$ *пас* $30 \cdot 10^6 \cdot 10^{-6} = 30м^3$

Инак: $m = \mathcal{P}v = 1,3\frac{кг}{м^3} \cdot 30м^3 = 39\ кг$

Донишҷӯён массаи ҳавои дохили синфхонаро муайян намуда, вазни ҳаворо меёбанд.

4. $P = mg = 39\ кг \cdot 10\frac{Н}{кг} = 390Н$

| $a, м$ | $b, м$ | $c, м$ | $V, м^3$ | $\mathcal{P}, {кг}/{м^3}$ | $m, кг$ | $P, Н$ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | 4 | 2,5 | 30 | 1,3 | 39 | 390 |

5. Хулоса
6. Аз натиҷаҳои ҳосилнамуда донишҷӯён ба хулосае меоянд, ки массаи ҳаво ва вазни он аз ҳаҷм вобаста аст. Ҳаҷми синфхона калон бошад, масса ва вазн зиёд, агар ҳаҷм

хурд бошад, масса ва вазн хурд мешаванд. Донишҷӯён метавонанд, қиматҳои дохили биноҳои гуногунро дониста ин амалро иҷро намоянд.

Мақсади дигари кори мустақилонаи донишҷӯён аз худ намудани донишҳои бунёдӣ, маҳорат ва малакаи касбӣ, фаъолияти касбӣ, таҷриба, фаъолияти эҷодӣ–таҳқиқотӣ мебошад.Кори мустақилона дар донишгоҳ ҳамчун маҷмуи фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён, бояд ҳамеша такмил дода шавад [7, с. 327]:

1. Бевосита дар рафти машғулиятҳои аудиторӣ — маърузаҳо, машғулиятҳои амалӣ ва семинарӣ, ҳангоми иҷрои корҳои озмоишӣ.

2. Дар робита бо омӯзгор берун аз ҷадвали дарсӣ — ҳангоми машварат оид ба масъалаҳои таълим, эҷодӣ, сабақгардонӣ, иҷрои корҳои мустақилонаи индивидуалӣ ва ғайра.

3. Дар толори хониши китобхонаи илмӣ, хона, кафедра ҳангоми иҷрои вазифаҳои таълимӣ ва эҷодӣ [9, с. 306-312].

Бешубҳа, кори мустақилона марҳилаи ҷамъбасткунандаи ҳамаи намудҳои дигари кори таълим дар мактаби олӣ ба ҳисоб рафта, ба инкишофи тафаккури эҷодии донишҷӯ асоси боэътимод мегузорад. Дар ҷараёни кори мустақилона маводҳои таълимӣ ҳаматарафа ҳазм гардида, дониши азхудкардашуда дар хотира мустаҳкам нигоҳ дошта мешавад. Кори мустақилона амалиёти фикрии донишҷӯро инкишоф медиҳад, ӯро ба кори илмию таҳқиқотӣ ва касбӣ ҳидоят менамояд [15, с. 5].

**Муқарриз:Мирзоев А.Р. –д.и.п., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Архангельский С.И. Учебный процесс в высшей школе и его закономерные основы и методы / С.И. Архангельский., Москва: Высшая школа, 1980. – 368 с.
2. Котова С. С. Самостоятельная работа студентов: проектный подход [Электронный ресурс]: учебное пособие/ С. С. Котова, И. И. Хасанова. Екатеринбург: Издательство Рос. гос. проф.-пед. ун-та, 2018. 194 с.
3. Меренков А.В. Самостоятельная работа студентов — ведущая форма организации образовательного процесса / А.В. Меренков, С.В. Куньщиков, Т.И. Гречухина, А.В. И. Ю. Усачева, И. Ю. Вороткова. - Екатеринбург Издательство Уральского университета. Екатеринбург, 2016.-80 с.
4. Омелаенко Н.В. Методика и организация самостоятельной работы студентов // Современные наукоемкие технологии. № 2-3.2016. – С. 538-2542; URL: https://top-technologies.ru/ru/article/view?id=35669 (санаи мурoҷиат: 27.12.2021).
5. Пак Ю.Н. Самостоятельная работа студента в условиях ГОС нового поколения / Ю.Н.Пак, И.О.Шильникова, Д.Ю. Пак // Высшее образование в России. – № 6. -2015. – С. 138–144.
6. Педагогика и психология высшей школы. Серия «Учебники, учебные пособия». -Ростов-на-Дону: Феникс, 1998. – 544 с.
7. Петухова Т.П. Самостоятельная работа глазами студентов и преподавателей: результаты мониторинга / Т.П. Петухова, И.Д.Белоновская, М.И.Глотова, М.С. Пашкевич // Высшее образование в России. – № 1. - 2012. – С. 80–85.
8. Пидкасистый П. И. Самостоятельная познавательная деятельность школьников в обучении: теоретико-экспериментальное исследование / П. И. Пидкасистый. -Москва: Педагогика, 1980.- 240 с.
9. Русинова Л. П. Познавательная деятельность студентов через активизацию самостоятельной учебной работы / Л. П. Русинова. — Текст: непосредственный // Молодой ученый. — 2009. — № 11 (11). — С. 306-312. — URL: https://moluch.ru/archive/11/793/ (санаи мурoҷиат 01.01.2022).
10. Руҳулло Х. Шавқу рағбати хонандагон ба масъалаҳои таърихӣ. Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ "Масъалаҳои методикаи таълим" –Душанбе, 2021. -№6. 40.
11. Смирнов С.Д. Педагогика и психология высшего образования: от деятельности к личности: Учеб. пособие для слушателей фак.-тов и институтов повышения квалификации, преподавателей вузов и аспирантов / С.Д. Смирнов. -Москва: Аспект – Пресс, 1995. – 271 с.
12. Соловова Н.В. Организация и контроль самостоятельной работы студентов: методические рекомендации / Н.В.Соловова. Под ред. В.П. Гарькина. – Самара: Издательство «Универс- групп», 2006. – 15 с.
13. Стрельникова О.И. К вопросу об организации самостоятельной работы/ О.И. Стрельникова // Вестник КГУ им. Н.А. Некрасова. – Т. 19. - № 2. -2013. – С. 44–46.

14. Хохоева Л.В. Роль самостоятельной работы в формировании академических компетенций / Л.В. Хохоева // Вектор науки ТГУ. – № 4(11). -2012. – С. 314–317.
15. Шарифов Ҷ. Асосҳои дидактикии ташаккули малакаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълим / Ҷ.Шарифов. - Душанбе: Ирфон, 2014.- 241 с
16. Сатторов А.Э. Робитаи байнифаннӣ дар таълими физика бо фанҳои техникӣ / А.Э.Сатторов, Б.Н.Алламуродов, С.Ғ. Ризоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2020. - № 1/3 (77). – С. 94-97.
17. Щербакова Е.В. Особенности организации самостоятельной работы студентов по педагогическим дисциплинам / Е.В. Щербакова // Актуальные вопросы современной психологии: материалы междунар. конф. – Челябинск: Два комсомольца, 2011. – С. 139–141.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН ВОСИТАИ БЕҲТАР НАМУДАНИ СИФАТИ ОМӮЗИШИ ФИЗИКА

Дар мақола оид ба ҷорӣ намудан ва ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ тавсияҳо оварда шудаанд. Таҳқиқот собит намуданд, ки ҷалб намудани донишҷӯён ба иҷрои корҳои мустақилонаи физикӣ, озмоишӣ, амалӣ, эҷодӣ, илмӣ таҳқиқотӣ дар мактабҳои олӣ бевосита ба роҳбар ва омӯзгори дарсдиҳанда вобаста мебошад. Муайян гардидааст, ки муносибати дуруст надоштани донишҷӯён ба корҳои мустақилона ба он оварда мерасонад, ки сифати омӯзиши физика ва маҳорати мустақилона аз худ кардани донишҳо паст мегардад. Аз ҷумла, дар мақола оиди кори мустақилона, мақсад, мафҳум ба беҳтар намудани раванди таълими фанни физика дар муассисаҳои таҳсилотї олӣ маслиҳатҳои методӣ пешниҳод гардидаанд. Амалан, иҷрои корҳои мустақилонаро байни донишҷӯён пайваста ва тадриҷан инкишоф дода, баъзе хусусиятҳои муҳим бояд риоя карда шаванд. Ҳар як донишҷӯ дар дарс бояд ҳадди аққал як вазифаи содаро мустақилона иҷро карда тавонад. Бешубҳа, кори мустақилона марҳилаи ҷамъбасткунандаи ҳамаи намудҳои дигари кори таълим дар мактаби олӣ ба ҳисоб рафта, ба инкишофи тафаккури эҷодии донишҷӯ асоси боэътимод мегузорад.

**Калидвожаҳо**: методикаи таълими физика, ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён, рушди мустақилият, омилҳо, вазифа, супориш, таҳқиқот, сифати омӯзиш, қобилияти зеҳнӣ, фаъолияти эҷодӣ, тавсияҳо.

## НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ ОРГАНИЗАЦИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ КАК СРЕДСТВА ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ПРЕПОДАВАНИЯ ФИЗИКИ

В статье даны конкретные рекомендации по внедрению и организации самостоятельной работы студентов в высшей учебных заведениях. Исследования показали, что вовлеченность студентов в самостоятельную физическую, экспериментальную, практическую, творческую, научно-исследовательскую работу в вузах напрямую зависит от руководителя и преподавателя.Установлено, что отсутствие у студентов отношения к самостоятельной работе приводит к снижению качества физического образования и неспособности развивать навыки для самостоятельного обучения. В частности, при подключении самостоятельной работы, целью которой является совершенствование процесса преподавания физики в высших учебных заведениях, предусмотрены методические рекомендации.Для развития навыков обоснованы этапы самостоятельной работы, критерии задания студентов, мнения выдающихся учёных. На практике для развития самостоятельной работы учащихся непрерывно и постепенно следует соблюдать некоторые важные особенности. Каждый студент в аудитории должен быть в состоянии самостоятельно выполнить хотя бы одно простое задание. Несомненно, самостоятельная работа считается завершающим этапом всех других видов учебной работы в высшей школе и закладывает надежную основу для развития творческого мышления студента.

**Ключевые слова:** методы обучения физике, организация самостоятельной работы студентов, развитие самостоятельности, факторы, задачи, задания, исследования, качество преподавания, интеллектуальные способности, творческая активность, рекомендации.

## SOME PROBLEM ORGANIZATION OF INDEPENDENT WORK OF STUDENTS AS A MEANS OF INCREASING THE QUALITY OF TEACHING PHYSICS

The article provides specific recommendations for the introduction and organization of independent work of students in higher education. Research has shown that the involvement of students in independent physical, experimental, practical, creative, scientific research work in higher education depends directly on the head and teacher.It was found that the lack of a positive attitude of students to independent work leads to a decline in the quality of physics education and the inability to develop skills for independent learning. In particular, the connection of independent work, the purpose of which is to improve the process of teaching physics in higher education institutions, methodological advice is provided.For the development of skills, the stages of independent work, the criteria of assignments to students, the opinions of outstanding consultants have been substantiated. In practice, for the development of independent work of students, some important

features should be observed continuously and gradually. Each student in the classroom should be able to independently complete at least one simple task. Undoubtedly, independent work is considered the final stage of all other types of educational work in higher education and lays a reliable foundation for the development of a student's creative thinking.

**Key words:** methods of teaching physics, organization of independent work of students, development of independence, factors, tasks, assignments, research, quality of teaching, intellectual ability, creative activity, recommendations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Холов Гулмаҳмад Шарифович-*** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи физикаи умумӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи С.Айнӣ, 67. E-mail: **Sorbojon2001@mail.ru.** Тел.: **(+992) 915-41-51-71**

**Сведение об авторе:** ***Холов Гулмаҳмад Шарифович*** **-** Бохтарский государственый университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры общей физики. **Адрес**: 7351040, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица С.Айни, 67. E-mail: **Sorbojon2001@mail.ru.** Тел.: **(+992) 915-41-51-71**

**Information about the author: Kholov Gulmahmad Sharifovich** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of General Physics. **Address:** 7351040, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, S. Aini street, 67. E-mail**: Sorbojon2001@mail.ru**. Pone: **(+992) 915-41-51-71**

УДК: 372.893

# МУҲИММИЯТИ РУШДИ АРЗИШҲОИ ДЕМОКРАТӢ ДАР ТАҲСИЛОТ

*Ҷӯраева М.З.*

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба он таҳкиму тақвияти давлату давлатдорӣ ва устуворию суботи иҷтимоӣ хос аст, имконоти нави зуҳури фаъолмандию ташаббусҳои шаҳрвандӣ, фаъолнокии иҷтимоӣ ва тақвияти арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ фароҳам омадаанд. Соҳаи маориф сохтор ва ниҳоди иҷтимоие мебошад, ки метавонад насли наврасеро тарбия намояд, ки барои аз худ кардани арзишҳои демократӣ қодир аст, барои зуҳури фаъолмандии шаҳрвандӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоии муҳим омода аст.

Таҳаввулоти азиме, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯй медиҳанд, дар ду-се даҳсолаи ахир ба тағйиротҳои ҷиддӣ дар самту соҳаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ оварда расониданд, аз ҷумла, дар низоми таҳсилот ҳам. Тағйироти асосӣ ва муҳим коҳиши таъсири тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Дар дараҷаи муайян коҳиши таъсирбахшии тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) натиҷаи сиёсате аст, ки аз оғози солҳои 1990-ум гузаронида мешуд. Кӯшишҳо барои рафъи идеологияи ҳукмрон, ки асосу заминаи низоми тарбияро дар мактабҳои шуравӣ ташкил мекарданд, давоми чанд муддате мавҷуд буданд, ки ба сифати омӯзишу парвариш таъсир расониданд. Баъзе унсурҳои заминавӣ ҳазф карда шуданд, ҷузъҳои нав дар замони худ коркард ва ворид карда нашуданд. Муассисаҳои таҳсилотие, ки дар марҳилаи кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон васоити тарбиявиро истифода мекунанд, дар ин самту соҳа корҳои зиёдеро иҷро мекунанд. Моҳиятан дар ҳоли ҳозир раванди ҳадафмандонаи таъсирбахшии тарбияи муассисаҳои таҳсилотӣ ба шаҳрвандони оянда, аз ҷумла дар қисмати тарбияи арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ иҷро намешаванд.

Ҳадафи дарозмуддати рушди иҷтимоӣ-сиёсии ҷумҳурии мо ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкиму тақвияти давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд, тарбияи маърифатнокии шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастии насли наврас мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур мубраму муҳим гаштааст, зеро бо доштани шаҳрвандони соҳиби дараҷаи пасти маърифатнокии шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ, зимни мавҷуд набудани майлу кӯшиши фаъолона воридшавӣ ба ҳаёти ҷомеа ва эҳсоси масъулиятнокӣ нисбати Ватан ва сарнавишти он, тамоми тағйироту таҳаввулоти пешбинишуда метавонанд дар марҳилаи фақат назария боқӣ монда, тағйиротҳо дар самту соҳаи демократикунонӣ наметавонанд сурат гирифта, пеш раванд.

Аз ҳама муҳимтарин масоил, масоили ташаккул ва рушди сифатҳои шаҳрвандият, фарҳанги шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастии шахсияти муҳассилин зимни дарсу таълим ва чорабиниҳои берунисинфӣ, имконоти зуҳури қобилиятҳо, беҳбудии имконоти дилхоҳ хатмкунандаи мактаб барои дар оянда соҳиб шудан ба мақоми лоиқу шоиста дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва намоиш додани фаъолмандии шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватандӯстонаи худ маҳсуб меёбанд.

Вазифаҳои асосии коркарди назариявӣ ва амалии масоили тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ дар якчанд санаду ҳуҷҷатҳои расмӣ муқаррар карда шудаанд, ки тайи даҳсолаҳои охир қабул гаштаанд. Муҳиммияти тарбияи фарҳанги шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ дар муҳимтарин қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [13], «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4], «Барномаи низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон» [2], «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2] ва дигар қонуну санадҳои зерқонунӣ, ки предмети онҳо соҳаи

маорифи кишвар, афзоиши сифати омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таҳсилотӣ мебошад.

Бояд зикр кард, ки баъзе аз онҳо ҳанӯз дар арафаи соҳибихтиёрӣ касб кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда буданд ва минбаъд такмил дода шуда, бо мазмуну муҳтавои нав қабул гаштаанд ва барои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии таҳсилотӣ мусоидат кардаанд. Ба шарофати ин ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар технологияҳои инноватсионӣ ва интерактивӣ ворид карда мешаванд ва табиист, ки ба мактаб имконоти татбиқи бештару самараноктари тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастиро фароҳам меоранд. Бояд гуфт, ки дар баробари дастовардҳои соҳаи мазкур, дар мавриди меъёрҳои омӯзишу парвариш, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, васоит ва дастурҳои методӣ, васоити техникии таълим ва умуман таҳсилот камбудиҳо низ мавҷуданд. Аз ҷумла, дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, ки ба раванди таълим ва таҳсилоти фосилавӣ, ҳамчунин ба дараҷаи талаботҳои омоданамоии кадрҳои педагогӣ мусоидат мекунанд.

Дар тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқии муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ то ин ё он дараҷа аз тамоми предмету фанҳо истифода бурда мешавад, аммо, вазифаи асосӣ бар дӯши фанҳои ҷамъиятӣ вогузор шудааст. Дар нақшаҳои таълимӣ барои МТМУ чунин фанҳо – таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ ва таърихи динҳо, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, маърифати оиладорӣ, асосҳои иқтисодӣ мебошанд. Бояд зикр кард, ки таърихи дин, маърифати оиладорӣ ва асосҳои иқтисодӣ бо сабабҳои номаълум аз нақшаҳои таълимӣ ҳазф карда шудаанд. Хушбахтона, ин фанҳои таълимӣ ба варианти нақшаҳои таълимии солҳои минбаъда ворид карда шуданд.

Рушди Тоҷикистони мустақил, гузариши он ба арзишҳои миллӣ, минтақавӣ, иҷтимоӣ, демократӣ ва умумибашарии таҳсилот талаб мекунад, ки ба мақсад ва вазифаҳои омӯзишу парвариш, шаклҳо, методҳо ва воситаҳои татбиқи онҳо, аз ҷумла тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастии муҳассилини МТМУ таҷдиди назар карда шаванд.

Масъалаҳои бо фарҳанги шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ алоқаманд дар педагогика шуруъ аз соли 2004 мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Таълифоти муайяни илмӣ дар ин давра асосан ба мазмуну муҳтаво ва ҷустуҷӯи воситаҳои натиҷабахши педагогии ташаккули тавсифоти шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ бахшида шудаанд, ки ба МТМУ-и ибтидои рушди Тоҷикистони соҳибихтиёр хосанд. Дар ин қарина, дар асосу заминаи проблематикаи мазкур Н.Р.Мерганов, З.М.Ҳалимов, С.Ш.Носиров, Б.Ашуров, М.М. Сайдуллоев, Б.У.Ҷумъаев, С.Ш.Бозорова, Х. Р.Шомуродов тадқиқот анҷом додаанд.

Масъалаҳое, ки бо ҷанбаи умумии тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ алоқамананд, ҳамчунин дар тадқиқотҳои муҳаққиқон Лутфуллоев М., Орифов М., Раҳимзода Х., Раҳимов Б., Қодиров Қ.Б., Миралиев А.М., Зиёзода Т.Н., Каримова И.Х. баррасӣ гаштаанд. Масъалаҳое, ки ҷанбаи фарҳангшиносӣ (културологӣ)-и педагогӣ доранд, дар таълифоту тадқиқоти муҳаққиқон Сулаймонӣ С., Нуров А., Маҷидова Б. ва дигар муҳаққиқони тоҷик мавриди баррасӣ ва арзёбӣ карор гирифтаанд. Дар таълифоти А.В.Беляев, Ю,А.Танохин, В.В.Мартинов, В.И.Кожухар, А.М.Нургалиева, Н.М.Дуранов, Н.И.Василев, А.В.Беляев ва И.И.Павлова масъалаҳои вобаста ба шаҳрвандият баррасӣ шудаанд.

Ба сифати асосу заминаҳо барои татбиқи ҷустуҷӯҳои илмӣ таълифоти илмии Е. В. Бондаревская, В. Г. Бочаров, Р. Г. Гуров, Л. П. Буев, В. В. Макаев, Е. Н. Шиянов интихоб шудаанд, ки дар онҳо меъёрҳои умумии методологии ташкилу созмондиҳии раванди педагогӣ муқаррар гаштаанд. Ҷанбаҳои гуногуни тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ дар таълифоти муҳаққиқон А. В. Беляев, А. С. Гаязов А. Н. Виршиков, Е. В. Известнова, В. К. Сенина, О. П. Песотская, В. И. Кожокар тадқиқ шудаанд. Ҷанбаю паҳлуҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ дар тадқиқоти В.А.Балюк, Г.П.Давидов, М.Е.Дураков, С.В.Шевченко; этикӣ-ҳуқуқӣ дар тадқиқоти В.Н.Кудрявтсев, Е.А.Лукашева, Л.М.Корниенко, С.А.Рудих ва дигарон омӯхта шудаанд.

Вижагиҳои хосси ташкилу созмондиҳӣ ва гузаронидани фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар ҷанбаю паҳлуҳои гуногуни он дар тадқиқотҳои муҳаққиқон Л.Л.Супрунова, Е.Н.Шиянов, В.К.Шаповалов, С.Б.Узденова баррасӣ гаштаанд.

Асосҳои назариявӣ ва методологии мақолаи мазкурро таълифоту тадқиқоти муҳаққиқони варзида К.Д.Ушинский, Л.С.Виготский, В.В.Давидов, Д.Л.Рубинштейн, Л.В.Занков, В.А.Сухомлинский, В.Ф.Шаталов, Л.Н.Леонтев, Д.Б.Элконини, Л.Д.Столяренко, М.Лутфуллоев ташкил медиҳанд.

Мутаассифона, новобаста аз он ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар корҳои илмии зиёде оид ба проблематикаи мазкур анҷом дода шудаанд, на ҳамаи заминаҳои илмии ташкил ва ба роҳ мондани тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ дар сатҳи зарурӣ муқаррар карда шудаанд, хосатан дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеаи тоҷик.

Бояд гуфт, ки дар замони шуравӣ дар ҶШС Тоҷикистон низоми махсусу мушаххаси тарбияи шаҳрвандият ва тарбияи ҳуқуқӣ вуҷуд надошт. Ин кор бо дарназардошти сохти ҷамъиятӣ-сиёсии шуравӣ ва мутамарказона пеш бурда мешуд. Дар он замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ мабнӣ бар суннату анъанаҳои миллии шаҳрвандият, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ мавҷуд набуд. Ҳама корҳо бо дарназардошти талаботи идеологияи расмӣ ва дар доираю чорчӯбаи идеологияи коммунистии педагогикаи шуравӣ сурат мегирифт.

Ҳоло бошад, тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ ҳамчун арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ, яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб ёфта, дар доираи низоми нави педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмуъ, тарбияи шаҳрвандӣ номида мешавад. Ин низом, ғайр аз дигар ҷузъу унсурҳо дар худ ҳамчунин тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва втанпарастиро фаро мегирад.

Омӯзиши таърих, назария ва амалияи масъала, ки марбут ба ҳадафи тадқиқот буда, бо таҷриба тасдиқ ва тақвият ёфтааст, имкон доданд, ки фарзияи корӣ муайян карда шавад, ки иборат аз он аст, ки тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқии муҳассилини МТМУ, самараноктару натиҷабахштар мегардад, агар: тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ дар асосу замина ва бо такя бо таҷрибаи гузашта бо дарназардошти шароитҳои мушаххаси муосир ба роҳ монда шавад; таҳсилоти шаҳрвандӣ ва ҳуқуқӣ дар иртибот бо омӯзиши фалсафа, педагогика, психология ва сотсиология ба роҳ монда шавад; меъёрҳои давлатӣ оид ба шакл ва мазмуну муҳтаво ба талаботҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастии муҳассилин ҷавобгӯ ва мутобиқ бошанд; маводи барномавие, ки дар китобҳои таълимию дарсӣ таҷассум ёфтаанд, бояд ба талаботҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ, талаботи ҷомеа ва зарурати воқеии рушди шахсияти муҳассил мувофиқ бошанд; барномаҳои таълимӣ вобаста ба мазмуну муҳтавои худ бояд асосҳои таърих, ҳуқуқ ва шаҳрвандиятро фаро гиранд;

-китобҳои дарсию таълимӣ оид ба таърих, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, маърифати оиладорӣ ва асосҳои иқтисод дар асосу заминаи талаботҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ коркард гарданд; таълиму таҳсил тавассути фанҳои таълимии мазкур дорои зарфияту тавонмандиҳое мебошад, ки метавонанд барои фаъолгардонии фаъолияти идрокию зеҳнии муҳассилин мусоидат карда, ангезаро барои таълиму омӯзиш бедор намоянд, ки ба тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастии муҳассилин нигаронида шудаанд.

Тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ зарфияту тавонмандиҳои кофие дорад, ки муҳассилинро барои ҳаёти иҷтимоӣ омода намояд.

Дар робита бо ин муҳаққиқонро зарур аст, ки барои ҳаллу фасли чунин вазифаҳо мусоидат кунанд: омӯзиши низоми тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ, ки дар илми педагогикаи миллии тоҷик ва хориҷӣ инъикос ёфтааст; таҳлили дастовардҳои илми педагогика оид ба тарбияи шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ ва муайян кардани алоқаи мантиқии байни онҳо; муайян кардани ҷойгоҳ ва мақоми ташаккули шаҳрвандият, тарбияи ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ дар низоми педагогии муосири тарбияи шаҳрвандӣ; муайян ва муқаррар кардани ҷойгоҳ ва мақоми таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ ва

таърихи динҳо дар тарбияи ватанпарастии муҳассилин; муайян кардани ҷойгоҳ ва нақши фанҳои ҷамъиятӣ дар тарбияи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқии муҳассилин; асоснок кардани ҷузъу унсурҳои дидактикии тарбияи мактабии шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ дар низоми фанҳои таърихӣ-ҷамъиятӣ; санҷидану озмоиши экспериментали технологияҳои инноватсионӣ ва интерактивӣ оид ба тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастии муҳассилин дар доираи ҳар як фанни алоҳида; арзёбии силсилаи китобҳои дарсии фанҳои таърихӣ-ҷамъиятшиносӣ вобаста ба дараҷаи мураккабӣ ва мушкилии маводи матнӣ ва дастгоҳи илмӣ; тавсияи дидактикаи коркарди китобҳои дарсию таълимӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ-методӣ, ки ба вижагиҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ мутобиқат доранд; коркарди меъёрҳои арзёбии сифати китобҳои дарсии силсилаи таърихӣ-ҷамъиятӣ бо мақсади муносибу мувофиқ будан барои тарбияи шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватанпарастии муҳассилин; ба омӯзгорони мактаб тавсия додани васоити таълимии самаранок ва шароитҳои педагогии пешбурди тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастии муҳассилин; коркарди барномаи афзоиши тахассуси омӯзгорони фанҳои таърихӣ-ҷамъиятӣ дар қаринаи предмети тадқиқоти мо; тадқиқотҳои назариявиро алоқаманд кардан бо таҷрибаи амалии омӯзгорон ва асоснок намудани натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-эксперименталӣ дар МТМУ дар шароитҳои гуногун ва минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон.

В.А.Сухомлинский иброз доштааст, ки "ҳисси аҳамияти шаҳрвандӣ дар кор ва баробари шодии дониш, рушди ҷаҳон як омили хеле ҳассос мебошад, ки ба меҳнат заҳмат мебахшад. Яке аз асрори пинҳонии таълим ин дидан, пайдо кардан, кашф кардани принсипи шаҳрвандии меҳнат аст" [1, с.112]. Тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва меҳнатдӯстӣ аҳамияти баланди иҷтимоии онро муайян мекунад, ба шахс кумак мекунад, ки худро ҳамчун шаҳрванди мамлакати худ дарк кунад ва дар бораи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меҳнатии шахс ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон донад. Муваффақияти тарбияи шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ дар ҷараёни таълим аз риояи принсипҳои дидактикӣ вобаста аст, аммо принсипи халқият аҳамияти хосса дорад. Принсипи халқият тамоми мундариҷаи таҳсилоти ибтидоиро фаро мегирад. Он бо забон, фарҳанг, анъана ва урфу одатҳои халқ робитаи ногусастанӣ дорад. Шаҳрвандӣ, шуури ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ бо омӯзиш робитаи зич доранд. Маориф тасвири ҳамаҷонибаи ҷаҳонро ташаккул медиҳад, намуна ва механизмҳои мавҷудият ва рушди ҷомеаро меомӯзад. Дар ташаккули ақидаҳои шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ ва эътимоди муҳассилин маҷмуи донишҳо оид ба тасвири ҷаҳони муосир нақши муассир дорад. Хонандагони мактабҳо ин донишро дар ҷараёни омӯзиши фанҳои табиӣ-математикӣ ба даст меоранд. Илмҳои табиӣ дар якҷоягӣ бо ҷомеа заминаи илмии ҷаҳонбинии шаҳрвандии инсонро эҷод мекунанд. Ташаккули ҷаҳонбинии шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ ташаккули ғояҳои муҳассилинро дар бораи тасвири муосири илмии ҷаҳон – табиат, ҷомеа ва тафаккур фаро мегирад. Барои ташаккули ҷаҳонбинии ягонаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ дар байни хонандагони мактабҳо, зарур аст, ки дар ҷараёни таълим робитаҳои байниидоравӣ ба роҳ монда шаванд.Таҳсилоти шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ тавассути объектҳои ҷамъиятӣ метавонанд дар се сатҳ пешниҳод карда шаванд: қисми назариявӣ бо тартиботи иҷтимоии ҷомеа ва талаботи шахс муайян карда мешавад; он мафҳумҳо ва ғояҳои зердараҷаро дар бар мегирад (фанҳои ҷамъиятӣ); қисми асосӣ маводи таълимии дар асоси барномасозӣ ва дастурамал оид ба татбиқи амалии мундариҷаи таҳияшударо дар бар мегирад; қисми амалӣ фаъолияти муаллимро дар ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ, шуури ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ дар бар мегирад.

Барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва ҳисси ватандӯстӣ анҷом додани корҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

1. Гузаронидани семинар-машғулиятҳо, ба роҳ мондани корҳои беруназсинфӣ. Ин дарсҳо муҳассилинро дар ҷараёни ҷустуҷӯ ва кашфи донишҳои нав фаъол месозанд.

2. Ҳавасмандгардонии муҳассилин ба омӯзиши мақсадноки шаҳрвандият, маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳисси ватандӯстӣ дар маҷмуъ.

3. Бештар истифода бурдани усулҳои сотсиологӣ ва ташхисӣ аз ҷониби омӯзгорон.

Тарбияи шаҳрвандӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар чорабиниҳои гуногун ба самаранокии он мусоидат менамояд. Фаъолиятҳои асосие, ки ба тарбияи шаҳрвандӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ таъсири назаррас доранд, корҳои синфӣ, кор дар маҳфилҳо, омӯзиши кишваршиносӣ, корҳои ҷустуҷӯӣ ва чораҳои ҳифзи муҳити зистро дар бар мегиранд.

**Муқарриз: Ҷ.Алимӣ –д.и.ф., профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

## АДАБИЁТ


1. Бабанский, Ю.К. Проблемы повышения эффективности педагогических исследований / Ю.К.Бабанский. - М.: Педагогика, 1982. - 192 с .
2. Барномаи низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2010.
3. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон //Ахбороти Вазорати маорифи ҶТ. - Душанбе, 2003.
4. Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2014.
5. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Омӯзгор». - №44. 03.11.2006.
6. Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2012.
7. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003.
8. Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика//Тольковый словарь терминологии педагогики. - Душанбе, 1988.
9. Лутфуллоев, М. Шарафномаи миллат. - Душанбе: Сарпараст, 2003. - 287с.
10. Мадалиев, З.Д. Проблемы формирования и повышения правосознания молодежи: автореф. дис. канд. юрид. Наук / З.Д.Мадалиев. - Ташкент, 1992. - 21с.
11. Мадамеджанова, 3. Национальные отношения в Таджикистане.Этносы Таджикистана: реальность и перспективы развития //Бизнес
12. Мадатова, М.Т. Педагогические условия формирования ценностных ориентаций старших подростков во внеклассной деятельности общеобразовательной школы / М.Т.Мадатова. -АКД.-Д., 2012. - 21с.
13. Макаренко,А. С. Лекции о воспитании детей / А.С.Макаренко. Соч.Т. 4. – 1981 с.


## МУҲИММИЯТИ РУШДИ АРЗИШҲОИ ДЕМОКРАТӢ ДАР ТАҲСИЛОТ


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба муҳиммияти ташаккул ва рушди арзишҳои демократӣ дар таҳсилот мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ба андешаи муаллиф, замони муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба он таҳкиму тақвияти давлату давлатдорӣ ва устуворию суботи иҷтимоӣ хос аст, имконоти нави зуҳури фаъолмандию ташаббусҳои шаҳрвандӣ, фаъолнокии иҷтимоӣ ва тақвияти арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ фароҳам омадаанд. Соҳаи маориф сохтор ва ниҳоди иҷтимоие мебошад, ки метавонад насли наврасеро тарбия намояд, ки барои аз худ кардани арзишҳои демократӣ қодир аст, барои зуҳури фаъолмандии шаҳрвандӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоии муҳим омода аст.Муаллиф зикр мекунад, ки тарбияи шаҳрвандӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар чорабиниҳои гуногун ба самаранокии он мусоидат менамояд. Фаъолиятҳои асосие, ки ба тарбияи шаҳрвандӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва ватандӯстӣ таъсири назаррас доранд, корҳои синфӣ, кор дар маҳфилҳо, омӯзиши кишваршиносӣ, корҳои ҷустуҷӯӣ ва чораҳои ҳифзи муҳити зистро дар бар мегиранд. Дар фаъолияти шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватандӯстии шахсият санъат ва фаъолияти бадеии муҳассилин нақши муассир доранд. Фикрҳояшро ҷамъбаст карда, муаллиф қайд менамояд, ки ҳадафи дарозмуддати рушди иҷтимоӣ-сиёсии ҷумҳурии мо ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкиму тақвияти давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд, тарбияи маърифатнокии шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастии насли наврас мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур мубраму муҳим гаштааст, зеро бо доштани шаҳрвандони соҳиби дараҷаи пасти маърифатнокии шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ, зимни мавҷуд набудани майлу кӯшиши фаъолона воридшавӣ ба ҳаёти ҷомеа ва эҳсоси масъулиятнокӣ нисбати Ватан ва сарнавишти он, тамоми тағйироту таҳаввулоти пешбинишуда метавонанд дар марҳилаи фақат назария боқӣ монда, тағйиротҳо дар самту соҳаи демократикунонӣ наметавонанд сурат гирифта, пеш раванд.



**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, арзишҳои демократӣ, назария, амалия, тағйироту таҳаввулот, соҳибихтиёрӣ, маърифатнокӣ, маърифати шаҳрвандӣ, ҳаёти ҷомеа, деморкратикунонӣ, фаъолият, ватандӯстӣ, таҳсилот, маориф, марҳила.


## ВАЖНОСТЬ РАЗВИТИЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ В ОБРАЗОВАНИИ


В статье рассматриваются вопросы, связанные с важностью формирования и развития демократических ценностей в образовании. По мнению автора, современное время в Республике Таджикистан, характеризующееся укреплением государства и государственности и социальной стабильности, открывает новые возможности для возникновения гражданской активности и инициатив, социальной активности и укрепления всеобщего и демократического ценности. К сожалению, в действительности мы видим, что в определенной степени некоторые граждане, особенно молодежь и подростки, несовершенны с точки зрения гражданства и готовы осуществлять

общественный контроль, активно защищать свои права, свободы и интересы. Образование по-прежнему остается социальной структурой и институтом, в котором можно воспитать молодое поколение, способное ассимилировать демократические ценности, понимающее необходимость юридических действий, готовое к гражданской активности в решении социально значимых проблем. Автор отмечает, что гражданское образование и правосознание в различных видах деятельности способствуют его эффективности. Основные виды деятельности, которые оказывают значительное влияние на гражданское образование, правовое воспитание и патриотизм, включают классную работу, работу по интересам, региональные исследования по этнографии, исследования и меры по охране окружающей среды. Художественная деятельность студентов играет важную роль в гражданской, правовой и патриотической деятельности личности. Их гражданско-правовой и патриотический воспитательный аспект очевиден. Обобщая свои мысли, автор приходит к выводу, что долгосрочной целью социально-политического развития нашей страны является формирование гражданского общества и укрепление суверенного, демократического и правового государства. Наличие граждан с низким уровнем гражданского образования и патриотизм, при отсутствии стремления к активному участию в общественной жизни и чувства ответственности за Родину и ее судьбу, все изменения и развития невозможно предугадать.

**Ключевые слова:** право, демократические ценности, теория, практика, изменение и эволюция, суверенитет, гражданское образование, общественная жизнь, децентрализация, деятельность, патриотизм, образование, образование, этап.

**THE IMPORTANCE OF DEVELOPING DEMOCRATIC VALUES IN EDUCATION**

The article discusses issues related to the importance of the formation and development of democratic values in education. According to the author, modern times in the Republic of Tajikistan, characterized by the strengthening of the state and statehood and social stability, opens up new opportunities for the emergence of civic activity and initiatives, social activity and the strengthening of universal and democratic values. Unfortunately, in reality we see that to a certain extent some citizens, especially young people and adolescents, are imperfect in terms of citizenship and are ready to exercise public control, actively defend their rights, freedoms and interests. Education remains a social structure and an institution in which to educate the young generation capable of assimilating democratic values, understanding the need for legal action, ready for civic engagement in solving socially significant problems.The author notes that civic education and legal awareness in various activities contribute to its effectiveness. The main activities that have a significant impact on civic education, legal education and patriotism include classroom work, hobby work, regional ethnographic research, research and environmental protection measures. The artistic activity of students plays an important role in the civil, legal and patriotic activities of the individual. Their civil and patriotic educational aspect is obvious. Summarizing his thoughts, the author comes to the conclusion that the long-term goal of the socio-political development of our country is the formation of a civil society and the strengthening of a sovereign, democratic and legal state. The presence of citizens with a low level of civic education and patriotism, in the absence of a desire for active participation in public life and a sense of responsibility for the Motherland and its fate, all changes and developments cannot be predicted.

**Key words:** law, democratic values, theory, practice, change and evolution, sovereignty, civic education, public life, decentralization, activity, patriotism, education, education, stage.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷӯраева Мутриба Зоировна*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, докторанти Ph.D. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **986229696**

**Сведение об авторе**:- ***Джураева Мутриба Зоировна***- Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, докторант Ph.D. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, улица С.Сафарова, 16. Телефон: **986229696**

**Informationabouttheauthor:** ***Juraeva Mutriba Zoirovna*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, doctoral candidate Ph.D. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street, 16. Phone:**986229696**

УДК:378.31

# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ

*Бобохонов Ҷ.С.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Даҳсолаи якуми асри XXI бо рушди фаъоли технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ва татбиқи онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, аз ҷумла, дар раванди таълимии донишгоҳҳои Тоҷикистон тавсиф мешавад. Дар айни замон, ба таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон афзоиши масъулияти донишгоҳҳо барои сифати таълим, ҷаҳонишавии фазои таълимӣ, истифодаи торафт васеътари технологияҳои таълими фосилавӣ на танҳо дар бахшҳои ғоибона, балки дар таҳсили рӯзона низ хос аст.

Вобаста ба ин, яке аз хусусиятҳои муҳимми раванди таълимии муосир дар донишгоҳҳо тавсеаи имконоти муҳити иттилоотӣ ва таълимӣ мебошад, ки айни замон аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ фаъолона татбиқ карда мешавад. Яке аз вазифаҳои муҳимми муҳити иттилоотӣ ва таълимии донишгоҳ дар марҳилаи кунунӣ тавсеаи шаклҳои ҳамкории иртиботии (коммуникатсионии) устодони донишгоҳ, донишҷӯён, мутахассисони бахшҳои ёрирасон мебошад.

Дар робита ба пурзӯр намудани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои муосири таълимӣ, аз ҷумла, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар назди устодони донишгоҳҳо вазифа гузошта шудааст, ки барои истифодаи технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ омода бошанд.

Дар шароити муосири раванди таълимии донишгоҳ (кам кардани соатҳои дарсӣ барои таълими аксари фанҳо, гузаштан ба таълими амалӣ ва ғ.), сатҳи баланди омодагии устоди донишгоҳ барои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ рақобатпазирии ӯро дар воқеияти тағйирёбанда муайян мекунад.

Раванди ҷорӣ намудани технологияҳои таълими фосилавӣ ба шумораи афзояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсир мерасонад, аммо устодони донишгоҳҳои Тоҷикистон дар таҳия ва истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ аз ҷомеаи ҷаҳонии таҳсилот қафо мондаанд.

Таҳлили назария ва амалияи таълими фосилавӣ нишон дод, ки дар донишгоҳҳо мушкилоти зерин дар ин соҳа вуҷуд доранд: дониши нокифояи ибтидоии устодони донишгоҳ дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ; сатҳи нокифояи омодагии устодони донишгоҳҳо барои истифодаи технологияҳои нави таълими фосилавӣ; ҳавасмандии нокифояи устодони донишгоҳҳо барои истифодаи технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ.

Омӯзиши мушкилоти тайёр кардани омӯзгорони донишгоҳҳо барои истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ дар самтҳои гуногун сурат мегирад. Таҳқиқоти В.П.Голубева, Р.В.Колбин, О.Я.Краветс, Н.В.Никуличев, С.Л.Подвалний ва дигарон ба проблемаи истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ барои таълими фанҳои мушаххас бахшида шудаанд.

Таълифоти муҳаққиқони рус А.А.Андреев, Г.И.Алексеев, Ю.Н.Денисов, Т.П.Зайченко, С.М.Косенок, Н.А.Павлова, И.В. Роберт, Д.М.Содиқова ва дигарон дар ин робита арзишманд мебошанд.

Ҷанбаҳои муҳимми таълими касбӣ дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус Я.А.Ваграменко, О.А.Козлов, А.А.Кузнетсов, Т.А.Лавина, М.П.Лапчик, И.В.Роберт, И.Д.Рудинский ва дигарон ифода ёфтаанд. Бо вуҷуди ин дар асарҳои илмии дар боло овардашуда ба масъалаҳои тайёр кардани омӯзгорони донишгоҳҳо барои истифодаи технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ дахл накардаанд.

Таҳлили вазъи тайёрии муаллимони донишгоҳҳо барои истифодаи технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ ба мо имкон медиҳад, ки ташаккули омодагии устодони донишгоҳҳо ба истифодаи технологияҳои таълими фосилавиро ҳам дар шаклҳои рӯзона ва ғоибона ва ҳам дар доираи таҳсилоти иловагии омӯзгорон нокифоя арзёбӣ намоем. Аз ҷумла, равишҳои назариявӣ ва методӣ оид ба ташкили раванди ташаккули омодагии устодони донишгоҳҳо ба истифодаи технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ, ҳамчунин таркиб ва мундариҷаи машғулиятҳои омӯзгорони донишгоҳҳо барои истифодаи технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ ба қадри кофӣ таҳия нашудаанд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз доштанд: «Вақте мо дар бораи тарбияи насли наврас мегӯем, набояд фаромӯш кунем, ки онҳоро бояд дар мактабҳои бо таҷҳизотҳои муосир муҷаҳхаз, аз ҷумла компютерҳо таълим диҳем» [8].

Дар «Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ҳамчун вазифаҳои асосӣ ва вазифаҳои таҳсилоти иттилоотӣ-коммуникатсионӣ чунин қисматҳои таркибӣ муайян карда шудаанд: ба ихтиёри муассисаҳои таълимӣ вогузоштани таҷҳизоти компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ; гузаронидани кори методӣ доир ба татбиқи технологияҳои нави компютерӣ дар ҷараёни таълиму тарбия; - омодагардонӣ ва бозомодагардонии ҳайати муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷиҳати истифода ва ба амал татбиқ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ-иртиботӣ; пайвастани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба интернет ва дар асоси он воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилот; бунёд ниҳодани низоми ягонаи идоракунии иттилоотии таҳсилоти умумӣ; таъмини манфиатҳои шахс, давлат ва ҷомеа дар раванди татбиқи технологияҳои нави компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [3,с.4 -5].

Иловатан, дар ин ҳуҷҷат чунин таъкид карда мешавад: «9.Таъминоти моддӣ-техникӣ: Дастгирии рушди заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилотӣ яке аз шартҳои асосии татбиқи воқеӣ ва муваффақонаи раванди таълим мебошад. Дар аксари муассисаҳои таҳсилотӣ заминаи зарурии моддӣ-техникӣ (компютерҳо, синфҳои лингафонӣ, китобхонаҳои электронӣ) вуҷуд надоранд… Самтҳои асосии рушд чунинанд: ҳифз ва рушди заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилотӣ мутобиқи талаботҳои меъёрҳои давлатии таҳсилот, меъёрҳои иҷтимоӣ ва нормативҳо доир ба забонҳои русӣ ва англисӣ. Натиҷаҳои интизории татбиқи барнома чунинанд: коркард ва вориднамоии моделҳои дурнамои воситаҳои таълими инноватсионӣ ва иттилоотӣ, воситаҳои муосири техникӣ, васоити аёнӣ ва таҷҳизот барои таълими забонҳои русӣ ва англисӣ…» [3,с.35-39].

Имрӯз дар Тоҷикистон ба мушкилоти иттилоотикунонӣ ҳамчун самти асосии навсозии низоми таҳсилот, ки мушкилоти асосии стратегияи рушди тамаддун арзёбӣ мегардад, торафт диққати бештар дода мешавад. Марбут ба ин, дар солҳои истиқлолият дар доираи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилот якчанд барномаҳо, қонунҳо ва консепсияҳои давлатӣ қабул карда шудаанд. Ба онҳо мутаалliқанд: 1.Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015; 2.Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 ноябри соли 2003 таҳти рақами 1174 ба тасвиб расидааст; 3.Барномаи давлатии рушд ва татбиқи

технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 декабри соли 2004 таҳти рақами 468 тасдиқ гардидааст; 4.Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғайра.

Муҳаққиқони тоҷик Ф.Шарифзода ва А.М.Миралиев таҳсилотро чунин арзёбӣ кардаанд: «Таҳсилот яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва тақдирсози ҳаёти ҷомеа, ояндаи ҳар як миллат ва кишвар ба шумор меравад. Рушду нумӯи ҳар як мамлакат бо таълим ё маориф робитаи қавӣ дорад. Пешравии ҷомеаро бидуни рушди ҳамаҷонибаи илм ва таълим тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро ҳеҷ амал ба ҷомеа мисли таҳсилот таъсири амиқ расонда наметавонад» [17, с.8].

Дар сомонаи «Википедия» оид ба мафҳум ва мазмуни «Таълими фосилавӣ» чунин шарҳу тафсир мавҷуд аст: «Таълими фосилавӣ (таълим дар масофа) - яке аз шаклҳои таълим, фаъолияти ҳадафманди методии таълимӣ-идрокӣ ва рушди шахсоне аст, ки аз муассисаи таълимӣ дар масофаи дур воқеъ гаштаанд ва тавассути воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсионӣ маълумот мегиранд. Таҳсилоти фосилавӣ - тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад» [3].

Муҳаққиқи тоҷик Б.Файзализода дар робита ба вазъи таълими фосилавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳқиқот гузаронида, чунин мулоҳиза меронад: "Низоми таҳсилоти фосилавӣ дар Тоҷикистон аз низоми таҳсилоти фосилавӣ дар Русия ва Иёлоти Муттаҳида фарқ мекунад. Хусусияти фарқкунандааш дар он аст, ки ин система ба фаъолият бо гурӯҳҳои хурд бо баъзе дархостҳои ғайристандартӣ равона карда шудааст. Таълими фосилавӣ асосан ба кор дар марказҳои минтақавӣ равона карда шудааст. Ширкати таҳқиқотии Интернет-лайвҳо (сайт оморро дар саросари сайёра онлайн пешниҳод мекунад) пурсиш гузаронд, ки дар он коргарони калонтарин корхонаҳои кишвар ширкат варзиданд» [15, с.107].

Онҳо омодагии худро барои қабули таҳсилоти фосилавӣ иброз доштаанд. Ҳарчанд дар ҷумҳурӣ курсҳои таълими фосилавӣ рушд карда истодаанд, аммо мамлакати мо дар байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҷойгоҳи хоссаи худро пайдо накардааст, зеро таҳсилоти онлайн дар онҳо бештар рушд кардааст.

Таълими фосилавӣ (ТФ) раванди таълим бо истифода аз маҷмуи технологияҳои телекоммуникатсионӣ мебошад, ки ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки бидуни алоқаи мустақим байни донишҷӯён ва омӯзгорон дар давоми раванди таълим ба онҳо аз худ кардани қисми зиёди иттилооти ба онҳо заруриро фароҳам оранд ва он ҳам метавонад шакли мустақили таълим ва илова ба шакли дигари анъанавии омӯзиш (рӯзона, ғоибона ё таҳсилоти беруна) бошад, дар ҳолати зарурӣ, ба одам имкон фароҳам оварад, ки бидуни тағйир додани тарзи маъмулии зиндагии худ курси таълим, бозомӯзӣ ё такмили ихтисосро аз рӯйи фанҳои дархосткардааш омӯзад. Таълими фосилавӣ ин ҳамкории муаллим ва донишҷӯён бо ҳамдигар дар масофа мебошад, ки тамоми ҷузъҳои ба раванди таълим хос (ҳадафҳо, мундариҷа, усулҳо, шаклҳои ташкилӣ, васоити таълимӣ) -ро инъикос мекунад ва тавассути васоити мушаххаси технологияҳои интернетӣ ё дигар василаҳо амалӣ карда мешавад, ки интерактивиятро таъмин мекунанд.

Таълими фосилавӣ шакли мустақили таълим буда, технологияҳои иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ пешсафанд. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик И.Саидов, «Дар даҳсолаҳои охир дар соҳаи маориф зиёдшавӣ ва истифодабарии технологияҳои нави иттилоотӣ ва ташкили таҳсилоти фосилавӣ мушоҳида карда мешавад. Истифодаи технологияи

таҳсилоти фосилавӣ ба афзоиши самаранокии ҷараёни омӯзиш мусоидат мекунад. Таҳсилоти фосилавӣ - ин як усули ҷорикардашудаи навтарин дар ҷараёни таълим ба ҳисоб меравад, ки донишҷӯёнро ба омӯзиши мустақилона водор мекунад. Аз нуқтаи назари педагогӣ таҳсилоти фосилавиро технологияи навини педагогӣ меноманд.

Бояд гуфт, ки асосҳои назариявӣ ва амалии таҳсилоти фосилавӣ дар низоми педагогӣ, дар шароити муосири ҷомеаи иттилоотии имрӯза босуръат рушд карда истодаанд. Барои амалӣ намудани ин таҳсилот ҳар як омӯзгори (фанни таълимӣ) муассисаи таълимӣ дар ҷойи кориаш, бояд бо асбобҳои муосири ТИК, ки ба шабакаи умумиҷаҳонӣ пайваст мебошанд, дастрасӣ дошта бошад. Масалан, дастрасӣ аз ҷиҳати: - техникӣ ва технологӣ (сахтафзор ва нармафзор, дастрасӣ ба манбаи иттилоот, қобилияти анҷом додани ҳамкориҳои иттилоотӣ бо корбарони дигар, бо манбаҳои иттилоот ва ғайра); иттилоотӣ-методӣ (маводи илмӣ-педагогӣ, таълимию методӣ, воситаҳои электронии таълимӣ, нармафзорҳои амалӣ, василаҳои таҳияи барномаҳо ва ғайра)» [10, с.161].

Таҳсили фосилавӣ ба ҳамагон имкон медиҳад, ки ду принсипи таълими муосирро татбиқ кунанд: “Таҳсил барои ҳама” ва “Таҳсилот дар тули ҳаёт”.

Фаъолияти иттилоотӣ дар ТФ. Таҳти мафҳуми фаъолияти иттилоотӣ гуфта фаъолияти бақайдгирӣ, ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол, намоиш, паҳнкунӣ, коркарди объектҳо, зуҳурот, равандҳо ва интиқоли ҳама гуна иттилооте, ки дар шаклҳои мухталиф пешниҳод шудааст, фаҳмида мешавад. Ба намудҳои фаъолияти иттилоотӣ инҳо дохил мешаванд: қабул ва интиқоли иттилооти матнӣ, графикӣ, аудио-визуалӣ дар шаклҳои гуногун; коркарди иттилоот: таҳлил, таҷзия, сохтор, интихоб ё ҷустуҷӯ бо мақсади муайян; назорати вақти воқеии объектҳои додашуда, равандҳо, вазъияти таълимӣ ё падидаҳои омӯхташуда.

Ҳамкории иттилоотии ҷараёни таълимӣ байни донишҷӯ (таълимгиранда) дар заминаи ТИК сурат мегирад. Дар айни замон, фаъолият ҳам барои донишомӯз, ҳам барои омӯзгорон тавассути воситаҳои омӯзишии навин имконпазир аст. Раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ пурра бо истифода аз технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба роҳ монда мешавад. Барномаи электронии мудирияти раванди таълим бояд дар асоси талабот ва муқарраротҳои ҷойдошта ба роҳ монда шавад [15,с.162]. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик У.М.Мирмамадов, «асри XXI - асри технологияҳои олии компютерӣ аст. Башарият ба марҳилаи нави рушди худ ворид шудааст - ҷомеаи иттилоотӣ ташаккул меёбад, ки дар он иттилоот ва равандҳои иттилоотӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини ҳаёти инсон ва ҷомеа гаштааст. Рушди раванди ҷаҳонии иттилоотонии ҷомеа ба ташаккули на фақат муҳити нави иттилоотии будубоши одамон, балки тарзи нави зисти иттилоотӣ ва фаъолияти касбӣ бурда мерасонад» [7, с.41]. Муҳаққиқи дигари тоҷик Г.Салоҳиддинова дар робита ба технологияҳои муосир ва таълими фосилавӣ чунин изҳори ақида кардааст: “Дар замони муосир масъалаи татбиқи дастовардҳои илмиву техникӣ ва технологияи муосир ба яке аз омилҳои муҳимми рақобатпазирӣ ва ҳарчи муассир кардани нуфузи кишварҳо дар арсаи ҷаҳон табдил ёфтааст. Неруи давлатҳо имрӯз дар баробари қудрати сиёсию ҳарбӣ аз нигоҳи такомул ва истифодаи илму техника ва технологияи муосир арзёбӣ мегардад.

Технологияи навини таълим ё худ фарҳанги техникии таълим дар омӯзиши донишҷӯён нақши муассир дорад ва ҳамзамон ба ҷаҳонишавии маълумот мусоидат мекунад. Таҳсилоти фосилавӣ низоми наве маҳсуб меёбад, ки дар аксари муассисаҳои таҳсилоти олии давлатҳои дунё ба таври густурда роҳандозӣ шудааст. Таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо истифодаи шабакаи

интернет амалӣ мешавад ва неруи веб-технологияҳо диққати омӯзгорони тамоми ҷаҳонро ба худ ҷалб намудааст, зеро васоити технологии мазкур захираҳои таълимиро, ки дар тамоми ҷаҳон мавҷуданд, муттаҳид мекунад. Барномаи таълимӣ дар асоси веб-технологияҳо синхронӣ буда, иштироки яквақтаи омӯзгор ва донишҷӯро таъмин мекунад. Лексияҳо пешакӣ дар шабака ҷой дода мешаванд ва донишҷӯ метавонад ҳама гуна фанҳоро дар вақти ба худ муносиб омӯзад. Ғайр аз ин, донишҷӯ имкони додани саволро ба омӯзгор тавассути почтаи электронӣ дорад.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди татбиқ ва роҳандозии ин низом, дастовардҳо ва мушкилоти худро дорад. Ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами навбатӣ барои воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Таҳсилоти фосилавӣ яке аз шаклҳои нисбатан пешқадами таълим дар шароити муосир ба ҳисоб меравад. Имрӯз дар ҷаҳон беш аз 200 миллион муҳассил тавассути ин низом таҳсил мекунанд. Ин низом барои ҳалли масоили муҳимми иҷтимоӣ, аз қабили баланд бардоштани дараҷаи саводнокии аҳли ҷомеа, сатҳи иҷтимоӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, дараҷаи худшиносӣ ва ҷаҳонбинии шаҳрвандон ва рушди фазои ягонаи таълимӣ дар чаҳорчӯбаи ҷомеаи умумиҷаҳонӣ мусоидат менамояд» [11, с.104].Таълими фосилавии муосир ба истифодаи унсурҳои асосии зерин асос ёфтааст: воситаҳои интиқоли иттилоот (почта, телевизион, радио, шабакаҳои коммуникатсионии иттилоотӣ), усулҳо вобаста ба муҳити техникии мубодилаи иттилоот. Муҳаққиқи тоҷик И.Саидов дар робита ба технологияи илмомӯзии фосилавӣ чунин изҳори андеша кардааст: «Донишҷӯёне, ки шакли фосилавии таҳсилоти пешрафтаро интихоб мекунанд, қобилияти ҳалли масъалаҳои мураккаби бисёрсатҳаро меомӯзанд, донишҷӯёне, ки дар шакли анъанавӣ таҳсил мекунанд, аксар вақт аз доираи мавзуъҳои дарсии устодон берун намебароянд.

Технологияҳои илмомӯзии фосилавӣ. Технологияҳо дар таҳсилоти фосилавӣ ин маҷмуи воситаҳои техникӣ ва барномавие мебошанд, ки барои осон ва қулай гаштани таҳсилот истифода бурда мешаванд. Ин технологияҳо барои аз масофаҳои дур ба ҳам алоқа пайдо намудани омӯзгор ва донишҷӯён ёрӣ мерасонанд. Дар таҳсилоти фосилавӣ асосан чор технологияҳои асоситарини илмомузӣ истифода мешаванд: 1.кейс-технология; 2.TV- технология (технологияи телевизионӣ); 3.технологияи мултимедиявӣ (технологияи чандрасонаӣ); 4. технологияи шабакавӣ. Кейс-технология - имкон медиҳад, ки истифодабаранда, яъне донишҷӯ тамоми маводҳои лозимии дарсиро бо воситаи почтаи электронӣ қабул намояд. Ҳамчунин, тамоми корҳои лабораториро бо воситаи почтаи электронӣ фиристонад ва натиҷаашонро гирад.

TV - технология. Технологияи телевизионӣ ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки тамоми дарсҳои лексиониро ба воситаи телевизион тамошо намуда, дониши худро сайқал диҳад. Технологияи чандрасонаӣ (Multimedia). Технологияи мултимеда ба донишҷӯён ва илмомӯзон имкон медиҳад, ки аз тамоми маводҳои электронӣ ба пуррагӣ истифода намоянд. Тамоми санҷишу имтиҳонҳоро ба таври тестӣ ё видоӣ супорида, натиҷагирӣ намоянд. Технологияи чандрасонаӣ бартариҳои хело зиёд дошта, дар рафти дарс ба омӯзгор ва донишҷӯ шароити хуби таълимиро фароҳам меорад. Дар ҷаҳони имрӯза тамоми он дарсҳое, ки бо истифода аз технологияи чандрасонаӣ гузаронида мешаванд, нисбат ба дарсҳои анъанавӣ бартариятҳои зиёд доранд. Технологияи шабакавӣ. Тавассути ин технология тамоми маводҳои дарсиро (китобҳои электронӣ ва рӯнамоҳоро) дастрас намудан мумкин аст. Барои ин кор бояд ҳар як компютер бо барномаи махсус таъмин бошад» [10, с.165].

Ҳамин муаллиф мулоҳизаҳояшро ҷамъбаст намуда, чунин хулоса мекунад, ки «…ҳангоми самаранок истифода намудани таҳсилоти фосилавӣ, ҳам аз ҷиҳати вақт ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ нисбат ба таҳсилотӣ анъанавӣ бартариҳо зиёданд. Масалан: сарфа намудани вақт; иштироки мустақим (онлайн) дар дарс аз дилхоҳ ҷой; баланд бардоштани савияи дониш тавассути технологияҳои навин; иштирок дар дарсҳои машваратӣ (видеоконфронс, чат, почтаи электронӣ, вебинар ва ғайра). Қайд кардан бамаврид аст, ки таҳсилоти фосилавӣ яке аз самтҳои асоситарини илмомӯзӣ дар ҷаҳони имрӯза ба ҳисоб меравад» [10, с.165].

Таълими фосилавӣ чунин имконот дорад: хароҷоти таҳсилоти фосилавӣ нисбат ба таҳсилоти анъанавӣ то андозае пасттар аст, хароҷоти ташкили худи дарсҳо кам карда мешавад, барои ҳар як муаллим имкони ҳамзамон ба таҳсил фаро гирифтани шумораи бештари донишҷӯён муҳайё мешавад, ки мустақиман ё ғайримустақим ба арзиши ниҳоии таълим таъсир мерасонад; кам кардани вақти таълим таълими фосилавӣ метавонад хусусияти инфиродӣ дошта бошад ва аз ин рӯ имкон фароҳам орад, ки омӯзиш самараноктар карда шавад, раванде, ки ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки вақти мувофиқро интихоб кунад; сифати таълимро тавассути истифодаи асбобҳои муосир, китобхонаҳои ҳаҷман калони электронӣ ва ғайра баланд бардорад, муҳити ягонаи таълимӣ фароҳам орад (махсусан барои таълими корпоративӣ муҳим аст); ин формати таълим барои маъюбон бениҳоят қулай аст; шахс метавонад дар як муддати кӯтоҳ дар зиёда аз як муассисаи таълимӣ ва/ё дар як самт зиёда аз як таҳсил кунад; имкон вуҷуд дорад, ки сатҳи тахассуси худро пайваста баланд бардорад; истифодаи фаъолонаи тасвирҳо, матн, садо ва видео дар маводи таълимӣ сифати азхудкунии маълумоти навро ба таври назаррас баланд мебардорад.

**Муқарриз: Ҷ.Алимӣ –д.и.ф., профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоева, Ш.А. Технологияҳои электронӣ дар раванди таълим /Ш.А.Абдуллоева, Д.Мадиёров //Маводи семинари илмӣ-амалии ҷумҳуриявии “Таҳсилоти фосилавӣ”. - ДПДТТ ба номи академик М.Осимӣ. – Хуҷанд, 2016.
2. Барномаи давлатии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015. - Душанбе, 2009.- 48с.
3. Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои солҳои 2011-2015. - Душанбе, 2010. - 42с.
4. Википедия. Таълими фосилавӣ/[https://tg.wikipedia.org/wiki.
5. Кириленко, Г.Г. Краткий философский словарь / Г.Г.Кириленко, Е. В. Шевцов. - М.: Филол. СЛОВО: Изд-во Эксмо, 2004. - 480с.
6. Коджаспирова, Г. М. Педагогический словарь: Для студ. высш. и сред. пед. учеб. заведений /Г.М.Коджаспирова, А.Ю.Коджаспиров. -М.: Издательский центр «Академия». - 2000. - 176 с.
7. Мирмамадов, У.М. Использование информационных технологий в образовательном процессе / У.М.Мирмамадов, //Наука и инновация. -№1-2. -2014 (7-8).- С.444.
8. Э.Раҳмон. Масъулият барои ояндаи миллат. Паёми Маҷлиси Олии Тоҷикистон //Азия Плюс. - 2012.
9. Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ //Азия Плюс. - 2003.
10. Саидов, И. Нақши технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилавӣ /И.Саидов //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.- 2020. -№1(29.) - С.161-167.
11. Салоҳиддинова, Г. Таълими фосилавӣ - омили муҳимми воридшавӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ /Г.Салоҳиддинова //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. –Д., 2019. -№4 (28). -С.104-107.
12. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.-Душанбе, 2015.
13. Стратегияи миллии рушди таҳсилот барои солҳои 2006-2015. – Душанбе, 2005. - 32с.
14. Тагайназарова, М.С. Роль современных педагогических технологий в обучении английского языка / М.С. Тагайназарова //Наука и инновация. - Д., 2015. -№4 (14).- С.66-68.
15. Файзализода, Б. Анализ системы дистанционного обучения в странах Центральной Азии //Вестник развития образования. -2020. -№1 (29).-С.38-42.
16. Шарипов, Т.З. Вожаномаи компютер /Т.З.Шарипов. –Душанбе: Пайванд,1995. - 352с.

17. Шарифзода, Ф. Педагогикаи умумӣ /Т.З.Шарифзода, А.М.Мирализода. – Душанбе: Ирфон, 2012. -560с.
18. Шарифов, Т.З. Вожаномаи Internet. Луғати терминологӣ (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ) /Т.З.Шарипов. -Душанбе, 2003. -235с.

## БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ

Мақола баррасии баъзе масъалаҳои вобаста ба таълими фосилавиро дар замони муосир фаро мегирад. Ба андешаи муаллиф, даҳсолаи якуми асри XXI бо рушди фаъоли технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ва татбиқи онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, аз ҷумла, дар раванди таълимии донишгоҳҳои Тоҷикистон тавсиф мешавад. Дар айни замон ба таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон афзоиши масъулияти донишгоҳҳо барои сифати таълим, ҷаҳонишавии фазои таълимӣ, афзоиши ҳаракатнокии устодон ва донишҷӯён, истифодаи торафт васеътари технологияҳои таълими фосилавӣ на танҳо дар бахшҳои ғоибона, балки дар таҳсили рӯзона низ хос аст. Муаллиф зикр мекунад, ки таҳлили назария ва амалияи таълими фосилавӣ нишон дод, ки дар донишгоҳҳо мушкилоти зеринро дар ин соҳа муайян кардан мумкин аст: дониши нокифояи ибтидоии устодони донишгоҳ дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ; сатҳи нокифояи омодагии устодони донишгоҳҳо барои истифодаи технологияҳои нави таълими фосилавӣ; ҳавасмандии нокифояи устодони донишгоҳҳо барои истифодаи технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ. Андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, муаллиф хулоса мекунад, ки таълими фосилавӣ чунин имконот дорад: хароҷоти таҳсилоти фосилавӣ нисбат ба таҳсилоти анъанавӣ то андозае пасттар аст, хароҷоти ташкили худи дарсҳо кам карда мешавад, барои ҳар як муаллим имкони ҳамзамон ба таҳсил фаро гирифтани шумораи бештари донишҷӯён муҳайё мешавад, ки мустақиман ё ғайримустақим ба арзиши ниҳоии таълим таъсир мерасонад; кам кардани вақти таълим..

**Калидвожаҳо:** таълими фосилавӣ, хусусиятҳо, самаранокӣ, суръати таълим, омӯзгор, донишҷӯ, раванд, мушкилот, донишгоҳ, омилҳо, технологияҳои таълим, шахс, фазои иттилоотӣ.

## НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ

В статье описаны и рассмотрены некоторые вопросы, связанные с дистанционным обучением на сегодняшний день. По мнению автора, первое десятилетие XXI века характеризуется активным развитием информационных и коммуникационных технологий и их применением во всех сферах жизни человека, в том числе в образовательном процессе таджикских вузов. В то же время высшее образование в Таджикистане характеризуется повышением ответственности вузов за качество образования, глобализацией образовательной среды, повышением мобильности преподавателей и студентов, широким использованием технологий дистанционного обучения не только в заочном, но и при очном обучении. Автор отмечает, что анализ теории и практики дистанционного обучения в вузах выявил следующие проблемы в этой области: недостаточные базовые знания преподавателей вузов в области использования информационно-коммуникационных технологий; недостаточное техническое оснащение персонального информационного пространства педагога; недостаточный уровень подготовки преподавателей вузов к использованию новых технологий дистанционного обучения; недостаточное стимулирование профессорско-преподавательского состава вузов к использованию технологий дистанционного обучения. Обобщая свои взгляды, автор приходит к выводу, что при дистанционном обучении стоимость обучения несколько ниже традиционного, так как может не быть возможности арендовать здание под учебные классы, снижаются затраты на организацию самих занятий, для каждого преподавателя при этом исчезают малочисленность учащихся и некоторые другие факторы, прямо или косвенно влияющие на итоговую ценность образования; сокращение времени учебы (сбор, время в пути).

**Ключевые слова:** дистанционное обучение, особенности, эффективность, скорость обучения, преподаватель, студент, процесс, проблема, вуз, факторы, технологии обучения, человек, информационное пространство.

## SOME FEATURES OF DISTANCE LEARNING

The article describes and discusses some of the issues related to distance learning today.

According to the author, the first decade of the 21st century is characterized by the active development of information and communication technologies and their application in all spheres of human life, including in the educational process of Tajik universities. At the same time, higher education in Tajikistan is characterized by an increase in the responsibility of universities for the quality of education, the globalization of the educational environment, an increase in the mobility of teachers and students, and the widespread use of distance learning technologies not only in correspondence, but also in full-time education. The author notes that the analysis of the theory and practice of distance learning in universities revealed the following problems in this area: insufficient basic knowledge of university teachers in the use of information and communication technologies; insufficient technical equipment of the teacher's personal information space; insufficient level of training of university teachers for the use of new distance learning technologies; insufficient incentives for the teaching staff of universities to use distance learning technologies. Summarizing his views, the author comes to the conclusion that distance learning allows: the cost of distance learning is somewhat lower than traditional, since it may not be possible to rent a building for classrooms, the costs of organizing the classes themselves are reduced, for each teacher,

studies disappear, the small number of students and some other factors directly or indirectly affecting the final value of education; reduction of study time (collection, travel time);

**Key words:** distance learning, features, efficiency, learning speed, teacher, student, process, problem, university, factors, learning technologies, person, information space.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Бобохонов Ҷамшед Сабзаалиевич - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.Телефон: **988497447.**

**Сведение об авторе**: ***Бобохонов Джамшед Сабзаалиевич*** - – Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С. Сафарова,16
Телефон: **988497447.**

**Information about the author*: Bobokhonov Jamshed Sabzaalievich*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, applicant. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street 16. Phone: 988497447.

УДК:37.051

# МОҲИЯТИ АМАЛҲОИ ТАЪЛИМИИ ИРТИБОТӢ-МУОШИРАТИИ ХОНАНДАГОНИ МАКТАБ

***Наимова Д.Д.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дигаргуниҳое, ки дар ҷомеа ба амал меоянд, такмил додани фазою муҳити таълимӣ, муайян намудани ҳадафҳои таълимиро, ки талабот ва манфиатҳои давлатӣ, иҷтимоӣ ва шахсиро ба назар мегиранд, тақозо мекунанд. Ҳамчун чунин ҳадаф ташаккули хонандагон на танҳо аз мавқеи дониш, малака ва маҳорат, балки омодагӣ ва қобилияти ҳалли муваффақонаи масъалаҳои ҳаёт, ҳамкорӣ ва кор дар ҷомеа, такмили ихтисоси саривақтӣ, рушди худ ва такмил додани таҷрибаи нави иҷтимоӣ мебошад. Ноил шудан ба ҳадафҳои дар назди мактаби таҳсилоти умумӣ гузошташуда, тавре ки дар стандартҳои давлатии таҳсилот нишон дода шудааст, ташаккул додани амалҳои ҷомеи таълимиро дар хонандагон талаб мекунад.

Амалҳои ҷомеи таълимӣ (фаъолияти амалӣ) - ин маҷмуи роҳҳои оммавии амали хонандагон мебошанд, ки мустақилона аз худ кардани дониши нав, имкони тамоюли васеъро ҳам дар соҳаҳои гуногуни фаннӣ ва ҳам дар сохтори худи фаъолияти омӯзишӣ, аз ҷумла огоҳӣ дар самти ҳадаф, хусусиятҳои арзишӣ-маъноӣ ва амалиётӣ таъмин менамояд. Намудҳои асосии амалҳои ҷомеи таълимӣ (АҶТ) ба чор бахш тақсим карда мешаванд: шахсӣ, танзимӣ, маърифатӣ, иртиботӣ-муоширатӣ.

Нақши махсус ба фаъолияти амалии иртиботӣ-муоширатӣ тааллуқ дорад, ки дарки иттилоот, интиқоли он ба дигар мавзуъҳои раванди таълим, ҳамкории хонандагон бо ҳамдигар ва омӯзгорро таъмин мекунад. Ташаккули фаъолияти амалии иртиботӣ-муоширатӣ дар синфҳои поёнӣ сурат мегирад. Дар назди омӯзгорони мактабҳои ибтидоӣ вазифаи рушди минбаъдаи онҳо истодааст. Ин вазифа ҳангоми таълими хонандагони синфҳои миёна (наврасон), ки барои онҳо фаъолияти пешбаранда муошрати байнишахсӣ мебошад, бештар муносибу мувофиқ аст.

Проблемаи рушди фаъолияти амалии иртиботӣ-муоширатӣ махсусан ҳангоми таълими забони хориҷӣ ба хонандагони синфҳои миёна бисёр муҳим аст. Таҳлили адабиёти психологӣ ва педагогӣ нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба омӯзиши забони хориҷӣ дар марҳилаи аввал бузург аст, пас он ба таври назаррас. Наврас дар арафаи буҳрони рушд қарор дорад, таваҷҷуҳи ӯ ба дониш коҳиш меёбад. Дар натиҷа, сатҳи дониши онҳо дар амалҳои таълимии иртиботӣ-муоширатии ҷомеӣ коҳиш меёбад, наврасон дар сохтани изҳороти мантиқӣ, ибрози нуқтаи назари худ бо забонҳои модарӣ ва хориҷӣ душворӣ мекашанд. Хонандагони синфҳои миёна дар дастгирии суҳбат дар бораи мушкилот ё қабули қарори муштарак душворӣ мекашанд.

Зарурати ёфтани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгорон дар рушди фаъолияти амалии иртиботӣ-муоширатӣ нишон дода мешавад.

Натиҷаҳои таҳлили адабиёти илмӣ ба мо имкон медиҳанд хулоса барорем, ки масъалаи ташаккули малакаҳои иртиботӣ-муоширатӣ дар таълифоту таҳқиқоти муҳаққиқони рус А.А.Бодалев, А.А.Леонтев ва дигарон баррасӣ ва арзёбӣ гаштааст. Маҳорати муоширатро ҳамчун малакаҳои зарурӣ барои иртибот бо одамон ва назорати рафтори онҳо омӯхтаанд. Муҳаққиқон Т.А.Ладженская, М.Р.Лвов ва дигарон низоми

малакаҳои муоширатро ҳамчун ҷузъи асосии мундариҷаи таълим баррасӣ кардаанд. Муҳаққиқони дигари рус Г.М.Андреева, И.А.Зимняя, В.А.Лабунская, А.А.Леонтев ва дигарон хусусиятҳои асосии лафзӣ ва ғайрилафзии онҳоро муайян ва тавсиф кардаанд.

Қисмати дигари муҳаққиқони рус малакаҳои иртиботӣ-муоширатӣ ва салоҳияти иртиботӣ-муоширатии омӯзгорони ояндаро таҳқиқ кардаанд (В.А.Кан-Калик, Н.В.Кузмина, А.Б.Мудрик, В.А.Сластенин). Оиди ин масъала миқдори назарраси таҳқиқот гузаронида шудааст ва ташаккулу рушди фаъолияти амалии иртиботӣ-муоширатӣ дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ баррасӣ гаштаанд.

Ҳамзамон, омӯзиши асосҳои назариявӣ ва дастгирии технологии раванди ташаккули амалҳои ҷомеи иртиботӣ-муоширатӣ дар хонандагони синфҳои миёна, яъне синфҳои 6-9 тавассути забони хориҷӣ нокофӣ боқӣ мондаанд. Дар робита ба ин, байни зарурати такмили раванди ташаккули фаъолияти амалии иртиботӣ-муоширатӣ дар хонандагони наврас ва набудани дастгирии технологии ҳалли ин масъала дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ ихтилоф ба миён меояд.

Самти афзалиятнок ва вазифаи таъхирнопазири таҳсилоти муосир таъмин намудани рушди амалҳои ҷомеи таълимии (АҶТ) хонандагон мебошад, ки ба рушди шахсият мусоидат мекунанд.

Дар «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Чумхурии Точикистон барои солҳои 2015-2020» чунин таъкид шудааст: «Таъминоти моддӣ-техникӣ: Дастгирии рушди заминаи моддӣ- техникии муассисаҳои таҳсилотӣ яке аз шартҳои асосии татбиқи воқеӣ ва муваффақонаи раванди таълим мебошад. Дар аксари муассисаҳои таҳсилотӣ заминаи зарурии моддӣ-техникӣ (компютерҳо, синфҳои лингафонӣ, китобхонаҳои электронӣ) вуҷуд доранд. Натиҷаҳои интизории татбиқи Барнома чунинанд: - коркард ва вориднамоии моделҳои дурнамои воситаҳои таълими инноватсионӣ ва иттилоотӣ, воситаҳои муосири техникӣ, васоити аёнӣ ва таҷҳизот барои таълими забонхои русӣ ва англисӣ... [2, с.35-39].

Қобилияти хонандагон барои мустақилона аз худ кардани донишҳои нав, аз худ кардани малакаҳо ва маҳоратҳо, аз ҷумла ташкили мустақили ин раванд, аз он иборат аст, ки АҶТ ба мактаббачагон имкон медиҳанд, ки дар самтҳои гуногуни фаннӣ, ҳамчунин дар ташкил ва худмудирияти фаъолияти таълимӣ, аз ҷумла огоҳӣ, ҳадафи ин фаъолият, мундариҷа, воситаҳое, ки барои амалисозии фаъолият заруранд.

АҶТ дар фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

- ба хонандагон фароҳам овардани имконият барои мустақилона амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ, ташаккул додани мақсад ва вазифаҳои он, интихоби воситаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва татбиқи онҳо, таҳлили натиҷаҳои бадастомада, муқоисаи онҳо бо ҳадафи пешбинишуда, баҳо додан ба сифати чорабиниҳо;
-фароҳам овардани шароит барои ташаккули омодагии шахс ба худомӯзӣ, ҳаракат дар фаъолияти иҷтимоӣ ва касбӣ, таҳаммулпазирӣ дар ҷомеаи бисёрфарҳангӣ;
-фароҳам овардани заминаи азхудкунии донишҳои самарабахши мактаббачагон, аз худ кардани малака ва маҳоратҳои онҳо, ташаккули манзараи объективии ҷаҳон, салоҳият дар соҳаҳои гуногуни фанни дониш [11].

АҶТ дорои вижагии супра-субъективӣ, мета-предметӣ мебошанд, ки ба мо имкон медиҳад дар бораи онҳо ҳамчун заминаи ташкил ва танзими фаъолияти таълимии мактаббачагон новобаста аз мавзуи омӯхташаванда сухан ронем, муттасилии раванди таълимро дар ҳама сатҳҳои таълим ва ягонагии рушди умумифарҳангӣ, фардӣ ва маърифатӣ ва худомӯзии хонандагонро таъмин намоем.

Дар доираи фаъолияти умумиҷаҳонии таълимӣ, ки ба ҳадафҳои асосии таҳсилоти умумӣ мувофиқанд, чор бахш ҷудо карда мешаванд:
1)шахсӣ; 2)танзимкунанда; 3)маърифатӣ; 4)иртиботӣ-муоширатӣ [10; 11].
АҶТ-и бахши иртиботӣ-муоширатӣ дар низоми умумии АҶТ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд. Якум, қобилияти дуруст дарк кардани иттилоот ва ба дигарон расонидани он асоси фаъолияти фаъоли фикрронии хонандагон мебошад. Муваффақияти таълим аз сифати муошврати иштирокчиёни таҳсилот, аз қобилияти корбарии донишҷӯ бо намудҳои гуногуни матнҳо (хаттӣ ва шифоҳӣ) вобаста аст. Намудҳои амалҳои иртиботӣ-муоширатӣ бояд инҳо бошанд:
-банақшагирии ҳамкориҳои таълимӣ бо омӯзгор ва ҳамсолон - муайян кардани ҳадаф, вазифаҳои иштирокчиён, роҳҳои ҳамкорӣ;
-гузоштани саволҳо - ҳамкории фаъолона дар ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии иттилоот;
-ҳалли низоъ - муайян кардани мушкилот, ҷустуҷӯ ва арзёбии усулҳои алтернативии ҳалли низоъ, қабули қарорҳо ва татбиқи он;
- мудирияти рафтори шарик - назорат, ислоҳ, арзёбии амали шарик;
-қобилияти изҳори ақидаи худ ба пуррагӣ ва дақиқии кофӣ мувофиқи вазифаҳо ва шароити муошират;

АҶТ иртиботӣ-муоширатӣ бар хилофи амалҳои маърифатӣ, бо мундариҷаи таълим алоқаманд нестанд, балки бо роҳҳои ташкили раванди таълим марбутанд. Онҳо метавонанд дар ҳама гуна фанҳои таълимӣ таҳия карда шаванд ва бояд таҳия карда шаванд. Аммо, дар муқоиса бо азхудкунии дониши фаннӣ, азхудкунии АҶТ иртиботӣ-муоширатӣ расмиёти гуногунро талаб мекунад. Донишҷӯ АҶТ-и иртиботӣ-муоширатиро на бо шунидани тавзеҳоти омӯзгор дар бораи кор бо китобҳои дарсӣ ва ё дар гурӯҳ эҷод кардани муошират, балки тавассути ҷалб шудан ба фаъолияти мувофиқ ва бознигарии рефлексивии минбаъдаи амалҳои худ аз худ мекунад. Кор оид ба таҳияи АҶТ иртиботӣ-муоширатӣ дар синф на ба ҷой, балки дар раванди аз худ кардани дониш, малака ва маҳоратҳои фаннӣ бо ёрии чорабиниҳои махсус бо мундариҷаи мавзуъ ва бо роҳи тағйир додани роҳҳои ҳамкории хонандагон анҷом дода мешавад. Дониш ва малакаҳои мавзуъ маводи мундариҷаи зарурӣ мебошанд, ки дар он вазъияти муошират ба амал меояд.

Адабиёти илмиро таҳлил намуда, ба хулосае омадем, ки АҶТ иртиботӣ-муоширатӣ барои рушди худмудирияти донишҷӯ дорои имконоти назаррас мебошанд, ки дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мешаванд:
- омӯзиш: таъмини мубодилаи дониш ва иттилоот байни хонандагон дар раванди таҳияи қарорҳои самарабахши муштарак оид ба вазифаҳои таълимии ба зиммаашон гузошташуда; дарёфти маълумот бо истифодаи саволҳо; далелҳо; кор бо иттилоот; қобилияти изҳори ақидаи худ ба тариқи шифоҳӣ ва хаттӣ;
-таҳия: интизории андешаҳои гуногуни имконпазири одамони дигар; ташаккули қобилияти худогоҳӣ;
-таълимӣ: қобилияти роҳбарӣ ба ташкили амали муштарак; ташаккул додани муносибати эҳтиромона нисбат ба шарикон, таваҷҷуҳ ба шахсияти дигарон, омодагӣ ба дарк ва фаҳмидани ниёзҳои дигарон, кумак ва дастгирии психологии дигар иштирокчиёни фаъолияти коллективӣ; ташаккули хоҳиши ба даст овардани эътимод ва ҳамдигарфаҳмӣ аз ҷониби шарикон;

-иҷтимоӣ: огоҳӣ аз нуқтаи назари шарикон; қобилияти гузоштани ҳадаф барои фаъолияти ҳар як иштирокчии фаъолияти муштарак ва муайян кардани вазифаҳое, ки онҳо иҷро мекунанд; омодагӣ ба таҳлили мавқеъҳои гуногун ва таҳияи стратегияи умумии фаъолият; ташаккули қобилияти пешниҳоди далелҳо ба манфиати нуқтаи назари худ, бидуни нишон додани душманӣ нисбат ба дигар иштирокчиёни фаъолияти муштарак; ташаккули қобилияти барқарор намудани муносибатҳои корӣ, ҳамкорӣ дар гурӯҳ.

Таҳти мафҳуми «рушд» мо «раванди объективӣ ва натиҷаи тағйироти дохилӣ, муттасилии миқдорӣ ва сифатии неруҳои ҷисмонӣ ва маънавии инсон (рушди ҷисмонӣ, ақлӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ)-ро дар назар дорем [6].

Таҳияи амалҳои ҷомеи таълимӣ, ки ба ҳамаи бахшҳо дохил мешаванд, мутобиқи талаботи меъёрҳо бояд дар раванди таълими ҳамаи фанҳои барномаи таълимии мактаб анҷом дода шаванд. Ҳамзамон, мо итминон дорем, ки чунин бахшҳои АҶТ-ро, ки таҳияи онҳо самараноктар дар раванди таълими фанҳои мушаххас ба амал меояд, ҷудо кардан имконпазир аст. Дар омӯзиши худ мо рушди АҶТ иртиботӣ-муоширатиро дар хонандагони синфҳои миёна тавассути забони хориҷӣ баррасӣ мекунем. Бо назардошти он ки фаъолияти пешсаф дар ин давр фаъолияти муошарати байнишахсӣ мебошад, пас АҶТ иртиботӣ-муоширатӣ дар рушди малакаю маҳорат ва қобилиятҳо аҳамияти калон пайдо мекунад.

Дар назарияи педагогӣ роҳҳои гуногуни рушд ва ташаккули амалҳои таълимии иртиботӣ-муоширатӣ пешниҳод карда мешаванд. Аксарияти мутлақи асарҳо ба масъалаҳои мавзӯӣ-методӣ ва ташкилӣ-методӣ бахшида шудаанд, аммо як қатор муҳаққиқон ба қабати васеътари мушкилоти умумии педагогии марбут ба таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла муошарати педагогӣ низ дахл мекунанд (И.Л.Бим, Н.Д.Галскова, Н.И.Гез, Н.А.Горлова, З.Н.Никитенко, Е.И.Пассов, С.Я.Ромашина, Е.М.Рогачева ва дигарон). Ҷанбаҳои психологии ташаккули амалҳои иртиботӣ-муоширатӣ дар асарҳои муҳаққиқони рус Д.Б.Элконин, В.В.Давидова, Р.Я.Галперин ва дигарон, ҳамчунин дар консепсияи шаклҳои муштараки амалҳои тарбиявӣ ва ҳамкории таълимӣ (В.В. Рубсов , Г.А. Сукерман ва дигарон) баррасӣ ва арзёбӣ гаштаанд.

Намояндагони равиши амалӣ усулҳои рушди малакаҳои муошратро таҳия мекунанд, тренингҳоро дар фаъолияти омӯзгорӣ татбиқ мекунанд (Л.А.Петровская), В.П.Захарова, С.И.Макшанов), онҳо барои муошрати муассир тавсияҳои амалӣ пешниҳод мекунанд (I.Atvater, Ю.С.Крижанская), барномаҳои такмили салоҳияти иртиботӣ-муоширатӣ амалӣ мешаванд (Г.Н.Николаева, Е.М.Горюнова ва ғ.), технологияҳои мушаххас истифода мешаванд (С.Ю.Курилова - технологияи тарроҳӣ; Л.С.Науменко - ТИК).

Бояд зикр кард, ки равишҳо ба ташаккули АҶТ-и хонандагон, ки онҳоро муҳаққиқон А.Г.Асмолов , Г.В.Бурменская, О.А.Карабанова дар асоси назарияи марҳила ба марҳила ташаккули амалҳои равонӣ аз ҷониби П.Я. Галперин баррасӣ кардаанд, ба бисёр масъалаҳо равшанӣ андохтанд.

**Муқарриз: Ҷ.Алимӣ –д.и.ф., профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Алимӣ, Ҷ. Мушкилоти педагогӣ (дидактика)/Ҷ.Алимӣ, А.Даминова. –Душанбе: Эрграф,2014. -220с.
2. Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020. -Душанбе, 2015.
3. Забродина, И. В. Формирование когнитивно-коммуникативных умений у учащихся подросткового возраста (на примере гуманитарных дисциплин) /И. В. Забродина. - Челябинск, 1996.-178 с.

4. Зухуров, Б.С. Оид ба роҳҳои таълим дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон/Б. С. Зуҳуров //Илм ва мактаб. -1997. -№ 1. -С.29-31.
5. Интенсивное обучение иностранным языкам: сб. ст. Отв. ред. Г. А. Китайгородская. - М.: НОЦ «Школа Китайгородской», 2004.
6. Исаев, В. А. Образование взрослых: компетентностный подход: монография / В. А. Исаев. - Великий Новгород, 2005. - 240 с.
7. Стратегияи миллии рушди таҳсилот барои солҳои 2006-2015. -Душанбе: 2005.-32с.
8. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. -Душанбе, 2015.
9. Хуторской, А. В. Компетентностный подход в обучении : науч.-метод. пособие / А. В. Хуторской. - М.: Издательство Института образования человека, 2013. - 73 с.
10. Царьков, В. Б. Речевые упражнения в английском языке / В. Б. Царьков. - М.: Просвещение, 1980. - 135 с.
11. Цукерман, Г. А. Зачем детям учиться вместе? / Г. А. Цукерман. - М.: Знание, 1985. - 80 с.
12. Эйхельбаум де Бабини А.М. Сходства и различия в развитии современных моделей образования // Перспективы: вопросы образования. Париж: ЮНЕСКО, 2018. N4. С.51, 53.
13. Яковенко, И.М. Педагогическое сопровождение развития творческого потенциала будущего педагога: автореф. дис. … канд. пед. наук: 13.00.08 / Яковенко Ирина Михайловна. – Комсомольск-на-Амуре, 2006. – 251 с.
14. Яковлев, Е.В. Сопровождение как педагогический феномен / Е.В. Яковлев, Н.О. Яковлева // Современная высшая школа: инновационный аспект. – 2017. – № 4. – С. 74–83.
15. Янушкевич Ф. Технология обучения в системе среднего образования: Пер. с польского О.В.Долженко. - М.:Наука, 2015. – 234 с.

## МОҲИЯТИ АМАЛҲОИ ТАЪЛИМИИ ИРТИБОТӢ-МУОШИРАТИИ ХОНАНДАГОНИ МАКТАБ

Дар мақола моҳияти амалҳои таълимии иртиботӣ-муоширатии хонандагони мактаб баррасӣ карда шудааст.Ба андешаи муаллиф, самти афзалиятнок ва вазифаи таъхирнопазири таҳсилоти муосир таъмин намудани рушди амалҳои ҷомеи таълимии (АҶТ) хонандагон мебошад, ки ба рушди тамоми соҳаҳои шахсият мусоидат мекунанд. Азхудкунии АҶТ аз ҷониби хонандагон имкон медиҳад, ки мустақилона азхудкунии донишҳо, малакаҳои азхудкунӣ, аз ҷумла қобилияти ташкили азхудкунии иттилооти таълимӣ, яъне қобилияти омӯхтан рушд кунанд.Муаллиф зикр мекунад, ки фаъолиятҳои ҳаматарафаи омӯзишӣ ҳамчун заминаи рушди фаъоли донишҳои нав ва азхудкунии малакаҳои нав, худомӯзӣ ва такмили ихтисос, ҳамчунин маҷмуи усулҳои амали донишҷӯ (ҳамчунин малакаҳои омӯзиши марбут), таъмини мустақилона азхудкунии дониши нав, ташаккули малакаҳои таълимӣ.Зери мафҳуми «рушд» мо «раванди объективӣ ва натиҷаи тағйироти дохилӣ, муттасилии миқдорӣ ва сифатии неруҳои ҷисмонӣ ва маънавии инсон (рушди ҷисмонӣ, ақлӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ)-ро дар назар дорем. Мулоҳизаҳояшро ҷамъбаст карда, муаллиф қайд мекунад, ки зарфияти фанни забони хориҷӣ маҷмуи имкониятҳоест, ки шароити рушди фаъолияти иртиботӣ-муоширатии умумиҷаҳонии таълимро дар хонандагон муайян мекунанд. Аҳамияти рушди қобилиятҳои забони хориҷӣ ин рушди қобилиятҳои забонӣ, зеҳнӣ ва маърифатӣ, омодагии эҳсосотӣ барои муошират мебошад. Ин қобилиятҳо дар асоси азхудкунии амалии малака ва маҳоратҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бо забони хориҷӣ рушд мекунанд.

**Калидвожаҳо:** моҳият, амалҳои таълимӣ, забони хориҷӣ, аҳамият, рушди қобилиятҳои забонӣ, зеҳн, маърифат, нутқи шифоҳӣ, маҳоратҳо, нутқи хаттӣ.

## СУЩНОСТЬ КОММУНИКАТИВНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ШКОЛЬНИКОВ

В статье описывается и обсуждается среда коммуникативно-образовательной деятельности школьников. По мнению автора, приоритетной и актуальной задачей современного образования является обеспечение развития социально-педагогической деятельности учащихся, способствующей развитию всех сфер личности. Освоение иностранного языка позволяет учащимся самостоятельно приобретать знания и навыки, в том числе умение организовать получение учебной информации, то есть способность учиться. Автор отмечает, что комплексная образовательная деятельность служит основой для активного освоения новых знаний и приобретения новых навыков, самообучения и повышения квалификации, а также комплекса практик (в том числе связанных с ними навыков обучения), обеспечивающих самостоятельное обучение и формирование учебных навыков. Под «развитием» мы понимаем «объективный процесс и результат внутреннего изменения, количественную и качественную непрерывность человеческих физических и духовных сил (физического, умственного, социального, духовного развития). Именно это изменение переводит качество от простого к сложному, от низкого к высокому; процесс, в котором постепенное накопление количественных изменений приводит к появлению нового качества. Обобщая свои замечания, автор приходит к выводу, что потенциал предмета «Иностранный язык» - это совокупность возможностей, определяющих условия для развития глобальной коммуникативной и образовательной деятельности у учащихся. Важность развития владения иностранным языком заключается в развитии языковых, интеллектуальных и познавательных способностей, эмоциональной готовности к общению. Эти навыки развиваются на основе практического владения устной и письменной речью на иностранном языке.

**Ключевые слова**: сущность, учебные действия, иностранный язык, важность, развитие языковых навыков, интеллект, просвещение, устная речь, навыки, письменная речь.

## THE ESSENCE OF THE COMMUNICATIVE ACTIVITY OF SCHOOLCHILDREN

The article describes and discusses the environment of the communicative and educational activities of schoolchildren. According to the author, the priority and urgent task of modern education is to ensure the development of social and pedagogical activities of students, contributing to the development of all spheres of personality. Mastering a foreign language allows students to independently acquire knowledge and skills, including the ability to organize the receipt of educational information, that is, the ability to learn. The author notes that integrated educational activities serve as the basis for the active development of new knowledge and the acquisition of new skills, self-study and professional development, as well as a set of practices (including related learning skills) that provide independent learning, the formation of educational skills, including are considered a process. By "development" we mean "the objective process and result of internal change, the quantitative and qualitative continuity of human physical and spiritual forces (physical, mental, social, spiritual development). It is this change that translates quality from simple to complex, from low to high; a process in which the gradual accumulation of quantitative changes leads to the emergence of qualities.Summarizing his remarks, the author comes to the conclusion that the potential of the subject "Foreign language" is a set of possibilities that determine the conditions for the development of global communication and educational activities among students. The importance of developing foreign language proficiency lies in the development of linguistic, intellectual and cognitive abilities, emotional readiness for communication. These skills are developed on the basis of practical knowledge of oral and written speech in a foreign language.

**Key words:** essence, learning activities, foreign language, importance, development of language skills, intelligence, enlightenment, speaking, skills, writing, the origin of qualities.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Наимова Дилосо Давляшоевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, докторанти Ph.D. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Телефон: 987512251

**Сведение об авторе:** ***Наимова Дилосо Давляшоевна*** . – Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, докторант Ph.D Кулябского государственного университета им. А.Рудаки. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова-16. Телефон: **987512251**

**Information about the author:** ***Naimova Diloso Davlyatshoevna*** . – Kulyab State University. A. Rudaki, doctoral student of the Kulyab State University named after. A. Rudaki. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street-16. Phone**: 987512251**

УДК: 37.035(575.3)

# ОМӮЗИШИ ОСОРИ МИРОБИД САЙИДОИ НАСАФӢ ДАР БОБИ МЕҲНАТДӮСТӢ, ОМӮЗИШИ КАСБУ ҲУНАР ВА АҲАМИЯТИ ИҶТИМОИИ ОН

*Давлатова Н. Ҳ.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар раванди азнавсозии ҷомеаи соҳибихтиёр, яъне сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ дар баробари дигар соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа нақш ва мароми манзалати педагогикаи миллӣ, бавижа афкори педагогии мутафаккирони бузурги халқи тоҷик дар таърихи ташаккул ва такомули афкори педагогии мардуми Шарқ басо калон ва муҳим буда, ҳамчун консепсияи асосии таълиму тарбия ва омили муҳимми такомули ахлоқӣ то замони муосир хизмат карда истодааст. Ба мутафаккирони бузурги халқи тоҷику форс муяссар гашт, ки дар асоси таҷрибаи ҳаёт ва кашфиёту дастовардҳои илмӣ низом ва консепсияи ниҳоят мураккаб, аммо мавзуни таълиму тарбияро пешкаш кунанд, то дар давоми қарнҳо инсоният дар асоси он таълиму тарбия ёфта, ба камол расад.

Доир ба мавзуи мазкур, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2007 чунин таъкид карда буданд: «Дар тули асрҳои зиёд аҷдоди хирадманди мо дар қаламрави зисти худ ва ҳатто берун аз он дар саргаҳи инқилобҳои бузурги зеҳниву ақлӣ қарор доштаанд ва эҷодгарони фарҳанги пешрафта, бунёдгузорони давлатҳои соҳибқудрат ва муназзам, муаллифони осори ҷовидонаи илмҳои фалсафа, ҳуқуқ, тиб ва табиатшиносӣ буданд, ки ин осор садсолаҳои дароз хизмати инсониятро ба ҷо оварда ва имрӯз низ аҳамияти худро аз даст надодааст» [12, с. 46].

Устод Б. Ғафуров дар кадом замон ва ҳокимияти кадом подшоҳ умр ба сар бурдани Сайидои Насафӣ ва воқеяти таърихӣ маълумот дода, афкори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии шоирро мавриди таҳлил карор дода, чунин овардааст: «Умуман, Сайидои Насафӣ дар давлати хонии Бухоро нахустин шоирест, ки ошкоро ба ҳимояти аҳли меҳнат бархоста, сохти феодалиро сахт танқид кардааст. Ӯ ҳамчун шоири соҳибистеъдод, ифодакунандаи орзуву омоли табақаҳои меҳнатии аҳолӣ, хусусан ҳунармандон, баромад кардааст. Аҳли меҳнат ва баёни кайфияти он дар эҷодиёти ӯ мақоми марказӣ дорад. Сайидо дар ифодаи ақидаҳои пешкадами иҷтимоӣ ва таблиғи ғояҳои инсонпарварона аз муосирони худ хеле пеш гузаштааст. Дар шеърҳояш халқи меҳнаткашро ситоиш карда, бартарии онро аз дигар табақаҳои ҷамъиятӣ таъкид менамуд, бо ҷасорати тамом изҳор мекард, ки иқтидори аҳли меҳнат дар иттиҳод аст, синфи ҳокимро ба ҷаҳолат ва бераҳмӣ гунаҳгор карда, ба зери тозиёнаи сахт мегирифт» [6, с. 83-84].

Лозим ба ёдоварист, ки дар давоми таърихи дурударози тамаддуни башарият мутафаккирони зиёде ба олам омаданд, ки дар ташаккул ва рушди илму фарҳанг, маданияту маърифат ва ҳувияту асолати халқу миллати хеш нақши беназире боқӣ гузоштаанд. Яке аз чунин мутафаккирони халқи тоҷики қарни XVII Миробид Сайидои Насафӣ мебошад, ки осори адабию педагогии ӯ аз доираи халқу миллат берун баромада, дар раванди таълиму тарбияи наслҳои зиёди халқҳои Осиёи Миёна, Шарқ ва дигар кишварҳои дуру наздики олам асрҳо боз хидмати арзандаеро анҷом дода истодааст.

Бояд зикр кард, ки Сайидои Насафӣ аз худ ба оламиён осори гаронбаҳо ва пурқимате мерос гузоштааст, ки он дар тули садсолаҳо аз имтиҳони бешумори ҳаёт гузашта, дар ҳама давру замонҳо дар ташаккулу такомули илму маърифат, фарҳанг, асолати милливу маданият, таълиму тарбияи насли ҷавон ва рушди ҷомеа хидмати бузургеро ба сомон расонидааст.

Омӯзиш ва таҳлили ашъори Сайидои Насафӣ гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ӯ мақсаду мароми олии иҷтимоии инсонӣ, бой гардонидани ҷаҳони маънавӣ-ахлоқии инсон, некию

накукорӣ, ростию росткорӣ, ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ, инсонпарвариву башардӯстӣ, дӯстиву рафоқат, меҳнатдӯстиву ҳунармандӣ, омӯзиши илму дониш, боақливу хирадмандӣ, бофарҳангиву бомаърифатӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва дигар фазилатҳои неки ахлоқи одамиро тарғибу ташвиқ карда, бар зидди ҳама гуна зуҳуроти номатлубе, ки ба рушду такомул, ривоҷу равнақ ва пешрафти риштаҳои ҳамаи соҳаҳои ҷомеа монеъ мешуданд, баромада буд.

Сайидои Насафӣ дар осори хеш, бештар аз ҳама, ба ташвиқу тарғиби фазилатҳои ахлоқи ҳамидаи инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст, то ин ки мардум мутеи нафси баду саркаш, кибру ғурур, худпарастӣ ва хислатҳои шарри одамӣ нагашта, балки дар ҳаёти хеш роҳи некию накукорӣ, инсонпарварӣ, ифтихори миллӣ, дӯстию рафоқат, ҳимматбаландӣ, худшиносию ҳақиқатпарастиро пешаи худ карда, соҳиби зиндагии орому осоишта ва бахту саодати инсонӣ гардад.

Дар таълимоти ахлоқии хеш Сайидои Насафӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни ахлоқи инсон изҳори андеша карда, маҳз ҳамон нуктаҳоеро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ҳар як шахсро ба сӯйи худшиносию худогоҳӣ ҳидоят карда, то ба дараҷаи инсони комил мерасонад.Омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи афкори тарбиявии Сайидои Насафӣ, имрӯз, маҳз дар шароити нави муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ, ба аҳамияти калон молик аст. Бавижа, ақидаҳои ахлоқии ӯ дар ташаккул ва рушди хар як фарди ҷомеа ва бой гардонидани ҷаҳони маънавии шахси ҳаматарафа рушдёфта, дар маҷмуъ, дар раванди сохтмони давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қобили қабул ва таваҷҷуҳи махсус аст.

Адибони асри XVII тоҷику форс, хусусан Сайидои Насафӣ, ба масъалаи меҳнат ҳамчун яке аз воситаҳои асосии тарбия баҳои баланд дода, дар он пеш аз ҳама, омили муҳимми зиндагии орому осуда ва хушбахтонаи инсонро дидаанд.

Интихоби дурусти касбу ҳунарро яке аз воситаҳо ва тарзу усули баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва раҳоӣ бахшидан аз тангдастиву эҳтиёҷмандии инсон медонистанд.

Сайидои Насафӣ дар «Баҳориёт», дар баробари масъалаҳои фалсафӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ба масъалаи ахлоқӣ-маънавӣ, яъне тарбиявӣ, диққати махсус додааст. Мақсади асосии Сайидои Насафӣ дар «Баҳориёт» аз он иборат мебошад, ки хонандаро ба он бовар кунонад, ки ҳама гуна баҳсу мунозира ва ҷангу ҷидол оқибат ба сулҳу салоҳ ва оштии тарафайн оварда мерасонад. Ин ақидаи ӯ, мардумро ба хоксорӣ, ҳурмату эҳтироми якдигар ва умуман ба фазилатҳои неки инсонӣ ҳидоят мекунад, ки ин асоси афкори тарбиявии Сайидои Насафиро ташкил медиҳад.

Масъалаи меҳнат ва интихоби касбу ҳунарро инсон аз давраҳои хеле дури таърихӣ ҳамчун воситаи асосии ба даст овардани ризқу рӯзӣ ва файзу баракати зиндагии худ ҳисобида, ҳамеша дар талоши он буд, ки касбу ҳунареро аз бар карда, бо меҳнати ҳалолу покиза ҳаёти хешро осудаҳолона паси сар намояд. Дар ин росто, мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи мо дар осори хеш ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардаанд. Онҳо ба меҳнат ва интихоби касбу ҳунар ҳамчун сарчашмаи боигарӣ, рушд ва камолоти ҷисмонию маънавӣ ва саодатмандию шарафмандии инсон баҳои арзанда дода, ҳар як шахсро ба меҳнатдӯстӣ, ҳурмату эҳтироми меҳнати дигарон ва умуман арҷ гузоштан ба мардуми заҳматкаш ва омӯзишу интихоби дурусти касбу ҳунар даъват намудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки мавзуи меҳнат ва омӯзиши касбу ҳунар дар низоми андешаҳои педагогии мутаффакирони асри XVII-и форсу тоҷик мақом ва мавқеи ниҳоят муҳимро касб кардааст. Мутафаккирони бузурги тоҷик ба меҳнат ҳамеша ҳамчун сарчашмаи бавуҷудоии боигарӣ, ташаккул ва рушди ҷисмонию маънавӣ ва саодатмандии инсон баҳои баланд дода, дар асарҳои назмию насриашон ҳар як шахсро ба меҳнату меҳнатдӯстӣ ва омӯзишу интихоби дурусти касбу ҳунар даъват кардаанд.

Яке аз мутафаккирони бузурги асри XVII-и халқи тоҷик, шоир ва адиби машҳур Миробид Сайидои Насафӣ мебошад, ки дар осори худ ба масъалаи тарбияи меҳнатӣ ва омӯзиши касбу ҳунар аз ҷониби насли наврас диққати махсус дода, андешаҳои худро дар яке аз асарҳои машҳураш -«Шаҳрошӯб» ва ғазалҳояш баррасӣ кардааст.

Сайидои Насафӣ қимат ва бузургии меҳнатро дар эҷодиёти худ вобаста ба вазъияти воқеаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмию фарҳангии асри XVII-и тоҷику форс нишон

дода, дар баробари ин зикр кардааст, ки дар ин давраҳои хеле тезутунди таърихӣ мардум зери зулму золимӣ ва дар вазъияти хеле вазнини иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қарор дошта, дар зери азобу шиканҷа буданд.

Низоми сиёсию иҷтимоие, ки дар он давр ҳукфармоӣ мекард, ба ривоҷу равнақ додани касбу ҳунарҳои гуногун мусоидат намекард. Шоҳону ҳокимони давр бошанд, ба қадру қимати меҳнат ва талошҳои шахсии ҳунармандон намерасиданд. Аз ин лиҳоз, ошкор мегардад, ки дар он замон на ҳама меҳнаткашону ҳунармандон мақому манзалати арзанда доштанд ва дар касби худ мавқеи хоссаро пайдо мекарданд. Бинобар ин, озодфикрони давру замон ба он даъват менамуданд, ки дар ҷамъият қадру қимат ва обруву эътибори шахси меҳнаткашу ҳунарманд баланд бардошта шавад.

Дар ин хусус, академик Ғафуров Б. Ғ. чунин овардааст: «Дар давлати Чаниён шароит барои тараққиёти касбу ҳунар ва тиҷорати дохилию хориҷӣ хеле номусоид буд ва ба қадри авҷ гирифтани низоъҳои салтанатталабӣ ва ҷангҳои феодалӣ боз ҳам бадтар мешуд. Баъзе шаҳру вилоятҳо чунон дучори тороҷ ва харобӣ мегардиданд, ки пас аз ин муддати дуру дарозе ба худ омада наметавонистанд» [6, с. 75].Бояд тазаккур дод, ки Сайидои Насафӣ амирон ва амалдоронеро, ки худ меҳнат накарда, ба таври муфт боигарӣ ба даст медароварданд, аз ҳамин ҳисоб бебаркаш ба дигарон, хусусан ба лаббайгӯён ва маддоҳони дарбор ва хориҷ, туҳфаю инъомҳои зиёд мекарданд, зери танқид гирифта, мардумро ба софдилона меҳнат кардан ва танҳо аз ҳисоби меҳнати худ комронӣ кардан роҳнамоӣ кардааст. Падару модар ва тарбиядиҳандагонро даъват кардааст, ки фарзандону шогирдонро аз синни хурдсолӣ дар руҳияи мехнатдӯстӣ тарбия намоянд. Ба андешаи Сайидои Насафӣ, ҳаёти инсон бе меҳнати ҳалол маъною муҳтавое надорад. Меҳнат ба одамон на фақат боигарию хушбахтӣ мебахшад, балки дар вуҷуди онҳо ҳисси зебоиро бедор карда, сифатҳои зебописандии онҳоро ташаккул ва рушд медиҳад.

Сайидои Насафӣ дар осори хеш оид ба масъалаи тарбияи меҳнатии насли наврас ва намудҳои гуногуни меҳнати ҳунармандӣ маълумот додаст. Ӯ на фақат дар бораи меҳнат ва ҳунари бофанда, оҳангар, заргар, дуредгар, хиштрез, қассоб, гилкор, собунпаз, дегрез, музадӯз, рехтагар, арзанкор маълумот медиҳад, балки хонандаро бо хусусиятҳои хосси ҳар як касб шинос карда, ба ин васила кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар дили ӯ нисбат ба онҳо меҳру муҳаббат ва шавқро эҳё кунад. Аҳамияти таълимию тарбиявии шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидои Насафӣ аз диди дигар дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити ҷомеаи муосири мо ҷавонон аз рушд ва такомули босуръати касбу ҳунарҳои гуногун дар асри XVII ва маҳорату малака ва санъати баланди соҳибкасбони моҳири ҳамон давр бохабар гашта, ба ин васила фаҳмида мегиранд, ки чӣ гуна мардуми тоҷик соҳибҳунару соҳибкасбони моҳирро то ба имрӯз тарбия намуда, ба воя мерасонидааст.

Дар ин самт, нуқтаи муҳимми дигаре, ки Сайидои Насафӣ дар назди шахси мехнатдӯсту ҳунарманд мегузорад, ҷиддан ва сидқан аз таҳти дил ба меҳнат гаравидан ва ба ин васила ба мардум, ҷамъият нафъ овардан аст. Масъалаи меҳнат кардан ва касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ кардан дар шароити муосир ҳам, яке аз вазифаҳои муҳим дар раванди таълиму тарбияи насли ҷавон ба ҳисоб меравад.

Дар ин росто бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2010 таҳти №499 «Консепсияи раҳнамоии касбии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шуда, мавриди амал қарор дорад, ки санади мазкур дар марҳилаи нави таърихӣ моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи меҳнатӣ ва раҳнамоии касбии хонандагонро ба танзим дароварда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсият мукаммал месозад. Вобаста ба талаботу татбиқи санади зикршуда дар замони муосир бобати дурусту мақсаднок ба роҳ мондани интихоби касб миёни насли наврасу ҷавонон зарур мешуморем, ки муассисаҳои таълимии кишвар тадбирҳои зеринро амалӣ намоянд:

- ҷиҳати гузаронидани корҳои бонизом, тахассусӣ ва маҷмуӣ оид ба раҳнамоии касбӣ шароити мусоид фароҳам оранд;
- дар раванди таълиму тарбия муносибати бошууронаи хонандагонро ба интихоби касб мувофиқи шавқу ҳавас, майлу рағбат ва қобилиятҳои ҳар кадом бо назардошти

талаботи маҳал ба касбҳо ва ҳунарҳои мардумӣ ба роҳ монда, ташаккул диҳанд;

- хонандагонро берун аз дарс ба эҷодиёти техникию бадеӣ ва баланд бардоштани нақши эҷодиёт дар интихоби касб ҷалб созанд;
- дар раванди фаъолияти таълимӣ ва берун аз таълим толибилмонро бо фаъолияти муассисаҳои таълимии касбӣ, касбҳо ва ихтисосҳо, муассисаю ташкилотҳо ва дурнамои инкишофи онҳо шинос намоянд.

Дар қисмати тарбиятии илми педагогикаи анъанавӣ асосан ба масъалаҳои тарбияи шахсу шахсият, тарбияи ҷаҳонбинӣ, тарбияи маънавӣ, тарбияи меҳнатӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи эстетикӣ диққат дода мешавад, ки дархости ҷомеаро таъмин менамояд.

Дар таркиби фанни технология (таълими меҳнат) ё мавзуи тарбияи меҳнатӣ, омӯхтани касбу ҳунарҳои мардумӣ хеле муҳим аст.

22 декабри соли 2017, аз тарафи Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат эълон шудани «Соли 2018- соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва 26 декабри соли 2018 бошад, «Солҳои 2019-2021 -соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», ба мардуми кишвар шароит фароҳам овард, ки касбу ҳунарҳои анъанавии худро, ки таърихи ҳазорсолаҳо дорад, эҳё кардаву равнақ диҳанд ва ба касбу ҳунарҳои замонавӣ даст зананд [12, с. 14].

Ҳулоса, андешаи тарбиявие, ки оид ба мавзуи мазкур Сайидои Насафӣ пешниҳод карда буд, дар шароити имрӯзаи ҷомеа яке аз вазифаҳои муҳимми соҳаи таълиму тарбияи насли наврас ба ҳисоб рафта, дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисос нақши бузург мебозад. Сайидои Насафӣ оид ба меҳнати чарчинфурӯш дар оғози асараш «Шаҳрошӯб» чунин овардааст:

*«Бути чарчинфӯрушам зад ба санг ойинаро рӯяш,*
*Зи гайрат моҳи навро сӯхта чаҳмоқи абрӯяш.*
*Чу шона пеши ӯ бо сад забон хомӯш биншинам*
*Суханро мекунад миқроз лабҳои сухангӯяш….[13, с. 176].*

Ба андешаи Сайидои Насафӣ, меҳнати ҳунари чарчинфурӯш сифатҳое, ба монанди фаъолиятнокӣ, масъулиятшиносӣ, пуртоқатӣ, ташаббускорӣ, ботамкинӣ, хушмуомилагӣ, бодиққатӣ ва ғайраро ташаккул ва такомул додааст.

Сайидои Насафӣ дар дигар ҷой дар бораи ҳунармандӣ ва меҳнати заргар андешаронӣ кардааст:

*Ҳар кӣ як дам ҳамдами он дилбари заргар шавад,*
*Санг гирад лаъл гардад, хок гирад зар шавад.*
*Дилбари заргар, ки бошад рашки Моҳу Муштарӣ,*
*Хонаи худ бурдам ӯро бар забони заргарӣ.*
*Диламро он маҳи заргар чу зар дар тоб месозад,*
*Ба дасташ ҳар чӣ меафтад ҳамон дам об месозад [9, с.435].*

Сайидои Насафӣ аз навиштани ин мисраъҳо хонандаро ба меҳнатдӯстӣ, ҳурмату эҳтиром нисбат ба аҳли меҳнат, ҳунарманд ва дарк намудани зебоию зебоипарастӣ даъват кардааст.Ба қавли Сайидои Насафӣ, шустагар дар рафти иҷрои вазифааш бо меҳнате, ки ӯ иҷро менамояд, каси бинандаро то андозае ба ваҷд меорад, ки дар дили ӯ нисбати касби мазкур нишоту сурур мебахшад.Аз маҳсули меҳнати шустагар либосҳои одамон тозаю озода гардида, бо ин тарзи кораш либос, тан ва руҳи вайро пок, тоза ва зебою дилрабо месозад.

Сайидои Насафӣ падару модар ва тарбиятгаронро даъват намудааст, ки кӯдаконро аз синни хурдсолӣ дар руҳи мехнатдӯстӣ ва интихоби дурусти касбу ҳунар тарбия намоянд, то ин ки онҳо баъди ба камол расидан ба шахси танбалу муфтхӯр ва бе касбу ҳунар табдил наёфта, аз ҳисоби меҳнати дигарон зиндагӣ накунанд. Дар ин радиф, ҳамин нуқтаро бояд зикр намоем, ки дар шароити ҷомеаи муосири мо низ масъалаи таъмини мардум бо ҷойи кор, мутахассисони баландихтисос, омӯзонидани касбу ҳунари зарурӣ, яъне тибқи талаботи иқтисоди бозоргонӣ, яке аз масъалаҳои умдаи ҷомеаи Тоҷикистон ба

шумор меравад. Оид ба мавзуи мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳори андеша намудаанд: «Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои асосии вазъи ногувор дар бозори меҳнат ва умуман дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ набудани сифати захираҳои меҳнатӣ мебошад» [12, с. 6].

Барои он ки халқи Тоҷикистон аз буҳрони иқтисодӣ баромада, камбизоатии мардумро аз байн бардорад, бояд рӯ ба меҳнат оварда, касбу ҳунарҳоеро ба насли ҷавон омӯзонад, ки ба талаботи муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ ҷавобгӯ бошанд.

Яке аз хусусиятхои хосси асарҳои ба ҳунармандон бахшидаи Сайидои Насаӣ дар он мебошад, ки ӯ дар хусуси ҳар як ҳунарманде, ки дар ин ё он касбу ҳунар номдор шуда, маҳорат ва малакаи муайянро ҳосил карда бошад, маълумоти кофӣ дода, хонандаро бо нозукиҳои касб, ҳунари вай шинос менамояд. Аз ин назар, «Шаҳрошӯб» ва дигар асарҳои Сайидои Насафӣ, ки ба ҳунармандону косибон бахшида шудаанд, дорои хусусиятҳои тарбиявӣ мебошанд. Сайидои Насафӣ меҳнат ва ҳунари нонпазро васф карда, хонандаро аз мақоми ӯ огоҳ сохта, аз рӯйи ҳақиқат ва ба таври боварибахш зикр кардааст, ки бе нонҳои пухтаи ин ҳунарманд зиндагии ҳар як инсон ва ҳатто пешрафти ҷомеа низ номумкин аст.

*...Танури оташам аз иштиёқат,*
*Дилам бошад ҳалоки нони қоқат.*
*Сухан аз элакаш гӯям ба парда,*
*Рами ӯ устухонам орд карда.*
*Тамошояш ба ҷонам оташ афрӯхт,*
*Маро рухсори гандумгини ӯ сухт… [9, с. 259].*

Чи тавре маълум мегардад, Сайидои Насафӣ ҳамчун шахси фаъол ва ватандӯсту инсонпарвар хизмати офарандагони неъматҳои моддию маънавиро дар ҷомеа махсус қайд карда, одамони дигарро барои хизмат ба халқ, ба меҳнати ҳалолу покиза ва истеҳсоли сарватҳои бебаҳо даъват кардааст.

Таҳлили осори Миробид Сайидои Насафӣ оид ба масъалаи тарбияи меҳнатӣ ва омӯзиши касбу ҳунар ва аҳамияти тарбиявии он моро ба чунин хулоса водор месозад, ки ӯ меҳнат ва интихоби дурусти касбу ҳунарро ҳамчун восита ва тарзу усули беҳтарини раванди тарбияи насли наврас ҳисобида, дар он, пеш аз ҳама, яке аз омилҳои асосии ташаккул ва рушд ёфтани сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва ҷисмонии шахсият ва ба камолот расидани онро дидааст. Омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили осори адабӣ ва илмии намояндагони бузурги фарҳанги халқи тоҷик метавонад дар ташаккул ва рушди сифатҳои волои ахлоқи ҳамида ва бой гардонидани ҷаҳони маънавии наслҳои оянда нақши боризеро бибозад. Масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас дар шароити рушди ҷомеаи муосир аз мо омӯзгорон, ҳарчи беҳтар ва босифаттар истифода намудани осори пурғановати мутафаккирони халқи тоҷику форсро тақозо дорад.

Сайидои Насафӣ дар низоми консепсияи тарбиявии худ оид ба паҳлуҳои гуногуни ахлоқи инсон изҳори андеша карда, маҳз ҳамон нуктаҳоеро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ҳар як шахсро ба сӯйи худшиносию худогоҳӣ ҳидоят карда, то ба дараҷаи инсони комил мерасонанд.

**Муқарриз: Ҷ.Алимӣ –д.и.ф., профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

### АДАБИЁТ


1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. - Душанбе, 1997.
2. Абуҳамид Муҳаммад Ғазолӣ. Кимиёи Саодат. Нусхаи китобхонаи Фирдавсӣ. – 865с.
3. Абуалӣ ибни Сино. Пирӯзнома. - Душанбе: Маориф, 1980. - 102 с.
4. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ». - Душанбе: Ирфон, 1985. - 325 с.
5. Гулмадов Ф. Теоретические основы формирования духовнонравственных убеждений учащихся начальных классов: автореф. дис....д-ра пед. наук: 13.00.01 / Ф. Гулмадов - Душанбе, 2016. - 45 с.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон, таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. - Душанбе: Ирфон, 1998. - Ҷ,. 1, 2. -1120 с.
7. Консепсияи тарбияи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2006. - 24 с.
8. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам / М.Лутфуллоев. - Душанбе, 1997. - 148 с.
9. Миробид Сайидои Насафи. Асарҳои мунтахаб. -Душанбе: Ирфон, 1977. –С. 707.

10. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик / А.Мирзоев.-Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1977. - 198 с.
11. Мирзозода Х. Дар бораи Девони мунтахаби Сайидои Насафӣ // Тоҷикистони сурх. - 1944. 27 сентябр. - С. 2.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Мулоқот бо зиёиёни мамлакат, соли 2013.

**ОМӮЗИШИ ОСОРИ МИРОБИД САЙИДОИ НАСАФӢ ДАР БОБИ МЕҲНАТДӮСТӢ, ОМӮЗИШИ КАСБУ ҲУНАР ВА АҲАМИЯТИ ИҶТИМОИИ ОН**

Омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи афкори тарбиявии Сайидои Насафӣ, имрӯз, маҳз дар шароити нави муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ ба аҳамияти калон молик аст. Бавижа, ақидаҳои ахлоқии ӯ дар ташаккул ва рушди ҳар як фарди ҷомеа ва бой гардонидани ҷаҳони маънавии шахси ҳаматарафа рушдёфта, дар маҷмуъ, дар раванди сохтмони давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қобили қабул ва таваҷҷуҳи махсус аст. Сайидои Насафӣ, ба масъалаи меҳнатдӯстӣ, омӯзиши касбу ҳунар ва аҳамияти иҷтимоии он ҳамчун яке аз воситаҳои асосии тарбия баҳои баланд дода, дар он, пеш аз ҳама, омили муҳимми зиндагии орому осуда ва хушбахтонаи инсонро дидаанд. Ӯ меҳнат ва интихоби дурусти касбу ҳунарро ҳамчун восита ва тарзу усули беҳтарини раванди тарбияи насли наврас ҳисобида, дар он, пеш аз ҳама, яке аз омилҳои асосии ташаккул ва рушд ёфтани сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва ҷисмонии шахсият ва ба камолот расидани онро дидааст. Омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили осори адабӣ ва илмии намояндагони бузурги фарҳанги халқи тоҷик, бахусус Сайидои Насафӣ, метавонад дар ташаккул ва рушди сифатҳои волои ахлоқи ҳамида ва бой гардонидани ҷаҳони маънавии наслҳои оянда нақши боризеро бибозад.

**Калидвожаҳо**: касбу ҳунар, меҳнатдӯстӣ, таълиму тарбия, ахлоқи ҳамида, бофанда, оҳангар, заргар, дуредгар, музадӯз.

**ИЗУЧЕНИЕ ТВОРЧЕСТВА МИРОБИДА САЙДОИ НАСАФИ В ОБЛАСТИ ТРУДА, ИЗУЧЕНИЯ ПРОФЕССИЙ И ИХ СОЦИАЛЬНОЙ ЗНАЧИМОСТИ**

Сегодня в новых условиях рыночной экономики республики большое значение имеет всестороннее изучение и исследование просветительских идей Саида Насафи. В частности, его нравственных идей в становлении и развитии каждой личности в обществе и обогащении духовного мира всесторонне развитой личности в процессе построения правового и светского государства. Сайидои Насафи понимал важность вопроса профессиональном обучении и его общественном значении как одном из главных средств воспитания и видел в нем, прежде всего, важный фактор мирной и счастливой жизни. Труд и правильный выбор профессии он считает лучшими средствами и методом процесса воспитания подрастающего поколения, одним из главных факторов формирования и развития духовно-нравственных и физических качеств зрелой личности. Изучение, исследование и анализ литературного и научного наследия великих представителей таджикской культуры, в частности Саийдои Насафи, может сыграть значительную роль в формировании и развитии высших нравственных качеств и обогащении духовного мира будущих поколений.

**Ключевые слова:** профессия, трудолюбие, воспитание, развитие, нравственность, ткач, кузнец, ювелир, плотник, наемник**.**

**STUDY OF THE WORKS OF MIROBID SAIDOI NASAFY IN THE FIELD OF LABOR, STUDY OF THE PROFESSION AND ITS SOCIAL SIGNIFICANCE**

Today, in the new conditions of the market economy of the republic, the comprehensive study and research of the educational ideas of Said Nasafy is of great importance. In particular, his moral ideas in the formation and development of each individual in society and the enrichment of the spiritual world of a well-rounded individual, in general, in the process of building a law-governed and secular state are particularly acceptable.Sayyid Nasafy highly valued the issue of hard work, vocational training and its social significance as one of the main means of education, and saw in it, above all, an important factor in a peaceful and happy life.

**Keywords:** profession, diligence, education, development, morality, weaver, blacksmith, jeweler, carpenter, mercenary.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатова Ниёзбӣ -** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, кафедраи педагогика. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров-16. Телефон: **(+985)40-22-02**

**Сведение об авторе:** ***Давлатова Ниёзби*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, кандидат педагогических наук, кафедра педагогики**. Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова-16. Телефон:: **(+985)40-22-02**

**Information about the author:** ***Davlatova Niyozbi*** - Kulyab State University A. Rudaki, Candidate of Pedagogical Sciences, Department of Pedagogy. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street-16. Phone:: **(+985)40-22-02**

УДК:372.861

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)

*Холова М.Р.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Дар шароити муосир, вақте ки инкишофи илмӣ-техникӣ бо дараҷаи баланд меравад, техника ва технологияи истеҳсолот дигаргуниҳои куллиро талаб карда истодааст.

Аз ин лиҳоз, муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ дар баланд бардоштани сифати тарбияи меҳнатӣ, пурқувват гардонидани алоқа ба ҳаёт, беҳтар гардонидани тайёрии хонандагон ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ нақши асосиро мебозанд.

Вазифа, таркиб, шакл ва усулҳои таълими технология (таълими меҳнат) ба як қатор принсипҳо тобеъ мебошад. Принсипи асосӣ политехнизм ва пайвастани таълим бо меҳнати истеҳсолӣ мебошад.

Принсипи политехникӣ талаб мекунад, ки дар таркиби таълими технология (таълими меҳнат) иттилоот дар бораи истеҳсолоти ҳозира бояд акс ёбанд ва корҳои амалӣ пешбинӣ шаванд, ки барои ташаккул ёфтани дониш ва малакаи умумиистеҳсолӣ ва умумимеҳнатии, хонандагон замина фароҳам меорад. Мувофиқи принсипи алоқаи таълим бо меҳнати истеҳсолӣ хонандагон бояд дар раванди сохтани маснуот донишҳои назариявӣ ва малакаи амалиро аз худ кунанд.

Таркиб ва раванди таълими касбу ҳунар дар асоси принсипҳои дидактикӣ тартиб дода мешаванд.

Принсипҳои дидактикӣ ва талаботҳои аз онҳо бaромада ба раванди таълим нисбати фанҳои гуногуни мактабӣ ягона мебошанд. Лекин рафтори амалии муаллим ва хонанда, ки бо баамалбарории раванди дидактикӣ вобаста аст, хусусиятҳои худро доранд. Барои ҳамин ҳам дар вақти таҳлил кардани принсипҳои дидактикӣ махсусияти худи фанро ба назар гирифтан лозим аст.

Дар адабиёти педагогӣ принсипҳои дидактикии гуногун нишон дода шудаанд: алоқаи назария бо амалия дар таълим; илмият дар таълим; системанокӣ ва пайдарпайи дар таълим; дастрасӣ ва мувофиқат намудани меҳнати хонанда; мустаҳкамии омӯзиши дониш, малака ва маҳорат; фаъолияти бошуурона ва эҷодкории хонанда дар раванди таълим; аёният дар таълим; хусусияти тарбиявии таълим.

Ҳамаи ин принсипҳо ба ҳамдигар зич алоқаманд мебошанд. Ҳар яке аз ин принсипҳо қоидахои таълимро дар амал ҷорӣ мекунанд ва ба пуррагӣ онҳоро мефаҳмонанд.

Барои мустаҳкам шудани дониш, малака ва маҳорат нақши ҳалкунандаро машқ, корҳои лабораторию амалӣ, таълими истеҳсолӣ, инчунин меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ мебозанд.

Муайян кардани фаҳмишҳои асосӣ, истилоҳоти техникӣ, муодилаҳои муҳим, амалиёти технологӣ, қоидаҳои бехатарии кор ва ғайраро хонандагон бояд хуб дар хотир дошта бошанд.

Муносибати инфиродӣ нисбати хонанда. Ба вуҷуд омадани ин принсип дар якҷоя намудани шаклҳои фронталӣ, гурӯҳӣ ва инфиродии таълим зуҳур меёбад. Муаллим бояд хусусияти инфиродии ҳар як хонандаро донад ва дар ин асос онҳоро ташаккул диҳад. Бо ин мақсад, корҳои мустақилона ташкил карда мешаванд. Хонандагоне, ки ин ё он хусусиятҳояшон на он қадар ташаккул ёфтаанд, бо онҳо машқҳои иловагӣ гузаронидан лозим аст.

Ин принсип дар раванди иҷроиши корҳои амалии гуногун амалӣ мешавад. Ба хонандагони соҳибистеъдод вазифаҳои мушкилтар супоридан лозим аст, то ки онҳо савияи дониши худро боз ҳам баландтар бардоранд.

Шарти муҳимми баамалбарории ин принсип омӯхтани ҳамаҷонибаи хонандагон аз тарафи муаллим, мушоҳида намудан аз болои рафтор ва фаъолияти онҳо мебошад.

Хонанда бояд мустақилият нишон диҳад ва усулҳои гуногуни азхудкунии донишро дар ин роҳ татбиқ кунад. Муаллим бояд фаъолияти мустақилонаи хонандагонро ташкил кунад, ҳалли ҳар гуна масъалаҳоро ба ихтиёри онҳо гузорад. Қонеъ намудани талаботи ин принсип зарурияти муносибати хонандагонро нисбати иҷроиши вазифаҳои меҳнатӣ

пешбинӣ мекунад, ба монанди тарҳрезӣ, лоиҳакашии одӣ ва ғайра. Ташаккули эҷодии хонандагон бо таълими проблемавӣ зич алоқаманд аст. Хонандагон дар ин ҳолат маҷбур мешаванд, то ки ба омӯзиши адабиёти иловагӣ машғул шаванд.

Аёният дар таълим: ин намуди таълим идроки бевоситаи образи объекти омӯхташавандаро бояд дар бар гирад.

Дар таълими меҳнат аёният мавқеи муҳимро ишғол мекунад, барои он ки хонандагон бояд ба фаъолияти меҳнатии амалӣ тайёр шаванд. Аз ин рӯ, дар таълими меҳнат нишон додани асбобҳои аёнӣ, равандҳои технологӣ, амалиёти меҳнатӣ, асбобҳои техникӣ васеъ истифода бурда мешавад.

Баъзе равандҳои истеҳсолиро дар техника бевосита намоиш додан мумкин нест, барои ҳамин дар вақти омӯхтани ин гуна равандҳо аломатҳои шартиро дар намуди схема, таблитса, график истифода мебаранд. Идроки объектҳо бо таҳлил кардани онҳо бояд алокаманд шавад. Ин кор ба воситаи ҳамоҳанг кардани аёният ва баёни муаллим ба даст оварда мешавад.

Донишдиҳанда донишро ва маҳорат ёддиҳанда маҳоратро бояд вобаста ба хусусияти онҳо то ҳадди имкон ба тариқи аёнӣ омӯзонад. Баёни дониш ва ёддиҳии маҳорат ба тариқи аёнӣ фаъолияти диққат, идрок, тафаккур, нутқ, хотира ва хаёли донишгиранда, маҳоратёддиҳандаро самаранок мегардонанд. Олимон исбот намудаанд, ки 80% иттилоот аз олами беруна тавассути органи биноӣ қабул мешавад. Дар урфият ҳам беҳуда намегӯянд, ки «шунидан кай бувад монанди дидан» ё худ «аз сад бор шунидан як бор дидан беҳтар аст». Инсон табиатан ба дидан, шунидан ва умуман идроки ҳиссӣ майл дорад. Ӯ ҳатто барои дидани «чизҳои диданашаванда», шунидани овозҳои «шуниданашаванда» кӯшиш мекунад. Сухан дар бораи он ҳолатҳое меравад, ки имкониятҳои табиии органҳои идроки одам маҳдуд мегарданд, яъне барои дидани ин гуна чизҳо ва шунидани ин гуна овозҳо қодир нестанд. Барои ин одам асбобҳои гуногун ихтироъ кардааст. Дурбин, пурбин, рентген ва амсоли онҳо ба ин мисол шуда метавонанд.

Тавассути идроки ҳисси ҳамаҷониба қабул намудани донишро ҳанӯз Я.А. Каменский «Қоидаи тиллоӣ»-и дидактика номида буд. Аёният бояд на танҳо ҷиҳатҳои зоҳирии предмет ва ҳодисаҳоро кушода диҳанд, тасвир намоянд. Тавассути аёниятҳое, ки ҷиҳати дохилӣ, яъне моҳияти предметҳо ва ҳодисаҳоро истифода мекунанд, моделҳои предметӣ ва аломати тафаккури назариявиро ташаккул додан мумкин аст [7, с. 15].

Донишҳои табиӣ-ақлӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, зебоипарастӣ бояд ҳаддалимкон аз нуқтаи назари аёнияти зоҳирӣ ва аёнияти дохилӣ пешниҳод карда шаванд. Ҳангоми ташаккули маҳоратҳои ҷисмонӣ, ақлӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, зебоипарастӣ низ чунин равиш раво аст, зеро ин гуна аёниятҳо чун нуқтаи такягоҳӣ хизмат мерасонанд. Инро, алалхусус, дар мисоли маҳоратҳои ақлӣ мавриди омӯзиш қарор дода будем. Ё худ ба ин тарзи алгоритми азхудкунии маҳоратҳои ақлӣ мисол шуда метавонад.

Принсипи мазкур вобаста ба намуди тарбия ва таълим, намуди дониш ва маҳорат ба принсипҳои аёниятнокии дониш ва маҳоратҳои табиӣ, ҷисмонӣ, аёниятнокии дониш ва маҳоратҳои ақлӣ, аёниятнокии дониш ва маҳоратҳои ахлоқӣ, аёниятнокии дониш ва маҳоратҳои меҳнатӣ, аёниятнокии дониш ва маҳоратҳои зебоипарастӣ тақсим мешавад. Принсипи мазкур вобаста ба объекти тарбия ва таълим ба принсипҳои аёниятнокии дониш ва маҳорат дар тарбия ва таълим фардӣ, аёниятнокии дониш ва маҳорат дар тарбия ва таълими гурӯҳӣ, аёниятнокии дониш ва маҳорат дар тарбия ва таълими ҷамъиятӣ тақсим мешавад.

Хусусияти тарбиявии таълим. Дар раванди таълим шахсияти хонанда ташаккул меёбад, яъне дар як вақт вазифаҳои маълумотӣ ва тарбиявӣ ба вуҷуд меоянд. Барои ҳамин таълими меҳнат, меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ва меҳнати пурсамари истеҳсолӣ воситаҳои асосии ташаккули ҳамаҷонибаи хонанда ба ҳисоб мераванд.

Нақшаи таълими меҳнат барои ташаккули фикрӣ ба он вобаста аст, ки дар фаъолияти меҳнатӣ доираи идрок ва тасаввуроти хонанда васеъ мешавад, хусусиятҳои азхудкунӣ ба вуҷуд меоянд, малакаи мустақилона омӯхтани дониш пайдо мешавад.

Меҳнат унсури асосии тарбияи ахлоқӣ мебошад. Барои ҳамин машғулиятҳоро тавре бояд гузаронид, ки хонандагон мазмуни ҷамъиятии меҳнати худро дарк кунанд. Дар раванди таълими меҳнат хонандагон ба мустақилият дар вақти иҷро кардани вазифаҳои меҳнатӣ одат мекунанд, банақшагирии корҳои фоиданокро аз худ мекунанд.

Машққуниҳои амалҳои корӣ, меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ва меҳнати пурсамари истеҳсолӣ дар вақти дуруст ташкил кардани онҳо ба тарбияи зебоипарастии хонандагон замина фароҳам меоваранд.

Барои ба вуҷуд овардани тарбияи зебоипарастӣ дар раванди таълими меҳнат хусусияти эҳсос намудани зебоӣ ва қувваи тағйирдиҳандаи меҳнатро ташаккул додан мумкин аст. Ба муваффақият дар тарбияи зебоипарастӣ фақат дар ҳамон ҳолат соҳиб шудан мумкин аст, ки агар барои таълими меҳнат ва меҳнати истеҳсолии хонандагон шароитҳои мувофиқ фароҳам оварда шуда бошанд. Таҷрибаи педагогӣ исбот кардааст, ки дар шароити пурмазмун будани кори тарбиявӣ-истеҳсолӣ ва фаъолияти ҳамаҷонибаи хонандагон раванди тарбия хуб мегузарад ва бо таълим якҷоя шуда, натиҷаҳои самарабахш медиҳад.

«Тарбияи зебоипарастӣ раванди мақсадноки ташаккули шахсияти эҷодкорест, ки қобилияти дарк кардан, эҳсос кардан, қадр кардани зебоӣ ва эҷоди арзишҳои бадеиро дорад» [11, с.79].

Аз нуқтаи назари илми муосир тарбияи зебоипарастӣ аз ташаккули мақсадноки муносибати зебоипарастии шахс ба воқеият иборат аст. «Мақсади тарбияи зебоипарастӣ аз он иборат аст, ки ба хонанда омӯзонидани ҷаҳонро ҳамчун идомаи худ дарк кунад, бо ҳиссиёт ва ҳамдардӣ, ҳам ба ҷаҳони иҷтимоӣ ва ҷаҳони моддӣ алоқаманд аст». [4, с. 99].

А.А. Азизов дар таҳқиқоти худ тарбияи зебоипарастиро чунин шарҳ додааст: “Дарки зебоии меҳнат, илм, хониш, табиат, санъат шуури хонандагон ва шавқу ҳаваси эҷодии онҳоро фаъол мегардонад. Ин дарк метавонад бо тарзҳои гуногун зоҳир шавад, дар як маврид дар хонандагон майл ба эҷоди худ дар соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ ва дар дигар маврид барои нигоҳ доштан ва афзун намудани зебоӣ дар муносибатҳои байни одамон ташаккул меёбад. Дар ҳолатҳое, ки дар натиҷаи ташкили дурусти таълиму тарбия арзишҳои зебоипарастӣ ва эҷодкорӣ дар олами ботинии шахс пайдо шуда, онро бо мазмуни худ пур мекунанд, мустақилият, худшиносии хонандаро ташаккул медиҳанд, ба онҳо кумак мерасонанд қобилиятҳои равонӣ ва баҳодиҳии танқидии онҳо, бартарӣ ва камбудиҳои худро эҳсос кунанд. ...” [1, с. 203]

М.М. Таирова дар таҳқиқоти худ тарбияи зебоипарастиро чунин тавсиф кардааст: “Тарбияи зебоипарастӣ ташаккули завқи баланди бадеии хонандагонро дар бар мегирад, ки ба дарки зебоӣ ва талаботи ҳаматарафаи зебоипарастӣ, ки шартҳои зарурии сарвати маънавии инсон мебошанд, алоқаманд аст”[14, с. 211].

Тарбияи зебоипарастӣ дар дарси технология (таълими меҳнат) ба инкишофи шавқу ҳавас ва қобилияти эҷодии хонандагон ҳангоми омӯзиши намудҳои эҷодӣ асос ёфта, ба офаридани маҳсулоти дорои хосиятҳои барои одамон муҳим ва муфид нигаронида шудааст. Ин метавонад истеҳсоли ғизо, дӯхтани либос ва ғайра бошад (эҷодиёти пурмаҳсул ва объективӣ). Эҷодиёти ба истилоҳ объективӣ низ вуҷуд дошта метавонад, ки аз такрори корҳое иборат аст, ки қаблан дигарон анҷом медоданд [2, с.108].

«Мақсади тарбияи зебоипарастӣ ҳалли масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: ташаккули донишҳои зебоипарастӣ, тарбияи фарҳанги зебоипарастӣ, азхудкунии мероси зебоипарастӣ ва фарҳангии замони гузашта, ташаккули муносибати зебоипарастӣ ба амал, инкишофи ҳиссиёти зебоипарастӣ, ҷорӣ намудани одам ба зебоӣ дар зиндагӣ, ба табиат, меҳнат, инкишоф додани зарурати аз рӯйи қонунҳои зебоӣ сохтани ҳаёт ва фаъолият ва ғайра мебошад» [13, с. 434].

Дар ин кор нақши пешбаранда ба муаллим тааллуқ дорад, ки вай бояд тафаккури педагогӣ, шуури баланди зебоипарастӣ ва маданияти педагогӣ дошта бошад. Зарурати эътироф намудани нақши пешбарандаи тарбияи зебоипарастӣ дар раванди таълими педагогӣ аз он бармеояд, ки «вақти он расидааст, ки дар мактаб доираи санъат васеъ карда шавад: аз санъати ҳаракат, суруд, расмкашӣ, ҳайкалтарошӣ сар карда, то санъати тафаккур; эҳсос кардан, зиндагӣ кардан» [6, с. 225].

И.Ф. Гончарова дар бораи аҳамияти санъат сухан ронда, тасдиқ мекунад: «Санъат ҳамчун манбаи маданияти зебоипарстӣ барои инкишофи ҳаматарафаи шахсияти хонандагон аҳамияти калон дорад. Санъат шакли олии зебоипарастӣ, азхудкунии олам аз рӯйи қонунҳои зебоӣ мебошад. Он ҳама таассуроти буданро ба зебоӣ коркард мекунад" [5, с. 135].

Тамоми системаи тарбияи зебоипарастии мактаб бояд ба инкишофи умумии хонанда на танҳо аз ҷиҳати зебоипарастӣ, балки аз ҷиҳати маънавӣ, ахлоқӣ ва интеллектуалӣ ҳам нигаронида шавад. Барои ноил шудан ба ин як қатор вазифаҳоро ҳал кардан лозим аст: 1. Аз худ намудани дониши маданияти бадеӣ ва зебоипарастии хонанда; 2. ташаккули қобилияти эҷодиёти бадеию зебоипарастӣ; 3. Ташаккули сифатҳои зебоипарастии психологӣ, ки бо дарки зебоипарастӣ, ҳис, қадр, завқ ва дигар категорияҳои равонии тарбияи зебоипарастӣ ифода меёбанд [15, с. 248].

Раванди педагогӣ, ки дар муҳити мактаб сурат мегирад, барои дар як системаи ягона муттаҳид намудани тамоми омилҳо ва воситаҳои тарбияи зебоипарастӣ иқтидор ва имкониятҳои зиёд дорад. Ягонагӣ, мураккабӣ ва муттасилӣ, ки дар як вақт танҳо дар мактаб ба даст оварда мешаванд, самараи мусбат мебахшанд, зеро маҳз мактаб метавонад барои ба ҳар як хонандаи муосир барои омӯзиши мероси фарҳангӣ ва маънавии мардум вақти кофӣ ҷудо кунад [10, с. 146].

Л.П.Печко проблемаи инкишофи зебоипарастии шахсиятро ба назар гирифта, қайд мекунад, ки: «...раванди мақсаднок, муташаккил ва идорашавандаи ташаккули муносибати зебоипарастии хонандагон, талаботи зебоипарастӣ ва бадеӣ мебошад» [12, с. 18].

Дар ин ҷо ҳар як муаллими технология (таълими меҳнат) имконият дорад, ки барои ташаккули тарбияи зебоипарастӣ аз неру ва маҳорати педагогии худ истифода барад.

Маданияти зебоипарастӣ ҳисси зебоипарастӣ, эҳтиёҷот, шуур, завқи бадеию зебоипарастӣ ва доварии зебоипарастиро дар бар мегирад. Онро бе образи бадеӣ, тарбияи бадеӣ, инкишофи бадеӣ ва эҷодӣ тасаввур кардан мумкин нест [9, с. 71].

Мақсади маданияти зебоипарастӣ ғанӣ гардонидани шахсияти хонанда бо маҳорат ва усулҳои фаъолияти эҷодӣ, қобилияти дидани зебоии атроф ва дар фаъолияти эҷодӣ истифода бурдани ин зебоӣ мебошад.

Ташаккул ва инкишоф додани маданияти зебоипарастии хонанда дар дарси технология (таълими меҳнат), ба назари мо, дар сурати риоя шудани шартҳои зерини педагогӣ самараноктар мешавад: ташаккули ҳавасмандии мусбат дар хонанда ва ба вуҷуд овардани вазъияти муваффақият дар раванди истеҳсоли маҳсулот дар дарси технология (таълими меҳнат), муҳити таълимии хонандагон, ҳавасмандгардонии хонандагон ба иҷрои намудҳои индивидуалӣ ва гурӯҳии фаъолияти зебоипарастӣ мебошад.

Чунонки З.А. Богатеев ва Н. Соколников қайд мекунанд: «таърихи ҳар ороише, ки ба ашёи моддӣ гузошта шудааст, маънои рамзии худро дорад. Санъати ороишию амалӣ олами муносибати махсус ба кор, фаъолияти худ ва умуман зиндагӣ мебошад» [3, с.10].

Чуноне ки илми педагогика нишон медиҳад, на ҳама меҳнат тарбия мекунад. Фақат меҳнати дуруст ташкил шуда, меҳнати бо таълим алоқаманд буда дар ташаккули мувофиқкунии шахсият ва тайёрии ӯ ба меҳнат ёрӣ мерасонад. Барои он ки меҳнати хонандагон асоси педагогӣ дошта бошад, бояд ба чунин меъёрҳо ҷавобгӯ диҳад:

- доштани раванди такмилӣ, тарбиявӣ ва таълимии фаъолияти меҳнати хонандагон. Дар ин ҳолат дониши амиқи асосҳои илм, ташаккули характери беҳтарин, талабот ба меҳнат ҳамчунин зарурияти якуминдараҷа дар зиндагӣ;
- мазмун ва шароити меҳнат, меҳнат бояд характери эҷодӣ дошта бошад ва бояд низомманд ва гуногун бошад.

Дигаргуниҳо дар мазмун ва характери коргари муосир дар назди муассисаҳои таълимӣ масъалаи дар хонандагон ташаккули ҷаҳонбинии васеи демократӣ, маҳорат ва

малакаи устувори меҳнатӣ, сифатҳои баланди маънавӣ, ки онҳоро дар оянда ҳангоми иштирок намудан дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ амалӣ мегардонанд, пеш мегузорад.

Ҳамин тариқ, дар шароти муассисаи таълимии миёнаи умумӣ омӯзиши маҳорат ва малакаи мураккаби меҳнатӣ вазифаи мушкил мебошад, лекин барои иҷрои он кӯшиш кардан лозим аст. Муаллимон бояд, ба истеҳсолоти муосир такя кунанд ва хонандагонро бо асбобҳо, объектҳои такмилёфтаи ба дараҷаи талабот ва суръати дониши хонандагон, саҳеҳӣ ва мураккаби кор, инчунин бо дараҷаи мустаҳкамкунии маҳорат ва малакаи амалиётҳои меҳнатӣ шинос кунанд.

Бо мақсади муайян намудани дараҷаи ташаккули малака дар хонандагон ба муаллимон пешниҳод карда мешавад, ки пеш аз сар кардани таълим машғулиятҳои амалии характери озмоишидошта гузаронанд.

**Муқарриз: Азизов А.А. – д.и.п., профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

## АДАБИЁТ


1. Азизов А.А. Содержание, методы и средства формирования эстетического вкуса учащихся 5-7 классов на уроках изобразительного искусства / А.А.Азизов, Ф. Яхёевв, М. Ганиева// Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе: Сино, 2017. -№3/4. -323 с.
2. Бабанский Ю. К. Система эстетического воспитания в школе. Учебное пособие / Ю. К. Бабанский. - М.: Просвещение, 1983. -258 с.
3. Богатеева З.А. Традиционная *культура* и быт хакасов. Пособие для учителей / З.А. Богатеева. — Абакан: Хакасское книжное *издательство,* 1996.- 259 с.
4. Борев Ю. Б. Эстетика. Учебник / Ю.Б. Борев. - М.: Высш. шк., 2002.- 511 с.
5. Гончаров И.Ф. Действительность и искусство в эстетическом воспитании школьников. Учебное пособие / И.Ф. Гончаров. – М.: Просвещение, 1978. – 160 с.
6. Дремов А.К.- В современном мире проблема *эстетического* воспитания, развития личности, становления ее *эстетической культуры*-одна из главных задач. Учебное пособие / А.К. Дремов. - М., 2007.-366с.
7. Каменский Я.А. Избранные педагогические сочинения. Учебное пособие /Я. А. Коменский. -М.: Педагогика, 1982 - С.656.
8. *Кантор К.М. Красота и польза.* Социологические вопросы материально-художественной *культуры. Учебное пособие / К.М. Кантор. -М.*, 1967. -280 с.
9. Козуб Л.В. Проблемы формирования эстетического отношения человека к действительности на основе технологической подготовки в образовательном учреждении / Козуб Л.В. // Проблемы и перспективы физико-математического и технического образования: сб. материалов Всерос.науч.-практич. конф. (г. Ишим; 19–20 нояб. 2015 г.). Отв.ред. Т.С. Мамонтова. – Ишим, 2015. - С.108 – 115с.
10. Неменский Б.М. Педагогика искусства. Учебное пособие / Б.М. Неменский. – М.: Просвещение, 2007. - 255 с.
11. Петрушин В.И. Психология и педагогика художественного творчества. Учебное пособие / В.И. Петрушин. –М., 2008. -108с.
12. Печко Л.П. Теоретические представления о педагогической эстетической среде школы и урока. Сборник научных трудов / Л.П. Печко. -М., 2002. -150с.
13. Сокольникова Н.М. Методика преподавания изобразительного искусства: учебник для студ / Н. М. Сокольникова. -М.: Издательский центр «Академия», 2017. — 256 с.
14. Таирова М.М. Педагогические условия формирования эстетического вкуса школьников на уроках технологии (трудовое обучение)/ М.М.Таирова, А.А. Азизов // ВЕСТНИК Таджикского национального университета (научный журнал). -Душанбе, 2018. -№7. -С. 210-215.
15. Таирова М.М. Эстетическое воспитание специальности “дизайн швейных изделий” / М.М.Таирова, А.А. Азизов //Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). -Душанбе, 2018. -№8. -С. 247-251.


## ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)

Дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамгироии меҳнат, омезиши касбу ихтисосҳо, пайдоиши касбҳои дорои дараҷаи васеъ дар рушди ҷомеа нақши афзоянда мебозанд. Хусусияти фарққунандаи омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) мавҷудияти се намуди фаъолият - педагогӣ, технологӣ ва соҳибкорӣ мебошад. Омӯзгори фанни технология, маънои универсалӣ аст, гарчанде ки универсализми ӯ дорои ҳудуди возеҳи фанниии муқаррарнамудаи стандарти давлатии таҳсилот, хусусиятҳои тахассусӣ ва мазмуни мушкилоти фаъолияти касбии ӯ мебошад.Ба омӯзгоре, ки қодир аст ба таври касбӣ амал кунад, мушкилоти таълимиро дар шароити доимо тағйирёбандаи воқеияти педагогӣ ҳал кунад, талаботи бештар вуҷуд дорад. Дар робита ба ин, мушкилоти тағйироти сифатӣ дар системаи таълими омӯзгорони фанни технология таъхирнопазир мегардад, ки он бояд ба ташаккул ва рушди ҳама ҷузъҳои салоҳияти касбии омӯзгор, аз ҷумла технологӣ равона карда шавад.Дар робита ба ин, масъалаи тайёр кардани омӯзгорони касбии босалоҳият ба миён меояд, ки ташаккули он дар тамоми раванди таълими касбӣ дар донишгоҳ сурат мегирад. Салоҳияти касбӣ ҳамчун хусусияти афзалиятноки мутахассис дар даҳсолаи охир дар маркази таваҷҷуҳи илми педагогика қарор дорад.

**Калидвожаҳо:** эстетика, имконият, маҳорат, характер, таҷриба, мустақилият, ҳадаф, донишҷӯ, ташаккул, тарбия..

## ОСОБЕННОСТИ ТЕХНОЛОГИИ ОБУЧЕНИЯ (ТРУДОВОЕ ВОСПИТАНИЕ)

В современных социально-экономических условиях интеграция труда, сочетание профессий и специальностей, появление широкого круга профессий играют все большую роль в развитии общества. Отличительной особенностью учителя технологии (трудового воспитания) является наличие трех видов деятельности - педагогической, технологической и предпринимательской. Учитель технологии имеет универсальное значение, хотя его универсализм имеет четкую предметную область, заданную государственным стандартом образования, особенностями специальности и содержанием проблем его профессиональной деятельности.Востребован педагог, умеющий профессионально действовать, решать учебные задачи в постоянно меняющейся среде педагогической действительности. В связи с этим актуальна проблема качественного изменения системы образования учителей технологий, которая должна быть ориентирована на формирование и развитие всех компонентов профессиональной компетентности учителя, в том числе технологической.В связи с этим возникает вопрос подготовки квалифицированных профессиональных преподавателей, которые формируются в рамках всего процесса профессионального обучения в вузе. Профессиональная компетентность как приоритетная характеристика специалиста в последнее десятилетие находится в центре внимания педагогической науки.

**Ключевые слова:** эстетика, возможность, умение, характер, эксперимент, независимость, цель, школьник, формирование, образование.

## FEATURES OF TEACHING TECHNOLOGY (LABOR EDUCATION)

In modern socio-economic conditions, the integration of labor, the combination of professions and specialties, the emergence of a wide range of professions are playing an increasing role in the development of society. A distinctive feature of the teacher of technology (labor education) is the presence of three types of activities - pedagogical, technological and entrepreneurial. The teacher of technology has a universal meaning, although his universalism has a clear subject area, set by the state educational standard, the characteristics of the specialty and the content of the problems of his professional activity.A teacher who knows how to act professionally, to solve educational problems in a constantly changing environment of pedagogical reality is in demand. In this regard, the problem of a qualitative change in the education system of technology teachers is urgent, which should be focused on the formation and development of all components of the teacher's professional competence, including technological.In this regard, the question arises of training qualified professional teachers, which is formed within the framework of the entire process of vocational training at a university. Professional competence as a priority characteristic of a specialist in the last decade has been in the focus of pedagogical science.

**Key words:** aesthetics, opportunity, skill, character, experiment, independence, goal, student, formation, education.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Холова Марҷона Рустамшоевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, унвонҷӯи кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Телефон: **988-14-05-16**

**Сведение об авторе:** ***Холова Марджона Рустамшоевна*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, соискатель кафедры технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. Телефон: **988-14-05-16**

**Information about the author:** ***Kholova Mardzhona Rustamshoevna*** **-** Khujand State University. B. Gafurova, Applicant of the Department of Technology and Methods of its Teaching. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1. Phone**: 988-14-05-16**

УДК:37.015.3

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН МУАММОИ ПЕДАГОГӢ- ПСИХОЛОГӢ

*Ҷалилова М.Ғ.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Яке аз вазифаҳои афзалиятноки маориф дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа тарбия намудани шахсияте мебошад, ки барои татбиқи ғояҳои эҳёи миллии кишвар нигаронида шуда, ба шароити зудтағйирёбандаи ҷомеа мутобиқ шуда метавонад. Муаммои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии донишҷӯён яке аз вазифаҳои ҷиддии иҷтимоӣ мебошад. Мушкилот дар он аст, ки дар раванди таълими касбӣ донишҷӯ танҳо донишҳоеро меомӯзад, ки шавқи ӯро бедор кардааст ва дар раванди азхудкунии он фишори зеҳнӣ ба вуҷуд меояд. Донишҷӯ намояндаи насли нави мутахассисон мебошад. Аз ин рӯ, дар раванди таълим ба фаъолияти маърифатии он аҳамияти калон дода мешавад.

Натиҷаи таҳсилоти донишҷӯ дар мактабҳои олӣ бо фаъолияти ӯ муайян карда мешавад, ки вай на ҳамчун объекти пассивии идоракунии педагогӣ, балки ҳамчун субъекти фаъолияти маърифатӣ салоҳияти худро ташаккул медиҳад. Фаъолияти воқеии маърифатии донишҷӯён метавонад нишондиҳандаи сифати раванди таълим дар донишгоҳ гардад. Самаранокии ташкили таълим ба фароҳам овардани чунин шароит вобаста аст, ки дар он фаъолияти маърифатии донишҷӯён зоҳир мегардад. Масъалаи омӯзиши фаъолияти маърифатӣ барои илми педагогӣ муддати тулонӣ ҷолиб буд. Маълумотҳои илмии мавҷуда собит мекунанд, ки фаъолияти маърифатӣ сифатҳои шахсият буда, аз рӯйи сохтор ва вазифаҳои худ мураккаб ба як низоми равшан тавсиф ва таҳияшуда ташаккул наёфтааст [1, с. 56].

Дар як қатор тадқиқот олимон Л.П. Аристова, Л.И. Божович, Н.Ф. Добринин, А.Н. Леонтев, А.А. Смирнов қайд мекунанд, ки фаъолияти маърифатӣ мавҷудияти робитаи зич байни омодагии дохилии шахс ба меҳнати ақлӣ ва нишондиҳандаи шиддатнокии чунин омодагӣ мебошад. Аз тарафи дигар, муҳаққиқон И.Я. Лернер, Р.А. Низамов, Н.А. Половникова, М.И. Махмутов, И.Ф.Харламов, Т.И.Шамова қайд мекунанд, ки фаъолияти маърифатӣ бояд ҳамчун нишондиҳандаи динамикаи ҳамкории шахс бо объектҳои дониш баррасӣ карда шавад, ки ба андухтани таҷрибаи фарҳанги иҷтимоӣ ва васеъ намудани низоми арзишҳои шахсӣ нигаронида шудааст. Дар ин гуна фаҳмиши падидаи таҳқиқшаванда ба ҳолати фаъоли шахс дар ҷараёни тарбия диққат дода мешавад ва ба он шароитҳои педагогие, ки ин ҳолатро муайян мекунанд, ҷалб карда мешаванд.

Л.П. Аристова фаъолияти маърифатии шахсро зуҳуроти муносибати дигаргунсозандаи ӯ ба ҳодиса ва предметҳои атроф мешуморад [3, с. 74]. Мавҷуд набудани муносибати табдилдиҳанда дар байни донишҷӯён боиси пайдоиши амалҳои фаъоли маърифатӣ намегардад: «дар беҳтарин ҳолат онҳо метавонанд танҳо дар бораи фаъолияти моторӣ сухан ронанд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ бо дарки фаъолияти маърифатӣ шабеҳ нест» [5, с. 98]. Ба андешаи Т.И. Шамов, ҳангоми азхудкунии дониш ва усулҳои фаъолият, фаъолияти тамаркузи макқсаднок ба амал меояд, ки аз ҷиҳати шакл аз ҷониби донишҷӯ фаъол аст, вале дараҷаи фаъолияти он паст хоҳад буд [16, с. 112].

Фаъолияти маърифатӣ бо чунин ангезаҳо ба амал меояд: кунҷковӣ; лаззате, ки аз раванди шинохт ё натиҷаи он бармеояд; фаъолияти амалии одамон, муаммою эҳтиёҷоти онҳоро ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли муаммоҳои таъхирнопазире, ки дар рафти тараққиёт ва такмил ба миён меоянд, водор мекунад. Фаъолияти маърифатӣ ба вуҷуд меояд, ифода мeёбад ва ба сифати фаъолияти маърифатӣ таъсир мерасонад. Ба донишҷӯёни гуногун шиддатнокии фаъолият дар маърифат хос аст. Азхудкунии дониши назариявӣ натиҷаи фаъолияти маърифатӣ мегардад, ки танҳо дар ҷараёни фаъолият маъно пайдо мекунад [16, с. 176]. Ду сарчашмаи ба ҳам алоқаманд вуҷуд доранд, ки ба фаъолияти маърифатӣ таъсир

мерасонанд. Ба инҳо дохил мешаванд: 1) худи таъсири таълим, ки дар раванди татбиқи барномаи асосии таҳсилоти касбӣ ба миён меояд, таъсири китоби дарсӣ ва омӯзгор; 2) таҷрибаи шахсии донишҷӯ, аз ҷумла таҷрибаи муносибати ӯ бо олам ва натиҷаҳои таълим.

Роҳҳо ва воситаҳои инкишофи фаъолият дар шинохту мустақилияти донишҷӯён дар асарҳои М.И. Махмутов инъикос гардидаанд. Ӯ самтҳои зерини рушдро муайян кардааст: 1) ташкили кофтуков, вазъияти проблемавӣ дар аудитория; 2) дар раванди таълим пайваста истифода бурдани принсипи фардикунонӣ; 3) истифодаи низоми кори мустақилонаи донишҷӯён, истифодаи воситаҳои гуногуни дидактикӣ ва аёнӣ-техникӣ, ки ташкили оқилонатари машғулиятҳо ва фаъол гардидани фаъолияти донишҷӯёнро таъмин мекунанд; 4) таъмини алоқамандии таълим бо ҳаёти воқеӣ; 5) инкишоф додани мустақилият ва фаъолияти амалӣ дар раванди таълим [10, с. 8].

Д.В. Вилкеев усулҳои асосии фаъолияти маърифатиро ҷудо намудааст: таҷрибаи воқеӣ ва равонӣ; индуксия ва дедуксия; моделсозии аналогӣ; фарзия [6, с. 45]. Дар асарҳои А.И. Дидикин алоқаи зичи ин усулҳоро нишон дода, дар бораи таъмини ягонагии сатҳҳои эмпирикӣ ва назариявӣ дар афзоиши нақши шинохти назариявӣ дар тадқиқоти илмӣ хулоса бароварда шудааст. Муаллиф мулоҳизаҳои асосиеро, ки мантиқи тадқиқотро дар ин самт инъикос мекунанд, мураттаб кардааст, барои фаъолияти маърифатӣ бозӣ ҳамчун фаъолкунандаи тавоноӣ хизмат мекунад. Мониторинги фаъолияти маърифатӣ бо истифода аз усулҳои таълими бозӣ бояд бо роҳи таҳияи меъёру нишондиҳандаҳои фаъолияти маърифатӣ сурат гирад [9, с. 77].

С.А. Мишкин фаъолияти маърифатиро ҳамчун фаъолияти самтбахшӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳамчун эҳтиёҷот ба таассурот, ҳамчун фаъолияти эҷодӣ тавсиф намудааст [12, с. 49]. Намояндагони халқҳои гуногун чунин хислатҳоро, ба монанди садоқат, масъулиятшиносӣ, нигоҳ доштани обрӯи омма ба таври гуногун зоҳир менамоянд [2, с. 10].

Дар асари худ Е.И. Бергер яке аз хосиятҳои фаъолияти маърифатии донишҷӯён - кунҷковиро ба назар гирифтааст. Муаллиф даъвои кунҷковиро ҳамчун принсипи асосии инкишофи фаъолияти фаъоли маърифатӣ ба миён мегузорад, ки онро бештар фаъолияти шахсияти афзоянда, норозӣ будани он аз он чӣ ки ба даст оварда шудааст, муайян мекунад. Дар натиҷаи таҳқиқот хулоса баровардааст, ки дар ҷараёни истифодаи дурудароз, мунтазам ва мақсадноки ангезандаи дурнамои маърифатӣ ва дигар ангезишҳои педагогии ҳамроҳшуда шавқу завқи донишҷӯён афзоиш ёфта, ба фаъолияти маърифатӣ афзоиши чашмраси дониши онҳо таъсир расонидааст [4, с. 23].

Фаъолияти маърифатӣ бо ҳадафҳо ва ниятҳои шахсӣ алоқаманд аст. Онҳо аз бисёр ҷиҳат муносибати муассирии интихобӣ ба воқеиятро муайян мекунанд. Талабот ба донишҳои дахлдор шарти ҳатмӣ барои фаъолияти фаъоли маърифатии донишҷӯён мегардад. Хоҳиши ҳалли масъала, баромадан аз вазъияти душвор, бартараф намудани зиддияти дониш ва маълумоти нав талаботи маърифатиро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти маърифатӣ ҳамчун аксуламали зеҳнӣ ва муассирӣ ба раванди шинохт, майл ба омӯхтан, иҷрои вазифаҳои шахсӣ ва муштарак, шавқу рағбат ба кор бо омӯзгор ва бо донишҷӯён, майл ба фаъолияти амалӣ ва зеҳнӣ фаҳмида мешавад ва динамикаи пешравии донишро муайян мекунад. Фаъолияти маърифатиро ҳамчун як ангезаи амиқи ботинӣ метавон баршумурд, ки ба эҳтиёҷоти табиӣ ба донишҳои нав асос ёфтааст. Вазъияти он дар байни донишҷӯён шарти асосии таъмини сифати таълим ва далели ташкили дурусти раванди таълим буда, набудани он нишондиҳандаи бесамарии ташкили таълим мегардад.

Чунин падидаи педагогӣ, ба монанди фаъолияти маърифатӣ раванди дутарафа аст: он шакли худтаъкидкунӣ ва худташкилдиҳии донишҷӯён мебошад; натиҷаи ҷидду ҷаҳди муаллим дар ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯ. Т.А. Гусева чунин сохтори фаъолияти маърифатиро пешниҳод менамояд, ки моҳияти фаъолиятро ҳамчун ҳаракати худӣ инъикос менамояд: сатҳи танзимкунанда; сатҳи фаъолияти эҳтимолӣ; сатҳи динамикӣ; сатҳи рефлексивӣ-баҳодиҳӣ; дараҷаи фаъолияти самарабахш мебошад [8, с. 13].

Муаллиф хусусиятҳои асосии фаъолияти маърифатиро барои таъмини саъю кӯшишҳои иттилоотию маърифатӣ ва танзимию рефлексивӣ, ки ба хислатҳои асосии инсон дохил мешаванд (масъулият, кунҷковӣ, ташаббус, суботкорӣ, муташаккилӣ), ҷудо кардааст. Дар чунин сохтор фаъолияти маърифатӣ ҳамчун худидоракунии худ пешниҳод карда мешавад: аз иқтидори ҳавасмандӣ бо ёрии танзим то нишондиҳандаҳои динамикӣ, баъд то ба натиҷаи рефлексивии баҳодиҳанда, ҳар дафъа иқтидори нав ба вуҷуд меорад [7, с. 14].

Сарфи назар аз таваҷҷуҳи зиёди муҳаққиқон ба масъалаи баланд бардоштани фаъолияти маърифатӣ, он ҳанӯз ҳам ҳал нашудааст [14, с. 11]. Бефаъолиятии донишҷӯён дар мактабҳои олӣ яке аз мушкилоти ҷиддии раванди таълим боқӣ мемонад, масъалаи баланд бардоштани самаранокии рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён аксар вақт боиси мушкилоти объективии ҳаёт мегардад [15, с. 11].

Ғайр аз ин, таҳқиқи сарчашмаҳои назариявӣ нишон дод, ки дар адабиёти равоншиносӣ ва педагогӣ тавсифи моделҳои инкишоф ва фаъолшавии фаъолияти маърифатии донишҷӯён вуҷуд надорад [13, с. 14]. Таҳияи низоми усулҳои фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ дар донишгоҳ масъалаи фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро ҳал мекунад, ки ҷустуҷӯи шароиту воситаҳои самараноки таълим ва фаъолияти фаъоли худи омӯзгорро тақозо мекунад [7, с. 11]. Барои дарки хусусиятҳои инкишофи ин раванд муаммоҳоеро муайян кардан лозим аст, ки дар ташкили раванди педагогӣ мавҷуданд. Ташаккули салоҳиятҳои касбӣ аз рӯйи сатҳи худмуайянкунии касбӣ ва фаъолияти фаъоли маърифатӣ, ки ба гирифтани дониш ва малакаҳои касбӣ нигаронида шудааст, муайян карда мешавад ва ҳамаи ин сифати тайёрии донишҷӯро таъмин менамояд [5, с. 42].

Агар шавқу рағбати маърифатӣ ва ҳавасмандии касбӣ ангезаҳои устуворе гарданд, ки азхудкунии фаъолонаи дониш, маҳорат ва малакаҳои барои фаъолияти муваффақонаи касбӣ заруриро ҳавасманд мекунанд, пас натиҷаи ҳамкории онҳо ташаккули тамоюли касбии шахсият, сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим мебошад. Таҳлили адабиёти илмӣ имкон дод, ки се қисмати фаъолияти маърифатӣ инкишоф ёбад: ҳавасмандӣ, ихтиёрӣ ва мазмунӣ-амалӣ; се сатҳи инкишофи фаъолияти маърифатӣ ҳамчун хислатҳои шахсият: тамаркузӣ, қисман ҷустуҷӯӣ ва тадқиқотӣ ҳисоб карда шаванд [1, с. 12].

Салоҳиятҳои касбӣ дар ду марҳила – ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ ва дар аспирантура ташаккул меёбанд. Дар рафти таҳсил дар донишгоҳ донишҷӯ ҳамчун мутахассис ташаккул меёбад. Марҳилаи аспирантура бо фаъолияти мустақили касбӣ алоқаманд аст, ки дар давоми он салоҳиятҳои донишҷӯён бояд то сатҳи баланди касбӣ инкишоф ёбанд. Аммо асоси ин гуна инкишоф фаъолияти маърифатии ӯ мебошад, ки дар давраи тайёрии касбӣ дар донишгоҳ ташаккул ёфтааст. Фаъолияти маърифатӣ ба ташаккули шахсияти донишҷӯи оянда таъсир расонида, муносибати ӯро нисбат ба худ, нисбат ба одамони дигар, ба истеҳсолот ташаккул медиҳад. Дар баробари ин, фаъолияти маърифатӣ асоси ташаккули омодагии донишҷӯён ба худмуайянкунии фаъолияти касбии оянда мегардад. Аз ин рӯ, фаъолияти маърифатӣ шарти муҳимми таъмини сифати таҳсилоти донишҷӯён дар донишгоҳ, самаранокии ташаккули салоҳиятҳо ва расидан ба ҳадафҳои таълимию маърифатӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар донишгоҳ ба мо имкон дод, ки як қатор муқаррароти муҳимро ба даст орем:

- Фаъолияти маърифатии донишҷӯ ду принсипро муттаҳид месозад: табиӣ, ки моро инсонро ҳамчун «офаранда дар ташаккулёбӣ» муаррифӣ мекунад; фарҳангӣ, исботи имкони инкишофи мақсадноки ин сифат дар рафти тарбияи шахсият.

1.Принсипи мушкилот.

Пеш аз хама, принсипи муаммовӣ бояд принсипи асосӣ бошад. Тавассути супоришҳо ё саволҳои пайдарпайи мураккаб дар тафаккури донишҷӯ чунин вазъияти мушкилие ба вуҷуд орад, ки ӯ барои баромадан аз он дониши мавҷуда надорад ва ӯ маҷбур мешавад, ки худаш бо ёрии омӯзгор фаъолона донишҳои навро ташаккул диҳад.

2.Принсипи таъмини ҳадди имконпазири мувофиқати фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ ба хусусияти вазифаҳои амалӣ.

Принсипи навбатӣ мувофиқати ҳадди аксари фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ ба хусусияти вазифаҳои амалиро дар назар дорад. Курси амалӣ ҳамеша қисми таркибии тайёрии касбии донишҷӯён буд. Моҳияти ин принсип аз он иборат аст, ки ташкили фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯён аз рӯйи характери худ ба фаъолияти мушаххас ҳарчи бештар наздик бошад. Ин дар якҷоягӣ бо принсипи омӯзиши мушкилот бояд аз фаҳмиши назариявии донишҳои нав ба фаҳмиши амалии онҳоро таъмин намояд.

3.Принсипи омӯзиши ҳамдигар.

Дар ташкили фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯён принсипи омӯзиши мутақобила аҳамият дорад. Бояд дар назар дошт, ки донишҷӯён дар раванди таълим метавонанд ба якдигар таълим диҳанд, мубодилаи дониш кунанд. Худомӯзии бомуваффақият на танҳо базаи назариявӣ, балки қобилияти таҳлил ва умумикунонии ҳодисаҳо, далелҳо, ахбороти омӯхташавандаро талаб мекунад; қобилияти эҷодкорона муносибат кардан ба истифодаи ин дониш; қобилияти хулоса баровардан аз хатоҳои худ ва дигарон; дониш ва маҳорати худро нав карда, инкишоф дода тавонанд.

4.Принсипи тадқиқоти масъалаҳои омӯхташуда.

Хеле муҳим аст, ки фаъолияти таълимӣ ва маърифатии донишҷӯён хусусияти эҷодӣ, ҷустуҷӯӣ дошта, агар имкон бошад, унсурҳои таҳлил ва умумиятро дар бар гирад. Раванди омӯзиши ин ё он ҳодиса ё масъала бояд аз рӯйи ҳамаи нишондодҳо характери тадқиқотӣ дошта бошад. Ин боз як принсипи муҳимми баланд бардоштани фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ: принсипи омӯзиши масъалаҳо ва ҳодисаҳои омӯхташаванда мебошад.

Фаъолияти маърифатӣ дар инсон дар давоми тамоми умр инкишоф ёфта, бо тағйир ёфтани нақшаҳои зиндагӣ ва муносибати шахс тағйир меёбад, ба фаъолияти навоварона мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, фаъолияти маърифатӣ ҳам шарти ҳатмӣ ва ҳам натиҷаи маҳорати касбии донишҷӯ мебошад. Танзимкунандаи рафтори иҷтимоии донишҷӯ доираи арзишҳои ӯ мебошад, бинобар ин дар раванди ташаккули фаъолияти маърифатӣ бояд фаъолияти маърифатии ӯ мавқеи марказиро ишғол намояд.

Омӯзиши масъалаи ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯи донишгоҳ бояд дар асоси ҳадафҳо ва мундариҷаи таҳсилоти олӣ бунёд карда шавад [11, с. 41].

Салоҳияти касбии донишҷӯ дар ҳама гуна самт се ҷузъро дар бар мегирад: назариявӣ, амалӣ ва равонӣ. Қисмати назариявӣ ба ташаккули назари ҳамаҷониба дар бораи кори дарпешистода ҳамчун раванди фаъол нигаронида шудааст. Ҷузъи амалӣ омодагии донишҷӯро барои ҳалли масъалаҳои дорои хусусияти касбӣ таъмин менамояд. Ҷузъи психологӣ бо он сифатҳои шахсӣ, ки дар фаъолияти касбӣ заруранд, алоқаманд аст. Ба хатмкардаи донишгоҳ чунин сифатҳои шахсӣ, аз қабили мутобиқшавӣ ба шароити истеҳсолоти муосир, ҳавасмандии мусбӣ, майл ба рушди шахсӣ ва касбӣ, малакаҳои муошират лозим аст.

Барқарор намудани муттасилии байни фанҳо имкон медиҳад, ки фаъолияти пайвастаи маърифатии донишҷӯён дар давоми тамоми давраи таҳсил дар донишгоҳ ташаккул ва инкишоф ёбад. Самаранокии ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар сурате ба даст меояд, ки шаклу усул ва воситаҳои таълим ба мақсадҳои таъмини ташаккули салоҳияти касбӣ мувофиқ бошанд. Ба ин муносибат ба усулҳои ташаккули қисмҳои таркибии фаъолияти маърифатӣ диққат додан лозим аст. Барои азхудкунии донишҳо аз ҷониби донишҷӯён тавсия дода мешавад, ки усулҳои иттилоотӣ-қабулкунӣ дар асоси истифодаи донишҳои махсус интихобшуда, дарки иттилоот, намоиши намунаҳои фаъолияти касбӣ, ки дар онҳо ин маълумот дар амалияи фаъолияти касбӣ истифода мешавад ба кор бурда шаванд. Барои аз худ кардани тарзу усулҳои фаъолияти фикрӣ ва амалии донишҷӯ донишу малакаро дар як вазъият такроран истифода барад, то ки онҳо мукаммал шаванд.

Азхудкунии таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ дар донишҷӯён тавассути истифодаи усулҳои муаммои таълим ба амал меояд. Дар раванди таълим ҷорӣ намудани шаклҳои таълими муаммоӣ низ ба ташаккули фаъолияти маърифатӣ мусоидат мекунад. Ин метавонад дар шакли пешниҳоди мушкилот, фаъолияти ҷустуҷӯӣ, фаъолияти тадқиқотӣ бошад. Ба инкишофи фаъолияти маърифатӣ муносибати мусбат ба ҷараёни таълим, ба фаъолияти таълимӣ ва касбӣ, аз худ намудани малакаҳои амалӣ, ташаккули сифатҳои касбӣ ва шахсии донишҷӯён, ҳавасмандӣ, омодагии маърифатӣ ва ташкилотчигии онҳо ба худтаълимӣ мусоидат мекунад. Ҳамаи ин ба мо имкон медиҳад, ки услуби шахсии фаъолияти касбии худро эҷод кунем, ҳаракати касбии донишҷӯён, омодагии ӯро ба фаъолияти инноватсионӣ таъмин кунем.

Ҳамин тариқ, фаъолияти маърифатиро ҳамчун як масъалаи психологию педагогӣ баррасӣ намуда, ба хулосае омадем, ки муаммои фаъолияти маърифатии донишҷӯёни донишгоҳ дар марҳалаи ҳозираи рушд муносибати мунтазамро дар ҳалли он тақозо мекунад. Ба низоми воситаҳои ташаккули фаъолияти маърифатӣ дохил мешаванд: а) мазмуни предмет; б) усул ва усулҳои таълим; в) шаклхои ташкили таълими донишҷӯён. Татбиқи принсипҳои мазкур дар таълими донишҷӯёни донишгоҳҳо самаранокӣ ва оптимизатсия, фаъолияти мақсадноки худидоракунии рефлексионӣ ва дигаргунсозии донишҷӯёнро таъмин мекунад.

**Муқарриз: Азизов А.А. – д.и.п., профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

## АДАБИЁТ


1. Абульханова-Славская К.А. Активность и сознание личности как субъекта деятельности. Учебное пособие / К.А. Абульханова-Славская. - М.: Наука, 1989. -183 с.
2. Андерсон Дж.Р. Когнитивные стили и мультикультурное население. Журнал педагогического образования / Дж.Р. Андерсон. - 1988. Том. 39. -№ 1.
3. Аристова Л.П. Активность учения школьника. Учебное пособие / Л.П. Аристова.- М., 2001.- 356 с.
4. Бергер Э.И. Стимул познавательной перспективы как средство развития любознательности студентов в процессе обучения: Автореф. дис. ... канд. пед.наук / Э.И. Бергер. - Казань: Каз. гос. ун-т, 1980. - 19 с.
5. Бочкарева Т.Н. Влияние познавательной активности на формирование профессиональной компетентности студентов вузов: Монография / Т.Н. Бочкарева. – М.: НГПУ, 2016.- 180 с.
6. Вилькеев Д.В. Методы научного познания в школьном обучении. Учебное пособие / Д.В. Вилькеев.- Казань: Татарское книжное издательство, 1975. -160 с.
7. Гадамер Х.Г. Образование есть самообразование. Журнал философии образования / Х.Г. Гадамер. – 2001. -Том. 35. - № 4. -С. 531-542.
8. Гусева Т.А. Стили познавательной активности личности студента: Автореф. дис. ... канд. псих. наук / Т.А. Гусева. - Новосибирск: Новосибирский гос. пед. ун-т, 2009. -31 с.
9. Дыдыкина А.И. Игра как средство активизации познавательной деятельности студентов музыкальной школы. Учебное пособие/ А.И. Дыдыкина. –М., 2007. -136с.
10. Махмутов М.И. Развитие познавательной активности и самостоятельности студентов. Учебное пособие / М.И. Махмутов. -Казань: Татарское книжное издательство, 1963. -80 с.
11. Мерзон Э.Э. Технология развития рефлексивной компетентности учителя в современных условиях / Обзор европейских исследований. Э.Э. Мерзон, И.Е. Нургатина, Г.М. Бахаева. - 2015. -Том 7. - Выпуск 4. - С. 112-117.
12. Мышкина С.А. Ценности как культурные факторы этнотипических стилевых характеристик познавательной активности. Вестник Удмуртского ун-та. Психология и педагогика / С.А. Мышкина. - 2007. -№ 9. -С. 125-134.
13. Платонова Т.А. Экспериментальное исследование процесса порождения познавательной мотивации: Автореф. ...канд. пед. наук. / Т.А. Платонова. -М., 1980.- 23 с.
14. Рослякова С.В. Развитие познавательной активности студентов подросткового возраста в учебном процессе: Автореф. ... дис. канд. пед. наук/ С.В. Рослякова . -Челябинск: Челябинский гос. пед. ун-т, 2007. -23 с.
15. Рэйвен Дж. Качество жизни, развитие компетентности и высшее образование. Высшее образование, 1984. -165с.
16. Шамова Т.И. Активизация учения школьников. Учебное пособие / Т.И. Шамова. - М.: Педагогика, 1982.- 208 с.


## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН МУАММОИ ПЕДАГОГӢ- ПСИХОЛОГӢ

Омӯзиши масъалаи ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯён ба воқеияти муосири иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вобаста аст. Имрӯз тамоюли рушди таҳсилоти олӣ ба назар мерасад, ки дар ин самт тағйиротҳои миқдорӣ ва сифатӣ ба амал меоянд. Шумораи донишҷӯён хеле зиёд шуд ва дар натиҷа таркиби ҷамъиятии донишҷӯён тағйир ёфт, ки ин якрангии иҷтимоӣ ва зеҳни донишҷӯёни дар системаи изоми маълумоти олӣ таҳлилшавандаро то андозае суст кард. Ҳамаи ин вазифа мегузорад, ки донишҷӯе тарбия карда шавад, ки барои таҳсил масъулият ҳис карда тавонад, субъекти такмили ихтисоси худ гардад.Сарчашмаи муҳимми фаъолияти маърифатии донишҷӯ фаъолияти эҷодии ӯ мебошад, ки ба дониш ва маҳорат асос ёфтааст. Бо вуҷуди ин, фаъолияти маърифатиро ҳамчун як ҳаракати ростхата ҳисоб кардан мумкин нест. Гуфтаҳои боло чунин маъно доранд, ки технологияи оптималии ташаккули малакаҳои муайян на танҳо доираи

донишҳоеро, ки донишҷӯ бояд омӯзад, балки ҳамоҳангсозии мазмуни таҳияшуда бо таҷрибаи фардии ҳар як донишҷӯро низ, бояд таъмин намояд.

**Калидвожаҳо:** тадқиқот, ташаккул, маърифат, муаммо, муосир, таълим, дониш, ангеза, фаъолият, принсип, инкишоф, нишондиҳанда.

## ОСНОВЫ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ СТУДЕНТОВ КАК УЧЕБНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА

Исследование проблемы формирования познавательной активности студентов обусловлено современными социальными и экономическими реалиями. На сегодняшний день наблюдается тенденция развития массового высшего образования, что обуславливает как количественные, так и качественные изменения в данной сфере. Значительно увеличилась численность студентов и, как следствие, изменился социальный состав студенчества, что в некоторой степени подорвало социальную и интеллектуальную однородность студентов, обучающихся в системе высшего образования. Все это ставит задачу воспитания студента, способного взять на себя ответственность за свое образование, стать субъектом собственного профессионального развития. Важный источник познавательной активности студента -опыт его творческой деятельности, которая базируется на системе знаний и умений. Однако познавательную активность нельзя рассматривать как прямолинейное движение. Сказанное обозначает,что разработка оптимальной технологии формирования определённых умений предполагает не только определение круга знаний, которые должен усвоить студент, а и согласование спроектированного содержания с индивидуальным опытом каждого студента.

**Ключевые слова:** исследование, образование, просвещение, проблема, современное, образование, знание, мотивация, деятельность, принцип, развитие, показатель

## FUNDAMENTALS OF PEDAGOGICAL EDUCATION OF STUDENTS AS AN EDUCATIONAL AND PSYCHOLOGICAL PROBLEM

The study of the problem of forming the cognitive activity of students is due to modern social and economic realities. Today, there is a trend towards the development of mass higher education, which causes both quantitative and qualitative changes in this area. The number of students increased significantly and, as a result, the social composition of the student body changed, which to some extent undermined the social and intellectual homogeneity of students studying in the higher education system. All this sets the task of educating a student who is able to take responsibility for his education, to become the subject of his own professional development.An important source of cognitive activity of a student is the experience of his creative activity, which is based on a system of knowledge and skills. However, cognitive activity cannot be considered as a rectilinear movement.The foregoing means that the development of an optimal technology for the formation of certain skills involves not only the determination by adults of the circle of knowledge that a student must learn, but also the coordination of the designed content with the individual experience of each student.

**Keywords:** research, education, enlightenment, problem, modern, education, knowledge, motivation, activity, principle, development, indicator

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷалилова Мавзуна Ғуфронҷоновна-*** МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, унвонҷӯи кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

**Сведение об авторе:** ***Джалилова Мавзуна Гуфронджоновна-*** ГОУ «Худжанский государственный университет имени академика Б. Гафурова», соискатель кафедры технологии и методики её преподавания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1

**Information about the author:** ***Dzhalilova Mavzuna Gufronjonovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov», Applicant of the Department of Technology and Teaching Methods. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1.

УДК:373.01

# МУАММОҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР САМТИ РУШДИ ФАЪОЛНОКИИ ЭҶОДИИ МАЪРИФАТИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР АМАЛИЯИ КУНУНИИ ТАҲСИЛОТ

*Имомова М.А.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Мо дар ҷараёни таҳқиқоти худ моҳият ва муҳтавои “рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии мактаббачагони хурдсол”-ро мавриди баррасӣ қарор дода, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва савияи рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии мактаббачагони хурдсолро ҷудо кардем ва омӯзиши проблемаи мазкурро дар амалияи кунунии таҳсилот матраҳ намудем.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, дар Стандартҳои давлатии таҳсилотии таҳсилоти ибтидоии умумӣ, Консепсияи миллии рушди таҳсилот барои солҳои 2020 талабот ба мактаби муосир тасвият ва фармоиши иҷтимоӣ асоснок гардидааст [4, с.5]. Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеаи мо дар назди мактаб, омӯзгорон ва падару модарон вазифаи на танҳо парвариш намудани кӯдакони солим, коршоям ва бошуур, балки тарбияи кормандони андешаманд, қодир ба равиши эҷодӣ ва оқилона ба ҳар гуна кор гузошта шудааст.

Имрӯз мавқеи фаъоли ҳаётии корманд, қобилияти зуд қабул кардани қарорҳо, ба вазъиятҳои тағйирёбанда самтгирӣ намудан, зоҳир намудани ташаббус ва ботадбирии эҷодкорона дархост карда мешавад. Акнун аз мактабҳо на хатмкунандагони “ пур аз” донишҳо, балки одамони қодир ба дарёфт ва корбурди донишҳои нав дар тамоми муддати зиндагии худ, бинобар ин, аз лиҳози касбӣ ва иҷтимоӣ ҳаракатнокро интизор мебошанд.

Аммо омӯхтани таҷрибаи педагогии омӯзгорон ва амалияи мактаб онро нишон медиҳанд, ки дар мактаббачагон мушкилот бо корбурди донишҳо ва малакаҳо дар зиндагии ҳамарӯза, дар вазъиятҳои хориҷшаванда аз доираи китобҳои дарсӣ вуҷуд доранд. Мутахассисон ин далелро бо самтгирии фавқулодаи академии раванди таълим тавзеҳ медиҳанд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳоли ҳозир ба коллективҳои педагогӣ имкониятҳои густардаи интихоби шакл ва методҳои кор бо кӯдаконро фароҳам намудаанд. Дар навбати аввал, ин дар ҳуқуқи аз тарафи худ муайян кардани афзалиятҳои фаъолияти худӣ на танҳо бо дарназардошти эҳтиёҷоти ҷомеа, инчунин вижагиҳои савияи салоҳиятнокии коллективи педагогие, ки дар ихтиёри худ заминаи моддӣ, манфиатҳои падару модаронро дорад. Дар айни замон, таҳлили вазъи амалия нишон медиҳад, ки ба рушди фаъолнокии эҷодии хонандагон дар раванди таълим таваҷҷуҳи кофӣ дода намешавад, ки он вобаста аст ба:

1. камбудии имконоти зуҳуроти эҷодиёти мактаббачагони хурдсол дар вақти фаъолияти дарсӣ ва беруназдарсӣ, инчунин ҳавасмандии ғайрикофии маърифатандӯзии хонандагон;
2. омодагии ғайрикофии омӯзгорон ба кор оид ба рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии мактаббачагон; набудани кори бонизоми мақсадноки омӯзгорон оид ба рушди фаъолнокии эҷодии маърифатӣ ҳангоми фаъолиятҳои дарсӣ ва беруназдарсӣ;
3. ба қадри кофӣ омода набудани падару модарон ба рушди фаъолнокии эҷодии маърифатӣ дар кӯдакон;
4. набудани маҳфилҳои фаннӣ, клубҳо дар муассисаи таҳсилотӣ, ки шавқу рағбати ҳар як хонандаро дар самти фаъолнокии эҷодии маърифатии онҳо дар назар дошта бошад.

Камбудиҳои маъмул ва мушкилоти омӯзгорон оид ба рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии хонадагонро дар шароити кунунӣ муфассалтар мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

1. *Камбудии имконоти зуҳуроти эҷодӣ аз тарафи мактаббачагон ҳангоми фаъолиятҳои дарсӣ ва беруназдарсӣ, инчунин ҳавасмандии ғайрикофии маърифатандӯзии хонандагон.*

Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқоти мо нишон медиҳанд ва онҳо бо пажӯҳишҳои Д.Б.Богоявленская мувофиқат мекунанд, дар муассисаҳои таҳсилоти умумии муосир омӯзгор маводи таълимиеро, ки бояд аз худ карда шавад, бозгӯ мекунад, саволҳои муайянро медиҳад, вазифаҳоро тасвият мекунад ва тарзи иҷрои онҳоро тавзеҳ медиҳад [1]. Хонанда бояд ин маълумотро дар хотир дошта бошад, дар хона такрор кунад, инчунин машқҳои навиштану хондан, дар ҳалли масъалаҳо машқҳои барои азхудкунии малакаҳо зарурбударо иҷро намояд. Ба хотир гирифтан ва машқ кардан - инҳо тарзҳои асосие мебошанд, ки мактаббача барои азхудкунии маводи таълимӣ ба кор мебарад. Чунин омӯзиш аз таълимгиранда фаъолнокии эҷодии маърифатиро тамоман талаб намекунад. Ӯ зарурат надорад, ки ба омӯзгор саволҳо диҳад ва омӯзгор ҳам саъй мекунад, ки ҳама чизро фаҳмотару муфассалтар бозгӯ намояд.

Ҳамин тавр, дар муддати якчанд сол бисёр мактаббачагон аз лиҳози зеҳнӣ ғайрифаъол мегарданд. Онҳо наметавонанд ба таври мустақилона дар раванди азхудкунӣ баъзе корҳоро иҷро намоянд, талош меварзанд, ки аз ба уҳда гирифтани ҳар гуна сарбории ақлонӣ худдорӣ намоянд ва мекӯшанд, ки он сарбориро ба дӯши рафиқони калонсоли худ вогузор намоянд. Албатта, чунин шогирдон аз кори иҷронамудаи худ ҳеҷ гуна қаноатмандӣ эҳсос намекунанд. Зеро оғози раванди азхудкунӣ ҳамеша бо эҳтиёҷот иртибот дорад, дар сурати набудани он раванди азхудкунӣ имконнопазир мебошад. Ҳангоми ташкил намудани раванди таълим, пеш аз ҳама, зарур аст, ки шароити дар хонанда бавуҷудоварандаи зарурат фароҳам оварда шавад.

С.Л.Рубинштейн чунин мешуморад, ки ҳангоми маънӣ доштани омӯзиш дар мактаббачагон муваффақиятнокии фаъолияти таълимӣ афзоиш меёбад, маводи таълимӣ ба осонӣ аз худ шуда, дастрас мегардад, ба хотир гирифтани он беҳтар гардида, шуурнокии раванди омӯзиш баланд ва таваҷҷуҳи хонандагон беҳтар мутамарказ мешавад ва коршоямии онҳо афзуда мегардад [6].

Дар замони ҳозира дар педагогика ва фаъолияти педагогӣ проблемаи марказӣ проблемаи ҳавасмандии фаъолияти таълимӣ, аз ҷумла ташаккулёбии ҳавасмандии маърифатии хонандагон мебошад. Ташаккули ҳадафмандонаи соҳаи ҳавасмандӣ, моҳиятан, ташаккулёбии худи шахсият мебошад. Ҳамаи муҳаққиқон эътироф мекунанд, ки соҳаи ҳавасмандӣ ҳастаи шахсро ташкил медиҳад. Ангеза, фаъолияти андешаронииро ҳавасманд карда, ба он ҷанбаи эҷодӣ мебахшад, раванди фарогирии донишҳоро бо корбурди амалии онҳо узван пайваст намуда, имкон медиҳад, ки донишҳои қаблан мавҷудбуда барои фарогирии донишҳои нав истифода шаванд.

Дар кӯдак вуҷуд доштани ангезаҳои омӯзиш яке аз муҳимтарин шароити муваффақияти таълими ӯ дар мактаби ибтидоӣ мебошад. Инкишофи эҷодӣ танҳо ҳангоми дар кӯдак вуҷуд доштани ҳавасмандии мусбат имконпазир аст. Тавре ки маълум аст, маҷбуркунӣ душмани эҷодиёт мебошад. Дар ин робита дар раванди рушди фаъолнокии эҷодӣ ба вуҷуд овардани ҳавасмандӣ лаҳзаи муҳим мебошад, ки ба эҳтиёҷоти заминавии шогирдони синни хурди мактабӣ асос меёбад. Барои пурра ба кор водор намудани мактаббачаи хурдсол лозим аст, ки вазифаҳои дар назди хонандагон дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ гузошташаванда на танҳо фаҳмо бошанд, балки ботинан қабулшуда бошанд, то ки онҳо аҳамият пайдо намуда, дар эҳсосоти онҳо ҳамсӯйӣ пайдо намоянд. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолнокии маърифатии хонандагон методҳоеро истифода намудан зарур аст, ки таъиноти онҳо ташаккулдиҳии рағбат ба ашё, фаъолсозии хонандагон, рушди амалиёти фикрӣ бошад.

Ба ақидаи Тализина, барои он ки муносибати мусбати кӯдакон ба фаъолияти таълимӣ нигоҳ дошта шавад, лозим аст, ки шароитҳои зерин иҷро шаванд: ширкат додани хонандагон дар ҳалли вазифаҳои маърифатӣ, ки дар раванди он онҳо дар бораи олами атрофи худ чизҳои нав хоҳанд донист; дар ин ҳол хонандагон бояд на донишҳои тайёр ба

даст оваранд ва фақат онҳоро ба хотир гиранд, балки маҳз онҳоро барои худ кашф кунанд [7].

Зарур аст, то ки кӯдак дар раванди таълим аз он хушҳол гардад, ки ӯ чизеро донист, фаҳмид, чизеро омӯхт, - пас дар ӯ ҳавасмандии мувофиқ ба сохтори фаъолияти таълимӣ инкишоф меёбад.

Инак, ба рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии мактаббачагони хурдсол ба вуҷуд овардани ҳавасмандии ботинии омӯзиш бо муқаррарсозии муносибати рағбатнок миёни ширкаткунандагони фаъолияти таълимию маърифатӣ мусоидат мекунад. Он гоҳ ниёзмандии маърифатӣ, хоҳиши кӯдак, шавқу рағбати ӯ, ӯро на танҳо ба самти донишҳо, балки ба талош баҳри бартарафсозии меъёрҳои маъмул ва равишҳои амалҳо, ҷустуҷӯи вазифаҳои нав, фарогирии методҳои асил ва усули иҷрои онҳо, кӯшишҳо ба худтакмилдиҳӣ ва мустақилият раҳнамун месозанд. Ғайр аз ин, фароҳам овардани ҳадди аксари имконот барои зуҳуроти эҷодиёт ҳам дар дарс ва ҳам дар вақти беруназдарсӣ муҳим мебошад. Хонандагон таҷрибаи фаъолнокии эҷодии маърифатӣ, расмиёти ба он хосбударо ба даст оварда, метавонанд қобилияти тағйирдиҳии ин ё он қолабҳои тафаккурро фаро гиранд, ки онҳоро аллакай омӯхтаанд, аз онҳо худдорӣ кардан, лоиҳакашии равишҳои нав ба идроки муҳтавои таълими азхудшуда ё навро меомӯзанд.

***2.*** *Омодагии ғайрикофии омӯзгор ба кори инкишоф додани фаъолнокии эҷодии маърифатии мактаббачагон, набудани кори бонизоми ҳадафмандонаи омӯзгорон дар фаъолияти дарсӣ ва беруназдарсӣ дар самти мазкур.*

Мактаби ибтидоӣ - давраи пурмасъулияттарин дар ҳаёти инсон аст, зеро дар синфҳои ибтидоӣ таҳкурсии он чизе гузошта мешавад, ки минбаъд инкишоф ёфта ва бо мурури замон мустаҳкам мегардад. Бинобар ин, таълиму тарбияи шогирди хурдсоли мактаб вазифаи басо пурмасъулият мебошад. Дар дасти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, амалан тақдири инсон қарор дорад. Шогирди хурдсоли мактаб ҳанӯз инсони хурдсол, вале бо олами ботинии худ, бо вижагиҳои инфиродию психологии худ хеле мураккаб мебошад. Омӯзгор дар шуури шогирди хурдсоли мактаб мавқеи бузург дорад. Муносибати ӯ бо кӯдак, баҳодиҳиҳо, мулоҳизаҳо, хоҳишҳо ва талабот ба дараҷаи зиёд кайфияти ҳоли кӯдак ва вижагиҳои худбаҳодиҳии ташаккулёфта дар шогирдони хурдсоли мактаб маҷмуи мураккаби эҳсосот мебошанд. Инҳо хушнудӣ аз таҳсин ва ранҷиш аз нобарорӣ, изтироб ва нобоварӣ ба худ, агар ба чизе муваффақ нагардад, эҳсоси тарс аз иштибоҳ ва умед бастан ба комёбӣ ба ҳисоб меравнд. Агар омӯзгор ба муқобили зуҳуроти фаъолнокии эҷодии маърифатии мактаббачаи хурдсол баромад кунад, он гоҳ оғози эҷодии кӯдак метавонад ба нестӣ равад. Омӯзгор ба донишҳо дар бораи шахсияти эҷодкор, моҳияти фаъолнокии эҷодӣ ва раванди ташаккулёбии самтҳои ояндадори фаъолият, интихоби шаклу намудҳои рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон эҳтиёҷ дорад. Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқоти мо нишон медиҳанд ва пажӯҳишҳои П.Торренс нишон доданд, муносибати омӯзгорон ба кӯдакони эҷодкор, асосан, ҷанбаи манфӣ дорад. Агар аз омӯзгорон хоста шавад, ки номи кӯдаконеро, ки онҳо тарҷеҳ медоданд, ки дар синф бинанд номбар кунанд, онҳо асосан, кӯдакони дорои зеҳнияти баланд рушдкарда, вале бидуни қобилияти эҷодиро интихоб мекарданд. Ин бо он тавзеҳ мегардад, ки кӯдакони эҷодкор, тибқи мулоҳизоти худи омӯзгорон, аксаран “бартарӣ аз болои омӯзгор”-ро нишон медиҳанд ва “ҳамеша маълум нест, ки аз онҳо чиро мунтазир метавон гардид”. Дар айни замон кӯдакони дорои зеҳнияти баланд, асосан, тибқи чашмдошти омӯзгорон рафтор карда, талаботи онҳоро пурра иҷро мекунанд. Чунин муносибат аз тарафи омӯзгор ба муносибати хонандагони дигар нисбат ба шогирдони эҷодкор таъсир мерасонад [13]. Тибқи таҳқиқоти С.В.Максимова шахсияти “хонандаи ормонӣ” барои омӯзгорон аз рӯйи тавсифномаи худ бо шахсияти эҷодӣ монандӣ надоранд. Омӯзгорон мехостанд бо хонандогони дорои сифатҳои зеҳният, муташаккилӣ, интизомнокӣ, пурандешӣ, одамдӯстӣ, самимият, накукорӣ кор кунанд. Аммо омӯзгорон ба тавсифномаи ҳамаи шахсони барҷаста, ки кашиш ба эҷодиёт доранд, баҳои сазовор медиҳанд. Омӯзгорон, яқинан, вижагиҳои ақлонии кӯдакро бо самтгирӣ ба дониш ва имконияти азхудкунӣ нисбат ба фаъолнокии эҷодии маърифатӣ тарҷеҳ медиҳанд. Чунин тавсифномаҳои хонандагон ба мисли

“ғайриодӣ”, “мустақил”, “пешгӯишаванда” дар назди омӯзгорон боэътибор мебошанд [2]. Омӯзгорон вижагиҳои шахсияти эҷодии кӯдакро, ки дар рафтор ва тафаккури ғайриқолабӣ ифода меёбад, нафаҳмида ва идрок накарда, чунин кӯдаконро ҳамчун якрав, ҳама чизро бо хоҳиши худ иҷро кардан, ба намунаҳои мусбат пайравӣ карда натавонистан ва нахостан ва ғайра баҳо медиҳанд.

Таҳқиқоти П.Торренс нишон доданд, ки кӯдакони боистеъдоди эҷодкор ба ҳама гуна корҳои такроршаванда муқовимат мекунанд ва падидаи мазкур аз тарафи омӯзгорон ҳамчун танбалӣ, якравӣ ё нодонӣ арзёбӣ мегардад. Бидуни кумаки махсуси психолог ё омӯзгори мутахассис ин гуна хонанда худаш наметавонад сабаби муқовимат ба он намуди корҳое, ки хонандагони дигар бо шавқу ҳавас иҷро мекунанд, бифаҳмад [13]. Чунин сифати тафаккур, аз қабили дивергенӣ будан, аксаран, аз тарафи калонсолони атроф ҳамчун инҳироф арзёбӣ мегардад. Аз рӯйи маълумоти А.М.Матюшкин, ба кӯдакони эҷодкор лозим меояд, ки тақрибан аз се ду ҳиссаи вақти худро дар мактаб беҳуда зери пардаи “коршикании ақлонӣ ” сипарӣ намоянд [3].

Дуруст нафаҳмидан ва аз будаш кам баҳо додан ба кӯдаки боистеъдоди эҷодкор, имкон намедиҳад, ки барномаи таълимӣ бомуваффақият аз худ карда шавад, ҳар қадар ки ба эҳтиёҷот ва имконоти хонандагон беҳтар мутобиқ нашуда бошанд. Бинобар ин, интихоб ва амалисозии барномаҳои рушди фаъолнокии эҷодии маърифатӣ бояд танҳо баъд аз таълим додани омӯзгорон татбиқ гардад. Яке аз роҳҳои рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон аз тарафи омӯзгорон дигаргун карда шудани мавқеи онҳо ба самти мусбат нисбат ба кӯдакони эҷодкор, барои онҳо фароҳамоварии фазои мусоид, “иқлими нарм”-и мусоидаткунанда ба шукуфоии қобилиятҳои эҷодии онҳо мебошад. Барои ин омӯзгор бояд ба шогирдони хурдсоли мактаб имконияти бозгӯ намудани ғояҳои эҷодиашро фароҳам созад, барои ин кор вақт пайдо кунад, бодиққат ба суханони кӯдак гӯш диҳад. Омӯзгори мактаби ибтидоӣ бояд ба ҳар як хонанда ёрӣ расонад, инчунин ба падару модарон барои шиносондани кӯдакони эҷодкор кумак расонад. Муҳити синф бояд озодии ифодакунӣ, масъалаҳо ва ҳамкориҳои хонандагонро таъмин намояд. Банақшагирии вазъиятҳо ва масъалаҳои таълимӣ зарур аст, вақте ки кӯдакон медонанд, ки иштироки онҳоро истиқбол мекунанд ва ба қадрашон мерасанд.

Кӯдак дар муҳити хайрхоҳӣ, эътимод, тараҳҳум ва эҳтиром саъй мекунад, ки имкониятҳои худро пурра кашф намояд. Вақте ки ӯ мебинад, ки қадру қимат, андешаҳои мустақилона, ҷустуҷӯи эҷодиашро қадр мекунанд, ба ҳалли масъалаҳои боз ҳам мураккабтар кӯшиш мекунад. Барои ӯ эҳсос кардани ин нукта хеле муҳим аст, ки ӯро эътироф мекунанд, нуқтаи назари ӯро қадр мекунанд ва ба ӯ эътимод доранд.

Ба омӯзгор зарур аст, ки дар мактаббачагони хурдсол худбаҳодиҳии ба қадри кофӣ баландро ташаккул диҳад, ки он онҳоро ба фаъолият ҳавасманд менамояд. Барои ин кор омӯзгор бояд муваффақиятҳои инфиродии ҳар як хонандаро қайд намояд; ба таври воқеӣ баҳо диҳад ва аз шакли лозимии ҳавасмандкунӣ истифода намояд. Агар ҳавасмандкунӣ ба иқдоми одӣ мубаддал шавад, онро бояд қатъ намуд. Муҳим он аст, ки шогирди мактаб отифа ва эҳсосоти мусбатро аз кори хуб иҷрошуда ҳосил намояд.

Омӯзгор бояд ба хонандагон нишон диҳад, ки асолат хусусияти муҳимми эҷодӣ мебошад. Ӯ бояд дастовардҳоро қадр намуда, ба нобарориҳо чандон таваҷҷуҳ накунад. Иштибоҳҳои кӯдаконро беҳтар аст ҳамчун таҷрибаи аз тарафи онҳо андухташуда, аммо на баҳонаи ҷазодиҳӣ ва ришханд задан ба онҳо баррасӣ намуд. Вазъият дар синф бояд тавре бошад, ки тарсу ҳароси хонандагон аз иштибоҳ кардан дар сатҳи ҳадди ақал қарор дошта, саъю талоши онҳо ҷиҳати зоҳир намудани фаъолнокии эҷодӣ, ҳатто ҳангоми нобарории кор ҳам имконпазир гардад.

Ба ақидаи А.М.Матюшкин, ҳавасмандкунии фаъолнокии эҷодӣ метавонад бо роҳи худдорӣ кардан аз нақшаи ҷиддии дарс амалӣ гардад, вақте ки аксарияти хонандагон ба ин ё он масъала ё проблема таваҷҷуҳ зоҳир намуда бошанд. Агар дар синф фазо ва иқлими мусоид барои эҷодиёти шогирдон фароҳам шуда бошад, ин боиси тағйирёбии мақоми иҷтимоии боистеъдодтарин хонанда аз як тараф ва ивазшавии самтгирии арзишии ҳамаи

хонандагон дар синф, аз сӯйи дигар, мегардад ва мавқеи фаъолнокии эҷодии маърифатиро баланд мебардорад.

Самтгирии ҷиддии мактаббачаи хурдсол ба ҷустуҷӯи посухҳо, аммо на ба тавлиди саволҳо, бартарии саволҳо дар дарсҳои ба хотира унвонгардида, аммо на ба тафаккури хонандагон ба вазъияти бухронӣ дар инкишофи кунҷковии кӯдак боис мегардад: кӯдакон дигар савол намедиҳанд. Дар айни замон, дар сурати мусоид будани шароит - вуҷуд доштани проблема ва муколамаи воқеӣ, вақте ки мавқеи кӯдак ва калонсол баробар мебошад, мактаббачагони хурдсол кунҷковии зиёд зоҳир мекунанд [3].

Ба омӯзгор зарур аст, ки қобилиятҳои билқувваи эҷодиро дар ҳар як хонанда бубинад. Омӯзгор бояд дидани зуҳуроти эҷодии хонандагонро, на танҳо дар вақти дарсҳо, балки ҳангоми ҳар гуна фаъолияти дигар ёд гирад. Барои ин макктаббачагони хурдсол бояд бо намудҳои гуногуни фаъолият фаро гирифта шаванд.

Ба нуктаҳои дар боло зикргардида, месазад илова намуд, ки барои инкишоф додани фаъолнокии эҷодии маърифатии шогирдони хурдсол омӯзгор бояд, пеш аз ҳама, худаш эҷодкор бошад. Агар омӯзгор худаш эҷодкорона фаъолият накунад, он гоҳ кӯдакони боистеъдод наметавонанд имконоти худро кашф ва амалӣ намоянд. Дар амалияи таълимӣ, тавре ки шиносоӣ бо таҷрибаи як қатор омӯзгорон нишон дод, рушди фаъолнокии эҷодии маърифатӣ ҷой дошта бошад ҳам, аммо ҷанбаи тасодуфӣ дорад ва аксаран, аз тарафи омӯзгорон аз рӯйи фаросат, бидуни дониши амиқи муҳтаво ва методикаи инкишофи ин хосияти шахсият амалӣ карда мешавад. Танҳо ҳангоми мавҷуд будани робитаи байниҳамдигарии мувофиқи фаъолияти дарсӣ ва беруназдарсӣ метавон натиҷаҳои мусбати рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии шогирдони хурдсолро бо камтарин масрафи неруҳои ақлонӣ ҳам аз тарафи омӯзгор ва ҳам аз тарафи таълимгиранда ба даст овард.

Мутобиқи стандарти таҳсилотӣ, барномаи асосии таҳсилотии таҳсилоти ибтидоии умумӣ аз тарафи муассисаи таҳсилотӣ бо воситаи ташкили фаъолияти дарсӣ ва беруназдарсӣ амалӣ карда мешавад. Машғулиятҳои дарсӣ банақшагирии дақиқ ва ташкили кори таҳсилотӣ, инчунин назорати муназзами раванд ва натиҷаҳои фаъолияти таълимию маърифатиро таъмин менамояд. Дар зимн, чунин машғулиятҳо барои ташкили гунавии эҷодии таълим, тарбия ва инкишофёбии шахсияти шогирди хурдсоли мактаб, фароҳамсозии шароити муносиб барои фаъолияти мустақилонаи хонандагон, барои баҳисобгирии вижагиҳои шахсии мактаббача, барои фардигардонии тафриқасозии таҳсилоти хонандагон, барои рушди муносибатҳои шарикии байниҳамдигарии калонсолон ва кӯдакон дар фаъолияти муштарак имкониятҳои маҳдуд доранд. Амалисозии бомуваффақияти иқдомоти номбаршуда дар фаъолияти беруназдарсӣ имконпазир мебошад. Фаъолияти беруназдарсӣ ба воситаи чунин шаклҳои машғулият, аз қабили экскурсияҳо, маҳфилҳо, “мизҳои гирд”, конференсияҳо, мубоҳисаҳо, анҷуманҳои илмии мактабӣ, олимпиадаҳо, мусобиқаҳо, таҳқиқоти ҷустуҷӯӣ ва илмӣ, амалияҳои муфиди ҷамъиятии довталабона тибқи интихоби иштирокдорони раванди таҳсилот созмон дода мешавад [8].

Барои рушди бомуваффақияти фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон ба ҳар як омӯзгор зарур аст, ки ба кори бонизому ҳадафманди ташкили корҳои дарсӣ ва беруназдарсӣ саъю кӯшиш намояд. Низоми кори дарсӣ ва беруназдарсӣ бояд аз тарафи омӯзгор ҳамроҳ бо дигар иштирокдорони раванди педагогӣ, аз ҷумла хонандагон, падару модарони онҳо, кормандони муассисаҳои ғайримактабӣ тарроҳӣ карда шавад.

**Муқарриз: *Шаропов Ш.А.* – д.и.п., професорри ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Бондаревская, Е. В. Педагогика: личность в гуманистических теориях и системах воспитания / Е. В. Бондаревская, С. В. Кульневич. — Ростов на- Дону: Феникс, 1999. — 560с.
2. Максимова, С. В. Диагностика развития творческой активности младших школьников: в2ч.Ч. 1:ФГОС /С.В.Максимова. —Москва: Русское слово, 2013. — 56с.
3. Матюшкин, А.М. Развитие творческой активности школьников / А. М. Матіошкин, И. С. Аверина. — Москва: Педагогика, 1991. — 160с.

4. Об образовании *в* Российской Федерации: федер. закон от 29.12.2012 N 273-ФЗ (редакция от 04.06.2014) // Собрание законодательства РФ. 2012. — N 53, (ч. 1). — Ст.7598.
5. Об образовании в Чувашской Республике [Электронный ресурс] закон Чувашской Республики от 30 июля 2013 года N• 50 : принят Гос. Советом ЧР 3 июля 2013 г.— Режим доступа: http://www.garant.ru/hotlaw/chuvashia/492188/.
6. Савепков, А. И. Маленький исследователь: развитие творческого мышления / А. И.Савенков. — Ярославль : Акад. развития, 2004. — 32 с.
7. Теплов, Б. М. Психология и психофизиология индивидуальных различий избр. психол. тр. / Б. М. Теплов. Под ред. и с предисл. М.Г. Ярошевского. —Москва: Моск.психол.-соц.ин-т;Воронеж: МОДЭК,2004. — 639 с. — (Психологи России).
8. Федеральный государственный образовательный стандарт начального общего образования: утв. приказом Мин. Обр. науки РФ от 6 октября 2009 г. 3г 373//Образовательное право. Приложение к "Учительской газете".—2010.—№ 7 (0502), 18 февраля. — С.3-5.
9. Чумакова, Т.Н. Моделирование развивающего пространства урока в аспекте творческой самореализации школьника. Личность в культуре и образовании: психологическое сопровождение, развитие, социализация / Т.Н.Чумакова материалы Всерос. науч.-практ.конф. —Ростов на Дону, 2013.— № 1. — С.254—258.
10. Шамова, Т. И. Активизация учения школьников / Т. И. Шамова. — Москва: Педагогика, 2001. — 208с.
11. Шаповалов, В. В. О познавательном интересе и приемах его активизации / В. В. Шаповалов // Начальная школа. — 2009. — N 7. — С. 26— 29.
12. Яковлева, Е. Н. Педагогические возможности теории решения изобретательских задач (ТРИЗ) в развитии творческой активности учащихся: дис. ... канд. пед. наук : 13.00.01 / Е. Н. Яковлева. — Санкт-Петербург, 2001. — 191с.
13. Torrance, E. Guiding creative talent / E. Torrance. — Englewood Cliffs, New York :Prentlce-Hall, 1964. — 128с.

## МУАММОҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР САМТИ РУШДИ ФАЪОЛНОКИИ ЭҶОДИИ МАЪРИФАТИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР АМАЛИЯИ КУНУНИИ ТАҲСИЛОТ

Дар мақола муаллиф муаммоҳои педагогиро дар самти рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии мактаббачагони хурдсол дар амалияи кунунии таҳсилот мавриди баррасӣ қарор додааст. Мутобиқи стандарти таҳсилот, барномаи асосии таҳсилотии таҳсилоти ибтидоии умумӣ аз тарафи муассисаи таҳсилотӣ бо воситаи ташкили фаъолияти дарсӣ ва беруназдарсӣ амалӣ карда мешавад. Машғулиятҳои дарсӣ банақшагирии дақиқ ва ташкили кори таҳсилотӣ, инчунин назорати муназзами раванд ва натиҷаҳои фаъолияти таълимию маърифатиро таъмин менамояд. Дар зимн, чунин машғулиятҳо барои ташкили гунавии эҷодии таълим, тарбия ва инкишофёбии шахсияти шогирди хурдсоли мактаб, фароҳамсозии шароити муносиб барои фаъолияти мустақилонаи хонандагон, барои баҳисобгирии вижагиҳои шахсии мактаббача, барои фардигардонии тафриқасозии таҳсилоти хонандагон, барои рушди муносибатҳои шарикии байниҳамдигарии калонсолон ва кӯдакон дар фаъолияти муштарак имкониятҳои маҳдуд доранд. Амалисозии бомуваффақияти иқдомоти номбаршуда дар фаъолияти беруназдарсӣ имконпазир мебошад. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки барои рушди бомуваффақияти фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон ба ҳар як омӯзгор зарур аст, ки ба кори бонизому ҳадафманди ташкили корҳои дарсӣ ва беруназдарсӣ саъю кӯшиш намояд. Низоми кори дарсӣ ва беруназдарсӣ бояд аз тарафи омӯзгор ҳамроҳ бо дигар иштироқдорони раванди педагогӣ, аз ҷумла хонандагон, падару модарони онҳо, кормандони муассисаҳои ғайримактабӣ тарроҳӣ карда шавад.

**Калидвожаҳо:** рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии мактаббачагони хурдсол, муаммоҳои педагогӣ, машғулиятҳои дарсӣ, рушди бомуваффақияти фаъолнокии эҷодии маърифатии хонандагон.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ В НАПРАВЛЕНИИ РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКОЙ И ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ В СОВРЕМЕННОЙ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ПРАКТИКЕ

В статье автор рассматривает педагогические проблемы в направлении развития творческой познавательной активности младших школьников в условиях современной практики образования. Согласно стандарту образования основная образовательная программа общего начального образования реализуется образовательным учреждением путем организации учебной и внеурочной деятельности. Уроки обеспечивают точное планирование и организацию учебной работы, а также систематический контроль за процессом и результатами учебно-познавательной деятельности. В то же время такая деятельность необходима для творческой организации обучения, воспитания и развития личности младших школьников, обеспечения подходящих условий для самостоятельной деятельности учащихся, учета личностных особенностей школьников, индивидуализации и дифференциации обучения. учащихся, для развития отношений сотрудничества взрослых и детей в совместной деятельности имеют ограниченные возможности. Успешная реализация перечисленных мероприятий возможна во внеурочной деятельности. Также автор отмечает, что для успешного развития творческой познавательной деятельности учащихся необходимо, чтобы каждый педагог стремился к эффективной и целенаправленной работе по организации учебной и внеучебной деятельности. Система учебной и внеурочной работы должна разрабатываться учителем совместно с другими участниками педагогического процесса, в том числе учащимися, их родителями, работниками внешкольных учреждений.

**Ключевые слова:** развитие творческой познавательной активности младших школьников, педагогические задачи, уроки, успешное развитие творческой познавательной активности учащихся.

## PEDAGOGICAL PROBLEMS IN THE DIRECTION OF THE DEVELOPMENT OF CREATIVE AND INTELLECTUAL ACTIVITY OF YOUNGER SCHOOLCHILDREN IN MODERN EDUCATIONAL PRACTICE

In the article, the author considers pedagogical problems in the direction of the development of creative cognitive activity of younger schoolchildren in the conditions of modern educational practice. According to the education standard, the main educational program of general primary education is implemented by an educational institution by organizing educational and extracurricular activities. Lessons provide accurate planning and organization of educational work, as well as systematic monitoring of the process and results of educational and cognitive activities. At the same time, such activity is necessary for the creative organization of education, upbringing and personal development of younger students, providing suitable conditions for independent activities of students, taking into account the personal characteristics of students, individualization and differentiation of education. students, to develop a relationship of cooperation between adults and children in joint activities have limited opportunities. Successful implementation of these activities is possible in extracurricular activities. The author also notes that for the successful development of creative cognitive activity of students, it is necessary that each teacher strive for effective and purposeful work on the organization of educational and extracurricular activities. The system of educational and extracurricular work should be developed by the teacher together with other participants in the pedagogical process, including students, their parents, and employees of out-of-school institutions.

**Keywords:** development of creative cognitive activity of younger schoolchildren, pedagogical tasks, lessons, successful development of creative cognitive activity of students.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Имомова Муборак Абдулазизовна*** - МТД «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ . **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail:**muborak19@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Имомова Муборак Абдулазизовна***- Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова», соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. E-mail:**muborak19@mail.ru**

**Information about the author:** ***Imomova Muborak Abdulazizovna*** - State educational institution "Khujand State University named after academician B. Gafurov", applicant for the department of social and professional pedagogy. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1. E-mail: **muborak19@mail.ru**

УДК:372.84

# МУШКИЛОТИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

*Орифов О.О.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳоло ҳама чораҳо оид ба афзоиши сифати таълим ва омоданамоии мутахассисон ва омӯзгорони баландихтисос андешида шуда истодаанд. Аз ҷумла, Пешвои миллат дар яке аз Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии ҶТ чунин ибрози андеша кардаанд: "Мо ислоҳоти низоми ҳамаи зинаҳои таҳсилро минбаъд низ давом дода, усулҳои фаъоли таълимро ҷорӣ мекунем ва ба сатҳу сифати таълим эътибори аввалиндараҷа медиҳем... Ҳамзамон бо ин, Вазорати маориф ва илм якҷо бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва дигар сохтору мақомоти дахлдор то соли 2020 масъалаи норасоии кадрҳои омӯзгориро пурра ҳаллу фасл намояд. Бояд гуфт, ки дар соҳаи маориф ду проблемаи асосии ҳалталаб вуҷуд дорад. Якум, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар. Мо заҳмати устодону омӯзгоронро ҳамеша баланд арзёбӣ мекунем ва ғамхориро дар ҳаққи онҳое, ки дар ин соҳа хизматҳои шоиста кардаанд, идома медиҳем. Лекин пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника ва технология тақозо мекунад, ки онҳо низ барои баланд бардоштани сатҳи касбияти худ мунтазам кӯшиш кунанд.... Ҳанӯз соли 2003 Фармони Президенти кишвар дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русиву англисӣ қабул шуда буд. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки натиҷаҳо дар ин масъала чандон қонеъкунанда нестанд… Агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва бо ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем. Бинобар ин, ба Вазорати маориф ва илм зарур аст, ки фаъолияти курсҳои такмили ихтисоси омӯзгоронро боз ҳам тақвият бахшад» [12].

Имрӯз муҳим аст, ки дар бораи аҳамияти забони англисӣ, ки яке аз забонҳои густурда дар раванди ҷаҳонишавӣ ба шумор меравад ва ҳамчунин мушкилоти он дар робита ба таълиму омӯзиши он таҳқиқоту таълифот анҷом дода шавад. Дар ин замина, муҳаққиқон кӯшиш мекунанд, ки мушкилоти омӯзиши фанни забони англисӣ дар ҳамкорӣ бо оила дар ин равандро инъикос кунанд.

Чуноне муҳаққиқони тоҷик Ф.Шарифзода ва ва А.М.Миралиев зикр кардаанд, «сиёсати имрӯзаи давлат дар соҳаи маориф дар низоми таҳсилот ҷорӣ намудани стандартҳои ҷаҳонӣ ва омодасозии мутахассисони соҳибихтисосеро, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ бошад, яке аз масъалаҳои муҳим мешуморад. Суръати баланди пешрафти илмию техникӣ ва татбиқи амалии технологияи муосири иттилоотию иртибототӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёт ба рушди илмҳои дақиқ ва технологияҳо талаботи нав пеш мегузорад» [13,с.189].

Ҳуҷҷату сандаҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде тавассути Ҳукумати ҶТ қабул шудаанд, аз ҷумла, Қарори Ҳукумати ҶТ "Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ» (1996), «Стратегияи миллии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар ҶТ барои солҳои 2007-2015», Барномаи давлатии рушд ва вориднамоии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ҶТ (3 декабри соли 2004 таҳти № 468), Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки дар баробари омӯзгорони мактабҳои олӣ оид ба ба такмили ҷиддии

назариявӣ ва методологии таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифаҳои мушаххас пешбинӣ кардаанд.

Дар «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 чунин омадааст: «Таъминоти моддӣ-техникӣ: Дастгирии рушди заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилотӣ яке аз шартҳои асосии татбиқи воқеӣ ва муваффақонаи раванди таълим мебошад. Дар аксари муассисаҳои таҳсилотӣ заминаи зарурии моддӣ-техникӣ (компютерҳо, синфҳои лингафонӣ, китобхонаҳои электронӣ) вуҷуд доранд… Натиҷаҳои интизории татбиқи Барнома “коркард ва вориднамоии моделҳои дурнамои воситаҳои таълими инноватсионӣ ва иттилоотӣ, воситаҳои муосири техникӣ, васоити аёнӣ ва таҷҳизот барои таълими забонҳои русӣ ва англисӣ махсуб меёбад” [5].

Таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ ба далели таваҷҷуҳи бештари донишҷӯён ба ин фан нокифоя ва ноустувор dониста мешавад. Аз хамин сабаб раванди таълиму омӯзиши ин фан бо як қатор душвориҳо дучор меояд. Пешбурди таҳқиқот муҳим аст, зеро он сабабҳои аслии мушкилоти омӯзиши забони англисиро нишон медиҳад. Инҳо синфхонаҳои аз ҳад серодам, муаллимоне мебошанд, ки маҳорату қобилияти забономӯзӣ ва забонфаҳмӣ надоранд ва ба ҳавасмандии муҳассилин кӯшиш намекунанд. Ба ин маънӣ, омӯзиши забони англисӣ бояд ҷолибтар бошад, то шавқу рағбат ва хоҳиши донишомӯз дар баробари фарҳанги кишвар ба омӯзиши забон бедор шавад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти доманадор барои муқоиса, ҳамчунин равиши сифатӣ ва миқдорӣ барои таҳлили маълумоти марбут гузаронида мешавад, ки метавонад ба татбиқи стратегияҳои омӯзишӣ барои таҳқиқоти нав дар ин соҳа мусоидат кунад.

Ҳадафи ин таҳқиқи мо гузаронидани омӯзиши мисолӣ мебошад. Ин як усули сохтории таҳқиқот аст ва аз ин рӯ метавонад дар соҳаҳои гуногун барои фаҳмидани вазъу ҳолатҳои ғайр аз падидаҳои гуногун ва ё мушкилоти иҷтимоӣ истифода шавад.

Аз таҳлили мисолҳо метавон дар бораи падидаҳои инфиродӣ ё дастаҷамъона маълумот гирифта, андеша кард. Азбаски ин усули таҳқиқотӣ аст, он дорои хусусиятҳои ба худ хос аст ва метавонад вобаста ба ҷараёни назариявии қабулшуда бо роҳҳои гуногун консептуализатсия карда шавад. Омӯзиши мисолиро ҳамчун як омӯзиши таҷрибавӣ муайян кардан мумкин аст, ки ҳадафи он таҳқиқи падидаҳои муосир дар заминаи воқеӣ аст, дар ин ҷо, дар ин ҳолат, мушкилии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Омӯзиши мисолӣ, вақте истифода мешавад, ки сарҳадҳои байни падида ва контекст норавшан буда, барои посух додан ба ин мушкилот таҳқиқоти мураккабтарро тақозо мекунад (масалан, таҳқиқоти доманадор). Вобаста ба ин, ҳадаф ҳангоми гузаронидани омӯзиши мисолӣ омӯхтан, тавсиф ва шарҳ додани ҳодисаи мавриди назар аст (дар мавриди ин таҳқиқот, ҳадаф донистан ва таҳқиқ кардани контекст, ки муассисаи таҳсилотӣ барои тавсиф ва баррасӣ интихоб кардааст. Ҳамчунин, дар бораи як падидаи инфиродӣ ё дастаҷамъона фаҳмиши васеъ ва муфассал дорад (мо контексти мактаби олиро таҳлил мекунем, аммо баъзеи дигар метавонанд бо ҳамон воқеият сарукор дошта бошанд). Дар навбати худ, фаҳмида мешавад, ки омӯзиши мисолӣ ҷуз як низоми ҷудошуда чизи дигаре нест ва аз ин рӯ таъкид карда мешавад, ки ки ҳамзамон дар ин равиши методологӣ ду принсип вуҷуд дорад: ягонагӣ ва глобалии мушкилот. Ба ин маъно, муҳаққиқоне, ки гузаронидани омӯзиши мисолиро пешниҳод мекунанд, бояд

ҳамаи ҷанбаҳоеро, ки метавонанд ба фаҳмиши васеи проблемаи мушаххаси мавриди таҳқиқ қарор дошта бошанд, баррасӣ кунанд. Ин як давраи муайян ҳисобида мешавад, то ки кас аз тавсифи муфассали он падидаҳоро дақиқтар ва мушаххастар дарк кунад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши мисол ҳамчун як усули таҳқиқ, барои равандҳои муайян, ба монанди тарҳрезии омӯзиш, шарҳи расмиёти омӯзиш, ҷиҳатҳои қавӣ ва маҳдудиятҳои омӯзиш, каме эҳтиёткорӣ талаб мекунад. Бо дарназардошти ин замина, мо метавонем гӯем, ки дар маҷмуъ, ин усул махсусан дар он вақт самаранок аст, ки муҳаққиқ ба саволҳои марбут ба шароити кунунии падидаи иҷтимоӣ ҷавоб додан мехоҳад. Он инъикос мекунад, ки чӣ гуна ва чаро як падидаи мушаххаси иҷтимоӣ кор карда, фаъол мебошад. Ҳарчанд ин усул қодир аст далелҳоро дар асоси усулҳои миқдорӣ ва ё сифатии ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот ба вуҷуд оварад, онро метавон бо усул ё ҳамчун асбоб ё равиш татбиқ кард.

Дар соҳаи таҳсилот ва маориф (дар мавриди таҳқиқоти мазкур) он одатан ҳамчун равиши дидактикӣ барои проблемасозии вазъият бо мақсади наздик кардани назария ва амалия истифода мешавад.

Он ҳамчунин метавонад як мисоли муфассал дошта бошад ва оқибатҳои мушкилот/падидаи иҷтимоиро шарҳ диҳад. Вобаста ба мулоҳизаҳои болоӣ мо омӯзиши баъзе посуххои омӯзгорон, муҳассилини солҳои 1 ва 2 ва аҳли оилаи онҳоро таҳлил намудем. Дар мусоҳиба мушкилоти омӯзишӣ дар раванди таълим дар муассисаи таълимӣ нишон дода шудаанд ва аз ин посуххо мо ҳадафи таҳлили таассурот, андеша, мулоҳиза ва мавқеъи онҳоро дорем. Барои ин, мо бо чунин ақида оғоз мекунем: Мо фаъолияти асосии илмро дар таҳқиқ ва сохтани воқеияти он мефаҳмем. Ин пажӯҳишест, ки дар баробари воқеияти ҷаҳон таълимро таҳрик медиҳад ва онро нав мекунад. Биноан, ҳарчанд ин амалияи назариявӣ бошад ҳам, таҳқиқот фикр ва амалро ба ҳам мепайвандад, яъне ҳеҷ чиз наметавонад мушкилоти зеҳнӣ бошад, агар он дар навбати аввал мушкилоти амалии ҳаёт намебуд.

Ҳамин тариқ, саволҳои таҳқиқӣ бо манфиатҳо ва ҳолатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ шартшуда алоқаманданд. Дар ин кори сифатӣ ва миқдорӣ, мо посуххои муаллимони забони англисӣ, донишҷӯён ва оилаҳои онҳоеро, ки алоқамандӣ доранд, баррасӣ кардем.

Таҳқиқоти мазкур бо равиши миқдорӣ ва сифатӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти миқдорӣ кӯшиш мекунад, ки бо истифода аз маълумоти рақамӣ андоза ва миқдорро муайян кунад ва саволномаҳои интихоби чандкарата барои осон кардани ҷамъоварӣ қабул карда мешаванд. Таҳқиқоти тахассусӣ, дар навбати худ, як мисолест, ки дар ин тадқиқот пешниҳод шудааст ва аз ин рӯ, муҳаққиқон барои муайян кардани мушкилот дар омӯзиши забони англисӣ аз мусоҳиба истифода карданд.

Намунаи таҳқиқот хурд аст ва посухдиҳандагон оид ба мавзуи таҳқиқшаванда андешаи худро баён доштанд. Фарқи байни таҳқиқоти миқдорӣ ва сифатӣ аз интихоби одии стратегияҳои таҳқиқ ва расмиёти ҷамъоварии маълумот, ки мавқеъҳои аслан гносеологиро ифода мекунанд, фаротар аст. Таҳқиқот ба баррасии адабиёт асос ёфтааст ва ҳамчунин таҳқиқоти доманадор барои ташкили омӯзиши мисолӣ гузаронида шудааст. Ба ин маъно, равандҳое, ки ба ҷамъоварии маълумот дар асоси посух овардаанд, аз назари муаллимон, донишҷӯён ва ҳамчунин оилаҳо ҷамъоварӣ карда шуданд. Давраи баррасишаванда барои татбиқи асбобҳои таҳқиқӣ соли 2020, аз ҷумла даврае буд, ки дар он таҳқиқи барқарорсозӣ оғоз карда шуданд.

Ҷавобҳои муаллимон, донишҷӯён ва оилаҳо дар бораи мушкилии омӯзиши забони англисӣ баррасӣ карда шуданд. Таҳқиқот 60 донишҷӯ, 30 оила ва 30 нафар омӯзгоронро фаро мегирифтанд, ки бо муассисаи таҳсилотӣ алоқамандананд. Дар интихоб, дар навбати худ, посуххҳои 30 муҳассил ба эътибор гирифта шуданд.

Тадқиқ тамоми соли таҳсили 2020-ро фаро гирифт, бахусус даврае, ки дар давоми он таҳқиқи барқарорсозӣ оғоз шуд, зеро он мушкилоти донишҷӯёнро дар робита ба омӯзиши забони англисӣ нишон дод. Ҳарчанд дар аввал 60 донишҷӯ ва 30 оила интихоб шуда буданд, аммо 57 донишҷӯ ва 28 оила бо сабабҳои гуногун: наомадан дар рӯзҳои дархост, бозпас гирифтани ҳуҷҷатҳо ва ғайра дар омӯзиш иштирок накарданд. Мувофики пурсиш 40 фоизи муҳассилини пурсишшуда дар соли 1-ми таҳсил ва 60% дар соли 2-уми таҳсил қарор доштанд.

Гурӯҳи синнусолии муҳассилин: муҳассилин А: 19 сола (6,7 фоиз); муҳассили Б: 20-сола (33,3 фоиз) ва донишҷӯи С: 21-сола (50 фоиз).

Вақте ки дар бораи мушкилоти асосии омӯзиши забони англисӣ пурсиданд: Омӯзиши забони англисӣ чӣ душворӣ дорад? Омӯзгор А: Маводи таълимӣ номуносиб. Чунин ҷавобҳо дода шуданд: Омӯзгор Б: Бештари вақт аз ҷониби муҳассилин шавқу рағбат ба назар намерасад. Донишҷӯёнба саволи «Мушкилоти калонтарин дар омӯзиши забони англисӣ кадомҳоянд?», чунин ҷавоб доданд Донишҷӯ А: феълҳо. Донишҷӯ Б: феълҳо. Донишҷӯ С: феълҳо.

Оилаҳо ба саволи «Мушкилоти асосӣ кадомҳоянд, фарзанди шумо дар мактаб чӣ мушкилот дорад?» чунин ҷавоб доданд: Оилаи А: забони хориҷӣ. Оилаи Б: физика, химия, математика.

Ба андешаи мо, маҳз дар синф, яъне дар муҳити таълимии мактаб муҳассил бояд бештар вазифаҳои маърифатиро иҷро кунад, ки дар навбати худ таваҷҷуҳ, тамаркуз, коркард, рушд ва ҳамгирой, маълумот, асосноккунӣ ва ҳалли мушкилотро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, таълими забони хориҷӣ фарогирии салоҳиятҳои сарфунаҳвӣ, салоҳияти иртиботӣ-муоширатӣ, донистани забонро дар назар дорад.

Дар ин замина, мо мефаҳмем, ки соҳаи таълими забони англисӣ бояд равандҳои омӯзишии дар дарс таҳияшударо такмил диҳад, то донишҷӯён барои омӯхтани забони нав ва аз ин рӯ фарҳанги онҳо бештар ҳавасманд шаванд. Ба гуфтаи донишҷӯён: Оё шумо тамоми фаъолиятҳо ва корҳоеро, ки омӯзгор аз сар мегузаронад, мекунед?: а)Ҳа; б)Не; в)Баъзан; г)Ҳеҷ гоҳ; д)Вақт надорам. Донишҷӯ А: Бале, Донишҷӯ Б: Бале, Донишҷӯ С: Вақт надорам. Мувофиқи пайгирии оила: Оё шумо ҳар рӯз тафтиш мекунед, ки фарзанди шумо кор ва фаъолиятҳоро анҷом додааст ё не?: а)Ҳа; б)Не; в)Баъзан; г)Ҳеҷ гоҳ; д)Вақт надорам.

Бо вуҷуди ин, муассисаи таълимӣ ва оила якҷоя кор карда метавонанд, фаъолиятҳоеро анҷом диҳанд, ки ҳадафи онҳо таҳияи стратегияҳои фаҳмиши хониш ва навиштанро доранд ва ҳамчунин метавонанд ба эҳёи донишҳои қаблӣ мусоидат кунанд.

Хондан ба рушди омӯзиши забони англисӣ мусоидат мекунад, зеро он аз таъсири мутақобилаи ғояе, ки матн бо донише, ки донишҷӯ дорад, маъноҳоро тавлид мекунад. Механизми навиштан, дар навбати худ, бояд ҳамчун маҳорате дониста шавад, ки бояд рушд дода шавад.

**Диаграммаи 1. Шумо одатан дар як сол чанд китоб мехонед?**




Оид ба шумораи китобҳои дар соли хониш мутолиашуда, натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки донишҷӯи А камтар аз 5 китоб (16,7%), донишҷӯи Б 4 китоб (33,3%) ва донишҷӯи С 5 китоб (50%) хондааст.

Дар ин замина чанд савол дар бораи одатҳои китобхонӣ дода шуд. Оё хондан ва навиштан барои шумо дар омӯзиши забони англисӣ муҳим аст? Барои чӣ? Донишҷӯ А: Бале, ин ба ман дар дониш ва муколама кумак мекунад. Донишҷӯ Б: Бале, барои беҳтар кардани омӯзиш. Донишҷӯ С: Бидуни ин мо ҳеҷ ҳастем.

Оё шумо барои такмил додани малакаҳои хониш ва навиштани худ ягон ҳавасмандӣ доред? Донишҷӯ А: Бале. Донишҷӯ Б: Бале, ман ҳамеша маслиҳат медиҳам ва таълим медиҳам.

Дар мулоҳизаҳои худ мо аҳамияти омӯзиши хуби забони англисӣ бо хондан ва навиштанро зикр кардем ва чӣ гуна оила рушди маърифатӣ, самаранок ва иҷтимоии донишҷӯро барои натиҷаҳои хуби омӯзиш ташвиқ мекунад.

Мантиқ ва хулоса чунин аст: агар ман тавонистам, ки чӣ тавр иҷро кардани машққоро ёд гирам, ман боварӣ дорам, ки шумо ҳамчунин метавонед дӯст доштани забони англисиро ёд гиред! Аз фаъолиятҳое оғоз кунед, ки барои шумо то андозае ҷолибанд ва тадриҷан он чизҳоеро, ки ба шумо он қадар маъқул нестанд, аммо барои рушди худ зарур мешуморед, муаррифӣ кунед. Ва дар хотир доред, ки беҳтар аст, ки каме кор кунед, аммо аксар вақт аз ҳеҷ чиз оғоз кунед.Истифодаи маводи таълимии муносиб ва мувофиқ дар дарс барои ҷалби таваҷҷуҳи донишҷӯён муҳим аст.

Омилҳои асосии ташаккули қобилияти омӯзиши забони англисӣ кадомҳоянд? Омӯзгор А: Таълими омӯзгорон/Маводи таълимӣ. Омӯзгор Б: Кам кардани шумораи муҳассилин дар як гурӯҳ/таълими касбӣ/маводи таълимии алоқаманд. Хулоса, ҳадафи таҳқиқот санҷиши душвориҳо дар омӯзиши забони англисӣ ва мушкилоти донишҷӯён аст. Муайян карда шуд, ки мушкилот вуҷуд доранд, аммо онҳоро метавон бо дастгирии ҳамаи онҳое, ки дар ташаккули маҳорати муҳассилин иштирок доранд, рафъ намуда, ба ин васила барои беҳтар омӯхтани онҳо саҳм гузоштан мумкин аст, зеро бо дастгирии тамоми ҷамоаи муассисаи таълимӣ, ҳамчунин оилаҳо. донишҷӯён барои ҳалли мушкилоти марбут ба омӯзиши забони хориҷӣ бештар омода хоҳанд шуд.

Бо дарназардошти контексти дар муассисаи таълимӣ пешниҳодшуда, мақола мушкилоти асосии омӯзиширо пешниҳод мекунад, ки иштирокдорони таҳқиқот зикр карданд. Ҷавобҳои мусоҳибаю пурсишҳо барои муҳокима баррасӣ шуданд ва ҳамчунин

зикр карда шуд, ки зарурати ҳалли мушкилоти омӯзишӣ, ки аз ҷониби муаллимон, донишҷӯён ва оилаҳои онҳо муайян карда шудаанд, тавассути стратегияҳои таълимӣ, аз қабили рушди фаъолияти хониш ва навиштан дар муассисаи таълимӣ ё хона, ба миён омадааст.

**Муқарриз: Ҷ.Алимӣ – д.и.ф., профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

## АДАБИЁТ


1. Алими, Дж. Профессиональная адаптация молодых учителей /Дж.Алими, А.И.Даминова. - Душанбе: Промэкспо, 2019. - 192с.
2. Алимӣ,Ҷ. Методологияи такмили тахассуси ҷавономӯзгорон (дастури таълимӣ) /Ҷ.Алимӣ, А.И.Даминова. -Душанбе: Сабрина-К, 2016.-166с.
3. Алимӣ,Ҷ. Мушкилоти педагогӣ (дидактика)/Ҷ.Алимӣ, А.И.Даминова.-Душанбе: Эр-граф,2014.-220 с.
4. Алимӣ,Ҷ. Табиат ва моҳияти мушкилоти педагогӣ // «Паём»- ДДК ба номи А.Рӯдакӣ. –Душанбе: Пром-экспо,С.159-162
5. Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020. -Д.,2015
6. Қурбонова, Ф. Технологияи таълими ҳамгирои забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ /Ф.Қурбонова //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2020. - №1 (29). - С.103-108.
7. Левшин, Л.А. Логика педагогического процесса /Л.А.Левшин. - М.: Знание, 1980.
8. Леонтьев, А. А. Психология общения /А.А.Леонтьев. -Тарту: Знание, 1974. - 248 с.
9. Леонтьев, А.Н. Деятельность. Сознание. Личность /А.Н.Леонтьев. - М.: Политиздат, 1975.
10. Лернер, И.Я. Факторы сложности познавательных задач/ И.Я.Лернер //Новые исследования в педагогических науках. - М., 1970. Вып.14. - 130с.
11. Лурия, А.Р. Нейропсихология и проблемы обучения в общеобразовательной школе /А.Р.Лурия, Л.С.Цыеткова. -М.: Ин-т практ. медицины; Воронеж: НПО "МОДЭК", 1997. - 61 с.
12. Э.Раҳмон. Масъулият бароиояндаи миллат. Паёми Маҷлиси Олии Тоҷикистон. - «Азия Плюс»: 2012.
13. Шарифзода, Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ /Ф.Шарифзода, А.М.Миралиев. -Душанбе: Ирфон, 2013. – 560с.


## МУШКИЛОТИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ


Дар мақола масъалаҳои вобаста ба душвориҳои таълим ва омӯзиши забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.Ба андешаи муаллиф, имрӯз муҳим аст, ки дар бораи аҳамияти забони англисӣ, ки яке аз забонҳои густурда дар раванди ҷаҳонишавӣ ба шумор меравад ва ҳамчунин мушкилоти он дар робита ба таълиму омӯзиши он таҳқиқоту таълифот анҷом дода шавад. Дар ин замина, муҳаққиқон кӯшиш мекунанд, ки мушкилоти омӯзиши фанни забони англисӣ дар ҳамкорӣ бо оила дар ин равандро инъикос кунанд.Муаллиф зикр мекунад, ки таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ ба далели таваҷҷуҳи бештари донишҷӯён ба ин фан нокифоя ва ноустувор дониста мешавад. Аз ҳамин сабаб раванди таълиму омӯзиши ин фан ба як қатор душвориҳо дучор меояд. Пешбурди таҳқиқот муҳим аст, зеро он сабабҳои аслии мушкилоти омӯзиши забони англисиро нишон медиҳад. Инҳо синфхонаҳои аз ҳад серодам, муаллимоне мебошанд, ки маҳорату қобилияти забономӯзӣ ва забонфаҳмӣ надоранд ва ба ҳавасмандии муҳассилин кӯшиш намекунанд. Ба ин маънӣ, омӯзиши забони англисӣ бояд ҷолибтар бошад, то шавқу рағбат ва хоҳиши донишомӯз дар баробари фарҳанги кишвар ба омӯзиши забон бедор шавад.Фикрҳояшро ҷамъбаст карда, муаллиф хулоса мекунад, ки ҳадафи инчунин таҳқиқот санҷиши душвориҳо дар омӯзиши забони англисӣ ва ҳамчунин мониторинги мушкилоти донишҷӯён аст. Муайян карда шуд, ки мушкилот вуҷуд доранд, аммо онҳоро метавон бо дастгирии ҳамаи онҳое, ки дар ташаккули маҳорати муҳассилин иштирок доранд, рафъ намуда, ба ин васила барои беҳтар омӯхтани онҳо саҳм гузоштан мумкин аст, зеро бо дастгирии тамоми ҷамоаи муассисаи таълимӣ, ҳамчунин оилаҳо, донишҷӯён барои ҳалли мушкилоти марбут ба омӯзиши забони хориҷӣ бештар омода хоҳанд шуд.



**Калидвожаҳо:** мушкилот, таълим, омӯзиш, забони англисӣ, забони хориҷӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, фарҳанги кишвар, бартараф кардан, раванди ҷаҳонишавӣ донишҷӯён, муаллим, муносибат, бархӯрд, стратегияҳои таълимӣ, маводи таълимӣ.


## ТРУДНОСТИ В ИЗУЧЕНИИ И ПРЕПОДАВАНИИ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА


В статье рассматриваются вопросы, связанные с трудностями преподавания и изучения английского языка. По мнению автора, сегодня целесообразно провести исследование о важности английского языка, являющегося одним из самых распространенных языков в процессе глобализации, а также проблем, связанных с его преподаванием и изучением. В данном контексте исследователи пытаются осмыслить проблемы изучения

английского языка в сотрудничестве с семьей. Автор отмечает, что преподавание английского языка в учебных заведениях считается недостаточным и неустойчивым из-за растущего интереса студентов к данному предмету. По этой причине процесс обучения этому предмету сталкивается с рядом трудностей. Это исследование важно, потому что оно показывает коренные причины проблем с изучением английского языка. Это переполненные классы, учителя, не обладающие навыками и способностями изучать и понимать язык и не пытающиеся мотивировать обучающихся. В этом смысле изучение английского языка должно быть более интересным, чтобы пробуждать интерес и желание учащегося изучать язык вместе с культурой страны. Обобщая свои выводы, автор приходит к заключению, что целью исследования также является проверка затруднений в изучении английского языка, а также семейный мониторинг проблем студентов. Было обнаружено, что проблемы существуют, но их можно преодолеть при поддержке всех, кто участвует в развитии навыков обучающихся и, таким образом, способствует их лучшему обучению, а также при поддержке всего школьного сообщества, а также семей, студенты будут более подготовлены к решению задач, связанных с изучением иностранного языка.

**Ключевые слова:** затруднения, обучение, изучение, английский язык, иностранный язык, образовательные учреждения, культура, преодоление, глобализация студентов, преподаватели, отношения, подходы, стратегии обучения, учебные материалы.

**DIFFICULTY LEARNING ENGLISH AND ITS RELATIONSHIP WITH OTHER PARTIES**

The article discusses issues related to the difficulties of teaching and learning English.

According to the author, today it is advisable to conduct a study on the importance of the English language, which is one of the most widespread languages in the process of globalization, as well as the problems associated with its teaching and learning. In this context, researchers try to comprehend the problems of learning English in cooperation with the family in this process. The author notes that teaching English in educational institutions is considered insufficient and unsustainable due to the growing interest of students in this subject. For this reason, the process of teaching this subject is faced with a number of difficulties. The research is important because it reveals the root causes of problems with learning English. These are overcrowded classrooms, teachers lacking the skills and abilities to learn and understand the language and not trying to motivate learners. In this sense, learning English should be more interesting in order to awaken the student's interest and desire to learn the language along with the culture of the country. Summarizing his findings, the author comes to the conclusion that the purpose of the study is also to test difficulties in learning English, as well as family monitoring of students' problems. Challenges have been found to exist, but can be overcome with the support of everyone who is involved in developing learners' skills and thus contributes to their better learning, and with the support of the entire school community as well as families, students will be more prepared for problem solving related to the study of a foreign language.

**Key words:** difficulties, learning, English, foreign language, educational institutions, culture, overcoming, globalization of students, teachers, attitudes, approaches, learning strategies, teaching materials.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Орифов Орзу Обидхуҷаевич-*** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров,16. Телефон**: 987218589.**

**Сведение об авторе**: ***Орифов Орзу Обидхуджаевич*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова,16. Телефон**: 987218589.**

**Information about the author:** ***Orifov Ozu Obidkhujaevich*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, applicant. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone: 987218589.

.

УДК: 370.41

# ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЪЛИМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

***Бозоров Х.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар ҳақиқат, фаъолияти мустақилона дар рафти дарсҳо боиси фаъол гардидани тафаккури талабагон гардида, муносибати бошууронаи онҳоро нисбат ба маводи таълимӣ инкишоф медиҳад. Самаранок гузаронидани фаъолияти мустақилона ба он вобаста аст, ки омӯзгор дар ин ё он лаҳзаи дарс, аз кадом намуди корҳои мустакилона истифода мебарад ва чӣ тавр таваҷҷуҳи аҳли синфро ба иҷрои он ҷалб менамояд.

Аксарияти муаллифоне, ки ба дидактика сарукор доранд, усули кор бо китобро ба гурӯҳи методҳои шифоҳӣ дохил кардаанд.

Дар ҳақиқат, ин ҷо ҷабҳаи шифоҳӣ дида мешавад, муаллиму хонандагон баъди хондан натиҷаи онро шифоҳӣ баён мекунанд. Аз ин рӯ, мо наметавонем онро ба таври мусовӣ ба гурӯҳи усулҳои шифоҳӣ ва хаттӣ шомил бисозем,чунки талаба натиҷаи фаъолияташро аз рӯйи китоб метавонад ба тарзи таҳрирӣ (хаттӣ) пешниҳод намояд.

Малака ва маҳорати кор кардан бо китоб маҳз дар мактаб омӯзонида мешавад. Мактаб вазифадор аст, ки шавқи китобхонии талабагонро бедор намояд.

Ҳангоми иҷрои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ҷустуҷӯ ва роҳи ҳалли проблема (масъала) барои рушди қобилияти зеҳнии талабагон ниҳоят зарур аст. Мисол, исбот шудааст, ки инсон чатрро ду бор ихтироъ кардааст. Бори аввал дар Чин ва бори дуюм дар Англия. Фарқи ин ду ихтироъ дар чист? Барои ҳалли ин проблема як андоза дониши ҷуғрофӣ доштан лозим аст. Агар инсон дар хусуси табиат, обу ҳавои ин ду кишвари аз ҳам дур камакак маълумот дошта бошаду ақлро кор фармояд, посух медиҳад, ки дар Чин чатрро барои аз офтоб ва дар Англия барои аз борон паноҳ бурдан ихтироъ карданд. Фарқ ва аҳамияти ин ду ихтироъ дар ҳамин аст.

Методҳои омӯзиши мустақилонаро педагог Сорокин Н.А. ба се гурӯҳ ҷудо кардааст [8, с.182]:

**1.методҳои шифоҳӣ:** нақли муаллим, лексияи таълимӣ, суҳбат, мубоҳиса;

**2.методҳои аёнӣ:** мушоҳида ва намоиш;

**3 методҳои амалӣ:** корҳои таълимию амалӣ, фаъолияти эҷодии хонандагон [6.с-182]

Усулҳои таълими ҷустуҷӯҳои амалӣ низ ба гурӯҳи методҳои омӯзиши мустақилона шомил буда, ҳангоми истифодаи ин методҳо фаъолияти мустақилонаи талабагон бештар фаъол гашта, ба кори эҷодии онҳо мепайвандад.

Воситаҳои таълим гуфта, маводеро меноманд, ки ҳам муаллим ва ҳам хонандагон барои ба даст овардани ин ё он мақсади муайяни таълимӣ истифода мебаранд. Ба воситаҳои таълим матнҳо, ҷумлаҳо, ибораҳо калимаҳо, мисолу масъалаҳо инчунин воситаҳои аёнию маводи дидактикӣ дохил мешаванд. Яке аз воситаҳои муҳимми таълим китобҳои дарсӣ ва маводи онҳо мебошад.

«Дар адабиёти педагогию методӣ 3-4 намуди гурӯҳбандии воситаҳои таълимро дучор омадан мумкин аст. Вале мо воситаҳои таълимро мувофиқи истифодаашон гурӯҳбандӣ менамоем ва чунин ақида дорем, ки онҳо аз рӯйи истифода ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) воситаҳои таълими серистифода; 2) воситаҳои таълими камстифода» [6, с.198].

Муаллим вазифадор аст, ки маводи таълимро ҳаматарафа омӯхта, онро дар алоқамандии якдигар вобаста ба ҳар як синф ва мақсади муайян истифода намояд.

Тарзҳои таълим гуфта, техникаи истифодаи ин ё он воситаи таълимро меномем.Тарзҳои таълим гуногун буда, интихоби онҳо ба метод ва восиатҳои таълим вобаста аст. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, методҳои таълим гурӯҳҳои зиёди тарзҳои таълимро метавонанд дар бар гиранд.

Фарқи дигари методҳои таълим аз тарзҳои таълим дар он аст, ки агар бо ёрии метод талабагон бо мазмуни умумии маводи таълимӣ шинос гарданд, бо ёрии тарзҳои таълим масъала ва тарафҳои ҷудогонаи мавзуъро аниқ ва ҳаматарафа мефаҳманд.

Метод ва тарзҳои таълим доимо инкишофу такмил меёбанд. Хусусан, дар замони муосир, замони нашъунамои илм ва техника, афзудани доираи маълумот комилан такмил додани усулҳо хеле муҳим аст. Ҷараёни такмили методҳо бояд ба барангехтани шавқу ҳаваси маърифатҷӯии талабагон, инкишофи мутаносиби онҳо нигаронида шавад.

Дар мактабҳои куҳна, чи таълими хониш ва чи хат ҳарду дар асоси методи ҳарфомӯзӣ гузаронида мешуд. Баъди он ки хонандагон ҳарфҳо ва миқдори зиёди ҳиҷоҳоро аз ёд карда, аз онҳо калима тартиб доданро ба тариқи сунъӣ ёд мегирифтанд, давраи хониши механикӣ оғоз мешуд. «Дар ин давраи таълим, усули ягона дар мактабҳои куҳнаи тоҷикӣ методи хониши механикӣ, қориёна аз ёд кардани порча ва матнҳо ба шумор мерафт» [9, с.95].

Домулло матнро ибора ба ибора, ҷумла ба ҷумла, паси ҳам мехонд ва талаба мувофиқи хониши ӯ он ибора ва ҷумларо механикӣ такрор мекард. Хонанда баъзан намедонист, ки домулло кадом сатр, кадом калима ё ибораро хонда истодааст, аммо гуфтаи ӯро такрор мекард ва кӯшиш мекард, ки оҳанги талаффузаш ба гуфти домулло мувофиқат дошта бошад.Домулло ҳаҷми муайяни матнро, ки бача қориазёд карда тавонад, тахминӣ аниқ карда меистод ва он сабақи хонанда ба шумор мерафт. Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса бармеояд, ки дар мактабҳои куҳна ба фаъолияти мустақилонаи талабагон чандон диққат дода намешуд.

«Фаъолияти мустақилона барои аз худ намудани асосҳои дониш ба талабаҳо ёрӣ расонида, қобилияти фикрии онҳоро метезонад, дараҷаи фаъолияти мустақилияти бачаҳоро баланд бардошта, дар онҳо малакаҳои меҳнати фикриро тарбия мекунад» [5, с.274].

Хелҳои фаъолияти мустақилона дар таълими забони модарӣ ниҳоят зиёд буда, интихоби онҳо ба шаклҳои дарс, характери маводи таълим ва мавзӯъ, инчунин ба дараҷаи тайёрии бачаҳо вобаста аст.Фаъолияти мустақилонаи талабагон баробари аз синф ба синф такрор ёфтан мураккаб шудан мегирад. Ин имконият медиҳад, ки бачаҳо донишҳои нав ба нав ҳосил намоянд.

Аз кори мустақилона ҳамчун қисми ҷудонашавандаи дарс мумкин аст дар вақти баёни мавзуи нав, мустаҳкам намудани донишҳои ҳосилкарда, дар вақти такрори ҷамъбасткунанда ва дар вақти санҷиши вазифаи хонагӣ истифода барем. Масалан, муаллим дар синфи II пеш аз он ки талабагонро бо ҳиҷо [10, с.59] шинос кунад, ба онҳо тавсия медиҳад, ки калимаҳои додашударо дар асоси донишҳои заминавӣ ба ҳиҷоҳо чудо кунанд «талаба, шогирд, муаллим». Талабагон ба донишҳои заминавиашон такя намуда калимаҳои пешниҳоднамудаи муаллимро ба ҳиҷоҳо ҷудо мекунанд (та-ла-ба, му-ал-лим, шо-гирд). Дар ин маврид, кори мустақилона барои аз худ намудани қоидаи мавзуи нав ёрӣ мерасонад.

Сипас, муаллим қоидаи ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаро муаррифӣ мекунад. **«Калимаҳо ба ҳиҷоҳо ҷудо мешаванд. Дар ҳар ҳиҷо як овози садонок аст. Дар калима чанд овози садонок бошад, ҳамон қадар ҳиҷо мебошад»** [10, с.59].

Дар таълими грамматика ва имло машқҳои гуногун барои фаъолияти мустақилонаи талабагон, аз қабили, рӯбардор, имлоҳои гуногун,таҳлили грамматикӣ, ба саволҳо ҷавоб навиштан, фикр кардани мисолҳо (калима, ҷумла) нақли хаттӣ, хелҳои гуногуни иншо ва ғайра истифода бурда мешаванд.

Муаллим ҳангоми мустаҳкамкунӣ аз як ё ду намуди ин машқҳо истифода мебарад, ки иҷрои онҳо кори мустақилонаро талаб мекунад. Баъзан бо роҳи ташкили кори мустақилона муаллим метавонад вазифаи хонагиро санҷад. Бо ин тарз, ӯ фаҳмиданӣ мешавад, ки талаба супориши додашударо ҳақиқатан худаш иҷро кардааст ё не.

Мисол, супориш ба хона. Барои тасвири манзара кадом калимаҳо зарур мешаванд.

| **Чӣ?** | **Чӣ хел? Чӣ гуна?** |
|---|---|
| **кӯҳ** | Баланд, сафед, осмонбӯс |

| | |
|---|---|
| **теппа** | Васеъ, сералаф, сабз, зебо, рангин |
| **боғ** | Дилкушо, зебо, сабз, сердарахт |

Муаллим барои санҷидани талаба, ки вазифаи хонагиро худаш тайёр кардааст, ё не ба ҳамин монанд супориш медиҳад.

| Чӣ? | Чӣ хел? Чӣ гуна? |
|---|---|
| девор | |
| гул | |
| себ | |

Аз сабаби он ки супориши кори мустақилона ба супориши вазифаи хонагӣ монанд аст, талабагон аз уҳдаи иҷрои он мебароянд.

Ё ин ки, ба хона вазифа супорида будем, ки номи ҳайвонҳоро ба тартиби алифбо гӯед ва беғалат ба дафтар нависед асп, буз, гов, гурба, гург, кабӯтар, маймун, рӯбоҳ, саг, сангпушт, уштур, урдак, уқоб, тутӣ, фил, хирс, харгӯш,ҷайра, шер.) [10, с.78].

Ҳамин ки дарс оғоз шуд, муаллим ба ҳамин машқ монанд, таъкид мекунад, ки ашё ва чизҳои синфро бо тартиби алифбо нависанд. Худи иҷрои кор ҳақиқати ҳолро нишон медиҳад. Чи тавре ки дидем, дарс ягон лаҳзае надорад, ки бе ташкил ва гузаронидани кори мустақилонаи талабагон гузарад. Дохил намудани кори мустақилона ба системаи умумии дарсҳо боиси фаъол гардидани тафаккури эҷодии талабагон ва раванди омӯзиш мегардад. Муносибати бошууронаи онҳоро нисбат ба маводи таълим инкишоф медиҳад.Самаранокии раванди таълими грамматика ва имло вобаста ба ташкили фаъолияти мустақилона ва ҷалби талабагон ба фаъолият мебошад.

Нақши фаъолияти мустақилона дар синфҳои ибтидоӣ басо назаррас буда, дар «рушди қобилияти зеҳнӣ», ташаккули инсони комил ва соҳиби тафаккури мустақилона, таҳлилӣ ва эҷодӣ будани онҳо заминагузори асосӣ мебошад. Мактаби ибтидоӣ ба талабагони хурдсол тавассути фаъолияти мустақилона хондан, навиштан,баёни маънӣ, ба хотир гирифтан, ҳисоб кардан, расм кашидану суруд хондан ва машқу ҳаракатҳои ҷисмониро дар заминаи ташаккули зеҳн ва тафаккури бедор меомӯзонад.

Муаллим аз талабагони синфи 1 тавассути фаъолияти мустақилона аз рӯйи китоби «Алифбо», ё ин ки аз тахтаи синф ду- се бор такроран хондани калимаҳои додашударо талаб мекунад. Мисол,

**кир-мак, Пар-виз,**
**мо-да-рам, ку-мак,**
**пил-ла, рӯ-ид,**
**па-да-рам, пар-ва-риш** [7, с.81].

Сипас, муаллим рӯйи калимаҳоро пӯшонида, мустақилона аз ёд навиштани онҳоро аз талабагон талаб менамояд. Мисол, ***кир-мак, мо-да-рам, пил-ла, па-да-рам, Пар-виз, ку-мак, рӯ-ид, пар-ва-риш.*** Баъд аз иҷрои ин машқ, калимаҳои аз ёд навишташударо ба калимаҳои китоби «Алифбо» ва тахтаи синф муқоиса мекунанд.Чунин машқ тадриҷан дар синфи III-IV мураккаб шудан мегирад. Масалан, аз ёд навиштани ҷумлаҳои хурд, баъд ҷумлаҳои калонтар, баъд чанд ҷумлаи алоқадор, аз ёд навиштани порчаҳои шеърии ҳифзшуда ва ғайра. Мисол, 1.Барги зулфро дар соя мехушконанд. 2.Зулф дар боғҳо, киштзорҳо, лаби ҷӯй ва сари чашма месабзад.

**Зулф** ( ҷумлаи алоқанок). Зулф дар боғҳо, киштзорҳо, лаби ҷӯй ва сари чашма месабзад. Барги зулфро дар соя мехушконанд.Чойи онро барои муолиҷаи кабудсулфа, дарди дандон, захми меъдаву рӯда мефармоянд [1, с.69].

Яке аз омилҳои беҳтарини аз худ намудани мавзуи дарсӣ, фаъолияти мустақилонаи хонандагон буда, барномаи нави забони модарӣ тибқи талаботи ислоҳоти нави мактаб талаб мекунад, ки дар талабагони синфҳои ибтидоӣ малакаҳои фаъолияти мустақилона бояд аз рӯзҳои аввали соли хониш шуруъ гардад. Чунки фаъолияти мустақилона асоси рушди тафаккур буда, қобилияти фикрӣ ва эҷодкории талабагонро парвариш медиҳад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст: «…қобилияти зеҳнӣ, илмӣ, таҳқиқотӣ ва ихтирокории таълимгирандагонро муайян намуда, нисбат ба онҳо ғамхорӣ кунанд» [3, с.11].

«Парваридан ва мустаҳкам намудани малакаҳои мустақилона фаъолият намудан дар дарс зери роҳбарии муаллим мегузарад.Бо ин тарз, талаба метод, усул ва роҳҳои мустақилона кор кардан бо китоб, бо маводи дидактикиро ёд мегирад, ҳаёти атроф ё таҷрибаи ҳаётиро дарк мекунад» [2, с.2]. Талабагон дар баробари аз худ намудани дониш дар амал ҷорӣ намудани онро ёд мегиранд.

1.Мисол, **Аз сутуни калимаҳо, ибора тартиб диҳед [11, с.170].**

| | |
|---|---|
| лутфи | судманд |
| чеҳраи | форам |
| сухани | хандон |
| овози | хуш |
| насими | гарм |
| ҳавои | қотил |
| заҳри | баланд |
| дарахти | гарм |

**2.Тартиб додани ҷумла аз ибора ва калимаҳои ҷудогона**

а)Иди модарон, аст,8 Март, хоҳарон.

б) месупорем, Дар, худ, туҳфа, ин ид,ба ,мо, модарону хоҳарон.

в) мегӯем, табрик , онҳоро.

Бо мақсади рушд бахшидан ба фаъолияти мустақилонаи талабагон якчанд варақчаҳои супоришдорро аз дастури методии Давлатова Р., Мирзоев Р., Довудов Р. «Маводҳои дидактикӣ оид ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ дар синфи дуюм» дида мебароем.

**Серияи13.Калимаҳое, ки ба саволи кӣ?,чӣ? ҷавоб мешаванд.**

**Варақчаи №1**

1.Номи умумии калимаҳои зеринро нависед:
Шафтолу, ангур, анор, себ, нок, олу, зардолу…
Сабзӣ, пиёз, турб, бодиринг…
Кирм, шапалак, малах…
Шағол, гург, рӯбоҳ, хирс…
2.Ба номҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

**Варақчаи №2.**

1.Дар барбари номҳои умумии зерин номҳои амиқи ашёҳоро мувофиқ нависед:
Сабзавот:…
Пойафзол:…
Қисмҳои иморат:

**Калимаҳо барои истифодабарӣ**: туфлӣ, мӯза, пойафзол, маҳсӣ, кафш, таҳкурсӣ, дар, шифт, тоқӣ, рӯймол, калапӯш, сабзӣ, пиёз, шалғам.

2.Шеърро хонед, калимаҳои ба саволи чӣ? ҷавоб мешудагиро гӯед:

**Қалами сеҳрнок**

Агар **расми гул** кашам, **Дарахти лимӯ** кашам,
**Олам гулистон** мешуд, **Боғи** дилафрӯз мешуд,
Ё **расми булбул** кашам, **Расми зангӯла** кашам,
Зуд он **ғазалхон** мешуд. Даррав **танаффус** мешуд.

**Варақчаи №3**

1.Ин шеърро хонед:
Аз дур дидем Дар пеши ҳайкал
Ҳайкали зебо, Ашӯла хондем,
Давида рафтем Ба пойи ҳайкал
Ба назди бобо. Гулдаста мондем.

2.Ба зери калимаҳои ба саволи кӣ? ҷавобшаванда хат кашед.

**Варақчаи 4.**

1.Бо калимаҳои додашуда ҷумла тартиб диҳед:

Гов, асп, гурба, қашқа, Ҷеран, Юлбарс.

2.Ба зери номи умумии ҳайвонҳо як хат, ба зери номи хосси онҳо ду хат кашед.

**Варақчаи 5.**

1.Дар як сутунча калимаҳои ба саволи чӣ? Ва дар сутунчаи дигар калимаҳои ба саволи кӣ? ҷавоб мешудагиро нависед:

Кабӯтар, Зебӣ, китоб, кабк, Маъруф, рӯбоҳ, талаба, кӯҳ, санг, муаллим, чашма, падар, пахта.

| Чӣ? | Кӣ? |
|---|---|
| | |

2.Бо калимаҳои талаба ва пахта ҷумла тартиб диҳед.

Дар варақчаҳо супоришҳои гуногуни грамматикӣ оид ба мавзуъҳои пешбинишудаи барнома зикр ёфтаанд.Супоришҳо барои ҳосил намудани малакаи кори мустақилона аҳамияти калон дошта, муаллим ҳангоми фаҳмонидани мавзуи нав, мустаҳкам кардан, такрор намудани дарс ва санҷидани дониши талабагон истифода карда қобилияти зеҳнии онҳоро рушд мебахшад.Супоришҳои варақчаҳо на танҳо бо мақсади фаҳмонидани мавзуи нав, балки барои мустаҳкам намудани дарс, такрори маводи дарси гузашта, инчунин барои омӯхтани мавзуъҳои оянда хам пешбинӣ шудаанд. Ҳар як варақча аз ду супориш иборат аст. Аҳамияти ин варақчаҳо барои мустаҳкам намудани қоидаҳои грамматикию имло ва корҳои луғавию орфографӣ ниҳоят калон аст. Он воситаест, ки кори инфиродии муаллимро бо талабагони ҷудогона таъмин мекунад. Чунин варақаҳоро барои ҳар як мавзуъ ва қисмҳои ҷудогонаи барнома (овоз ва ҳарфҳо, калима, ҷумла, нутқи алоқанок) тартиб додан мумкин аст.

Мушоҳидаи бешумори дарсҳои муаллимон нишон медиҳад, ки муаллимон бештари вақти дарсиро сарфи ба таври даҳанакӣ фаҳмонидани мавзуи дарсӣ намуда, ба фаъолияти мустақилона ва қобилияти зеҳнии талабагон ба таври кофӣ аҳамият намедиҳанд. Яъне, донишро дар шакли тайёр ба талаба пешниҳод намуда, диққати асосиро ба инкишофи хотир равона месозанд. Хонанда пас аз шунидан ё хондан вазифадор аст, ки маълумоти гирифтаашро дар хотир нигоҳ дорад ва онро бозгӯӣ карда тавонад. Чунин сохти таълимдиҳӣ ба он оварда мерасонад, ки хонандагон аз уҳдаи мустақилона ҳал кардани вазифае, ки дар раванди дарс дар наздашон гузошта мешавад, баромада наметавонанд. Талабагон дар дарс ҳамчун шунавандаи пассив иштирок карда, қоидаҳоро ба таври хушку холӣ аз ёд карда, маводи омӯхтаашонро дар амал дуруст истифода карда наметавонанд.

**Муқарриз:** ***Иззатова М.Н.*** **–д.и.п, профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоев И. Забони модарӣ барои синфи 3 /И.Абдуллоев [гурӯҳи муаллифон] Душанбе,2010. -376 с.
2. Давлатова Р. Материалҳои дидактикӣ оид ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ дар синфи дуюм /Р.Давлатова, Р.Мирзоев, Р.Довудов. -Душанбе, 1987. - 119 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». – Душанбе, 2014 –С. 16.
4. Маҳмудова М. Материалҳои дидактикӣ оид ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ, барои синфҳои ибтидоӣ /М.Маҳмудова. -Душанбе, 1987. - 74 с.
5. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ /М.Лутфуллоев. -Душанбе, 2007. -463с.
6. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир /М.Лутфуллоев. - Душанбе, 2001. -336с.
7. Лутфуллоев М. «Алифбо» /М.Лутфуллоев. Душанбе, 2013. -151 с.
8. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик /М.Лутфуллоев. Душанбе, 2015. -700с.
9. Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб /Қ.Рустамов. -Душанбе, 2001. -280 с.
10. Шарифзода Ф. Забони модарӣ барои синфи 2. -Душанбе, 2017. - 327 с.
11. Шарифзода Ф. Методикаи таълими забони модарӣ барои синфи 2. – Душанбе, 2014. - 355 с.
12. Шарифзода Ф. Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим. - Душанбе, 2020. - 463 с.
13. Шарифзода Ф. Ҳадафи фикр кашфи асрор аст. -Хуҷанд, 2021. - 250 с.
14. Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва фарҳанги ҷомеа./Ответ.ред.С.Сулаймони; АОТ[Текст].–.Душанбе; 2010. – 544 с.
15. Шарифзода Ф., Каримова И.Х. Педагогика. (Курс лекций). [Текст].– Душанбе: «Ирфон», 2008. – 284 с.

## ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЪЛИМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Дар мақола раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ҳақиқат, фаъолияти мустақилона дар рафти дарсҳо боиси фаъол гардидани тафаккури талабагон гардида, муносибати бошууронаи онҳоро нисбат ба маводи таълимӣ инкишоф медиҳад. Самаранок гузаронидани фаъолияти мустақилона ба он вобаста аст, ки омӯзгор дар ин ё он лаҳзаи дарс, аз кадом намуди корҳои мустакилона истифода мебарад ва чӣ тавр таваҷҷуҳи аҳли синфро ба иҷрои он ҷалб менамояд. Аксарияти муаллифоне, ки ба дидактика сарукор доранд, усули кор бо китобро ба гурӯҳи методҳои шифоҳӣ дохил кардаанд. Дар ҳақиқат, ин ҷо ҷабҳаи шифоҳӣ дида мешавад, муаллиму хонандагон баъди хондан натиҷаи онро шифоҳӣ баён мекунанд. Аз ин рӯ, мо наметавонем онро ба таври мусовӣ ба гурӯҳи усулҳои шифоҳӣ ва хаттӣ шомил бисозем,чунки талаба натиҷаи фаъолияташро аз рӯйи китоб метавонад ба тарзи таҳрирӣ (хаттӣ) пешниҳод намояд. Малака ва маҳорати кор кардан бо китоб маҳз дар мактаб омӯзонида мешавад. Мактаб вазифадор аст, ки шавқи китобхонии талабагонро бедор намояд. Мушоҳидаи бешумори дарсҳои муаллимон нишон медиҳад, ки муаллимон бештари вақти дарсиро сарфи ба таври даҳанакӣ фаҳмонидани мавзуи дарсӣ намуда, ба фаъолияти мустақилона ва қобилияти зеҳнии талабагон ба таври кофӣ аҳамият намедиҳанд.

**Калидвожаҳо:** дониш, инкишофи хотира, таълимдиҳӣ, мустақилона ҳал кардани вазифа дар раванди дарс,, истифодаи дурусти маводи таълимӣ.



## ОРГАНИЗАЦИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ НА ЗАНЯТИЯХ РОДНОГО ЯЗЫКА

В статье рассматривается процесс организации самостоятельной учебной деятельности учащихся начальных классов на уроках родного языка. По сути, самостоятельная деятельность на уроках приводит к активизации мышления учащихся, вырабатывает их сознательное отношение к учебным материалам. Эффективная самостоятельная деятельность зависит от того, какую самостоятельную работу использует учитель в тот или иной момент урока и как он обращает внимание класса на ее выполнение. Большинство авторов, занимающихся дидактикой, включили метод работы с книгами в группу устных методов. На самом деле здесь присутствует устный аспект, преподаватели и студенты высказывают устно свои результаты после прочтения. Поэтому мы не можем в равной степени отнести его к группе устных и письменных методов, так как студент может представить результаты своей деятельности на основе книги в редакционном (письменном) виде. Навыкам и умениям работать с книгами обучают в школе. Школа обязана пробуждать у учащихся интерес к чтению. Бесчисленные наблюдения за занятиями учителей показывают, что преподаватели большую часть учебного времени тратят на словесное объяснение предмета и не уделяют должного внимания самостоятельной деятельности и интеллектуальным способностям учащихся.

**Ключевые слова**: знания, развитие памяти, обучение, самостоятельное решение задач в процессе урока, правильное использование учебного материала.



## ORGANIZATION OF INDEPENDENT LEARNING ACTIVITIES OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS IN NATIVE LANGUAGE LESSONS

The article discusses the process of organizing independent learning activities of primary school students in the lessons of their native language. In fact, independent activity in the classroom leads to the activation of students' thinking, develops their conscious attitude to educational materials. Effective independent activity depends on what kind of independent work the teacher uses at one point or another in the lesson and how he draws the attention of the class to its implementation. Most of the authors involved in didactics included the method of working with books in the group of oral methods. In fact, there is an oral aspect here, teachers and students verbally express their results after reading. Therefore, we cannot equally attribute it to the group of oral and written methods, since the student can present the results of his work on the basis of the book in an editorial (written) form. Skills and abilities to work with books are taught at school. The school is obliged to arouse in students an interest in reading. Countless observations of teachers' classes show that teachers spend most of their teaching time on a verbal explanation of the subject and do not pay due attention to independent activity and intellectual abilities of students.

**Key words**: knowledge, memory development, learning, independent problem solving during the lesson, correct use of educational material.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бозоров Хушвахт*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16

**Сведение об авторе:** ***Бозоров Хушвахт*** - Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16

**Information about the author:** ***Bozorov Khushvakht*** - Kulyab State University named after. Abuabdulah Rudaki, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street 16

УДК: 371. 378

# УСУЛҲОИ ТАЪЛИМ, ИСТИФОДА ВА ТАТБИҚ НАМУДАНИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

*Одиназода С.А., Ҳакимиён С.Ф., Ғаниев Ч.Т.*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**

**Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов**

Имрӯз дар тамоми ҷаҳон технологияҳои замонавии таълим хеле васеъ паҳн гардидаанд. Яке аз намудҳои технологияи замонавии таълим технологияҳои иттилоотӣ (ТИ) ба ҳисоб меравaнд. Зарурияти истифодабарии технологияҳои нави иттилоотӣ дар раванди таълим бе шакку шубҳа арзёбӣ мегардад. Ҷомеаи муосир раванди истифодабарии фаъоли захираҳои иттилоотиро ба сифати маҳсулоти ҷамъиятӣ дар шароитҳои амаликунии шабакаи умумиҷаҳонии иттилоотӣ тавсиф менамояд, ки он дастрасӣ ба иттилоотро бе ягон гуна маҳдудият аз рӯйи ҳаҷм ва суръати иттилооти интиқолшаванда таъмин менамояд [1].

Паҳншавии васеи технологияҳои мултимедиа ва интернет имконият фароҳам меорад, то технологияҳои иттилоотӣ ба сифати воситаи муошират, тарбия ва ҳамгироӣ ба иттиҳоди ҷаҳонӣ истифода бурда шаванд. Табиист, ки таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба рушди шахсият ҳангоми худмуайянсозии касбӣ ва худташаккулёбӣ ҳис карда мешавад. Ҳама гуна амсилаи раванди таълим, ҳама гуна барнома бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва ё бе онҳо набояд ба чунин ташкили фаъолияти омӯзгор ва таълимгиранда, муошират ва муносибати байни онҳо нигаронида шуда бошад, ки бештар ба мантиқ ва қонуниятҳои худи раванди таълим ва шароитҳои гузаштани он мувофиқат намояд [1].

Истифодаи иттилооти таълимӣ, ки ба тариқи мустақилона дастрас гаштааст, раванди таълимро аз дараҷаи «истифодаи ғайрифаъоли иттилоот» ба дараҷаи «табдили фаъоли иттилоот» интиқол медиҳад, дар варианти нисбатан муосиртар - ба дараҷаи гузориши мустақилонаи вазифаи таълимӣ (проблема), пешниҳоди фарзия барои ҳалли он, санҷиши дурустии он ва ташаккули хулосаю натиҷаҳо оид ба қонунмандии мавриди назар мегузаронад. Зимнан ташкили шаклҳо ва навъҳои фаъолияти инфиродӣ, гурӯҳӣ ва дастаҷамъона бо истифодаи васоити информатизатсия муҳим мебошад [2].

Таҳлили тамоюлҳои муосири рушди таҳсилот, ки дар замони муосир барои тамоми ҷомеаи башарӣ хос буда, сиёсатро дар соҳаи таҳсилот дар аксари кишварҳо муайян мекунад, ба ташаккули низоми навгаштаи таҳсилот таъкид мекунад, ки имконоти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро татбиқ мекунад. Информатизатсияи глобалии ҷомеа муҳити иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва иқтисодиро ташаккул медиҳад, ки дар асоси донишҳо сурат мегирад. Зимнан, захираи муҳимтарини он инсон мегардад, ки қодир аст донишҳо дастрас карда, онҳоро истифода намояд, ҳамчунин дар раванди эҷод ва истифодаи донишҳои нав иштирок кунад. Омодагии чунин инсон фақат дар низоми нави таҳсилот имкон дорад, ки ба рушди пешбарандаи фард нигаронида шудааст [2].

Бозори босуръат рушдёбанда, чолишҳои нави тағйироти сиёсӣ, вазъи доимо тағйирёбандаи геополитикӣ нисбат ба хатмкунандагони макотиби олӣ дар соҳаи омодасозии муҳандисӣ талаботи навро тақозо мекунанд, салоҳияти техникӣ ва таълимии онҳо бояд ба дастовардҳои илму техника, пешрафт ва навовариҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёт мувофиқат кунад, аз ҷумла илм, техника ва саноат. Дар ин интегратсия маълумоти муҳандисӣ нақши яке аз муҳимтарин пайвандҳоро мебозад, ки татбиқи он фаъолияти тамоми блокҳои модели дигар: илм, истеҳсолӣ ва навовариҳои муҳандисиро таъмин менамояд [3].

Мо чунин мешуморем, ки маҳз ҳамин ягонагӣ ба вуҷуд овардани насли нави маҳсулоти интеллектуалии муҳандисиро, ки дар бозори муосири иқтисодӣ талаботи зиёд

доранд, таъмин менамояд. Ин вобастагии мутақобила, дар навбати худ, суолеро ба миён меорад, ки дар байни намояндагони ҷавонони имрӯза, хатмкунандагони самтҳои муҳандисӣ тахассуси зарурии касбие, ки ба талаботи корфармоён ва тағйирёбии стандартҳои касбӣ мувофиқат мекунанд, ташаккул дода шавад [3].

Дар робита ба ин, савол дар бораи зарурати ҷустуҷӯи траекторияҳо ва равишҳои нави таълимӣ ба миён меояд, ки муттасилии занҷири касбиро таъмин мекунанд: "хатмкардаи донишгоҳ-бакалавр-корманди IT-ихтисос", идомаи таҳсили мустақилона ва бозомӯзӣ, иштирок дар моликияти зеҳнӣ. барномаи рушди маҳсулот. Яке аз чунин захираҳои таълимӣ, ба андешаи мо, метавонад як равиши лоиҳавӣ дар таълим ҳамчун имконияти истифодаи имкониятҳои дохилишахсӣ ва касбии донишҷӯён бошад. Дар шароити муосири муносибатҳои бозорӣ барои ҷавонон як захираи муҳимми стратегӣ таҳия ва татбиқи амалия ва вобаста ба хусусиятҳои раванди истеҳсоли лоиҳаҳои тиҷоратии худ - маҳсулоти зеҳнии ҳуқуқи муаллифӣ мебошад, ки самараи истифодаи онҳо дар шароити гуногуни иқтисодӣ тавоноии иқтисодии ҳамаҷониба доранд. Аммо пеш аз он ки дар бораи хусусияти истифодаи равиши лоиҳавӣ дар таълим сухан ронем, биёед дар бораи ҳадафҳо ва вазифаҳои таълими муосир муфассалтар таваққуф кунем [4].

Аз ин рӯ, мо пешниҳод менамоем, ки вазифаҳои зерин дар шароити имрӯза баррасӣ карда шаванд:

— дар байни ҷавонон маҳорати муҳандисӣ инкишоф дода шавад;

— таъмини ҳифзи ҷомеа аз оқибатҳои манфии муносибатҳои бозории муосир, ки ба маҳсулоти моликияти зеҳнӣ таъсир мерасонанд;

— таъмини ҳамкории мусоиди шабакавӣ дар низоми "донишгоҳ-истеҳсолот";

— фароҳам овардани шароит барои танзими истеҳсолот ва рушди неруи ҷавонон;

— таъмини рушди истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир.

Дар робита ба ин, талаботи асосии имрӯза ба таълими муосири муҳандисӣ инҳоянд:

— ҳаракати академӣ ва касбӣ;

— сатҳи баланди тафаккури стратегӣ, ки қобилияти дидани натиҷаро дар муддати кӯтоҳ таъмин менамояд;

— чандирии касбӣ дар шароити тағйирёбии муносибатҳои бозорӣ;

— сатҳи баланди фарҳанги касбӣ ва муоширатат;

— муқовимат ба мушкилоти таҳсилоти касбии муосир;

— сифатҳои роҳбарӣ, малакаҳои роҳбарӣ, қобилияти тарҳрезии муҳандисӣ.

Талабот ба таълими муосири муҳандисӣ ва сифатҳои асосии хатмкунандагонро дар соҳаи омодасозии муҳандисӣ таҳлил намуда, мо ба вижагиҳои равиши лоиҳавӣ ба таҳсилоти муҳандисӣ дар Тоҷикистон муроҷиат мекунем. Дар доираи равиши лоиҳа мо маҷмуи усулҳо, принсипҳо ва қабулкуниҳоро пешниҳод менамоем, ки ба рушди дониш, малака ва таҷрибаи хатмкунандагони донишгоҳҳо дар татбиқи чорабиниҳои лоиҳа нигаронида шудаанд [4].

Дар заминаи доираи барномаи Фонди Аврупо ЭРАСМУС+ Capacity Building in Higher Education EXTEND 586060-EPP-1-2017-RO-EPKA2-CBHE JP «Excellence in Engineering Education through Teacher Training and New Pedagogic Approaches in Russia and Tajikistan» - (Беҳтар намудани таълимоти инженерӣ тавассути бозомӯзии омӯзгорон ва истифода аз усулҳои навини педагогӣ дар Россияву Тоҷикистон), ки дар ҷараёни он шарикони аврупоӣ тарзи ҷорӣ намудани усулҳои омӯзиши фаъоли лоиҳавӣ дар раванди

таълимиро, яъне кор бо барномаҳо бо истифода аз воситаҳои рақамиро омӯзониданд. Мо барномаҳои кории худро тартиб дода, дар курси тартибдодашуда амалӣ гардондем [5].

Масалан, усули омӯзиши фаъол, яъне метод Active Learning-ро аз тарафи Донишгоҳи техникии Рига (Латвия) шарҳ дода, омӯзонида шуд. Мақсади ин усул эҷоди як воситаи хеле муассир барои интиқоли дониш ва малакаҳои зарурӣ ва васеъ ба донишҷӯён мебошад. Хусусиятҳои фарқкунандаи ин усул аз омӯзиши классикӣ дар он аст, ки дар ин усул ҳама маълумот дастрас ва интерактивӣ мебошад.

Омӯзиш бо истифода аз технологияи Active Learning маънои омӯзиши анъанавиро надорад, ки иттилооти статикӣ дар рӯйи коғаз, мавҷудият ва паҳнкунии маводҳоро дар бар гирад. Ҳама маводҳое, ки барои омӯзиш истифода мешаванд, то ҳадди имкон интерактивӣ мебошанд. Азхудкунии маҳорат аз лаҳзае оғоз мешавад, ки донишҷӯ ба омӯзиши қисми назариявии савол шуруъ мекунад. Ин ба шумо имкон медиҳад, ки вақти зиёдро барои татбиқи малакаҳо дар раванди таълим сарф кунед ва фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро ҳавасманд кунед.

Намунаҳои Active Learning иборатанд аз Flipped Learning, Think-pair-share, Quiz ва омӯзиши саривақтӣ ва намоишҳои кӯтоҳ пас аз муҳокима дар аудитория иборат мебошанд.

Масалан, омӯзиши Flipped инҳоро дар бар мегирад:

— омода намудани лексияҳо аз ҷониби омӯзгор дар формати видеоӣ;

— донишҷӯёне, ки лексияҳоро дар формати видео тамошо мекунанд;

— мутолиаи матнҳои таълимӣ;

— супоридани тестҳо барои азхудкунии ибтидоии мавзуъ;

— иҷрои супоришҳои лабораторӣ ва муқаррар намудани мавзуи фаро гирифташуда.

***Think-pair-share***

— донишҷӯён супоришро мегиранд ва онҳо ин супоришро ба таври инфиродӣ иҷро мекунанд (масалан, коди барномаро менависанд), пас аз он, онҳо кори якдигарро тафтиш мекунанд ва натиҷаи онро дар ҷараёни дарс муҳокима мекунанд.

***Quiz***

Ҳангоми ташкили викторинаҳо муаллим бояд хусусиятҳои сифатии фаъолияти бозиро ба назар гирад:

— инкишоф додани фаъолияти озод;

— хусусияти фаъол, эҷодкор ва созандаи фаъолият;

— фаъолияти эҳсосӣ, мусобиқа, рақобат, хоҳиши беҳтар кардани натиҷа;

— мавҷудияти қоидаҳое, ки мундариҷаи бозӣ, пайдарҳамии мантиқии рушди онро инъикос мекунанд.

Истифодаи викторина ҳамчун яке аз намудҳои технологияҳои интерактивии бозӣ ба ҳалли вазифаҳои зерин мусоидат мекунад:

— мустақилона ҷустуҷӯ кардан, таҳлили иттилоот ва таҳияи роҳҳои ҳалли масъаларо ёд гиранд;

— дар коллектив кор карданро ёд мегирад: ба ақидаи дигарон эҳтиром кардан, нисбат ба дигар нуктаи назар таҳаммулпазир будан.

Масалан, дар фанни «Коркарди математикии барномаҳои компютерии Matlab ва Mathcad» тағирот ворид менамоем.

**Расми 1. Намунаи нақшаи корӣ аз фанни «Коркарди математикии барномаҳои компютерии Matlab ва Mathcad»**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 15 | Таҳлили дисперсионии барои нақшаи касрии ғайрисимметрӣ | | | 1 | 4,7 |
| 6. | 16 | Графикаи махсус | 1 | | | 1,3,6 |
| | 17 | Идоракунии объектҳои графикии шаффоф | | 1 | | 1,3,6 |
| | 18 | Нақшаи ғайрисимметрии касрӣ дар асоси росткунҷа | | | 1 | 4,7 |
| 7. | 19 | Операторҳо ва функсияҳо | 1 | | | 3,7,8 |
| | 20 | Истифодабарии операторҳо ва функсияҳои гуногун | | 1 | | 3,7,8 |
| | 21 | Истифодабарии кубҳои лотинӣ ва паралелипипедҳо дар масъалаҳои оптималии технологияҳои фармасевтӣ | | | 1 | 4,7 |
| 8. | 22 | Функсияҳои махсуси математикӣ | 1 | | | 3,7,8 |
| | 23 | Истифодабарии функсияҳои махсуси математикӣ | | 1 | | |
| | 24 | Кубҳои лотинӣ ҳамчун конфигуратсияи комбинаторӣ ва нақшаи таҷрибавии | | | 1 | 4,7 |

Мо метавонем як мисоли усули Active Learning-ро истифода барем ва бо ин роҳ тағйирот ворид кунем.

**Расми 2. Намунаи усули Active Learning**




Омӯзиш дар асоси омӯзиши лоиҳавӣ (Project Based Learning) аз ҷониби шарикони Донишгоҳи Минҳо (Португалия) гузаронида шуд. Мақсади усул аз он иборат аст, ки донишҷӯён роҳи ҳалли мушкилоти касбиро мустақилона пайдо кунанд. Муаллим дар назди гурӯҳ вазифа мегузорад ва озодии комили амалро медиҳад, худро бо нақши мушоҳидаи фаъол маҳдуд мекунад. Донишҷӯён худашон муайян мекунанд, ки барои иҷрои супориш чӣ маълумот лозим аст, онро аз куҷо бояд гиранд ва чӣ тавр дар амал татбиқ кардан лозим аст.Истифодаи омӯзиши лоиҳавӣ (Project Based Learning) ҳангоми дарсҳои гурӯҳӣ ба ҳалли вазифаҳои зерин мусоидат мекунад:— ба донишҷӯён омӯзонидани мустақилона ҷустуҷӯ намудан, таҳлили иттилоот ва таҳияи роҳи дурусти аз вазъият баромадан;— омӯзонидани дар коллектив кор кардан: ақидаи дигаронро эҳтиром кардан, ба ақида ва танқиди дигарон таҳаммулпазир будан;— Дар асоси далелҳои муайян андешаро ташаккул додан;— фароҳам овардани шароит барои бомуваффақият аз худ намудани маводҳо аз тарафи хонандагон.

**Расми 3. Намунаи усули Project Based Learning**




| Ҳафта | # | Номгӯи мавзӯъҳо | Машғулиятҳои аудитории лексионӣ-назариявӣ (соат) | Машғулиятҳои аудитории амалӣ (соат) | PBL |
|---|---|---|---|---|---|
| 11. | 31 | Массивҳои бисёрченака | 1 | | |
| | 32 | Кор бо массивҳои бисёрченака | | 1 | |
| | 33 | Истифодабарии нақшаи тақсимношуда дар технологияи фармасевтӣ бо доштани махзани ғайриякҷинса | | | 1 |

Ҳангоми татбиқи усулҳои нави таълим, бояд аз омӯзиши усули асбобҳои рақамӣ Digital Tools learning низ истифода бурд, ки ин усул низ аз тарафи Донишгоҳи техникии Рига (Латвия) пешниҳод гардид. Усули Digital Tools learning замимаҳоеро дар бар мегирад, ки иҷрои вазифаҳоро осонтар мекунанд, масалан, вебсайтҳо ё захираҳои онлайнро истифода бояд бурд.

Барои ба таври шавқовар ва эҷодкорона гузарондани машғулиятҳо аз технологияи муосир сари вақт истифода бурдан лозим аст. Яъне, омода намудани лексия дар формати презентатсияи онлайн, омода намудани тестҳо бо коди QR, омода намудани тестҳо дар шакли бозие, ки таваҷҷуҳи донишҷӯро ба худ ҷалб мекунад, эҷодкорию тафаккури мантиқии донишҷӯро баланд мебардорад.

Баъзе аз онҳо метавонанд аз веб-браузерҳо бидуни зеркашӣ дастрас шаванд ва метавон ба онҳо ҳам дар хона ва ҳам дар ҷойи кор дастрасӣ пайдо намоем. Рӯйхати абзорҳои омӯзиши онлайни рақамӣ, ки ҳама метавонанд истифода баранд:

- https://kahoot.it/
- https://animoto.com/business/education
- https://www.canva.com/ru_ru/
- https://www.mentimeter.com/
- https://miro.com/
- https://www.sli.do/

**Расми 4. Намунаи абзорҳои омӯзиши онлайни рақамӣ**

Example of quiz:

https://app.sli.do/event/y9naqs53

Дар ниҳоят, тасмим гирифтем, ки аз усули Quiz, Active Learning ва PBL истифода намоем. Инчунин бояд гуфт, ки ҳамаи усулҳо дар аудитория бо асбобҳои муосир истифода мешаванд. Яъне, ҳар ҳафта ба донишҷӯён дар шакли презентатсия лексияҳо хонда мешаванд. Дар машғулиятҳои амалӣ дар аудитория усули Quiz гузаронда мешавад. Ин чӣ гуна амалӣ мешавад? Муаллим бо истифода аз усули Digital Tools learning, барои мустаҳкам кардани лексияи қаблӣ дар формати онлайн тестҳо эҷод мекунад. Пеш аз оғози дарсҳои амалӣ донишҷӯён дар давоми 10 дақиқа тестҳоро бо истифода аз гаҷетҳои замонавӣ ё компютер ҳал мекунанд. Дарҳол пас аз санҷиш, дарсҳо ба таври муқаррарӣ

идома хоҳанд ёфт. Усули PBL дар як ҳафта як маротиба вобаста ба шумораи донишҷӯён гузаронида мешавад. Дар гурӯҳҳо донишҷӯён ба чанд гурӯҳ тақсим шуда, супориши гурӯҳӣ дода мешавад. Ва ҳар ҳафта дар навбати худ ҳар гурӯҳ дар аудитория бо мавзуи худ баромад намуда, ҳимоя мекунанд. Инчунин, методологияи омода намудани баромадҳо ва шароит барои гурӯҳҳо таҳия карда мешавад. Пеш аз ҳама, донишҷӯ бояд гузориши иборат аз 10 саҳифаро, ки аз дар худ сарсухан, рӯйхати адабиёт ва хулосаро дар бар мегирад омода кунад. Сониян, дар бораи усули Digital Tools learning дар боло зикршуда презентатсия омода кардан ва ниҳоят яке аз усулҳои Active Learning-ро истифода бурдан лозим аст.

**Расми 5. Намунаи коркарди барномаи корӣ**

The result of the modification after the seminar,

**Theoretical lessons – 16 hour**

**Practical lesson -16 hour**

**PBL – 16 hour**

**Active learning - 8 hours**

| weeks | № | LIST OF TOPICS LESSON ACTIVITIES INCLUDING HOURS | Total number of hours | | | Reference Books |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Theoretical (hour) | Practical (hour) | PBL | |
| 1. | 1 | Introduction to the MATLAB matrix system | 1 | | | 1,2,5 |
| | 2 | QUIZ/System installation and Operation System | | 1 | | 1,2,5 |
| | 3 | The use of Latin squares in the study of the optimal study of the processing of medicinal products | | | 1 | 4,7 |
| 2. | 4 | Basics of calculating visual graphics | 1 | | | 1,2,5 |
| | 5 | QUIZ/Creating and formatting graphics | | 1 | | 1,2,5 |
| | 6 | Latin squares as the combinatorial plan and the sefactor fraction plan | | | 1 | 4,7 |
| 3. | 7 | MATLAB user interface | 1 | | | 1,2,5 |
| | 8 | QUIZ/Working with interfaces | | 1 | | 1,2,5 |
| | 9 | Analysis of variance for combinatorial plan and sefactorial fraction plan | | | 1 | 4,7 |
| 4. | 10 | Simple MATLAB graphics | 1 | | | 1,3,6 |
| | 11 | QUIZ/Create different types of graphs | | 1 | | 1,3,6 |
| | 12 | The use of repetitive and cubic squares in the optimal processing of medicinal products | | | 1 | 4,7 |
| 5. | 13 | The concept of surface graphics | 1 | | | 1,3,6 |
| | 14 | QUIZ/Create surface graphs | | 1 | | 1,3,6 |
| | 15 | Analysis of variance for an asymmetric fraction plan | | | 1 | 4,7 |
| 6. | 16 | Special graphics | 1 | | | 1,3,6 |
| | 17 | QUIZ/Manage transparent graphical objects | | 1 | | 1,3,6 |
| | 18 | The asymmetric plan of the fraction is based on a rectangle | | | 1 | 4,7 |
| 7. | 19 | Operators and functions | 1 | | | 3,7,8 |
| | 20 | QUIZ/Using operators and different functions | | 1 | | 3,7,8 |
| | 21 | Use of Latin cubes and parallelepipeds in optimal problems of pharmaceutical technologies | | | 1 | 4,7 |
| 8. | 22 | Special mathematical functions | 1 | | | 3,7,8 |
| | 23 | Use of special mathematical functions | | 1 | | |
| | | QUIZ/Latin cubes as a combinatorial configuration | | | | |
| | 27 | Latin cubes of the second order and hypercubes of the third order | | | 1 | 4,7 |
| 10. | 28 | The concept of the base of the orthonormal matrix | 1 | | | 3,7,8 |
| | 29 | QUIZ/Calculate the step of the matrices | | 1 | | 3,7,8 |
| | 30 | Latin parallelepipeds and hyperparallelepipeds | | | 1 | 4,7 |
| 11. | 31 | Multidimensional arrays - multidimensional array | 1 | | | 3,7,8 |
| | 32 | QUIZ/Working with multidimensional arrays - practice multidimensional array | | 1 | | 3,7,8 |
| | 33 | The use of an unallocated plan in pharmaceutical technology with a non-heterogeneous database | | | 1 | 4,7 |
| 12. | 34 | The concept of structure | 1 | | | 3,7,8 |
| | 35 | QUIZ/Build a structure and access the components of an array structure | | 1 | | 3,7,8 |
| | 36 | Analysis of variance for undivided plan | | | 1 | 4,7 |
| 13. | 37 | Cell arrays | 1 | | | 5,6,8 |
| | 38 | QUIZ/Operation with array cells | | 1 | | |
| | 39 | Rationale for the choice of the model of dispersion analysis | | | 1 | 4,7 |
| 14. | 40 | Numerical methods | 1 | | | 5,6,8 |
| | 41 | QUIZ/Use functions to solve a system of written equations | | 1 | | 5,6,8 |
| | 42 | Application of the solution at the informal stages of planning and analysis of comparative experience | | | 1 | 4,7 |
| 15. | 43 | Data processing | 1 | | | 5,6,8 |
| | 44 | QUIZ/View data processing in a graphical window | | 1 | | 5,6,8 |
| | 45 | Making a decision on choosing an experimental plan with qualitative factors depends on the description of the problem | | | 1 | 4,7 |
| 16. | 46 | Processing of conditional data | 1 | | | 5,6,8 |
| | 47 | QUIZ/Calculation of string expressions of conditional data | | 1 | | 5,6,8 |
| | 48 | Algorithmic software for experimental planning and data processing | | | 1 | 4,7 |
| | | **Total:** | **16** | **16** | **16** | |

Хусусияти фарқкунандаи усулҳои нав аз усулҳои классикӣ дар он аст, ки дар ин усулҳо ҳама маълумот дастрас ва интерактивӣ мебошанд. Ин ба шумо имкон медиҳад, ки вақти максималиро барои амалӣ кардани маҳорат дар раванди таълим сарф кунед ва фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро баланд бардоред. Барои ба таври шавқовар ва эҷодкорона гузарондани машғулиятҳо аз техникаи ҳозиразамон сари вақт истифода бурдан лозим аст. Яъне, омода намудани лексия дар формати презентатсияи онлайн, омода намудани тестҳо бо коди QR, омода намудани тестҳо дар шакли бозие, ки таваҷҷуҳи донишҷӯро ба худ ҷалб мекунад, эҷодкорию тафаккури мантиқии донишҷӯро афзун менамояд.

**Муқарриз:Саидзода И.М. – н.и.т., ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Одинаева С. Роль мультимедиа-технологий обучения при проведении интерактивных лекций / С.Одинаева, Т.К. Хусанова // Вестник Таджикского национального университета. -2018.- № 8. -С. 227-231.
2. Одинаева С.А. Методы использования современных ИКТ в процессе о владения информационными технологиями / С.А.Одинаева, М.Файзали // Вестник Таджикского национального университета. -2019.- № 10-2. -С. 243-247.
3. Оринина Л.В. Возможности реализации проектного подхода в инженерном образовании России (на примере опыта европейских вузов) / Л.В.Оринина, С.А. Одинаева // В сборнике: Концепции современного образования: вопросы теории и практики. Сборник научных трудов. -Казань, 2020.- С. 86-93.

4. Оринина Л.В. Возможности реализации проектного подхода в инженерном образовании России и Таджикистана / Л.В.Оринина, С.А. Одинаева // Гуманитарно-педагогические исследования. -2019.- Т. 3. -№ 4. -С. 14-20.
5. Одиназода С.А. Matlab и Mathcad как пример современного инструментария математической разработки компьютерных программ / С.А.Одиназода, С.Ф.Хакимиён //Современное инженерное образование: вызовы и перспективы. –Магнитогорск,2022. -С.220-225.
6. Швец И.М. Проектный метод: особенности и проблемы использования в высшей школе / И.М. Швец //Вестник Нижегородского университета имени Н.И. Лобачевского. – 2014. -№3(4). - С. 235-240.
7. Полат Е. С. Метод проектов / Полат Е. С // Метод проектов: науч.-метод. сб. / БГУ. Центр проблем развития образования. – Минск: РИВШ БГУ, 2003. – С. 39–47. – (Современные технологии университетского образования. Вып. 2).
8. Ануфриева О. И. Использование проектных технологий как фактор повышения качества среднего профессионального образования / О. И. Ануфриева // Среднее профессиональное образование. – 2012. – № 3. – С. 3–6.
9. Боков Л.А. Технология группового проектного обучения в вузе как составляющая методики подготовки инновационно-активных специалистов / Л.А. Боков, М.Ю. Катаев, А.Ф. Поздеева // Современные проблемы науки и образования. – 2013. – № 6. – [*манбаи электронӣ*]. URL: http://www.science-education.ru/ru/article/view?id=11762 (санаи истифодабарӣ: 26.02.2022).
10. Бтемирова Р.И. Метод проектов в условиях современного высшего образования / Р.И. Бтемирова // Современные проблемы науки и образования. – 2016. – № 3. [*Манбаи электронӣ*]. URL: http://www.science-education.ru/ru/article/view?id=24488 (санаи истифодабарӣ: 10.03.2022).
11. Дубровина О. С. Использование проектных технологий в формировании общих и профессиональных компетенций обучающихся / О. С. Дубровина // Проблемы и перспективы развития образования (II): материалы междунар. заоч. науч. конф. (г. Пермь, май 2012 г.). — Пермь: Меркурий, 2012. – С. 124-126.
12. Иванова С. Г. Использование проектной деятельности как метода обучения студентов вуза / С. Г. Иванова // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2017. – Т. 25. – С. 199–201. [*Манбаи электронӣ*]. URL: http://e-koncept.ru/2017/770553.htm (санаи истифодабарӣ: 30.03.2022).
13. Фролова Г.З. Проектное обучение в вузовском образовании / Г.З. Фролова // Журнал научных публикаций аспирантов и докторантов – 2006. – №8. [*манбаи электронӣ*]. URL: http://jurnal.org/articles/2012/pedhtml (санаи истифодабарӣ: 7.04.2022)
14. Мезенцева М.Е., Попова Н.В. Современные тенденции развития метода проектных технологий в школе и вузе // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Гуманитарные и общественные науки. -2019. -Т. 10. -№ 4. -С. 56–68. DOI: 10.18721/JHSS.10406
15. Надеждин Е.Н. Метод проектов в системе обучения магистрантов по направлению подготовки «Прикладная информатика» // Образование и педагогика: теория и практика : материалы Всеросс. науч.-практ. конф. (Чебоксары, 4 дек. 2020 г.) / редкол.: Ж.В. Мурзина [и др.] – Чебоксары: ИД «Среда», 2020. – С. 45-48. – ISBN 978-5-907313-97-2.
16. Проектный метод обучения. *[Манбаи электронӣ]. URL:* https://infourok.ru/statya-proektnyj-metod-obucheniya-4590063.html (санаи истифодабарӣ: 28.04.2022).

## УСУЛҲОИ ТАЪЛИМ, ИСТИФОДА ВА ТАТБИҚ НАМУДАНИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

Дар мақола усулҳои таълим, истифода ва татбиқи технологияҳои муосир ва воситаҳои онлайнӣ дар раванди таълими докторантҳои Ph.D баррасӣ шудаанд. Намунаҳои усулҳои шарикони аврупоӣ бо истифода аз омӯзиши Active Learning ва Project Based Learning ҳангоми истифодаи омӯзиши Digital Tools learning оварда шудаанд. Ҳар як усул дорои хусусиятҳои беназир ва фарқкунанда буда, ба эҷоди воситаҳои хеле муассир барои интиқоли дониш ва малакаҳои зарурӣ ва васеъ ба донишҷӯён мусоидат мекунад. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки вақти максималиро барои амалӣ кардани маҳорат дар раванди таълим сарф намуда, фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро баланд бардорем. Усули асбобҳои омӯзиши рақамӣ барномаҳоеро дар бар мегирад, ки вазифаҳоро осон мекунанд, ба монанди вебсайтҳо ё захираҳои онлайн. Барои ба таври шавқовар ва эҷодкорона гузарондани машғулиятҳо аз техникаи ҳозиразамон сари вақт истифода бурдан лозим аст. Яъне, омода намудани лексия дар формати презентатсияи онлайн, омода намудани тестҳо бо коди QR, омода намудани тестҳо дар шакли бозие, ки таваҷҷуҳи донишҷӯро ба худ ҷалб мекунад, эҷодкорию тафаккури мантиқии донишҷӯро афзун менамояд.

**Калидвожа:** усулҳои нави таълим, рушди таҳсилот, маҳсулоти интеллектуалӣ, омӯзиши фаъол, омӯзиши лоиҳавӣ, омӯзиши онлайни рақамӣ, усули тестӣ.

## МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ, ИСПОЛЬЗОВАНИЯ И РЕАЛИЗАЦИИ СОВРЕМЕННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

В статье рассмотрены методы обучения, использования и реализации современных технологий и онлайн-инструменты в процессе обучения *PhD* докторантов. Были приведены примеры методов использования европейских партнеров на примере Active Learning и Project Based Learning и Digital Tools learning. Каждый метод включает в себя уникальные и отличительные черты и способствует созданию высокоэффективных инструментов

передачи необходимых широких знаний и навыков студентам. Отличительная черта новых методов от классических методов включается в том, что в этих методах вся информация доступна и интерактивна. Это позволяет уделить отработке навыка максимальное время в процессе обучения и стимулировать познавательную активность студентов. Метод цифровых инструментов обучения включает в себя программы, которые облегчают выполнение задач, например, веб-сайты или онлайн-ресурсы. Чтобы провести занятия увлекательно и креативно, надо своевременно использовать современные технологии. То есть подготовка лекции в формате онлайн-презентации, подготовка тестов с QR-кодом, подготовка тестов в формате игры, которые привлекают внимание студента, повышают его креативность и логическое мышление и в итоге эти методы дают отличный результат.

**Ключевые слова:** новые методы обучения, развитие образования, интеллектуальные продукты, активное изучение, проектное обучение, онлайн цифровое-обучение, метод теста.

**METHODS OF TEACHING, USING AND IMPLEMENTATION PROCESS OF MODERN TECHNOLOGY**

The article discusses the teaching methods, use and implementation of modern technologies and online tools in the process of teaching PhD doctoral students. Examples of methods from European partners were given using the example of Active Learning and Project Based Learning when using Digital Tools learning. Each method includes unique and distinctive features and contributes to the creation of highly effective tools for transferring the necessary, broad knowledge and skills to students. A distinctive feature of the new methods from the classical methods is that in these methods all information is available and interactive. This allows you to devote maximum time to practicing the skill in the learning process and stimulate the cognitive activity of students. The digital learning tools method includes programs that make tasks easier, such as websites or online resources. In order to conduct classes in an exciting and creative way, it is necessary to use modern technologies in a timely manner. That is, preparing a lecture in the format of an online presentation, preparing tests with a QR code, preparing tests in the format of a game that attracts the student's attention, increases the student's creativity and logical thinking, and as a result, these methods give excellent results.

**Keywords:** new teaching methods, education development, intellectual products, active learning, project based learning, Digital Tools learning, test method.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Одиназода Сафаргул Атабек*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои физикаю математика, мудири кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 918–85–70–83;**

***Ҳакимиён Сарвинаи Фармондухт*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 93-327-04-04**; E-mail: **sarvina94@mail.ru.**

***Ғаниев Чалиш Тағойбекович*** – Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саймумин Раҳимов, номзади илмҳои физикаю математика, муаллими калони кафедраи информатика., **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. Лучоб, 53, Телефон: **(+992) 918-59-61-64**. E-mail: **chalish@mail.ru**

**Сведение об авторах:** ***Одиназода Сафаргул Атабек*** **–** Таджикской национальный университет, кандидат физико-математических наук, заведующая кафедрой математического и компьютерного моделирования **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан,город Душанбе, проспект Рудаки, 17, Телефон: **(+992) 918–85–70–83**

***Хакимиён Сарвинаи Фармондухт*** – Таджикской национальный университет, докторант PhD кафедры математического и компьютерного моделирования. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан,город Душанбе, проспект Рудаки, 17, Телефон: **(+992) 93-327-04-04**; E-mail: **sarvina94@mail.ru.**

***Ганиев Чалиш Тагойбекович*** **–** Таджикский институт физической культуры имени С. Рахимова, кандидат физико-математических наук, старший преподаватель кафедры информатики **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, п. Лучоб, 53, Телефон: **(+992) 918-59-61-64**, E-mail: **chalish@mail.ru**

**Information about author:** ***Odinazoda Safargul Atabek*** - Tajik National University, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Head of the Department of Mathematical and Computer Modeling. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave.17, Phone: **(+992) 918–85–70–83;** E-mail: **safa_37@mail.ru, safargulodinazoda@gmail.com.**

***Hakimiyon Sarvinai Farmondukht*** - Tajik National University, Doctor Ph.D of the Department of Mathematical and Computer Modelinge. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave.17, Phone: **(+992) 93-327-04-04**; E-mail: **sarvina94@mail.ru.**

***Ganiev Chalish Tagoybekovich*** - Tajik Institute of Physical Culture named after S.Rashimov, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Informatics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Luchob ave.53, Phone: **(+992) 918-59-61-64**; E-mail: chalish@mail.ru.

УДК: 378.2

# МЕТОДИКАИ ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ ЗАРРАҲОИ ЗАРЯДНОК БО ЯДРО ВА ҚИСМҲОИ ТАРКИБИИ ҶИСМҲОИ САХТ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИНФОРМАТСИОНӢ

*Ҷалилов Ф., Рахимов А.А., Умаров А.А., Баротов Ҷ.Ш.*

**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд,**

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Агар заррахо заряднок бошанд, байни онҳо қувваи мутақобилии электрикӣ амал мекунад, ки бузургии он бо ёрии формулаии қонуни Кулон муайян карда мешуд. Самти таъсири ин қувва вобаста ба заряди заррахо ё ҷисмҳои заряднок муайян карда мешуд. Агар заррахо ҳамном бошанд (заряди якхела дошта бошанд), қувваи таъсиркунанда теладиҳӣ шуда, агар гуногунном (зарядашон ҳархела бошад) он қувва кашиш мешавад. Бузургии ин қувва ба бузургии заряди ҷисмҳо, заррахо афзуда, квадрати масофаи байни заррахо кам шуда меравад. Агар заррахо дар муҳити диэлектрикӣ воқеъ гашта бошанд, пас қувваи таъсиркунанда ба бузургии нуфузпазирии муҳит ε кам шуда меравад. Агар нуфузпазирӣ калон бошад, қувва хурд, агар нуфузпазирӣ хурд бошад, қувва калон мешавад.

Маълум аст, ки ҷисмҳои сахти дар табиат дучоршаванда (умуман, ҳамаи моддаҳои дар табиат мавҷуда) аз молекулаву атомҳо таркиб ёфтаанд. Молекулаҳо бошанд, аз маҷмуи атомҳои якхела ё гуногун таркиб меёбанд, ки хосияти химиявии моддаҳоро тавсиф мекунанд. Масалан, молекулаи об аз ду атоми гидроген ва як атоми оксиген таркиб ёфтааст ва ғайра. Байни атомҳои модда алоқамандиҳои намудҳои гуногун амал мекунанд, ки вобаста ба структура ва аз кадом атомҳо таркиб ёфтанашон тарзҳои гуногуни алоқамандиҳоро ба амал меоранд. Агар молекула дар натиҷаи ҳамҷояшавии электронҳои валентӣ ба амал ояд, яъне электронҳ валенти дар атрофи атомҳои алоқамандиро баамаловаранда, яклухт дар атрофи ду атом давр занад, ин намуд алоқамандиро алоқамандии ковалентӣ ё гомеополярӣ меноманд. Ин алоқамадии баамаломада ягона намебошад.

Дигар намуди алоқамандӣ хело паҳн гашта, ионӣ ё гетерополярӣ мебошад. Ба ин мисол шуда метавонад фториди натрий NaF. Дар атоми натрий K ва L қабат пуршуда буда, аммо дар қабати M электрони s дар ҳолати холӣ аст. Энергияи алоқамандии ин электрон ба 5,12 эв баробар аст. Дар атоми фтор F бошад, K қабат пурра буда, аммо дар L қабат ҳафт электрон мавҷуд аст, ки як спинаш пурра не, як электрон намерасад, аз ин сабаб атоми фтор метавонад як электронро ба худ қабул кунад ва дар натиҷа як электронро қабул карда, ба иони фтори манфӣ мубаддал мегардад. Энергияи ин электрони дар M қабт буда ба 4,13 эв баробар аст. Дар мадди аввал ба назар мерасад, ки ин гузариш аз ҷиҳати энергетикӣ ғайриимкон мебошад. Дар асл ин тавр набуда, баръакс, он иҷрошаванда мебошад. Гарчанде энергияивазкунӣ байни электрони валентии Na ва мобайнии Фтори F -и дар L қабат хобида ғайриимкон намояд ҳам, аммо ин амалӣ мегардад. Ионҳои дар ин ҳолат воқеъ гашта гуногуналомат буда, мутақобилии онҳо дар энергияҳои калон ва масофаҳои хурд ба амал меоянд. Ҳангоми r≈ 5 $A^0$ будан, энергияи

алоқамандӣ ба 2,9 эв баробар мешавад, ки онро бевосита дар натиҷаи ҳисобкуниҳои сода муайян намуданамон мумкин аст [5]:

$$\frac{e^2}{r}=\frac{(4{,}8*10^{-10})^2}{5*10^{-8}*1{,}610^{-12}}=2{,}9 \text{ эв.}$$

Ҳамин тариқ, энергияи мутақобилаи байни ионҳои мусбати натрий $Na^+$ ва иони манфии фтор $F^-$ ба амал омада, атомҳоро дар якҷоягӣ нигоҳ медорад ва ба 4,13+2,9=7,03 эв баробар аст. Ин энергияи мутақобилаи хело калон аз энергияи нигаҳдории электронҳои атоми натрий Na (5,12 эв) мебошад. Аз ин лиҳоз, атоми натрий ва атоми F дар якҷоягӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Алоқамандии ионӣ фаҳмиши абстрактӣ мебошад, чунки электрони валентӣ аз натрий ба фтор ба пуррагӣ намегузарад ва қисман иони мусбати натрийро давр зада меистад. Дар навбати худ, электрони валентии фтор низ дар атрофи иони мусбати натрий давр зада меистад. Ҳамин тариқ, алоқамандии пайдошударо ҳам ионӣ ва ҳам ковалентӣ ҳисобиданамон мумкин аст. Аммо ҳангоми пайвастшавии атомҳои ба ҳам монанд (тождественные атомы) алоқамандии ҳосилшаванда танҳо ковалентӣ мебошад. Ҳамин тавр, ин ҷо танҳо оиди ду намуди пайдошавии алоқамандиҳо байни атомҳои ҷисми сахт истода гузаштем ва боварӣ ҳосил намудем, ки алоқамандӣ вобаста ба даврзании электронҳои валентӣ дар гирди атомҳо (алоқамандии ковалентӣ) ва мутақобили электронҳои дар қабатҳои гуногун воқеъгаштаи атомҳо ба амал меомадааст, ки онро мутақобилии ионӣ меномем. Вобаста ба ин, гуфта метавонем, ки аз ҷиҳати энергетикӣ электронҳои спинашон ба ҳам муқобил алоқамандиро ба амал оварда метавонанд ва алоқамандиҳо маҳз аз ин лиҳоз низ ба амал меоянд.

Ҳамин тариқ, баамалоии алоқамандиҳои намудҳои дигар низ аз конфигуратсияи атомҳои ҷисми сахтро баамаловаранда ва сохти электронии онҳо (пуршавии қабатҳои электронӣ, ҳолати дар қабатҳо воқеъгардии онҳо) вобаста мебошад [1; 6].

Бояд қайд кунем, ки мутақобилии зарраҳои заряднок бо ҷисми сахт маҳз дар натиҷаи бартараф кардани ин қувваҳои дар ҷисм амалкунанда ба амал меояд. Асосан мутақобилии зарраҳои заряднок бо ионҳо, ядрои атомҳои дар гиреҳҳои панҷараи кристаллии ҷисмҳои сахт воқеъгашта ба амал меояд. Барои мутақобилии зарраҳои зарядноқро бо ҷисмҳои сахт омӯхтан, якчанд масъалаҳоро дида мебароем ва ба асли ҳодисаҳои мутақобилии зарраҳои заряднок бо ҷисми сахт шинос мешавем. Аз дигар тараф, ҳалли масъалаҳо доири ин мавзуъ (умуман барои ҳамаи мавзуъҳо ҳам) ба ташаккулёбии дониши бунёдии донишҷӯён, муҳассилин ва мустаҳакамшавии донишҳои азбаркардаашон саҳми босазо мегузорад. Дар ҷараёни ҳалли масъала, пеш аз ҳама, марҳилаи бахотироварӣ, бунёдсозии донишҳои пеш омӯхта, аз рӯйи формулаҳои фундаменталӣ муайян кардани дигар формулаҳои ҳосилавӣ, дар натиҷаи гузаронидани амалҳои математикӣ, амалӣ карда мешавад. Ҳамаи ин амалҳо боиси ташаккулёбии дониши муҳассилин, мустаҳкамшавии дониши донишҷӯён, пайдошавии салоҳияти ба татбиқ шомилшаванда мегардад. Дар ҳама ҳолатҳо ҳангоми санҷидани дониши донишҷӯён, муҳассилини мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар ҳаводорони фанни физика, роҳи дуруст ва муваффақ ҳал кардани масъала мебошад. Масъаларо ҳал карда тавонистан аз он дарак медиҳад, ки донишҷӯ, муҳассилин дониши хуби назариявӣ дошта, мавзӯъро хуб дарк кардааст. Масъалаҳалкунӣ амали эҷодӣ мебошад. Баъзе донишҷӯён формулаҳоро донанд ҳам, лекин натиҷаи ҳосил кардаашон нодуруст мебароянд. Сабаб дар он аст, ки ҳангоми иҷро кардани амалҳои гузориш ва

формулаҳосилкунӣ ба хатоҳои ҷузъӣ роҳ медиҳанд. Дуруст сарфаҳм намераванд ва дар натиҷа, самти ҳалро ғалат муайян намуда, формулаҳои заруриро кор намефармоянд ва формулаҳои ба мақсад мувофиқро ҳосил наменамоянд. Бисёрии донишҷӯён дурустии формуларо санҷида наметавонанд ва формулаҳои ҳосилкардаашон аз маҷмуи бузургиҳои ба таври тасодуфӣ гузошта иборат мебошад, ки дар натиҷа ҳал нодуруст мешавад. Дар рафти ҳалли масъала мо ҷиҳатҳои нозуки масъалаҳалкуниро боз зарур шавад таъкид карда мегузарем [3; 4].

Ҳалли масъалаҳои физикӣ ба дониш ва малакаи масъалаҳалкунандагон вобаста мебошад. Ҳар як боб, ҳар як мавзуи нав дорои формулаҳои махсуси худ аст ва онҳоро надониста мо масъаларо ҳал карда наметавонем. Ҷиҳати дигари на камтар аз дониш аҳамият дошта, ин ба таври фаврӣ дигаргунсозии формулаҳои физикӣ бо истифодабарии амалҳои математикӣ мебошад. Дар ин самт ҳам дониши ибтидоии аз математика доштаи муҳассилин ва донишҷӯён аҳамияти калон дорад. Ҳал кардани масъала гуфта, якчанд амалҳои одии математикиро бо ҳамаи нишондодҳояш иҷро карданро дар назар дорем. Ҳеҷ гоҳ амалҳоро ба дараҷаи баланд иҷро накарда, ҷобаҷогузории формулаҳои бузургиҳои физикиро таъмин нанамуда, ҳалли мақсадноки масъалаи пешниҳодшударо пайдо карданамон номумкин аст.

Дар масъалаи мазкур талаб карда шудааст, ки қувваи теладиҳии байни ядрои атоми натрий ва протони ба он наздикшаванда муайян карда шавад. Пеш аз ҳама, савол ба миён меояд, ки чаро қувваи теладиҳанда на кашиш? Маълум аст, ки байни зарраҳои заряднок қувваи электростатикии аз рӯйи қонуни Кулон муайян кардашаванда амал мекард ва ин қувва дар ҳолати ба ҳам таъсир кардани зарраҳои ҳамном теладиҳӣ ва гуногунном кашиш (ҷазбшавӣ) буд. Азбаски заряди ядрои атоми натрий аз заряди протонҳои дар ядро буда иборат мебошад ва протонҳо заряди мусбатро доро мебошанд, бинобар ин заряди ядро низ мусбат мебошад ва он аз рӯйи формулаи $q_{Na}$=z*e (1) муайян карда мешавад. Ин ҷо z-номери тартибии элемент, ки адади протонҳои дар ядро мавҷуда ва электронҳои дар атрофи ядро даврзанандаро ифода мекард. e-заряди элементарӣ, хурдтарин, ки он ададан ба заряди электрон e=1,6 $*10^{-19}$ Кл. баробар аст. Ин ҷо савол ба миён меояд: Барои чӣ дар формула протонро нанавишта, заряди электронро навиштем? Чунки заряди электрон ва протон ададан ба ҳамдигар баробаранд, лекин зарядҳояшон гуногунаст. Заряди протон мусбат ва заряди электрон манфӣ мебошад [11]. Ин ҳақиқати кайҳо маълумро муҳассилин ва дигарон надониста, амалҳои ноҷоро иҷро карда масъаларо ба ҷигилӣ мебаранд. Қувваи байни протон ва ядрои атоми натрий теладиҳанда буданашро аз якхела будани аломатҳояшон пай бурданамон мумкин аст. Ҳамин тариқ, заряди ядро аз суммаи заряди протонҳои дар ядро мавҷуда иборат мебошад. Азбаски заряди протон ба заряди электрон ададан ба e=1,6 $10^{-19}$ Кл ва аломаташ мусбат мебошад, инчунин шумораи протонҳои дар ядро мавҷуда ба рақами тартибии натрий 11 баробар, бинобар он заряди ядро ба$q_{Na}$=11*1,6 $10^{-19}$=1,76 $10^{-19}$ Кл баробар мешавад ва он мусбат мебошад. Заряди ядрои атоми натрий ба 1,76 $10^{-19}$ Кл баробар будааст. Чуноне ки дар боло қайд намудем, байни зарядҳои аломаташон якхела қувваи теладиҳи амал мекард, бинобар ин байни ядрои атоми натрий ва протон қувваи теладиҳӣ амал карда, протонро ба ядро наздик шудан намегузорад.

Бузургии қувваи теладиҳиро барои муайян кардан аз формуллаи қонуни Кулон истифода мебарем.$F_{Na,p}=\frac{q_p*q_{Na}}{4\pi\varepsilon_0 r^2}$ (2)

Дар ин формула $q_p$ ва $q_{Na}$ заряди протон ва ядрои атоми натрий, $\varepsilon_0$-доимии электрикӣ, ки қимати ададиаш ба 8,85*10$^{-12}\frac{Кл^2}{Н*м^2}$ баробар ва r- масофаи наздиктарини байни протон ва ядрои атоми натрий, мебошад. Формулаи (2) формулаи ҳисобкунӣ мебошад, чунки ҳамаи бузургиҳои физикии дар формула мавҷуда дода шудаанд. Метавонем қиматҳои ададии бузургиҳои физикиро гузошта, натиҷагирӣ кунем. Аммо пеш аз ин амалро иҷро кардан, мо бояд дурустии формуларо санҷем. Барои ин ба ҷойи бузургиҳои физикӣ воҳидҳояшро гузошта, воҳиди бузургии тадқиқшавандаро муайян мекунем. Агар воҳиди бузургии тадқиқшаванда ҳосил шавад, формула дуруст, агар ҳосил нашавад, формулаи ҳисобкунӣ нодуруст мебошад. Амали санҷишро иҷро мекунем.

$F_{Na,p}=\frac{Кл*Кл}{\frac{Кл^2}{Н*м^2}*м^2}$ = Н=MLT$^{-2}$

Гузориш нишон дод, ки воҳиди қувва Н ҳосил шуд. Формулаи (2) дуруст будааст. Қиматҳои ададии бузургиҳои физикиро гузошта, ба (2) ҳосил мекунем:

$F_{Na,p}=\frac{1,6*10^{-19}*17,6\ 10^{-19}}{4*3,14*8,85*10^{-12}*(6*10^{-14})^2}=\frac{28,16*10^{-38}}{4001,616*10^{-40}}$=0,00703*10$^2$=0,703 Н

Ҳамин тариқ, маълум намудем, ки ҳангоми ба ядрои атоми натрий наздик шудани протон ба масофаи 6*10$^{-14}$ м қувваи байниҳамтаъсири ядрои атоми натрий ва протон ба 0,703 Н баробар мешудааст. Тавре дар боло қайд намудем, ҳангоми ҳал ё пас аз ҳал кардан баъзан ба фикри донишҷӯи аълохон ё кунҷков масъалаи наве ҳувайдо мегардад, ба мисли ҳангоми то ин масофа наздик шудани протон он чӣ қадар кор иҷро мекарда бошад? Суръати ҳаракати протони ба ядро наздик шуда ба чанд баробар бошад? Азбаски протон ҳангоми наздик шудан қувваи теладиҳиро бартараф намуда, кор иҷро менамояд ва бузургии кори иҷрокарда аз рӯйи формулаи А=$F_{Na,p}$*r муайян карда мешавад. Барои муайян кардани суръати ҳаракати протон аз вобастагии кор ва энергия истифода мебарем. Ба ҳама маълум аст, ки бузургии кори иҷро карда ба тағйирёбии энергияи кинетикӣ баробар мебошад, бинобар ин мо метавонем суръати ҳаракати протонро муайян намоем. Мебинем, ки дар ҷараёни ҳалли масъала муаммоҳои нав низ пайдо шуданашон мумкин аства онро маҳз дар натиҷаи истифодабарии формулаҳои мушаххаси равандро тавсифкунанда натиҷагирӣ менамоем. Барои ин тасаввур карда тавонистан лозим, ки ҳангоми таъсир кардани қувва ба ягон ҷисм аз тарафи қувва кор аз болои он ҷисм, дар масъалаи мазкур протон, иҷро карда мешавад. Маълум, ки кор дар ин ҳолат ба тайъирёбии энергияи кинетикӣ баробар буд. Ба таври математикӣ инро чунин менависем:

$F_{Na,p}$*r= $\frac{m*\vartheta_2^2}{2}$ - $\frac{m*\vartheta_1^2}{2}$ (3)

Дар формулаи (3) $\vartheta_1$ ва $\vartheta_2$ суръатҳои аввала ва охираи протон мебошад. Аз сабабе, ки қувваи аз тарафи ядро ба протон таъсиркунанда теладиҳӣ буд, бинобар ин протони ба ядро наздикшаванда оҳиста ба ядро наздик шуда, дар охир суръати он ба нол баробар мешавад ($\vartheta_2$=0). Ин ҳолро ба эътибор гирифта, баробарии (3)-ро ба намуди зерин менавишем:

$F_{Na,p}$*r=- $\frac{m*\vartheta_1^2}{2}$ (4)

Дар формулаи (4) аломати (-) ҳақиқатан самти ба ҳам муқобил доштани қувва ва ҳаракати электронро ифода мекунад. Метавонем аломати минусро ба эътибор нагирем ва формуларо ба намуди зерин нависем:

$F_{Na,p}$*r= $\frac{m*\vartheta_1^2}{2}$ (5)

Формулаи (5)-ро дигаргун сохта, баробарии зеринро менависем:

$2*F_{Na,p}*r=m*\vartheta_1^2$ (6)

Аз (6) истифода бурда, $\vartheta_1$-ро муайян мекунем:

$$\vartheta_1=\sqrt{\frac{2*F_{Na,p}*r}{m}} \quad (7)$$

Дар формулаи (7) ҳамаи бузургиҳои мавҷуда маълум мебошанд, бинобар ин формулаи (7)-ро ҳамчун формулаи ҳисобкунӣ гирифта метавонем.

Тавре аз рафти муҳокимаронӣ дидем, аз масъалаи сода ба масъалаи муаммоталаб, муҳокимаи дурударозро истифода бурда, барои ёфтани суръати аввалаи протон муваффақ гардидем. Ҳар яке аз ин марҳилаҳо аз донишҷӯ ва дигар шахсони ба масъалаҳалкунӣ азм намуда дониши пурра ва тафаккури волоро талаб мекунад. Агар донишҷӯ теорема оиди энергияи кинетикиро надонад, кор ба фарқи энергияи кинетикӣ баробар буданашро надонад, муодилаи ин протсессро тавсифкунандаро навишта наметавонад, он гоҳ ба интиҳо расонидани ҳалли масъала амри маҳол шуда монда, натиҷаи ниҳоии ҳал ҳосил намешавад. Бинобар ин, протсесси ҳалли масъала аз донишҷӯ дониши мукаммал ва интуитсияи фарогирро талаб мекунад. Муҳокимарониҳо имкон дод, ки суръати электрони парида омадаро муайян намоем. Дар ин ҳангом фаъолияти эҷодии донишҷӯ оиди муаммо инкишоф ёфта, барои пайдо намудани малакаву маҳорат дар ҳалли масъалаҳои таркибии ин боб кумак мерасонад. Салоҳияти муҳассилинро ба маротиб баланд бардошта, барои пайдо намудани донишҳои мукаммали техникӣ ва дар амалияи истеҳсолӣ татбиқ намудани ин намуд донишҳо мусоидат менамояд.

Аз формулаи (7) истифода бурда, суръати ҳаракати протонро муайян менамоем. Ба формула нигоҳ кунем, он ҷо массаи протон номаълум аст. Массаи протонро аз маълумотномаи дар китоби ҳалли масъалаҳои Волкенштейн В.С. овардашуда истифода бурда, менависем, он $m=m_p=1{,}673\ 10^{-27}$ кг. баробар аст. Қиматҳои ададии бузургиҳои физикиро ба формулаи (7) гузошта, натиҷагирӣ мекунем.

$$\vartheta_1=\sqrt{\frac{2*F_{Na,p}*r}{m_p}}=\sqrt{\frac{2*0{,}703*6*10^{-14}}{1{,}673*1{,}673^{-27}}}=\sqrt{\frac{8{,}436*10^{-14}}{1{,}673*10^{-27}}}=\sqrt{0{,}50424*}\,10^{14}=0{,}7*10^{7}==7*10^{6}\,\frac{м}{с}.$$

Инҷо мо воҳиди суръатро $\frac{м}{с}$ навиштем, чунки воҳиди суръат чунин ифода карда мешавад. Акнун аз формулаи (7) истифода бурда, онро месанҷем, яъне ба ҷойи бузургиҳои физикӣ воҳидҳояшро мегузорем: $\vartheta_1=\sqrt{\frac{2*F_{Na,p}*r}{m_p}}=\sqrt{\frac{Н*м}{кг}}=\vartheta_1=\sqrt{\frac{\frac{кг*м}{c^2}*м}{кг}}=\sqrt{\frac{м^2}{c^2}}=\frac{м}{с}=LT^{-1}$.

Санҷиш дурустии навиштаҷоти болоиро тасдиқ намуд. Ҳамин тариқ суръати протонӣ бомбардимонкунандаи ядрои атоми натрий ба $7*10^6\ \frac{м}{с}$ баробар будааст. Ҷараёни санҷиши воҳиди бузургиҳои ҳосилавиро барои иҷро кардан мо бояд воҳидҳои ҳосилавӣ ва асосии дар таркиби воҳиди ҳосилавии тадқиқшаванда мавҷударо донем. Масалан: Барои ҳосил кардани воҳиди ҳосилавии суръат $\frac{м}{с}$ мо бояд воҳиди ҳосилавии қувва Нютон ва воҳидҳои асосии масофа-метр ва масса кг-ро хело хуб донем. Воҳиди ҳосилавии қувва худ аз якчанд воҳидҳои асосӣ таркиб ёфтааст ва ин воҳидҳоро ба формулаи ҳисобкунӣ гузошта, амали зарб ва ихтисор ва инчунин аз реша барориро иҷро карда, воҳиди ҳосилавии суръатро ҳосил кардем, ки он аз ду воҳиди асосӣ -воҳиди дарозӣ метр ва воҳиди вақт сония таркиб ёфта будааст.

$$F_{Na,p}=\frac{1{,}6*10^{-19}*17{,}6\ 10^{-19}}{4*3{,}14*8{,}85*10^{-12}*(6*10^{-14})^2}=\frac{28{,}16*10^{-38}}{4001{,}616*10^{-40}}=0{,}00703*10^2=0{,}703\ Н.$$

$$F_{Na,p}=\frac{1,6*10^{-19}*17,6\ 10^{-19}}{4*3,14*8,85*10^{-12}*(6*10^{-14})^2}=\frac{28,16*10^{-38}}{111,156*10^{-12}*25*10^{-28}}=\frac{25,33*10^{-28}}{30,25*10^{-28}}=0,837\ Н.$$
$$F_{Na,p}=\frac{1,6*10^{-19}*17,6\ 10^{-19}}{4*3,14*8,85*10^{-12}*(6*10^{-14})^2}=\frac{28,16*10^{-38}}{111,156*10^{-12}*25*10^{-28}}=\frac{25,33*10^{-28}}{25*10^{-28}}=1,1\ Н$$
$$F_{Na,p}=\frac{1,6*10^{-19}*17,6\ 10^{-19}}{4*3,14*8,85*10^{-12}*(6*10^{-14})^2}=\frac{28,16*10^{-38}}{111,156*10^{-12}*25*10^{-28}}=\frac{25,33*10^{-28}}{20,25*10^{-28}}=1,2508\ Н$$
$$F_{Na,p}=\frac{1,6*10^{-19}*17,6\ 10^{-19}}{4*3,14*8,85*10^{-12}*(6*10^{-14})^2}=\frac{28,16*10^{-38}}{111,156*10^{-12}*25*10^{-28}}=\frac{25,33*10^{-28}}{16*10^{-28}}=1,583\ Н.$$
$$F_{Na,p}=\frac{1,6*10^{-19}*17,6\ 10^{-19}}{4*3,14*8,85*10^{-12}*(6*10^{-14})^2}=\frac{28,16*10^{-38}}{111,156*10^{-12}*25*10^{-28}}=\frac{25,33*10^{-28}}{12,25*10^{-28}}=2,068\ Н.$$

Ҷадвали 1

| № б/т | $q_p$ Кл. | $Q_{Na}$ Кл. | 4*π | $\varepsilon_0\ \frac{Кл^2}{Н*м^2}$ | r м. | $r^2\ м^2$. | $F_{Na,p}$ Н. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | $1,6*10^{-19}$ | $17,6*10^{-19}$ | 12,56 | $8,85*10^{-12}$ | $6*10^{-14}$ | $36*10^{-28}$ | 0,703 |
| 2. | $1,6*10^{-19}$ | $17,6*10^{-19}$ | 12,56 | $8,85*10^{-12}$ | $5,5*10^{-14}$ | $30,25*10^{-28}$ | 0,837 |
| 3. | $1,6*10^{-19}$ | $17,6*10^{-19}$ | 12,56 | $8,85*10^{-12}$ | $5*10^{-14}$ | $25*10^{-28}$ | 1,1 |
| 4. | $1,6*10^{-19}$ | $17,6*10^{-19}$ | 12,56 | $8,85*10^{-12}$ | $4,5*10^{-14}$ | $20,25*10^{-28}$ | 1,2508 |
| 5. | $1,6*10^{-19}$ | $17,6*10^{-19}$ | 12,56 | $8,85*10^{-12}$ | $4*10^{-14}$ | $16*10^{-28}$ | 1,583 |
| 6. | $1,6*10^{-19}$ | $17,6*10^{-19}$ | 12,56 | $8,85*10^{-12}$ | $3,5*10^{-14}$ | $12,25*10^{-28}$ | 2,068 |

Ба ҷадвали 1 назар афканем, маълум мешавад, ки дар баробари кам шуда рафтани масофаи байни ядро ва протон қувваи байниҳамтаъсири протону ядрои атоми натрий зиёд шуда меравад. Дар графика вобастагии байни ин бузургиҳо оварда шудааст. Афзалияти тасвири графикӣ намудани натиҷа дар он аст, ки дар баробарии назар афкандан ба графика, муодилаи хаттии вобастагии қувва ва масофаро мушоҳида намуда, ба таври визуалӣ ин тағйирёбиро ҳис мекунем. Ҷадвали 1 назар карда, бузургиро муқоиса намуда, хулосабарорӣ мекунем [12], [8].




***Расми 1. Вобастагии қувваи мутақобилаи байни ядрои атоми натрий ва протон аз масофаи байни онҳо***

Аммо графики вобастагиро назар карда, оиди характери вобастагӣ хулосабарорӣ намуда метавонем. Ҳамаи ин вобастагиҳо, ки дар натиҷаи тасвир карда тавонистани онҳо бо усули гуногун гузаронида шуд, бе шубҳа, барои дастрас кардани мавзуи омӯхташаванда мусоидат мекунанд ва барои бунёд сохтани дониши амиқи физикӣ заминагузорӣ намуда, бахри такмили донишҳои амалӣ ва татбиқи онҳо роҳ кушода медиҳад. Ҳар як усули тасвири натиҷаҳо бахри ҳаматарафа омӯхтан ёрӣ мерасонад.

Бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои информатсионӣ метавонем қонуниятҳои вобастагии қувваи таъсиркунанда бо афзоиш ва хурдшавии масофаи байни протон ва ядрои атоми натрийро ва суръати протониро муайян намоем. Системаи математикаи компютерӣ воситаи барномавии комплексие мебошад, ки автоматикунонии ягонаи технологӣ ва коркарди масъалаҳои математикиро ҳангоми нишон додани шартҳои он дар забони пешакӣ муайяншудаи истифодабаранда таъмин мекунад [9, с.268]. Барои ҳисоб кардани қимати $F_{Na,p}$ барномаи компютериро истифода мебарем, ки дар зер оварда шудааст.

Барнома барои ҳисоб кардани [8]:

```
Pubic Class Form1
Private Sub Button1_Click (sender As Object, e As EventArgs) Handles Button1.Click
Dim qp, qNa,4, π , ε0, nu As Double
qp = Val(TextBox1.Text)
qNa = Val(TextBox2.Text)
4 = Val(TextBox3.Text)
π = Val(TextBox4.Text)
ε0 = Val (texBox5. Text)
r^2 = Val (texBox6. Text)
If RadioButton2.Checked = True Then
FNa,p = ((qp * qNa)/(4*π*ε0*r^2))
ListBox1.Items.Add FNa,p .
End If
End Sub
End Class
```

Барнома барои ҳисоб кардани суръати протон $\vartheta_1$.

```
Public Class Form1
Private Sub Button1_Click (sender As Object, e As EventArgs) Handles Button1.Click
Dim F, r,2, mp, nu As Double
F = Val(TextBox1.Text)
r = Val(TextBox2.Text)
2 = Val(TextBox3.Text)
mp = Val(TextBox4.Text)
If RadioButton2.Checked = True Then
ϑ1 = ((2 * F * r)/ mp)
ListBox1.Items.Add ϑ1 .
End If
End Sub
End Class
```

Ҳамин тариқ, барномаҳои ҳисобкунӣ омода карда [7], [8], бузургии қувваи аз тарафи ядрои атоми натрий ба протони дар масофаҳои гуногун аз ядро воқеъгашта таъсиркунандаро ва суръати протони ба ядро наздикшударо муайян менамоем. Ба намуди графикӣ тасвири онро кашида, масъаларо, барои муҳассилин ва омӯзандагони фанни физика, донишҷӯёну муҳассилин боз ҳам дастрастар мегардонем. Аз ҷараёни ҳалли масъала маълум гашт, ки ғайр аз ёфтани қувваи таъсиркунанда байни ядрои атоми натрий ва протон боз метавонем суръати протонро ҳам муайян кунем.

Хулоса:

1. Байни атомҳо ва ташкилиҳо дар ҷисми сахт, молекулаҳо асосан энергияи мутақобилаи ковалентӣ ( гомеополярӣ) ва ионӣ (гетерополярӣ) амал мекунад.

2. Муқобилияти электрикӣ асосан байни заррахои заряднок ва ионҳои дар ҷисм мавҷуда ба амал меояд ва бо формулаи қонуни Кулон ифода карда мешавад.

3. Таъсири мутақобилаи байни протон ва ядрои атоми натрий теладиҳи мебошад, чунки протон ва ядрои атоми натрий зарядҳои аломати якхеларо доро мебошанд.

4. Бузургии қувваи байни протон ва ядрои атоми натрий ба квадрати масофаи заррахо чаппа мутаносиб мебошад: $F_{Na,p} \approx \frac{1}{r^2}$

5. Графики кашида вобастагии болоиро $F_{Na,p} \approx \frac{1}{r^2}$ хело хуб тавсиф мекунад.

6. Вобаста бо қувваи таъсиркунанда суръати протон гуногун мешавад, чунки вобаста ба суръат корҳои гуногун иҷро карда мешаванд.

**Муқарриз: Неъматов А. – н.и.ф.м., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуманнонов А. Деформация межатомных связей естественных полимеров / А.Абдуманнонов, С.Алиев, С.Ш.Рахимов, Б.Ф.Джалилов, Ф.Джалилов //Ученые записки. Серия естественные и экономические науки. ХГУ им Б.Гафурова. -2017. - №1. -С.45 - 52.
2. Балаш В.А. Задачи по физике и методы их решения / В.А. Балаш. - М.: Просвещение, 1983. -432 с.
3. Бӯриев А.Б. Векторҳо ва татбиқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои физикӣ / А.Б.Бӯриев, С.А. Алиев, Б.Ф. Ҷалилов, Ф.Ҷалилов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. -Хуҷанд, 2017. - №2. (41). -С. 247-255.
4. Бӯриев А.Б. Усули гузориш ва методикаи ҳисобкунии масъалаҳои физикӣ бо истифодаи барномаҳои таълимии тарҳрезишуда / А.Б. Бӯриев, С.А. Алиев, Б.Ф. Ҷалилов, Ф.Ҷалилов //Номаи донишгоҳ Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. -Хуҷанд, 2017. -№2 (41). -С. 383-389.
5. Волькенштейн В.С. Сборник задач по общему курсу физики / В.С. Волькенштейн. -М.: Наука, 1969. -464 с.
6. Иродов И.Е. Сборник задач по общей физике / И.Е.Иродов, И.В.Савельев, О.И. Замша. - М., 1975. - 319 с.
7. Рахимов А.А. Технологияҳои педагогии ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён аз рӯйи фанни математикаи олӣ дар макотиби олии равияи техникӣ / А.А. Рахимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). -Душанбе, 2020. -№ 3. – С. 279-283.
8. Рахимов А.А. Методика использования математического пакета MAPLE 17 при изучении темы «Производная и ее применение» в курсе высшей математики для студентов технического вуза / А.А. Рахимов // Известия Тульского государственного университета (технические науки) . -Тула 2020, - Выпуск 11. -С.308-313.
9. Рахимов А.А. Методикаи истифодабарии барномаи компютерии MAPLE 18 ҳангоми омӯзиши мавзуи таҳлили математикӣ дар курси математикаи олӣ барои муҳандисон дар донишгоҳҳои олии техникӣ / А.А. Рахимов, С.К. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). -Душанбе, 2021. - № 7. – С. 268-277.
10. Раҳимов С.Ш. Фаҳмиш ва мукаммалгардии он ҳангоми ҳалли масъала / С.Ш.Раҳимов, Ф. Ҷалилов, А.З. Осимов //Маводи конфронси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Сифати таълим дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", бахшида ба 25 – солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳ. 496 – 499, соли 2016.
11. Савельев И.В. Курс общей физики / И.В. Савельев. -1979. - Том 2. -304 с.
12. Султонов У. Доимиҳои физики ва мазмуни физикии онҳо / У.Султонов, С.Алиев, Б.Ф.Ҷалилов, Ф. Ҷалилов //Маводи конференсияи илми – амалии ҷумҳуриявии масъалаҳои физикаи муосир бахшида ба 75 солагии профессор Хуршед Абдуллозода. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. -С.135-139.
13. Слуцкер А. И. Характеристика элементарных актов в кинетике механического разрушения полимеров / А. И.Слуцкер, В. И.Веттегрень, В. М.Гиляров, Ю. И. Поликарпов //ФТТ. т.49. Вып. 9 –С. 1608 – 1617 (2007).
14. Фригант Е.В. Руководство к решению задач по курсу общей физики / Е.В. Фригант. - М.: Высшая школа, 1978. - 351 с.
15. Zhurkov S. N., Vettegren V. J., Novak J. J., Korsukov V. E. Proc. Sec. Int. conf. Fracture "Fracture 1969" /Ed. P.E. Pratt. Chapman 8 c Hall, London (1969) p.545.

## МЕТОДИКАИ ТАЪСИРИ МУТАҚОБИЛАИ ЗАРРАҲОИ ЗАРЯДНОК БО ЯДРО ВА ҚИСМҲОИ ТАРКИБИИ ҶИСМҲОИ САХТ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИНФОРМАТСИОНӢ

Маълум аст, ки ҷисмҳо аз атом ва молекулаҳо таркиб ёфтаанд ва байни атомҳои молекулаҳо қувваҳои гуногуни байниатомӣ амал мекунанд ва молекулаҳоро ба амал меорад ва молекулаҳо хосияти химиявии моддаҳоро тавсиф мекунанд ва ҳангоми атоми натрийро бо протон бомбаборон намудан байни ядрои атоми натрий ва протон қувваи теладиҳӣ ба амал меояд, чунки заряди протон ва ядрои атоми натрий якхела (мусбат) мебошад. Дар кори мазкур қувваи теладиҳии байни ядрои атоми натрий ва протони бомбаборон кунандаро вобаста ба масофа то ядро Ғ(r) муайян намуда, суръати ҳаракати аввалаи протон бо истифодабарии теорема оид ба энергияи кинетикӣ муайян карда шуда, ҷадвали вобастагии қувваи таъсиркунанда аз масофа то ядро сохта, барномаи ҳисобкуниро бо ёрии компютер пешкаш кардем. Графики ин вобастагиро сохта, вобаста ба квадрати масофа кам шуда рафтани қувваи таъсиркунандаро муайян карда, лаёқати фардии хонанда, донишҷӯ ва шахсони ба физика шавқдоштаро афзун гардонида, фаҳмидагирии мавзуъ, фан ва бобҳои онро дастрас гардонидем.

**Калидвожаҳо:** методикаи таълим, физика, қувва, барномаи компютерӣ, энергияи кинетикӣ, протон, ядро, ковалентӣ, ионӣ.

## МЕТОДИКА ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ЗАРЯЖЕННЫХ ЧАСТИЦ ЯДРА АТОМА И СОСТАВЛЯЮЩИХ ЧАСТИЦ ТВЕРДОГО ТЕЛА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

Известно, что твердые тела состоят из атомов и молекул, между атомами действует силы различной природы, и при бомбардировке ядра атома натрия протоном между ними возникают силы отталкивания, потому что заряды взаимодействующих частиц одноименные. В работе авторы определили силу взаимодействия между ядром атома натрия и бомбардирующего протона в зависимости от расстояния между ядром и бомбардирующим протоном Ғ(r), используя теоремы о кинетической энергии, определили начальную скорость протона, а также была составлена таблица зависимости взаимодействующей силы, построен график зависимости отталкивающей силы от квадрата расстояний, обратнопропоциональной силе изменениям расстояния между протоном и ядром атома натрия. Представлена программа расчета оттакивающей силы между ядром атома натрия и протона. Данные разработки будут способствовать развитию индувидуальных возможностей школьника, студента самостоятельно изучающих разделы, темы и параграфы физики, откроют широкие возможности для усвоения глав и параграфов изучаемой дисциплины. Использована методика расчета этих величин при помощи информационных технологий и получены разумные результаты, подверждающие важность решения практических задач современной техники и технологии.

**Ключевые слова:** методика обучения, физика, силы, компьютерная программа, кинетическая энергия, протон, ядро, ковалентная связь, ионный.

## THE METHOD OF INTERACTION OF CHARGED PARTICLES AND THE NUCLEUS OF THE ATOM AND THE COMPONENT PARTICLES OF A SOLID BODY USING INFORMATION TECHNOLOGY

It is known that solids consist of atoms and molecules between atoms, forces of a different nature form the molecules that characterize the chemical properties of the substance, and when the nucleus of a sodium atom is bombarded by a proton, repulsive forces arise between them, because the charges of the interacting particles are of the same name. In this work, we determined the force of interaction between the nucleus of the sodium atom and the bombarding proton, depending on the distance between the nucleus and the bombarding proton Ғ(r), using theorems on kinetic energy, determined the initial velocity of the proton, and also compiled a table of the dependence of the interacting force, built a graph of repulsive forces from the square of the distances is inversely proportional to the change in the distance between the proton and the nucleus of the sodium atom. The program for calculating the rebounding forces between the nucleus of the sodium atom and the proton is presented, and also contributed to the development of the individual capabilities of the schoolchildren, students and individuals who independently study sections, topics and paragraphs of physics, opened a wide front for mastering the chapters and paragraphs of the discipline under study. The method of calculating these quantities with the help of information technology is used and reasonable results are obtained that supports the practical problems of modern engineering and technology.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҷалилов Файзулло*** **-** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои физика ва математика, досенти кафедраи физика ва химия. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226. E-mail: **Jalilov 47 @ mail.ru.**

***Рахимов Амон Акпарович*** **-**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи физика ва химия, досент. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226.
E-mail: **amon_rahimov@mail.ru**

***Умаров Ашуралӣ Аввалович*** **-**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои физика ва математика, профессори кафедраи физикаи умумӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
***Баротов Ҷаъмахон Шарофиддинович*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ҷонишини декани факултети математика. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.

**Сведение об авторах:** ***Джалилов Файзулло*** - Политехнический институт Таджикского технического университета им. академика М.С.Осими в городе Худжанде, к.ф. -м. н. доцент кафедры физики и химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Исмоила Сомони, 226. E-mail: **Jalilov 47 @ mail. ru.**
***Рахимов Амон Акпарович*** - Политехнический институт Таджикского технического университета им. академика М.С.Осими в городе Худжанде, кандидат педагогических наук, зав. кафедрой физики и химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Исмоила Сомони, 226. E-mail: **amon_rahimov@mail.ru**
***Умаров Ашурали Аввалович***, - Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни, д.ф.-м.н. профессор кафедры общей физики **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121.
***Баротов Джаъмахон Шарофиддинович*** - Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни, заместитель декана факультета математики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121.

**Information about authors:** ***Jalilov Faizullo*** Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after M.Osimi, candidate of physics – mathematics science dapartment of physic and chemical. **Addres:** 735700, Republik of Tajikistan, Khujand city, Ismail Somoni Avenue, 226. E-mail: **Jalilov 47 @ mail.**
***Rahimov Amon Akparovich*** **-** Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after M.Osimi, candidate of pedagolical science, dapartment of physic and chemictry. **Addres:** 735700, Republik of Tajikistan, Khujand city, Ismail Somoni Avenue, 226. E-mail **amon_rahimov@mail.ru**
***Umarov Ashurali Avalovich***- Pedagogic University named after C. Ajni. Dapartment of total physic, Doctor of physics – mathematics science, professor. **Addres:** 735700, Republik of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121.
***Barotov Jamahon Sharofiddinovich*** **-** Pedagogic University named after C. Ajni. Deputy Dean of the Faculty of Mathematics, **Addres:** 735700, Republik of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121.

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ

***Алуев А.С.*** Цивилизаторский характер таджиков и роль культурно-литературного сотрудничества в отношениях с киргизами (XVI- XIX вв)………………………………………………………………………. ***5***

***Сафаралиев Ф. С.,-Бобоев Х. Ю., Тошматов А. Д.*** Жизнь и научная биография академика А. А. Адхамова ***14***

***Бобоев М.*** Исторические основы формирования синтеза монументального искусства и архитектуры Таджикистана во второй половине XX –начале XXI веков (на примере творчества Ивана Милашевича)….. ***23***

***Ғуломов Т.М.*** Таърихи муборизаҳои мазҳабӣ ва ташаккули Ҳанафия дар замони Сомониён (тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ)........................................................................................ ***33***

***Расулиён Қ.Р., Раҳимзода Қ.Н.*** Густариши доираи фаъолияти забон ва адаби форс-тоҷик дар асрҳои XI-XII........................................................................................................................ ***44***

***Шарифов Ш.Ш.*** Мансубияти нажодии тоҷикони Хитой ва ҳаёту зиндагии онҳо ДАР Тошқӯрғон….. ***55***

***Холиқзода Абдурозиқ*** Шоҳигарии Арабистони Саудӣ: дар бораи баъзе хусусиятҳои рушди стратегияи сиёсати хориҷӣ дар оғози асри XXI **.....................................................................................** ***62***

***Комилов Насим*** Натиҷа ва дастовардҳои самти нави сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар оғози асри XXI………………………………………………………………………………………… ***69***

***Ғуломов А.М.*** Баъзе вижагиҳои фаъолияти Созмони Ҳамкории Исломӣ дар марҳилаи кунунии рушду такомули он……………………………………………………………………………………….. ***78***

***Қурбонов М.М., Алимов Д.Х.*** Заминаҳои таърихии рушди алоқаи почта дар вилояти Хатлон (солҳои 30-70-уми асри XX)...................................................................................................................... ***85***

***Абдулҳақов О.Ш.*** Ба маркази саноатӣ табдил ёфтани Данғара............................................................ ***92***

***Ализода Алиҷон Анвар*** Нақши Рӯзномаи “Бухорои Шариф” дар бедории шуури миллии тоҷикон....... ***100***

## ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

***Амирхон Ш.Т.*** Меъёр ва сифатҳои ахлоқӣ аз назари Қутбиддини Шерозӣ……………………………….. ***109***

***Давлатов П.Н.*** Фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Мискавайҳ............................................................ ***121***

***Ҷӯраев М.Б.*** Заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии ташаккули афкори фалсафии абдураҳмони Ҷомӣ ***130***

## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Гусейнова Т. В., Ибрагимова И. А.-А.*** Педагогический дискурс и проблемы преподавания неродного языка ***140***

***Латифзода Д.Н., Мирзамонзода Х.М.*** Национальный код художественного образования **…………………** ***149***

***Юлдашева М.Р., Норбаев Т.С.*** Познавательная деятельность студентов вуза как психолого-педагогическая проблема…………………………………………………………………………………………….. ***157***

***Кочеков В. Ф.*** Русская народно-исполнительская школа Челябинской области……………………………… ***164***

***Семенова О. Р., Усанова О. Г.*** Номинации в русской разговорной речи как основа формирования социокультурной компетенции в процессе обучения русскому языку как иностранному…………………… ***174***

***Файзалиев Дж.Дж.*** Процесс становления и развития методологических и научно-теоретических идей академика Файзулло Шарифзода………………………………………………………………………………. ***182***

***Таирова М.М.*** Использование декоративно-прикладного искусства в развитии творческих способностей и эстетических вкусов специалистов дизайнера швейных изделий.................................................................. ***190***

***Хомидова Ф.Л.*** О некоторых вопросах организации школы наставничества в вузах…………………………… ***197***

***Кахорова С. Х.*** Педагогическая позиция учителя в совершенствовании развития познавательного интереса учащихся в учебном процессе………………………………………………………………………………. ***204***

***Файзализода Ҷумахон Хол*** Даврабандии ташаккули афкори педагогӣ дар асоси рушди жанрҳо ва равияҳои адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик …………………………………………………………… ***212***

***Бобоназаров Ш.С.*** Ғояҳои инсондӯстӣ дар таълим........................................................................................ ***222***

***Пиров М.Н.*** Нақши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар баланд бардоштани сатҳи дониши донишҷӯён........................................................................................................................................ ***229***

***Бобоҷонова С.Р., Азизов А.А.*** Ташаккули салоҳиятнокии ҳуқуқии омӯзгори оянда................................. ***237***

***Холов Г. Ш.*** Баъзе масъалаҳои ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён ҳамчун воситаи беҳтар намудани сифати омӮзиши физика........................................................................................................... ***245***

***Ҷӯраева М.З.*** Муҳиммияти рушди арзишҳои демократӣ дар таҳсилот..................................................... ***254***

***Бобохонов Ҷ.С.*** Баъзе хусусиятҳои таълими фосилавӣ………………………………………………………… ***260***

***Наимова Д.Д.*** Моҳияти амалҳои таълимии иртиботӣ-муоширатии хонандагони мактаб……………. ***268***

***Давлатова Н. Ҳ.*** Омӯзиши осори Миробид Сайидои Насафӣ дар боби меҳнатдӯстӣ, омӯзиши касбу ҳунар ва аҳамияти иҷтимоии он.......................................................................................................................... ***274***

***Холова М.Р.*** Хусусиятҳои таълими фанни технология (таълими меҳнат)................................................ ***280***

***Ҷалилова М.Ғ.*** Асосҳои педагогии ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯён ҳамчун муаммои педагогӣ- психологӣ........................................................................................................................... ***286***

***Имомова М.А.*** Муаммоҳои педагогӣ дар самти рушди фаъолнокии эҷодии маърифатии мактаббачагони хурдсол дар амалияи кунунии таҳсилот........................................................................... ***292***

***Орифов О.О.*** Мушкилоти омӯзиши забони англисӣ………………………………………………………. ***299***

***Бозоров Х.*** Ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ…………………………………………………………………………………. ***306***

***Одиназода С.А., Ҳакимиён С.Ф., Ғаниев Ч.Т.*** Усулҳои таълим, истифода ва татбиқ намудани технологияҳои муосир.......................................................................................................................... ***312***

***Ҷалилов Ф., Рахимов А.А., Умаров А.А., Баротов Ҷ.Ш.*** Методикаи таъсири мутақобилаи зарраҳои заряднок бо ядро ва қисмҳои таркибии ҷисмҳои сахт бо истифода аз технологияҳои информатсионӣ ***320***

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2022. №5**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.П.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

**Подписано в печать 31.08.2022 г.**